64103

# Садриддин Айнӣ

Садриддин

# Айнӣ

куллиёт

Нашриёти „Ирфон“
Душанбе
1977

# Садриддин
# АЙНӢ

ҷилди

**13**

Нашриёти „Ирфон"
Душанбе
1·9·7·7

Тоҷик 2
А 40

Государственная
Респуб. Библиотека Таджик. ССР
164103 Тоҷикӣ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

*М. Осимӣ, [М. Турсунзода], Х. Айнӣ, Р. Ҳошим, Ҳ. Аҳрорӣ*

БА ЧОП ТАЙЁРКУНАНДА

*Камол Айнӣ*

МУҲАРРИР

*А. Зуҳуриддинов*

**Айнӣ Садриддин.**

А 40 Куллиёт. Иборат аз понздаҳ ҷилд. Ҷилди 13. Ба чоп тайёркунанда Қ. Айнӣ. Муҳаррир А. Зуҳуриддинов. Душанбе, «Ирфон», 1977, ҷилди 13.

432 саҳ.

Ҷилди 13 Куллиёти Садриддин Айнӣ аз 2 қисм иборат аст. Бахши якум «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ», дуввумин китоби «Қамар»-ро дар бар мегирад.

**Айни Садриддин.**

Полное собрание сочинений. В 15-и т. Т. 13.

А $\frac{70303-746}{М\ 501(13)-77}$ —77 Тоҷик 2

© НАШРИЕТИ «ИРФОН», 1977.

# Восифӣ ва хулосаи Бадоеъ-ул-Вақоеъ

# ДАРОМАДИ СУХАН

## I

### ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

Зайниддин Маҳмуди Восифии ҳиротӣ яке аз намояндагони адабиёти тоҷик аст, ки дар охирҳои асри XV ва аввалҳои асри XVI дар Хуросон ва Осиёи Миёна зиндагонӣ кардааст.

Дар он замоне ки Восифӣ дар вай зиндагонӣ кардааст, аҳволи Эрон, Хуросон ва Осиёи Миёна аз ҷиҳати сиёсӣ-иқтисодӣ, адабӣ ва маданӣ хеле мураккаб ва печ дар печ буд.

Маълум аст, ки дар натиҷаи тохтутоз ва истилои чингизиён Осиёи Миёна ва Эрон ранги як харобазорро гирифта буд; дар ҷои киштзорҳои ҳосилхез, боғҳои пурсамар ва ҷӯйҳои равон, даштҳои хушки бегиёҳ ва биёбонҳои регзор пайдо шуда буд; аз шаҳру деҳаҳо, аз мадрасаҳо ва аз кутубхонаҳо танҳо тӯдаҳои хокистар монда буд. Осори маданиятеро ки дар Осиёи Миёна ва Эрон баъд аз истило ва тороҷи арабҳо бо кӯшиш ва меҳнати аҳолии маҳаллӣ дар муддати панҷсад-шашсад сол пайдо шуда буд, чингизиён монанди балои ногаҳонӣ дар андак муддат тамоман несту нобуд карда буданд.[1]

Ин харобӣ, гуфтан мумкин аст, ки то асри XV давом кард. Темур дар замони ҳукмронии худ дар натиҷаи истисмор кардани халқ ва аз ҳисоби мамлакатҳои истилокардааш Осиёи Миёнаро—асосан Самарқанд ва Шаҳри Сабзро чи қадар обод карда бошад, писари ӯ Шоҳрух ҳамчунин дар муддати панҷоҳсола ҳукумати худ Хуросонро — асосан Ҳирот ва Машҳадро ҳамон қадар обод карда буд.[2]

Самарқанд хусусан дар замони писари Шоҳрух — Улуғбек ва бо кӯшиши бевоситаи ӯ ба авҷи аълои маданият ва маорифи он замон расид, харобаҳои муассисаҳои илмӣ — мадраса ва расадхона, ки то замони мо боқӣ буда, аз осори Улуғбеканд, шоҳиди зиндаи он маданиятанд.

Баъд аз замони Улуғбек ҳаракати маданӣ дар Самарқанд рӯ ба пастӣ оварда бошад ҳам, ин ҳаракат дар Ҳирот бо суръати муайяне ба амал омад. Тараққиёти маданӣ, ки дар Хуросон дар замони Ҳусайн Бойқаро рӯй додааст, бо номи вазири ӯ — шоири бузурги ӯзбек Мир Алишер Навоӣ ва устоди ӯ шоири классикии тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ сахт вобастааст [3]. Ҳирот дар сояи маорифпарварӣ ва маданиятдӯстии ин мутафаккири бузург дар он замон маркази маданӣ ва адабии олами шарқи ислом гардида буд, олимон, шоирон, мусиқашиносон, хаттотон, рассомон, наққошон ва дигар ҳунармандон аз Мовароуннаҳр ва Эрон рафта, дар он ҷо ғун шуданд. Дар мадрасаҳои Ҳирот, хусусан дар мадрасаҳое ки шахсан Мир Алишер бино карда буд, аз мамлакатҳои ҳамсоя ва аз худи Хуросон талабаҳо [4] машғули таҳсил буда, аз байни онҳо олимон ва шоирони ҷавон расида мебаромаданд. Хонаи шахсии Мир Алишер Навоӣ ва хонаи устоди ӯ — Абдураҳмони Ҷомӣ шакли як «Дорулъилми вал адаб» (хонаи илм ва адабиёт)-ро гирифта буд.

Лекин тараққиёти маданӣ ва адабии замони Ҳусайн Бойқаро дар охири давраи темуриён гуфтан мумкин аст, ки «хона равшан кардан» буд. Одатан шамъ вақте ки сӯхта ба поён расид як шӯълаи нисбатан боқувваттар мебарорад ва дар пайи он тамоман хомӯш мешавад — мемурад (ба ҳамин муносибат чиз хӯрдан ва гап задани беморро дар наздикии мурданаш «хона равшан кардан» мегӯянд). Бинобар ин ин тараққиёти маданӣ махсусан бо вафоти Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишер Навоӣ зарбаи сахтеро дид.

Албатта, сабаби асосии боз истодани ҳаракати адабӣ ва маданӣ вафоти ин шахсҳо набуда, балки сабаби ин харобӣ аз пеш тайёр шуда омада буд...

Ҳусайн Бойқаро дар аввалҳои замони ҳукмдории худ [5] дар бобати идораи мамлакат фикр ва маслиҳатҳои Мир Алишерро бо хушӣ қабул мекард, ҳатто ӯро ба дараҷаи вазири аъзамӣ бароварда, тамоми ихтиёри молӣ, мулкӣ ва маъмурии мамлакатро ба дасти ӯ супорида буд.

Мир Алишер Навоӣ бошад на танҳо олими бузург, на танҳо шоири забардаст ва на танҳо маорифпарвари гузаро буд, балки ӯ ба болои ин ватандӯст, инсониятпарвари самимӣ ва арбоби давлатии донишманд ҳам буд [6]. Ӯ дар саломатии давлат аз як «маркази боадолат» идора ёфтани мамлакатро шарт медонист. Ӯ дар айёми фаъолияти сиёсӣ ва давлатии худ мамлакатро бо ҳамин нуқтаи назар идора кард.

Вақте ки давлат марказият пайдо карда, «подшоҳбозиҳое», ки баъд аз вафоти Шоҳрух дар Хуросон рӯй дода буд барҳам хӯрда, дар роҳҳои тиҷорат ва рафтуомад амният барпо гардид ва деҳқонон ва оммаи меҳнаткашон як дараҷа осудатар гардиданд, савдо-тиҷорат ва ҳам касбу косибӣ-ҳунармандӣ то андозае ривоҷ ёфта, аҳволи иқтисодии мамлакат каме беҳтар шуд.[7]

Аммо Ҳусайн Бойқаро то охир дар маслаки Мир Алишер барқарор намонд. Вақте ки мамлакат нисбатан осуда гардида, аз душманони хориҷӣ хавфе камтар шуд ва хазинаи давлат пур зару мол гашт, ӯ ба айшу нӯш ва исрофкорӣ дода шуд. Дар натиҷаи ин аҳвол дар андак вақт хазинаи давлат холӣ гардида, ҳатто барои харҷҳои зарурии ҳаррӯзаи давлатӣ ва шахсӣ роҳ банд шуд.

Хиёнаткорон, душманони давлат аз ин аҳвол фоида бурда, ба атрофи Ҳусайн Бойқаро ғун шуданд ва ба ҳисоби тороҷ кардани халқ махориҷи айшу нӯши подшоҳро таъмин кардани шуда ба ӯ «муқаррабии даргоҳ» ва «мӯътамадуссалтана» гардиданд. Маъмуроне ки ин «мӯътамадуссалтанаҳо» ба атроф мефиристоданд аз ҳар гуна бозхостҳо эмин буда, халқро ба кайфи худ тороҷ мекарданд.

Ба болои ин, вайронии оилавии Ҳусайн Бойқаро низ барои халқ ва мамлакат як балои дигар шуда буд: Хадичабегим, ки зани маҳбубаи Ҳусайн Бойқаро буд, мехост, ки писари худро пешбарӣ карда, дасти дигар писарони ӯро, ки аз занони дигараш рӯида буданд, аз кор кӯтоҳ кунад, то ки баъд аз сари Ҳусайн Бойқаро подшоҳӣ ба фарзанди ӯ қарор ёбад.

Дар натиҷаи ин рақобати оилавӣ шаҳзодагон, ки ҳар кадом ба вилояте ҳоким буданд, ба муқобили падари худ, ки асири дасти Хадичабегим буд, кор мекарданд. Рафта-рафта ин рақобати оилавӣ ба исьёнҳои рӯирост сабаб шуда, дар охирҳои умри Ҳусайн Бойқаро чандин шаҳзодагон ба муқобили падар теғ кашида, вилояти худро «мустақил» эълон карданд. Ҳусайн Бойқаро дар охир-

хои умраш ба тахти равон нишаста, ба муқобили фарзандони исьёнкори худ сафари ҳарбӣ мекард.[8]

Албатта дар ин гуна шароит, дар шароите ки аҳволи иқтисодии мамлакат дар парешонӣ бошад, оммаи меҳнаткашон дар зери толону тороҷҳои беамон афтода бошанд, ҳар тарафи мамлакат ба сабаби ҷангҳои дохилӣ-оилавӣ сӯзад, дарбориён аз як тараф халқро хонавайрон карда, аз тарафи дигар бо рақобати байни худ хонаи якдигарро оташ зананд... Дар ин гуна шароит аз тараққиёти маданӣ гап задан албатта барзиёд аст.

Фақат дар замони ҳаёти он шахсҳое, ки дар роҳи илм, адабиёт ва маданияти он замон раҳбарӣ мекарданд, он маданияти мавҷуда монанди роҳобаи ҷӯе ки саробаш баста шудааст, замоне дар ҷараёни суст бошад ҳам, баъд аз вафоти он шахсҳо тамоман аз ҷараён бозистод ва хушкид.

Душвориҳои охирҳои замони салтанати Ҳусайн Бойқаро танҳо аз бетартибӣ ва пурошӯбии дохилӣ иборат набуда, балки ба Хуросон аз ду тараф — ҳам аз тарафи ғарб ва ҳам аз тарафи шарқ хавфҳои хориҷӣ низ таҳдид мекард: дар он замонҳо Сафавиён аз Ироқ сар бардошта буданд ва онҳо ният доштанд, ки тамоми Эрон ва Хуросонро ба даст дароранд. Онҳо дар сафарҳои ҳарбии худ мазҳаби шиагиро шиори худ карда гирифта буданд, душманони сиёсии худ — феодалони пеш аз худашон дар Эрон ҳукмронӣ карда омадаро ва мафкурачиёни онҳо — муллоён ва шоиронро ба гуноҳи суннигӣ мекуштанд ва бо қаҳру қатлу тороҷ ҳар рӯз шаҳреро ва ҳар ҳафта вилоятеро ба даст даровардa, доир ҳукмронии худро соат ба соат васеъ мекарданд ва торафт ба Хуросон, ки дохилан дар харобӣ ва парешонӣ буд, наздик мешуданд.

Сафавиён дар роҳ дар байни аҳолӣ паҳн кардани мазҳаби шиагӣ, умуман чораҳои террорӣ ва қатлу тороҷро бо камоли шиддат ба кор мебурданд. Дар ин бора таърихнависи маъруф Ризоқулихони Ҳидоят дар ҷилди ҳаштуми (якуми) «Равзат-ус-сафои Носирӣ» ном китоби худ дар бораи «корҳои хуби» шоҳ Исмоили Сафавӣ ин сатрҳоро менависад:

«...Аҷибтар он ки дар он аҳд (дар замони хуруҷи шоҳ Исмоил) умуми аҳолии Эрон бар мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат буданд ва зумраи шиаи исно ашария (12 имомӣ) дар айни зиллат ва қиллат (камӣ) тақия (мазҳа-

би худро пинҳон) менамуданд. Вай (шоҳ Исмоил) ба зарби шамшер мураввачи (ривоҷдиҳандаи) мазҳаби ҷаъфарӣ шуд ва равнақ ба тариқаи исно ашарӣ дод...»*

Сафавиён ва аскарони онҳо ба сифати як аломати мазҳабӣ-ҳарбӣ кулоҳи сурхи тоҷдори дувоздаҳ тарка мепӯшиданд ва ба ин сабаб раҳбарони онҳо, ки ирқан турк буданд, худро «қизилбош» (сурхкулоҳ) меномиданд.[9]

Сафавиён пеш аз истило карданашон Хуросонро бо роҳи мафкурапаҳнкунӣ ва ҷосусӣ он сарзаминро дар зери ишғоли маънавӣ-сиёсӣ гирифта буданд.

Аҳолии Хуросон ҳам, ки аз зулму ҷабри Ҳусайн Бойқаро ва дарбориёнаш, аз худсариҳои амалдорони маҳаллӣ, аз бетартибиҳо ва қатлу тороҷҳое ки ба сабаби исьёни шоҳзодагон соле чандин бор рӯй медод, ба ҷон эмада буданд, ба умеди «наҷот» даъват ва ташвиқоти сафавиёнро як дараҷа бо осонӣ ва зудӣ қабул мекарданд[10].

Дар Машҳад ташвиқоти сафавиён пурзӯртар ва рӯирosттар буд. Зеро мазори Имом Мӯсо Ризо, ки шиагон онро пешвои мазҳаби худ мешумурданд, дар он ҷо буд ва роҳбарони ҷамоатии он шаҳр — шайхҳои он мазор, ки худро аз авлоди Имом Ризои мазкур мешумурданд мазҳаби шиагиро мазҳаби «меросии худ» медонистанд. Онҳо инро низ медонистанд, ки бо қабул ёфтани он мазҳаб панҷьяки дастранҷ (музди меҳнат)-и қабулкунандагони он ба кисаи онҳо медароянд ва инчунин ҳам назру ниёзе ки ба он мазор оянд, низ моли онҳо хоҳад шуд ва бинобар ин барои пеш бурдани мазҳаби шиагӣ, аз дилу ҷон кӯшиш мекарданд.

Ба ҳамин сабаб дар охирҳои салтанати Ҳусайн Бойқаро ҳукумати маҳаллии Машҳад расман ба Ҳирот тобеъ бошад ҳам, ҳақиқатан пайрави сафавиён буда, барои манфиати онҳо кор мекард.

Аз тарафи дигар — аз тарафи шарқ сардори ҳарбии қабилаи он вақтан ӯзбекон — Шайбонихон аз канорҳои дарьёи Сир сар бардошта мехост, ки Мовароуннаҳр (байни дарьёҳои Сир ва Аму) ва Хуросонро ба даст дарорад, ва ба иборати дигар ин лашкаркаши ҷавон худро вориси темуриён медонист, ки онҳо бо вайроншавии маишӣ ва

---

* «Равзат-ус-сафо»-и Носирӣ берақамгузорӣ дар саҳифаҳо чоп шудааст. Ин сатрҳоеро ки мо аз ин китоб нақл кардем аз рӯи шумур дар саҳифаи 18 ҷилди ҳаштум (якум) китоби мазкур қайд ёфтааст.

куштани якдигар аз майдони ҳукмронӣ нест шуда рафта истода буданд.

Самарқанд, ки дар он вақтҳо маркази давлати Мовароуннаҳр ба шумор мерафт, дар ҷангҳои байни Шайбонихон ва авлоди Темур (масалан Заҳириддин Бобур) ҳар рӯз аз дасте ба дасте мегузашт ва соат ба соат харобтар мешуд...

Оқибат Шайбонихон Мовароуннаҳр, Фарғона ва Тошкандро тамоман забт карда, аз дарьёи Аму гузашта, қадам ба Хуросон ниҳод.[11]

* * *

Барои пурратар нишон додани замони зиндагонии Восифӣ ду-се калима аз аҳволи зиндагонӣ-ҷамъиятии шаҳри Ҳирот низ гап зада гузаштан даркор аст.

Аз як тараф шаҳри Ҳиротро ҷамъиятҳои илмӣ ва адабӣ фурӯ гирифта, аҳли ин пеша дар мадрасаҳо, боғҳо ва дар хонаҳои хусусӣ бо музокираҳои илмӣ, бо мушоараҳо ва бадеҳагӯиҳо ва бо мусомараҳои адабӣ рӯзҳоро ба шаб ва шабҳоро ба рӯз меоварда бошанд, аз тарафи дигар дар хона ва боғҳои шоҳзодагон ва амалдорон маҷлисҳои майнӯшӣ, базмҳои бо ҳашву лағв, бо ахлоқвайрониҳои аз ҳад зиёд ва бо исрофкориҳои бемаънӣ ҳафтаҳо ва моҳҳо мегузашт. Барои исбот кардани дараҷаи исрофкории амалдорзодагон ҳикояти зеринро ки аз ёддоштҳои Восифӣ аст, нақл кардан кифоя аст.

Назар ба ҳикояи Восифӣ дар шаҳри Ҳирот дар соли 899 (1494) Мираки Заъфарон ном ҷавоне шӯҳрат пайдо мекунад. Қамолиддини Ҳусайн ном писари вазири Ҳусайн Бойқаро ӯро ба меҳмонӣ даъват менамояд. Дар ин зиёфат аҳли созу навоз ва ширинкорони Ҳирот иштирок мекунанд. Дар ин кор чи қадар пул сарф шуданаш аз ҳамин равшан мешавад, ки миёнаравии Мираки Заъфарон бист ҳазор танга мегирад ва дар зиёфат панҷоҳ ҳазор танга сарф мешавад.

Ин зиёфат дар фасли зимистон дар мавсими барф ва сармо ташкил ёфта буд. Дар рафти сӯҳбат сухан ба бозон фаслҳо омада Мираки Заъфарон мегӯяд, ки «маро ҳеҷ фасл монанди фасли хазон хуш намеояд: дар ин фасл баргҳои дарахтон ранги заъфаронӣ пайдо мекунанд ва бо вазидани бод монанди зарварақҳо бар сари одамҳо мерезанд».

Соҳибхона — Камолиддини Ҳусайн бо шунидани ин сухани меҳмон, аз хона мебароид ва одамони худро ба тими баззозӣ мефиристонад, ки аз он ҷо аз атласҳои хитой, аз шоҳиҳои хазонранг ва аз зарбафтҳо сад порча меоранд. Камолиддини Ҳусайн дарзиҳои дарбори Ҳусайн Бойқароро ҷег зада меорад, ки онҳо ин порчаҳоро ба шакли баргҳои дарахтони гуногун мебуранд. Хидматгорон он баргҳои сунъӣ — сохтаро ба чодиршабҳо андохта ба болои бом бароварда дар рӯ ба рӯи хонае ки зиёфат дар он ҷо барпо шуда буд, ба ҳаво мерезанд. Баъд он баргхоро ба хона дароварда ба болои сари меҳмонон нисор мекунад ва бо ҳамин орзуи дилашон ба амал оварда мешавад.

Ва ҳол он ки дар он вақтҳо дар хазинаи Ҳусайн Бойқаро як танга ҳам пули нақд набуд ва дар сафарҳои ҳарбӣ, ки ба муқобили писарони исьёнкораш мекард, ҳамеша ба болои аҳолӣ андозҳои фавқулъодда меандохт. Ҳатто вақте ки Ҳусайн Бойқаро ба муқобили писари исьёнкори худ — Фаридун Ҳусайнмирзо ҷанг мекард, ба ҳокими Ҳирот Муҳаммад Валибек фармон фиристод, ки аз аҳолии Ҳирот панҷоҳ ҳазор тилло ба тарзи андози фавқулодда рӯёнда фиристонад.

Мир Алишер ки дар он вақтҳо аз кори ҳукумат канора гирифта буд, ин воқеаро шунида ҳокимро аз рӯёндани ин маблағ монеъ омада: «Аҳолӣ тамоман афтода ва гадо шудаанд, қудрати як танга ҳам додан надоранд. Аҷаб нест, ки ба сабаби ин андоз шӯриш кунанд» — гуфт ва он маблағро аз моли хусусии худ тайёр карда дод ва аҳолиро аз он кулфат раҳонид.

Майнӯшӣ ва исрофкорӣ махсуси хонаҳои табақаҳои олӣ набуд, дар шаҳр ҳам барои исрофкории оммаи пулдорон шароит тайёр буд: дар шаҳри Ҳирот маҳаллае буд, ки вайро «Масраҳ» (ҷои кӯшкҳои баланд) меномиданд. Дар сар то сари ин маҳалла дар ду тарафи кӯча рӯ ба рӯи ҳам ҳавлиҳои пуршукӯҳ бино ёфта буд.[12] Дар он хонаҳо аз хӯрданӣ ва нӯшиданӣ ва аз созу навоз ҳама асбоби ишрат муҳайё буд. Бисьёр одамони пулдор дар ду рӯз аз он ҷо гадо шуда мебаромаданд ва ё дар задухӯрдҳое ки дар он шаробхонаҳо рӯй медод, ҷони худро ҳам аз даст медоданд.

Ин хароботхонаи Ҳирот чунон шӯҳрат пайдо карда буд, ки аз вилоятҳои дур, ҳатто аз Ироқ пулдорон барои дар он ҷо ишрат кардан ба Ҳирот меомаданд.

Дар он замонҳо дар Ҳирот олуфтаҳо ҳам, ки дар забони онҷой онҳоро «ятим» ва «лаванд» меномиданд, шӯҳрат доштанд. Бештарини инҳо аз табақаҳои косибҳо буда, бо риёзатҳои баданӣ дасту пой ва мушакҳои худро хеле зӯр ва сахт мекарданд, аз байни онҳо паҳлавонони хеле машҳур ҳам мебаромаданд. Олуфтаҳо ҳам бештарин вақти худро бо мастӣ, бо ҷангҳои байни худ ва бо ҳуҷум кардан ба аҳолии ором мегузарониданд. Ҳусайн Бойқаро баъзеи онҳоро ба ҳузури худ бурда гӯштин мегиронид ва инъомҳо мекард ва ба ин восита ба корҳои онҳо ривоҷ медод.

«Лаванд»-ҳои замони Ҳусайн Бойқаро чунон шӯҳрати таърихӣ пайдо карда буданд, ки дар замони хурдсолии нависандаи ин сатрҳо, яъне баъд аз чорсад соли замони он подшоҳ, дар Бухоро баъзе олуфтагонро, ки аз ҳад зиёд бадмастӣ, шӯрапуштӣ ва бадрафторӣ кунад «лаванди султон Ҳусайнмирзо» меномиданд.

Ин аҳволи умумии шаҳри Ҳирот, ба аҳли илму адабиёти он замон ҳам бетаъсир намонда буд: Мир Алишер дар «Маҷолис-ун-нафоис» ном тазкираи худ, баъд аз он ки қувваи шеърӣ ва истеъдоди илмии баъзе ҷавононро (масалан Осафиро) таъкид мекунад, «афсӯс ки ятимваш аст ва умри худро дар корҳои беҳуда сарф мекунад» мегӯяд.

Восифӣ ана дар ҳамин гуна замоне ки илму адабиёт тараққӣ карда, дар айни вақт пурошӯб, пурзиддият ва пурҷангу ҷӯш ва пур аз айшунӯш буд, дар Ҳирот зонда шуда тарбия ёфт ва дар қатори одамони бадбахти замонҳои охири даврап Ҳусайн Бойқаро даромад.

* * *

Номи Восифӣ Зайниддин Маҳмуд буда, ӯ дар Ҳирот дар соли 890-ҳиҷрӣ[1] (1485 мелодӣ) дар хонаи Абдулҷалил ном як муллои оддӣ таваллуд ёфт. Падари Восифӣ — Абдулҷалил олим ва илмдӯст буд, аммо ӯ ба мансаби калоне соҳиб набуд.[13]

---

[1] Соли таваллуди Восифӣ дар ҷое қайд нашудааст. Аммо ӯ ба муносибати нақли кушта шудани Мӯъминмирзо, ки дар соли 903— ҳиҷрӣ вокеъ шуда буд, дар он вақт 11 сола будани худро қайд мекунад, ки аз ин ҳисоб 890 — ҳиҷрӣ (1485 мелодӣ) будани соли таваллуди ӯ муайян мегардад.

Восифӣ қобилияти фавқулоддаеро соҳиб буд. Ӯ дар синни 12—13 солагиаш шоир ва шеършинос шуда буд ва шеърҳои шоирони калонро танқидҳои маънидор мекард.

Восифӣ дар хурдсолиаш дар санъати муаммо, ки он вақтҳо бисёр шӯҳрат дошт, тахассус пайдо карда буд ва муаммоҳои беномро мекушод ва ба ҳамин муносибат дар 16-солагиаш ба ҳузури Мир Алишер Навоӣ расиданашро дар ёддоштҳои худ нақл мекунад.

Восифӣ насрнависи бомаҳорати замони худ буд, ки мактубҳо, аризаҳо ва ҳикояҳоро мувофиқи услуби хушкарди он замон бо ташбеҳҳои гуногуни печ дар печ ва бо «бароати истеҳлол»[1] менавишт.

Восифӣ инчунин дар хурдсолӣ ба илмҳои машҳури он замон — ба забони арабӣ ва қоидаҳои он, ба илми фиқҳ, ҳадису тафсир, дар илми риёзиёт ва мантиқ, дар илми маонӣ ва баён ва дигар илмҳои машҳури ҳамон замон тахассус пайдо карда буд. Инчунин ӯ риёзати баданиро хуб карда, дар панҷатобӣ, дар обварзӣ (оббозӣ), дар пиёдагардӣ ва дигар чизҳои ҷузъӣ, ки фазилати инсонӣ ба шумор меравад, чанде машғулӣ карда, ҳар қадоми ин корҳоро ба дараҷаи аъло ба даст дароварда буд.

Ӯ дар ёддоштҳои худ фазилатҳои ҷузъии худро аз забони амир Муҳаммад ном ҳамзамони худ ба тарзи зерин нақл мекунад (мазмунан):

«...Амир Муҳаммад гуфт: Восифӣ дар чанд кор ягонаи замон ва бемонанд аст: якум ӯ қуввาи сарпанҷае дорад, ки дар Хуросон ҳеҷ забардасте бар вай зафар наёфта ва панҷаи ӯро натофта; дуввум қуввาи рафтор ва равандагии ӯ ба дараҷаест, ки аз Машҳад то Ҳирот, ки 65 фарсанг (520 километр) буда, роҳест дар камоли сахтӣ ва дуруштӣ, дар ду рӯз (пиёда) тай карда аст; саввум шиновар (оббозе) аст, ки якбор дар Боғизоғон (Боғизоғони Ҳирот) Фаридун Ҳусайнмирзо фармуд, то ду дасти ӯро бо ду пояш баста (кулӯла карда) дар ҳавз андохтанд. Ӯ дар ин ҳол аз вақти намози пешин то намози аср дар он ҳавз

[1] «Бароати истеҳлол» дар адабиёти кӯҳна қоидае аст, шоир ё навсанда дар навиштани қасида ё мактуб ва ариза, ё ягон пар-чаи насрии дигар дар аввали кор — пеш аз баёни матлаб ташбеҳ, кинoя ва истиораҳоро ба тарзе кор мефармояд, ки аз онҳо матла-би аслӣ ҳис карда мешавад (мо дар қисми намунаҳои осори Воси-фӣ аз таҳрироти ӯ ба тарзи мисол парчаҳо хоҳем дод), ки онҳо бо «бароати истеҳлол» навишта шудаанд.

оббозй кард; чорум ӯ ҳофизи хушхоне аст, ки ҳеҷ ҳофиз баробари ӯ хондан наметавонад; панҷум ӯ дар ваъз (нутқгӯӣ) шогирди Мавлоно Ҳусайн Воиз аст. Мавлонэи мазкур дар ҳаққи ӯ гуфтаанд, ки «миёнаи ману ӯ ҳамин қадар фарқ ҳаст, ки ман хушовоз нестам ва ӯ овози хуш дорад»; шашӯм чунон муқаллидест, ки ҳаракати ҳар касро айнан иҷро мекунад; ҳафтум дар муаммошикофӣ ба мартабаест, ки ҳар муамморо ки бошад ном ногуфта мекушояд; нӯҳум тезнавис аст, ки дар як рӯз «Қофия», «Шофия» ва «Шамсия»-ро (ҳамаи инҳо дар як ҷо аз шаш ҷузъи чопӣ зиёдтаранд) чунон менависад, ки асло дар онҳо ғалате роҳ намеёбад; даҳум дар сабр кардан ба шиддати гуруснагӣ ба ҳаддест, ки даҳ рӯз рӯзаи гузаро (шабу рӯз чизе нахӯрда) доштан метавонад; ёздаҳум дар бадеҳа, шеъргӯӣ, ба дараҷаест, ки агар касе фармояд, ягон қасидаи панҷоҳ, шаст байтии устодонро дар як шаб ҷавоб мегӯяд...»

Ин аст фазилатҳои ҷузъии Восифии ҷавон, ки бо нақл намудан аз забони як ҳамзамони худаш худ тасдиқ ва таъкид кардааст.

Восифӣ баъд аз тамом намудани таҳсили расмӣ чанде ба писари Ҳусайн Бойқаро — Фаридун Ҳусайнмирзо котиби хусусӣ шуда хидмат кард, чанде фарзандони баъзе амалдорони Ҳусайн Бойқароро дар хонаҳошон ба тарзи хусусӣ муаллимӣ карда тарбия намуд, аз ин ҷумла фарзандони шоҳ Валибек ном кӯкалтошзодаи Хадичабегим (зани Ҳусайн Бойқаро) аз дасти ӯ тарбия ёфтаанд.

Восифӣ дар охирҳои замони султон Ҳусайн Бойқаро (тахминан дар 20 сола будани худ) аввалин бор то Машҳад саёҳат кард ва дар он сафар машаққатҳои бисьёре дид, ки мо тафсили ин саёҳатро дар қисми ёддоштҳои ӯ нақл хоҳем кард.

Восифӣ дар замони ишғол шудани Хуросон ва аз ин ҷумла шаҳри Ҳирот аз тарафи Шайбонихон (913 ҳ.—1508 милодӣ) моҷароҳоро аз сар гузаронид, ӯ аъзои оилаи шогирдони худро, ки аз тарафи Шайбонихон кушта шуданашон мумкин буд, бо як ҷасорати инсониятпарварона гурезонда пинҳон намуд. Инчунин ӯ як духтари ба асирии Шайбонихон афтодаро, ки ба яке аз шогирдонаш номзад буд (домодшаванда ва духтар дар ин фалокат тоб наёварда қасди худкушӣ доштанд), бо як қаҳрамоние ки монанди онро танҳо дар романҳои афсонавӣ ди-

дан мумкин аст, халос карда, маъшуқаро ба ошиқ расонид.

Вақте ки корномаҳои ӯ ба пеши арбоби давлати Шайбонихон кушода гардид, ӯ маҷбур шуд, ки аъзои оила ва ашёи хонаи худро ба саҳро гурезонад ва худ ҳам аз Ҳирот дуртар рафта дар пинҳонӣ зиндагонӣ кунад (ин воқеаҳоро мо дар қисми ёддоштҳояш ба тафсил нақл хоҳем кард).

Восифӣ дар замони ҳуҷуми шоҳ Исмоили Сафавӣ ба Хуросон ва истилои Ҳирот монанди як одами машҳури он замон ва мафкурачии сунниён дар таҳти таъқиби сӯиқасдчиёни (террористони) сафавиён афтод ва аз он ҷо аз байни фалокатҳое ки ҳар замон эҳтимоли кушта шуданаш буд, ба Эрон гурехт, ки шояд он ҷо бе ному нишон зиндагонӣ кунад. Лекин ин ба ӯ муяссар нашуд: дар Машҳад яке аз ҳамроҳонаш, ки ӯ низ гуреза буд, ба даст афтод.

Восифӣ барои аз зиндон гурезондани он дӯсти худ, машаққатҳои тоқатнопазир ва таҳлукаҳои ҷонситонро аз сар гузаронид.

Восифӣ баъди аз сар гузаронидани чандин фоҷиаҳо боз маҷбур шуд, ки ба Ҳирот баргардад ва дар он ҷо ба тарзи пинҳонӣ зиндагонӣ кунад.

Чун зиндагонии пинҳонӣ дар Ҳирот ба ҷонаш расонд, ба тарафи Мовароуннаҳр гурехтанро муқаррар кард. Лекин аз таъқиби сахти сафавиён аз Ҳирот то Мовароуннаҳр ба тарзи пинҳонӣ ва гурезагӣ рафтан мумкин набуд ва барои рӯирост сафар кардан хати роҳдорӣ лозим буд, ки он гуна хатро ба Восифӣ намедоданд. Охир бо як тасодуф ба ӯ муяссар шуд, ки дар аввалҳои соли 918 ҳиҷрӣ (1512) бо номи сохта, бо хати роҳдори каси дигар ба корвони савдогарон ҳамроҳ шуда, ба Мовароуннаҳр сафар кунад.

Восифӣ дар Мовароуннаҳр аввал дар Самарқанд истиқомат кард, баъд аз як сол дар он ҷо мондан ба Бухоро рафт ва баъд аз чанд вақт дар Бухоро мондан аз он ҷо ба Саброн[1] рафт, ки дар он ҷо Мири Араб (соҳиби мадрасае ки бо ин ном дар Бухорост) буд.

Восифӣ аз Саброн ба Фаркат, аз Фаркат ба Тошканд, аз Тошканд ба Шаҳрисабз, аз он ҷо боз ба Самарқанд ва

---

[1] *Саброн* — ин мавзеъро «Саврон» меноманд, ки аз шаҳри Туркистон дар масофати 40—50 километр аст.

2—1315

аз он ҷо ба лаби дарьёи Сир — ба Шоҳрухия ва аз он ҷо ба Оҳангарон ва боз ба Тошканд рафт.

Восифӣ дар ин сайру сафарҳои худ гоҳо дар мадрасаҳо дар қатори муллоён ва талабагон истиқомат кард; гоҳо дар маҷлисҳои олимон ва шоирэн умри худро ба мунозира ва мушоара сарф намуд; гоҳо бо омма ошной карда зиндагонии онҳоро омӯхт; гоҳо дар майхонаҳо ва хароботхонаҳо дар миёнаи авбошон ва майнӯшон афтода, бо онҳо ҳамкоса шуд; гоҳо дар дарборҳои хонҳои маҳаллӣ монанди надим (ҳамсӯҳбат) умр гузаронида, ба онҳо маддоҳӣ кард; гоҳо дар Самарқанд ва Тошканд дар масҷидҳо имом ва пешнамоз шуд; чанд гэҳ ба фарзандони Севунҷхоҷахон, ки дар Тошканд ҳукумат дошт, муаллимӣ кард.

Восифӣ баъд аз чандин сол сарсариёна гаштан охир дар дарбори Келдимуҳаммадсултон, писари Севунҷхоҷахон доимӣ монд.[14]

Дар вақте ки Восифӣ ба хидмати дарбори Келдимуҳаммадсултон даромад, ӯ дар вилояти Шоҳрухия (канори Сирдарьё) ва Оҳангарон (байни Хуҷанд ва Тошканд) ҳукумат дошт ва падараш Севунҷхоҷахон дар Тошканд ҳукмрон буд. Бинобар ин як қисми зиндагонии Восифӣ дар Шоҳрухия ва Оҳангарон гузашт.

Чун дар соли 931 (1525) Севунҷхоҷахон вафот ёфта, писараш — Келдимуҳаммадсултон ба ҷои ӯ дар тахти Тошканд нишаст, ба ин муносибат бошишгоҳи Восифӣ ҳам Тошканд шуд.

Дар соли 935 (1529) вақте Келдимуҳаммадсултон ва дигар хонони ӯзбек дар зери сардории Убайдуллохэн (хони Бухоро) ба Хуросон ба муқобили сафавиён сафари ҳарбӣ карданд, Восифӣ низ дар он сафар ҳамроҳ буд.

Восифӣ дар ёддоштҳои худ ҳарчанд ташкили ин сафар ва ҳамроҳ будани худро дар он сафар қайд кунад ҳам, аз натиҷаи он сафари ҳарбӣ чизе наменависад. Аммо аз «Равзат-ус-сафои» Носирии Ризоқулихони Ҳидэят маълум мешавад, ки хонҳо дар ин сафар то вилояти Ҷом рафтаанд ва дар он ҷанге, ки дар Зӯрободи Ҷом воқеъ шуда буд, шикаст хӯрда баргаштаанд.

Восифӣ дар бозгашти ин сафари ҳарбӣ боз ба Тошканд омада, монанди пештара дар дарбори Келдимуҳаммадсултон монд ва то соли 938 (1532) дар он ҷо буданаш аз ёддоштҳояш маълум аст. Аммо баъд аз он таърихи ин нависандаи сарсахти аз ватан дур афтода

чӣ шуд ва охири кораш ба чӣ анҷомид — мо ба ин саволҳо ҷавоби равшани қаноатбахш ёфта натавонистем.

Фақат аз тамомияти ёддоштҳои Восифӣ тахмин кардан мумкин аст, ки ҳанӯз дар соли 938 (1532) муаллиф дар қайди ҳаёт буд.[15]

* * *

Эҷодиёти адабии Восифӣ асосан бо ду роҳ — ҳам бо роҳи назм ва ҳам бо роҳи наср рафтааст. Худи ҳамин сифати Восифӣ нисбат ба замоне, ки ӯ зиндагонӣ кардааст, қобилият ва иқтидори пурраи ӯро нишон медиҳад. Зеро дар он замонҳо ходимони адабиёт асосан шоирон буда, насрнависӣ ба бисьёр кам одамон муяссар мешуд. Дар он замонҳо насрнависон ба эътибори аксарият котибони идораҳо ва муншиёни дарборҳо буда, онҳо бо ёд карда гирифтани муншаот (иншоҳо) ва мактуботи гузаштагон ин «ҳунар»-ро ба даст медароварданд; ба иборати дигар онҳо нусхабардор буда, вазифаи эҷодиашон танҳо ин буд, ки он нусхаҳоро ба ҳодисае ки барои вай мактуб ё маншур (ярлиғ) навиштан мехостанд, татбиқ ва мувофиқ менамуданд.

Қисми дигари насрнависон таърих (солнома)-нависон буданд, ки воқеаҳои таърихиро бо тасвирҳои адабӣ ва бо муболиғаҳои шоирона ва бо бароати истеҳлол, ки дар он вақтҳо шӯҳрат дошт, тасвир менамуданд. Ин қисм насрнависон ба эътибори аксарият шоир набуда, агар шеър гӯянд ҳам аз якчанд мисраи мувофиқи мақоми таҳрир навиштан пештар намерафтанд.

Аммо Восифӣ чунон ки дар назм ҳамаи қисмҳои шеърҳои он замонро ба тарзи аъло менависад, инчунин дар наср ҳам «ҳамагунанавис» аст.

Восифӣ қасиданависи забардаст аст, ки бисьёр қасидаҳои устодонро бо муваффақият ҷавоб гуфтааст; инчунин дар ғазал ҳам лирикаи баланд дорад; ӯ чистониҳоро ҳам, ки дар он замонҳо шӯҳрат дошт, хеле устодона мегӯяд. Восифӣ муаммоҳоро, ки дар он вақтҳо як жанри асосии шеър ба шумор мерафт ҳам бо маҳорат мегӯяд ҳам бо суръат мекушояд, ҳатто муаммоҳоро ном ногуфта кушодани ӯ аз имтиҳонҳои гулогун гузаштааст.

Восифӣ дар донистани қоидаҳои вазну қофияи шеър забардасттарини замони худаш аст. Маснавии дубаҳраи (маҷмаулбаҳрайни) Котибӣ шӯҳрат дорад, аммо Восифӣ порчаҳои чорвазна навиштааст, ки ин ҳам дар вазни

шеър ва ҳам дар забони шеърӣ иқтидори фавқулодда доштани ӯро нишон медиҳад.

Восифӣ ҳаҷвнависи забардаст аст, ӯ ҳаҷвҳои мадҳмонанд дорад, ки хонанда аз иқтидор ва маҳорати ӯ дар ҳайрат меафтад; ӯ аз забони шоиртарошони шеърнофаҳм чунон шеърҳо мегӯяд, ки ҳар шеършиносе бинад, ҳукм мекунад, ин аз ҳамон одам аст, на аз Восифӣ. Ин услубшиноси комили пуриқтидор будани ӯро нишон медиҳад (ба ин тарз ҳаҷвнависӣ чунон душвор аст, ки намунаашро аз шоирони ҷавони тоҷик танҳо марҳум Пайрав дода тавониста буд).

Дар наср низ Восифӣ мувофиқи замони худ мактуб, маншур, вақфнома, китебаҳои насрии сангҳои мазорот, ҳикояҳои афсонавӣ, тасвири воқеаҳои ҳаррӯза ва ёддоштҳои худро бо маҳорат (албатта мувофиқи услуб ва хушкарди замони худ) ва эҷодкорона менависад. Дар Самарқанд дар як маҷлисе ки нишонависии ӯро нобоварона имтиҳон мекарданд, даҳҳо мактубро бо илтимоси ҳар кадом аҳли маҷлис бо мазмунҳои тоза ва бо тасвирҳои эбнорасида ва бо «бароати истеҳлол», ки ин лозими мактуботи он замон буд, дар бадеҳа ва бе мусаввада навиштани ӯ маҳорати фавқулъоддаашро исбот мекунад.

Хулоса агар ин таъбир мумкин бошад, мо гуфта метавонем, ки Восифӣ шоир ва нависандаи универсали замони худаш аст.

* * *

Мероси адабие, ки ба мо аз Восифӣ боз мондааст, «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (воқеаҳои нафиси бадеъ) ном китоби ӯст. «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-е, ки дар дасти нависандаи ин сатрҳост, дар саҳифаҳои ҳаштварақаи ҳафтдаҳсатрӣ 944 саҳифа буда, ба ҳисоби имрӯза тахминан қариб 90 ҷузъи чопӣ мебарояд.

Мундариҷоти «Бадоеъ-ул-вақоеъ» асосан аз ёддоштҳои худи муаллиф иборат аст. Муаллиф дар ин китоб аҳволи илмӣ, адабӣ, маданӣ ва ҷамъиятии замони худро, инчунин ихтилофҳои сиёсӣ, динӣ, мазҳабӣ ва ҳам зиддиятҳои синфӣ ва аҳволи иқтисодии он замонро, гуфтан мумкин аст, ки ба воситаи он ёддоштҳо хеле пурра акс кунондааст. «Бадоеъ-ул-вақоеъ» хусусан дар нишон додани аҳволи илмӣ, адабӣ, савияи маданӣ ва зиддиятҳои онзамонии Хуросон, Мовароуннаҳр, Туркистон ва қисман Эрон на танҳо оина, балки як лавҳаи тасвирест, ки он

аҳволи таърихиро ба назари хонанда пайдарҳам ҷилва мекунонад.

Восифӣ як нависандаи бериё ва бо таъбири оммавии тоҷикӣ «фуртакигӯй» аст. Ӯ дар навиштани аҳволи худ, аҳволи ҳамзамонон, дӯстон, ошноён ва ҳамсӯҳбатони худ ҳеҷ чизро зери парда нигоҳ намедорад. Ӯ аз кор фармудани таъбирҳое ҳам, ки дар замони мо беадабона ба шумор меравад ҳеҷ ибо намекунад. Бинобар ин, мо дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» аҳволи замони муаллифро ва характери шахсҳои таърихии он замонро кушода, равшан ва «луччаку пӯстканда» мебинем, ки фақат ба баъзе шарҳу эзоҳот эҳтиёҷ меафтад.

Муаллиф дар ин китоб ғайр аз ёддоштҳои шахсии худ, ёддоштҳоеро ҳам, ки аз ҳамзамонони худ дар бораи ҳамзамонони калонсоли худ шунидааст, бо қайд кардани номи ёддоштгӯён нақл мекунад.

Восифӣ дар ин китоб намунаҳои шеърҳои худро ҳам муносибате ёфта ба тарзи ёддошт қайд мекунад.

Ғайр аз инҳо нависанда дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» баъзе ҳикояҳои афсонавиро ҳам, ки дар маҷлисҳо ё дар ҳузури хонҳо нақл кардааст, менависад.

Мо дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар бораи занон якчанд ҳикояҳои афсонавӣ хондем, ки онҳоро бо айни мазмун, фақат бо иборатҳои дигар дар «Баҳори дониш» дидаем. Азбаски «Баҳори дониш» сад сол зиёдтар баъд аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ» навишта шудааст (таърихи таълифи «Баҳори дониш» 1061 ҳиҷрӣ аст, ки ба 1651 милодӣ баробар меояд), мо гуфта метавонем, ки он афсонаҳоро аввалин бор Восифӣ ба қалам овардааст. Аммо фарқ дар ин ҷост, ки он афсонаҳо бо қалами Восифӣ хеле дилчасп ва мантиқӣ ва дар таҳрири «Баҳори дониш» як дараҷа бемантиқ ва ғализтар баромадаанд.

## II

## ТАРТИБИ КОРИ МАН ДАР БОРАИ ЁДДОШТҲОИ ВОСИФӢ

Ёддоштҳои Восифиро бо таҳрири ӯ як китоби оммавӣ карда чоп намуда баровардан бо чандин сабаб мумкин набуд: сабаби аввал ин аст, ки Восифӣ воқеаҳоро ба тарзе, ки воқеъ шудаанд, бе парда тасвир менамояд, ки ин аз одоби таҳрири замони мо берун аст; дуввум Восифӣ

барон риоя кардани қоидаҳои «бароати истехлол» бисьёр киноя ва истиораҳои мураккабро кор мефармояд, ки ин фаҳмидани матлабро барон хонанда бисьёр душвор мекунад; саввум дар тасвирҳо муболиғаҳои аз ақл берунро бисьёр кор мефармояд, ки ин ба хонандагони мо бемаънӣ менамояд; инчунин Восифӣ дар таҳрироти худ аз оят, ҳадис ва аз шеър ва мақолҳои арабӣ бисьёр иқтибос мекунад, ки ин низ ба хонандагони мо бегона аст.

Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ёддоштҳои худро ба тартибе, ки онҳоро ба муносибате дар маҷлисе, ё дар ҳузури хонҳо ҳикоя намудааст, менависад. Бинобар ин, ёддоштҳои айёми хурдсолиаш ҳодисаҳои дар Хуросон дидаи ӯ дар охири китоб ва воқеаҳои дар Мавороуннаҳр ва Туркистон аз сар гузаронидааш дар аввали китоб воқеъ шудаанд, ки ин низ ба хонанда як дараҷа дилноҷасп менамояд.

Аммо ман дар таҳрири ёддоштҳои Восифӣ ба қадри имкон таърихи вуқӯи он ёддоштҳоро ба назар гирифтам, яъне қадом воқеае ки пештар воқеъ шуда бошад, ба қадри имкон пештар ва қадомаш, ки пастар воқеъ бошад, пастар нақл кардам. Ба ҳамин тариқа қисми муҳимми аҳволи дар Хуросон аз сар гузаронидаи муаллиф дар қисми якум ва воқеаҳои дар Мовароуннаҳр ва Туркистон дидааш дар қисми дуввум ҷо дода шуд.

Ман умуман ёддоштҳо ва ҳикояҳои Восифиро, ки ба назарам муҳим менамуданд, интихоб карда, аз забони ӯ, лекин бо таҳрири худам нақл намудам. Дар таҳрир ҳамаи чизҳоеро, ки ба хонандагони замони мо бегона, ё душворфаҳм буданд, партофта, мазмуни онҳоро бо забони адабии имрӯза ва тарзи таҳрири замони ҳозира навиштам; тасвир ва ташбеҳҳои пурмуболиғаи муаллифро хулоса карда, мазмуни воқеии онҳоро нақл намудам. Масалан, Восифӣ дар тасвири қалъаи Самарқанд «...Агар гови замин бар фарози бораи ӯ баромадӣ, шикамашро дандонаи кунгураи арш даридӣ...» мегӯяд. Ман ин мазмунро ба ҷумлаи «шаҳри Самарқанд девори баланде дошт» ифода намудам.

Инчунин дар тасвири ҳикояҳо, ҷоҳоеро ки ба назарам нокис намуданд, бе он ки ба мақсади муаллиф халале расад, пурра кардам ва суханҳои беодобонаро партофта, воқеаро чунон таҳрир намудам, ки хонанда бе он ки ба ягон калимаи ношоиста дучор шавад, мақсади муаллифро мефаҳмад.

Аммо дар баъзе ҷоҳо барои нишон додани намунаи таҳрири муаллиф ду-се сатри нисбатан соддатарро бо ибораги муаллиф нақл намуда, дар болояш калимаи «айнан»-ро қайд кардам.

Дар баъзе ҷоҳо барои равшантар кардани воқеа, пеш аз ёддошт, ё баъд аз он ва ё ин ки дар миёнаи қавсайн аз тарафи худ эзоҳҳои даркориро додам.

Дар натиҷа як маҷмӯаи ҳикояҳои воқей, ки хонандаро ба як қисми муҳимми аҳволи гузашта воқиф мегардонад, ба даст даромад.

Ман тартиб ва натиҷаи кэри худамро, дар болои ёддоштҳои Восифӣ, бо рубоии зерин, ба хонандагон хулоса карда медиҳам:

Ин боғ зи нахли кӯҳан ороставам,
В-он нахл ба теғи хома пироставам,
Сайронгаҳе зиёда кардам ба шумо,
Ҳарчанд зи умри худ басе коставам.

*С. Айнӣ*

*Самарқанд,*
*моҳи апрели соли 1946*

# Қисми якум

## ЁДДОШТҲОИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ ХУРОСОН ВА ХУРДСОЛИИ ХУД

### I

### ЁДДОШТҲОИ АЙЁМИ БАЧАГИИ ВОСИФӢ

#### ДАР БОРАИ КУШТА ШУДАНИ МӮЪМИНМИРЗО ВА НИЗОМУЛМУЛКИ ВАЗИР БО ФАРЗАНДОН ВА НАЗДИКОНИ ХУД

Чунон, ки мо дар баёни аҳволи замони Восифӣ гуфта гузаштем, баъзе писарони Ҳусайн Бойқаро аз вай норозӣ шуда, ба муқобили ӯ исьён мекарданд. Аз ин ҷумла писари калонаш — Бадеуззамонмирзо барои рақобати бародари модарҷудои худ — Музаффар Ҳусайнмирзо, ки Ҳусайн Бойқаро ӯро аз вай тарҷеҳ мекард, ба муқобили падар теғ кашид.

Сабаби ин исьён ин тариқа шуд, ки Ҳусайн Бойқаро Бадеуззамонро аз ҳукумати вилояти Астаробод гирифта, ҷои ӯро ба Музаффар Ҳусайн дод ва ӯро дар Балх, ки аз Астаробод хурдтар ва камдаромадтар буд, ҳоким кард.

Дар он вақт Бадеуззамон дар Балх буда, писараш — Муҳаммад Мӯъминмирзо аз ҷониби ӯ дар Астаробод ҳукумат меронд. Бадеуззамон ба писари худ — Муҳаммад Мӯъмин мактуб навишт, ки Астарободро ба амакаш — Музаффар Ҳусайн насупорад ва агар лозим шавад биҷангад.

Мӯъминмирзо мувофиқи фармони падараш бо амаки худ биҷангид, аммо дар ҷанг шикаст хӯрда асир афтод. Музаффармирзо бародарзодаи худро ба Ҳирот

бандӣ карда фиристод. Дар он вақт Ҳусайн Бойқаро дар канори оби Мурғоб буд. Чун хабари асир афтодани набераи исьёнкори худро шунид, ӯро дар қалъаи Ихтиёруддин ҳабс намуд ва баъд аз он дар ҳолати мастӣ бо маслиҳати вазири худ Низомулмулк, ки ӯро ҳам Ҳадичабегим (зани Ҳусайн Бойқаро) игво карда буд, ба қатли Мӯъминмирзо фармуда, ӯро кушонд.

Чун аҳолии Ҳирот ба муқобили ин кори ваҳшиёнаи Ҳусайн Бойқаро намоиш карда азо гирифтанд, ӯ аз ин кирдори худ пушаймон шуда, чунон, ки мегӯянд: «Хунукро хунук мебуррад» барои «ислоҳи ин кори худ» Низомулмулкро ҳам бо авлод ва наздиконаш кушт.

Восифӣ дар ин бора мегӯяд (мазмунан): султон Ҳусайнмирзоро вазире буд, ки ӯро Низомулмулк мегуфтанд. Ӯ насаби худро ба Оли Аббос мерасонид ва дар ин бора шаҷара (насабнома) навишта буд, ки вайро тамоми калонони Хуросон номи худро навишта имзо карда тасдиқ намуда буданд.

Ӯ он насабномаро ба пеши мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ фиристода, имзо карданашонро илтимос карда буд. Аммо он кас имзо накарданд. Баъд аз он худи Низомулмулк ба пеши он шахс рафта, бо ниёзмандӣ илтимос кард, ки номашонро дар вай нависанд. Аммо Ҷомӣ дар поёни он насабнома ин рубоиро навишта буданд:

Онро, ки бувад нури Набӣ дар башара,
Ҳоҷат набувад ба тӯлу арзи шаҷара,
Онро, ки зи рух натобад ин нури сара,
Шаҷра надиҳад ба ғайри лаънат самара.

(Ҷомӣ бо ин рубоӣ гуфтан мехоҳад, ки кирдори худро мувофиқи одамони калон кардан даркор аст, агар кирдор хуб бошад, ба насабнома эҳтиёҷ нест. Аммо кирдори касе бад бошад, насабнома дар ҳаққи вай лаънатнома мешавад).

Мо ёддошти Восифиро давом мекунонем:

Рӯзе дар маҷлиси султон Ҳусайнмирзо сухан дар бораи лаълҳои калони пурқимат мерафтааст, ӯ гуфтааст, ки дар хазинаи давлати ман лаъле ҳаст, ки дар хазинаи ҳеҷ подшоҳе нест.

Аркони давлат пурсидаанд, ки:

— Вазни он лаъл чӣ миқдор бошад?

# Қисми якум

## ЁДДОШТҲОИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ ХУРОСОН ВА ХУРДСОЛИИ ХУД

### I

### ЁДДОШТҲОИ АЙЁМИ БАЧАГИИ ВОСИФӢ

#### ДАР БОРАИ КУШТА ШУДАНИ МӮЪМИНМИРЗО ВА НИЗОМУЛМУЛКИ ВАЗИР БО ФАРЗАНДОН ВА НАЗДИКОНИ ХУД

Чунон, ки мо дар баёни аҳволи замони Восифӣ гуфта гузаштем, баъзе писарони Ҳусайн Бойқаро аз вай норозӣ шуда, ба муқобили ӯ исьён мекарданд. Аз ин ҷумла писари калонаш — Бадеуззамонмирзо барои рақобати бародари модарҷудои худ — Музаффар Ҳусайнмирзо, ки Ҳусайн Бойқаро ӯро аз вай тарҷеҳ мекард, ба муқобили падар теғ кашид.

Сабаби ин исьён ин тариқа шуд, ки Ҳусайн Бойқаро Бадеуззамонро аз ҳукумати вилояти Астаробод гирифта, ҷои ӯро ба Музаффар Ҳусайн дод ва ӯро дар Балх, ки аз Астаробод хурдтар ва камдаромадтар буд, ҳоким кард.

Дар он вақт Бадеуззамон дар Балх буда, писараш — Муҳаммад Мӯъминмирзо аз ҷониби ӯ дар Астаробод ҳукумат меронд. Бадеуззамон ба писари худ — Муҳаммад Мӯъмин мактуб навишт, ки Астарободро ба амакаш — Музаффар Ҳусайн насупорад ва агар лозим шавад биҷангад.

Мӯъминмирзо мувофиқи фармоиши падараш бо амаки худ биҷангид, аммо дар ҷанг шикаст хӯрда асир афтод. Музаффармирзо бародарзодаи худро ба Ҳирот

бандӣ карда фиристод. Дар он вақт Хусайн Бойқаро дар канори оби Мурғоб буд. Чун хабари асир афтодани наберан исьёнкори худро шунид, ӯро дар қалъаи Ихтиёруддин хабс намуд ва баъд аз он дар ҳолати мастӣ бо маслиҳати вазири худ Низомулмулк, ки ӯро ҳам Хадичабегим (зани Ҳусайн Бойқаро) игво карда буд, ба қатли Мӯъминмирзо фармуда, ӯро кушонд.

Чун аҳолии Ҳирот ба муқобили ин кори вахшиёнаи Ҳусайн Бойқаро намоиш карда азо гирифтанд, ӯ аз ин кирдори худ пушаймон шуда, чунон, ки мегӯянд: «Хунукро хунук мебуррад» барои «ислоҳи ин кори худ» Низомулмулкро ҳам бо авлод ва наздиконаш кушт.

Восифӣ дар ин бора мегӯяд (мазмунан): султон Ҳусайнмирзоро вазире буд, ки ӯро Низомулмулк мегуфтанд. Ӯ насаби худро ба Оли Аббос мерасонид ва дар ин бора шаҷара (насабнома) навишта буд, ки вайро тамоми калонони Хуросон номи худро навишта имзо карда тасдиқ намуда буданд.

Ӯ он насабномаро ба пеши мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ фиристода, имзо карданашонро илтимос карда буд. Аммо он кас имзо накарданд. Баъд аз он худи Низомулмулк ба пеши он шахс рафта, бо ниёзмандӣ илтимос кард, ки номашонро дар вай нависанд. Аммо Ҷомӣ дар поёни он насабнома ин рубоиро навишта буданд:

Онро, ки бувад нури Набӣ дар башара,
Ҳоҷат набувад ба тӯлу арзи шаҷара,
Онро, ки зи рух натобад ин нури сара,
Шаҷра надиҳад ба ғайри лаънат самара.

(Ҷомӣ бо ин рубоӣ гуфтан мехоҳад, ки кирдори худро мувофиқи одамони калон кардан даркор аст, агар кирдор хуб бошад, ба насабнома эҳтиёҷ нест. Аммо кирдори касе бад бошад, насабнома дар ҳаққи вай лаънатнома мешавад).

Мо ёддошти Восифиро давом мекунонем:

Рӯзе дар маҷлиси султон Ҳусайнмирзо сухан дар бораи лаълҳои калони пурқимат мерафтааст, ӯ гуфтааст, ки дар хазинаи давлати ман лаъле ҳаст, ки дар хазинаи ҳеҷ подшоҳе нест.

Аркони давлат пурсидаанд, ки:

— Вазни он лаъл чӣ миқдор бошад?

Хусайн Бойқаро ҷавоб додааст:

— Бо санги Хуросон ҳафт ман!

Аҳли дарбор бо шунидани ин ҷавоб ҳама дар тааҷҷуб афтодаанд. Дар ҳамин вақт Низомулмулк ба маҷлис даромада омадааст. Подшоҳ ӯро ба ҳамсӯҳбатони худ нишон дода:

— Он лаъле ки таъриф кардам, ин аст! — гуфтааст.

Инчунин подшоҳ писари калони Низомулмулк — Камолуддини Ҳусайнро «чашми ман» мегуфт. Ва Камолуддини Ҳусайн шеърро хуб мегуфт ва хуб мешинохт, дар маҷлисе, ки гуфтугӯи шеърия шавад ва ӯ дар сухан ояд, дигарон хомӯш мемонданд.

Восифӣ мегӯяд:

«Бевафоии подшоҳонро бин, ки оқибат он «лаъл»ро, (Низомулмулкро) каҳрабо сохтанд». Ва дар сабаби гирифтории Низомулмулк мегӯяд:

Муҳаммад Мӯъминмирзо, ки набераи султон Ҳусайнмирзо буда, писари Бадеуззамонмирзо буд, дар Астаробод ҳоким буд. Ҳусайнмирзо бо Хадичабегим Астарободро ба Музаффар Ҳусайнмирзо, ки писари Бегим буд, доданд. Чун Музаффармирзо ба Астаробод лашкар кашид, Мӯъминмирзо ба ҷанг баромад ва гирифтор шуд ва ин матлаъ аз ӯст, ки дар он вақт гуфтааст:

> Манам к-аз теғи ман бас беша холӣ аз ғазанфар шуд,
> Фалак ёрӣ накард, эй дӯстон, душман Музаффар шуд.

Дар он вақт, ки Ҳусайнмирзо дар лаби оби Мурғоб хайма ва хиргоҳ зада менишаст, Музаффармирзо Мӯъминмирзоро бандӣ карда фиристод. Чун ин хабар ба Ҳирот расид, халоиқ марду зан ва сафеду сиёҳ, яъне бандаву озод, пиру ҷавон ба пули Солор, ки дар чорфарсахии (32 километрии) Ҳирот аст, ба истиқболи Мӯъминмирзо баромаданд.

Бо амри подшоҳ Мӯъминмирзоро дар қалъаи Ихтиёруддин маҳбус карданд. Кутволи қалъа (комендант) Бибимухиббӣ Ҷангӣ буд. Ӯ ҷамъияти оммаи халқро ба атрофи Мӯъминмирзо дида, ин ҳолро ба султон Ҳусайн арз кард.

Султон дар хусуси масъалаи Мӯъминмирзо фикри вазири худ — Низомулмулкро пурсид. Вазир бо ин байт ҷавоб дод:

Лашкари балахд[1] пароканда бех!
Рахнагари мулк сарафганда бех!

Султон дар холати мастӣ ба Бибӣ Ҷангӣ фармон навишт, ки дарҳол Мӯъминмирзоро бо чиллаи камон буғ карда кушад.

Ин фармон нимишабӣ ба кутвол расид. Ӯ ҳам мувофики фармон фавран Мӯъминмирзоро кушт.

Пагоҳонӣ ин хабар ба шаҳр паҳн шуд. Дар шаҳр қиёмат бархост, тамоми аҳли Ҳирот марду зан кабуд пӯшиданд ва дар боғи Нав, ки дар наздикии Боғизоғон аст, тарҳи таъзия андохтанд. Дар он боғ шоирони Хуросон ғун шуда, ба марсиягӯӣ ва марсияхонӣ шурӯъ карданд.

Гулхании Астарободӣ, ки саромади шуарои он замон буд, ин қитъаро гуфта хонд:

Бозори зулм боз ривоҷи дигар гирифт,
З-ин кофаре, ки Мӯъмини диро шаҳид кард,
Он ҷо Язид омаду кори Ҳусайн сохт,
Ин ҷо Ҳусайн омаду кори Язид кард[2].

Дар миёнаи боғ дарахти санавбаре буд, ки дар сояи он ҳазор одам меғунҷид. Гулханӣ пушт ба он дарахт дода менстод, дигарон дар гирди он ҷамъ буданд...

Ғаввосӣ, ки яке аз шоирони машҳур буд, марсияе гуфта коғазеро лӯла печонда ба дастори худ карнайвор халонда омада буд. Гулханӣ ба ӯ гуфт:

— Эй Ғаввосӣ, он букъаеро, ки бар сар халондаӣ ва аз сури Исрофил хабар медиҳад, аз сар бароварда сайҳае деҳ!

Ғаввосӣ коғазро аз сар гирифта ба хондан даромад. Матлаи марсияи ӯ ин байт буд:

Дило зи гардиши гардуни бемадор дареғ,
На як дареғ, ки ҳар соате ҳазор дареғ!

Гулханӣ чун ин матлаъро шунид, дар бадеҳа якчанд байти гуфтаи Ғаввосиро ҳаҷв кард ва баъд аз он ба ӯ гуфт:

— Эй мардаки хар, ту аз барои «фалак» марсия гуфтӣ, на аз барои шаҳзода!

---

[1] Дар баъзе нусха дар ҷои «балаҳд» «балхоҳ».

[2] Мақсади шоир дар ин қитъа аз калимаи «кофар» Ҳусайн Бойқаро, аз «он ҷо»— Карбало, аз «ин ҷо»— Ҳирот, аз «Ҳусайн»-и аввал — Имом Ҳусайн, аз «Ҳусайн»-и дуюм — Ҳусайн Бойқаро, аз «кори Язид» хуни халқрезӣ.

## ЕДДОШТИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ ХЕШИ НИЗОМУЛМУЛК — ХОҶА МАҲМУД ФАРОҲӢ

Восифӣ мегӯяд: куштани хоҷа Маҳмуд Фароҳиро халоиқ бисьёр номуносиб диданд ва ҳама подшоҳро дар ин кирдораш сарзаниш карданд, зеро ки дар ҷавонмардӣ, карам ва саховат касе ба дараҷаи ӯ намерасид. Дар вилояти Фароҳ дар намози дигар нидо мекарданд — ҷор меандохтанд, ки ҳар куҷо мусофир ва ғарибе бошад, ҳама намози шом дар деҳаи Хоҷа Пушту, ки деҳаи хоҷа Маҳмуд буд, ҳозир шаванд ва ҳар шаб дар он ҷо ҳамаи ғарибонро зиёфат мекарданд...

Фақир баъд аз вафоти Хоҷа ба вилояти Систон мерафтам[1] ва дар роҳ дар хонаи Хоҷа манзил кардам. Хоҷаро вакиле буд Салмон ном. Ӯ ҳикоят кард, ки «рӯзе дар ҳамин ҷое ки шумо нишастаед Хоҷа Маҳмуд нишаста буд ва фақир дар рӯ ба рӯи эшон ва ҳар ду шатранҷ (шоҳмот)-бозӣ мекардем, ки аз дари меҳмонхона ҷавоне даромад ва аз паи ӯ якчанд сипоҳиён, ки шамшер ҳамоил карда буданд даромаданд ва дар рӯ ба рӯи Хоҷа рост истоданд.

Хоҷа ба онҳо нигоҳе карда: «бинишинед» гуфт. Онҳо нишастанд. Баъд аз замоне боварчиён (ошпазон) дастурхонҳо паҳн карданд. Қаси бисьёре ҳозир шуданд.

Хоҷа фармуд аввал пеши он ҷавон ош ниҳоданд ва баъд аз он ба дигарон. Ҳама даст ба таом бурданд. Аммо он ҷавон даст кашида медошт.

Хоҷа ба он ҷавон гуфт:

— Зоҳиран дар ин таом шубҳа набошад, зеро ки мо мардуми деҳқонем ва дар зироат бисьёр эҳтиёт мекунем. Майл фармоед!

Ҷавон дар гирья даромад ва гуфт:

— Эй Хоҷа! Ҳоли аҷибе дорам, агар фармоед ба арз расонам?

---

[1] Сафари Восифӣ ба Систон баъд аз гирифтани Шайбонихон Ҳиротро воқеъ шудааст. Чунон, ки дар ҷои худаш меояд, муаллиф дар он вақт ба тарзи гуреза ба Систон рафтааст. Дар он вақт муаллиф 23-сола буд. Аммо аз он ҷо ки ин ёддошт ба кушта шудани хоҷа Маҳмуди Фароҳӣ дар қатори наздикони Низомулмулк дахлдор буд, ин ҷо қайд карда шуд ва худи муаллиф ҳам ин ёддоштро ба воқеаи Мӯъминмирзо ва Низоммулмулк пайваста навиштааст.

Хоча корд ба даст дар холати гўшт пора кардан буд ва ҳаман аҳли маҷлис ҳам ба ҳамин ҳол буданд. Хоҷа аз таом боз истода ба ў:

— Хикоят кунед! — гуфтанд.

Ҷавон ба сухан даромад:

— Ман хоҷазодае мебошам, аз Ирок. Ба хукми қазову қадар аз ман хатое сар бар зад ва дар холати мастй ду кас ба дасти ман кушта шуд. Хундорон маро гирифта ба хабс бурданд ва бар ман исбот карданд. Аммо дият (хунбаҳо) қабул нанамуданд. Маро ба касе супорида буданд, он шахс маро гурезонд ва ман ба Хуросон (Хирот) омадам ва ба амир Муҳаммад Барандуки Барлос навкар шудам. Баъд аз шаш моҳ ин, ҷавон ба яке аз ҳамроҳони худ ишорат карда, чун балои ногаҳонӣ ва қазои осмонӣ аз паи ман омад ва маҳзаре аз Ирок оварда буд ва даъворо бар ман ба субут расонид.

Аъёни Хуросон шафеъ (восита) шуданд. Ин ҷавон ба диат (хунбахо) розй шуд. Умарон дари хонаи султон Хусайнмирзо барои ба хунбахо додан ба ман панҷ ҳазор танга инъом карданд. Аммо ин маблағ ба хунбахо намерасид, ки хундорро ба 15 ҳазор танга розй карда буданд. Маро гардан ёрй надод, ки барои пурсидани ин маблағ ба пеши ҳар лаиме — хасисе даст пеш барам. Маро гуфтанд, ки ин мушкили ту аз пеши хоҷа Маҳмуди Фароҳй ҳал мешавад. Ман ба шумо омадам. Дигар шумо медонед.

Хоча табассуме кард ва гуфт:

— Эй хоҷазода, ман марди деҳқонам [1] ва хокпош, зироате мекунам ва ҳосилоти вайро ба фуқаро ва мискинон сарф менамоям. Шумо худ мегўед, ки умарон дари хонаи султон Ҳусайнмирзо ин муҳимро адо карда натавонистанд. Ман чй гуна тавонам?

Ҷавон ки ин ҷавобро шунид, чун абри навбаҳор гирьён шуд. Хоча хандид ва гуфт:

— Эй ҷавон, таом хўред, ки иншооллоҳ он мушкили шумо осон мегардад.

Таом хўрда шуд. Баъд аз он Хоча девонбегии худро талабид ва гуфт давоту қаламро гир. Хоча мегуфт ва ў

---

[1] Албатта деҳқонии хоча Маҳмуди Фароҳонй заминдорона ва помещикона буд, вагарна он қадар давлату ҳашаматро аз куҷо меёфт?

менавишт. Охир девонбегӣ гуфт: навиштагиамон аз ҳадди шумор даргузашт, як ҳисоб бояд кард.

Хоҷа ба ӯ гуфт:

— Аҷаб коре кардӣ ва моро аз водии карам дур андохтӣ. Мо мехостем домани ба бағали ӯро пур кунем, нагузоштӣ.

Чун ҳисоб карданд панҷоҳ ҳазор танга шуда буд. 15 ҳазор танга барои хунбаҳо ҷудо карданд, панҷ ҳазор тангаи дигар ба вакили хунбаҳоталаб ва панҷ ҳазор тангаро барои он панҷ навкар, ки бо муддаӣ омада буданд, инъом карданд ва 25 ҳазор тангаи бокимондаро Хоҷа ба он ҷавон дода гуфт:

— Якчанд рӯз дар шаҳри Ҳирот сайру тамошо кунед ва баъд аз он ба хонаи худ рӯ оваред».

Восифӣ мегӯяд: бародари калонтари хоҷа Маҳмуд Абулфазл ном дошт. Ӯ хати насталиқро[1] ба ғоят хуб менавишт. Боре як қитъаеро, ки бо хати Султоналӣ навишта шуда буд, ба коғазе навиштааст ва онро ба Султоналӣ нишон додаанд. Султоналӣ дар шубҳа афтодааст, ки он хати худаш бошад ё не, яъне ба дараҷае хушхат буд, ки Султоналии хушнависи машҳур хати ӯро хати худ гумон кардааст.

Восифӣ мегӯяд: хоҷа Абулфазл фақирро чиҳил рӯз дар Фароҳ нигоҳ доштанд, чунон хизматҳо, такаллуфҳо ва меҳмониҳо карданд, ки подшоҳонро он гуна меҳмонӣ муяссар намешуд. Баъд аз чиҳил рӯз вақте ки моро иҷозат доданд ба ин камина аспе бо зину лаҷом таъин намуданд, ки монанди он таковари хушрафтор дар марғзори ҷаҳон дида нашудааст.[2] Аз барои бародар[3] ва шогирди фақир низ аспҳои муносиб бо зину лаҷом муқаррар карданд. Сарупои лоиқ низ карам намуданд ва то корвонгоҳ, ки аз Фароҳ то он ҷо ним фарсах (4 километр) роҳ буд, ҳамроҳӣ карданд ва дар он ҷо фаро-

---

[1] *Хати насталиқ* — хатест, ки ба асоси хати насх ва таълиқ тартиб ёфтааст. Қитобҳои нодири форсӣ-тоҷикӣ бо ҳамин хат навишта шудаанд. Устодони ин хат Миралӣ ва Миръимод мебошанд.

[2] Чунон ки мо дар ёддоштҳои оянда хоҳем дид, Восифӣ барои ба Систон рафтан ба тарзи гуреза баромада буд. Маълум мешавад, ки дар Фароҳ бо ёрии хоҷа Абулфазл соҳиби асп ва харҷи роҳ шуда будааст.

[3] Мо дар ёддоштҳои Восифӣ танҳо дар ин ҷо дидем, ки ӯ бародар доштааст. Аммо ӯ дар ҳеҷ ҷои дигар аз тақдири ин бародари худ гап намезанад.


# BADAYE'-AL-WAQAYE'

OF

ZAYN-AL-DIN MAHMUD

WĀSIFI

*Persian critical text composed from 25 manuscripts and introduction*

BY

Professor A. N. BOLDYREV

Chairman of Iran section of oriental Faculty of Leningrad University

Second publication · Volumes 1-2

*Oriental Institute of Academy of Sciences USSR*

*Oriental Faculty of Leningrad University*

*Tadjik SSR Academy of Sciences*

*Iranian Culture Foundation*

Under the direction

of

*P. N. Khanlari*

Editor of second publication

*Kamal S. Aini*

Нашри тозаи матни илмӣ-интиқодии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ.
Бо ҳамкории Институти шарқшиносии АФ СССР, Университети давлати Ленинград, АФ Тоҷикистон ва Бунёди фарҳанги Эрон.



Саҳифаи якуми тарҷумаи тоҷикии «Қамар». Хатти С. Айнӣ, 1928.




Муковаи нашри точикии романи «Камар».



فیر دیناند دوشین.

FERDINAND DUGHENES

# قمر.

رومان.

از اوزبکی بتاجیکی ص. عینی.

نشریات دولتی تاجیکستان

سمرقند 1928.

Сахифаи якуми нашри точикии «Қамар».



Алишери Навоӣ.
Амали Маҳмуди Музаҳҳиб.




Сурати Абдуллои Ҳотифӣ.

Муҳаммади Молонӣ Пахлавони оламро ба саломатӣ бар замин гузошта, даст аз вай боздошт.

Восифӣ дар охири ин ёддошти худ байти зеринро навиштааст:

Худое ки болову паст офарид,
Забардасти хар даст даст офарид.

## ДАР БОРАИ МУБОРИЗА КАРДАНИ ПАҲЛАВОН МУҲАММАДИ МОЛОНӢ БО ФИЛ

Восифӣ аз Мирмуҳаммад Юсуф нақл карда мегӯяд: дар соли 900 ҳиҷрӣ (1495) вақте ки султон Ҳусайнмирзо дар яйлоқи Чилдухтарон хайма ва саропарда зада буд, аз подшоҳи Деҳлӣ ба ӯ як фил бо қумошҳои ҳиндӣ тӯҳфа омад. Он фили манглусӣ буд. Мардумоне, ки Ҳиндустонро саёҳат карда буданд, мегуфтанд, ки мо дар мамлакати Ҳинд филе ба ин азимат надидаем.

Он фил гӯё кӯҳе буд, ки аз куллааш аждаҳоеро овехта ва чаҳор сутун дар зери он Бесутун ангехта буданд.

Султон гуфт: — Худо накарда агар одамӣ гирифтори вай шавад, чӣ гуна ҷон аз дасти ӯ тавонад раҳонид.

Паҳлавон Муҳаммади Молонӣ бо оҳанги ғурур ва истезҳо гуфт: — Шоҳо, он чӣ гуна одамӣ бошад?

Подшоҳ, ки ин сухан шунид, бар худ печид ва аз паҳлавон ба ғоят ранҷид ва дар дили худ гуфт: «Ин чӣ кибру худбинӣ ва худнамоӣ аст, ки паҳлавон изҳор кард:

Ту ғарра машав ба зӯри сарпанҷаву даст,
К-он ҷо ки зиреҳгарaст, пайконгар ҳаст».

Баъд аз пароканда шудани аҳли сӯҳбат султон амир Саидбадрро талабид ва ба ӯ шикоят кард, ки «паҳлавон чӣ лофе буд, ки зад?».

Саидбадр гуфт: — Ҳамон фил боди калонгирӣ ва худписандиро аз димоғи паҳлавон берун хоҳад овард.

Султон филбонро талабид ва ба ӯ гуфт: — Мехоҳам, ки паҳлавон Муҳаммади Молониро адабе кунам ва ӯро гӯшмоле диҳам. Бояд, ки филро бар паҳлавон барангезӣ ва ӯро тез кунӣ, ки вайро танбеҳе кунад.

Филбон гуфт: — Шоҳо, магар зуд аз ин фил дилгир шудаед? Он гурзе, ки паҳлавон дорад ва агар бо он бар сари фил занад, мағзҳои вай пош мехӯрад. Рӯзе ки паҳлавон хабари омад-омади филро шунид, он гурзро со-

зонда буд ва вазни он гурз ҳафт ман аст ба санги Хуросон[1]. Паҳлавон он гурзро ҳамеша бо худ дорад.

Султон ба Саидбадр гуфт: — Ин ҳинду рост мегӯяд.

Саидбадр гуфт: — Ман паҳлавонро аз он гурз ҷудо месозам.

Чун Саидбадр ба хонаи худ боз гашт ба паҳлавон Муҳаммади Молонӣ кас фиристода ба ӯ расонид, ки «Ман аз лоф ва калонгирии фарзандон ба ҷон омадаам: яке мегӯяд, ки: «Ман гурзи паҳлавонро кор фармуда метавонам», дигаре мегӯяд, ки: «Ман он гурзро чанд навбат пайдарҳам ба ҳаво меандозам ва боз мегирам», саввум мегӯяд: «Ман он гурзро ба даст гирифта сад бор бефосила ба ҳаво бурда гирд мегардонам». Шумо марҳамат карда он гурзро фиристонед, ки бо озмоиш, гардани даъвои ин лофзанонро нарм созам.

Паҳлавон аз ин макр ғофил монда, гурзи худро ба Саидбадр фиристод.

Саидбадр баъд аз ба даст даровардани гурз фавран ба пеши султон рафта ба ӯ гуфт:

— Мо кори худро тамом кардем, дигар шумо медонед.

Султон Тайфури пайк (шотир)-ро ки ҳамаи муқаррабони даргоҳ ҳалқаи бандагии ӯро дар гӯш доштанд, фиристод, ки паҳлавон Муҳаммади Молониро дарҳол биёрад ва ӯ ба ҷома ва мӯза пӯшидан машғул нашуда ва ба ҳар вазъияте ки бошад, зуд ояд.

Паҳлавон дар хаймаи худ дар хоби нимрӯзӣ буд, ки Тайфур ба ӯ рафта фармони султонро расонид. Паҳлавон аз аҳвол пай бурда ба ходимони худ гуфт:

— Зуд рафта гурзро аз Саидбадр биёред!

Тайфур гуфт: — Ҳоло ба гурз мунтазир шудан мумкин нест, бояд ҳамин ҳоло ба дарбор ҳозир шавед.

Паҳлавон аз рӯи пироҳан такбанде ба миён баста яктахе аз рӯй пӯшида бо кафши сарипой (бемӯза) рӯ ба даргоҳ овард.

Султон пеш аз фиристодани Тайфур ба филбон фармуда буд, ки чанд шиша шароб ба ҳалқуми фил рехта, вайро сармаст карда буданд. Чун паҳлавон ба саропарда наздик расид, фармон дод, ки филро ба ӯ ангезонда сар диҳад.

Паҳлавон дид, ки фил ба тарафи ӯ ба қасди ҳуҷум меояд, дарҳол яктаҳи худро аз тан кашид ва дасторашро

[1] Ҳафт ман ба санги Хуросон тахминан як пуд мешавад.

ба вай печида ба каноре ҳаво дод, остини пироҳанро то оринҷ барзад, домани пироҳанро дар такбанде ки ба миён дошт, устувор кард ва як пои худро пеш ниҳода ба муқобили фил мустаҳкам истод.

Фил хартуми манорамонанди худро ҳамоилвор бар дӯши паҳлавон ниҳода, дар зери бағал устувор карда пеш кашид, ки пошнаҳои пои паҳлавон қариб аз замин бардошта шуд. Чун қуввати дигаре ба кор даровард танҳо нӯгҳои ангушти пои ӯ бар замин монд.

Паҳлавон ба худ андешид, ки агар фил як зӯри дигар ба кор барад, ӯро чун гирдбод бар ҳаво бурда бар замин хоҳад зад, ки устухонҳои ӯ рез-рез мешаванд. Бинобар ин паҳлавон лангаре андохт, ки ҳар ду кафи пояш бар замин қарор гирифт ва худ ба зери фил майлон карда бар шиками ӯ бо қондаи гӯштигирӣ линги камарӣ задан сар кард.

Фил ба он зарбаҳо тоб наёварда гирд гаштан гирифт. Филбон дарҳол худро аз болои фил ба зер андохт ва фил пуштнокӣ ба замин ғалтид, ки чор пои ӯ монанди чор сутун бар ҳаво рост шуд.

Ғиреви таҳсин ва офарин аз халоиқ бархост. Султон фармуд ки як боркаш (лаълӣ) пур аз зари сурху сафед оварда, бар сари паҳлавон нисор карданд ва фашангхо оварда филро бо онҳо бардошта аз ҷояш рост бархезониданд.

* * *

Баъд аз чанд рӯз филбон ба пеши паҳлавон омада гуфт:

— Аз он рӯз боз, ки шумо филро ғалтондед ва ӯро забун сохтед, вай кинаи шуморо дар дил гирифтааст ва шабҳо чашм аз хаймаи шумо намеканад. Метарсам ки ман ғофил монам ва аз ин ҷонавар нисбат ба шумо ҳаракати баде сар барзанад ва ман ҳам дар балои вай гирифтор гардам.

Паҳлавон гуфт: — Ту имшаб мустаҳкам кардани филро салҳ гир ва худро ба нодонӣ зада гузор, ки ба ҷониби мо ояд ва мо ӯро «меҳмондорие» кунем, ки баъд аз ин, аз ин гуна дағдағаҳо дар хотири вай намонад.

Чун намози шом шуд, паҳлавон ба ходимони худ фармуд, ки ҷойхоби ӯро дар даруни хайма — дар пеши сутун паҳн карданд, яктаҳи ӯро бар рӯи ҷойхоб пӯшонданд ва

дасторашро ба тарафи саргаҳи ҷайхоб гузошта чунон сохтанд, ки гӯё паҳлавон дар он ҷо хобидааст.

Баъд аз он паҳлавон гурзи худро гирифта бо ҷамъе аз ҷавонон дар гӯшае нигарон нишаст. Чун ду пос аз шаб гузашт, диданд, ки фил аз ҷониби ӯрду монанди кӯҳи сиёҳе пайдо шуд ва ба дари хайма омада ба атроф ва ҷавониб нигоҳ карда, худро ёзонда ба дарун даромад ва паҳлавонро дар бистар гумон карда вайро дар зери синаи худ гирифта ба молиш додан сар кард.

Паҳлавон бо ҷамоати худ расида омада, танобҳои хаймаро канданд ва аз ҳар тараф бар пойҳои фил печонданд, паҳлавон бо он гурз бар бадани фил задан гирифт ва фили бечора ба фарьёд кардан даромад, чунон, ки ҳама аз дуру наздик хабардор гардида ҳайёҳуй бардоштанд. Султон аз хоб бедор шуда пурсид ки:

— Ин чӣ ғулғула ва ғавғо аст?

— Шоҳо, фил бар сари паҳлавон шабехун овардааст ва паҳлавон хабардор шуда, ӯро дар зери зарбу лат кашида аст! — гуфтанд.

Султон машъалҳо афрӯхта, қариб бо ҳазор кас аз аҳли дарбор савор шуда ба хаймаи паҳлавон расида омаданд.

Подшоҳ ба паҳлавон наздик расида:

— Эй паҳлавон, мурувват! — гӯён фарьёд баровард. Паҳлавон пеш давида ва зону зада гуфт:

— Шоҳо! Ин ҷонавар маро қариб тамоман ҳалок карда буд. Алҳамду лиллоҳ, ки ба баракати давлати шумо хабардор шуда, адабашро додам.

Султон гуноҳи филро аз паҳлавон талабида, ӯро халос гардонид, ки ба филхонааш баргардониданд.

Пагоҳонӣ султон чанд сар аспу гӯсфанд кушта тӯй дода паҳлавонро бо фил оштӣ дод.

## ЁДДОШТИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ ХОҲАРЗОДАИ ПАҲЛАВОН АБӮСАИД — ДАРВЕШМУҲАММАД

Восифӣ аз хоҷа Маҳмуди Тойбодӣ накл карда мегӯяд: Паҳлавон Муҳаммад Абӯсаидро хоҳарзодае буд, ки Дарвешмуҳаммад ном дошт. Ӯ дар ҳафдаҳсолагӣ толибилми хуб шуда буд. Устоди ӯ Мавлоно Шайхҳусайн мегуфт, ки: «Дарвешмуҳаммад бо ҳар касе, ки ба мунозара дароянд, маро ба ҳоли он кас раҳм меояд. Зеро ки Дарвешмуҳаммад то он касро ба замин нашинонад ва мулзам накунад, даст аз вай боз надорад».

Аммо чунон ки мегӯянд «дар ҳар чиз як офат бошад, дар илм офатҳост». Дарвешмуҳаммадро офат расид: дар Ҳирот овозае пайдо шуд, ки Паҳлавоналии Рустой ном паҳлавоне аз Ироқ раҳсипори Хуросон шудааст. Ӯ чунон паҳлавонест ки аз подшоҳон маншури (ярлики) забардастӣ ситондааст. Ӯ даъво мекардааст, ки «ба Хуросон меравам, паҳлавонмири такьянишин[1] (Муҳаммад Абӯсаид)-ро халқабагӯш мекунам».

Бо шунидани ин хабар паҳлавон Муҳаммад Абӯсаид хоҳарзодаи худ — Дарвешмуҳаммадро аз таҳсили илм боздошта ба варзиши гӯштигирӣ даровард. Ӯ даҳ нафар ҷавонони навхезро фармуд, ки ҳар рӯз бо Дарвешмуҳаммад ягон-ягон талош мекарданд ва ӯ ҳар кадоми онҳоро дар гӯштӣ меғалтонд.

Паҳлавон Абӯсаид баъд аз он дар ҳар бор ду касро ба муқобили Дарвешмуҳаммад монд. Вақте ки ӯ иқтидори ба ду кас ғалаба кардан пайдо кард, се касро ва баъд аз он чор касро фармуд, ки бо Дарвешмуҳаммад якбора гӯштӣ мегирифтанд ва ӯ ҳар чаҳори онҳоро ҳам болои ҳам ба хок мехобонид ва забун мекард.

Баъд аз он паҳлавон фармуд, ки қанореро пур аз реги намнок карданд, ки ба санги Хуросон сад ман (тахминан 12 пуд) меомад. Дарвеш як дасти худро дар зери қанор медаровард ва бо дасти дигараш аз гулӯгоҳ гирифта аз замин бардошта аз болои сари худ гузаронида ба қафо мепартофт. Кам-кам вазни реги ин қанорро ба дусад ман (24 пуд) баровroutданд.

Баъд аз он паҳлавон фармуд, ки ҷуволеро пур аз рег карда ба равзани хона овехта, ҷавонон банди вайро нигоҳ дошта меистоданд. Вақте ки Дарвешмуҳаммад дар зери ҷувол дар баробари равзан омада меистод ҷавонон аз нигоҳдории он ҷувол даст боз медоштанд. Ҷувол бо зарбаи пуршиддат ба китфи ӯ меомад ва ӯ он ҷуволро ба дастони худ гирифта ба дур ҳаво медод.

Чун варзиши Дарвешмуҳаммад ба ин дараҷа расид, паҳлавон Абӯсаид ба ӯ гуфт:

— Акнун дили мо як қадар ҷамъ шуд. Аммо ба ҳамин гуна варзишҳо давом кардан лозим аст.

---

[1] Бештари паҳлавонон ва ятимони (олуфтагони) Ҳирот ба тарзи қаландарон ба такьяҳо вобаста буданд. Паҳлавон Абӯсаид дар замони худ сардори такья буд ва ба вобастагони худ ошу нон медод. Баъд аз сари ӯ хоҳарзодааш — Дарвешмуҳаммад роҳбари такья шуд ва одати тағоии худро зинда дошт.

Баъд аз се сол, ки Дарвешмуҳаммад дар сар то сари ин муддат варзиш мекард, Паҳлавоналии Рустой ба Хуросон омад. Вақте ки паҳлавони мазкур ба деҳаи Кӯсу расид, паҳлавон Абӯсаид фармуд, ки гӯштигирони мӯътабари Ҳирот бо тӯҳфа ва ҳадьяҳо ба пешвози ӯ баромада вайро бо иззату эҳтироми тамом ба Ҳирот даровcovered.

Паҳлавон Абӯсаид фармуд, ки гӯштигирони Ҳирот паҳлавони меҳмонро 40 рӯз меҳмондорӣ кунад ва дар ин муддат Дарвешмуҳаммад боз варзишҳои дурусттар намояд.

Султон Ҳусайнмирзо аз Паҳлавони олам пурсид, ки дар бораи ин паҳлавон чӣ фикр доред ва кадом паҳлавонро бо вай гӯштӣ мегиронед?

Паҳлавон гуфт: — Ятимаке ҳаст, ки такьяро рӯфту рӯб мекунад, ин корро ба вай ҳавола мекунем.

— Он ятимак кист? — гуфта пурсид султон.

— Дарвешмуҳаммад! — гуфта ҷавоб дод Паҳлавони олам.

Султон дар ҳайрат ва тааҷҷуб афтода гуфт:

— Вай хурдсол аст. Баногаҳ беномӯсие рӯй надиҳад?

Паҳлавон гуфт: — Умед аст, ки сабаби обрӯ ва номӯс гардад.

* * *

Султон фармуд, ки ҳавзи Боғизоғонро хушконидаанд, даруни ҳавз майдони гӯштӣ муқаррар шуд, тамошобинон ба гирдогирди ҳавз ғун шуданд, султон, шоҳзодагон ва амалдорони бузург ба чортоқҳо нишастанд.

Паҳлавонон бараҳна шуда, танҳо дар зери тунбони гӯштигирӣ ба майдон даромада, бо ҳам рӯ ба рӯ шуда ба якдигар овехтанд.

Дарвешмуҳаммад Паҳлавоналии Рустоиро монанди тифле аз замин боло бардошта ва бар сари даст гирифта чархе зада бар замин зад, ки замини майдон ба ларза даромад ва аз сар то пошнаи пои ӯ бар замин нақш баст. Ғиреви таҳсин ва офарин аз халоиқ баромада ба фалак печид.

Паҳлавоналӣ аз ҷой бархоста дар гирья шуда ба подшоҳ гуфт:

— Шоҳо, ин ҷамоат сеҳр карданд ва маро бастанд, ки ёрои ҳеҷ ҳаракат намонд.

Султон гуфт: — Ин гуна суханҳо бемаънӣ аст. Агар

боз гӯштӣ гирифтан хохӣ то се навбат ба ту дастур ва ихтиёр дода мешавад.

Паҳлавоналӣ гуфт: — Агар ман одамӣ бошам ҳамин як бор бас аст.

Султон ба аҳли дарбори худ гуфт:

— Ҳар кӣ сари маро дӯст дорад, ба Дарвешмуҳаммад инъом диҳад.

Чунин гӯянд, ки дар он маърака сад ҳазор танга ба Дарвешмуҳаммад инъом омад. Ӯ ҳаман ин маблағро ба Паҳлавоналӣ дода гуфт:

— Маро ҳамин обрӯй ва эътиборе, ки дар ин гӯштӣ хосил шуд бас аст, шумо аз мамлакати худ умедвор ба ин диёр омадаед, дасти тиҳӣ наравед.

## ДАР БОРАИ МУФРИДИ[1] ҚАЛАНДАРИ БАҒДОДӢ ВА ҶАНГИ Ӯ БО ҲАЙДАРПАҲЛАВОНИ ҲИРОТӢ

Восифӣ мегӯяд: Дарвешаҳмади пилакаш, ки лангардори (такьядори) муфридони Хуросон буд, дар бозгашти сафари Ҳиҷоз (ҳаҷ) ҳамроҳи худ Муфриди қаландари бағдодиро овард. Муфридони Хуросон мегуфтанд: «Ҳаргиз мо ба ширинии андом ва зебоии пайкари ӯ касеро надидаем».

Ӯ тоқияи намадие ба шакли кулоҳхӯд (нӯкдор) бар сар ва ҷомаи намадии мағзидори зебое дар бар дошт ва ҷӯбдасти рости симпечкардашуда, ки се мани шаръӣ (тахминан се кило) вазн дошт, дар даст гирифта бар сари хиёбони Ҳирот омада овоз дод, ки: «Ман паҳлавонон, ятимон (олуфтагон) ва наҳангони панҷ дарвоза ва 9 булуки Ҳиротро ба ҷанги худ чеғ мазанам ва ҳар касе, ки ба муқобили манояд, агар чи Рустами Достон, Соми Наримон ва Исфандиёри замон бошад, ба ҳамин ҷӯбдаст бо вай ҷанг хоҳам кард».

Султон Ҳусайнмирзо, ки суханони он муфридро шунид, ӯро талабида ба ҳузури худ қабул кард. Қиёфа ва суханварии Муфрид ба подшоҳ хуш омада, ӯро пештари худ талабида ва даст ба тоқияи вай ниҳода гуфт:

---

[1] *Муфрид* — исми хос нест. Ин калима дар истилоҳи Хуросон дар асл ба маънои «бандаи фармонбардор» буд. Баъд аз он қаландарони сарсаригарди ҷангараро муфрид номиданд. Ин калима ҳам ба ятим, ки ба маънои олуфтааст, наздик аст, аммо муфрид бояд дар зери либоси қаландарӣ гардад.

— Мардона бош, ки илтифоте ба ҷониби ту дорем!

Чун хабари мақбули подшоҳ афтодани муфриди мусофир овоза шуд, шӯри аҷибе дар миёни ятимони (олуфтагони) Хуросон рӯй дод ва аз муомилаи султон нисбат ба Муфриди бағдодӣ рашк карда, ҳамагӣ бар муқобили ӯ бархостанд ва писари аламдорро, ки ятиме буд бағоят забардаст ва сăромади паҳлавонони Хуросон барангехтанд, ки бо Муфриди қаландари бағдодӣ биҷангад ва ин маънӣро ба арзи подшоҳ расониданд.

Подшоҳ талаби ятимони Хуросонро қабул карда, ҷанггоҳро дар лаби ҳавзи Боғизоғон қарор дод. Дар боғи мазкур чортоқи Муҳаммад Мӯъминмирзо буд, ки подшоҳ рӯзи ҷанг бо маҳрамон ва писарони худ дар он чортоқ ҷойгир шуд.

Муфриди қаландар ва писари аламдор чӯбдастҳои худро гирифта ба муқобили ҳам баромаданд, писари аламдор чӯбдасти худро алам гардонида (рост карда) бар сари Муфрид андохт. Дар вақти фуруд омадани ин чӯбдаст Муфрид сари худро пас кашид ва сари чӯбдасти писари аламдор бар замин бархӯрда, аз дасташ афтод. Ӯ мехост, ки чӯбдсти худро аз замин баргирад, дар ҳамин вақт Муфрид бо чӯбдасти худ бар баногӯши ӯ чунон зад, ки вай монанди алам бар замин ғалтид. Ғулғулаи таҳсин ва офарини халқ бар осмон баланд шуд.

Подшоҳ фармуд, ки боркаши (лаълии) пурзӯр оварда бар сари Муфрид нисор карданд. Дар натиҷаи ин ҷанг овозаи паҳлавонӣ ва забардастии Муфрид ба шаҳри Ҳирот паҳн шуд.

Аз дарвозаи Фирӯзободи шаҳри Ҳирот Ҳайдари тиргар ном ятиме буд, ки баҳодурон дар рӯзи ҷанг аз тири ҳаётшикофи ӯ алҳазар мегуфтанд. Ятимони Хуросон ӯро ба ҷанги Муфрид барангехтанд. Ӯ гуфт:

— Бо қаландаре ҷангидан номӯс ва обрӯи паҳлавонии маро зиён дорад.

Ятимон гуфтанд: — Алҳол ному номӯси ҳамаи паҳлавонони Хуросон барбод рафт, агар метавонӣ бо ӯ ҷангида он ному номӯсро бозовар!.

Ӯ ба ҷанги Муфрид розӣ шуд. Ин хабар ба султон расида ҳукм фармуд, ки дар вақти ҷангидани Ҳайдар ва Муфрид ҳамаи ятимони номдори Ҳирот ҷамъ шаванд.

Дар вақти ҷанги Муфрид чунон ки гуфтаанд:

— Пешдастӣ кун, ки набвад дастпеширо бадал — пешдастӣ карда чӯбдасте бар китфи Ҳайдар зад, ки

дасти ӯ аз кор баромад ва ӯро маҷоли чӯб андохтан намонд. Муфрид чахор чӯби дигар бар китф ва камари Ҳайдар зад. Аммо ӯ чунон рост истода буд, ки гӯё миле фӯлодӣ аст, ки дар қаъри замин ҷой гирифтааст.

Муфрид чӯби шашӯмро бардошта бар фарқи сари Ҳайдар рост овард. Султон мулоҳаза кард, ки агар ин чӯб ба Ҳайдар расад аз ҳастии ӯ ному нишон нахоҳад монд ва бинобар ин овоз баланд кард ки:

— Ой Муфрид! Ин чӯбро бар вай мазан!

Муфрид дар вақти фаровардани он чӯб ин нидоро шунид ва як чарх зада он чӯбро бар танаи дарахти чаноре, ки дар он ҷо буд, фуруд овард ва он чӯб дар дарахт ғӯта хӯрд.

Султон Муфриди қаландарро пеши худ талабид ва аз вай пурсид:

— Дар ҳаққи Ҳайдар чӣ мегӯӣ?

Муфрид гуфт: — Шоҳо, инсоф он аст, ки яке аз он панҷ чӯб ки ба Ҳайдар задам, агар бар ман мерасид чунон меғалтидам, ки то рӯзи қиёмат барнамехостам. Ҳайдар ҷаҳонпаҳлавон аст.

Ин сухан ба подшоҳ хуш омад. Ба Муфрид чор қабат либоси тукмадордор бо панҷ ҳазор танга ва ба Ҳайдар ҳам мисли он инъом намуд.

## ДАР БОРАИ ҶАНГИ МИРХАЛИЛ БО МУФРИДИ ҚАЛАНДАР

Восифӣ мегӯяд: дар Ҳирот Мирхалил ном саидзодае буд, ки саромади ятимони панҷ дарвоза ва нӯҳ булуки Ҳирот буд. Ҳамаи паҳлавонон дар ятимӣ сари таслим ба пеши ӯ фуруд оварда буданд. Дар ӯ хоҳиши ҷангидан бо Муфриди қаландар пайдо шуд ва ба пеши султон Ҳусайнмирзо омада гуфт:

— Маро орзуст, ки бо муфриди шумо биҷангам.

Подшоҳ бихандид ва гуфт:

— Моро муфриде нест. Аммо муфриди мусофире дар Ҳирот ҳаст, ки агар бо вай ҷангидан мехоҳед, шумо беҳтар медонед.

Дар ҳамин вақт Муфриди қаландар ба ҳузури султон даромада омад ва подшоҳ ба ӯ гуфт:

— Саидзода Мирхалил бо ту ҷангидан мехоҳад, ту чӣ мегӯӣ?

* * *

Дар ин ҷо ҷанги Муфриди қаландар ба асоси ёддошти Восифӣ ба охир расид. Мо мехоҳем, ки ба муносибати гӯштигириҳои паҳлавонон ва ҷангҳои ятимон нуктаҳои зеринро аз тарафи худ қайд намоем.

Аз ин воқеаҳо якчанд ҳолатҳои хуб ва бадро хулоса карда баровардан мумкин аст. Ин воқеаҳо дар он замонҳо, нисбатан боло рафтани риёзатҳои баданиро нишон медиҳанд. Хусусан тарбияҳои баданӣ, ки паҳлавон Муҳаммад Абӯсаид ба хоҳарзодаи худ — Дарвеш дод, ибрангез аст. Аз миёнаи олимон ва донишмандон баромадани ин гуна паҳлавонон диққати касро боз ҳам зиёдтар ба худ мекашад.

Инчунин нисбат ба замони худ хеле боло рафтани ҳунари ҷарроҳӣ ва шикастабандӣ ҷои таҳсин аст. Хусусан дар гаҷ гирифтани устухонҳои шикаста, ки то замони мо дар амал ҷорӣ аст, дар он замон хеле пеш рафтани ин ҳунарро нишон медиҳад.

Дар баробари ин ҳолатҳои хуб хеле чизҳои бадро ҳам аз ин воқеаҳо фаҳмидан мумкин аст: ҷангҳои ваҳшиёнаи ятимон (олуфтагон) ва паҳлавонон бо ҳам ва то ба куштани якдигар тайёр будани онҳо аз ҳолатҳои бад ҳисоб меёбанд. Ин аҳвол аз хусусиятҳои ҷамъияти ҳамон давр буда, мо монанди инҳоро пешҳо дар Европа ба сифати дуэль ва ҷангҳои якка ба яккаи рыцарьҳо дидаем. Дар ин аҳволи бад бештарин бетарбиятӣ, ё тарбия карда натавонистани Ҳусайн Бойқаро сабаб шудааст. Чунончи, мо дидем, тарафдорӣ кардани ӯ ба як ятими (олуфтаи) сарсаригард ба муқобили дигар ятимон ба чӣ қадар фасодҳо сабаб шуд. Натиҷаи дар корҳои авбошон ва олуфтагон бетартибона тадохул кардани Ҳусайн Бойқароро мо дар ёддошти зерини Восифӣ боз ҳам равшантар хоҳем дид.

## ЁДДОШТИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ БЕТАРТИБИҲОИ ЯТИМОНИ ҲИРОТ ВА ҶАЗОҲОИ ВАҲШИЕНАЕ, КИ БА ОНҲО ДОДА ШУД

Восифӣ аз Мавлоно Соҳиби Доро нақл карда мегӯяд: дар соли 903 (1498) дар Ҳирот гурӯҳе аз авбошон ва лавандон пайдо шуданд, ки шабҳо маҳаллае набуд, ки дар сари кӯчаи вай кушта ё маҷрӯҳе наандохта бошанд.

Чун фитна ва фасод аз ҳад даргузашт султон Ҳусайн-мирзо рӯзи ошуро (даҳӯми муҳаррам) либоси сурх дар бар ва тоҷи кирмиз бар сар ниҳода ҳукм кард ки: «Дар ҳар кӯча ва маҳалла, ки авбош ва бадмаош бошад, бошандагони он ҷо дастгир карда ба дарбор биёранд, вагарна аҳолии он ҷо тороҷ хоҳанд шуд».

Мувофиқи ҳамин фармоиш бадгардонро дастгир намуда, ҳар гуна азоб ва уқубат додан гирифтанд: баъзеро мекуштанд, баъзеро аз шикам мех мезаданд, баъзеро дами оҳангарӣ ба мақъад ниҳода дам мекарданд, баъзеро арра бар сар кашида ду нимаи баробар мекарданд ва баъзеро аз бағал овехта ва сангҳои вазнин бар пояш банд карда аз миёнаш қалам мекарданд; дар миёни ин ҷамоа аз бегуноҳон ҳам каси бисьёре талаф шуданд.

Чун ин аҳвол ба гӯши султон расид, таҳқиқи ин корро ба Мир Алишер Навоӣ ҳавола намуд.

Дар он вақтҳо дар Ҳирот ятиме (олуфтае) буд, ки ӯро Носири рангрез мегуфтанд. Ӯ дар водии ятимӣ назир надошт, ҳар рӯз, дар ҳар соат бар сари ҳар кӯй алами фитна ва ошӯб меафрошт. Ӯ чунон ҳозирҷавоб, тезҳуш, донишманд ва суханвар буд, ки аз вай латифаҳои намакин ва зарофатҳои рангин нақл мекарданд. Ӯро дастгир карда пеши Мир Алишер оварданд.

Мир дар ятимӣ ва авбошии ӯ гувоҳ хост. Чор толибилм бар ин маънӣ гувоҳӣ доданд.

Мир ба Носир гуфт: — Ҳеҷ радде ба муқобили ин гувоҳон дорӣ?.

Ӯ ба гувоҳон нигоҳ кард, ки дар тан пӯстини «бур» доштанд ва ба онҳо хитоб карда ин оятро хонд:

— «Ва занантум заннассавъи ва кунтум қавман буро» (шумо гумони бад кардед ва ҳол он ки шумо қавми ҳалокшуда мебошед!)[1].

Мир Алишер аз ин ҷавоби Носир хандон шуд ва ӯро аз ятимӣ тавба дода озод кард.

Баъд аз се рӯз боз Носирро ба гуноҳи ятимӣ дастгир карда оварданд. Ин дафъа ҳам ӯ бо латифагӯиҳои мувофиқи мақом халос шуда рафт. Баъд аз як ҳафта боз

---

[1] Дар ҷумлаи «пӯстини бур» калимаи «бур» ба маънои як ҷонавари муайян аст, ки аз пӯсташ пӯстин медӯзанд. Аммо Носир ба тариқаи лафзбозӣ аз Қуръон оятеро хондааст, ки дар он ҷо «бур» ба маънои «ҳалок» аст ва ин, дараҷаи баланди муносибгӯӣ, тезфаҳмӣ ва ҳозирҷавобӣ аст.

аз шаш моҳи дигар хоҳад омад. Иксири андаке, ки ҳаст ман мехоҳам ба иловчи озори пои ҳазрати шоҳ ба кор барам.

Кимиёгар фармуд, ки то чиҳил рӯз ҳар рӯз ба пойҳои султон равған моланд ва рӯзи чиҳилӯм ӯро ба ҳаммом бурда иксир молида тамом дуруст кунад, ки ӯ аз ҳаммом ба пои худ пиёда баромада ба хонаи хоси худ омадан тавонад.

Кимиёгар дар ин рӯзҳо ҳар рӯз ба зиёрати мазороти Ҳирот мебаромад. Аммо дар ин зиёратҳо султон сад саворро ба ӯ ҳамроҳ карда буд, ки нафасе аз вай ҷудо намешуданд.

Рӯзи чилум расид. Кимиёгар фармуд ҳаммомро гарм карданд. Ӯ гуфт: «Дар ҳаммом бояд подшоҳ бо ман танҳо дароянд ва каси дигаре дар он ҷо набошад, то ки ман пайкари ҳумоюнро тамоман бараҳна намуда, илоҷ карда тавонам».

Султонро Будна ном маҳраме буд, ӯ аз ин таклифи кимиёгар бад бурд ва дар ҳаққи ӯ бадгумон шуд, харчанд ба изҳор кардани ин гумони худ ҷуръат накард, лекин ба подшоҳ арз кард ки:

— Ман як нафас бошад ҳам, аз зоти олӣ ҷудо шуданро намехоҳам. Ҳамроҳ будани ман дар ҳаммом дар табобат зарар намекунад, балки ба ягон кор ёрӣ расонданам мумкин аст. Ман дар ҳар ҳол ва ҳама вақт маҳрами подшоҳ мебошам. Дар ин кор ҳам бояд маҳрам бошам.

Ба подшоҳ ин таклифи Будна мақбул афтод ва ӯ ба кимиёгар гуфт:

— Барои дар ҳаммом ҳамроҳ будани ин маҳрам аз тарафи ман ҳеҷ монеъ нест, таклифи ӯро ман қабул кардам, шумо ҳам бояд қабул кунед!

Кимиёгар аз ин таклиф рӯи худро турш карда дигаргун шуда бошад ҳам, ба қабул кардан маҷбур шуд.

Султонро ба гармхона бурда ниходанд ва ҳамаи ходимон ғайр аз Будна берун рафтанд. Кимиёгар ҳам бо «дору ва дармонҳои худ» ба ҳаммом даромад. Будна, ки бадгумон буд, ӯро бо диққат аз назар гузаронид ва дид, ки дар зери лунгӣ дар як рони ӯ чизе ҳаст ва оҳиста ба подшоҳ гуфт:

— Шоҳо, мулоҳаза фармоед! Чаро як рони ӯ аз дигараш калонтар ва барҷастатар аст?

Султон ба ӯ бадиққат чашм андохт ва ба Будна гуфт:

— Рост мегӯй, тафтиш бояд кард.

Будна ба як хез ба кимиёгар наздик шуда лунгиро аз бадани ӯ канда гирифт, ки бар рӯи рони чапи ӯ як корди дудамаи калон овезон аст. Будна бо як маҳорат ва чобукӣ он кордро аз ғилофаш кашида гирифт.

Чун сирри кимиёгар фош гардид, ӯ ба султон гуфт:

— Эй султон Ҳусайн! Аҷаб толеи қавӣ доштаӣ! Агар бахт ба ту ёрӣ намедод, ту ва ин писарак агар сад ҷон дошта бошед ҳам, якеро аз дасти ман ба саломат намебурдед.

Подшоҳ фармуд, ки кимиёгарро дар ҳамон вазъияти бараҳна ба ароба савор карда, ба Хиёбони Ҳирот бурда бар дор кашида тирборон кунанд.

## ҲИКОЯТИ ТОҶУННАСАБ ВА ПИСАРИ НАҚИБИ НИШОПУР

Восифӣ мегӯяд: дар атрофи масҷиди Ҷомеи Ҳирот ҷамъе аз ёрон баъд аз намози ҷумъа ҳамроҳи Мавлоно Сафиуддин Алӣ (писари Мавлоно Ҳусайни Воиз) сайр мекардем. Дар ҳамин вақт ҷавоне дар ғояти ҳусну ҷамол ва дар ниҳояти латофату камол пайдо шуда, салом карда ба мавлоно гуфт:

— Писари Мавлоно Ҳусайни Воиз шумоед?

— Бале! — гуфт Мавлоно Сафиуддин.

— Бандаи каминаро ба маҳдум ҳикояте аст. Лекин арзи он хилват талаб мекунад, агар хилват муяссар шавад, ба арз расонида мешавад,— гуфт он ҷавон.

Мавлоно ҳамаи ёронро ғайр аз фақир рухсат дод ва ба он ҷавон маро ишорат карда гуфт:

— Ҳар чизеро, ки ман маҳрам бошам, ин ҳам маҳрам аст.

Баъд аз он ҷавонро гирифта ба гӯшае нишастем ва ӯ гирьён шуда гуфт:

— Маҳдумо! Ман писари нақиби Нишопур мебошам ва солҳо буд дар орзуи саёҳат ва тамошои шаҳри Ҳирот будам. Аммо падарам рухсат намедод. Оқибат бе иҷозати падар бо маблағе мол раҳсипори Ҳирот шудам ва омада ба корвонсарои Мираки Сарроф, ки дар дарвозаи Ироқ аст, манзил гирифтам.

Баъд аз он ки шабе дар он ҷо истироҳат кардам, рӯзи дигар вақти пешин хостам, ки дар шаҳр сайре кунам

ва аз корвонсаро баромада, ба тарафи дарвозаи Малик рохӣ гаштам. Рафта-рафта гузори ман аз Масрах (кӯчаи Кӯшкхои баланд), ки он ҷо «Доруллутф» (Хонаи латофат) ва хароботи шахри Хирот будааст, афтод. Мегӯянд, ки дар тамоми рӯи замин монанди вай ишратхонаро касе ёд надорад.

— Дар он ҷо ба кӯчае расидам, ки як мил (3 километр дарозӣ дошт. Дар ду тарафи он кӯча иморатхои сеошьёна қатор бино ёфта буданд, ки хар кадоми онхо дар тарафи кӯча дарчахо, панҷарахо ва тобадонхои тиллокӯб ва лоҷувардӣ дошт ва хар хонаи он кӯча аз овози созу навоз ва садои тарабафзои дафу наю уду чангу барбат аламн шодмониро ба олами боло меафрошт.

Дар асноп сайр ногох дидам, ки нозаниндухтари парипайкари хурманзаре сар аз дарича берун баровард, гӯё мохи чордахшаба аз зери абр чехра берун сохт ва ё офтоби оламтоб аз бурҷи хамал бар оламиён партав андохт.

Чун ӯро дидам, дил аз даст додам ва монанди девонагон ошуфта, саросема ва хайрон ба куҷо рафтани худро надониста рохӣ шудам ва аз он ҷо гузашта ба дари сарое расидам, ки аврате дар пеши он сарой бар лаби ҷӯи об нишаста буд. Чун ӯ маро дид ва аз ошуфтагии зохири холам ба ахволи дили пурандӯху малолам пай бурд, гуфт:

— Эй ҷавон, ҷаро худро ба нодонӣ мезанӣ ва аз пеши ман ба истиғно мегузарӣ? Ту ба ҷое нарасидаӣ, ки бе ёрмандӣ ва рохбарии ман рох ба мақсуди хеш барӣ. Он ки шахбози ишқаш мурғи дили туро сайд кардааст, қароргохи ӯ сари дасти ман аст ва он новаке, ки ба синаи ту халидааст, аз дасти ман. Маро Тоҷиннасаб меноманд ва агар ду тагал бар сари ду кӯх бошанд, ман ки ду лаб бар хам мезанам онхо бе ихтиёр бо хам мепайванданд. Ту мехохӣ, ки бе миёнаравии ман ба он паричехра восил шавӣ. Ин хаёли мухол аст.

Ман ки ин суханхои ӯро шунидам, беихтиёр селоби хасрат аз дида равон карда, рӯи аҷз ба пеши ӯ ба хоки ниёз ниходам ва гуфтам:

— Эй модар! Дасти умеди ман ба домани иноятн туст ва хусули муроди ман вобаста аст ба химмат ва химоятн ту!

Ӯ гуфт: — Ту чӣ касӣ, чӣ ном дорӣ ва аз куҷо меоӣ?

Ман дар ҷавоб хамаи ахволи худро то гирифтор шу-

данам ба доми зулфи он парипайкар ба тафсил ҳикоя кардам. Ӯ гуфт:

— Ғам махӯр, ки ихтиёри он духтар дар қабзаи ихтиёри ман аст, ки ман дояи ӯ будам, инак, модари ӯ ҳам манам. Туро толеъ раҳбарӣ ва иқбол ёварӣ карда, ки ба ман вохӯрдӣ. Ман ки туро дидам, чоман мувосалати он духтарро ба комати ту буридам.

Ман бо худ сесад танга доштам, ки пеши ӯ ниҳодам ва гуфтам:

— Маъзур дор, ки ҳоли ҳозир дар пеши ман танҳо ҳамин буд, боз ба ту хизматҳо хоҳам кард.

Ӯ гуфт: — Эй ҷони модар! Зарҳои худро ҳоло харҷ макун. Баъд аз ин туро зар бисёр даркор хоҳад шуд. Ман аз они туам.

Ман бо аҷзу зорӣ ва узру миннатдорӣ он зарро ба ӯ қабул кунондам. Ӯ гуфт:

— Ҳоло ба амони худо ба манзили худ рав! Ман падару модари ӯро мебинам ва баъд аз се рӯз натиҷаро ба ту хабар медиҳам.

Ман ба корвонсаро баргашта омадам. Хизматгорон ба ман гуфтанд:

— Шуморо чӣ рӯй додааст, ки ба ҳоли худ наменамоед ва афсурдахотиру парешондил менамоед?

Ман ба онон ҳоли «бемории худ»-ро сабаб гардонда, рӯи кори худро пӯшондам ва баъд аз се рӯз боз ба он ҷо расидам ва дар эъзозу эҳтироми он зан кӯшидам ва ӯро тира ва андӯҳгин ёфта, дар паи таҳқиқи ҳолаш шитофтам. Ӯ гуфт:

— Эй ҷони модар! Вақте ки ман номи туро ба миён овардам қавму қабилаи он духтар ғавғо оғоз карда, дари фитнаву ҷанг боз карданд ва гуфтанд: «Ту девона шудай ва аз ақлу хирад бегона гаштай, ки ин маъниро ба миён меорӣ! Ту худ медонӣ, ки чӣ гуна бузургон барои ӯ хостгорӣ карда, дар талаби ӯ ҷону моли худро ба миён оварданд, аммо розӣ нашудем. Агар он касоне, ки толиби ӯянд, аз ин маънӣ хабар ёбанд, бар сари ин кор сад сар ба бод хоҳад рафт».

Бо шунидани ин хабар оташи ман тезтар гардид ва маблағи дусад хонӣ[1] ки дар ҷайб доштам дар пеши ӯ гузоштам ва гуфтам:

— Дар пои ту резам он чи дар дасти ман аст, чӣ

---

[1] *Ҳар хонӣ* — шаш тангаи он замон.

мешавад, ки бар ҳоли ман раҳм орӣ ва онҳоро бар сари ислоҳ биёрӣ?

Ӯ гуфт: — Он чи аз дастам ояд аз барои кори ту дареғ надорам. Мардона бош ва ғам махӯр, ки ба муроди хеш комрон хоҳӣ шуд. Баъд аз ду рӯз аз ман хабар гир!

Дар сари ваъда боз ба пеши он зан рафтам, дидам, ки дар пеши ӯ ҷавоне ятимваш (олуфтаранг) нишаста, ки аз гиреҳи абрӯи ӯ дили бинанда мекафид ва аз заҳри чашмаш коми ҷон ҷоми талхӣ мечашид. Ман аз он ҷавон дар шубҳа афтодам. Он зан ба ин аҳволи ман пай бурда гуфт:

— Ту аз ин ҷавон шубҳа мабар, ки ӯ писари ман аст ва туро дар ин кор ёрмандиҳо хоҳад расонид — ӯ рӯйхате ба дасти ман супурда гуфт: — Ту бо ин писар ба тими баззозӣ рав ва ҳар чизе, ки дар ин рӯйхат ҳаст, харида ба ман ор. Ҳар гоҳ ин чизҳоро қавму ақрабои духтар диданд, маҷоли сухан намеёбанд ва чору ночор розӣ хоҳанд шуд.

Ман бо он писар ба баззозӣ рафта, ҳар чизе, ки дар он рӯйхат буд, харидам. Ду ҳазор хонӣ, ки дар пеши худ доштам, ба он чизҳо нарасид. Он писарро дар пеши баззоз гузошта, ба корвонсаро рафтам ва маблағи бокимондаро оварда додам ва он чизҳоро бурда ба Тоҷуннасаб супоридам.

Он зан он чизҳоро бо хушӣ ва хурсандӣ қабул карда гирифта, боз ба ман қанду набот, ҳалвоҳои гуногун ва чанд гӯсфанд фармуд ва гуфт:

— Фардо пагоҳонӣ ин чизҳоро биёр ва бегоҳӣ ба никоҳ ва зифоф (ҳамбистарӣ) омода бош!

Фардои он рӯз ман он чизҳоро муҳайё карда фиристодам ва худро ороста аз корвонсаро бархостам ва намози шом ба умеди висоли дилором ба он ҷо расидам.

Дар хонаи он зан бузургони Ҳиротро даъват намуда будаанд, ки ҳама ҳозир шуданд ва дар он ҷо ҷашне барпо шуд, ки дар ҷаҳон монанди он ҳаргиз дида нашудааст.

Имэм хутбаи никоҳ хонд ва бо талаби хешовандони он духтар маҳри ӯро панҷоҳ ҳазор танга, дусад ман абрешим ба санги Хуросон ва панҷ хонаводa ғуломy канизаки ҳиндӣ ва туркӣ қарор дод.

Чун ҳангоми зифоф расид, созандагон, гӯяндагон ва мутрибон нақшу суруд бунёд карданд ва, чунон ки расм аст, даллолагон моро бурда ба ҳаҷлае (чимилиғе) ки он ороми ҷон дар он ҷо нишаста буд, даровардaнд.

Ман монанди ташнае, ки об бинад, ё гуруснае, ки бар сари хон расад, бетоқатона парда аз рӯи арӯс бардоштам ва пиндоштам, ки дари дӯзахро ба рӯи ман боз карданд:

Яке зиштрӯе ба сад гуна айб,
Ту гӯй, ки мурдор будаш ба ҷайб.

як чашми вай монанди донаи ангур аз косахона берун баромадагӣ буд ва доғҳои обилаи нағзак ба рӯи сиёҳаш аз чашмҳои кафгир фузун менамуд, ва:

Даҳонаш аз фарохӣ гӯш то гӯш,
Ду гӯшаш аз дарозӣ дӯш бо дӯш,
Даҳони он қабеҳи зишти фартут,
Чу гӯре буду биний ҳамчу тобут.

Чун он сурати хавфангезро дидам, сайҳа кашидам ва беҳуш гардидам. Занон маро дар лат кашиданд ва бо зарбаи торсакӣ ба ҳуш оварданд.

Чун ҳушьёр шудам фарьёд кашидам: «О бибӣ Тоҷуннасаб! Ин чӣ аҳвол ва авзоъ аст!».

Занон бар сари ман ғавғо карда: — Эй рустоии содда! Хуршеди бинти Ҷамшедро ба ту никоҳ кардаанд ва ту боз ношукрӣ мекунӣ! — гуфтанд ва то сухан гӯям маро чунон заданд, ки шаби ид нақораро он қадар назананд...

«Боре ба ҳар навъе, ки буд, он шаб бандаи зорро забун сохтанд ва ҷанбари бадбахтӣ ба гарданам андохтанд».

Чун он ҷавон ҳикояти худро ба ин ҷо расонид, ба Мавлоно Сафиуддин гуфт:

— Ҳоло ман пеши шумо омадам, ки маро дар ин кор ёрӣ ва маслиҳат диҳед ва ба ман роҳбарӣ кунед!

— Маслиҳат ин аст, ки то қуввати рафтор дорӣ ҳар чи зудтар аз ин шаҳр бигурез ва зиёда бар ин обрӯи худро марез,— гуфт мавлоно ба он ҷавон. Он ҳам дар ҳамон маҷлис ба дастони маҳдум тавба кард, ки дигар дар паи ҳавову ҳавас нагардад ва фотиҳа гирифт, ки зудтар ба диёри худ баргардад.

## IV

## ДАР БОРАИ ҒИЕСУДДИН МУҲАММАД ВА САФАРИ АВВАЛИНИ ВОСИФӢ БО Ӯ БА МАШҲАД

Восифӣ мегӯяд: каминаро дар Хуросон Ғиёсуддин Муҳаммад ном писарҳолае буд, ӯ дар ҷамеи улум ва фунун (дар он замон) маҳорати тамом дошт, хусусан дар мантиқ, маонӣ ва баён[1] монанд надошт; дар мунозира ва мубоҳиса бо қуввати мантиқ ва гуфтор ба муқобилаш ҳар кас бошад хомӯш мекард; дар найранҷот[2] ва чашмбандӣ низ чобукдаст буд; дар мусиқӣ камолаш ба мартабае буд, ки дар ҳар оҳангу мақом дар бадеҳа ҳавоҳои наве мебаст ва устоди он пеша дар пеши ӯ дар доираи ҳайрат менишаст; дар найрангбозӣ ба дараҷае моҳир буд, ки агар дар канори маъракаи ягон найрангбоз пайдо шавад, он кас пеши ӯ омада ба ӯ зорӣ мекард, ки сирри ӯро кушода, дар пеши мардум ӯро расво накунад.

Ба болои ин ҳама фазоил (хубиҳо) ӯ разоили (бадиҳои) бисьёре ҳам дошт: ӯ ба дараҷае фитнагар ва шаҳрошӯб буд, ки дар маҳфиле, ки ӯ бошад, гиребонҳо медарид ва дандонҳо мешикаст. Боре дар як маҷлис ба иғвои вай ҷанге воқеъ шуд, ки ҳафт кас корд хӯрд — чор кас аз онҳо мурд ва се кас қариб ба мурдан расид ва чор зан аз шавҳар се талоқ шуд, гиребондаридагонро ҳисоб набуд.

Ӯ мегуфт: «Одамизод — башар аст, ҳар кас, ки бишар (дар бадӣ) нест, башар (одам) нест».

Ӯ ҳамеша каминаро таъна мекард, ки то кай чун дух-

---

[1] *Маониву баён* — илми фасоҳат ва балоғат.
[2] *Найранҷот* — найрангҳо, найрангбозиҳо.

тарон дар хона бошӣ? То сайру сафар накунӣ одамӣ нашавӣ. Чунончи Саъдӣ мегӯяд:

То ба дӯкону хона дар гаравӣ,
Ҳаргиз, эй хом, одамӣ нашавӣ!
Бираву дар ҷаҳон тафарруҷ кун!
Пеш аз он рӯз к-аз ҷаҳон биравӣ!

Рӯзе ӯ ба ман гуфт:

— Маро дағдағаи зиёрати султони Хуросон — Имом Мӯсо Ризо дар дил пайдо шудааст, ту дар ин сафар ҳамроҳи ман бош, ки ман туро ғаниматам!

Ман ин таклифи ӯро қабул кардам, ҳар ду ба Машҳад рафтем[1]. Дар даруни ҳавлии масҷиди ҷомеъ таҳоратхонае ҳаст. Мо барои таҳорат кардан он ҷо даромадем. Дар он ҷо чанд каси дигар таҳорат мекарданд ва аз гӯшае овозе баромад. Чун гӯш додем, яке аз онҳо моро «суннии хуросонӣ» гӯён бо алфози қабеҳа дашном медод.

Ғиёсуддин Муҳаммадро дидам, ки домани ҷомаи худро ба камар устувор кард ва дар зер яккакорде дошт, ки аз ғилоф нимкаш намуд. Ман ба ӯ гуфтам:

— Чаро чунин мекунӣ?

Ӯ гуфт: — Ин ҳаромзодаро чун бузғола сар мебуррам.

— Ту девона шудаӣ,— гуфтам ба ӯ,— дар ин ҷо шиаҳо бисьёранд ва туро пора-пора мекунанд.

Ӯ гуфт: — Ман аз марг наметарсам ва аз мурдан парво надорам.

Дидам, ки ӯ ҷиддист ва ҳақиқатан ҳам аз мурдан наметарсад, ба ӯ тазаррӯу зорӣ оғоз кардам ва гуфтам:

— Аз барои худо бар ман раҳм фармо, ки ман ба ту эътимод карда, дар ғарибӣ афтодаам. Ғайр аз ту маро рафиқе дар ин тариқ нест. Маро хору зор магардон!

Охир ӯ қабул кард ва мо аз таҳоратхона баромадем. Дидем, ки дар он ҷо қариб панҷоҳ нафар аз шиаҳо ҷамъ шуданд ва ба мо гап мепарронданд. Фақир Ғиёсуддинро зорӣ карда таскин дода мерафтам ва аз ҳавлии масҷид баромадем.

Маро дар Ҳирот хоҷа Носир ном дӯсте буд. Ӯ ҳафт қалам хатро хусусан таъликро бисьёр хуб менавишт.

---

[1] Азбаски ин сафари Восифӣ дар охирҳои даврани Ҳусайни Бойқаро воқеъ шудааст, ки ӯ дар соли 911 ҳиҷрӣ вафот кардааст, ин сафари вай дар синни 20-солагиаш воқеъ шудааст гуфта тахмин кардан мумкин аст.

Фақир дар вақте, ки дар хизмати Фаридун Ҳусайнмирзо (писари Ҳусайн Бойқаро) будам, бо ӯ ошно шудам. Мирзо ӯро мансаби китобдорӣ дода буд ва маншури ӯро ман навишта будам. Ин шахс он рӯзҳо дар Машҳад буд ва дар мадрасаи Амирвалибек истиқомат мекард. Мо ҳар ду аз масҷиди ҷомеъ баромада, рост ба манзили ӯ рафтем.

Ғиёсуддин ба сабаби ҳодисаҳои онрӯза бисьёр дилтанг ва андӯҳгин шуда буд, ки ҳеҷ дилаш кушода намешуд. Чун Хоҷа Носир сабаби ғамгинии ӯро фаҳмид, ба вай гуфт:

— Махдумо! Ин вилоят ба сабаби сиёсати сахти султон Ҳусайнмирзо ба ин навъ аст. Вагарна пештар дар ин ҷо сунние қадам гузошта наметавонистааст.

Хоҷа ба ин сухани худ ба тарзи мисол чанд воқеаҳоеро, ки дар байни шиаҳои маҳаллӣ ва сунниёни мусофир воқеъ шуда будааст, гуфт ва якчанд латифаҳои ширин ҳикоят кард ва дигар аҳли маҷлис низ дар ин бора латифаҳо гуфтанд. Дили Ғиёсуддин Муҳаммад кушода гардид.

Ҳикоя ва латифагӯиҳо то вақти саҳар давом кард ва баъд аз он мо ба ҳаммом рафтем. Дар ҳаммом ғайр аз ҳаммомӣ ба лӯнгидор касе набуд. Мо либосҳои худро кашида ва лӯнгӣ баста ба гармхона даромада нишастем. Ман дар он ҷо дидам, ки дар бозуи Ғиёсуддин тӯморе ҳамоил аст ва ба ӯ гуфтам:

— Ту ки ба дуо ва азоимхонҳо эътиқод надоштӣ, боз чӣ шуд, ки тӯмор ҳамоил кардаӣ?

Ӯ гуфт: — Ман ба тӯморе ки азоимхонон медиҳанд, боварӣ надорам. Аммо ин тӯморро ба ман модарам додааст, ки ба ин боварӣ дорам ва ин тӯморест, ки одамро аз куштан халос мекунад.

Дар ҳамин вақт касе ба гармхона даромад ва моро дида гуфт: «Харони хуросонӣ ин ҷо будаанд» ва чун сагони девона нисбат оба мо ва мазҳаби мо суханони ношоиста ва носазо гуфтан гирифт.

Ғиёсуддин оҳиста ба ман гуфт: — Ой Восифӣ, ба хурмати ҷон покон, ки агар ба кори ман халал расонӣ ва ӯро ҳимоят кунӣ аввал кори туро тамом мекунам, баъд аз он ӯро ба ҷаҳаннам мефиристонам.

Дар ҳамин вақт он мард пеши ҳамма рафта, сари худро ба он ҷо хам кард, ки оби гарм гирад. Ғиёсуддин ҳам монанди тундбод бо як ҷасту хез дар як қадам худ-

ро ба ӯ расонид ва бо як даст ду пои ӯро дар бағал гирифта бардошт ва бо дасти дигар саршро дар даруни оби ҷӯшон ғӯтонид ва ба ҳамин вазъият маҳкам дошт то вақте ки ҷони ӯ баромада аз ҷунбиш бозмонд. Баъд аз он мурдаро тамоман дар даруни хамма андохта ба ман гуфт:

Чу оташ дарзадӣ дар беша бигрез!
Ба сони дуди печон з-оташи тез!

Дарҳол мо аз ҳаммом баромадем ва аз лӯнгидор либосҳои худро талабидем. Ӯ гуфт:

— Шумо ҳамин замон омадед, сару тан нашуста чаро зуд баромадед?

Ғиёсуддин гуфт: — Мо мардуми мусофирем, роҳи дур дар пеш дорем ва аз ин беш дар ин ҷо истода наметавонем.

Мо либосҳоро гирифта ба ҷомахона омадем. Маро ҳолате даст дод, ки дар вақти либоспӯшӣ ба ҷои гиребони пероҳан почаи тунбон (эзор)-ро ба сар кашидам. Хулоса бо саросемагии бисьёр либосро пӯшидам, аммо Ғиёсуддин Муҳаммад гӯё ки ҳеҷ коре рӯй надодааст, орэм буд.

Дар ҳамин вақт гулханӣ аз пушти ҳаммом лӯнгидорро овоз дода гуфт: — Овози шалп-шалп меояд, зоҳиран сақфи охури гармхона ба даруни дег афтодааст ва об дамида аз атрофи дег чакида истодааст, оташ дарнамегирад.

Лӯнгидор ба ҳаммом даромад ва дарҳол баромада пеши ҳаммомӣ рафта гӯшакӣ карда ба ӯ чизе гуфт.

Ғиёсуддин музди ҳаммомро ба пеши ҳаммомӣ ниҳод ва мо мехостем берун равем, ҳаммомӣ ба мо гуфт:

— Азизон, соате таваққуф намоед, ки дар ин ҷо ҳодисаи аҷибе рӯй додааст: Сайфисароҷ ки яке аз бузургони Машҳад аст, дар гармхона мурдааст ва ғайр аз дуи шумо дар даруни ҳаммом касе набуд.

Ғиёсуддин шӯрид ва бо дуруштӣ ба ҳаммомӣ гуфт:

— Магар сари Сайфро ба мо супурда будӣ? Мурда бошад ба мо чӣ?

Дар ҳамин вақт мардум дари ҳаммомро гирифтанд ва ҳаммомӣ ба хонаи Сайф хабар фиристод. Аз хонаводаи Сайф зану мард қариб панҷоҳ кас расида омаданд ва мурдаро бароварда бар сари суффаи ҳаммом ниҳоданд ва онҳо моро дар лат кашида чунон заданд, ки моро маҷоли ҳаракат намонд. Баъзе мардумоне, ки он ҷо ҳозир буданд гуфтанд:

— Дар шаҳр доруға, ҳоким ва қозӣ ҳаст то пеши онҳо гуноҳи касе собит нашавад, аз пеши худ ҷафо кардан дуруст нест.

Бо ҳамин гуна суханҳо моро аз таги зарбу лат халос карданд ва дасту гардани моро баста кашон-кашон ба дари хонаи ҳоким бурданд. Ҳокими шаҳр Миралии Қарбосфурӯш ном касе буд. Даъвогарон ва шоҳидон воқеаро ба ӯ ҳикоят карданд.

Ҳоким ба мо гуфт: — Рост гӯед, ки ҳақиқати воқеа чӣ гуна аст? Вагарна бо зарби чӯб пӯсти шуморо пора мекунам?

Ғиёсуддин гуфт: — Мо дар гармхона нишаста будем, ки марде даромад, ӯ ба ғоят кӯтоҳқомат буд. Хост ки аз ҳамма об гирад. Зоҳиран дасташ ба об нарасид, ки ба лаби ҳамма шиками худро ниҳода сари худро даруntар ҳам кард ва сарнагун ба даруни оби ҷӯшон афтод ва мурд. Мо дигар чизеро намедонем.

Ҳоким аз ин ҷавоб дар ханда шуд ва ба мардум гуфт:

— Ин турфа одаме будааст, суханони аҷиб мегӯяд...

Дар ҳамин вақт касе омад ва сабаро пеши ҳоким гузошта ба ӯ гуфт:

— Писарони амир Тангрибердӣ ва амир Халил ва дигар мирзодагон бар сари Чорсу ҷамъ шудаанд ва барои тӯй ба боғи Дилпазир мераванд ва ба шумо интизорӣ доранд.

Ҳоким бо шунидани ин таклиф ба атроф нигоҳ кард. Дар он ҷо ду кас истода буд, якеро Паҳлавоналӣ ва дигареро Паҳлавоншамс мегуфтаанд, ки дар он шаҳр ба забардастӣ ва сарҳангӣ касе ба онҳо тараф набудааст ва ҳар дуи онҳо ҳам аз пиёдагардони Эрмуҳаммадалии ҳоким будаанд.

Ҳоким ба онҳо нигоҳ карда гуфт:

Алҳол фурсати пурсиши инҳо нест. Шумо ин ҳар дуро бурда забт карда нигоҳ доред. Фардо баъди аз тӯй омадан хуб таҳқиқ менамоем.

Ҳоким ба аспи худ савор шуда рафт. Он паҳлавонон моро бурда ба хонае дароварданд, ки қазноке дошт ва дасту пои моро баста ба он қазноқ гузоштанд ва дарашро аз берун қуфл заданд.

Ман дар он ҳабсхона ба нолаву зорӣ даромадам ва ба Ғиёсуддин гуфтам:

— Эй золими сангдил ва эй бераҳми меҳргусил! Ин чӣ кор буд, ки кардӣ? Маро аз ватан, аз хешу табор ва аз

ёру диёр чудо кардӣ ва бо ҳаракатҳои ношоистаи худ моро дар зиндони бало андохтӣ!

Ӯ мегуфт: — Ман кори ношоиста накардаам. Аз касе, ки моро ва мазҳаби моро дашном медод, ҳам интиқоми худ ва ҳам интиқоми туро кашидаам. Ғам махӯр, ки дар рӯзи қиёмат ин кор сабаби наҷоти мо хоҳад шуд.

Ман ором намегирифтам ва мегиристам...

Вақти намози аср буд, ки он ду пиёдагард омада ба он хона даромаданд. Моро ва мазҳаби моро носазо гуфтан гирифтанд. Дар дашном чунон алфози қабеҳ ба кор мебурданд, ки мо дар умри худ ҳаргиз он гуна суханони зиштро нашунида будем.

Паҳлавоншамс ба Паҳлавоналӣ гуфт: — Мо ба шумини ин ду саг аз тӯй ва аз сӯҳбати аҳбоб дур шудем ва моро имшаб ин сагон ҳамроҳи худ маҳбус карданд.

Паҳлавоналӣ ба рафиқи худ гуфт: — Ғам махӯр! Ман дар хона як шиша шароб дорам, вайро меорам, ба кӯрии чашмони ин ду суннӣ менӯшем ва ба озору ҷафои инҳо мекӯшем.

Паҳлавоналӣ барои овардани шароб рафт. Рӯз торик шуда буд, Паҳлавоншамс шамъро афрӯхта, дар гӯшае нишаст.

Ғиёсуддин оҳиста ба гӯши ман гуфт:

— Бародар! Бисёр андӯҳгин машав, ки имшаб туро ва худро раҳой мебахшам ва ин ду малъунро сагвор димор аз рӯзгорашон мекашам.

Ман гуфтам: — Масали машҳур ҳаст, ки мегӯянд: «Ташна дар хоб об мебинад» ту ҳам халосиро хоб дида истодай. Дар ҳолате, ки мо маҳбус бошем, дасту поямон баста ва ин ду малъуни ифритмонанд дар беруни дари баста нишаста бошанд, албатта озодӣ хоб аст, ё хаёл.

Паҳлавоншамс шаробашро овард. Он ду девсират ба айшу ишрат нишастанд, сӯҳбат оростанд ва ба озори фақирон бархостанд. Ҳар пиёла, ки пур мекарданд, ба дашноми мо ва мазҳаби мо сар мекарданд.

Чун посе аз шаб гузашт ва сари паҳлавонон ҳам аз шароб гарм шуд, Ғиёсуддин ба онҳо гуфт: — Эй мардони майдон ва эй камарбастагони Шоҳимардон! Чӣ шавад, ки карам намуда ба мо наздиктар оед, то ки бинобар давлатхоҳии шумо чанд калима сухан ба арз расонем.

Кайфи шароб онҳоро бар он дошт, ки пеш омаданд ва гуфтанд:

— Чӣ мегӯед?

Чун фардо ахволро хамин тавр ёбанд, шумэро маъзур доранд ва бозхост накунанд.

— Тамоман тадбири дуруст аст,— гуфтанд онхо,— бархез ва зудтар ин ҳиларо барангез!

Ғиёсуддин аввал қуфли қазнокро тоб дода шикаст, баъд аз он дасту пои паҳлавононро маҳкам барбаст, пас аз он аз миёни яке аз онхо кордашро гирифта гардани хар дуи онҳоро аз гӯш то гӯш бурид ва дар охир аз миёни Паҳлавоналӣ такбандеро ки лаълпора дар вай бастагӣ буд, кушода гирифта ба миёни худ баст ва ба ман гуфт:

— Эй Восифӣ! Мо акнун дар ин чо коре надорем ва фурсате хам надорем, ки ин чо монем. То пой дорем бояд бигурезем. Равон шав!

Равон шудем ва бо бероҳ ба роҳи калон баромадем.

* * *

Мо шабэна ба тарзи гурезагон аз Машҳад баромадем ва субҳдам ба лаби оби Турук, ки дар якфарсахии (8 километрии) Машҳад буда, мазори Қосими Анвор ҳам дар он ҷост, расидем. Дар хамин вақт аз тарафи Нишопур корвоние рафтагори Ҳирот омад, ки тахминан сад кас буд, як зани харсавор хам бо онҳо мерафт.

Он зан дар ғояти ҳусну ҷамол буд. Ғиёсуддин бо хоҳиши табъи хабиси худ бо он зан дахлу шӯхӣ сар кард, охир шӯхиро ба тааррузҳои бешармона расонид. Корвониён ӯро сарзаниш карданд ва шавҳари он занро, ки бо гурӯҳи пешгарди корвон ба тарзи посбон аз пеш мерафтааст, хабар доданд.

Шавҳари зан омада бо Ғиёсуддин ҷангу ҷидол сар кард. Ғиёсуддин муште бар даҳони он мард зад, ки ду дандонаш шикаст. Корвониён моро дар лат кашиданд ва чандон заданд, ки моро маҷоли ҷунбидан намонд. Баъд аз он дасту гардани моро баста, зан-занон ва каш-кашон бо худ мебурданд, ки намози шом ба Ҷом расидем.

Он мардак, ки шавҳари занак буд, моро пеши ҳокими Ҷом бурд ва воқеаро ҳикоя кард. Ҳоким аз Ғиёсуддин пурсид, ӯ мункир шуд ва аз муддаӣ гувоҳ талабид. Ӯ гуфт:

— Ҳоло корвониён пароканда шуда ҳар кадом ба ҷое ва аз паи коре рафтаанд. Фардо пагоҳонӣ гувоҳҳоро ҳозир хоҳам кард.

Хоким моро ба ғуломи худ супурд, ки шаб нигоҳ дорад ва фардо ба маҳкама ҳозир кунад.

Ғулом моро ба хонаи худ бурд, ки вай дар гўшаи чорбоғи хоким буд. Моро ба хона даровард, шамъ афрўхт ва дари хонаро аз берун занҷир карда рафт.

Ғиёсуддин ба атроф нигоҳ карда хандон шуд. Ман ба ў гуфтам:

— Моро ба ҳоли худ бояд гирист, ин чӣ ҷои хандааст?

Ў гуфт: — Ба ин дар нигоҳ кун! Ба як зарб ҳар тахтаи вайро ба ҷаҳони дигар хоҳам фиристод.

Дар ҳамин вақт ғулом занҷире бардошта овард ва гуфт:

— Азизон! Мир ба меҳмонии касе рафтааст ва шуморо ба ман супурдааст, агар кори ногувоэре воқеъ шавад, сари ман дар бало мемонад. Маъзур доред, ки ин занҷирро ба пои шумо мезанам.

Ғулом як сари занҷирро ба пои ман ва сари дигаашро ба пои Ғиёсуддин устувор карда қуфл зад ва калидро гирифта берун баромад, дари хонаро ҳам аз берун қуфл карда рафт.

Моро хоб намебурд. Як поси аз шаб гузашта буд, ки Ғиёсуддин аз ҷо бархост ва дар девори хона дуке халондагӣ буд, вайро гирифт ва тоқияи худро дарронда аз вай пахта баровард ва он пахтаро ба нўки дук печонда ба қуфл даровард ва бо амале, ки худ медонистааст, қуфли занҷирро кушод. Мо аз банд раҳоӣ ёфтем. Баъд аз он бо андак кўшиш туруми дарро ҳам баровард, дар кушода шуд, мо аз хона баромадем. Ғиёсуддин маро гуфт: «Аз дунболи ман биё» ва худ ба даруни чорбоғ мерафт ва ман ҳам аз дунболи ў...

Ногоҳ аз рў ба рўи мо сиёҳие намудор шуд. Ғиёсуддин аз роҳ баргашта қасди ҳамон хонае кард, ки мо аз вай баромада будем. Аммо дар торикӣ роҳро ғалат кард, ки ба тарафи дигар афтодем. Баъд аз порае роҳ рафтан аз пешамон айвоне баромад ва дар пешгоҳи айвон як хонаи гунбаздор буд. Мо худро ба даруни айвон гирифтем. Як вақт дидем, ки он сиёҳӣ ҳам ба тарафи айвон меояд. Ғиёсуддин худро дар қаноти чодаре, ки дар он ҷо буд, печонд. Ман саросемавор ба тарафе гурехтам. Аз пешам танўре баромад ва дар вай даромада пинҳон шудам.

Дар ин вақт он сиёҳӣ, ки одаме будааст дар айвон пайдо шуд ва ба дари хонаи гунбазӣ рафта «Суман-

бар!» — гӯён садо кард. Аз даруни хона овоз омад, «кистӣ ва чӣ мегӯӣ?»

— Ман Сунбул мебошам,— гуфт одам, — маро мири Қурайш фиристод, ки ба бика хабар диҳӣ, ҳозир бошад, ӯ ҳамин ҳоло меояд.

Суманбар овоз дод ки зинҳор наёяд, ки бика дарди сар дорад ва имшаб сӯҳбат муяссар намешавад.

— Маро чизе, ки хоҷаам фармуд ба ту гуфта рафтам. Ӯ албтта ҳоҳад омад. Дигар ту медониву бикаат,— гуфт Сунбул ва рафт.

Ман дар даруни танӯр дар ҳолати ачиб будам, ки Ғиёсуддин пеши танӯр омада ба ман гуфт: имшаб ман бо зани ҳоким ишрат хоҳам кард.

Ман гуфтам: — Эй лаим! Ин чӣ навъ ҳаракат аст, ки дар хуни худ саъй дорӣ?

— Номаъқул кардӣ,— гуфт ӯ ба ман ва пушти дари гунбаз рафта Суманбарро овоз дод ва гуфт: Ман мири Қурайшам. Дарро кушо!

— Нагуфта будам, ки имшаб рухсат нест.— гуфт Суманбар.

— Дарро кушо! Ҷоман ҷубе ба ту тӯҳфа дорам.

Суманбар дарро кушод ва Ғиёсуддин ба хона даромад... дар ҳамин вақт касе ба пушти дар омада Суманбарро овоз дод.

— Кист? — гуфт Суманбар.

Оянда гуфт: — Ман мири Қурайшам!

— Оҳ,— гуфт Суманбар,— боз ин кадом мири Қурайш бошад? Охир як мири Қурайш бо бика саргарми ишрат аст.

Дар ҳамин асно аз дур дари боғ равшанӣ пайдо шуда партави вай бар гӯшаи айвон афтод. Он касе, ки бо Суманбар дар гуфтугузор буд гурехт. Ман аз танӯр баромада дартоз ба дари хона расидам ва лагаде сахт ба дар задам ва гуфтам:

— Ой Ғиёсуддин гурез, ки балое даррасид!

Ғиёсуддин зуд аз хона баромад ва мо ҳар ду ба даруни боғ гурехтем ва дар гӯшаи боғ ба мири Қурайш вохӯрдем.

Ғиёсуддин ӯро дастгир карда дар лат кашид ва гуфт:

— Туро чӣ ҳад, ки ба ҳарами мир меоӣ? Мо туро пеши мир мебарем ва воқеаро ба ӯ арз менамоем.

Мири Қурайш ба гирьяву зорӣ даромад ва гуфт:



Сурати Камолиддини Беҳзод.



Намунаи муқоваи дастхатти асри XV.



С. АЙНӢ

ВОСИФӢ
ВА ХУЛОСАИ
„БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ"

НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН
*Сталинобод—1956*

Чопи якуми китоби С. Айнӣ дар бораи Восифӣ.


سلسلهٔ تاریخ و جغرافیای ایران ۲۹۰

بدایع الوقایع

تألیف

زین‌الدین محمود واصفی

تصحیح

الکساندر بلدروف

جلد اول

انتشارات بنیاد فرهنگ ایران

۸۳۰

Нашри тозаи илмй-интиқодии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифй
(Теҳрон, 1971).

— Ман дар ин шаҳр исму расме дорам. Аз барои худо маро расво накунед...

Ғиёсуддин мири Қурайшро сар дод. Ӯ худро аз devори боғ беруи андохта бадар рафт. Мо ҳам бо як ҷастан аз девор гузашта, роҳи Ҳиротро пеш гирифтем.

* * *

Восифӣ мегӯяд: баъд аз тафтиш ба мо маълум шуд, ки воқеа ин навъ будааст: мири Қурайш, ки бо зани ҳоким алоқа доштааст, бо ҳоким дӯсти наздик шуда, ҳафтае як ё ду бор ӯро ба меҳмонӣ ба хонаи худ мебурдааст. Баъд аз он ки ҳоким маст шуда афтод, ӯ ба воситаи ғуломи худ—Сунбул ба зани ҳоким хабар фиристода, аз паси он худ омада бо ӯ ишрат мекардааст ва баъд аз фароғи ишрат ба хонаи худ омада, боз бо нӯшонӯши пагоҳонӣ ҳокимро хурсанд намуда гусел мекардааст.

Он шаб ҳам мири Қурайш бо одати муқаррарӣ ҳокимро ба меҳмонӣ бурда, баъд аз маст карда хобондани он, барои «зиёфат кардани зани ӯ» ба боғи вай рафтааст. Аммо имшаб ҳоким баъди аз хона баромадани мири Қурайш аз хоби мастӣ бедор шуда, мири Қурайшро талаб намудааст, ки бо вай сабӯҳи (нӯшонӯши пагоҳонӣ) кунад.

Қасони мири Қурайш «сахт маст шуда хобидани мири Қурайш»-ро ба ҳоким хабар дода гуфтаанд, ки «ҳоло ӯ қувват ва ҳолати сабӯҳӣ кардан надорад, мумкин аст, ки баъд аз ягон соат ҳушьёр шуда, ба сабӯҳӣ ҳозир шавад».

Ҳоким аз ин ҷавоби онҳо ранҷида, ба одамони худ фармудааст, ки машъалҳоро барафрӯзанд, то ба хонаи худ баргардад. Ба ҳамин тариқа ӯ ба боғи худ омада «кори мири Қурайшро лат дода», дар ин зимн «ба косаи оши Ғиёсуддин Муҳаммад ҳам магас пошидааст».

* * *

Восифӣ мегӯяд: мо барои ин ки дубора ба он корвониён барнахӯрем, бероҳа роҳ рафта, баъд аз се рӯз ба мавзеи Қӯсу, ки аз он ҷо то шаҳри Ҳирот 15 фарсах (120 километр) роҳ буд, расидем ва дар он ҷо барои истироҳат ором гирифтем.

Дар Қӯсу ҳофиз Султоналӣ ном касе буд, ки ба ғоят хушхон ва хушилҳон (хушовоз) буд. Ӯ дар ҳар сари чанд

гох ба Ҳирот меомад ва бо падари фақир иттиҳоди дӯстӣ дошт. Ӯ дар он ҷо маро дида шинохт ва ба хонаи худ даъват кард. Мо қабул карда рафтем.

Ӯ моро ба боғчае даровард, ки дар он ҷо харбуза кишта шуда буд ва бар канори ҷӯи оби равон гилем андохта моро шинонда таом овард ва гуфт:

— Шумо аз ин полез харбуза хӯрда нишинед, ман ба саҳро рафта зуд меоям.

Ӯ ба асп савор шуда зоҳиран барои гӯсфанд овардан рафт, ки моро зиёфат кунад. Дар ин вақт канизаке кӯза бар даст барои обгирӣ ба боғча даромад, ки ҳусну ҷамоли баркамоле дошт.

Ғиёсуддин гуфт: — Эй Восифӣ, ин канизак аҷаб шӯхшанги дилкаш будааст, маро турфа рағбате ба вай пайдо шуд.

Ман гуфтам, эй сиёҳгилеми бешарм ва эй сахтдидан беозарм! Аз худо наметарсӣ ва аз халоиқ шарм надорӣ, ки азизе моро ба хонаи худ меҳмон карда эъзозу икром намуд ва ту ба аъзои хонаводаи ӯ ба чашми бад нигоҳ мекунӣ ва қасди бад менамоӣ. Ин чӣ бемаъниигист?

— Ту бемаъниёна ҳарф мезанӣ ва қадри ҷамоли хубонро намедонӣ,— гӯён ӯ аз ҷояш ҷаста дартоз рафт ва канизакро аз лаби ҷӯй бардошт, ки ба даруни полез аз ман дуртар барад. Дар ҳамин вақт шавҳари канизак, ки як ғуломи қавипайкар будааст, бел дар даст аз саҳро омад ва дид, ки касе ба занаш ҳуҷум овардааст, дартоз рафт ва ба сари Ғиёсуддин бо бел чунон зад, ки дами он бар косаҳонаи сари ӯ фурӯ рафт.

Ғиёсуддини бадбахт низ яккакордро аз ғилофаш кашида ба шиками ғулом чунон зад, ки рӯдаҳояш рехта ба замин афтода дарҳол мурд. Канизак нолакашон ва фарьёдкунон ба хона даромад. Аҳли хона ҳам гирьякунон вовайлою ғирев бардоштанд.

Дар шиддати ин шӯру ғавғо Султоналӣ аз саҳро омада аз хонааш сабаби гирьяву ноларо пурсида, воқеаро фаҳмид ва гуфт:

— Ин фарьёду ғавғо чӣ маънӣ дорад? Сад он чунон ғулом фидои ин меҳмонони азиз бод!

Ӯ ба боғча даромада дид, ки аз косаи сари Ғиёсуддин хун меҷӯшад ва ба мо:

— Маҳдумон маъзур доред, ки он ғулом бисьёр бадкирдор буд, ба ҷазояш расид,—гуфт ва ба хона рафта намадсӯхта тайёр карда оварда ба сари Ғиёсуддин баста

ва хуни ӯро хушконид ва ғуломони дигарро фармуд, ки мурдаи он ғуломро бардошта бурда дафн карданд.

Ғиёсуддин берӯёна ба ҳофиз Султоналӣ гуфт:

— Ҳофиз! Шумо хотирҷамъ бошед, ки мо аввал қимати ғуломи шуморо бар зиммаи худ қарор дода, баъд аз он ин корро кардем. Маблағи дусад хонӣ (1200 танга) дар хона дорем, ки ба он ҷо расидан ҳамон он маблағро ба шумо мефиристонем.

Ҳофиз гуфт: — Аз барои худо ин гуна суханҳоро ба миён наёред, ки чунин ҳазор ғулом фидои мақдами шумо бод.

Фақирро ҳолате пайдо шуд, ки мурдан аз он беҳтар буд, марги худро аз худо мехостам, аммо он муяссар намешуд.

Шабро ба ҳолати аҷибе гузаронидам. Рӯз шуд, ҳофиз таом овард. Чун мо аз таомхӯрӣ фориғ шудем, аз тарафи ҳоким пиёдагарде омад ва ба ҳофиз гуфт:

— Шумо ва меҳмононро ҳоким пеши худ металабад.

Ғиёсуддин ба одами ҳоким гуфт:— Ҳокими шумо чӣ хар аст, ки моро металабад?

Пиёдагард хост ба Ғиёсуддин ҷавоби мувофиқ гардонад ва ба ӯ таарруз кунад. Аммо ҳофиз ба ин кор роҳ надод ва ба пиёдагард гуфт:

— Ту хомӯш бош, туро ба меҳмонон коре набошад. Ман худ пеши ҳоким рафта ҷавоб хоҳам гуфт.

Ҳофиз пеши ҳоким рафта ба ӯ гуфтааст: «Меҳмонон аз касони махсуси Хадичабегим (зани Ҳусайн Бойқаро)-анд. Шуморо ба инҳо коре набошад. Ҷурмонае, ки ба муносибати кушта шудани ғулом хаёл кардаед, ман худ хизмат мекунам».

Ҳоким гуфтааст: «Дар ҳар ҳол он касе, ки ғуломро куштааст, бояд ба пеши ман ҳозир шавад».

Ҳофиз омад. Мо ҳамроҳи ӯ пеши ҳоким рафтем. Ҳоким аз Ҳофиз пурсид:

— Кушандаи ғулом кадоми инҳоанд?

Ғиёсуддин ҷавоб дод: — Субҳоналлоҳ, ҳокими мо аҷаб гӯё будаанд. Дар ҳар кор мардро бояд қобилият ва фаросате бошад. Касе, ки фаросат дорад, медонад, ки (ба ман ишорат карда) ин бародарамро ҳайъатест, ки магасро аз бинии худ ронда натавонад, чӣ ҷои он ки касеро кушад.

Ҳоким гуфт: — Ин чӣ гуна зот аст, магар девона аст?

Ғиёсуддин аз ҷои худ ҷаста бархост ва ба мардуме,

ки дар он ҷо ҳозир буданд, гуфт: — Ерон, усул нигоҳ доред! Ман ҳунарҳои худро нишон медиҳам — ва чунон рақс кард, ки ҳама дар ҳайрат афтоданд.

Ҳоким гуфт: —Имшаб бо инҳо сӯҳбат кардан лозим аст — ва домоди худро, ки Абдулқайюм ном доштааст, садо карда ба ӯ гуфт:

— Аз асбоби сӯҳбат ва ишрат чӣ дорӣ?

— Як хум шароб, ба қадри даркорӣ кабоб ва дигар нуқлу наворо тайёр кадран мумкин аст,—гуфт ӯ дар ҷавоб.

Он рӯзро мо дар хонаи ҳоким ба шатранҷ гузаронидем. Намози шом ҳоким ба Абдулқайюм фармуд, ки дар шаҳр ҳар касе, ки ба хушии овоз ва созу навоз мумтоз бошад, ҳозир созад.

Шабона маҷлиси айшу ишрат бо камоли шодмонӣ ва масаррат сар шуд. Созандагон менавохтанд, хонандагон месуруданд, раққосони соҳибҷамол ҳунарнамоӣ мекарданд. Бо вуҷуди ин ҳама машғул ва волаи ҳунарҳои Ғиёсуддин буданд ва ба дигарон намепардохтанд.

Баъд аз ду поси шаб ҳоким гуфт:

— Шумо сӯҳбатро озодона қоим доред! Субҳ сабӯҳӣ (нӯшонӯши пагоҳонӣ) хоҳем кард—ва худ ба ҳарамхона даромада рафт.

Дар он маҷлис Назар ном сартароше буд, ки аз дӯстони наздики домоди ҳоким менамуд. Баъд аз он, ки ҳама маст шуда дар ҳар тараф афтоданд, дар он вақт Ғиёсуддин ба манъ ва дашномҳои ман гӯш надода боз бо одати хабисонаи худ фитна ва фасод сар кард. Аммо ӯ чунон ҳилае сохт, ки домоди ҳоким баъди аз хоб бедор шудан он фасодро аз Назари сартарош дониста, ӯро бараҳна карда сад чӯб зад.

Пагоҳонӣ ҳоким баромад ва пурсид.— Шаб чӣ ғавго ва ошӯб буд?

Гуфтанд:—Ҷамъе зиёдатар нӯшиданд ва бадмастона арбада карданд.

Ҳоким баъд аз таом ҷомаи хоси худро ба Ғиёсуддин ва Абдулқайюм ҷомаашро ба ман пӯшонда, бо эҳтиром моро гусел карданд.

Аз он ҷо раҳсипори Ҳирот шуда, бо аму осоиш ба хонаи худ расидем.

V

# ЁДДОШТҲОИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ ИШҒОЛ ШУДАНИ ҲИРОТ АЗ ТАРАФИ ШАЙБОНИХОН ВА ВОҚЕАҲОЕ КИ АЗ САРИ ХУДИ ВОСИФӢ ГУЗАШТААСТ

## АҲВОЛИ АҲЛИ ДАРБОР ВА АВЛОДИ СУЛТОН ҲУСАЙН ДАР ВАҚТИ ҲУҶУМИ ШАЙБОНИХОН ВА ПИНҲОН КАРДАНИ ВОСИФӢ ЯК ХОНАВОДАИ ОНҲОРО

Восифӣ мегӯяд: дар соли 913 (1508) рӯзи даҳуми муҳаррам дар боғи Амир Шоҳвалӣ, ки кӯкалтоши (бародари ширхораи) Хадичабегим буд, маҷлисе барпо шуда буд. Дар хонаводаи султон Ҳусайн касе дар эътибор ва ихтиёр ба ӯ баробар набуд. Султон мегуфт, ки «Фарзандони кӯкалтош дар назди мо аз фарзандони худамон беҳтар ва мақбултаранд».

Ҷумлаи умарои изом (амирҳои бузург) ва вузарои соҳибэҳтиром (вазирҳои боэҳтиром) сари иноат бар хатти фармони ӯ доштанд ва тухми умедворӣ дар киштзори бандагии ӯ мекоштанд.

Он рӯз дар хонаи ӯ суҳбате буд, ки дар зери гунбази кабуд касе монанди онро ёд надошт. Султон Маҳмуди хонанда ин ғазалро мехонд:

> Ин чӣ маҷлис, чӣ биҳишт, ин чӣ мақом аст ин ҷо?
> Умри боқӣ, лаби соқӣ — лаби ҷом аст ин ҷо!
> Давлате ин ҳама бигзашту аз ин дарнагузашт,
> Ки ҳама шодии айём ғулом аст ин ҷо.

Дигаре бо ин байт тараннум менамуд:

> Мо май ҳамехӯрему ҳарифон ғами ҷаҳон,
> Рӯзӣ ба қадри ҳиммати ҳар кас муқаддар аст.

Аммо ҷумлагӣ аз ин ғофил, ки аз олами ғайб гӯё индо меомад:

> Хуш гирифтанд ҳарифон сари зулфи соқӣ,
> Гар фалакшон бигузорад ки қароре гиранд.

ва ҳамагӣ ба забони ҳол ин байтро замзама мекарданд:

Олами об, ки берун барад аз дил ғамро,
Ғам надорем, агар об барад оламро.

Амир Шоҳвалӣ фахркунон ин байтро мехонд:

Ману ҷоми шаробу рӯи некӯ!
Агар Ҷамшед меояд: Биё!-гӯ!

Дар ин ҳолат ногоҳ яке аз дар даромада гуфт:

— Эй амир, бархез ва то ҷоре дорӣ бигрез! Зеро ба Хадичабегим хабар омад, ки шоҳ Бадеуззамон ва Музаффармирзо [1] дар айлоқи Чилдухтарон маҷлисе ороста буданд ва маҳфилоройён ба тартиб ва зеби сӯҳбат бархоста, ҷоми май дар гардиш буду гулӯи най дар нолиш. Дар ҳамин вақт хабар расида, ки Шайбонихон аз шаҳри Қаршӣ илғор карда омада аз Омӯя гузашта ба ин сарзамин расидааст. Амир Зуннуни Арғун, ки баҳодур ва сипаҳсолор аст, бо даҳ ҳазор сипоҳи мусаллаҳ ва мукаммал ба қаровулӣ берун омада буд, дар якфарсахии (8 километрии) Чиҳилдухтарон — дар мавзеи Тарноб ба лашкари Шайбонихон бархӯрда. Аммо сипоҳи хон монанди селе ки хошокро бардорад лашкари амир Зуннунро аз ҷо бардоштааст. Амир Зуннун дар он ҷанг кушта шудааст ва лашкари хон сари ӯро бурида бар сари найза гирифта пеш меояд.

Подшоҳон Бадеуззамон ва Музаффармирзо бо шунидани ин хабар бо бақияи лашкар пароканда шуда гурехтанд ва Шайбонихон бо панҷоҳ ҳазор савор ба атрофи шаҳр наздик расид...

Амир Шоҳвалии майнӯш, ки аз ҳад зиёд маст ва мадҳуш буд бо шунидани ин хабар ба ҳолате афтод, ки гӯё як манқал оташро бар сари ӯ рехтанд. Ӯ дар ғазаб шуда ба он касе, ки ин хабарро расонда буд, гуфт:

— Эй қалтабони шумхабар ва эй сияҳзабони бумназар, ин чӣ хабар буд, ки овардӣ ва сӯҳбати моро, ки чун гулистон дар баҳор шукуфта буд, бо нафаси сарди худ монанди сармои зимистон афсурда кардӣ. Шайбонихони ӯзбакро чӣ маҷол аст, ки бар сари шоҳони мо оянд ва ба муқобили онҳо байрақи ҷанг кушоянд.

---

[1] Султон Ҳусайн писари калони худ — Бадеуззамонро валиаҳд карда буд. Аммо баъд аз вафоти ӯ бо кӯшиши Хадичабегим, ки дар дарбор нуфузи зӯр дошт, писари ӯ — Музаффармирзо ба салтанат шарик гардид ва ба ҳамин тариқа бар хилофи феодализм ва монархия дар як тахт ду подшоҳ нишаст.

Амир Шоҳвалӣ шамшер кашид, ки ӯро пора-пора кунад. Факир ва ҷамъе дигар, ки ба ӯ густохӣ доштем, дасти ӯро нигоҳ доштем ва ман ин байтро хондам:

Ба тундӣ сабук даст бурдан ба теғ,
Ба дандон газӣ пушти дасти дарег—

ва гуфтам: лаҳзае сабр фармоед. То корро таҳқиқ намоянд. Агар дурӯғгӯии ин кас собит шавад, куштани ӯ осон аст.

Аммо ба таҳқиқ кардани хабар эҳтиёҷ намонд ва дар кӯчаҳо овози пои аспони дартоз зилзила дар замину замон андохт ва дар як лаҳза аҳли маҷлисро пароканда сохт. Дар ним соати ҳуҷуме аз ҳазор нафар мард, ки дар боғи амир Шоҳвалӣ буданд, ғайр аз фақир, Ғиёсуддини Муҳаммад ва аҳли ҳарам касе боқӣ намонд.

Амир Шоҳвалӣ даст ба домани фақир зада гирьякунон гуфт:

— Эй маҳдум, муддати ҳафт сол аст, ки шумо ба мо муқтадо ва пешвоед[1] ва дар ин муддат ба сари шумо дурру ҷавоҳири бешумор нисор кардаам. Бо вуҷуди он тундӣ ва бадфеълӣ, ки маро буд ва ба подшоҳон сар фуруд намеовардам, дар итоат ва фармонбардории шумо кӯшиш доштам ва писари ман, ки шогирди шумост, ба ӯ мегуфтам: «Ҳар касе ки ба касе ҳарферо омӯзад мавло ва соҳиби ӯ мешавад. Ту ба маҳдум бандавор хизмат кун». Акнун аз шумо ҷашм дорам, ки дар ин воқеаи ҳавлнок дастгирӣ кунед. Шумо ва бародари шумо (Ғиёсуддини Муҳаммад) аз мо набурред. Агар аз ин таҳлука зинда халосӣ ёбем аз шумо узр хоҳем ва агар ҳалок шавем худо аҷри музди некӯкоронро зоеъ нахоҳад кард.

Ман ба натиҷаи дигаргуниҳои даврон бо назари ибрат менигаристам: вақте буд, ки шахсе касеро кушта дар хонаи ӯ пинҳон гардида буд. Султон Ҳусайнмирзо се бор ба ӯ кас фиристода талаб намуд, ки он қотилро ба ӯ фиристад, то ки таҳқиқ намояд. Шоҳвалӣ он хуниро нафиристода ба подшоҳ ҷавоб фиристода буд, ки: «Ман таҳқиқ кардаам, дар ҳаққи вай ин тӯҳмат аст». Ин вақт ин гуна одами гарданкаши инодкор чунон забун шудааст, ки монанди он ки дар об ғарқ шуда, ба ҳар гиёҳи лабо-

---

[1] Ин таъбир, ки айнан аз Восифӣ гирифта шуд, нишон медиҳад, ки ӯ дар хонадони Шоҳвалӣ ғайр аз муаллимии фарзандонаш вазифаи имомиро ҳам адо мекардааст.

бӣ ба умеди халосӣ чанг мезанад, ба ин фақири камина, ки заифтарини одамон аст, чунон бо хорӣ зорӣ мекунад, ки маро шарм меояд.

Писари ӯ ва зану духтараш, ки дар рӯи замин дар хубрӯӣ монандашон набуд, гирд омаданд ва домани мани Ғиёсуддинро гирифта чунон нолаву афғон карданд, ки мо ҳам ба гиря омадем ва ниҷунин канизак ва хонадухтарони ӯ ки даҳ нафар буданд, низ гирьяву зорӣ мекарданд.

Мо Қуръон бардошта қасам хӯрдем, ки ба ихтиёри худ аз онҳо ҷудо нашавем.

Фақир гуфтам: — Аз нақдина, ки доред ва дар наздикии талаф шудан аст, бояд ба қадри имкон бардорем — ва ба хазина даромадем. Дар он ҷо даҳ сандуқ буд, сари онҳоро кушодем: панҷ сандуқ пур аз танга, ду — пур аз ашрафӣ (тилло), яке пур аз дастаҳои нигинакории корду ханҷару шамшер ва ду пур аз забарҷаду лаълу ёқуту марворид буд. Ман гуфтам. «Ғайр аз ҷавоҳиру марворид дигар чизҳоро бардоштан бесарфагӣ аст».

Ҳамьёнҳои тангаро холӣ карда, пур ҷавоҳир намудем ва он халтаҳоеро ки аз ҷавоҳир барзиёд монданд пур аз тилло ва дастаҳои нигинакорӣ кардем ва он касоне ки дар он ҷо буданд ҳар кадом бо қадри қуввати бардошти худ аз он ҳамьёнҳо бар миён бастанд.

Фақир гуфтам: — Агар ҳамин замон аз боғ бароем мумкин аст, ки ба шаҳр даромада натавонем, чунки эҳтимоли дастгир шуданамон ҳаст. Бехтар он аст, ки сабр кунем то шаб дарояд.

Ин таклиф ба ҳама мақбул афтод ва Ғиёсуддин дарвозаи боғро то нимааш аз даруи хокрез кард.

Намози шом шуд. Ҳама аз болои бом ба тарафи ҳамсоя гузашта, аз дари сарои ӯ беруи баромадем. Намози хуфтан буд, ки ба дарвозаи Малик расидем. Дарвозабон ошно буд, дарро кушод, ба шаҳр даромадем.

Шоҳвалӣ гуфт:—Ба ҳавлии мо ва хешовандони мо рафтан бағоят хавфнок аст. Ҳарчанд ҳавлии шумо ҳам Шайҳамин ҳукмро дорад, аммо аз он ҷо, ки шумо бо Шайхулислом ва дигар калонони шаҳр шиносоии махсусе доред, мумкин аст, ки он ҷо аз хуҷум ва торочи аскарони бегона маҳфуз монад.

Фақир розӣ шудам, ҳама ба он тараф рӯ овардем ва ду поси аз шаб гузашта буд, ки ба хона расидем. Онҳоро ба меҳмонхона даровардем ва ҳамьёнҳоро дар деги бу-

зурге андохтем ва бо Ғиёсуддин он дегро ба тарзе гӯрондем, ки агар навкарони Шайбонихон бамасал дар он ҷо гӯронида будани он хазинаро донанд ҳам, бароварда наметавонистанд.

Амир Шоҳвалӣ гуфт: — Дар ин ҷо ҳам будани мо маслиҳат наменамояд. Агар ҷое маҳфузтар аз ин ҷо меёфтед, моро як дараҷа хотирҷамъ мекардед.

Фақир фикр кардам ва ёронеро, ки дар бораи дӯстӣ ҳамеша ин қитъаро мехонданд:

> Ёр машмор он, ки дар неъмат занад
> Лофи ёриву бародар хондагӣ.
> Ёр он бошад, ки гирад дасти дӯст
> Дар парешонҳоливу дармондагӣ—

ба хотир овардам ва ба хонаи ду нафар аз ин гуна ёрон рафтам ва матлабро изҳор кардам.

Яке аз онҳо аз ман рӯй пинҳон кард ва дигаре гуфт:

— Шуморо дар дидаи худ ба қатори гавҳарак ҷо медиҳам, аммо он касонеро, ки шумо мегӯед ҷо додан мумкин нест. Зеро онҳо дар кадом ҳавлие, ки пинҳон шаванд, он маҳалла ва кӯй, ки он ҳавлӣ дар он ҷост, тороҷ ва аҳолиаш асир, ё кушта хоҳанд шуд.

Аз ёрон навмед шуда, ба хона баргаштам ва ба амир Шоҳвалӣ аҳвол ва кайфияти дӯстони худро гуфтам. Бағоят малул ва тангдил гардид. Гуфтам:—Навмед мабошед, ки аҷаб нест кушоише ёфт шавад.

Пагоҳонӣ боз ба кӯча баромадам. Гузори ман ба пои ҳисор афтод. Марде ношинос пеш омад ва гуфт:

— Шуморо парешонҳол ва пароканда хотир мебинам, сабаб чист?

Гуфтам:—Аввал ту ҳоли худро гӯй!

Ӯ гуфт:—Пеш аз ин ҳафт сол шабе дар хонаи ҳофиз Нури Абрешимкор дар маҳаллаи Маликон будем. Шумо дар он ҷо дар ваъзгӯӣ тақлиди Мавлоно Ҳусайни Воизро кардед, чунон, ки маҷлисиён дар гирья даромаданд ва гуфтанд: «Моро дар маҷлиси ваъзи Мавлоно Ҳусайн ҳаргиз ин кайфият рӯй надода», аз ҳамон вақт боз ман бандаи мухлиси шумо мебошам.

Гуфтам:—Ҳоло дар чӣ корӣ ва дар куҷоӣ?

Гуфт:—Худ сарое доштам. Маро писаре буд толибилм ва ҳофизи Қуръон, ки бағоят хушовоз буд. Мехостам ӯро хонадор кунам ва барои ӯ сароҷае сохтам, ки аз қасри биҳишт ёд медод. Ба ногоҳ ӯ аз дунё рахт баст ва маро ба банди андӯҳу алам сахт баст.

Он шахс баъд аз нақли саргузашти пуралами худ ба ман гуфт:

— Акнун шумо ҳоли худро баён кунед!

Гуфтам: —Маро хешон ва наздикон мебошанд, ки аз Сабзавор омадаанд. Дар ин ғавғо ҳеҷ ҷо намеёбем, ки ҷойгир шавем.

Ӯ гуфт:—Он сароҷаро, ки ҳоло гуфтам ба писари хурди худ муқаррар кардаам. То ба балоғат расидани ӯ бо хешони худ он ҷо бошед, миннати азим дорам.

Бо вай рафта он сароҷаро дидем: ҷое буд, ки ҳар кас қадам дар он ҷо мениҳод, намехост, ки барояд.

Фақир зуд ба назди амир Шоҳвалӣ омадам ва ба ӯ гуфтам, ки аз барои вай ва писараш ҷое ёфтаам. Хурсанд шуд. Ҳар кадом монанди толибилмон дасторчае ба сар ниҳоданд ва ҷуздоне (папкае) дар бағал карданд. Занон чодарҳои кӯҳна бар сар гирифтанд ва ҳамагӣ ба тарафи он ҳавлича раҳсипор шудем ва гуфтам, ки аз ҳам ҷудо-ҷудо пароканда бояд роҳ раванд ва бо ҳамин вазъият ба он ҳавлӣ расидем.

* * *

Восифӣ мегӯяд: бо наздик расидани Шайбонихон ба Ҳирот, Хадичабегим ба боғи шаҳр даромад. Тамоми ашрофу аъён ва калонтарони Ҳиротро пеши худ хонд ва ба онҳо гуфт:

— Шумо муддатҳо дар сояи давлати султон Ҳусайнмирзо неъматҳо дидед ва компрониҳо кардед. Ӯ шуморо чунон навозишҳое кард, ки ҳеҷ подшоҳ, монанди шуморо ин қадар меҳрубонӣ накардааст. Акнун ба сари писарони ӯ рӯзи сахте афтод. Агарчи онҳо алҳол пинҳон шудаанд, боз бар сари ин шаҳр омада, истило хоҳанд кард. Аз шумо муносиб он аст, ки ба роҳи ҳақиқат рӯ оред ва ҳуқуқи падари онҳоро нигоҳ доред. Ин шаҳрро муҳофизат намоед, аёлу атфоли Ҳиротро ба дасти навкарони Шайбонихон ки муомилаи онҳо ба мардуми Самарқанд ва Мовароуннаҳр маълум ва машҳур аст, нагузоред!

Шайхулислом Мирмуҳаммад Юсуф, қозӣ Ихтиёруддин, Саид Абдулқодир ва дигар калонони Ҳирот ба Хадичабегим гуфтанд:

— Ин фармоиши шумо вақте дуруст мешуд, ки аз шоҳзодаҳо умеди беҳбудие мебуд. Шумо худ медонед, ки шоҳзода Бедеуззамон ва писари шумо Музаффар Ҳусайнмирзо баъд аз фавти падар чӣ гуна подшоҳӣ карданд.

Мардумро аз онҳо ҳеҷ умеди хайре нест. Қитъаеро ки шоире дар ҳакки инҳо гуфтааст, ҳамаи халқ вирди забони худ кардаанд ва он қитъа ин аст:

Султон Хусайн — шоҳи ҷаҳон к-аз улуви кадр,
Будаш фарози гунбази фирӯза боргоҳ,
Рафту бимонд бар фалаки салтанат аз ӯ —
Монанди меҳру моҳ ду шоҳи ҷаҳонпаноҳ.
Лекин ба ҳар ду нисбати шоҳӣ бувад чунон-к —
Бар як-ду ҷӯбпораи шатранҷ номи шоҳ.

Дигар он ки онҳо чунон шикасте хӯрдаанд, ки имкони баргашта омадан надоранд: вазир ва сипаҳсолорашон ва дигар сараскарони номдорашон тамоман кушта шудаанд ва сомони ҷангро аз даст додаанд. Шайбонихон султонест дар ғояти ғаюрӣ. Агар мухолафат кунем, баъд аз фатҳ яке аз мо зинда намонад ва тамоми аҳли шаҳр ба ғорату асирӣ гирифтор шаванд. Худ фармоед, ки мо даҳ рӯз, ё як моҳ шаҳрро нигоҳ дорем, дар охир ғайри он ки ҳоли мо ва ҳоли шаҳр чунин шавад чӣ фоида дорад?

Хадичабегим гирист ва гуфт: — Рост гуфтед. Аз онҳо ризомандӣ намуд ва иҷозат дод, ки ба кори худ раванд.

Қалонтарон аз пеши Хадичабегим баромада, дар мадрасаи Шайхулислом ҷамъ шуданд ва қарор доданд, ки калидҳои дарвозаи шаҳрро ба хон фиристонанд. Дар ин вақт Султоналӣ ном дарзӣ давон омад ва гуфт:

— Эй шайхулислом ва калонони шаҳр! Шодӣ бод шумоёнро, ки Абулмӯҳсинмирзо ва бародараш Қиикмирзо (писарони дигари султон Хусайн) бо панҷоҳ ҳазор марди мусаллаҳ аз Машҳад илғор карда расиданд. Ман дар сари хиёбон будам, ки аз тарафи Соқӣ Салмон гарде баланд шуд:

Зи сумми сутурон дар он пахидашт
Замин шаш шуду осмон гашт хашт.

Пеш давидам. Саворе аз миёни гард баромада пеш ронд ва ба ман расида гуфт:—Ту чӣ касӣ? Гуфтам:—Фақир Восифӣ[1]-ам, дареғ аз Хуросон! Савор гуфт:—Пеш ой.

---

[1] Ин хабари дурӯғи иғвогарона ба сифати як хабари иғвогарона, аммо ба варианти дигар дар «Равзат-ус-сафо» ҳам накл шудааст. Аммо зикр шудани номи «Восифӣ» дар ин ҷо, ки худи Восифӣ дар ин хусус чизе намегӯяд, сабаби тааҷҷуб аст. Ман гумон мекунам шояд сохтабарорандаи ин хабар аз ҷумлаи душманони Восифӣ бошад ва ӯ муқаррар карда бошад, ки албатта дар натиҷаи ин хабар фитнае барпо хоҳад шуд. Дар он сурат Восифӣ аз тарафи Шайбонихон ба сифати барорандаи ин хабари фитнаасар ҷазо хоҳад дид. Султоналии дарзӣ бошад, нодонона ба нашри ин хабар олат шуда бошад.

Ба ӯ наздик шудам. Порае набот бар дасти ман дод ва гуфт:—Ман Муҳаммадвалибегам. Ин наботро ба шайхулислом расон ва гӯй, ки ғам махӯред — Мирзоабулмӯҳсин ва Мирзокиик бо панҷоҳ ҳазор савор расиданд.

Шайхулислом бо шунидани ин суханҳо табассуме кард ва гуфт:

— Дурӯғ будани ин сухан аз офтоб равшан аст.

Он шахс гуфт:—Махдумо, шумо маро банд карда ниgoҳ доред, агар гуфтаҳоям рост набароянд, маро пора-пора кунед!

Шайхулислом Муллозода — мулло Усмонро ба сари Хиёбон фиристод, ки хабаре орад. Ӯ ба он ҷо рафта омад ва гуфт:

— Хиёбон пур аз ӯзбакон ва аз шоҳзодагон ному нишон дар он миён нест.

Он мардро гуфтанд: —Акнун чӣ мегӯӣ?

Ӯ гуфт:—Дар дарвозаи Малик касе ба ман савганд ёд карда, он суханҳоро гуфт ва он наботро ба ман дод, ки ба шайхулислом расонам.

Он дурӯғгӯйро зарбу лат карданду гузоштанд ва қарор доданд, ки фардо пагоҳонӣ калиди шаҳрро бо тӯҳфаҳо ва пешкашҳо, ки расм аст, ба хизмати хон фиристанд.

* * *

Восифӣ мегӯяд:

Шайбонихон аз барои зани Музаффар Ҳусайнмирзо, ки ба ҳусну ҷамол машҳур буда, духтари яке аз хонҳои ӯзбак[1] буд, ғазале навишта фиристода буд. Чун шаб шуд, Хадичабегим ба қалъаи Ихтиёруддин рафта, дар он ҷо худро маҳфуз кард ва зани Музаффар Ҳусайнмирзоро ҳам ба он ҷо даъват намуд. Аммо он зан ба умеди ба Шайбонихон расида, малика шудан ба пеши модаршӯи худ — Хадичабегим нарафт.

Вақте ки шайхулислом бо калонони шаҳр калиди дарвозаро пеши хон бурданд, хон шайхро зиёда эҳтиром

[1] Модари ин зан хоҳари султон Ҳусайнмирзо буд. Султони мазкур пеш аз расиданаш ба салтанати Хуросон — дар вақтҳои ҷангу гурезаш бо Абӯсаидсултон, он хоҳари худро ба Аҳмадхон ном ӯзбак, ки дар лаби Омӯя дар байни Чорҷӯй ва Хоразм ҳукумат дошт, дода буд. Аз вай як духтар рӯид, ки Хонзодахоним ном ниҳоданд. Баъд аз мурдани Аҳмадхон хоҳари султон ба ин духтар ба Ҳирот омад ва ӯро ба бародарзодаи худ — Музаффар Ҳусайн ба занӣ дода буд.

кард ва масъалаи зани Музаффар Ҳусайнмирзоро ба миён овард.

Шайхулислом гуфт: —Шавҳараш зиндааст, ин дар никоҳи вай аст. Чигуна мешавад?

Хон дар изтироб афтод. Амир Муҳаммадюсуф ва қозӣ Ихтиёруддин гувоҳӣ доданд, ки Музаффар Ҳусайнмирзо ӯро се талоқ кардааст.

Мегӯянд ин рост буд, ки Музаффар Ҳусайнмирзо ӯро се талоқ карда буд. Аммо ӯро ҳалола карда, боз ба никоҳи худ дароварда буд. Амир Муҳаммадюсуф ва қозӣ Ихтиёруддин ин холро пинҳон доштанд [1].

Хулоса Шайбонихон зани Музаффар Ҳусайнмирзоро бо тамоми касоне ки ба вай дахлдор буданд, бо уланги (чарогоҳи) Кӯҳандистон, ки дар як фарсахии (8 километрии) шаҳри Ҳирот аст кӯчонда бурд ва дар он ҷо ба акди никоҳи худ даровард ва амир Ёдгори кӯкалтошро, ки падари амир Шоҳвалӣ буда, дар дари ҳарамсарои бегими мазкур буд, бисьёр риоят кард ва ӯ ба дари хонаи бегим, ки зани Шайбонихон шуда буд, соҳибихтиёр шуд.

## ДАР БОРАИ ГУРЕЗОНДАНИ ХАЗИНАИ ХАДИЧАБЕГИМ ВА ХОНЗОДА СУЛТОНБЕГИМ АЗ ӮРДУИ ШАЙБОНИХОН

Восифӣ мегӯяд: амир Шоҳвалӣ шунид, ки падараш — Амир Ёдгор дар назди хон эътибор ёфтааст, ба фақир гуфт, ки шумо равед ва хабари саломатии моро ба ӯ расонед.

Ман андешидам, ки бе тағьири либос дар он ҷоҳо рафтан муносиб нест. Бинобар ин ба хонаи яке аз хешони худ рафтам. Аз он ҷо як ҷомаи ғуломии даридаи кӯҳна ва порашударо ёфта дар бар кардам, фӯтаи ғуломии пора-порашударо ба миёни худ бастам ва як токияи муносиби онро ба сар пӯшида, то болои абрӯ фаровардам ва асои шикастаи гадоиро ба даст гирифта аввал барои озмоиш ба хонаи худ рафтам.

Чун ба хонаи худ даромадам, ҳамаи аҳли хона дар фарьёд шуда гуфтанд, ки ин гадои густох кист, ки ин навъ беибоёна ба хона медарояд?—ва чӯбҳоро бардошта ба сару рӯям задан гирифтанд ва аз хонаам берун карданд.

---

[1] Ин вокеаро ба ривояти дигар соҳиби «Равзат-ус-сафо» ҳам тасдиқ мекунад.

Дуввумбора ба хона даромада овоз додам ки:

— Маро шинохтед, ё не?

Акнун ки донистанд ман будаам, чунон хандиданд, ки суст шуда бар замин ғалтиданд ва гуфтанд: — Ин кор барои чист?

— Дар ин маслиҳатест, ки шумо намедонед! — гуфтам дар ҷавоб ва аз хона баромада, рост ба ӯрдугоҳи Шайбонихон — ба Кӯҳандистон рафтам ва ба наздикии хаймаи амир Ёдгор кӯкалтош нишастам.

Дар вақте ки ош мекашиданд, чашми амир Ёдгор ба ман афтод ва ба ходимони худ гуфт:

— Ба ин ғадо чизе бидиҳед!

Яке аз онҳо порае гӯштро дар табақе ниҳода пеши ман оварда гузошт. Он касро шинохтам ва ба ӯ оҳиста гуфтам:

— Маро шинохтӣ?

Аз овозам шинохт ва гуфт:

— Қасам ба худо, ки нашинохта будам. Туро чӣ ҳолат аст?

Гуфтам: — Хомӯш бош ва оҳиста ба мир гӯй, ки фалонӣ омада аст ва аз мутааллиқони шумо хабар оварда.

Ӯ рафта ба амир Ёдгор хабар дод ва бо фармоиши ӯ хаймаеро холӣ карда, маро ба он ҷо бурд. Амир ҳам он ҷо омад ва маро дида бисьёр бихандид ва баъд аз он гирьён шуда аҳволи фарзандонашро пурсид.

— Худоро шукр, ҳама саломатанд,— гуфтам ва саргузашти онҳоро ҳикоя кардам. Баъд аз он аҳволи худашро пурсидам. Гуфт:

— Аҳволи мо косаи бар рӯи об аст. Намедонам оқибат чӣ мешуда бошад? Бегим[1] шуморо бисьёр ёд мекунад. Чунин пай бурдаам, ки ӯ мехоҳад хазинаи худро аз миёни ӯзбакон берун фиристад ва низ духтаре ҳаст, ки номзади Султонвалӣ (писари Шоҳвалӣ) аст. Ӯро дар гӯшае пинҳон нигоҳ медорад, ки бисьёр мардумон қасди ӯ доранд.

Дар ин гуфтугӯ будем, ки гуфтанд: — Бегим омад. Ӯ ба хайма даромада маро дида бисьёр бихандид ва гуфт:

---

[1] Ҳарчанд Восифӣ сареҳ намекунад, ин бегим зани Музаффар Ҳусайнмирзо, хоҳарзодаи Ҳусайн Бойқаро — хонзода Султонхоним аст, ки ӯро Шайбонихон ба занӣ гирифта буд. Вақте, ки Хадичабегим ба қалъаи Ихтиёруддин рафт ва ин бегим нарафт, хазинаи ӯ ҳам дар дасти ҳамин бегим монда буд.

— О мулло, то ҳол дар куҷо будӣ ва аз кӯка (ширхора)-ам хабар дорӣ?

Аҳволи Шоҳвалӣ ва хонаводан ӯро ба тарзи кӯтоҳ ҳикоя кардам. Шунида хушҳол шуд ва дасти маро гирифта ба хиргоҳ даровард. Дар он ҷо сандуқҳои бисьёр калонро болои ҳам ниҳода буданд. Дар гӯшае духтари парирӯе, ки офтоб аз тоби ҷамолаш бетоб мешуд, нишаста буд[1].

Бегим он духтарро ба ман нишон дода гуфт:

— Мешиносӣ? Ин номзади кӯкаам — Султонвалӣ аст. Дам ба дам бими он аст, ки инро аз дасти мо рабоянд ва доғе бар ҷигари мо ниҳанд, ки ҷарроҳон аз илоҷи он оҷиз бошанд ва ин сандуқҳоро, ки мебинӣ пур аз ҷавоҳир аст, худо паноҳ диҳад, ки агар хон, ё яке аз ӯзбакон хабар ёбанд, дар дасти мо аз инҳо гарде ҳам намемонад ва дар ин бора чӣ маслиҳат медиҳӣ?

Гуфтам: — ҳамаро бо Ғиёсуддин Муҳаммад мекашонем, падарам дар ҳавлӣ сардобае бино карда, дар вай ҷохе тартиб дода буд. Ҳамаро дар он ҷо мегӯронем. Агар он ҷоро то рӯи об кофанд ҳам аз инҳо асаре нахоҳанд ёфт.

Мо дар ҳамин гуфтугӯ будем, ки духтархонае омада гуфт, ки гадое омадааст ва мегӯяд, ки ба Қарокӯзбика кор дорам.

Гуфтам: — Ман кароматe кунам: ин гадо Ғиёсуддин Муҳаммад хоҳад буд ва аз духтархона пурсидам: — Ҳамон гадо риши зард дорад?

— Бале! — гуфт дар ҷавоб духтархона.

Гуфтам:

— Бирав ӯро ҳамроҳи худ гирифта ин ҷо биёр!

Чун Ғиёсуддин омада ба хайма даромад, бегим аз ханда суст шуд, чунки ӯ ҳам тағьири либос ва қиёфа карда худро ба сурати гадо сохта омада буд.

Бегим ба ӯ гуфт:

— О роҳзан! Туро чӣ шуд, ки ба гирди мо намегардӣ?

---

[1] Мундариҷоти ин боб ва боби гузашта дар Восифӣ як қадар муғлақ ва як қисм номҳо сареҳ нокарда навишта шудаанд. Ин мундариҷоти ҷилди ҳафтуми «Равзат-ус-сафо» ки муаллифи он Мирхонд низ аз шоҳидони ин воқеаҳост, татбиқ намуда шуда равшантар таҳрир карда шуданд. Ин духтаре, ки дар ин ҷо сифати номзади Султонaлӣ нақл ёфтааст, аз боби оянда маълум мешавад, ки Моҳчучук аст, ки ӯро низ Восифӣ халос мекунад.

— Бегим! Сабаб маълум аст,— гуфт дар ҷавоб Ғиёсуддин.

Фикри худро дар бораи кашондани хазина ба Ғиёсуддин гуфтам. Ӯ маъқул ёфт ва:

— Некӯ андешидаӣ!—гуфт ӯ.

Қарбос оварданд, ҳамьён ва халтаҳо дӯхтанд. Бегим фармуд, ки ҳеҷ касро ба дари хайма нагузоранд. Сари як сандуқро кушода ҷомае берун оварданд, аз гиребон то ба домон ҷавоҳиркорӣ буд. Амир Ёдгор гуфт, ки: «Ба ин ҷома сӣ ҳазор — 30 000 танга харҷ шудааст». Ман ҷомаи худро аз тан берун карда он ҷомаро пӯшидам, доманҳояшро ба камар устувор кардам, як ҳамьён ҷавоҳирро ба атрофи домон ҷой кардам. Ҷузвдони кӯҳнае доштам, ки дар вай ангуштариҳо, гӯшвораҳо, гулӯбандҳо, пойбандҳо ва дастпонаҳои пурқиматро андохта дар бағал задам. Дастчӯби худро аз сари даст то зери бағал бо карбос печида дар миёни ҳар печи вай сангҳои пурқимат гузоштам. Баъд аз он, он дастро дар рӯмол гирифта ба гардани худ ҳамоил намудам, ки гӯё ман «дастшикаста»-ам. Он ҷомаи кӯҳнаи ғуломиро аз рӯй пӯшида ҷомаи ҷавоҳиркорро дар зери вай пинҳон намудам.

Ғиёсуддин Муҳаммад ҳам ба ҳамин тариқа ҷавоҳир бардошт. Лекин дасти ӯ ношикаста ва ба гардан ҳамоил накарда буд.

Мо ба роҳ баромадем. Аз оби Кӯҳандистон гузаштем, аз байни чодарҳои аскарони Шайбонихон мерафтем. Ман аз «озори дасти худ» нола мекардам. Ғиёсуддин ба аскарон мегуфт, ки: «Аз барои худо дар ҳаққи ин фақири шикаста раҳм кунед, ин ҳоҷӣ ва сайид аст, дасташ шикастааст».

Онҳо дар роҳи худо ба мо танга ва пул медоданд ва дуо мегирифтанд.

Ба ҳамин тариқа шабу рӯз рафтуой карда, дар як ҳафта корро анҷом додем ва хазинаро оварда дар сардоба гӯронидем.

Чун рӯзи ҳаштум он ҷо рафтем, амир Ёдгорро дар ҳолате аҷиб ёфтем: ӯ тоқияи чиркине бар сар дошт ва аз рӯи вай фӯтаи пора-пораеро печонда буд ва ҷомаи нафратоваре дар бар карда дар хайма менишаст.

Ғиёсуддин ба ман гуфт: — Зоҳиран фалаки ситезагар коре кардааст?

Фақир пеш рафта аз амир Ёдгор аҳвол пурсидам. Ӯ гуфт:

— Аҳвол даруни хона мебину мапурс!
Хун бар сари остона мебину мапурс!

Бегим қабоҳате карда ва бо як ҳаракати номуносиб хонро ранҷондааст ва имшаб хон ӯро дашном дода, аз бистари хобаш баромада рафтааст. Номзади Султонвалиро ҳам бо модараш аз дасти ӯ гирифта ва намедонам ба куҷо фиристодааст...

Амир Ёдгор баъд аз нақли ин аҳвол ба мо гуфт:

— Эй махдумон! Дар ин ҷо чӣ меистед? Зуд биравед ва ҳар кадом дар гӯшае пинҳон шавед, ки дар лойдони мо нағелед!

Аз пеши амир Ёдгор баромада рост пеши амир Шоҳвалӣ рафтем ва ба ӯ ин моҷаро ва аҳволи падарашро ҳикоя кардем. Дар он ҷо аз нолаву афғони аҳли хона қиёмате бархост. Мо ҳам ночор:

Бо синаи решу чашми пурхун,
Рафтем аз он саройи берун.

## ДАР БОРАИ ГУРЕЗОНДАНИ ВОСИФӢ ДУХТАРАКИ АСИРА — МОҲЧУЧУКРО

Восифӣ мегӯяд: баъд аз ду рӯзи фалокати амир Ёдгор ба пеши амир Шоҳвалӣ рафтам. Дар он ҷо Султонвалӣ (писари Шоҳвалӣ)-ро дидам, ки гиребони худро пора-пора карда ва чунон гириста, ки чашмонаш варамидаанд. Чун фақирро дид, фарьёд баровард ва гуфт:

— Махдумо! Маро бубахшед ва ҳар ҳаққе, ки ба ман доред, биҳил кунед, ки ман худро мекушам. Ман шунидам, ки Шайбонихон Моҳчучукро аз хонаи Бегим бурда ва ба касе бахшида. Маро тоқати фироқи ӯ нест:

— Маро сад бор мурдан беҳ, ки як дам зистан бе ӯ.

Гуфтам:—Эй фарзанд! Дар мусибатҳо ва машаққатҳо сабр бояд кард, ба ғайр аз сабру таҳаммул ҳоло чорае ҳам надорӣ. Ман Ғиёсуддинро ёбам, бо ӯ машварат мекунам. Аҷаб нест, ки барои халос кардани ӯ роҳе ёбем.

Султонвалиро бо ин гуна суханҳо тасаллӣ дода, аз он ҷо баромадам. Ғиёсуддинро дар бозор дида, ба ӯ воқеаро ҳикоя кардам ва дар бораи халос кардани Моҳчучук фикри ӯро пурсидам.

Ғиёсуддин гуфт: — Ман ин воқеаро аз ту беҳтар ва ба тафсилтар шунидаам: Шайбонихон Моҳчучукро ба Ху-

сайнкунғурот дода. Ӯ дар лаби чоҳи Динорон манзил гирифтааст. Дар вақти овардани Моҳчучук бо модараш аз Кӯҳандистон модараш аз асп афтода, пояш шикастааст. Моҳчучук дар хонаи Ҳусайнкунғурот корде дар даст гирифта нишастааст ва мегуфтааст, ки: «Ҳар кас пешам ояд бо ин корд, ҳам ӯро мекушам ва ҳам худро».

Ғиёсуддин ҳикояти Моҳчучукро ба ин ҷо расонида гуфт:

— Ман дар бораи халос кардани он духтар тадбире андешидаам. Аҷаб нест, ки он тадбир мувофиқи тақдир барояд:

Он чӣ саъяст ман андар талабаш бинмоям,
Ин қадар ҳаст, ки тағйири қазо натвон кард.

Гуфтам: — Ба фикри ту чӣ кардан даркор аст?

Ӯ гуфт: — Фикри ман бо кори ман якест. Ҳар вақт ки корро сар кардем медонӣ чӣ кор кардан лозим будааст. Дар ин гуна маврид гуфтугузори бисьёр вақтро муфт аз даст меравонад. «Вақт теғи бурранда» гуфтаанд. Бисьёр корҳоро вақт ҳал мекунад. Дар ин гуна мавридҳо вақтро аз даст додан — мисли он аст, ки дар майдони ҷанг шамшерро аз даст дода бошӣ. Зуд равон шав, ки корро сар кунем!

Мо ҳар ду ба ҷое рафта, либоси деҳқонӣ пӯшидем ва ба ҷониби дарвозаи Малик рафтем. Дар беруни дарвоза бозоре буд, ки боғдорони саҳро ангур оварда, дар он ҷо мефурӯхтанд. Аз он ҷо ду кацова ангур харидем. Ғиёсуддин якеро бар пушти ман бор кард, дигареро ба пушти худ гирифт ва ҷониби лаби чоҳи Динорон равон шудем. Дар он ҷо ба дари сарое расидем, ки ҷамъе аз ӯзбакон ба он сарой даромада мебаромаданд.

— Сарои Ҳусайнкунғурот кадом аст? — гуфта пурсидем аз онҳо.

— Ҳамин аст! — гӯён ҷавоб дод яке аз онҳо.

Дар он ҳавлӣ даромадем. Дидем, ки дар сари суффа марде дар ғояти бузургӣ ва ҳашамат нишастааст ва дар рӯ ба рӯи вай қариб панҷоҳ нафар навкар даст пеш гирифта мунтазири хизмат истодаанд. Дар пеши айвон хонае ва дар он хона зане ба болин такья зада нолида хобидааст.

Ман ва Ғиёсуддин Муҳаммад кацоваҳои ангурро ба пеши суффае, ки Ҳусайнкунғурот нишаста буд гузошта, ба тарафи он хона давон рафтем ва ба пои он зан афтода гуфтем:

— Эй валинеъмати мо! Ин чӣ ҳолат аст? Ба пои шумо чӣ рӯй дода, ки менолед? Чашмони мо кӯр бод, ки шуморо дар ин ҳолат набинем!

Амирҳусайн ба мо гуфт: — Шумо чӣ касонед ва ба инҳо чӣ алоқа доред?

— Мо деҳқонон ва боғбонони ин бегим мебошем,— гуфтам ман дар ҷавоб ва сухани худро давом кунондам:—ин кас дар мавзеи Ғуслон боғе доранд, ки дар хубӣ ва латофат дар тамоми Хуросон монанд надорад. Ҳамин вақт қариб панҷсад ман ангур дорад ва ангурҳо пухта гузашта, қариб аст, ки талаф шаванд.

Ҳусайнқунғурот гуфт: — Ғам махӯред, ки он боғ ба мо тааллуқ гирифт ва шумо ҳам аз они мо шудед. Шуморо тарбия ва ба шумо нигоҳубин хоҳем кард. Ангурҳои он боғро шароб андозед!

Бегим ба тарафи мо тез-тез менигарист, ӯ пай бурда буд, ки мо барои ягон кори муҳимме омадаем. Ӯ диққат мекард, ки то фаҳмад, мо барои чӣ кор омадаем.

Ман аз хона баромадам, як каҷова ангурро ба навкарон тақсим карда додам. Қаҷоваи дигарро ба хона даровардам ва ба модари Моҳчучук гуфтам:

— Имрӯз инро нӯши ҷон кунед, фардо боз ангур хоҳем овард.

Ангурро аз каҷова баровардам. Моҳчучук дар гӯшаи хона нишаста буд ва корде ба даст дошт ва гирья мекард. Ба ӯ оҳиста ва бо ишора гуфтам:

— Бархез ба ин каҷова даро! Чӣ ҷои гирья аст. Султонвалӣ мабодо, ки аз ғами ту худро кушта бошад.

Ӯ ба каҷова даромад. Баргҳои токро аз болои ӯ чидем. Ғиёсуддин Муҳаммад ба ман гуфт: — Ин каҷоваро гузор, ки ман бардорам. Ту тоқати ин бори гаронро надорӣ, ки ба ин роҳи дур бубарӣ. Ту каҷоваи холиро бардор!

Чунин кардем ва намози аср ба шаҳр расидем. Ман пештар ба хонаи Шоҳвалӣ даромадам. Султонвалӣ мегирист ва маро дида бо гиребони чок ва синаи ғамнок пештар омад.

Гуфтам:

> Мужда эй дил, ки масиҳонафасе меояд,
> Ки зи анфоси хушаш бӯи касе меояд.

— Ғам махӯр, ки муродат ҳосил шуд!

Ғиёсуддин Муҳаммад ҳам омада даромада каҷоваро

бар замин ниҳод ва сари вайро аз баргҳо кушод. Моҳчучук монанди офтобе, ки аз зери абр бароянд, аз качова баромад. Ғулғулаи шодиёнаи аҳли хона ба фалак печид:

Чӣ хуш бошад, ки баъд аз интизорӣ
Ба уммеде расад уммедворе.

Зани Шоҳвалӣ гарданбанде дошт, ки дар Хуросон монанд надошт, аз гардан бароварда ба Ғиёсуддин хадья кард. Духтаронаш ангуштариҳо ва гӯшвораҳо ба фақир бахшиданд.

## ЁДДОШТИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ ОҚИБАТИ КОРИ АМИР ЁДГОР ВА ФАРЗАНДОНИ Ӯ ВА ГУРЕЗА ШУДАНИ ХУД

Восифӣ мегӯяд: баъд аз халос кардани Моҳчучук ман ба Ғиёсуддин Муҳаммад гуфтам:

— Ман салоҳ намебинам, ки мо ва аҳли хонаводаи мо дар ин шаҳр бошем. Мо оташе афрӯхтем, ки агар сахл гирем аз ҳама пештар худ дар он оташ месӯзем. Муносиб он аст, ки молу ашьёи хонаамонро пинҳон созем ва аёлу атфолро ба Ӯба фиристем.

— Некӯ гуфтӣ,— гуфт ӯ ва дарҳол ба хона омадем, ҷавоҳири амир Шоҳвалиро, ки дар дег андохта дар меҳмонхона гуронида будем, аз он ҷо бароварда ба сардоба бурда, ба ҷавоҳири Хадичабегим зам карда, дар он ҷо гӯр кардем.

Ғиёсуддин дарҳол савориҳои кироя оварда, аҳли хонаводаро ба онҳо савор карда, ба Ӯба гирифта бурд. Фақир молу ашьё ва асбоби хонаро ба хонаҳои хешон кашонда пинҳон кардам.

Мавлоно Амонӣ, ки аз ҷумлаи шоирон ва фозилони Хуросон буд, дар пои ҳисор дӯкони бирьёнгарӣ дошт ва бар болои он дӯкон ҳуҷрае дошт, ки фозилон ва шоирон он ҷо гирд омада, мушоара ва мубоҳаса мекарданд.

Ман ба пеши он кас рафта гуфтам:

— Чанд рӯз болохонаро махсуси камина гардонед ва барои меҳмонони ҳаррӯзаатон пеши дӯкон кифоя аст.

Амонӣ дарҳол калиди болохонаро аз сари дасторча-

аш[1] гирифта ба ман дод ва он ҷо баромада, дари ҳуҷраро ба рӯи ғайр барбастам ва худ паси панҷара рафта, ба кӯча нигарон шуда нишастам...

Вақти пешин буд, ки касе тӯппии пора-порашудае бар сар ва ҷомаи чок-чоке дар бар ва бараҳнапо аз пеши дӯкон гузашт. Ба хотирам гузашт, ки ин одам ба амир Ёдгори кӯкалтош мемонад. Мавлоно Амониро чеғ зада пеши худ оварда гуфтам:

— Одаме ба ҳамин сифат аз пеши дӯкон гузашт, аз паи ӯ давед ва донед, ки кист?

Мавлоно Амонӣ баъд аз лаҳзае омад ва гуфт:

— Ба он расидам. Амир Ёдгор будааст. Маро дар бағал гирифта бисьёр гирист. Фӯта, яктаҳ ва кафши худро ба ӯ дода гусел кардам.—Амонӣ қадаре фикр карда истода илова намуд:

— О Восифӣ, инқилоби дуньёро тамошо кунед: порсол ӯ ҳазор нафар навкари мусаллаҳ дошт, сари такаббур бар афлок меафрошт ва ҳазор ҷуфт гови кориро соҳиб буд, ҳамон қадар ҳайвонро дар киштзори худ кор мефармуд. Акнун бинед, ки кораш ба куҷо анҷомида.

Ҳамон манзил аст ин ҷаҳони хароб,
Ки дидаст айвони Афросиёб.

...Рӯзи дигар чоштгоҳӣ буд, ки ғулғула ва машғала аз пои ҳисор баланд шуд. Дидам мардеро бар аспи ёбу савор кардаанд ва ду дасташро аз пеш бастаанд ва касе дар қафои ӯ бар асп нишаста. Чун нек нигаристам ин мард амир Шоҳвалӣ буд. Қариб сесад нафар савори ӯзбак гирдогирди ӯро гирифта мерафтанд.

Мавлоно Амонӣ аз паи ӯ рафт ва баъд аз замоне омад, аҳволаш бағоят дигаргун шуда буд.

— Гуфтам: — Хайр аст? Чӣ рӯй дод ба шумо?

Гуфт: — Амри аҷибе воқеъ шудааст. Амир Шоҳвалӣ духтархонае дошта, дар ниҳояти латофату хубӣ. Ӯро маҳбубе буда, ки шабҳо ба хона оварда бо вай сӯҳбат мекардааст. Шоҳвалӣ ба ин аҳвол воқиф шуда, утуеро дар оташ сурх карда барои ҷазо додан бадани ӯро бараҳна карда, уту кашидааст. Духтархона аз хона баромада фарьёд кардааст, ки: «Шоҳвалии кӯкалтош дар

[1] Маълум мешавад, ки баъзе даҳои Ҳирот монанди ҳуҷраҳои мадрасаҳои Бухоро ғалакаи чӯбини доштааст. Дар Бухоро ҳам калиди ҳуҷраҳои мадрасаро, ки чӯбин буд, ба дастор халонда мегаштанд.

бисьёр даъват мекард. Онҳо мегуфтанд: «Мо ҳар вақт, ки ба маҷлиси Руқиябегим меравем, аз он ҷо шарманда мебароем. Чунки ӯро ба Мирзобайрам майли азиме пайдо шудааст, ӯ соат ба соат худро ба тарзҳои гуногун ороста ба назари вай ҷилва мекунад. Аммо Мирзобайрам ба ӯ нафрат дорад».

Мирзобайрам аз ин ҳаракати Руқиябегим ба ҷон омада, панҷ бор аз Ҳирот гурехта ба Нишопур, Астаробод, Балх, Систон ва Қандаҳор рафт. Аммо дар ҳар бор Руқиябегим аз дунболи ӯ кас фиристода ба Ҳирот оварда, ӯро дар боран дуздидани маблағҳои худ тӯҳмат мекард ва бо ин роҳ вайро маҷбур менамуд, ки дар хизмати девонаш монад.

Рӯзе Мирзобайрам ба хонаи фақир омад ва гуфт:

— Эй ёри азиз! Ту мушкили оламеро ҳал менамоӣ ва ба фарзандони одам дар бобати зиндагонӣ роҳнамоӣ мекунӣ. Аммо ба ҳоли ман ҳеҷ парвое надорӣ ва ба кори ман ҳеҷ фикр намекунӣ!

Гуфтам: — Ба ту чӣ рӯй додааст, ки туро ба ин қадар дилтангӣ овардааст?

Ӯ гуфт: — Ин гандапири фарҳодкуш (Руқиябегим) маро аҷиб забун сохта, дар кӯраи азобу уқубатам андохтааст. Аммо ҳеҷ мумкин нест, ки ман ба вай омезам ва ба рағбати худ хуни худро резам. Ҳофиз халифаи судур дар ҳаққи зани пире ин рубоиро бисьёр хуб гуфтааст ва дурри ҳақиқатро суфтааст, ки дар ҳаққи ин гандапир тамоман рост меояд:

> Ёрон, ситами пирзане кушт маро!
> Сӯрох шуда чу най аз ӯ пушт маро!
> Дар ҷомаи хоб пушт сӯяш чу кунам,
> Бедор кунад ба зарби ангушт маро!

Гуфтам: — Эй бародар! Илоҷи ин дард, он аст, ки худро ба беморӣ андозӣ ва бо кам кардани хӯрду хӯрок ба ранги бемор созӣ. Бо рӯзаи гузаро ва пай дар пай ва бо кашидани риёзатҳои пурмашаққат аъзоят заиф, рангат заҳир ва чашмонат хира мешаванд. Дар он вақт ишқи ҷисмонии ӯ, ки асосаш бар сиҳат ва қуввати бадан барқарор аст, рӯ ба пастӣ меорад ва рафта-рафта тамом мешавад. Ту халос мешавӣ.

Ӯ гуфт: — Аҷаб фикри хубе ба миён овардӣ. Маро рӯзаву намози қазошуда бисьёр аст, ба ин баҳона онҳоро адо менамоям.

Дар ин миён (шояд ба сабаби камхӯрӣ бошад) ӯро бемории меъда пайдо шуд, ки муқаддимаи истисқост (касалии обхӯра). Табибон аз илоҷи вай оҷиз омаданд ва баъд аз он, бемории диққи нафас пайдо шуда кор ба ҷое анҷомид, ки аз ҳаёти ӯ умед бурида шуд.

Чун Рукиябегим ӯро ба ин ҳол дид, риштаи меҳру муҳаббат аз вай бурид ва девони дигар пайдо сохта, аз дафтари ишқи Мирзобайрам тамоман вопардохт.

Вақте ки Мирзобайрам аз қайди асирии Рукиябегим тамоман халос шуд, бемориаш ҳам бартараф гардид.

Мирзобайрам ба худ назар карда буд, ки агар аз он беморӣ ва аз асирии Рукиябегим халосӣ ёбад, ба ғайри таҳсили илм ба дигар коре шуғл нанамояд. Ӯ ҳамеша ин байтро вирди забони худ дошт:

Дар касби илм кӯш, ки саг аз муалламӣ[1]
Ояд бурун зи манқасати[2] сонри килоб[3].
Беҳтар зи кунҷи мадраса набвад туро паноҳ
З-ин дайри пурҳаводису чархи пуринқилоб.

Ӯ ин байтро ҳам бисьёр такрор мекард:

Кас бе камол ҳеҷ наярзад азизи ман,
Касби камол кун, ки азизи ҷаҳон шавӣ!

* * *

Бо Мирзобайрам дӯстии фақир бардавом буд, ҳамеша бо ҳам будем ва роҳи мусоҳабат мепаймудем. Рӯзе бо ҳам дар рӯи саҳни мадрасаи Гавҳаршодбегим сайр мекардем. Дар ин ҷо Ҳасаналии маддоҳ маърака гирифта буд. Ӯ дар шаъни Муртазоалӣ шеърҳо мехонд. Дар он миён ба яке аз ҳамсӯҳбатони пайғамбар лаънат фиристод.[4]

Мирзобайрам бо шунидани он сухан дигаргун шуд ва гуфт:

— Ман ин кофирро мекушам, ё дар куштани ӯ кӯшиш мекунам.

Ман гуфтам: — Эй ёри азиз! Монанди ин бадбахт дар ин шаҳр бисьёр аст ва монанди ману ту сунӣ ҳам

---

[1] *Муаллам* — таълимгирифта, ёддодашуда, [2] *Манқасат* — нуқсон, камбудӣ; [3] *Килоб* — сагҳо; [4] Ин факт он чизеро, ки мо дар дарохмади сухан дар бораи ташвиқотчиён фиристодани шоҳ Исмоил ба Хуросон ва аз ин ҷумла ба Ҳирот дар замони Ҳусайни Бойқаро гуфтем, ба хубӣ исбот мекунад.

бешумор. Чӣ лозим аст, ки мову ту дар куштани ӯ кӯшиш намоем? Дигар ин ки ҳоло замонест, ки шоҳ Исмоили сафавӣ дар Ироқ хурӯҷ кардааст. Оқибатандешӣ ҳаминро тақозо мекунад, ки бояд дар ин гуна корҳо даст назанем.

— Ин гуна мулоҳиза аз сустии имон ва орзуҳои дуру дароз меояд,— гуфт ӯ ва ба маддоҳ часпида аз гиребонаш гирифт ва гурӯҳе ба ӯ ёрӣ доданд ва ӯро кашон-кашон пеши шайхулислом бурданд ва бар зидди ӯ гувоҳӣ дода гуноҳашро исбот карданд. Шайхулислом ба овехта куштани ӯ ҳукм кард, ки дар дарвозаи Малик аз ҳалқ овехтандаш.

* * *

Аз ин воқна чандин сол гузашт. Шабе дар хона бо ҷамъе аз ёрон нишаста будем. Сухан дар бораи шоҳ Исмоили сафавӣ мерафт. Як поси аз шаб гузашта буд, ки касе ҳалқа бар дар зад. Дарро кушодем. Мирзобайрам тарсону ларзон даромад ва гуфт:

— Магар шумо хабардор нестед, ки дар ҷанги Марв шоҳ Исмоил Шайбонихонро зер карда куштааст, Қулихон, ки хоҳарзодаи Наҷми Сонист фатҳномаи шоҳро ба Ҳирот овардааст. Фардо он фатҳномаро хоҳанд хонд...

Мо ҳамон вақт бо ҷамъе аз ёрон иттифоқ карда, ба мадрасаи Амирфирӯзшоҳ, ки дар сари чаҳорбозори Мирзоалоуддин аст, рафтем. Толибилмони он ҷоро ба ҳолате дидем, ки на мурда буданд ва на зинда ва онҳо аз шунидани хабари ғалабаи шоҳ Исмоил чунон саросема шуда буданд, ки мадҳушона ҳаракат мекарданд.

Шаб дар он мадраса мондем. Пагоҳонӣ дар шаҳр нидо дардоданд, ки ҳамаи акобир, ашроф, аъёни Ҳирот ва ҳамаи аҳолӣ дар масҷиди ҷомеи Маликон гирд оянд.

Мо ҳам дар қатори ҳамаи мардум ба масҷиди ҷомеъ рафтем. Минбари масҷидро дар канори айвон дар ҷониби шимолӣ ниҳода буданд. Шайхулислом, амир Юсуф, қозӣ Ихтиёруддин, Мавлоно Исомуддин Иброҳим ва дигар олимони бузург дар паҳлуи минбар ҷой гирифтанд. Халоиқи бисьёр ҷамъ шуда, бому замини масҷидро чунон фурӯ гирифта буданд, ки агар сӯзан андозӣ ба замин намеомад.

Ҳофиз Зайнуддин, ки аз авлоди мавлоно Шарафуддини Зиёратгоҳӣ буд, ба хондани фатҳнома муқаррар

шуда буд. Чорпоеро пур аз зари сурх карда, ба болои вай чор қабат ҷомаи зардӯзӣ, ки тукмаҳои тилло дошт, ниҳода, дар паҳлуи минбар гузошта буданд, ки ин барои хатиби фатҳномахон буд.

Баъд аз дидани ин пешкаши гаронмоя дар бораи ин, ки фатҳномаро кӣ бояд хонад, дар байни калонони шаҳр низоъ шуд: бештарин ҳофиз Зайнуддинро пешниҳод карданд ва баъзе ҳофиз Ҳасаналиро тарафдорӣ менамуданд.

Оқибат хондани фатҳнома ба ҳофиз Зайнуддин қарор ёфт. Ӯ бар минбар баромад. Чун қисми оддӣ ва умумии хутбаи фатҳномаро хонда тамом кард, намояндагони шоҳ Исмоили сафавӣ мувофиқи фармонаш ӯ ба хатиб таклиф карданд, ки ба ҳафдаҳ кас аз ҳамсӯҳбатони пайғамбар лаънат фиристад.

Ҳофиз Зайнуддин ба Шайхулислом ва ба дигар уламои бузург назар кард. Маънии ин нигоҳ фикри онҳоро пурсидан буд.

Шайхулислом ба ӯ гуфт:

— О ҳофиз, фитна маангез ва хуни халқро марез: ҳар чӣ мегӯянд магӯй!

Ҳофиз аз фармони шоҳ қариб даҳ сатрро, ки онд ба лаънат буд, партофта гузашт.

Қулихон гуфт: — Ин чӣ кас аст, ки дар фармони шоҳ хиёнат мекунад?

Ҳофиз Ҳасан гуфт:

— Вай чӣ гуна лаънат мефиристад, ки номи ӯ Зайнуддини Абӯбакр аст ва номи бобояш Шарафуддини Усмон [1].

Амир Муҳаммадюсуф ба ҳофиз Ҳасан гуфт: — Эй ҳофиз ту чӣ бадбахт касӣ, ки дурӯғ мегӯй? Номи ӯ Зайнуддини Алист [2].

Муллоёдгори Астарободӣ гуфт: — Эй Амирмуҳаммад! То ба кай нифоқ ва дурӯягӣ тавонӣ кардан? Ҳофиз Ҳасаналӣ рост мегӯяд...

Дарҳол Қулихон (вакили шоҳ) Ҳайдаралии маддоҳро ба минбар фиристод, ки ӯ ришу гиребони ҳофиз Зайнуддинро гирифта гуфт: «Ҳай хориҷӣ, зуд бош, лаънат

[1] Дар қатори он касоне, ки бояд ба онҳо лаънат фиристода мешуд, номи «Абубакр» ва «Усмон» ҳам буд. Рақиби ҳофиз Зайнуддин аз ҳамин нукта фоида бурда, ин номҳоро ба ӯ бастааст;

[2] Тарафдори ҳофиз Зайнуддин номи «Алӣ»-ро ба ӯ барои ин баст, ки шиаҳо Алиро аз ҳад зиёд эҳтиром мекунанд.

фирист!» ва ӯро мачоли сухан надода, аз минбар фурӯ кашид. Ӯ ханӯз по бар замин нагузошта, қизилбоше ӯро бо шамшер зада пора-пора кард.

Шахсе гуфт, ки:« Мискин ҳофиз Зайнуддин шаҳид шуд». Мехостанд, ки ӯро ҳам кушанд, аммо ҷамъе дар миён шуда дархостанд, ки бо қабули чаҳор ҳазор хонӣ (16 ҳазор танга) хуни ӯ бахшида шуд.

Писари Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ — Зиёддуни Юсуф бо дидани ин аҳвол дар масчиди ҷомеъ беҳуш гардида афтод. Ӯро бар дӯш бардошта берун бурданд. Шайхулислом ва баъзе калонони дигар низ ба ҳамон ҳолат афтоданд, ки берун бурда шуданд.

Ҳайдаралии маддоҳ лаънатномаро хонда, ҷомаҳои зартукмаро пӯшид ва ашрафиҳоро гирифт.

Бо шунидани лаънатнома аз мардумоне, ки дар бом буданд низ бисьёр касон мадҳуш гардиданд, баъзеҳо худро аз бом андохтанд, аъзоашон шикаста ва маҷрӯҳ шуд. Ҳафт кас аз онҳо мурд.

Факир ва Мирзобайрам саросема шуда дар даруни масчид мегаштем, аммо дари баромадро намеёфтем. Қизилбошон аз болои боми масҷид ашрафиҳоро бар сари мардум мепошиданд. Аммо касеро парвои он зарҳо набуд ва аз замин намебардоштанд.

Охир ёре ёфт шуд, ки моро роҳбарӣ карда аз ҷомеъ баровард. Аз ин ҷо ба мадрасаи султон Ҳусайнмирзо рафтем. Аз ҷомеъ то ба мадраса расидан дар роҳ панҷоҳ сар дидем, ки қизилбошон бо шамшер қалам карда, бар сари найзаҳо гирифта буданд ва ба мардум мегуфтанд: — Эй сунниякони хориҷӣ ибрат гиред!

Мири шонатарош дар боби лаънат шеъре гуфта ба оҳанги Ироқ ба вай савте баста буд ва қариб ҳазор кас гирди ӯ ғун шуда, бо вай ҳамовоз гардида, савт мегуфтанд ва инҳо-савтхонон ба ҷониби Хиёбон мерафтанд. Ҳар касе ки ҳамроҳи онҳо мешуд, маҷоли баргаштан надошт, зеро ки аз он гурӯҳ ҷудошавандагон кушта мешуданд ва ҳар замон сари наве ба нӯки найза мебаромад.

Ба ҳамин ҳол то сари мазори Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ расиданд. То ба он ҷо расидан гурӯҳ қариб ба ба даҳ ҳазор кас расид. Дар он ҷо ҳар қадар дар, тахта ва курсӣ ёфтанд бар болои қабри Ҷомӣ андохтанд ба ҳадде, ки баландии тӯдаи ҷӯбҳо ба айвони сари ма-

зор расид. Баъд аз он, он чӯбхоро оташ заданд. Дар он чо факир ва Мирзобайрам аз ҳам чудо афтодем. Ман ба тарафи махаллаи Мукриён рафтам.

## ЕДДОШТИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ ДУЧОРИ ХУДАШ БА ТАЪҚИБИ СУИҚАСДЧИЕНИ САФАВӢ

Восифӣ мегӯяд: дар махаллаи Мукриён каси бисьёре гирд омада буданд ва лаънат мефиристоданд. Толибилме буд, ки дар мадрасаҳои Ҳирот таҳсили илм мекард. Ман ӯро суннӣ медонистам. Ӯ ҳамсӯҳбати деринаи ман буд. Ӯро дар миёни он гурӯҳ дидам ва гуфтам:

— О бародар! Ин чо барои чӣ истодаӣ? То кай ин суханҳои бемаъниро шунавем. Биё, то худро аз ин миёна ба канорае гирем!

Он талаба фарьёд кард, ки инак хоричӣ!

Ин суханро бо овози баланд ва оҳанги дурушт чунон гуфт, ки он маърака вайрон шуд. Фақир сари худро фурӯ оварда, дар миёни маърака даромадам ва аз он харомзода дур шудам.

Он чамъ дар чустучӯи ман шуданд. Дар сари он махалла кӯчаи танги дарозе буд, ки вайро кӯчаи Шафтолу меномиданд. Ман ба он кӯча даромадам. Он харомзода ҳам ба он чо даромадани маро дид ва ба мардум нишон дода фарьёд кашид, ки о ёрон, инак он хоричӣ!

Халки бисьёре ба дунболи ман афтоданд. Сангу кулӯх ба сарам монанди борон меборид. Ман аз ҳавли чон медавидам. Ногоҳ аз пеши ман касе баромад. Ин ҳам аз чумлаи онхо будааст. Онҳо аз дунболам ба ӯ фарьёд кардан, ки ӯро бигир.

Ӯ ду дасти худро ба ду тараф ёзонда ба деворҳо расонид ва ба ин сурат кӯчаро ба пеши ман банд кард. Ман барои ин ки чобукона ва ба ӯ даст надода аз пеши вай гузарам, домони худро барзадам. Ӯ магар гумон кард, ки ман корде дорам ва барои задани ӯ вайро аз ғилоф кашида истодаам. Тарсид, дастони худро якбора аз девор чудо карда ва синаи худро ба девор ниҳода гуфт:

— Маро бо ту коре нест. Ҳар чо ки хоҳӣ бирав!

Дар вақте ки гурехта мерафтам, аз пешам чӯи ка-

лоне баромад, ки пур об буд ва ба боғе даромада мерафт. Худро дар он ҷӯй андохтам. Хостам ба воситаи обмӯрӣ худро ба даруни боғ гирам. Аммо дар вай чӯбхоро қаторамонанд чида, ду сари онҳоро ба девор ва замин мустаҳкам банд намуда будаанд. Сипаи худро ба яке аз он чӯбҳо ниҳода чунон зӯр кардам, ки вай бишикаст ва барои ман роҳи гузар кушода шуд. Даруни боғ даромадам ва худро ба канори ҷӯй — ба хушкӣ гирифтам.

Дар он ҷӯй устухони тезе будааст, ки дар вақти худро дар об андохтанам ба поям халида будааст. Аз поям хун мерафт. Дар хотир гузашт, ки агар он гурӯҳ аз паи ман оянд, аз қатраҳои хуне, ки дар роҳ аз поям мечакад нишони маро хоҳанд ёфт ва маро дастгир хоҳанд кард.

Ба ин мулоҳаза тунбони худро кашида ба ҷароҳати поям бастам ва ба тарафе равон шудам. Аз пешам вайронае баромад, ки ба он ҷо даромадам. Дидам, ки дар он ҷо ҳезумхонае будааст пурҳезум, дар вай даромада худро дар зери ҳезумҳо пинҳон кардам.

Он ҷамоат расиданд ва он толибилм ба онҳо мегуфт: — О азизон! Агар Язидро кушед он қадар савоб намеёбед, ки аз куштани ин хориҷӣ. Ин касест, ки шоҳ-Исмоил ва наздикони ӯро ҳаҷв кардааст. Барои шоҳ-Исмоил аз сари ӯ беҳтар тӯҳфа набошад.

Онҳо ба дари ҳезумхона расиданд. Баъзе гуфтанд «Аҷаб нест ки он мард дар зери ин ҳезумҳо пинҳон шуда бошад. Баъзеҳо ин эҳтимолро рад карданд. Аммо яке аз онҳо ба ин тариқа савганд ёд кард, ки: «Агар ӯ дар зери ҳамин ҳезумҳо набошад, ман чокар ва ғуломи Алӣ набошам».

Охир қарор доданд, ки ба ҳезум оташ зананд ва касеро барои оташ овардан фиристоданд. Ман дар даруни оташ чӣ гуна сӯхта бирьён шудани худро тасаввур мекардам.

Дар ин ҳол ғулғула ва ғавғое баромад. Сабаби ин ғавғо чунин будааст, ки гурӯҳе аз ин ҷамоат ба ин боғ надаромада ба дигар тараф барои ҷустуҷӯи ман рафта будаанд. Вақте ки инҳо барои ҷустуҷӯи ман ба ин боғ даромадаанд, касе дар боғ будааст, ки тарсида берун гурехтааст. Он гурӯҳ он гурезаро ман гумон карда дастгир карда куштаанд ва сари ӯро бар сари найза гирифта ғул-ғулакунон омада ба ин боғ — ба пеши рафиқони

худ омадаанд, ки ба онҳо дар борай ба даст даровардани матлаб башорат диҳанд.

Чун онҳо рафиқони худро ба пеши ҳезумхона диданд, фарьёд карданд, ки: «Инак ӯро ёфтем, куштем ва сарашро бар найза гирифтем».

Инҳо ҳам шодикунон ва офарин гӯён аз пеши ҳезумхона дур шуданд ва ба онҳо ҳамроҳ гардида, аз боғ баромада рафтанд.

Ман баъд аз дур шуда рафтани онҳо аз зери ҳезумҳо баромадам, аммо намедонистам, ки ба куҷо равам? Дидам, ки дар як тарафи боғ иморате аст ва зане аз он ҷо маро ба тарафи худ ишора мекунад, ба ҷониби ӯ рафтам. Он зан гуфт:

— Эй ҷони модар! Аҷаб халос шудӣ. Биё ба ин хона даро!

Ба хона даромада нишастам. Ӯ ба пеши ман таом овард ва гуфт:

— Ин таомро зудтар хӯрда ба қазноқ даро, ки шавҳари ман сабзаворӣ ва аз онҳо аст. Агар ӯ омада туро бинад, дигар халос шуданат мумкин нест.

Бо шунидани ин сухан аз ҷой ҷаста хестам ва гуфтам:

— Эй модар! Маро зудтар пинҳон кун, вагарна аз тарс халок мешавам. Барои ман таом лозим нест. Чизе аз гулӯям намегузарад.

Ӯ маро ба қазноқ даровард. Дар он ҷо занбели бисьёре буд, дар зери онҳо маро пинҳон кард. Он зан аз қазноқ берун шуда буд, ки шавҳараш омад ва ба ӯ гуфт: «Дар сари мазори он хориҷӣ (Ҷомӣ) будам. Қабри ӯро аҷаб хуб сӯхтанд. Шунидам, ки дар ин боғ ҳам хориҷиеро гирифта куштаанд. Аммо дареғ, ки ман ба ин савоб нарсидам».

Зан воқиаи кушта шудани он «хориҷи»-ро ба ӯ батафсил ҳикоя кард. Баъд аз соате он ҷоҳили золим аз хона баромада рафт.

* * *

Мирзобайрам вақте, ки аз ман ҷудо афтодааст, дар сари мазори Мавлоно Ҷомӣ мондааст ва дар он ҷо шунидааст, ки фақирро дар ин чорбоғ куштаанд. Гирьён ва гиребондаррон ин хабарро ба хонаи мо бурдааст. Дар он ҷо шӯру ғавғо ва фарьёду вовайло ба осмон

расидааст. Аз хешовандон ва ҳамсоягон қариб панҷоҳ зан ҷамъ шуда бо роҳбарии Мирзобайрам ба ин боғ омада ва он мурдаро мурдаи ман гумон карда ба болои вай худро андохтаанд. Хуни ӯро бар руҳошон молидаанд ва хокҳо ба сар кардаанд.

Баъд аз сусттар шудани гирьяву нолаҳо ҳамшираам хостааст, ки мурдаро тафтиш карда бинад. Ба ин мақсад пушти ӯро кушодааст ва «Ин бародари ман нест, бародарамро дар байни ду шона холи сиёҳе буд» гӯён фарьёд кардааст.

Занон ва Мирзобайрам аз сари он мурда бархоста дигарбора дар паи ҷустуҷӯи мурдаи ман афтодаанд ва ба боғ даромада хар тарафашро кофтуков кардаанд. Дар ин миён гузорашон ба пеши он хонае, ки ман дар қазноқи вай пинҳон будам, афтодааст. Он зан масъаларо фаҳмида, онҳоро ба хона даровардааст.

Чун онҳо ба хона даромаданд, ман овози хешовандонро шинохта аз қазноқ фарьёдкунон баромадам. Ҳар якеро ба канор мегирифтам, рӯй ба рӯи ҳамдигар мемолидем ва бо гирьяи шодӣ канорҳои якдигарро тар мекардем. Ҳамшираҳо ва хешовандон ҳалқаҳо ва ангуштаринҳо, ки доштанд аз гӯшҳо ва ангуштони худ бароварда, ба он зан нисор карданд.

Намози шом аз он ҷо баромада ба ҷониби шаҳр роҳӣ шудем ва вақти хуфтан буд, ки ба хона расидем.

* * *

Рӯзе ҷамъе аз ёрон ба хонаи фақир омаданд. Дар хона ҳалим пухта буданд. Мӯйлаби ман дароз шуда буд. Дар вақти ҳалимхӯрӣ олуда шудааст. Яке аз меҳмонон ин ҳолро ба ман хабар дод. Дарҳол миқроз (қайчи)-ро бардоштам ва мӯйлабамро кӯтоҳ кардам.

Яке аз меҳмонон гуфт: — Хуб, инро ки кардӣ, бояд муддате аз хона набарой, то ки мӯйлабат расида ба даҳон фароянд.

Он меҳмон рост мегуфт. Чунки шоҳ Исмоил мӯйлабгириро, ки суннат аст, сахт манъ карда буд. Аммо баъд аз ду рӯз коре баромад, ки маҷбур шудам ба кӯча бароям.

Дар кӯча остини худро ба пеши даҳон гирифта роҳ мерафтам. Азбаски ин кор одат мешавад ногоҳ остини худро аз даҳон бардоштаам.



Наққошии нигорин мансуб ба Камолиддини Беҳзод.



دوستم
اصل این حکایه که بنام «قمر» بخوانندهگان [illegible] پیشکش
کرده میشود بزبان فرانسوی بوده از طرف «فرنیان ادیب»
«زنیمیر» از حیات بحریان افریقه گرفته نوشته شده
پس از ترجمه شده ایشان فرانسوی بروسی، از روسی
«لوزینکی» از اوزبکی بزبان تاجیکی گردانیده شد،
بعضی جاهائی که از اوزبکی درست مفهوم نگردید،
با نسخه روسی اش تطبیق کرده درست کرده شد،
[illegible] ذوق خوانندهگان تاجیک را که [illegible]
[illegible] را بسیار ذوق میدارند در نظر
گرفته بعضی تصویرها را با پرچه‌های شعر و فقره
جهای شعرمانند زینت داده شد.

(Qumaet) نام اصلی این حکایه «قمیت» (
بوده (تصغیر قمر بمعنای ماه خورد بوده) هم از کیفیت
آشنا نبودن عامهٔ تاجیکان باینگونه نام، قمر
کرده شد.

Саҳифаи якуми тарҷумаи тоҷикии «Қамар». Хатти С. Айнӣ, 1928.

Дар ҳамон вақт қизилбоше аз пешам баромад ва мӯйлаби кӯтоҳкардашудаи маро дида гуфт:

— Ой Язид! Мӯйлаби худро буридай! Ба фармони шоҳ нофармонӣ кардай!

Дар бадеҳа тадбире ба хотирам расид ва ба ӯ гуфтам:

— Ого! — Хуб дар вақти худ ба ман вохӯрдӣ. Фақир ба талаби яке аз шумоён баромада будам. Маълуми ту бод, ки гурӯҳе аз хоҷагони зиёратгоҳӣ дар хонае ҷамъ омаданд. Фақир ҳам дар он маҳфил будам. Ҳазлу шӯхӣ онҳоро бар он бардошт, ки мӯйлаби маро буриданд. Онҳо даҳ нафаранд. Агар ҳамроҳи ман он ҷо биёӣ, камаш ҳазор танга меситонӣ.

— Онҳо дар куҷоянд? — гуфта пурсид қизилбош бо оҳанги шодмонона.

— Агар аз паи ман ой, ман туро ба сари онҳо мебарам. Ман ба кадом саро, ки дароям ту ҳам он ҷо даро. Лекин баъд аз фурсате даро, то онҳо нафаҳманд, ки ман туро ба сари онҳо бурдаам.

Ӯ қабул кард. Ман ба роҳ даромадам. Вай аз дунболи ман. Ман фикр мекардам, ки дар куҷо худро аз ҷанги ин гург халос хоҳам кард. Ногоҳ гузорам ба лаби ҷӯи Козарон афтод, дар он канори ҷӯй дари сароеро кушода дидам, ба як хез аз ҷӯй ҷастам ва ба ду қадам худро ба долони он ҳавлӣ гирифтам, дарвозаро пӯшонда аз пасаш танбаеро устувор намудам. Баъд аз он худро бар бом гирифтам ва аз он ҷо ба ҳавлии ҳамсоя фаромада, аз дари он ба кӯчаи дигар баромадам ва бадар рафтам.

Он золими нодон ба дари сарое, ки ман дар вай даромада рафта будам, омадааст ва ғавғо бунёд кардааст, ки «Дарро кушоед! Зиёратгоҳиён ниҷоянд. Ман ба онҳо кор дорам!».

Аҳли он саро ба ӯ гуфтаанд: «Зиёратгоҳиён ин ҷо нестанд, набуданд, наёмадаанд ва нахоҳанд омад. Чунки моро бо онҳо ҳеҷ алоқае набуд, нест ва нахоҳад будан. Айёре туро бозӣ додааст».

Алқисса, камина то ба сари мазори Хоҷа Рухбанд рафтам ва дар он ҷо ба мадрасаи Қозӣ Нуруддин даромадам. Толибилмон бар сари суффа нишаста буданд. Ман ҳам дар қатори онҳо нишастам ва ба сӯҳбаташон ҳамроҳ шудам.

9—1315

Ногоҳ дидам, ки ҳамон қизилбош ба долони ин мадраса даромад. Зоҳиран ӯ баъд аз наёфтани зиёратгоҳиён аз он сарой, дар паи ман афтода будааст ва дар ҳар ҷое, ки будани маро гумон кардааст даромада ҷустуҷӯ намудааст ва дар охир ба ин мадраса даромада омадааст.

Чун он қизилбошро дидам, дарҳол яктаи худро ба сар кашида дар пушти давраи толибилмон худро гирифта хобидам: — Воҳ чашмам, чашмам сӯхта рафта истодааст, гӯё ки ба чашмам ханҷар задаанд — гӯён нолаву афғон кардан гирифтам.

Қизилбош расида омада ба сари суффа нишаст, киёфа ва нишонаҳои касеро баён карда ба ин ҷо омадан, ё наомадани он шахсро пурсид. Аз ин пурсиши ӯ дар дили ман хавф зиёд шуд, чунки он киёфа ва нишонаҳо тамоман ба худам рост меомад. Бо таъсири ин тарсу бим фарьёди ман аз «озори чашм» боз ҳам зиёдатар шуд.

Маҷлисиён дар ҷавоби пурсиши қизилбош: — Ин гуна одам дар ин ҷо наёмадааст — гуфтанд.

Қизилбош ба нолаву зории ман гӯш дода:

— Ин шахсро чӣ шудааст? — гуфта пурсид.

Гуфтанд: — Ба дарди чашми сахте гирифтор шудааст.

Қизилбош гуфт: — Ман доруе дорам, ки ба тасаддуки сари шоҳ (бе пул ва худоӣ) ба чашми дардноки мардум мекашам. Бисьёр муҷарраб аст (аз таҷриба баромадааст) — ӯ барои ҷустуҷӯи дору ҷайби худро ҷустан гирифт.

Ман фарьёд кардам, ки ба чашми ман дору даркор нест. Чунки ҳар бор дору кардаанд, озори чашмам зиёдтар шуда ба ин дараҷа расидааст. Ман қасам хӯрдаам, ки дигар ба чашмонам дору накунам.

Қизилбош дар қаҳр шуд, дар ҳаққи ман ва чашмони ман носазогӯён зуд баромада рафт. Маълум мешавад, ки барои кофта ёфтани ман шитоб дошт.

Баъд аз рафтани қизилбош «озори чашми ман ҳам» ва хавфу бим ҳам аз паи ӯ рафт. Ман бо осудагӣ аз ҷо бархоста, дар маҷлиси талабагон нишастам ва воқеаро ба онҳо ҳикоя кардам.

Онҳо бисьёр хандиданд.

## VII

## ЁДДОШТИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ САФАРИ ХУД БА МАШҲАД ВА НИШОПУР *

Восифӣ мегӯяд: шаш моҳ аз ишғол карда шудани Хуросон аз тарафи шоҳ Исмоили сафавӣ гузашта буд. Шабе ҷамъе аз ёрон дар бандахона (дар хонаи худи Восифӣ) гирд омада буданд. Мирзобайрам қонунро соз мекард. Хонзодабулбул дойра менавохт, Сияҳча хонандагӣ мекард; Мулло Фазлӣ, Мулло Ҳилолӣ, Мулло Амонӣ, Мулло Муқобилӣ бадеҳа мегуфтанд; мувофиқи мақом шеър мехонданд ва латифаҳо мегуфтанд; Тоҳири Чакка ва Моҳочучук[1] раққосӣ менамуданд. Хулоса сӯҳбати ёрона дар ҷӯш ва базми рафиқона пурҷӯшу хуруш буд.

Дар вақти гарми базм Шоҳқосим бо гиребони чок ва чеҳраи ғамнок даромада омад. Бо ин ҳол омадани ин рафиқи дерини мо гӯё сатили оби сарде буд, ки ба деги ҷӯшон рехта буданд: аз созандагону хонандагону раққосон гирифта то шеъру латифагӯён — ҳамагӣ якбора хомӯш монданд; ҳамагӣ оташи ҳайратро дар чашмони худ афрӯхтанд ва ҳамагӣ назари тааҷҷубашонро ба оянда дӯхтанд.

Шоҳқосим баъд аз як дараҷа нафаси худро рост гирифтан бо чашмони гирьён ва бо оҳанги нолон ба Мирзобайрам хитоб карда гуфт:

---

* Азбаски ишғол карда шудани Хуросон аз тарафи шоҳ Исмоили сафавӣ дар соли 1511 воқеъ шудааст ва инчунин Восифӣ дар соли 485 таваллуд ёфтааст, Восифӣ дар вақти ин сафари худ, ки баъд аз шаш моҳи гирифта шудани Ҳирот аз тарафи шоҳ Исмоил воқеъ шудааст, бояд 26-сола бошад.

[1] Ин Моҳчучук бояд он Моҳчучук бошад, ки Восифӣ ӯро аз асирии шайбониҳо халос карда буд.

— Бародари ба ҷон баробар! Намози дигар дар сари мазори Имом Фахрӣ Розӣ будам. Дар он ҷо гурӯҳи анбӯҳи халқ пайдо шуд. Пурсидам: — Чӣ ходиса аст? Гуфтанд: — Бародари Ҳасаналии маддоҳ — Муҳибалӣ аз Ироқ омадааст. Ӯ мехостааст, ки интиқоми бародари худро аз Мирзобайрам кашад, ки вай дар кӯшта шудани Ҳасаналии маддоҳ кӯшишкунандаи аввалин буд. Ӯ нидо дардодааст, ки ҳар касе, ки Мирзобайрамро дастгир карда ба ӯ супорад, ҳамсанги сари Мирзои мазкур ба он кас зар диҳад. Ин гурӯҳ ҷустуҷӯкунандагони Мирзобайраманд, ба кадом роҳ ва аз куҷо ёфта дастгир кардани вайро машварат доранд.

Бо шунидани ин суханони Шоҳқосим маҷлис баҳам хӯрд ва ҳамагӣ пароканда шуда рафтанд. Гӯё онҳо ба фақир, Мирзобайрам ва Шоҳқосим барои тадбире андешидан ба кори Мирзобайрам хонаро хилват карда доданд.

Баъд аз рафтани меҳмонон, Мирзобайрам гирьён шуд ва ба ман нигоҳ карда гуфт:

— Ман бояд аз Хуросон берун равам, ғайр аз ин, чораи дигаре надорам. Ҷудоии хешу табор ва фироқи ёру дӯстоне, ки дар Хуросон дорам, бар ман осон аст. Аммо аз ту дил канда наметавонам ва ба муфорақати (ҷудоии) ту тоқат надорам. Гирьяву дилшикастагии ман аз ин аст. Вагарна: «Пои фақир ланг нест, мулки худо танг нест».

— Ҷон бародар! Ту гумон макун, ки ман ба ҷудоии ту тоқат дорам, марг барои ман аз муфорақати ту осонтар аст! — гуфтам ва ин байтро хондам:

Гар бувад рӯзе маозалло ки натвон диданат,
Восифӣ бечораро он рӯз ҷон дар тан мабод.

Хулоса, фақир, Мирзобайрам ва Шоҳқосим байни худ аҳд бастем ва паймон кардем, ки то зиндаем ба ихтиёри худ аз якдигар ҷудо нашавем ва дар бораи ба кадом тараф рафтан, сафари Маккаву Мадинаро қарор додем.

Ҳамон вақти шаб хешу табор ва дигар наздикони худро хайрбоду видоъ намуда, ба роҳ баромадем ва субҳдам ба мазори хоҷа Абулвалид, ки дар якфарсахии (8 километрии) шаҳри Ҳирот аст, расидем ва дар он ҷо ором нагирифта роҳи худро давом додем ва баъд

аз панҷ рӯз бо азобу машаккати тоқатфарсо ба шаҳри Машҳади Имом Мӯсо Ризо даромадем.

Дар сари санги (саҳни) Машҳад маъракае дидем, ки қариб ҳазор кас гирд омада буданд, лӯлие дар ғояти ҷамол ва ниҳояти хусну камол маърака гирифта буд. Ӯ нақше дар оҳанги баёт мехонд, ки вайро ба хоҷа Абдуллоҳи Марворид нисбат медоданд ва он нақш дар миёни мардум бисёр шӯҳрат дошт. Он лӯлӣ он нақшро ба тарзе мегуфт, ки шунавандагонро ҳаяҷон ва кайфияти аҷибе рӯй медод.

Мирзобайрам чун нақшгӯии он лӯлиро дид, гуфт:

— О бародарон! Аз ин маърака гузашта рафтан маънӣ надорад. Бояд дар ин ҷо фурсате таваққуф намоем, аз ин овози хуш ва нақши дилкаш баҳравар гардем ва бо ин роҳ кӯфти роҳро аз худ дур кунем, баъд аз он дар пай маскан ва манзил афтем.

Мо қабул кардем. Вақте ки мо аз миёни анбӯҳи халқ ба даруни маърака медаромадем, Шоҳқосим аз мо ғоиб шуд.

Чун мо ба маърака даромадем, шахсеро дар муқобил дидам, ки ба тарафи мо ишорат карда, моро ба касе нишон медод.

Ба Мирзобайрам гуфтам:

— Мебинӣ? Он касе, ки дар рӯ ба рӯи мо аст, ба мо ишорат карда, ба ҳампаҳлуёни худ дар бораи мо чизе мегӯяд.

Ӯ гуфт: — Мумкин аст ба каси дигаре ишорат карда бошад...

Ман ҳанӯз фикри худро ба Мирзобайрам хотирнишон накарда будам, ки ҷамоате аз қафои мо омаданд, моро дар миёна гирифтанд ва дастони моро ба пушт бастанд.

Ман гуфтам: — О азизон, ин чӣ ҳол аст ва барои чӣ моро бандӣ мекунед?

Каси дигаре ҳам аз он маърака аз онҳо пурсид: — Ба инҳо чӣ кор доред?

Бо шунидани ин пурсиш он касро дар лат кашиданд ва чунон заданд, ки сару рӯяш кафида хуншор шуд ва гуфтанд: — Инҳо хуниёни моанд, бародари моро куштаанд. Мо аз Ироқ барои дастгир кардани инҳо ба Хуросон рафтем. Дар он ҷо гуфтанд, ки инҳо ба тарафи Машҳад гурехтаанд. Мо дар Ҳирот дам нагирифта аз ақиби инҳо ба роҳ баромадем, шукри худо, ки дар ин

ҷо ба даст даровардем ва шумо ин қотилонро ҳимоят мекунед.

Мардумон гуфтанд: — Моро ба инҳо коре нест.

Хулоса, фақир ва Мирзобайрамро занон-занон ба пеши ҳокими Машҳад, ки Айнулқуззот ном дошт, бурданд. Ӯ чунон баландқад ва бузургҷусса буд, ки дар миёни одамони шоҳ Исмоил монанд надошт. Ӯ ҷомаи зардӯзӣ дар бар, тоҷи дувоздаҳтаркаи сурхи қизилбошӣ бар сар дошт ва фӯтаи пурзару гавҳарро ба сари худ печонда буд, гӯё забонаҳои оташ аз сар то пои ӯ сар мекашиданд.

Муҳибалӣ пеши вай ба ду зону нишаста арз кард:

— О халифа! Кушандагони бародарам — Ҳасаналии маддоҳ ин ду касанд. Чандин сол аст, ки аз ғуссаи он мусибат фақир косаҳои хун мехӯрдам. Акнун вақти он омад, ки хуни инҳоро лоҷуръа (як қатра намонда) бинӯшам ва ҷафои гардун фаромӯшам шавад.

Ҳоким гуфт: — Аввал бояд мувофиқи дастури шоҳӣ дувоздаҳ чӯбро ба инҳо кор фармоям ва баъд аз он таҳқиқ намоям.

Чӯбҳои харротӣ кардашуда, ки дар дунболаи вай тасма баста буданд, оварданд, бо он ҳар гунаҳгорро пеш аз таҳқиқ ва исботи гуноҳаш дувоздаҳ бор мезаданд. Аввал Мирзобайрамро ба замин хобонда ва пушташро бараҳна карда дувоздаҳ чӯб заданд. Баъд аз он навбат ба ман омад ва мехостанд, ки маро ҳам дар зери чӯб гиранд, фарьёд кашидам:

— Ба рӯҳи Муртазоалӣ, аввал таҳқиқ карда ҳоли маро фаҳмед ва ба ғайри ҳақ бар ман ситам накунед! — гуфтам.

Ду кас аз касоне ки бо Муҳибалӣ ҳамроҳ буданд, гуфтанд:

— Мо медонем, ки ин шахсони дигарро аз куштани Ҳасаналӣ манъ карда буд, аммо он сухани инро қабул накарда ӯро ба куштан кашид.

Ҳоким гуфт: — Пас ин шахсро ҳеҷ гуноҳе нест. Гузоред, ки паи кори худ биравад!

Маро гузоштанд ва дар бораи Мирзобайрам ҳоким ҳукм кард, ки ӯро бурда ба сари санг (саҳн) пора-пора намоянд.

Муҳибалӣ ба ҳоким гуфт: — О халифа! Ман аз Сабзворам, аз пеши ҳокими он ҷо — Нурулқуззот, ки бародари шумост, меоям. Чунончи ба ӯ ваъда карда будам,

ин бандиро ба назди вай тӯҳфа мебарам. Дар хидмати ӯ ҳеҷ тӯҳфае аз ин беҳтар нест.

Айнулқуззот гуфт: — Ихтиёр туростт.

Гурӯҳе аз мулозимони ҳоким он ҷо буданд. Муҳибалӣ ба онҳо гуфт:

— Ерон! Чанд рӯз ин бандиро шумо нигоҳ доред, ки ман дар ин шаҳр чанд кор дорам. Ҳаргоҳ ки аз он корҳо фориғ шавам аз дасти шумо талаб карда гирифта, ҳамроҳи худ ба Сабзвор мебарам.

Муҳибалӣ Мирзобайрамро ба мулозимони Айнулқуззот супурд, онҳо ӯро бурда дар хонае, ки дар паҳлуи девонхонаи ҳоким буд, маҳбус намуданд ва дари он хонаро аз берун қуфл заданд.

Ман бо чашми гирьён, лаби нолон ва дили бирьён аз он ҷо берун омадам ва ба мадрасаи Амирвалибек расида будам, ки Шоҳқосим он ҷо пайдо шуд ва гуфт:

— Мирзобайрам куҷост?

Ман воқеаро ҳикоя кардам. Шоҳқосим гуфт:

— Зарар надорад, он хонаеро, ки Мирзобайрамро дар вай маҳбус кардаанд, ба ман нишон деҳ!

Гуфтам: — Аҳли дари хонаи ҳоким маро мешиносанд. Агар маро дар он ҷо бинанд, дар шубҳа афтода, хоҳанд гирифт.

Мо дар ин гуфтугӯ будем, ки ғавғое бархост. Воқеа чунин будааст: баққоле бо навкари Айнулқуззот ҷанг карда ба даҳонаш як мушт задааст, ки дандонаш шикастааст. Он навкар ба сари шоҳ Исмоил қасам хӯрдааст, ки то ӯро пеши ҳоким наёрад, нагузорад. Воқеа ҳамин будааст, навкар баққолро ба дари Айнулқуззот кашида ва гурӯҳе аз мардуми бозор ҳам бо онҳо омадаанд.

Ман ва Шоҳқосим ҳам ба он гурӯҳ омехта ба ҳокимхона рафтем, чун ба даруни маҳкама даромадем он хонаро ба Шоҳқосим нишон дода гуфтам:

— Он хонаеро, ки рӯ ба қибла буда, дари заъфаронӣ дорад, дидӣ?

— Дидам,— гуфт Шоҳқосим.

Гуфтам: — Мақсуди мо дар даруни вай аст.

Шоҳқосим ҳар тарафи он ҷоҳоро аз назар гузаронида ханд ид ва гуфт:

— Халос кардани Мирзобайрам дар камоли осонӣ аст. Лекин бояд, ки имшаб аз ин гирду пеш берун наравем.

Мо ба ин фикр қарор дода, барои ёфтани ҷои муносиб дар ҳар тараф мегаштем. Дар ин миён даре ба назар намоён шуд. Мо аз он дар даромадем. Дар он ҷо боғчае будааст. Ба як тараф нигоҳ карда рафтан гирифтем. Рафта-рафта ба дари тавилае расидем, ки сансон аспонро ҷав рехта буданд, мирохур маст афтода буд, дигар сансон ҳар кадом ҳар тараф рафта будаанд ва ғайр аз мирохури маст дар он ҷо каси дигаре набуд.

Ногоҳ аз ҷонибе овози пои гурӯҳе баромад. Шоҳқосим гуфт:

— Ғайр аз ин, ки ба ин тавила дароем, ҷораи дигар надорем.

Мо ба он ҷо даромадем. Дар як тарафи тавила саргинҳои аспҳо рехта ва дар паҳлуи вай барои рехтан дар зери аспон, хушкӣ анбор карда будаанд. Мо дар паси онҳо гузашта аз назари касе, ки мабодо он ҷо омада дарояд худро пинҳон карда нишастем...

Чун посе аз шаб гузашт, Шоҳқосим гуфт:

— Бархез! Рафта Мирзобайрамро халос кунем.

— Чӣ гуна берун меорем? — гуфтам ман ба ӯ, — ва ҳол он, ки қуфле дар ғоят маҳкаме бар дар задаанд.

Шоҳқосим гуфт: — Дар вақте ки ту он хонаро ба ман нишон додӣ, ман хандидам. Сабаби хандаи ман гӯлӣ ва нодонии мулозимҳои ҳоким буд: онҳо ҳарчанд бар дар қуфли бузурге задаанд, аз тобадон бехабар мондаанд ва ҳол он, ки бар болои он дар тобадони васеи панҷарадоре ҳаст, ки аз он ҷо ба он хона даромадан басе осон аст.

Хулоса ҳар ду аз он ҷои хавфнок (тавила) баромадем ва ба девори он хона расидем ва ба ҳар тараф бо диққат чашм андохтем ва гӯш додем. Дар хонаи хоси Айнулқуззот касе дар пеши вай қисса мехонд. Сабр кардем то Айнулқуззот ва қиссахонро хоб бурд.

Мо оҳиста ба дари он хона расидем. Шоҳқосим кордашро ба дасти ман дода ва хам шуда истода гуфт:

— Ба болои ман баро ва деворро дошта бар ду китфам ду поятро гузошта рост шав ва бо корд як-ду чӯби панҷараро бибур!

Ман чунон кардам, баъд аз буридани чӯби зерини панҷара вай аз ҳам рехт ва ҷои васее, ки одам метавонист дар вай ҷойгир шавад, кушода шуд. Ман дар он ҷо нишаста ва сар ба даруни хона карда Мирзобайрамро овоз додам. Аммо ҷавобе нашунидам ва ба Шоҳқосим гуфтам:

— Аҷаб нест, ки Мирзобайрамро аз ин ҷо берун бурда бошанд.

Шоҳқосим гуфт: — Аз чӯбҳои панҷара ба ҳар тарафи хона андоз, то ки агар дар хоб бошад, бедор шавад.

Ҳамчунон кардам. Бедор шуд ва овоз дод. Худро аз тобадон ба замини хона андохтам ва пеш рафтам ва гуфтам: — Чӣ хобидаӣ? Бархез, ки берун бароем.

Гуфт: — Дасту поҳоям кор намекунанд.

Даст-даст карда дидам, ки дарвоқеъ дастҳояш чунон шах шуда буданд, ки пеш намеомаданд. Дасту бозу ва поҳои ӯро чунон молидан гирифтам, ки нарм шуданд ва ба ҳаракат омаданд. Ман аз дарун ва Шоҳқосим аз берун ёрӣ дода, ӯро аз тобадон берун кардем ва худ ҳам аз паси ӯ берун баромадам ва ҳар сеямон бо оҳистагӣ ва эҳтиёт равон шудем.

Дар миёнаи ҳавлӣ ҷамъе хуфта буданд. Нарм-нармак қадам гузошта аз пеши онҳо гузаштем ва ба паси дари баромади ҳавлӣ расидем. Бар дар қуфле устувор зада будаанд, ки аз он ҷо берун шудан имкон надошт. Ҳар тараф чашм андохтем ва аз ҷое ба болои бом роҳ ёфта баромадем. Дар он ҷо дасторҳо ва фӯтаҳоямонро баҳам баста расани (ресмони) мустаҳкаме сохтем. Бо он расан аввал Мирзобайрамро ба кӯча гузоштем, баъд аз он Шоҳқосим фуруд омад, ба болои бом танҳо ман мондам ва касе набуд, ки як тарафи расанро нигоҳ дорад, то ки ман ба вай печида поин шавам.

Шоҳқосим ҳар тарафи кӯчаро ҷустуҷӯ карда пораи устухоне ёфт ва онро бар бом ҳаво дода ба ман гуфт:

— Сар ҳам карда устухонро дар шикофи девор меҳвор банд кун ва баъд аз он бо дастонат вайро маҳкам дошта худро поин сар деҳ!

Ҳамчунин кардам ва дар вақти поин омаданам Шоҳқосим аз миёнам дошт, ки поҳоям ба замин бархӯрда лат наёфт.

Акнун мо Мирзобайрамро тамоман озод карда будем, лекин аз он шаҳр гурехтан даркор буд. Мо дар кӯча дар бораи ба кадом тараф рафтани худ машварат кардем ва ба тарафи Нишопур рафтанро қарор додем. Душвортарини ин сафар, ё гурезагии мо, қисми аз шаҳри Машҳад берун шуданамон буд. Чунки дар ҳар қадам ба посбони шаҳр ва бадмастони қизилбошон воҳӯрдан мумкин буд. Дар ин бора миёни худ гуфтугузор кардем. Шоҳқосим гуфт:

— Ман ин диёрро ваҷаб ба ваҷаб медонам. Ман пеш медароям, шумо ба ман тобеъ шуда паи ман оед. Ман дар зиммаи худ мегирам, ки шуморо бе ҳеҷ осебе аз шаҳр ва атрофи он берун барам.

Мо Шоҳқосимро роҳбари худ қарор додем, ӯ пеш даромад ва мо аз дунболи ӯ. Шоҳқосим бо тангкӯчаҳои печ дар печ, бо канорҳои ҷӯйҳо ва обраҳаҳо — бо роҳҳое, ки мо дар умри худ надида будем ва намедонистем аз шаҳр бароварда, ҳамчунон бо бероҳаҳо роҳ рафта, наздик ба вақти субҳ моро ба кӯҳи Сангин, ки дар якфарсахии (8 километрии) шаҳри Машҳад буда, дар ҷониби Нишопур аст, расонид.

* * *

Кӯҳи Сангин сайронгоҳи мардуми Машҳад буд. Абулқосим Бобурмирзо дар вақти ҳукумати худ сангбуррон ва сангтарошонро фармуд, ки бар болои он кӯҳ як хонаи сангин сохтаанд. Бобурмирзо, ки табиати қаландарона доштааст, гоҳо бо дӯстони худ бар болои он кӯҳ баромада, дар хонаи мазкур манзил гузида, рӯзе чанд ба айшу нӯш ва сайру тамошо машғул мешудааст.

Мо бар болои он кӯҳ баромада ба он хона даромадем ва дидем, ки ду кас дар кунҷи он хона нишастаанд ва моро дида саросема шуда пурсиданд:

— Шумо чӣ касонед?

— Мо мусофиронем! — гуфтем мо ва кӣ буданашонро аз онҳо пурсидем. Гуфтанд:

— Мо ҳам мусофирем.

— Рафиқони мувофиқе ёфтем. Ин ҷо сӯҳбате барпо мекунем, — гуфтам ман.

Чун бо ҳам нишастем ва диққат кардем, яке аз онҳо ҷавони хурдсоле буд. Он ҷавон аз мо пурсид: — Шумо аз куҷоед ва ба куҷо меравед?

Ман ҷавоб додам: — Мо аз Хуросонем, ба нияти сафари Макка берун омадаем.

— Бисьёр хуб, — гуфт он ҷавон, — мо ҳам то Астаробод рафиқи шумоем ва ба рафиқи худ гуфт: — Он таомро биёр! Бо ёрон тановул кунем.

Рафиқи ӯ рӯймоле оварда, ки дар вай қадаре кабоби шоҳӣ [1] буд. Дар ғояти гуруснагӣ будем, бо камоли рағ-

---

[1] *Кабоби шоҳӣ* — кабобест, ки гӯштро порча-порча карда, дар танӯри тафсон мисли нон часпонда мепазанд.

бат хўрдем ва баъд аз таом барои хобидан сар ниҳодем.

Мо ҳанўз дар миёнаи хобу бедорӣ будем, ки гурўҳе чўбҳо дар даст ба он манзил даромаданд, ҳамаи моро задан гирифтанд ва то мо аз ҷо ҷунбидан дастони моро бар қафо бастанд ва занон-занон аз он ҷо баровардаанд ва аз баландӣ ба поин ғелонда фаровварданд ва ба тарафи шаҳр моро кашон-кашон бурдан гирифтанд.

Мо гуфтем: — Гуноҳи мо чист? Моро барои чӣ мезанед ва ба куҷо мебаред?

Онҳо гуфтанд: — Гуноҳи шумо маълум аст! Шуморо ба пеши Айнулкуззот мебарем.

Ман дар дили худ гуфтам: — Омад ба сарам, ҳар он чӣ метарсидам. Агар моро ба пеши Айнулкуззот баранд, агар сад ҷон дошта бошем, якеашро ҳам аз пеши ў саломат берун бурданамон мумкин нест.

Он ҷавон ба яке аз онҳо, ки падараш будааст, гуфт:

— Бобо, ин бечорагон бегуноҳанд ва аз мо хабаре надоранд. Вақте ки мо дар он хона хобида будем, инҳо мисли роҳгузарон иттифоқо он ҷо даромаданд ва хобиданд. Беҳтар он аст, ки бегуноҳонро дар ташвиш ва машаққат наандозӣ!

Он мард сухани писари худро қабул кард ва моро халосӣ дод.

Аз ин моҷароҳо ва гуфтугузорҳо маълум шуд, ки асли воқеа ин тавр будааст:

Дар Машҳад баққоле будааст, ки он ҷавоч писари ў будааст. Чанд гоҳе он писарак дар Машҳад ба Мири Қонунӣ шогирд шуда, дар пеши ў қонуннавозиро машқ мекардааст. Дар ин миён Мири Қонунӣ аз Машҳад ба Астаробод рафта, он ҷо мондааст. Рафиқи он ҷавон, ки бо вай алоқаи дўстӣ доштааст: «Туро пеши Мири Қонунӣ мебарам ва дар он ҷо кори худро давом дода, қонуннавоз мешавӣ» гўён ўро бадроҳӣ дода, бе рухсати падараш аз шаҳр баровардааст.

Вақте ки падараш аз гурехтани писари худ хабар ёфтааст, бо хешу табораш аз паи ў афтода, дар ин манзил ба вай расидаанд. Чун моро бо писараш дар як ҷо ёфт, ў гумон кардааст, ки мо ҳам аз ҷумлаи бадродиҳандагон ва гурезонандагони писараш бошем.

Воқеа ин буд, ки мо дастгир шуда, он ҳама зарбу лат дидем ва охир бо кўшиши он ҷавони софтинат халосӣ ёфтем.

* * *

Мо аз кӯҳи Сангин бо бероҳа равон шуда, баъд аз се рӯз ба Нишопур расида ба бозор даромадем. Мирзобайрам гуфт:

— Аз ҳад зиёд гурусна мондаам, таоме ёфта хӯрдан лозим аст.

Мо ҳам аз Мирзобайрам камтар гурусна нашуда будем. Ҳар се рафиқ ба кабоб хӯрдан қарор дода, ба дӯкони кабобпаз даромадем. Чун дар он ҷо нишастем, пеш аз он ки таом хӯрем, аз бозор нидое баромад. Нидодиҳанда қиёфа ва сифатҳои моро ягон-ягон баён карда мегуфт:

— Се кас ба ҳамин қиёфа ва нишона ба ин шаҳр даромадаанд. Ҳар касе ки инҳоро ҳар куҷо, ки бинад бояд дастгир карда ба кордорони ҳукумат супурад. Ҳар касе ки онҳоро дар маҳаллае пинҳон ва пӯшида дорад, он маҳалла ғорат ва аҳолиаш кушта мешаванд.

Мо ин нидоро шунида саросема шудем ва хостем бигурезем, аммо роҳи гурез банд буд, дар байни одамони бозор, ки нидоро шунида ва нишонаҳои моро фаҳмида буданд, касоне ёфт шуданашон мумкин буд, ки моро дастгир карда ба ҳоким супоранд.

Кабобпаз аз саросемагии мо пай бурд, ки он се нафар гуреза мо ҳастем ва ба мо гуфт:

— Дар пушти дӯкон даре ҳаст, чун аз он ҷо бароед ба гӯристон рост меояд, аз ҳамон дар баромада ба гӯристон дароед ва аз он ҷо бадар равед!

Мо баромадем. Аммо маро чунон таби ҷонсӯз пайдо шуд, ки тоқати рафторам намонд. Шоҳқосим ва Мирзобайрам дар ду паҳлуям даромада ба зӯр то миёнаи гӯристон бурданд ва дар он ҷо дар сояи қабре маро хобонданд ва худашон дар пеши ман нишастанд. Ҳар замон аз ҳар тарафи бозор ғавғое бармехест ва фарьёди «Бигиру бидор!» баланд мешуд. Зоҳиран баъзе касонро ба шубҳаи ин ки мо бошем, таъқиб ё дастгир мекарданд.

Ман ба ёрони худ гуфтам: — Маро қуввати рафтор намонд ва кадом вақт саломатӣ ёфтанам ҳам маълум нест. Маҷбурам, ки то саломат ёфтан ва ё то мурдан ин ҷо монам. Аммо дар ин ҷо мондани шумо маслиҳат нест. Зудтар барои худ ягон махлас ёфтанатон ва аз ин шаҳри пурошӯб берун рафтанатон зарур аст. Ба фикри

Хуросон бо ёру дӯстони ҷонӣ дар ҳаёти озодона бо айшу комронӣ мегузашт, ба ёд омад, мо ҳам он вақтҳо монанди ин ҷавонон, бо ҷавонони ҳамсоли худ сӯҳбаткунон ва латифагӯён ба сайри боғҳо мебаромадем, дар зери таранnуми дилнавози мусиқӣ шеърхониҳо, сурудгӯиҳо, дастҷунбониҳо ва пойкӯбиҳо мекардем. Имрӯз... имрӯз дар ман аз он ҳама рӯзҳои шодмониҳо ҷуз доғи ёди он рӯзҳо дар дил ва ғайр аз ашки ҳасрат дар дида асаре намонд...

Бо ин мулоҳизаҳо бе ихтиёр аз дидан хунбор хунобаи ҳасрат ҷорӣ шуд, дар пеши устоди ҳалвогар ва дар байни халқи бегона аз сифати девонагӣ гирифтан андешида, дарҳол аз ҷо бархестам ва ба пасткӯчае, ки дар паҳлуи он дӯкон буд, худро кашидам.

Ман ба паскӯча мерафтам, аз пешам кӯчае баромад, ки дар ду тарафаш дарахтони соядор қатор буданд ва дар зери дарахтон ду ҷӯй монанди ду чашми ман ҷорӣ ва оби он ҷӯйҳо чунон соф буд, ки сангрезаҳои зериобӣ монанди донаҳои марворидҳои ашки ман метофтанд.

* * *

Ман бо он кӯчаи беодам яккаву танҳо мерафтам ва «ёд бод» гӯён дар боран рӯзҳои гузаштан худ замзама мекардам. Дар ҷое дар канори он кӯча айвони кайвонрифъати сар ба осмон кашидае баромад. Ин бино ба ёди ман биноҳои чандиношьёнаи Ҳиротро меовард, ки ман аз ҳар қадоми он биноҳо доғи ҳасрате дар дил доштам.

Аз он ҷо гузаштам. Дар охири ин кӯча пири равшанзамиреро дидам, ки дар лаби ҷӯ таҳорат мекард. Чун он пир маро дид, шитобкорона дасту рӯи худро бо рӯймоле, ки монанди риши худаш сафед ва беғубор буд, пок карда, ба тарафи ман давид ва падарона маро ба канор кашида мулоқот кард ва бо камоли муҳаббат ва меҳрубонӣ: — Хайра мақдам — қадаматон нек бод, хуш омадед,— гуфт.

Аз меҳрубониҳои ин некмарди ғарибнавози ношинос беихтиёр дили ман кушода гардид ва он ҳама ҳасрату андӯҳ аз хотири ман худро ба дур кашид ва ин байти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро зери лаб худ ба худ замзама мекардам:

Хуш он ки ворахонад моро зи мо замоне
Равшанзамир пире, ё хубрӯ ҷавоне.

Харчанд ба ман сӯҳбати он ҷавонони шодмони хубрӯ муяссар нашуд, ин пири равшанзамир маро аз худ рабуда буд.

Баъд аз мулоқот пир гуфт: — Мусофир менамоед! Аз куҷо қадам ранҷа фармудаед?

— Аз Хуросон, — гуфтам ман дар ҷавоб. Ӯ маро бо меҳрубонӣ ва бо эҳтироми аз ҳад зиёд, ки ҳеҷ гоҳ ҷавононро он чунон ҳурмат кардани пирон одат набуд, ба хонаи худ даъват кард.

Ман ҳам бо миннатдорӣ ва мамнунияте, ки ба меҳрубонӣ ва шафақати он гуна бузургвор сазовор бошад, қабул кардам ва ба хонааш ҳамроҳ рафтем.

Ӯ дар канори ҳавзи пурсояе гилеме андохта, маро шинонид ва таомеро, ки ҳозир дошт, овард. Аз ҳар тараф ҳикоя ва латифаҳо гуфта шуд ва дар поёни сӯҳбат пир гуфт:

— Ин бандахона ҷои истиқомати шумост ва ин пир ғуломи шумо!

Он пир чунон тамаллуқ мекард, ки ман шарм медоштам ва дар хиҷолат мемондам. Аммо ӯро аз ин гуна муомила манъ кардан наметавонистам. Зеро ман пай мебурдам, ки ӯ аз камоли нармии табиат ва покии тинат ба ҳурмат кардани одамон, хусусан ғариб ва мусофирон одат кардааст. Аз ин муомилаи одамгариёнае, ки ӯ на танҳо нисбат ба ин фақир ва эҳтимоли қавӣ меравад, ки бояд ба ҳама ғурбатзадагон бо дили соф ва беғаразона мекарда бошад, манъ кардан сабаби ранҷиши дили муҳаббатманзили ӯ гардидан мумкин буд.

Баъд аз зиёфат ва қабул кардани ман истиқомати хонаи ӯро, вай пурсид:

— Чӣ ном доред?

Гуфтам — Восифӣ!

Гуфт: — Он Восифӣ, ки шогирди Мавлоно Ҳусайни Воиз аст?

— Оре! — гуфтам ман дар ҷавоб.

Пир бо шунидани ин ҷавоб аз ҷояш бархост ва дигарбора маро дар канор кашид, бӯсид ва гуфт:

— Иштиёқи мардуми Нишопур ба ҷанобӣ шумо ба дараҷаест, ки ба Маҳдии охирзамон (яъне имоми дувоздаҳум) ба он дараҷа иштиёқманд буданашон маълум нест. Аҷаб дар вақти худ ва ба мавқеи муносиб ба шаҳри мо расида омадед.

Ман аз чӣ иборат будани ин «мавқеи муносиб»-ро

нафаҳмидам ва назари пурсише ба чашмони пир, ки аз шуъълаи иштиёқ ва муҳаббат медурахшид, афкандам.

У ин фикри маро фаҳмид ва шарҳ дод:

— Писари Мирзайнулобидин — Миррафеуддин «Қофияро[1]» тамом карда, акнун «Шаҳри Мулло[2]» сар мекунад. Мирзайнулобидин ба муносибати гузаштани писари худ аз китобе ба китобе дар хонаи худ ҷашни бузурге тартиб доданӣ аст. Дар ин ҷашн ҳамаи фозилон, шоирон, олимон ва донишмандони шаҳр ва инчунин аҳли созу навоз ва хонандагону раксандагон даъват шудаанд. Он маҷлисе, ки то ба ҳол дар Нишопур монандашро касе надидааст, ҳамин шаб барпо мешавад.

Пир бо тамом кардани ин сухани худ монанди он ки ба кори заруре рафта бошад, аз пеши ман ғоиб шуд ва баъд аз шом бо гурӯҳе мардум баргашта омад ва гуфт:

— Ман ба он маҷлисе, ки ба шумо арз кардам даъват шуда будам, он ҷо рафтам ва зикри шумо он ҷо шуд, шӯру ғавғое ба талаби шумо аз аҳли маҷлис бархост. Соҳиби хона — Мирзайнулобидин ва меҳмонон ин гурӯҳро бо ман ба хизмати шумо фиристоданд, ки шуморо он ҷо даъват намоем. Вақт аст, ки марҳамат карда қадам ранҷа фармоед!

Гуфтам: — Махдумон ва азизон, дар бораи фақир аз ҳад зиёд лутф фармуда, маро сарфароз кардаанд. Аммо камина дар ҳамин шаҳр дар бистари бемории ғарибона чил рӯз хобидам ва ҳамин рӯз аҳволи худро қадаре беҳтар ёфта, ба сайри кӯчаву бозор шитофтам. Ҳоло маро он миқдор қувват ва тавоной нест, ки дар монанди он гуна маҷлиси бузург, дар ҳузури бузургворони шаҳр ҳозир шавам ва сӯҳбат намоям. Зеро дар он сурат эҳтимоли баргашта омадани беморӣ ҳаст. Бинобар ин илтимос дорам, ки маро аз ҳозир шудан дар он маҳфили олӣ маъзур доранд.

Пир гуфт: — Чун дар он маҷлис номи шумо гузашт, бародари Мирзайнулобидин — Миралнасғар фармуданд, ки: «Ман боре дар Ҳирот будам. Шабе дар хонаи хоҷа Абдуллоҳи садр тамоми фозилон ва шоирони Хуросон ва Ироқ ҳозир буданд. Ба он маҷлис Восифиро талабида оварданд. Ин шахс дар он ҷо сӯҳбате карданд,

---

[1] *«Кофия»* — китобест дар наҳви арабӣ.

[2] *«Шарҳи Мулло»* — асари Мавлоно Абдураҳмони Ҷомист дар шарҳи «Кофия» (ҳар дуи ин китобҳо китоби дарсии мадрасаи кӯҳна буданд).

ки на танҳо ман, балки ҳамаи ҳозирон ба пеши он кас сари таслим ниҳоданд. Бинобар ин ҳайдо шудани он шахс дар шаҳри мо як давлати ногаҳонӣ аст, умедворем, ки бо нури ҳузури худ маҷлиси моро равшан ва моро масрур намоянд».

Пир баъд аз нақли суханҳои Миралиасғар аз тарафи худ гуфт:

— Агар шумо бо мо намеравед, албатта Миралиасғар ва бародарзодаи он кас Миррафеуддин, ки ин ҷашн ба шарафи аз китобе ба китобе гузаштани он кас аст, ба хидмати шумо хоҳанд омад ва ба ҳар роҳ ки бошад шуморо хоҳанд бурд; аммо аз он ҷо ки онҳо имшаб ба оростани маҷлис ва пазироии меҳмонон машғуланд, муносиб чунон менамояд, ки онҳоро ба ин ташвиш водор нанамоед ва лутф намуда бо мо карам фармоед!

Чун сухан ба ин дараҷа анҷомид, зиёда рад карданро муносиб надидам ва ҳамроҳи пир ва дигарон ба дари сарои Мирзайнулобидин расидам. Дидам ин ҳамон биноест, ки ман имрӯз дар лаби ҷӯ дида будам ва бо дидани он ҳасрати биноҳои Ҳиротро хӯрда будам.

Вақте ки мо аз дарвозаи он бино қадам ба дарун ниҳодем, соҳибони хона ва меҳмонон шамъҳо дар даст ба пешвози мо давиданд ва моро бурда ба пешгоҳи он маҷлиси олӣ ҷо доданд.

Аҳли маҷлис таъзими ин каминаро аз ҳад гузарониданд ва ягон-ягон омада бо фақир мулоқот карда, маросими «Хуш омадед»-ро ба ҷо оварданд. Баъд аз мулоқоти меҳмонон ва бузургон, як гурӯҳ ҷавонон барои мулоқот омаданд, ки назар ба таърифи он пири равшанзамир, дар пешопеши онҳо соҳиби тӯй — Миррафеуддин буд. Чун нек назар кардам донистам, ки инҳо ҳамон ҷавонон буданд, ки ман имрӯз онҳоро дар пеши дӯкони ҳалвогар дида ҳасраташонро хӯрда будам.

Маҷлис сар шуд: созандагон созҳои дилнавози худро менавохтанд, хонандагон бо овози дилкаши рӯҳбахши худ шунавандагонро вола месохтанд, раққосон монанди кабӯтарони дастомӯз муаллақзанон парвоз менамуданд, бо ҷилваҳои хушфарсо ва бо ҳаракатҳои дилрабо ақлу ҳуши бинандагонро мебурданд; дастурхони зиёфат бо алвони неъмат ороста буд ва хотири аҳли маҷлис аз андӯҳи кудурат пироста.

Чун замоне бо ин гуна шабхушиҳо гузашт, Миралиасғар гуфт:

— Ерон! Чунин муносиб менамояд, ки имшаб ҳамаи созу наворо дар гӯшае гузорем ва сӯҳбати Мавлоно Восифиро, ки бо ҳузури худ маҷлиси моро пурнур кардаанд, ғанимат шуморем.

Мирзайнулобидин талаби бародари худро қувват дода гуфт:

— Солҳо буд, ки мо дар орзуи маҷлиси ваъзи Мавлоно Ҳусайн Воиз будем, аммо муяссар намешуд. Мавлонои мазкур ба шогирдии Мавлоно Восифӣ ба худ фахр мекардаанд. Агар имшаб мо ба шунидани ваъзе аз ин ҷаноб комьёб шавем, худро ба он дараҷа хушбахт мешуморем, ки ба маҷлиси Мавлоно Ҳусайн расида бошем.

Бо шунидани ин суханони Мирзайнулобидин ҷамъе аз ҷавонон бархоста давиданд ва аз масҷиди ҷомеъ минбар оварда дар канори маҷлис ниҳоданд. Дар гирдогирди минбар машъалҳо афрӯхтанд ва аҳли маҷлис гӯшҳо ва чашмҳоро ба тарафи ин фақир дӯхтанд.

Зоҳиран ин воқеа дар шаҳр овоза шуда будааст, ки гурӯҳи анбӯҳе аз мардуми Нишопур — аз зану мард ба он ҷо омаданд, бар бомҳо, бар болои деворҳо ва сари дарахтон ҷо гирифтанд.

Маро, ки ҳанӯз қуввати рафтор ва тоқати гуфтор набуд, бо таъсири он маҷлиси рӯҳпарвари шавқовар тавоноии фавқулоддае пайдо шуд, бархостам ва бо ҷуръати тамом бар минбар баромадам.

Он рӯзҳо рӯзҳои ошӯро — моҳи муҳаррам буд. Бинобар ин мувофиқи вақту замон дар бораи Имомҳасан ва Имомҳусайн ҳикояте нақл намудам[1]. Чун ҳикояро ба охир расондам, аз аҳли маҷлис чунон ғулғула ва фарьёде баромад, ки гӯё дар шаҳри Нишопур зилзила афтода буд ва овози таҳсину офарин ба фалак печид.

Мирзайнулобидин чакмани сақирлоти амалнабот (моҳути зардӯзи)-ро, ки хилъати хоси шоҳ Исмоил буда, ба мири мазкур тӯҳфа фиристода будааст, ба фақир пӯшонданд. Миралиасғар ва Миррафеуддин низ ҳар кадом асп бо зину лаҷом ҳадья доданд.

Бузургони Нишопур навбат ба навбат як ҳафта фақирро меҳмондорӣ намуданд. Дар ин миён Мирқавомуддин — писари калони Мирзайнулобидин, ки ба ху-

---

[1] Ҳарчанд Восифӣ дар ёддошти худ қайд накардааст, сабаби ҳикояти Имомҳасан ва Имомҳусайнро дар ин ҷо нақл намуданаш, на танҳо моҳи муҳаррам, балки дар дасти Сафавиён будани Нишопур ҳам бояд ба ҳикоя сабаб шуда бошад.

зури шоҳ Исмоил рафта будааст, аз Ироқ омад ва маро дида ба хонаи худ бурд. Сӯҳбати мо бо вай чунон дар-гирифт, ки ӯ маро нафасе аз худ ҷудо намекард, гӯё ки гӯшту хуни ман бо гӯшту хуни ӯ омехта гардиданд.

* * *

Шабе дар хонаи Мирқавомуддин танҳо будам ва ғазалҳоеро, ки мувофиқи ҳоли худам буданд, месурудам. Ногоҳ дидам, ки Мирқавомуддин омада ба пеши ман даромад. Ӯ кулоҳи баррагие бар сар, либоси айёрӣ дар-бар ва шамшери бурроии бараҳнае дар даст дошт.

Чун дами шамшер дар пеши чашмонам дурахшид, ҷон аз танам ва ҳуш аз сарам парид ва ба хотирам расид, ки мабодо бадгӯе хабис ба қасди ҳалок намудани ман ӯро барангехта бошад. Ман марги худро дар оинаи дами теғаш дидам ва аз хуни беноҳақ рехташавандаи худ тарсида монанди мавҷи теғ ба худ ларзидам.

Чун ӯ ин ҳолати ба ман рӯйдодаро дид, бихандид ва гуфт:

— Метарсед! Ман имшаб мехоҳам ба ҷое барои коре равам. Он касе, ки дар ин гуна шабравиҳои ман ба ман рафиқ буд, имшаб ин ҷо ҳозир нест ва ба касе дигар эътимод надорам. Аз шумо илтимос дорам, ки имшаб ба ман ҳамроҳӣ кунед.

Чун иloҷе дигар надоштам бархостам ва худро монанди ӯ ба либоси шабравӣ оростам. Танҳо ба ҷои шамшер, кордеро ӯ ба ман дод, ки банди вайро бар миёни худ барбастам ва кулоҳи айёриро то болои абрӯ ҳам карда шикастам. Ӯ равон шуд ва ман ба ӯ ҳамъинон шудам.

Абри ғафси баҳорӣ рӯи ҳаворо тамом гирифта буд, роҳ ва зери поро дидан мумкин набуд; насими хушбӯи нарми форам мевазид, намреза меборид, аммо замин гилулой нашуда буд.

Мирқавомуддин мувофиқи ин ҳол ин байтро замзама мекард:

Субҳдам азми чаман кун, ки ҳаво мӯътадил аст!
Аз нами нимшабӣ роҳ на гарду на гил аст.

Рафта-рафта ба девори боғе расидем. Мирқавомуддин ба дӯши ман баромада, худро ба болои девор гирифт ва аз дастони ман дошта маро ҳам ба сари девор кашид. Ҳар ду ба даруни боғ фуруд омадем ва аз зери

дарахтон, ки шохҳошон ба ҳам печида, рӯи ҳаворо монанди шомиёна гирифта буданд, мерафтем.

Чун ба наздики иморат расидем, ҷамъе шамшерҳо дар даст ба муқобили мо баромаданд ва ба мо ҳамла оварданд. Мо гурехтем ба он ҷое, ки аз он ҷо ба боғ даромада будем, расидем.

Мирқавомуддин ба тариқае, ки ба боғ даромада будем, ба дӯши ман баромада худро ба сари девор гирифт. Аммо ба ман нигоҳ накарда, аз бими дастгир шудан шитобкорона худро аз девор поин андохт ва бадар рафт. Шамшердорон аз дунболи мо расиданд ва маро дастгир карда занон-занон пеши иморат бурданд ва хостанд, ки маро ҳамон замон ба пеши амир Ҳусайн дароранд, ки соҳиби он боғ будааст.

Аммо яке аз онҳо гуфт: — Дар ин вақти шаб амирро аз хоб бедор кардан муносиб нест. Ҳоло нигоҳ медорем ва рӯзона ба ҳоким месупорем.

Посбонон ба ҳамин қарор омаданд ва маро бар болохонае, ки дар ошьёнаи саввуми он иморат буд, бароварданд ва дар вай дароварда дарашро аз берун қуфл заданд ва якчанд нигаҳбонро пеши дари болохона хобонданд ва рафтанд.

Акнун ба ман сирри ин воқеа маълум шуда буд: амир Ҳусайн ҳокими шаҳри Нишопур буд. Ман ҳис кардам, ки Мирқавомуддин бо зани ӯ алоқа ва рафтуои пинҳонӣ доштааст. Зоҳиран имшаб ҳам яке аз он шабҳо будааст, ки он зан ба вай ваъдаи мулоқот дода будааст. Аммо имшаб бо бадбахтии ман тири вай ба санг бархӯрд ва ба ҷои мулоқот намудан бо маҳбуба ба шамшерҳои посбонони шавҳари ӯ вохӯрд.

Ман фикр мекардам, ки чун рӯз шавад, маро пеши ҳоким баранд, ӯ маро монанди як дузди шабрав ҷазо диҳад, дар майдони ҷазо ҳамаи аҳолии Нишопур, ки ҳамагӣ маро мешиносанд, ба гирдам ҷамъ шаванд ва гӯянд, ки: «Шумо воизед ва шогирди Мавлоно Ҳусайни Воиз мебошед, ба ваъзи худ чаро амал намекунед, чаро дуздӣ ва шабравӣ мекунед?» Ман ба онҳо чӣ ҷавоб хоҳам гуфт? Аз шунидани ин гуна суханон марг маро гуворотар аст.

Инчунин фардо аз ман хоҳанд пурсид, ки он касе, ки шаб ба дӯши ту пой монда бар сари девор баромада гурехт, кӣ буд? Ман ба ин пурсиш чӣ ҷавоб хоҳам дод? Агар рост гӯям ва Мирқавомуддин будани он шахсро

маълум кунам, фитнаҳо хоҳанд бархост ва ба болои ин кор хунҳо хоҳад рехт ва агар чизе нагӯям, маро дар зери шиканча хоҳанд кашид, то иқрор шуданам ва ё то мурданам хоҳанд зад...

Барои камтар кардани ин васвасаҳои заҳрафарсо девонавор аз ҷой частам ва деворро даст-даст карда гирдогирди болохонаро гаштам. Болохона ғайр аз дари баромад боз чор дари дигар доштааст, ки сеи онҳо ба тарафи боғ ва чоруми ба тарафи кӯча кушода мешуд. Дари тарафи кӯчаро кушодам. Дар пеши вай панҷара будааст. Панҷараро бо он корде, ки Қавомуддин ба ман дода буд, буридам ва ба кӯча назар андохтам, ки аз он ҷо фуруд омадан ҳеҷ мумкин нест.

Баргашта ба хона даромадам, дар зери по бар рӯи хона гилеме буд. Он гилемро бо он корд ба дарозиаш ба ҳашт порча буридам ва он порчаҳоро ба ҳамдигар бастам, ки як «каманди расо» шуд. Аммо дар пеши дари кӯча ҷое набуд, ки он «каманд»-ро банд кунам.

Дар фикри ба куҷо бастани нӯги он «каманд» ҳайрон будам, ки дидам дар муқобили дари тарафи кӯча даре ҳаст дар тарафи боғ. Дарҳол сари «каманд»-и худро гиреҳ кардам ва дари тарафи боғро кушода он гиреҳро дар байни ду табақаи дар банд карда, дарро пеш кашидам. Гиреҳ дар он ҷо банд шуда монд, сари дигари «каманд»-ро аз дари тарафи кӯча берун карда, ба зер сар додам ва худ ба он «каманд» печида поин шудам ва равон гардидам.

Аз тангкӯча ва паскӯчаҳо қадаре роҳӣ шуда аз шаҳр баромадам ва бе он ки ба куҷо рафтани худро донам, бо шоҳроҳ босуръат рафтан гирифтам.

Қариби субҳ ба баландие баромадам, ки дар зери он хайманишинон — кӯчманчиён будаанд, ба тарафи хаймагоҳи онҳо фаромадам. Чун ба он ҷо наздик расидам сагони хайманишинон ба ман ҳуҷум оварданд, либосҳоямро дарронданд ва чок заданд, поҳоямро хуншор ва захмнок намуданд.

Хайманишинон бо овози сагон аз омадани одами бегона хабардор гардида ба ҷониби ман давиданд ва маро дастгир карда дар зери зарбу лат кашиданд, дастони маро ба қафо барбаста бо дашном ва ҷафоҳои суногун маро азоб дода ба хаймае бурданд ва ду поямро аз ду тарафи сутуни хайма гузаронида ба банди поҳоям занҷир заданд.

Аз рӯи қавли он хайманишинон маълум шуд, ки чандин бор дуздон ва ғоратгарон ба хаймаи онҳо омада, молу ашьёи онҳоро бурда будаанд. Онҳо маро ҳам яке аз ҳамон дуздон пиндошта, ба ин қадар ҷафою озор сазоворам дидаанд.

Рӯз шуд, ситам ва озори онҳо дар ҳаққи ман боз ҳам зиёдатар ва бошиддаттар шуд: онҳо як-як омада маро дар зери шиканҷа гирифта, зарбу лат мекарданд ва «молҳоеро, ки аз мо дуздидӣ, дар куҷо ниҳон кардай? Ёфта деҳ вагарна кушта мешавӣ» гӯён маро таҳдид мекарданд.

Ногоҳ аз тарафи Сабзавор чор савор пайдо шуд. Бо дидани онҳо аз бим заҳраи ман об гардид, ки мабодо ба талаби банда омада бошанд.

Аҳолии хаймаҳо ба пеши онҳо баромаданд ва чӣ кас будани онҳоро пурсиданд. Онҳо гуфтанд: «Мо аз Ҳирот ба Сабзавор барои таҳсили молиёт рафта будем ва аз ҳамон хизмат боз мегардем ва ба Ҳирот меравем. Ҳоло мехоҳем, ки соате саворихои худро дар пеши хаймаи шумо ором диҳем ва худ ҳам дам гирем».

Хайманишинон онҳоро фуруд оварда ба хаймае, ки дар паҳлуи ҳабсхонаи ман буд, дароварданд. Баъд аз соате яке аз онҳо аз пеши хаймаи ман гузашт ва дид, ки касе бандӣ аст, даромад ва ба тарафи ман ба диққат чашм дӯхта гуфт:

— Шумо аз Хуросон (Ҳирот) нестед?

Гуфтам: — Бале, аз Хуросонам.

— Ба мир Шоҳвалии[1] кӯкалтош маърифат доред? — гуфт ӯ.

Гуфтам: — Банда устоди писари ӯ будам.

Фарьёд кашида пеш давид ва маро дар оғӯш гирифта гуфт:

— Вой, шумо Мавлоно Восифӣ нестед?! Бад-ин ҳоли пурмалол чаро афтодед? Маро нашинохтед? Ман Султонмурод мебошам, ки заргари мир Шоҳмансур будам, — даст ба гардани ман андохта гирьён шуд.

Он се нафари дигар ҳам, ки ин гуфту гузорро шуниданд ба сари ман омада аҳвол пурсиданд. Ман воқеаи

---

[1] Ҳар чанд Восифӣ аз оқибати кори Шоҳвалӣ чизе намегӯяд, аз ин ҷо маълум мешавад, ки Шоҳвалӣ аз гирифторие, ки дар даврам Шайбонихон ба ӯ рӯй дода буд, раҳоӣ ёфта ва дар даврам Сафавиён ба сифати ситамдидагони даврам шайбонӣ, эҳтиром пайдо карда будааст.

ба хайманишинон бандӣ шудани худро ба онҳо ҳикоя кардам.

Султонмурод хайманишинонро гуфт:

— Эй кӯрботинон! Шуморо он қадар идрок нест, ки ин ҳазратро нашинохтед ва дузд гумон карда ба банд кашида, озору ҷафо кардед!

Хайманишинон маро дарҳол аз банд раҳой доданд ва узр хостанд, баъд аз он гӯсфанде оварда кушта, ҳамаи моро зиёфат карданд.

Дар ин миён яке аз он хайманишинон, ки ба Нишопур рафта будааст, омад ва ӯ:

— Дар шаҳр воқеаи аҷиб рӯй додааст,— гӯён воқеаи баъд аз дастгир шудан, аз болохонаи ҳоким ба чӣ тариқа гурехтани як дузди моҳирро ба тафсил ҳикоя кард.

Аммо на ҳикоякунанда ва на шунавандагон (ғайр аз ман) фақир будани он дӯзди айёри тарророро намедонистанд.

Баъд аз фориғ шудан аз зиёфат Султонмурод ба ман гуфт:

— Махдумо! Мо шуморо дар ҳеҷ ҷое намегузорем, ба Хуросон (Ҳирот) бурда, ба хешу таборатон пайванд медиҳем.

Ман гуфтам: — Ҳоло фақир харҷи роҳ надорам, харгоҳ, ки маблаге ба даст дароояд, албатта ба ватани худ меравам

Султонмурод гуфт: — Мо шуморо бо харҷи худ ба Ҳирот мерасонем ва ҳар чӣ мақсади мо бошад, аз амир Шоҳвалӣ меситонем.

Ман розӣ шудам. Султонмурод аспи кӯтал-палтарии худро ба фақир барои саворӣ дод ва дар ҳамон вакт, ки намози аср буд, ба роҳ баромадем ва вақти намози шом ба маъзеи Сикоя, ки дар ду фарсахии (16 километрии) Нишопур аст, фуруд омадем. Он шабро дар он манзил гузаронида, субҳдам боз роҳӣ шудем ва ба ҳамин тариқа роҳ тай карда, дар шаш рӯз ба Хуросон — Ҳирот расидем.*

---

* Восифӣ на дар ин ҷо ва на дар ёддоштҳои дигари худ аз оқибати кори Мирзобайрам ва Шоҳқосим чизе намегӯяд

## VIII

## ЁДДОШТИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ САФАРИ ХУД БА МОВАРОУННАҲР ВА ТУРКИСТОН

Пеш аз он ки тафсили ин сафари Восифиро аз забони ӯ нақл намоем, ин чанд калимаро хотирнишон карда гузаштанамон зарур аст:

Назар ба он чизҳое, ки Восифӣ дар муқаддимаи китоби худ — «Бадоеъ-ул-вақоеъ» навиштааст, ӯ дар Хуросон аз зиндагонӣ кардан дар зери идораи сафавиён, ки бо камоли шиддат як мазҳаби навро ҷорӣ мекарданд ба танг меоянд ва аз хунрезиҳои аз ҳад зиёди онҳо, ки бештарин барои қабул кунондани мазҳаби нав ва нест намудани намояндагон ва мафкурачиёни мазҳаби пештара ба амал меомад, дилгир мегардад ва ӯ дар он вақт мувофиқи аҳволи онрӯзаи Хуросон ва муносиби ҳоли пурмалоли худ ин байтҳои ҳаким Авҳадуддин Анвариро ёдоварӣ мекунад:

Эй мусулмонон, фиғон аз даври чархи чанбарӣ<br>В-аз ҷафои меҳру қасди моҳу сайри муштарӣ<br>Гар бихандам в-он ба ҳар умрест гӯяд заҳрханд!<br>Вар бигирьям в-он ба ҳар рӯзест гӯяд хунгирӣ!<br>Осмон дар киштии умрам кунад доим ду кор:<br>Гоҳи шодӣ — бодбонӣ, вақти андӯҳ — лангарӣ.

Оқибат ба худ қарор медиҳад, ки ё худкушӣ кунад ва ё аз Хуросон тамоман баромада равад. Дар охир бо машварати дӯстонаш ва ба қавли худаш бо башорат ёфтанаш дар бораи хуб шудани аҳволаш дар Мовароуннаҳр ва Туркистон аз баъзе «ғайбгӯён» сафари Мовароуннаҳр ва Туркистонро ба худ қарор медиҳад.

Аммо ин сафарро бе рафиқи мувофиқ ва бе хати роҳ-

дорӣ ба амал овардани ӯ мумкин набуд. Дар он миён аз уламои машҳури Хуросон Саидшамсуддин Муҳаммад ва бародари ӯ — Мирсаидҳусайн, ки онҳо низ дар зери бими кушта шудан буда, дар паи гурехтан аз Хуросон буданд, вомехӯрад ва ҳар се нафар ба Мовароуннаҳр ва Хуросон рафтанро дар байни худ муқаррар мекунанд.

Акнун масъалаи ба даст даровардани хати роҳдорӣ ба миён меояд, ки бе он гуна хат аз ҳудуди Хуросон баромада ба Мовароуннаҳр гузаштан мумкин набуд. Дар ин вақт корвоне аз савдогарон, ки рафтагори Мовароуннаҳр буд, дар Ҳирот ба сафар тайёр мешавад. Иштироккунандагони ин сафар 500 нафар буда, ба онҳо хоҷа Муҳаммади саррофи хуросонӣ ва хоҷа Ихтиёри озарбойҷонӣ қофиласолорӣ мекарданд.

Дар вақти ба роҳ баромада истодани ин корвон, бо як тасодуф се нафар аз иштироккунандагони он сафар бозмемонанд. Қофиласолорони мазкур ин се нафар — Восифӣ, Саидшамсуддин Муҳаммад ва бародари ӯ — Саидҳусайнро ба ҷои он се нафар ва бо хати роҳдории онҳо мегиранд. Ана ба ҳамин тариқа сафари Восифӣ ба Мовароуннаҳр ва Туркистон муяссар мегардад.

Аз тафсилоте, ки Восифӣ дар бораи иштироккунандагони он сафар додааст, маълум мешавад, ки он корвон ҳарчанд расман ба номи корвони савдогарон ташкил ёфта, ба ҳамин ном аз ҳокими Ҳирот хати роҳдорӣ ба даст дароварда бошад ҳам, дар он корвон аз табақаи гуногуни аҳолии Хуросон ва Озарбойҷон хеле касон буданд, ки ба савдогарӣ ҳеҷ алоқа надоштанд ва аз аҳволашон маълум мешуд, ки онҳо ҳам ба номи савдогарӣ фикри гурезагӣ доштанд.

Восифӣ дар бораи ин сафар ва иштироккунандагони он мегӯяд:

Дар таърихи охирҳои моҳи муҳаррами соли 918 ҳиҷрӣ (1512) буд, ки корвониён дар сари Хиёбони Ҳирот хаймаҳои сафарии худро барпо карданд.

Ин сафар дар фасли баҳор воқеъ шуда буд, ки лашкари баҳман ва дай (далву ҷадъй)-ро фаридуни фарвардин (ҳамал) мунҳазим сохта буд ва аз нафири кӯси раъд ва туфанги сонқаву барқ зилзила дар замину замон андохта; сорбонони даврон, шутурони кӯҳкӯҳон талҳо ва пуштаҳоро аз моҳути сабзи сабза ҳиҷоз пӯшонда буданд ва теғаи кӯҳ, ки аз сабза занг ёфта буд, шамшергарони баҳор онро бо фасони борон сайқал менамуданд...

Замона бо забони ҳол ин шеъри Салмони Соваҷиро тарона менамуд:

Тароватест ҷаҳонро зи фарри фарвардин,
Ки ҳар замон хиҷиласт осмон зи рӯи замин.
Фалак зи қавси қӯзаҳ баркашидааст камон,
Ҳаво зи абри ҷаҳон бар ҷаҳон намуда камин.
Зи лутф ҳоли ҳаво гашт бар замин ғолиб,
Чунон ки мечакадаш аз ҳаё арақ зи ҷабин.
Ҳарири сабзи чаман шуд шукуфаро бистар
Канори барги суман шуд бунафшаро болин.
Маро зи об, хуш омад, ки мезанад бар рӯд
Таронаҳои диловезу савтҳои ҳазин...

Дар он қофила аз асҳоби фазлу камол ва арбоби ҳусну ҷамол, аз созанда, навозанда ва хонандагону рақкосон ва аз латифагӯёну сухансанҷону маҷлисороён каси бисьёре буданд. Аз ин ҷумла Қосималии Қонунии созанда буд, ки гардун аз барои торҳои қонунаш аз ҳола (хиргаҳи моҳ) каловаи сим меовард ва мусиқинавози даврон аз барои намунаи гӯшҳои он қонун ғунчаҳои гулбуни чаманро пеши устоди қонунтарош мебурд ва ин байт гӯё дар ҳаққи ӯ гуфта шуда буд:

Нолаи қонуни ӯ к-аз наргиси ҷодуш буд,
Чун нанолад з-он ҳама пайкон, ки дар паҳлуш буд.

Дигар Ҷигарии чангии муғанния буд, ки ҳаргоҳ чанг дар канор мегирифт, Зӯҳра аз базми фалак сози худро бар замин меандохт ва аз осмон бар замин омада, мӯи гесуи худро тори чанги ӯ месохт ва гӯё ин байт дар шаъни вай гуфта шуда буд:

Дилбари чангӣ ки сози дилбарӣ оҳанг сохт,
Риштаи ҷони ман аз ҳам канду тори чанг сохт.

Саромади созандагон — пир устод Саидаҳмади Ғиҷҷакии равшанзамир низ дар он сафар ҳамроҳ буд, ки гардун ҷоми заррини хуршеди ховариро барои тоси ғиҷҷаки ӯ муносиб медид ва ҳур гесувони анбарини худро барои тори камончаи ғиҷҷакаш пеши ӯ мекашид.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи ӯ ғазале гуфтаанд, ки матлааш ин аст:

Садои он ғиҷҷакам кушту шакли он ғиҷҷакӣ,
Ки шӯри маҷлиси ушшоқ шуд зи пурнамакӣ.

Инчунин Мухибалии Балабонӣ ҷавоне буд.[18] Дигар аз нодиракорони созандагони олам устод Ҳасани ... буд, ки муғанниёни рӯҳафзо худро аз доираи ҳалқабагӯшони ӯ мешумурданд ва дар маҷлисе, ки ӯ бошад, ин рубоиро месуруданд:

Чун доира мо зи пӯстпӯшони туем,
Аз доираи ҳалқабагӯшони туем,
Гар бинвозӣ баҷон хурӯшони туем,
Вар нанвозӣ ҳам, аз хамӯшони туем.

Дигар устод Ҳусайни кӯчакнойӣ буд, ки дар камоли ҳусну ҷамол буда, дар Ироқи арабу аҷам овозаи сози ӯ ба авҷи шӯҳрат расида буд.

Дигар Мири Хонанда буд, ки ҳофиз Басир дар вақти хонандагии вай ба ғоят беҳудӣ ва бетоқатӣ мекардааст ва ҳол он ки ҳофиз Басир дар хонандагӣ дар замони худ ягонаи ҷаҳон буд. Нақл мекунанд, ки дар рӯзи таъзияи Хоҷатовуси девони бузургон ҳозир буданд ва аз ҳофиз Басир илтимоси нақше карданд.

Ӯ як ғазали Хоҷаро, ки мисраи аввалаш ин аст:

Вафот беҳ бувад онро, ки дар вафои ту набвад—

ба хондан сар карда, чун ин байтро суруд:

Дар оташ афганам он дил, ки дар ғами ту насӯзад,
Ба бод бардиҳам он ҷон, ки дар ҳавои ту набвад—

ғирев аз ҳозирони маҷлиси таъзия баромад ва нақл аст, ки дар он маҷлис чил кас беҳуш гардид.

Инак ҳамин ҳофиз Басир низ аз иштироккунандагони ин сафар буд.[1]

Хулоса дар мавзеи Чилдухтарон, ки яке аз йилоқҳои подшоҳи марҳум султон Ҳусайнмирзо буд, корвониён манзил гузиданд ва Хоҷамуҳаммади сарроф, ки қофиласолори хуросониён буд, дар он ҷо маҷлиси ҷашне барпо кард, дар он маҷлис ҳамаи касони ба назар намоёни корвониёнро даъват намуд.

Чун маҷлис сар шуд, ҳозирон аз ҳофиз Басир ғазале ва аз устод Ҳусайни Кӯчак фасли нае илтимос намуданд. Ҳофиз Басир ғазалеро, ки Мавлоно Биноӣ аз барои устод

---

[1] Аз рӯйхати аҳли санъат, ки дар ин ҷо нақл шуд ва аз номи Ҳофиз Басир, ки мо ӯро дар ёддоштҳо дар зиёфати Хоҷамаҷдуддин дида будем, маълум мешавад, пешравони аҳли санъати Хуросон дар замони Сафавиён аз Ҳирот гурехта будаанд.

Шайхии Ной дар бадеҳа гуфта буд, оғози хондан кард, ки матлааш ин аст:

Бисӯхт оташи нае дили балокашм ман,
Магар нае нафасе медамад бар оташи ман.

Мақсудалии раққос ҷавоне буд, ки ҳар гоҳ ба рақс медаромад, хуршеди ховар ва моҳи анвар ба сари ӯ чарх мезад ва чун аз рақс боз меомад, ҳозирони маҷлисро ба гирди худ дар гардиш меёфт.

Дар вақте ки ин ҷавон дар рақс буд, ин каминаро аз ғазали Мавлоно Биной ва хониши ҳофиз Басир кайфияте пайдо шуд ва ба хотирам расид, ки ба равияи он ғазали Мавлоно Биной барои он ҷавони раққос ғазале дар бадеҳа гӯям ва ба зери қадами ӯ нисор намоям.

Ҳанӯз он ҷавон аз рақс фориғ ношуда, он ғазал ба итмом расид, ки матлааш ин аст:

Ба рақс гарм чу гардид сарви маҳваши ман,
Зи боди домани ӯ даргирифт оташи ман.

Чун он ҷавон аз рақс фориғ гардид, он ғазал ба арзи аҳли маҷлис расид, ба ҳадьяҳои таҳсин ва тӯҳфаҳои офарин сазовор дида шуд.

Яке аз дӯстонам, ки ҳамеша дар паи шӯҳрат додани қобилияти ин фақир буд, дар он маҷлис гуфт: «Восифӣ илми мусиқиро хуб медонад ва ғазалро дар ғояти марғубӣ мехонад».

Аҳли маҷлис бо шунидани ин сухан таклиф ва илтимосро аз ҳад гузарониданд, ки ғазале хонам ва нойро фармуданд, ки навозад.

Чун ной фасле най навохт ва дид, ки ман чизе нахондам гуфт:

— Чаро чизе намехонед ва дӯстонро баҳравар намегардонед?

— Эй ёри дилнавоз!— гуфтам ман дар ҷавоб,— ҳарчанд саҳифаи хотирамро мулоҳиза менамоям, ягон байт, ҳатто ягон ҳарф дар он ҷо намеёбам.

Ӯ табассуме кард ва гуфт:— Шуморо қудрат ва маҳорат ба он дараҷа бошад, ки ғазале бад-он раънои дар бадеҳа тавонед гуфт, чӣ эҳтиёҷ ба шеъри дигарон бошад?

Чун ин сухан ба гӯши ман расид, дари илҳом ба рӯям кушода гардид ва ба ӯ гуфтам: «Найро бардор!» ва ин ғазалро дар бадеҳа гуфта, ба хондан оғоз кардам:

Ушшокро зи сози ту хун дар чигар шавад,
Чун най барӣ ба сӯи дахон, найшакар шавад.
Чоно ман он наям, ки бинолам зи дасти ту,
Сурохҳо чу най агарам дар чигар шавад.
Хоҳам, ки баъди марг дамад най зи турбатам,
Бошад, ки ҳамнафас ба ту, эй симбар шавад.
З-он най наёварам ба дахон к-оташи дилам
Афтад ба нюю з-оташи ман тезтар шавад...
З-ин сон, ки ҳамдами лаби лаъли ту дидамаш
Охир ба най ду даст маро дар камар шавад.
Эй Восифӣ ба нолаву афғон дигар чунин
Ғо най магӯ мабод, касеро хабар шавад.

Он чавони ноиро, ки Шоҳқосим ном буд, лаб ба таҳсину таърифи ман кушуд ва дигарон ҳам ба ӯ табаият карда, чавоҳири ситоишро нисори ин фақир намуданд.

Мавлоно Хондамири муаррих,[1] ки яке аз фозилони номии Хуросон буд ва ӯро аз касони махсуси Мир Алишер мешумурданд, ба фақир гуфт:

— Мо шунидаем, ки маҳорат ва қудрати шумо дар муаммо ба дарачаест, ки ҳар муамморо ном нагуфта мешикофтаед. Аммо ин сухан ба назди мо дур менамояд ва то ба чашми худ дида ба гӯши худ нашунавем ақли мо ин маъниро қабул намефармояд.

Баъд аз ин суханҳо муаммои зеринро барои озмоиш хонд:

З-офтоби рухи чонафрӯзе,
Мерасад бар дили решам сӯзе.

Гуфтам:— Ин муаммо ба номи Азиз аст.

У бо шунидани ин чавоб дар тааччуб ва ҳайрат афтода гуфт:

— Шояд ин муамморо шумо шунида бошед. Аммо ман аз вақте ки аз шаҳр баромадаам, то ин чо омадан панч муаммо гуфта ва онҳоро то ҳол ба касе нахондаам. Агар онҳоро ҳам ёбед, сари таслим пеши шумо ҳам мекунам.

---

[1] Хондамири муаррих писари Мирхонди муаррих — соҳиби «Равзат-ус-сафост». Хондамир дар ҳақиқат аз хосони Мир Алишер будa, дар дасти ӯ тарбия ёфтааст ва баъд аз фавти падараш — Мирхонд чилди ҳафтуми «Равзат-ус-сафо»-ро ӯ навиштааст. Ӯ «Ҳабиб-ус-сияр» ном китоб дар бораи таърих, ҳам «Макорим-ул-ахлоқ» ном китобча дар бораи Мир Алишер таълиф кардааст. Аз ин ёддошти Восифӣ маълум мешавад, ки ӯ ҳам дар замони Сафавиён аз Ҳирот гурехта будааст. Аммо ӯ ба Мовароуннаҳр наомада, ба Балх рафтааст, ки бобояш аз он чо буд.

Гуфтам:— Хонед!

Ӯ ягон-ягон хонд. Ман аз он муаммоҳо чортоашро дархол ёфтам ва ба панҷум, ки дар дурустии вай шубҳа буд, қадаре фикр кардан лозим омад. Чун онро ҳам кушудам, хатоеро ки дар вай буд, изҳор намудам. Соҳиби муаммо он хаторо қабул нафармуд ва дари баҳсу мунозараро кушуд.

Аммо бо ёрии касоне, ки дар он маҷлис ҳозир буда, дар муаммо вуқуфи тамом доштанд, хатои он муаммо ба соҳибаш хотирнишон карда шуд.

Чун Шоҳқосими Ноӣ аз маҳорати ман дар муаммо хабардор шуд, бо ҷавонони дигар, ки ҳаваскори муаммо буданд, дар назди ин фақир аз рисолаи муаммои амир Ҳусайни марҳум дарс сар кард...

Корвон ба канори оби Омӯя расид. Ҳангоми туғёни об буд, ки шутурони масти кафандози фавҷҳои мавҷҳо бо бухтиёни[1] забардасти авҷи гардун-абрҳо ангези ҷанг мекарданд. Гӯё Шайх Саъдии Шерозӣ дар шаъни ин об гуфта буд:

Саҳмгин обе, ки мурғобӣ дар ӯ эмин набудӣ,
Камтарин мавҷ осиёсанг аз канораш даррабудӣ.

Чун корвониён ба соҳили дарё нузул намуданд, дар пан пайдо кардани киштӣ афтоданд. Халлоқулмаонӣ — Камолуддин Исмоили Исфаҳониро чистонест дар бораи киштӣ. Чанд байт аз он чистон дар баҳри хотири фақир мавҷ мезад, ки ба киштинишинони баҳри шавқи ашъор муносиби мақом хонда шуд. Он чистон ин аст:

Кист он сайёҳ, к-ӯро ҳаст бар дарё гузар,
Мусрее[2], к-ӯ солу маҳ бе пой бошад дар сафар.

Раҳбари халкасту ӯро худ на чашмасту на гӯш,
Номи ӯ тайёру ӯро худ на боласту на пар.

Ҳар ки ҷон хештан андар дили ӯ боз кард,
Гар равад дар баҳри қулзум бошад эмин аз хатар...

Дар миёни баҳр ҳамчун баҳр бошад хушклаб,
Бошадаш бими халок он гаҳ, ки шуд лабҳош тар.

Ал-аёз[3] он дам, ки ояд пои ӯ рӯзе ба санг,
Пушти халқе бишканад, аз бими молу бими сар.

---

[1] *Бухтӣ* — шутури сурхмӯи бузургҷуссаи хуросонӣ.
[2] *Мусреъ* — пайки тезрафтор.
[3] *Ал-аёз* — паноҳ.

Ҳаст ӯро чория[1] исму алам, ин чория
Ҳар замоне гардад обистан ба чандин ҷонавар.

Меравад бар сина ҳамчун мор на дасту на по,
Вонгаҳе монандаи каждум дум оварда ба сар.

Оқибат бошад ҳалоки ӯ чу мустасқӣ[2] зи об,
З-он ки чун мустасқиён бошад зи обаш ногузар.

Хонаи буньёди ӯ бар обу ободон зи бод,
Вонгаҳе ҳамвора ӯ аз хоку оташ пурҳазар.

Посгуна[3] хонае, девору дар монанди ҳам,
Сақфи ӯ дар зери поясту сутунаш бар забар.

Соки́нони ӯ наяндешанд аз тӯфони Нӯҳ
В-аз ҳама буньёдҳо девори ӯ кӯтоҳтар.

Турфатар он аст к-ӯро зиндагӣ чандон бувад,
К-обро андар даруни ӯ падид ояд мамар...[4]

Хоҷамуҳаммади сарроф дар соҳили он дарьёи баҳрсифат маҷлиси васее ораст ва корвониён ҳар як дар он маҷлис мувофиқи мартабаву дараҷаи худ қарор ёфтанд. Созандагон бо ҳазаҷи дилкушо ва раҷази[5] рӯҳафзо решаи ғамро аз бӯстонҳои дилҳои пурмеҳнату алам дур мекарданд...

Дар охири маҷлис Хоҷамуҳаммади сарроф ба корвониён гуфт:

— Азизон, дидорҳо ғанимат аст. Муносиб он аст, ки имшаб дар ин манзил аз якдигар муфорақат нанамоед, чунки фардо дар ин мақом аз ҳам ҷудо гардида, ҳар кас ба ҳар тараф хоҳад рафт.

Хоҷа мувофиқи мақом ин байтҳоро хонд:

Ғанимат дон висоли дӯстдорон,
Ки даврон менамояд бевафоӣ.
Аз он тарсам, ки даврон ҳам намонад,
Басо гӯӣ, ки эӣ даврон, куҷоӣ!

Чун муқаррар буд, ки корвониён дар лаби об аз ҳам ҷудо ва пароканда шуда, баъзе ба Кобул ва Омул, баъзе ба Ҳисор ва Хузор ва баъзе ба Самарқанд ва Бухоро ме-

---

[1] *Чория* — як номи киштӣ.
[2] *Мустасқӣ* — касе, ки ба бемории истисқо (касалии обхӯра) гирифтор бошад).
[3] *Посгуна* — чаппа, сарнагун, подарҳаво.
[4] *Мамар* — гузаргоҳ.
[5] *Ҳазаҷ ва раҷаз* — вазнҳои муайяни арӯз.




Муқоваи нашри тоҷикии романи «Қамар».



فیردیناند دوشین.

FERDINAND DUGHENES.

قمر.

رومان.

از اوزبکی بتاجیکی ص. عینی

نشریات دولتی تاجیکستان

سمرقند 1928.

Сахифаи якуми нашри точикии «Камар».

рафтанд, дар замони видоъ ва ҷудой аз хофиз Басир илтимос карданд, ки ғазале сарояд.

Иттифоқо ҳаворо абр гирифта буд ва монанди дидаи ошиқон ва чашми ғарибон ашкрезӣ менамуд. Хофиз Басир мувофиқи аҳволи ёрон ва муносиби рӯзи борон ин байти Шайх Саъдии Шерозиро бо овозе хуш ва нолае дилкаш ба хондан сар кард:

Бигзор то бигирьям чун абри навбаҳорон,
Қ-аз санг нола хезад рӯзи видоъи ёрон.
Бар сорбон бигӯед аҳволи оби чашмам,
То бар шутур набандад маҳмил ба рӯзи борон!
Ҳар кас шароби фуркат рӯзе чашида бошад,
Донад, ки талх бошад, қатъи умедворон.
Эй субҳи шабнишинон, ҷонам ба токат омад,
Азбаски дер мондӣ чун шоми рӯзадорон!
Чандин ки бар шумурдам аз моҷарои ишкат,
Андӯҳи дил нагуфтам, илло як аз ҳазорон.
Чандат кунам ҳикоят, шарҳ ин қадар кифоят,
Боқӣ наметавон гуфт, илло ба ғамгусорон.
Саъдӣ ба рӯзгорон меҳре нишаста дар дил
Берун наметавон кард, илло ба рӯзгорон.

Бо шунидани ин ғазали диловез аз овози шӯрангези хофиз Басир дар лаби дарьёи Ҷайхун фиғони гирьяву нола ба авҷи гардун расид, ба ҳадде, ки «ту гӯӣ шӯри растохез бархост». Ҳар яке аз фозилон байтҳои мувофиқи вақту мақом хондан гирифтанд, яке аз онҳо ин рубоиро хонд:

Ҷамъ омада будем чу парвин якчанд,
Чун иқди ҷавоҳир ҳама дарҳам пайванд.
Ногоҳ фалак риштаи он иқд бурид,
Ҳар дона ба гӯшаи ҷаҳоне афганд...

Қорвониён дар канори дарьё якдигарро ба канор гирифта видоъ карданд, бо дили сӯзону чашми гирьён ҳар кадом ба ҷонибе равона гардиданд.

Шоҳқосим ба касоне, ки ба ӯ дахлдор буданд, дар киштӣ нишаста, аз об гузашта раҳсипори Насаф — Қаршӣ шуданд, ки фақир ҳам бо онҳо будам. Баъд аз чаҳор рӯз ҳангоми субҳдам корвони мо ба гирди қалъаи Насаф расид.

Ба ин ҷо гурӯҳ-гурӯҳ одамон расида хабар доданд, ки Заҳируддин Бобурмирзо дар кӯли Моғиён бо Убайдуллохон муҳораба карда, шикаст хӯрда пароканда шудааст.

Бо шунидани ин хабар корвониён дар сафар шитоб

карданд, ки зудтар ба Самарқанд расанд, то ки дар роҳ ба гурезагони ҳарбӣ гирифтор гардида, тороҷ набинанд.

Баъд аз се рӯз — вақте ки шаҳсавори наҳор — офтоб майл ба сарманзили ғуруб карда, ҷоми заррини худро, ки аз тоқи лоҷувардини сипеҳр гирифта буд, дар сарчашмаи мағриб аз дасташ афтонд ва сад ҳазор қатраҳо пош хӯрда доғҳо бар ҷомаи нилгуни фалаки нагун зоҳир гардид (яъне вақте ки офтоб фурӯ рафта, ситораҳо пайдо шуданд) корвониён ба дарвозаи Самарқанд расиданд.

## БАЪЗЕ МАЪЛУМОТ, КИ БА ЗИНДАГОНИИ ВОСИФӢ ДАР МОВАРОУННАҲР ВА ТУРКИСТОН ДАХЛ ДОРАД

Пеш аз он ки мо дар нақли ёддоштҳои Восифӣ дар бораи зиндагонии ӯ дар Мовароуннаҳр ва Туркистон шурӯъ кунем, бояд баъзе маълумотҳоро, ки ба зиндагонии ин шоир ва нависанда дахл дорад, ба тарзи кӯтоҳ дода гузарем, то ин ки хонанда сабаби зуд-зуд аз шаҳре ба шаҳре рафтани ӯро ва бо касони маҳаллӣ созиш карда натавонистанашро фаҳмад ва ӯро дар ин гуна ҳаракатҳои бесаботона ва беқаророна маъзур дорад.[19]

Маълум аст, ки Мовароуннаҳр ва аз ин ҷумла Самарқанд дар давраи темуриён ба бисьёр харобиҳо дучор гардид. Ҳарчанд ин сарзамин, хусусан Самарқанд дар вақти олими машҳур Улуғбек ба дараҷаи болои илму маданияти он замон расида бошад ҳам, баъд аз кушта шудани ӯ боз ба харобиҳо гирифтор гардид. Баъд аз чандинвақта кушокушӣ, ки пас аз кушта шудани Улуғбек рӯй дод, бар тахти Самарқанд султон Абӯсаид нишаст. Аммо ӯ пеш аз дуруст кардани вайрониҳои ин шаҳр, ки бештаринаш аз дасти худаш ба вуқӯъ омада буд, барои вайрон кардани Хуросон ба он ҷониб сафари ҳарбӣ кард.[20]

Писарони султон Абӯсаид, ки дар замони худи ӯ ва пас аз кушта шудани ӯ солҳои бисьёр дар Мовароуннаҳр ҳукмронӣ карда буданд, онҳо аз як ҳокиме ки ба ободӣ ва харобии ҷои ҳукмронии худ ҷавобгариро ҳис кунад, ба муриди хоклеси хонақоҳи хоҷа Аҳрор зиёдатар монанд буданд. Онҳо на ба ободии мамлакат худро манфиатдор мешумурданд ва на ба харобиаш ҷавобгар. Барои онҳо ризои шайхи мазкур ва муридонаш подшоҳии «дуҷаҳонӣ» буд.

Қувваҳои илмӣ, адабӣ ва маданӣ, ки дар замони Улуғбек дар Самарқанд расида буданд, то ба курсии раҳбарии адабӣ ва илмии давлати султон Ҳусайн мирзо нишастани Мир Алишер Навоӣ дар Самарқанд хок лесида нишаста бошанд ҳам, чун ривоҷ ёфтани илму адабиётро дар Хуросон шуниданд, ягон-ягон ва гурӯҳ-гурӯҳ ба он ҷо кӯчиданд (дар ин хусус мисоли бисьёрero дар «Маҷолис-ун-нафоис» ном асари Мир Алишер Навоӣ дидан мумкин аст).

Дар Самарқанд баъд аз кӯчидан, ё мурдани олимон ва шоирони забардаст, танҳо он гуна олимҳо ва шоирҳо монданд, ки онҳо аз илму адабиёт дуруст хабар надоштанд. Бо вуҷуди хароб шудани Самарқанд ва ба дараҷаи бисьёр паст афтодани аҳволи иқтисодии он, сабаби аз ин ҷо накӯчидани он олимон ва шоирон ҳам ҳамин маҳорат надоштанашон ба пешаи худ буд. Фарз кардем онҳо ба Хуросон мерафтанд ҳам, аз болои илм ва пешаи худ ягон лаб нон ёфтанашон маълум набуд. Ҷавононе ҳам, ки ба илму адабиёт ҳавас мекарданд, аз дасти ҳамин гуна одамони белаёқат тарбия гирифта, қобилияташон сӯхта мерафт.

Аҳволи иқтисодии Мовароуннаҳр ва аз ин ҷумла Самарқанд, аз аҳволи маданиаш ҳам харобтар шуда буд. Дар натиҷаи ҷангу ҷидоли чандинсолаи авлоди Темур, ба сабаби бад идора кардан ва толон-тороҷ намудани онҳо деҳқонон ва косибонро, ки пуркунандаи хазинаи ҳукумат ва серкунандаи олимон ва шоирон буданд, ба дараҷаи гадоӣ афтода буданд. Дар ин сурат ба як дараҷае ки аз гадоӣ ҳам пасттар бошад, афтодани олимон ва шоирони мазкур маълум аст.

Дар вақте ки шайбониён дар Мовароуннаҳр ҳукумат сар карданд, аҳволи иқтисодӣ ва маданин ин сарзамин ана ба ҳамин дараҷаи пастӣ буд. Дар натиҷаи ҷанги Шайбонихон бо темуриён ва сер кардани аскарони ӯ, ки тамоман аз дашт бо як аспу қамчин омада буданд, Мовароуннаҳр, хусусан Самарқанд, боз ҳам харобтар шуд. Ин лашкаркаши навхез пеш аз он, ки дар ҳукмронӣ ҷо гарм кунад ва ба ҷароҳати мамлакат марҳам ниҳад, дар ҷанги сафавиён кушта шуда, Мовароуннаҳр дар ҳамон ҳолати ҳарбӣ монд.

Вақте ки сафавиён Эрон ва Хуросонро ишғол карда душманони сиёсии худ ва мафкурачиёни онҳо — олимон ва шоиронро бо як даҳшати чашмнодида ва гӯшношуни-

да нест кардан гирифтанд, бисьёр олимон ва шоирон аз Хуросон ва Ироқ ба Мовароуннаҳр ва Туркистон гурехта омаданд, ки яке аз инҳо Восифӣ буд.

Шайбониён олимон ва шоирони аз Хуросон ва Ироқ гуреза шуда омадаро, аз олимон ва шоирони маҳаллӣ зиёдатар ҳурмат мекарданд ва ба онҳо бисьёртар бахшиш ва инъом медоданд. Сабаби ин, аз ҳама аввал сиёсӣ буд: шайбониён, ки ҳамеша ба даст даровардани Хуросонро ният доштанд, ин гурезагон ба онҳо барои расидан ба ин мақсад ёрӣ доданашон мумкин буд ва инчунин ба ҳурмат кардани ин гурезагон муҳаббати аҳолии Хуросонро ҳам чалб мекарданд, ки онҳо хешу табор ва ҳамватанони ин гурезагон буданд.

Ана ин ҳам яке аз сабабҳое буд, ки байни олимону шоирони гуреза ва олимону шоирони маҳаллӣ рақобати сахт пайдо шуд. Ғайр аз ин азбаски дониш ва маҳорати олимон ва шоирони гуреза, ки мероси замони Навоӣ ва Ҷомӣ буданд, нисбат ба дигар ҳампешагонашон баланд буд, дар мушоара ва мунозираҳо онҳо ба инҳо ғалаба менамуданд ва инҳоро шарманда мекарданд. Мағлубон барои нигоҳ доштани обрӯи худ дар пеши ҳокимон ва одамони нодон муқобалатҳои ҷоҳилона мекарданд, дашном медоданд ва носазо мегуфтанд.[21] Инҳо барои нигоҳ доштани обрӯи худ ва зиёда фоида бурдан аз инъоми ҳукуматдорон, аз ҳеҷ гуна беобрӯӣ рӯй намегардонданд.

Душмании байни ин ду гурӯҳ ба дараҷае расид, ки кор ба тӯҳматҳои динӣ ва сиёсӣ ҳам оид шуд. Чунончи, Мавлоно Ҳоҷии Табрезиро, ки ба гуноҳи суннигӣ аз даҳшати сафавиён гурехта ба Самарқанд омада буд, «шиа аст» гуфта ҳабс кунониданд. Дар вақти Ҳиротро ишғол кардани Убайдуллохон, ба гуноҳи шиагӣ аз тарафи хони мазкур кушта шудани шоири машҳур Ҳилолӣ ҳам бо ҳамин гуна таассуб буд.

Восифӣ аз ин гуна хусумат ва рақобатҳо бенасиб намонд ва бинобар ин, ӯ дар Мовароуннаҳр ва Туркистон аз шаҳре ба шаҳре кӯчида гашт. Вақте ки ба дарбори Келдимуҳаммадхон, ки шогирди худаш буд, роҳ ёфт, дар он ҷо барқарор монд. Аммо дар он ҷо ҳам аз хусумат ва рақобати ҳампешагони маҳаллӣ фориғ набуд.

Хулоса, хусусан дар байни гурезагон ва маҳаллиён мазмуни мақоли тоҷикӣ, ки мегӯянд: «Гадо душмани гадост», тамоман ҳукмфармо буд.

# Қисми дуюм

## ЗИНДАГОНИИ ВОСИФӢ ДАР МОВАРОУННАҲР ВА ТУРКИСТОН

### I

### ЁДДОШТИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ ЗИНДАГОНИАШ ДАР САМАРҚАНД

Восифӣ мегӯяд: Самарқанд шаҳре дар ғояти маҳкамӣ ва устуворӣ буд, девори баланде ва хандақи чуқуре дошт. Бозорҳояш монанди рӯи арӯсон ороста ва дар вай аз ҳар тараф чун мӯи марғуладори дилбарон фитна бархоста.

Меваҳои латифаш рӯҳафзо ва обҳои софи зулолаш чун оина чеҳранамо буд.

Фардои ҳамон шабе, ки мо ба шаҳри Самарқанд даромадем, ногоҳонӣ Убайдуллохон (бародарзодаи Шайбонихон) ба Самарқанд омада фаромад[1]. Ҳамон рӯз рӯзи ҷумъа буд. Хоҷа Мавлонои Исфаҳонӣ ба номи Убайдуллохон хутбаи ҷумъа тартиб дод.

Дар вақти намози ҷумъа Убайдуллохон бо тамоми аркони давлат ва аъёни Самарқанд дар масҷиди ҷомеъ ҳозир омаданд. Чун хатиб хутбаи мазкурро хонд, фарьёду фиғон ва ғулғулаи мардумон ба осмон расид.

Баъд аз як ҳафта — Кӯчкунчихон (амаки Шайбонихон) аз Туркистон омада, дар Самарқанд саропардаи

---

[1] Мо дар охири қисми якум хондем, ки дар ҷанге, ки байни Убайдуллохон ва Бобурмирзо дар Моғиён воқеъ шуд, Убайдуллохон ғолиб омад. Бояд дар баргашти ҳамон ҷанг Убайдуллохон ба Самаркад барои бар тахт шинондани амакаш — Кӯчкунчисултон омада бошад.

салтанат барпо кард. Дар силсилаи Шайбониён коида чунон аст, ки то бародарони калонтар ва хешовандони бузургтар бар ҳаёт бошанд, хурдон бар тахти салтанати подшоҳӣ қадам намегузоранд. Бинобар ин Убайдуллохон Кӯчкунчисултонро дар Самарқанд бар тахти султонӣ шинонда, худ ба ӯ сари итоат ва фармонбардорӣ ҳам карда, ба ҷониби Бухоро, ки ҷои ҳукумати ӯ буд, роҳӣ шуд. Кӯчкунчихон [22] дар мадрасаи шаҳиди сайид Улуғбек Курагон ва дар хонақоҳи ӯ, ки дар рубъи маскун монандаш набуд, даҳ мударрис таъин кард. Яке аз он ҷумла Мавлоно Мирикалон буд, ки донишмандтарини олимони он замон буда, гӯё дар шаъни ӯ гуфта шудааст:

Зи дарки ғояти илмаш уюни мудрика [1] косир
Зи кунҳи ояти нуткаш нуфуси нотиқа [2] музтар.

Дар мадрасаи хони шаҳид — Шайбонихон, ки дар сари Чорсуи Самарқанд бино ёфтааст, чор мударрис муқаррар шуд. Яке аз он ҷумла Мавлонохоҷагӣ буданд, ки он шахсро аз авлоди Мавлоно Хавофӣ мешумуранд.

## ҲИКОЯТ ДАР БОРАИ МАВЛОНО ХАВОФӢ

Восифӣ мегӯяд: чунин ҳикоят мекунанд, ки дар вақти бинои мадраса, ҳар рӯз Улуғбек ба сари иморат меомад ва дар қатори коргарон ба устоҳо бо дасти худ хишт медод. Рӯзе касе дар вақти ин гуна кор аз Улуғбек пурсид:

— Ба наздикӣ бинои мадраса тамом мешавад. Дар ин мадраса кадом касро мударрис таъин хоҳед кард?

— Қасе ки дар ҷамеи улум ва фунун моҳир бошад, дар ин мадраса мударрис хоҳад шуд,— гуфт Улуғбек дар ҷавоб.

Дар он вақт касе бо либоси коргарӣ дар миёнаи тӯдаҳои хишт нишаста буд ва ин гуфтугузорро мешунид. Баъд аз шунидани ҷавоби Улуғбек гуфт:

— Ин тавр бошад, ман дар ин мадраса мударрис хоҳам шуд.

Улуғбек бо шунидани ин сухан, аз он шахси коргармонанд тааҷҷуб кард ва аз он одамон пурсид, ки ин кас кист?

---

[1] *Уюни мудриқа* — чашмҳои идроккунанда.
[2] *Нуфуси нотиқа* — рӯҳҳо ва ҷонҳо.

Гуфтанд:— Муҳаммад ном дорад ва аз вилояти Хавоф омадааст, муддатест, ки дар ин шаҳр ба таҳсили илм машғул аст.

Улуғбек он шахсро пеши худ талабид, аз ӯ дар бораи илмҳои гуногун чизҳо пурсид, ӯ ба ҳамаи масъалаҳо ҷавобҳои муносиб дод. Чун он шахс мувофиқи даъвои худ баромад, Улуғбек ӯро ба ҳаммом фиристод, либосҳои хоси хешро ба ӯ пӯшонид ва ӯро пеши Қозизодаи Румӣ фиристода, ба худ ҳамдарс кард.

Инак ҳамин шахс Мавлоно Хавофӣ буд, ки Мавлоно Хоҷагӣ аз авлоди ӯст. Мавлоно Хоҷагӣ ҳам дар аксари улум, хусусан дар илми маониву баён — илми фасоҳату балоғат шӯҳрати тамом дошт.

## ЗИЁФАТИ МАВЛОНО ХОҶАГӢ БА ШАРАФИ ВОСИФӢ

Восифӣ мегӯяд: рӯзе Мавлоно Хоҷагӣ ин каминаро ба расми зиёфат ба хонаи худ талаб намуданд ва дар он зиёфат ҷамъе аз аҳолӣ ва аъёни шаҳри Самарқанд низ ҳозир шуда буданд. Азбаски Мавлоно Хоҷагӣ бисьёр лутфу меҳрубонӣ ва такрор ба такрор иноят ва изҳори қадрдонӣ нисбат ба ин фақир карданд, ду толибилми самарқандиро оташи ҳасад дар конуни — оташдони синаи пуркина барафрӯхт ва матои сабру тоқати эшонро тамомаи сӯхт:

> Аз ҳасад дар синаи худ оташе афрӯхтанд,
> Ҳам маро, ҳам хешро, ҳам ҷону дилро сӯхтанд.

Он толибилмон барои хиҷолат додани фақир баъзе калимаҳоеро, ки аз аҳли бозор ва авоми аҳли Хуросон шунида мешуд, гуфтан гирифтанд. Мавлоно Биной дар баёни ғалатҳои забони оммаи аҳли Хуросон ба тарзи ҳаҷв ба забони авом қасидае гуфта буд*, ки хондани он қасидаро оғоз карданд...

Мавлоно Хоҷагӣ аз ин ҳаракати беодобонаи онҳо дигаргун шуданд ва онҳоро аз ин кирдори ношоиста манъ

---

* Ин қасидаи Биной яке аз сабабҳои ранҷиши Мир Алишер Навоӣ аз Биной шуда буд. Ин қасидаро, ки сар то по ҳаҷви аҳли Хуросон буд, сабаби ранҷиши Навоӣ гардид. Биной ночор аз Хуросон ба Самарқанд омад ва аз ин ҷо ба узри ин кирдори худ дар ҳаққи Навоӣ мадҳияе навишта фиристод, ки мо порчае аз он мадҳияро дар ин асар дар мавриди худаш нақл хоҳем кард.

карданд. Аммо онҳо аз ин ҳаракати нолоиқи худ бознаистоданд. Оқибат Мавлоно Хоҷагӣ дар ғазаб омада, онҳоро бо дуруштӣ дашном доданд. Лекин онҳо боз ҳамчунон дар ҳарзагӯии худ давом карданд.

Аммо ҳаракати онҳо ба аҳволи зоҳири фақир таъсире накард. Монанди он ки ҳеҷ коре нашудааст ва он беҳудагӯиҳо ба ман дахл надоранд, табассумкунон менишастам.

Мавлоно Хоҷагӣ сабукии онҳо ва виқору тамкини маро дида ин рубоиро хонданд:

Як одамие бувад ба ҷоне арзад,
Мӯе ки аз ӯ фитад ба коне арзад,
Як одамие хаст ҳам аз одамиён
Нодидани ӯ мулки ҷаҳоне арзад.

Бо ҳамаи он, оташи ҳасади онҳо хомӯшӣ напазируфт ва аз насими насиҳати он азиз аз хористони ботини онҳо гули мулоямат нашукуфт ва аз он хористон шӯълаи рашку ҳасад торафт зиёдатар забона мезад.

Дидам, ки онҳо вазнинӣ ва нармии маро нишонаи оҷизӣ ва забуниам дониста, торафт ҳуҷуми худро зиёда карда истодаанд, дар дил бо ин байт хитоб кардам:

Сухан ба лутфу хушӣ бо дурушхӯӣ магӯ!
Ки зангхӯрда нагардида ҷуз ба сӯҳон пок

ва ба онҳо гуфтам: — Эй азизон! Шумо он чизе ки дар бораи забони авоми Хуросон гуфтед ва маро ҳам яке аз гӯяндагони ҳамон забон шумурда таҳқир кардед, баёни воқеъ аст — ҳақ аст ва рост аст. Аммо фақир, ки ба ин вилоят ба тозагӣ омадаам ва дар ин муддати кӯтоҳ як-ду калимае, ки аз мардуми шумо шунидаам, агар ҳамаи алфози беҳудаи оламро ҷамъ карда, дар як паллаи тарозу ниҳанд ва он ду лафзро дар паллаи дигар, инҳо дар нафратоварӣ аз ҳамаи онҳо гаронтар ояд. Чунончи, ман бо ҷамъе аз толибилмон ба сайри Хоҷакафшер рафта будам. Дар он ҷо гурӯҳе аз ҷавонон оғози бозии «Хокпилла»[1] карданд. Яке аз онҳо ба он бозӣ иштирок накард, дигаре ба ӯ гуфт: — Ту ҷаро намеҷаҳӣ? Ӯ гуфт «...» (аз бас сухане ки аз одоби таҳрир берун буд, партофта шуд).

---

[1] *Хокпилла* — бозиест, ки дар майдоне хокро тӯда мекунанд ва аз болои он меҷаҳанд. Ҳар кас пои худро ба он тӯда нарасонда ҷаҳида тавонад, ғолиб ба шумор меравад.

Чун ин сухан гуфтам ғулғулаи хандаи аҳли маҷлис ба осмон расид ва кори он ду кас ба масхарагӣ кашид ва баъд аз он ба онҳо гуфтам:

— Шумо байтҳои Мавлоно Биноиро бисьёр бад хонда нобуд кардед ва дурусти он байтҳоро аз ман шунавед, ки он забонро касе аз ман беҳтар намедонад!

Баъд аз он якчанд байти Биноиро, ки ба забони авом дар ҳаҷви хоҷа Маҳмуди Тойбодӣ гуфта буд, ба онҳо хитоб карда хондан гирифтам.

Бо шунидани он байтҳо он ду касро ҳолате даст дод, ки ба мурдан розӣ буданд. Чунки яке аз онҳо Маҳмуд ном дошт, бинобар ин он шеър, ки дар ҳаҷви хоҷа Маҳмуд гуфта шуда ва дар чанд ҷояш номи «Маҳмуд» зикр меёфт, ба гӯши онҳо ва аҳли маҷлис чунон мерасид, ки гӯё дар ҳаққи ин «Маҳмуд» гуфта шуда бошад.

Пас аз хонда шудани байтҳои ҳаҷвияи Биноӣ, ба онҳо:

— Мавлоно Биноӣ ба забони мардуми шумо ҳам шеърҳо гуфтааст — гуфтам ва якчанд байтҳоеро, ки Биноӣ ба забони авоми Самарқанд гуфта буд, хонда додам...*.

## МУНОЗАРАИ ВОСИФӢ БО ХОҶА ЮСУФИ МАЛОМАТӢ, КИ ВАЗИРИ КӮЧКУНҶИХОН БУД

Восифӣ дар ин ёддошти худ мегӯяд: намози шом дар гӯристони Чокардеза (Шакарчизза) дар масҷиди сари мазори Имом Абумансури Мотиридӣ** нишаста будам, бо дили хаставу шикаста, ба ёди ёру диёр, аз дидаи ашкбор хунобаи ҷигархор мерехтам ва хоки бекасӣ ва бехонумонии ғарибонаро бар сари ғусса дар бари худ мебехтам, алами дуди оҳи ҷонкоҳро бар сари мақбараи он бузургвор аз дили фигор бармеафроштам ва ин байтҳои ҷонсӯзи обдори оташборро вирди забон доштам:

Намози шоми ғарибон чу гирья оғозам,
Ба мӯяҳои ғарибона қисса пардозам,
Ба ёди ёру диёр ончунон бигирьям зор,
Ки роҳу расми сафар аз ҷаҳон барандозам...

---

* Восифӣ ҳамаи он шеърҳоро дар ёддошти худ навишта буд. Аммо бинобар ғалат будани нусха ва беодобона будани бештарини он байтҳо, нақлаш муносиб дида нашуд.

** Ин Мотиридӣ ҳамон аст, ки дар роҳи Даҳбед, дар наздикии Сиёб деҳае ба ин ном ба номи ӯст.

Дар ин вақт ногоҳ шахсе пайдо шуд ва гуфт:

— Шуморо хоҷа Юсуфи Маломатӣ, ки вазири Кӯчкунчихон аст, талаб дорад ва дар хонаи ӯ ҷамъе аз фозилони Самарқанд ҳозиранд ва интизори қадамранҷафармони шумо мебаранд.

Хоҷа Юсуф вазири соҳибихтиёри дарбори Кӯчкунчихон буд ва ӯ бар саманди вазорат нишаста, майдони наёбат мепаймуд.

Ман ин таклифи меҳмониро қабул карда, рафта ба хонаи вазир даромадам. Маҷлисе дидам бо сабукрӯҳон ороста ва аз гаронҷонон пероста, ҳар сӯ дилбаре буд чун офтоби дар вақти қиём аз рӯи худ оташ дар он маҳфил ангехта ва соқиёни симинсоқ шароби нахоби мураввақ (соф) дар ҷоми мурассаъ (ҷилонок) рехт ва нуқли пистаи намакинро бо қанди шакарханди ширин омехта ва забони ҳоли он маҷлис ин байти муаллифро месуруд:

> Ҷоми зарра соқиён аз лаъл зевар сохта,
> Духтари разро зи чинишиша меъҷар сохта.

Гӯё маҷлисороёни моҳталъати шӯъбадабоз сифати оташи сӯзандаро дар даруни оби соф таъбия намуда буданд, ё намунае аз дили пурхуни ошиқони талхком ба ширинлабони дилором менамуданд (айнан): «Бар гирьяи талхи чашми сурохӣ, лабҳои ҷом аз ханда фароҳам намеомад, ки дар чунин маҳфили рӯҳафзо чаро гирьякунон ва ашкфишон аст ва дойра аз ҷалоҷил (ҳалқачаҳо) дастакзанон, ки дар чунин ишратгаҳи ҷаннатосо, чангро чӣ маҳалли сина кандан ва фиғон? Хубоби рӯи шароб ишоратнамо, ки ҷомро лоҷуръа нӯш бояд намуд... надимони хушманзари ширинмақол ва ҳарифони моҳпайкари ҳумоюнхисол тарҳи гуфтугӯи зарифона андохтанд ва маҷлисро рашки фирдавси барин сохтанд».

Хоҷа Юсуфи вазир бадеҳагӯӣ сар кард ва ҳозирони маҷлис чунон бисьёр бадеҳагӯӣ карданд, ки аз вай зиёд кардан мумкин набуд. Ин бадеҳаҳо аз ҷиҳати шеърият бисьёр паст буда, мазмуни онҳо бештарин ба мо мусофирон нуктапарронӣ мекунад.

Мавлоно Қатилӣ, ки аз фозилони Ироқ ва Хуросон буда, дар он маҷлис ҳозир буд, ба гӯши фақир гуфт:—Ин Хоҷа моро дар назари самарқандиён аҷаб расво кард. Қорро ба ҷое анҷом дод, ки мо дар пеши ӯ дам задан наметавонем. Ба фаҳми ман забунӣ бас аст, бояд акнун ҷавоб гӯем.

Фақир гуфтам:— Шумо сабр кунед, ки «ҷаноби хоҷа» аз либоси илму дониш орӣ (бебаҳра) аст. Оқибат аз ӯ амре — коре сар бар занад, ки боиси хиҷолати ӯ ва сабаби ғалабаи мо шавад.

Дар ин миён шахсе ки Тунӣ тахаллус дошт ва дар шеър дар ғояти забунӣ буд ва аз фақир дар бораи қавоид ва истилоҳоти шеър, аз арӯзу қофияву саноеи шеърӣ чизҳо мепурсид ва аз саволҳояш камоли нодонии ӯ зоҳир мегардид, дар бадеҳа ба ӯ гуфтам:

Эй ки ту «Тунӣ» тахаллус мекунӣ!
Шеърро аз мо тафаҳҳус мекунӣ!

Хоҷа дар роҳи ҳимояти «Тунӣ» ба ман хитоб карда гуфт:

Чун ту медонӣ ки марде оҷиз аст,
Аз чӣ ин маънӣ таҷассус мекунӣ?

Ман бо шунидани ин мисраъ беихтиёр хандидам ва ба хоҷа гуфтам:

— Боракалло, карамҳо кардед!

Хоҷа дигаргун шуда ва аз рӯи эътироз ба ман гуфт:

— Чӣ кор воқеъ шуд, ки сабаби ин қадар хурсандӣ ва хандаи шумо гардид?

Гуфтам:— Эй маҳдум! Қофия ғалат шуд. Шумо дар ҷавоби байти ман, ки равиаш (ҳарфи асосии қофия) ҳарфи сод буд, дар равии байти худ ҳарфи син овардед. Дар миёни шоирон дар шеър айбе аз ин қавитар намебошад.

Хоҷа бо шунидани ин сухан ба ғоят парешон гардид, ҳарза ва сафсаттагӯиро сар кард ва хост, ки айби худро бо суханҳои зиште, ки барои беобрӯ кардани ман мегуфт, пӯшад, аммо оташи ғазабро ба боди носазогӯӣ шӯълавар карда, обрӯи худро ба хоки хорӣ мерехт. Дар натиҷа, он маҷлис пароканда шуд ва ҳар кас ба тарафе рафт ва ман ҳам аз хона баромадам.

Дар беруни хонаи вазир, ҷамъе аз донишмандони хуросонӣ ва самарқандӣ маро дар миёна гирифтанд ва аз ман норизоӣ изҳор карда гуфтанд:

— Ин миқдор таҳаммул ва забунӣ, асари хорӣ ва дунӣ аст. Бояд ҷавоби босавоби ӯро бар рӯяш медодӣ ва аз рӯи ҷаҳолат ва нодонии вай пардаро тамоман мекушо-

дӣ. Юсуфи Маломатиро дар пеши доқишмандон чӣ қадру манзалат аст, ки бар рӯи ту носазо гӯяд ва ӯро дар назди фозилон чӣ эътибор ва қимат аст, ки рохи беобрӯиш туро пӯяд?

Гар беҳунар ба мол кунад фахр, эй ҳаким!
Кунн ҳараш шумор, агар гови анбар аст.

Гуфтам:— Эй дӯстони мушфиқ ва эй ёрони мувофиқ он чизе ки шумо мефармоед дар ҳаққи ин камина айни лутфу карам аст. Аммо ман хоҳиш дорам, ки чанд рӯзе дар Самарқанд бошам ва бо вазир ҷангу ҷидол сар кардани ман ба он хоҳишам роҳ намедод.

Хулоса бо ин миқдор гуфтугузор сӯҳбати сарироҳиро ба поён расондем ва ҳар қадом ба тарафе рафтанд ва ман ҳам ба тарафи манзили худ шитофтам. Чун ба меҳнатхонаи худ расидам, дар гӯшаи эҳзон хазидам ва аз таҳқироте, ки имшаб дидам, гиребони сабру таҳаммулро медаридам. Фақирро рафта-рафта оташи андӯҳу алам чунон шӯълавар гардид, ки барои таскини вай гиряхои ҷонсӯз намудам ва муносиби ҳоли ғарибонаи худ ин рубоиро сурудам:

Шабҳо на кавокиб аст бар чархи нагун,
В-он нест шафақ к-аз ӯ уфуқ шуд гулгун,
Қ-аз дарди мани ғариб дорад гардун —
Рухсора пур аз сиришку домаи пурхун.

Охир бо хоҳиши табиати инсонӣ барои холӣ кардани дили кулфатманзили худ дар фикри интиқомгирӣ афтодам ва ин корро ба тарҳе ниҳодан хостам, ки хоҷа дар аввали кор ба мақсади ман пай набарад ва дар муқобили мани бекаси ғариб қувваи вазорати худро ба зудӣ кор нафармояд. Барои ба амал овардани ин мақсад ба хотир расид, ки хоҷаро чунон ҳаҷв бояд кард, ки он услуб аз фозилони гузашта воқеъ нашуда бошад ва он услуб чунон бояд ки дар зоҳир мадҳе бошад дар ғояти латофат ва тозагӣ ва дар ҳақиқат бо қоидаи муаммо ҳаҷве бошад дар ниҳояти фаҷоҷат ва бемазагӣ.

Дар ҳамон соат ин фикрро ба амал овардам ва ин «мадҳияи» маънан ҳаҷвияро бар рӯи коғаз рақам кардам:

Ҳаст дар силсилаи хоқонӣ,
Мӯҳрдоре[1] ки надорад сонӣ.
Чун каломаш ба зарофат омехт,
Аз даҳонаш гуҳари беҳад[2] рехт.
Фахри офоқ[3] бувад з-ӯ шуда фош,
Мардумию караму ҳусни маош.
Бар мани дилшудаи зори дижам,
Хуб шуд оқибат аз рӯи карам.[4]
Ҳаст ӯ хайри башар[5], дар раҳи дин
Ки набиний гиреҳ ӯро ба ҷабин.
Аз сари лутф мӯини[6] фуқарост,
Ки кушода руҳаш аз айни атост...

Аз ин назм боз бисту панҷ байти дигар буд, аммо он чӣ дар хотир буд, ба ҳамон қаноат карда шуд.

Чун рӯз шуд, пагоҳонӣ он байтҳоро покнависӣ карда бар коғазе бардоштам ва ба ҳузури хоҷа шитофтам. Пеш аз рафтани фақир Мавлоно Пирмуҳаммадалӣ, ки яке аз саромади фозилони Самарқанд буд, моҷарои шабонаро шунида пеши хоҷа рафта ва ӯро сарзаниш карда гуфта будааст, ки: «Албатта бояд фалониро талаб намуда, оварда ба ӯ узр баён кунед ва ин бадномиро аз саҳифаи рӯзномачаи ҳаёти худ маҳв гардонед».

Баъд аз баромада рафтани мавлонои мазкур, ман ба пеши хоҷа даромадам. Ӯ маро таъзиму такрими бисьёре кард ва узрхоҳӣ намуд.

— Дар узрхоҳии он нохушӣ, ки аз ҷониби камина воқеъ шуда буд, ин чанд байт дар мадҳи вазоратпаноҳӣ ба хотири косир расид,— гуфтам ва он навиштаро аз бағал баровардa хондам.

Дар ҳамин вақт касе як либосвор пашмина ба пеши хоҷа ба расми тӯҳфа овард. Хоҷа он либосвориро ба пеши фақир ниҳода:

— Ҳозир ҳамин, силаи мукофоти назми бадеи шумо бошад,— гуфт.

Фақир он либосвориро гирифта аз пеши хоҷа берун

---

1. «Мӯҳрдор, ки сонӣ, яъне ҳарфи дуввум — «ҳ» надошта бошад, «мурдор» мешавад. 2. «Гуҳари беҳад», яъне бе ҳарфи охир «...» мешавад. 3. Аз «фахри офоқ» бо ишорати «зӯ шуда бош» ҳарфи «ф» равад «хари офоқ» мешавад. 4. Агар оқибат, яъне ҳарфи охири «хуб» ки «б» аст, рӯи карам яъне ҳарфи «к» гардад «хук» мешавад. 5. Агар «хайр» гиреҳ ба ҷабин надошта бошад, яъне нуқтаи болоии ӯ пастар фароянд, ба шакли «ҳез» мегардад. 6. Агар руҳи «мӯини фуқаро» кушода гардад, яъне ҳарфи «м» аз рӯи вай равад ва ба ҷои вай сари лутф, яъне ҳарфи «л» ояд «лаини фуқаро» мешавад.

омада ба манзили худ, ки ҳуҷраи мадраса буд, рафтам. Баъд аз рафтани фақир Мавлоно Мӯҳсини Шервонӣ, ки яке аз фозилони замон буд, пеши хоҷа даромада ва ӯро бинобар он муомалаи дурушттона, ки дӯшина ба ман карда буд, маломат намуда ва гуфтааст: «Магар раво бошад он чунон касеро, ки фозилони Хуросон ва Мовароуннаҳр мусаллам доштаанд, ба меҳмонӣ ба хонаи худ оварда, ин навъ дуруштӣ карда шавад?!»

Хоҷа гуфтааст, ки: «Рост мегӯед, дар ҳақиқат онгуна муомалаи мо нодуруст ва беҷо буд. Аммо хушбахтона он шахс наранҷидааст, билъакс ӯ моро ранҷида гумон карда, ҷиҳати узрхоҳӣ дар мадҳи камина якчанд байт гуфтааст, ки омада гузаронид ва барои силаи он мадҳ либосворини пашминае ба ӯ бахшида шуд».

Мавлоно Мӯҳсин он мадҳияро талаб намуда гирифта ба хондан сар кардааст. Назар ба қавли касоне, ки дар он ҷо ҳозир буданд, мавлоно панҷ байт аз он назм хондааст, чун ба байти шашум расидааст ба рамзи вай пай бурда, аз сари нав аз аввал бозхондааст ва ҳар байтеро, ки мехондааст, механдидааст ва дар охир таҳсинкунон гуфтааст: «Вайронӣ мабинод мулки Хуросон, ки ин гуна одамон аз вай расида баромадаанд».

Хоҷа пурсидааст, ки: «Сабаби ханда чист?».

Мавлоно Мӯҳсин оҳиста ба гӯши хоҷа гуфтааст, ки: «Агарчи ин назм дар зоҳир мадҳ аст, аммо дар ҳақиқат ҳаҷвест, ки то ҳол ҳеҷ кас монандашро нагуфтааст» ва нукоту ишоратҳои ҳаҷвии он назмро шарҳ дода, ба хоҷа хотирнишон кардааст.

Чунин гӯянд, ки хоҷа бо шунидани шарҳи он байтҳо, девонавор ошуфта гардида, нисбат ба фақир суханони таҳдидомез ва ҳарфҳои даҳшатангез гуфтааст.

Аммо Мавлоно Мӯҳсин ба хоҷа гуфтааст:—«Ин ғалати дигар аст, ки нисбат ба вай андешидаед. Ин ҳаракати шумо сабаби шӯҳрат ёфтани он ҳаҷв мешавад, ки расвои олам мешавед. Агар ба машварати ман дароед, ба ӯ сару пои зебои одамиёна ва маблағи харҷӣ инъом фармоед. Муносиби бузургии шумо ҳамин аст. Ӯ низ аз кардан худ пушаймон шуда, ин ҳаҷвро нест хоҳад кард».

Хоҷаро ин суханони маслиҳатомез мақбул афтодааст, ки ҷиҳати фақир як рахт сару пои дар ғояти хубӣ ва маблағи сад хонӣ (600 танга) ба дасти яке аз мулозимони худ ба мадраса фиристод ва ба ин сабаб фақирро хиҷолат ва шармсории аҷибе рӯй дод ва ба хотир расид, ки

аз барои дафъи шармандагии худ ва узрхохи аз он хочаи «хамидахисол» касидае гуфта шавад.

Азбаски он хоча мўхрдори Кўчкунчихон буд, муносиб дида шуд, ки дар чавоби касидаи радиф —«ангуштарин»-и Мавлоно Котибй, ки дар мадхи Мирзобойсунғур гуфта буд, касидае гуфта шавад.

Он касида, ки матлааш ин аст:

То шуд аз номи шариат номдор ангуштарин,
Бар мамолик ёфт дасти иктидор ангуштарин...—

тамом шуд*. Чун пеши хоча бурда гузаронидам, дар вакти хондани хар байт яке аз ангуштонашро ба тарикаи шумор хам мекард. Чун касидаро хонда ба охир расонидам, хоча ба хона даромад ва сесаду панчох тангаи хонӣ (2100 тангаи оддӣ) ба факир берун фиристод. Азбаски он касида 35 байт буд, маълум мешавад, ки ба хар байт 10 хонӣ хисоб карда хадья додааст.

## ВОҚЕАИ МАҲБУСИИ МАВЛОНО ҲОҶИИ ТАБРЕЗӢ

Восифӣ дар ин бора мегўяд: Мавлонохочии Табрезӣ, дар вакте ки Мавлонои Табрезӣ дар Хуросон шайхулислом буданд, аз Табрез, аз хавфи шох Исмоили Сафавӣ гурехта ба Хирот омаданд. Шайхулисломи Хуросон дар мачлисе, ки хамаи уламо ва ашрофу аъёни Хуросон хозир буданд, дар таърифи Мавлонохочӣ гуфтаанд, ки: «Мавлонохочӣ ба мачлиси дарси ин факир хозир меомаданд ва харгиз дар макоме, ки сухан гуфтан мебоист, хомўш намондаанд ва дар чое, ки сухан гуфтан нашояд, харгиз харф назадаанд».

Дар пеши ахли фазлу дониш равшан аст, ки хеч таъриф аз ин болотар намешавад. Чунончи, Шайх Муслихуддини Шерозӣ гуфтааст:

Ду чиз тираи акласт[1] дам фурў бастан
Ба вакти гуфтану гуфтан ба вакти хомўшӣ.

Дар замоне, ки мавлонои мазкур аз чафо ва изои кизилбош ба чон омада, аз Хуросон гурехта ба Самарканд омаданд, хукумати ин мамлакат дар дасти Бобурмирзо

---

* Восифӣ дар ёддошти худ ин касидаро тамоман накл кардааст. Аммо навиштани он лозим дида нашуд.

[1] *Тираи акл* — тирагии акл, яъне заифии акл.

буд. Бобурмирзо мавлоноро эҳтиром намуда, дар мадрасаи олии Улуғбекмирзо мударрис таъин кард.

Баъд аз он, ки ҳукумати Самарқанд ба Кӯчкунчиён қарор ёфт, баъзе касони бадандеш ба арзи Ҳофизтӯтӣ, ки садри хони мазкур буд, расониданд, ки: «Мавлоноҳоҷӣ дар замони Бобурмирзо кулоҳи сурхи қизилбошӣ бар сар ниҳодааст» ва бо ин роҳ мавлонои мазкурро ба шиагӣ тӯҳмат карданд.

Ҳофизтӯтӣ бо ин иғво Мавлоноҳоҷиро гирифта ҳабс кард. Ҳарчанд гурӯҳе аз талабаи улум ва дигарон пеши Ҳофизтӯтӣ рафта, раҳоии мавлонои мазкурро бо илтиҷо илтимос карданд, фоида надод, билъакс ҳофизи мазкур дар ҳаққи Мавлоноҳоҷӣ сахтгирии худро зиёдатар кард.

Оқибат, фақир пеши Ҳофизтӯтӣ рафта, ҷуръат карда арз намудам, ки: «Маҳдумо! Масалан, агар шахсе дар зери хавфи ҳалок афтад ва халосии ӯ танҳо ба пӯшидани кулоҳи кизилбошӣ бошад, ки дар вай зангӯла ва думи рӯбоҳ таъбия карда шудаст ва он шахс ин кулоҳро бар сар ниҳода ҷони худро халос гардонад, оё он кас дар назди арбоби инсоф лоиқи заҷру ҳабс аст, ё сазовори иноят ва риоят?».

Чун садоратпаноҳ ин суханро шунид, фармуд, ки мавлоноро аз ҳабсхона бароварда оварданд ва ба он кас либосҳои хуб дода, бо иззату эҳтиром озод намуд.

Баъд аз озод шудан ба сари Мавлоноҳоҷӣ балои дигаре омад. Ин, чунон буд, ки Мирҷамолуддин ном шахсе хоразмӣ буда, дар бешармӣ ва беҳаёӣ монанд надошт ва инчунин аз фазлу камол ҳам бебаҳра буд. Аммо ба воситаи давоми ихтилот ва хушомадгӯӣ ба пеши шайбониён эътиборе пайдо карда буд. Онҳо ӯро муллои дуруст ва донишманд мепиндоштанд. Бинобарин Шайбонихон дар мадрасаи Улуғбекмирзо дар суфае, ки аз рӯи шарти бонии мадраса бояд донишмандтарини олимон дар он ҷо мударрис мешуданд, ӯро мударрис таъин карда буд.

Чун Мавлоноҳоҷӣ аз ҳабс халос шуда барои адои вазифаи дарсгӯии худ ба мадрасаи Мирзоулуғбек рафтанд, мири хоразмии мазкур ба он шахс бо ситеза пеш омад. Ҳар вақте ки мавлоно барои дарсгӯӣ ба мадраса меомаданд, ӯ пештар омада ҷойро ишғол карда менишаст ва роҳ намедод, ки мавлоно дар он ҷо дарс гӯянд.

Чун ин ҳол давом намуд ва чандин рӯз бо ин кашмакаш гузашт ва мавлоноро маҷоли дарс гуфтан намонд, охир ин фақирро бо як толибилми дигар пеши мири хо-

разми фиристоданд, то бигўем, ки: «ҷанобн он кас ҳар вақти аз соатҳои рўзро, ки хоҳанд ихтиёр кунанд, аммо он соатро муайян намоянд, то ки фақир дар вақти фориғ будани дарсхона ба кори худ равам ва вақти ман бо вақти он кас рост наёяд».

Чун мо ба мири хоразмӣ рафта, ин илтимоси мавлоноро расонидем, ў шўрид ва гуфт: «Магар Ҳоҷии Табрезӣ девона шудааст? Аз рўи шарти воқиф дар ин суфа бояд аъламн уламо — донотарини донишмандон дарс гўяд. Ман ки ба ин сифат соҳибам дар он ҷо дарс гуфтан тамоман ҳаққи ман аст. Ўро гўед, ки ҳадди худро донад ва ин гуна суханҳои бемаънӣ нагўяд».

Чун мо дар ин кор миёнарав будем, ҳар чизе, ки аз мири хоразмӣ шунидем ба Мавлоноҳоҷӣ расонидем. Мавлоно бо шунидани ин ҷавоби мири хоразмӣ аввал бисьёр хандиданд ва баъд аз он бисьёр гиристанд ва гуфтанд: «Қори олам ва уламо ба ҷое расидааст, ки инчунин шахсе дар ин гуна макони олӣ — мадрасаи Улуғбек мударрис мешавад ва ин навъ суханон ҳам мегўяд ва каси соҳибақле ҳам ёфт намешавад, ки ба ў бигўяд: чиҳо мегўӣ ва чаро мегўӣ».

Чун бузургони Самарқанд ин моҷароро шуниданд, Мавлоноҳоҷиро дар мадрасаи хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор мударрис карданд ва ба ин восита ин шахсро аз панҷаи он золими нодон раҳой доданд.

## ЁДДОШТИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ САРМОИ САХТИ САМАРҚАНД ВА ҚАҲТУ ГАРОНӢ ВА АҲВОЛИ ТАЛАБАГОНИ ФАҚИРИ ХУРОСОНӢ ДАР ОН ЗИМИСТОН

Восифӣ мегўяд: дар соли 918 (1512) дар Самарқанд зимистон бисьёр сахт омад. Чун офтоб ба бурҷи қавс расид, гўё аз он қавс (камон) тирҳои замҳарир — ба сари мо ва одамиён меборид:

Сарриштаи офтоби сўзон,
Шуд шўшаи ях ба нимрўзон.
Рўз аз хунукӣ кашида дарҳам —
Худрову намуда кўтаҳу кам.
Аз сардии об мурғи обӣ,
Оварда паноҳ бар кабобӣ.

Дар ин сол дар Самарқанд қаҳтӣ ва гаронӣ ба дараҷае расид, ки халоиқ ба ҷуз курси моҳу офтоб, ки дар

дастурхони фалак буд, дар дигар ҷой сурати ноиро намедиданд ва гуруснагони фақир шабҳо ба ҷои хӯшаи гандум, дар хаёли худ аз хирмани парвин хӯша мечиданд:

Гуруснашикам бар намад дошт чашм,
Ки ҳамсояи гӯшт будаст пашм.

Дигар воқеаи аҷиб, ки дар ҳамон вақти сармо ва қаҳтӣ ба ман рӯй дод, ин аст, ки шабе ба хонаи дӯсте ба меҳмонӣ рафта будам, дузде дар он шаб ба мадраса омада ва қуфли дари ҳуҷраро тофта ва ҳар чизе, ки дар он ҷо ёфтааст, бурдааст.

Ба болои ин даҳ нафар талабаи ғарибй хуросонӣ, ки дар ғояти бечизӣ ва парешонӣ буданд, пеши ин фақир омаданд ва аҳволи худро ба ин тавр изҳор намуданд:

— Агар ба ҳоли мо ғарибон фикре накунӣ, мо ҳамагӣ аз сармо ва гуруснагӣ талаф хоҳем шуд.

Аммо ман, онҳоро ба ҷуз сабру таваккул даъват кардан ва тасаллӣ додан, ҷораи дигаре надоштам. Охир ба хотирам расид, ки дар силсилаи Фулодсултон ҷавоне буд дар ғояти саховат ва ниҳояти карам, ки ӯро Миракон шоҳ мегуфтанд. Хостам, ки аз вай барои толибилмони фақир ёрмандие хоҳиш намоям ва ба ин мақсад аҳволи толибилмони ғарибро баён намуда, ба ӯ мактубе навишта фиристода шуд. Он мактуб ин аст (бо қадаре кӯтоҳ кардан айнан):

— «Сарафрозо, бандаыавозо! Маърузи замири мунири офтобтанвир он ки шиддати сармо ва суубати дай [1] ва сахтии сардиҳои зимистон ва хунукиҳои вай ба дараҷае расида, ки хуршеди авҷи торуми [2] чаҳорум, ки хисрави зарринкулоҳи ховар аст, ҳар шом худро самандарсифат дар оташи шафақ меандозад ва шоҳи мамолики шом, ки моҳи нав аст, дар хокистари сипеҳр ва ахгари анҷум маъман месозад. Ҳаво бо он, ки ҷуббаи пурпунбаи абраш дар оғӯш дорад, аз шиддати сармо дам ба дам нафаси сард мекашад ва унсури оташ бо он ки ҳамеша аз дуд, пӯстини самур бар дӯш дорад, аз бурудати ҳаво ларза мезанад:

Дар фасли дай чу шӯълаи оташ занад алам
Дорам басе азизтар аз шӯшаи зараш,
З-он оташ аз суубати сармо фасурданист,
Қ-аз дуд пӯстини самураст дар бараш.

---

[1] *Суубати дай* — шиддати зимистон.
[2] *Торум* — хона, маҷозан осмон.

Бар раъйи анвари оламорой пӯшида намонад, ки дар чунин фасл чун харорати сина ва оташи дил дафъи сармо аз сари мо намекунад, аз барахнагӣ кори факирон наздик ба он расида, ки аз хилъати ҳаё низ орӣ [1] гарданд. Чун шеван лутф ва бандапарварӣ ҷомаест аз ҷомахонаи аҳадияти сатторӣ [2] бар зоти бузургвори он ҳазрат пӯшидаанд, раҷои восиқ[3] ва амали содиқ[4] аст, ки ин фақирони бе сару по ҳар кадом ба пӯстине аз ҷомахонаи карами он ҷаноб сарафроз шуда пӯшида гарданд. Ҳамеша зоти касирулбаракот [5] ба хилъати ҳаёт мулаббас [6] бод....»

Чун Миракон шоҳ ба мазмуни ин мактуб воқиф гардид, фақиронро ба меҳмонӣ талабида зиёфат карда аз барои камина пӯстини мӯина ва сару пои мувофиқ ва аз барои ҳар талаба пӯстини барра ва пироҳану тунбон (курта, лозимӣ) карам фармуд...

Аммо кори толибилмон ба ҷое кашид ва аҳволи онҳо ба дараҷае расид, ки ду тан аз онҳо пӯстинҳои худро фурӯхта хӯрданд ва аз сахтии сармо ҷон «ба ҷонофарин супурда» мурданд.

Мавлоно Алии Балхӣ, ки яке аз ёрони ҷонӣ буд, шабе ба ҳуҷраи фиқир омада гуфт:

— Ин толибилмон ҳама ҳалок мешаванд, дар бораи онҳо чӣ андеша бояд кард?

Гуфтам:— Ман низ ҳайронам ва чорае намедонам.

— Дар таърифи соли қаҳт,— гуфт ӯ,— ба мадҳи Абӯсаидсултон [7] қасидае бояд гуфт. То ки аз вай сила — мукофот гӯён чизе рӯяд ва ба он восита сафинаи умри ин фақиронро аз ин баҳри бепоёни сармо ба соҳили фароғат гузаронем ва киштии аҷзи ин афтодагонро аз ин дарьёи заххори хунхори қаҳт бар канора орем.

Гуфтам:— Султонабӯсаид туркест, ки асло форсӣ намедонад, чунонки мо туркӣ намедонем.

Мавлоно Алӣ гуфт:— Ман рафиқе дорам, ки имом ва ноиби султон аст. Ӯ моро ва он қасидаи навишташудаиро ба султон таъриф кунад, кифоя аст.

---

[1] *Орӣ* — бараҳна.
[2] *Аҳадияти сатторӣ* — худои айбпӯш.
[3] *Раҷои восиқ* — умеди қавӣ.
[4] *Амали содиқ* — орзӯи рост.
[5] *Касирулбаракот* — пурбаракат.
[6] *Мулаббас* — либоспӯшида.
[7] *Абӯсаидсултон* — наберан Шайбонихон аст, ки аз соли 936 (1530) то 939 (1533) ҳукумат кардааст.

Ман ин таклифро қабул кардам ва он қасида ҳамон шаб тамом шуд. Он қасида ин аст:

Эй дил, хаёли хом мабар дар паи таом!
Зеро ки имтило[1] шудаам з-ин хаёли хом.
Зикри фалак ба хайр, ки аз хони ӯ маро
Шамсия меҳр — чошт бувад, қурси моҳ — шом.[2]
Аз баҳри роҳтӯша зи анҷум карам намуд —
Хони кӯличареза[3] ба ман чархи нилфом.
Рангина қурсҳост паи нони роҳи ман
Дар раҳ нишони пои шутур ҳосили калом.
Гандум зи ҳар ки кас талабад, орд мекунад —
Аз зарби мушт рустаи дандони вай тамом.
Бо он, ки хуи хӯранд шабу рӯз мардумон,
Даври замона ташна ба хуншон бувад мудом.
Дунон намедиҳанд ба кас нимлуқма нон,
Ё раб, чунон мабод зи дунон ба ғайри ном.
Дорад чу «қарз» сурати «қурс», аз барои он —
Як ҳабба кас қарз наёбад зи хосу ом...
Тасбеҳ дона кардаму саҷҷода дом, лек —
Анқо шудаст нон, нашавад сайди кас ба дом.
Як дона гандум ар ба замин афганад касе,
Мардум кунанд мӯрсифат бар вай издиҳом.
Бар халқ гӯшти хару хинзир[4] шуд ҳалол,
Ё раб сабаб чӣ буд, ки нон шуд чунин ҳаром?
Хокистаре, ки дар тахи он пухта шуд кумоч,[5]
Созанд тӯтиёш халоиқ зи эҳтиром.
Ташбеҳи меҳру маҳ ба кумоч ар кунад касе
Ҳар ду ниҳон шаванд ба хокистари зулом[6]
Бӯе, ки муртафеъ шавад аз дуди дегдон,
Хуштар бувад зи роиҳаи[7] мушк дар машом.
Аз ҳеч равзане накунад дуд сар бурун,
Чуз дуди маргу дуди дили зори мустаҳом.[8]
З-он сон ки мардум аз паи нон чӯб мехӯранд,
Набвад аҷаб, ки гардадашон иллати ҷузом...[9]
Аз дасти қарзхоҳ чу гандуми ин замон,
Беҳтар зи ғори муш набошад дигар мақом...
Шуд устухони паҳлуи маҳ зоҳир аз ҳилол,
Аз қурси хур наёфт чу якчанд рӯз ком.

---

[1] *Имтило* — бисёр пур шудани меъда, бадҳазмӣ, ки аз пурии меъда пайдо шуда бошад.
[2] *Маънии ин мисраъ* — офтоб таоми чоштгоҳӣ ва моҳ — таоми шом, бегоҳӣ.
[3] *Кӯличареза* — кулчача.
[4] *Хинзир* — хук.
[5] *Кумоч* — нонест, ки кӯчманчиён дар зери хокистар ё реги тафсон мепазанд.
[6] *Зулом* — торикӣ.
[7] *Роиҳа* — хушбӯӣ.
[8] *Мустаҳом* — саргашта, ҳайрон.
[9] *Ҷузом* — махавӣ.

Уммеди лиги барра кунам рахши рўхро —
Ҳар лаҳза пойбанди кӣ гардад ба чисм ром.
То шоми рўзи ҳашр нахоҳад тулўъ кард —
Аз матлаи замона ба ғайр аз маҳи сиём...
Эй Восифӣ, ба гуруснагӣ сабр пеша кун!
Зинҳор нон тамаъ макун аз суфраи лиём![1]
Дорӣ агар тамаъ ба шахе арз кун ки хаст —
Бар даргаҳаш чу Ҳотами Той дусад ғулом.

Қасидаи мазкурро покнависӣ карда, пагоҳонӣ ба Конигил, ки Абўсаидсултон дар он ҷо хайма зада буд, рафта аз назараш гузаронидем. Он подшоҳ бо ёрии он имом, барои силаи қасида даҳ сар гўсфанди фарбеҳ, бист ман орд, маблағи сад хонӣ (600 танга) ва чор дарахт барои хезум карам намуд.

Мо он чизҳоро гирифта ба мадраса овардем ва он зимистонро бо он толибилмони фақир ва чанде дигар аз фақирон ба фароғат гузаронидем.

## ЁДДОШТИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ ИМТИҲОН КАРДАНИ АҲЛИ КАМОЛ ЎРО ДАР ИНШОНАВИСӢ ВА ЁФТАНИ МУАММО

Восифӣ дар ин бора мегўяд: ҷамъе аз фозилони Самарқанд дар хонаи хоҷа Амиркоъи Шоҳӣ* ба расми меҳмонӣ ҷамъ шудаанд. Дар он маҷлис гуфтугўи муаммо ва иншо ба миён омадааст. Яке аз онҳо гуфтааст ки: «Агар иншонависӣ ва муаммоёбӣ чунон аст, ки аз фалонӣ (Восифӣ) нақл мекунанд, инсоф он аст, ки бисоти даъвои ин ду кор дарнавардем ва дигар гирди ин ду амр нагардем. Инсоф медиҳам ки ўро дар ин ду кор назире нест».

Баъзе дар мақоми инод ва инкор истода гуфтаанд: «Аз куҷо маълум аст, ки он муаммоҳоеро, ки мекушояд, ёд надорад? Ва он иншоҳое, ки зоҳир месозад, аз дигарон набошад, ки ба номи худ пардозад?»

Хоҷа Амиркоъи Шоҳӣ гуфтааст, ки: «Мо худ муамморо намедонем. Аммо аз барои Муҳаммадҳусайни қассоб аз он ҷаноб иншое илтимос карда будем. Қасе, ки барои ин кор фиристода шуда буд, гуфт, ки: «Чун пайғом бирасонидам, фавран қалам бардошт ва он иншоро бетааммул бар саҳифа нигошт».

---

[1] *Лиём* — лаъинон, бахилон.

* *Хоҷа Амиркоъи Шоҳӣ* — ном дар боло ба шакли «Миркои Шоҳӣ» навишта шуд, чун ки дар он ҷо дар ҳамон шакл буд.

Яке аз аҳли маҷлис гуфтааст, ки: «Рафъи ин шубҳа дар ғояти осонист, ба ин тариқа, ки ӯро ба ин маҷлис металабем ва ҳар як аз ин ҷамъ мактубе аз вай илтимос намояд, ки дар бадеҳа ва дар ҳузи ҳамин маҷлис иншо кунад ва ҳар як бар ӯ муаммое, ки ба ношунида будани он ҷазм дошта бошад, хонад. Дар ин сурат дараҷаи иқтидори ӯ дар ҳар дуи ин кор ҳам равшан мегардад».

Хулоса, аҳли маҷлис ба ҳамин фикри охирӣ қарор дода, касеро ба талаби ин камина фиристодаанд. Чун дар он маҳфил ҳозир шудам, касе ба фақир моҷарои гузаштаро нақл намуда, барои ҳар кас мувофиқи талаби ӯ мактубе навишта доданамро илтимос намуд.

Фақир гуфтам:— Фармон шуморост!

Мавлоно Саиди Қарокӯлӣ гуфт ки ман дар камоли қашшоқӣ ва бечизиам. Аз қарзхоҳон гурехта, ҷалои ватан карда, ба ин ҷо омадаам. Ба хоҷа Ҳабиби девон барои ман арзи ҳоле зарур аст.

Дархол қалам бардошта барои ӯ ин мактубро навиштам (бо партофтани баъзе калимаҳо):

Эй назди худову халқ мақбулу ҳабиб!
Бошад ғураборо зи наволи ту насиб!
Ин банда ғариб аст, агар бинвозӣ —
Ӯро ба камоли хештан, нест ғариб.[1]

Баъд аз арзи убудият[2] маъруз медорад, ки ин ғариби муфлисро [3] алималлоҳ [4] аз сафеду сиёҳ [5] ҷуз сафедию сиёҳии дида ваҷҳе [6] дар назар нест ва монанди ашк ӯро дар назари мардум ҷуз обрӯй бар хок рехтан ҳеҷ ҳунар не. Дар ватани худ ба ҳар кӯҷое ки мебудам, қарзхоҳон монанди соя «сар дар қадамам ниҳода буданд» ва ҳар ҷо ки менишастам «чун бахти сиёҳ барам ситода» ба ҳукми зарурат худро дар қурбати (азоб) ғурбат [7] андохтам. Чун бад-ин вилоят, ки маҷмаи арбоби карам аст, омадам, авсофи аълоиитисоби... он ҷанобро аз мардум басе шунидам. Умед, ки бар вафқи [8] эътиқоди мардум амал намоянд ва чашми марҳамат ба ҳоли ин фақири ғариб кушоянд!»

---

[1] *Ғариб* — ин ҷо ба ду маънӣ кор фармуда шудааст: якум аҷиб, дуввум аз ватан дурафтода; [2] *убудият* — бандагӣ; [3] *муфлис* — бе чиз; [4] *алималлоҳ* — худо донист; [5] *сафеду сиёҳ* — дар ин ҷо ба маънии тангаи нуқра ва пули сиёҳ-мис; [6] *ваҷҳ* — дар ин ҷо ба маънои пул, танга.

[7] *Қурбати ғурбат* — ҷандӯхи ғарибӣ.

[8] *Вафқ* — мувофиқ,

Мавлоно Муҳаммади куфиини обгинагар [1] гуфт: «Маро шикаст бисьёр воқеъ шудааст ва мехоҳам якчанд адад шиша ба расми тӯҳфа ба Фӯлодсултон пешкаш намоям. Маро дар ин маънӣ арздоште мебояд».

Ҷиҳати ӯ ин арздошт навишта шуд (бо партофтани баъзе калимаҳо айнан):

«Арздошти Муҳаммади обгинагар ин аст, ки олампаноҳо! Ба арзи худдом мерасонад, ки бандаи фақири ҳақирро ҳамеша салотини рӯзгор ва ҳавоқини [2] олимиқдор аз ҷоми мудомӣ [3] инъом ва қаробаи [4] инояту икроми худ сархуш ва маҳзуз [5] дошта ва назари иноят бар ҳоли ин фақири шикаста мегумоштанд. Ҳоло муддати мадидест, ки фалаки миноранги [6] бедод бар обгинаҳои умеди ин шикаста меандозад ва пои бодияпаймон муроди ин дилхастаро ба шишарезаҳои балою меҳнат афгор месозад.

Гаҳам дил бишканад, гаҳ соғари ишрат зи даст афтад.
Мабодо дардмандеро шикаст андар шикаст афтад.

Акнун ба ҳукми «Тӯҳфатулҳақири ҳақирун» [7] якчанд шиша ба расми ҳадья ба даргоҳи подшоҳӣ, ки обгинагари қазо ҷоми зарандуди меҳру шишаҳои сипеҳрро аз барои зебу зинати базми ӯ сохта ва соқии боқии тақдир аз барои соғари ишраташ бодаи гулгуни шафақро бар домани пардаи уфуқ рехта, овардааст. Умедвор мебошад, ки шишаҳои муроди ин номуродро аз шароби нобн инояти подшоҳӣ моломол гардонанд. Аъдои [8] ҷоми ҷоҳат мудом чун сурохӣ дил пурхун ва монанди шиша ҳамеша ҷабин пурчини ғаму андӯҳ бод».

...Мавлоно Муҳаммади хоразмӣ гуфтанд, ки «Ба ҷиҳати Рӯҳии Танбӯрӣ агар мактубе навишта шавад, ки дар ин маҷлис ҳозир гардад ва аҳли маҳфили моро баҳравар гардонад, муносиб менамояд».

---

[1] *Обгинагар* — шишагар, аз ин ҳуҷҷат маълум мешавад, ки пеш аз замони шайбониён дар Самарқанд ҳунари шишагарӣ будааст.

[2] *Ҳавоқин* — хоқонон; [3] *мудом* — дар ин ҷо ба маънои шароб; [4] *қароба* — шишаи шароб; [5] *маҳзуз* — баҳравар; [6] *Мино* — шишаи шароб, ки сабзранг бошад. [7] *«Туҳфатулҳақири ҳақирун»* — тӯҳфаи одами ночиз, ночизона аст;

[8] *Аъдо* — душманон;

Ин мактуб барои ҳамин матлаб аст (айнан):

«Ёрон ки ба базми ишқ дамсози туанд,
Фарьёдкунон зи ишваву нози туанд!
Бархезу биё ҷониби ёрон, ки ҳама —
Дида ба раҳу гӯш ба овози туанд!»

Маърузи раъйи рӯҳафзо он ки ҷамъе аз ёрон, чун **ушшоқи бенаво** дар кунҷи ғам **чанг**сифат сар ба зонуи андӯҳ ниҳода, ба ноҳуни ноумедӣ сина меҳарошанд ва чун **най** дар гирифтугири фироқ ба қонуни иштиёқ мехурӯшанд, агар ба **мақоми эшон, ки доираи** якҷиҳатон (буда) монанди **даф** аз **ҳалқа**багӯшони он ёри **дилнавозанд,** сайр намоянд ва ба **савти рӯҳафзо нақши** ғам аз оинаи дили ёрон зудоянд, ҳокиманд. Умед ки ба ин **қавл** амал намуда, дар омадан таааллул [1] нафармоянд» (калимаҳое ки дар зерашон хат кашида шуд, ба номи танбӯрии мазкур, ба мусиқӣ ва номи созҳою ҳавоҳо дахлдоранд).

Маҷмӯи мактубҳои имтиҳонӣ 22 буд, ки муаллиф ҳамаро дар ёддошти худ навиштааст. Аммо ба тарзи намуна ба ин се мактуб қаноат карда шуд. Инчунин нақли муаммоҳоеро ҳам, ки Восифӣ дар ин маҷлиси имтиҳонӣ ном ногуфта кушодааст, лозим дида нашуд.

## ВОҚЕАИ БА МОВАРОУННАҲР ҲУҶУМ ОВАРДАНИ НАҶМИ СОНӢ, МАҒЛУБИЯТ ВА КУШТА ШУДАНИ Ӯ ДАР ҒИҶДУВОН

Восифӣ дар ин бора мегӯяд: дар аввали моҳи рабеуссонии соли 918 ҳиҷрӣ (1512) буд, ки амир Наҷми Сонӣ, ки сараскари шоҳ Исмоили сафавӣ дар Хуросон буд, бо ҳаштод ҳазор қизилбоши авбош аз оби Омӯя ба тарафи Мовароуннаҳр гузашт.

Қизилбошони савор, ки дар вақти тохташон тоҷҳои сурхашон дар лапиш меомад, чунон ба назар менамуд, ки оташе ба наистон афтода, аз вазиши бод дар забона задан аст. Он лашкар ба сабаби бисьёрии зиреҳ, ҷавшан ва дигар силоҳҳои фӯлодин ба кӯҳи оҳанине монанд буд, ки он кӯҳ монанди абрҳои рӯзҳои пурбод дар ҳаракат бошад.

Дар байни мардум ин хабар овоза шуд, ки Наҷми Сонӣ гуфтааст: «Самарқандро мегирем, қалъа ва биноҳои

[1] *Таааллул* — дар ин ҷо ба маънои баҳонаҷӯӣ.

ӯро монанди киштзор ҳамвор мекунем ва дар он ҷо полез кишта, ҳарбузаҳояшро ба расми тӯҳфа ба шоҳ Исмоил мефиристонем ва баъд аз он ба мамлакати Хитой рӯ меорем».

Аҳолии Самарқанд чун ин хабар шуниданд, дасту пояшон монанди танобҳои палакҳои полез шал гардиданд ва сарҳои худро харбузавор дар саҳрои ноумедӣ афтода диданд.

Восифӣ пас аз нақл намудани хобе ки ӯ ба ин муносибат дида будааст, ҳикоятро давом медиҳад:

Рӯзи сиюми зулқаъда пагоҳонӣ ин хабари шодмониасар расид, ки қизилбошон, ки доираи васеи дуньёро бар арабу аҷам танг карда буданд, аз тирборони аскарони Убайдуллохон бо лашкаркаши худ — Наҷми Сонӣ мағлуб гардиданд [23].

Восифӣ мегӯяд: кайфияти он фатҳ ва тафсили он вокеа чунин аст, ки чун ҷамоаи қизилбоши авбош шаҳри Насафро, ки иборат аз Қаршӣ аст, муҳосира карданд, дар он вақт Убайдуллохон ва Ҷонибексултон дар атрофи Қармина ва Кӯчкунчихон бо Темурсултон ва дигар султонони ӯзбак дар Миёнкол (Каттақӯрғону Хатирчӣ) буданд. Ҳамаи онҳо ба ҳукми он ки дар Қуръон гуфта шудааст: «Худро бо дасти худ ба таҳлука наандозед!» ба гурехтан қарор доданд.

Дар ин вақт Мирсаид Абдуллоҳи мулаққаб ба Мири Араб аз Туркистон ба Бухоро омаданд ва Убайдуллохонро диданд, ки ба ғоят бедил шуда, инони ихтиёр аз даст додааст, ба ӯ гуфтанд: — «Эй фарзанд туро чӣ шуд? Худои таоло барои шумо тӯҳфа фиристода ва мартабаҳои аъло дар дуньё ва охират ба ҷиҳати шумо муҳайё кардааст ва шумо мехоҳед, ки инҳоро аз даст диҳед?».

Убайдуллохон гуфтааст: «Махдумо! Батаҳқиқ расидааст, ки шумораи лашкари қизилбошон аз ҳаштод ҳазор зиёд аст ва чанд будани мардуми мо ба шумо маълум аст, пас мо чӣ гуна ба он душмани қавӣ муқобилат мекунем?».

Мири Араб гуфтааст: «Худо дар Қуръони худ хабар додааст, ки «Бисьёр вақтҳо гурӯҳи хурд, гурӯҳи бисьёрро ғалаба мекунад...».

Дар ҳамин вақт хабар расидааст, ки қизилбошон вилояти Қарширо гирифта, қатли ом карданд, ба ҳадде ки ҳеҷ ҷонзоде халосӣ наёфт.

Убайдуллохон бо шунидани ин хабар гирьён шуда, ба

Мири Араб гуфтааст, ки: «Махдумо! Ба ин тоифаи вахшӣ чӣ гуна истодагӣ хоҳем кард?...».

Мири Араб шӯрида, ҷӯшон ва хурӯшон гуфтаанд:

То нагирьяд кӯдаке халвофурӯш —
Бахри бахшоиш куҷо ояд ба ҷӯш?

— Эй фарзанд! Ин замон кӯшиш мебояд намуд, ки он ҷамоа (қизилбошон) мағлуб ва зеру забар хоҳанд шуд. Чунки ҳар гоҳ зулму тааддӣ ба камол расад, бар вай завол хоҳад омад. Ин, ниҳояти зулм аст, ки аз онҳо дар қатли оми Қаршӣ воқеъ шудааст. Бархез, эй фарзанд! Пои давлат ба рикоби саодат гузор! Дар дафъи ин зулм аз ҳама пешӣ гузин, ки савоб мар пеши гузинандагонрост...»

Хулоса, Мири Араб бо ин гуна панду насиҳат Убайдуллохонро савор карда ва худ пеш даромада бо тамоми лашкари ӯ ба муқобили қизилбошон рӯ овардааст. Чун аз Қармина ду фарсах (16 километр) пеш рафтаанд, Мири Араб ба Убайдулохон гуфтааст: «Шумо ин ҷо барқарор бошед! То ман рафта Ҷонибексултонро оварда ба шумо ҳамроҳ кунам».

Вақте ки Мири Араб ба пеши Ҷонибексултон расидааст, дидааст, ки дар паи гурез афтодааст, агар лаҳзае дер мемондааст, лашкари ӯ тамоман пароканда шуда мерафтааст. Мири Араб ин аҳволи Ҷонибексултонро дида ӯро сарзаниш карда ба вай гуфтааст: «Шарм намедорӣ, ки бо вуҷуди ин ҳама диловарӣ ва баҳодурӣ, ки турост гурезро ба хотир мегузаронӣ. Убайдуллохон, ки ба ҷон фарзанди туст, ин ҷангро бахшиши илоҳӣ медонад ва мегӯяд:— Зиҳӣ давлат ва шараф, ки дар роҳи дину миллат сарбозӣ намоям!»

Мири Араб бо ин гуна суханони ҳамиятовар Ҷонибексултонро ба ҳарб ташвиқу тарғиб карда оварда, ӯро ба Убайдуллохон ҳамроҳ кардааст.

* * *

Наҷми Сонӣ бар осмони бузургӣ ва қаҳрамонӣ ба навъе ба ҷилвагарӣ омада буд, ки офтоби оламтоби сипеҳри лоҷувардӣ ба назараш кам аз заррае менамуд ва қизилбошия ӯро ситоран роҳнамои худ хаёл карда, дар бодияҳои саркашӣ ва гумроҳӣ аз паи вай дуаспа метох-

танд ва байраки дабдабадори: «Мо ғолиб мебошем»-ро бар кохи гунбази гардон — фалак меафрохтанд. Онҳо дар бистуми моҳи зулкаъдаи соли 918 ҳиҷрӣ (1512) қалъаи Ғиҷдувонро монанди халқаи ангуштарин муҳосира карданд.

Амир Наҷми Сонӣ, ки сардори қизилбошон буд, дар пеши қалъаи Ғиҷдувон хайма зада буд ва бо ӯ Дӯстӣ ва Барноча, ки дар шатранҷ ягонаи даврон буданд, шатранҷбозӣ мекарданд.

Амир Муҳаммад Юсуф, ки яке аз фозилони машҳури Хуросон буда, дар вакти султон Ҳусайнмирзо ва Шайбонихон дар Ҳирот ба мартабаҳои аъло расида буд ва дар вакти шоҳ Исмоил барои ҷоҳу мансаб худро шиа сохта, ба ӯ муқарраб шуда буд, дар он сафари ҳарбӣ кизилбошон ҳамроҳ буда, дар он маҷлиси шатранҷбозӣ, ки дар хаймаи Наҷми Сонӣ барпо шуд, низ ҳозир буд.

Вакте ки амир Муҳаммад Юсуфи мазкурро Темурсултон асир гирифта ба Самарканд фиристод, ӯ дар маҷлисе ба ман ҷанги Ғиҷдувон, шатранҷбозии Дӯстӣ ба Барноча ва мағлубияти Наҷми Сониро ҳикоя кард.

Амир Муҳаммад Юсуф гуфт: «Ман дар умри худ се маҷлиси шатранҷбозиро дидаам, ки чоруми он гуна маҷлисро акл мумкин намешуморад: якум маҷлиси Мавлоно хоҷаи Исфаҳонӣ бо Мавлоно Биноӣ буд. Онҳо дар вакти бозӣ дар бадеҳа шеърҳои барҷастаи ба бозӣ дахлдор мегуфтанд ва якдигарро дар бадеҳа ҳаҷв мекарданд; дуввум маҷлиси бозии Мавлонохоҷаи Гӯянда бо Амирхалили хонанда буд. Инҳо дар вакти бозӣ дар пеши худ доира ва корд мениҳоданд. Корд барои он буд, ки «ҳар кас аз тамошобинон ба яке аз ин ҳарифон бозӣ гӯяд ва роҳ нишон диҳад, бо ин корд он касро мезанем» мегуфтанд ва доира барои он буд, ки ҳар кадоми онҳо, ки ғалаба кунад, ба сари ҳарифи мағлуб доира навохта ракс мекард ва шеърҳо мехонд. Гоҳо мешуд, ки онҳо бо якдигар дастбагиребон мешуданд, либосҳои ҳамдигарро медарониданд ва бо мушт сару рӯи якдигарро маҷрӯҳ мекарданд ба ҳадде, ки аҳли маҷлис онҳоро ба ҳазор машаккат аз ҳам ҷудо менамуданд; саввум бозии Дӯстӣ ва Барноча буд, ки инҳо шеърҳои бисьёреро аз устодон, ки дар бораи нард ва шатранҷ гуфтаанд, аз ёд медонистанд ва дар вакти бозӣ қасидаҳо, қитъаҳо, маснавиҳо ва рубоиҳое, ки мувофиқи маком ояд, мехонданд.

Дар бозие, ки дар вакти ҷанги Ғиҷдувон дар хаймаи

Наҷми Сонӣ шуд, Барноча чистонеро дар бораи шатранҷ ба хондан шурӯъ намуд. Амир Наҷм он шеърро то охир бо диққат гӯш кард. Чун тахаллусро шунид, пурсид:—Восифӣ кист, ки дар Хуросон аз барои мардуми Зиёратгоҳ аризае бо иншои ба ғоят хуб навишта буд? Аммо дар он ҷо ҳарчанд ҷустуҷӯ кардам, ӯро наёфтам. Холо ки ин чистонро бо тахаллуси ӯ шунидам, ба хотирам омад, ӯ маҳкам касе будааст, ки шеъре ба ин латофатро бо иншое ба он матонат ба даст даровардааст».

Амир Муҳаммад Юсуф мегӯяд:

— Ман гуфтам «Восифӣ дар даҳ ҳунар бемонанди даврон аст...».

Дар ин ҷо амир Муҳаммад Юсуф он сифатҳои Восифиро, ки мо дар қисми тарҷимаи ҳолаш навиштем, шумурда мебарояд ва боқии ҳикояташро ба ин тарз давом медиҳад:

...Амир Наҷм гуфт:— Ҳоло ин беназири замон ва нодири даврон дар куҷо бошад?

Муҳаммад Юсуф гуфт:— Ман гуфтам: дар Самарқанд аст.

Наҷми Сонӣ фармуд:— Гӯед, ки пеш аз ҷанги Самарқанд ӯро ёфта аз шаҳр бароранд, то ки дар вақти қатли оми Самарқанд зоеъ нагардад.

«Мо бо амир Наҷм дар ҳамин гуфтугӯ будем, ки аз миёни лашкар ғулғула ва фарьёди «гиру дор! Бизан бикуш!» баромад. Сабаби ин шӯру ғавғоро пурсидем, гуфтанд ки: «Гурӯҳи лашкари ӯзбак бо сардории Убайдуллохон даррасид».

Амир Наҷм гуфт:— Убайдуллоро зинда дастгир карда баста оранд, ки ӯро ба хидмати шоҳ мефиристонем, дигаронро ҳар чӣ хоҳанд, кунанд.

Гуфтанд:—Кор аз ин гуна ҳаракатҳо гузаштааст. Шумо бояд зудтар ба асп савор шавед!.

Ӯ қабул намекард ва мегуфт: «Ин гурӯхе, ки омадаанд ба чӣ меарзанд, ки аз барои онҳо саворӣ бояд кард?»

Муҳаммад Юсуф мегӯяд:— Мо ӯро ба такаллуфе тамом ба савор шудан розӣ кардем. Ӯ мӯза напӯшида ва яроқи ҷанг дар бар накарда бо як пироҳан ва кафш ба асп савор шуд. Ӯ ҳанӯз аз хайма дур нарафта буд, ки ӯзбакон ӯро аз он асп кашида фуруд оварданд ва сарашро аз тан ҷудо карда, хазинаи хаёлашро аз бухори нахват ва боди кибр холӣ намуданд...

Восифӣ дар ин ҷо 12 чистони худро қайд кардааст. Мо ба тарзи намуна аз онҳо ду чистонро интихоб намуда нақл мекунем:

### ЧИСТОНИ ШАТРАНҶ

Эй дил қадом арсаи ҷангасту корзор,
К-ончост субҳу шом [1] ба якдигар ошкор?
Аз ҳар тараф ду саф баҳам овардаанд рӯ,
Як подшоҳи Руму дигар шоҳи Зангубор? [2]
Доранд ҳар қадом вазире, ки рӯзи ҷанг —
Бошанд ҳар яке ба яке банд устувор?
Саффи наҳустро [3] набувад ҷанги рӯбарӯ,
Гоҳ аз ямин [4] набард кунад, гоҳ аз ясор? [5]
Ғардад вазир, бадрақа [6] созанд ҳамраҳаш
З-ин саф ҳар он, ки рафт саломат бад-он канор?..
Аспе чунон ки филсифат ҷанг мекунад,
Лекин уреб меҷаҳад, аз ҷо рамидавор?
Филони ҷангҷӯй дар он арса, гоҳи ҷанг
Ҳар гаҳ шаванд банд, шавад ҷангро мадор
Аз касрати асокиру зиқи бисот, халқ —
Дар хонаҳо кунанд дигар фикри кишту [7] кор?
Аз кишту кори лашкариён подшоҳро
Маҳсул ҳеҷ фоидае нест ҷуз фирор?
З-овози кишт шаҳ равад аз худ зи бедилӣ,
Гӯӣ магар, ки мешунавад кишт з-изтирор?
Густурда хиштҳо, ки зи ҳар хишти ӯ шуда
Як хонае ки карда дар ӯ лашкаре қарор?
Кардам шумор хишташ, аз он сохтан тавон
Чизе ки мондааст, Сикандар ба ёдгор?.. [8]

### ЧИСТОНИ ОФТОБ

Кист он султони гардунрифъати олампаноҳ?
Мулки оламро мусаххар карда бе хайлу сипоҳ?
Гарчи бошад бениҳоят фасҳати иқлими ӯ,
Пеши рахши хинг сайри ӯ бувад якрӯза роҳ?
Душманаш бошад сипоҳи шому дар ҷавлонгаҳаш —

---

[1] *Субҳу шом* — кинои аз донаҳои сафеду сиёҳи шатранҷ;
[2] *Шоҳи Рум* — иборат аз шоҳи донаҳои сафеди шатранҷ ва шоҳи Зангубор — шоҳи донаҳои сиёҳи он.
[3] Саффи наҳуст, ки рӯ ба ҷанг накарда, ба чапу рост меҷанганд, ҳам агар ба он канор бароянд, вазир мешавад — донаҳои пиёдаи шатранҷ аст;
[4] *Ямин* — рост. [5] *Ясор* — чап.
[6] *Бадрақа* — ба маънои ҳамсар шудан ва баробарӣ карданд.
[7] Киштро ҳарчанд шоир ба маънои «киштукор» овардааст, аз вай «кишт»-и шатранҷро ҳам хостааст;
[8] *Ёдгори Сикандар* — «Садди Сикандар» аст. Хонаҳои шатранҷ ба «саҳо», ки ба ҳисоби абҷад 64 аст, баробар меоянд.

Шаб хама шаб резаҳои шиша[1] мерезад ба роҳ?
Лек худ гирад ба каф чорӯби заррину[2] кунад
Рӯфтурӯбе ҷилвагоҳи хешро ҳар субҳгоҳ?
Гарчи бо мардум бувад, гармихтилоту меҳрубон
Тез натвонад касе кардан ба рӯи ӯ нигоҳ?
Рӯз бо сад ҷоҳ бар тахти Сулаймонеш[3] ҷой,
Шом бошад манзилаш чун Юсуф андар қаъри чоҳ?
Гар кушояд чеҳра, созад оламеро ғарқи нур,
В-ар бигирад як замон, созад ҷаҳонеро сиёҳ?..

## ВОҚЕАИ МАҚСУДИ ҲАММОРИ ШАҲРИСАБЗӢ ВА ҲАМСӮҲБАТИИ ВОСИФӢ БО Ӯ ДАР ШАРОБХОНАИ ПУЛИ САФЕДИ САМАРҚАНД

Восифӣ дар ин бора мегӯяд: рӯзе дар бозори Атторони Самарқанд бо ҷамъе аз ёрон дар дӯкони Муллозодаи саҳҳоф нишаста будем ва монанди варақҳои китоби муқовадор бо шерозаи унсу улфат бо ҳам пайваста. Гуфтугӯи бадеҳа ва мушоара дар миён доштем ва ливои мутояба ва латифагӯӣ дар майдони хурсандӣ ва хушвақтӣ меафроштем.

Дар ин ҷо шеърҳо хоҳ аз худ бошад, хоҳ аз ғайр, мувофиқи рафти сӯҳбат хонда мешуд. Яке аз шоирони[4] Самарқанд, дар тавсифи қомати маҳбуб ин матлаъро хонд:

Зи қомати ту ба олам қиёмате бархост,
Қиёмат аст қадат, гар бувад қиёмат рост.

Муносиби ин мазмун, ин байт ба хотири фақир расид:

Қиёмат аст қадат, к-офтоби рӯят ҳаст
Ба қадри найзаву ин аз қиёмат аст нишон.

Мавлоно Замонии хуросонӣ дар ин мавзӯъ ин байти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро хонд:

Қоматат найзаву рухсори ту, эй ишвиписанд!
Офтобест, ки гаштаст яке найза баланд.

---

[1] *Резаҳои шиша* — киноя аз ситораҳо; Ҷорӯби зарриң — киноя аз нури офтоб; [3] Тахти Сулаймонӣ — иборат аз ҳавост, ки дар афсона гӯё тахти Сулаймон ҳам бар ҳаво мегашт.

[4] Дар нусхае номи ин шоир Ҳилолии самарқандӣ навишта шудааст. Аммо ба мо маълум аст, ки Ҳилолӣ астарободӣ аст. Лекин дар сӯҳбат иштирок накардани Ҳилолӣ ҳам маълум аст. Зеро ки Ҳилолӣ дар замони истилои сафавиён, аз Хуросон ба Мовароуннаҳр ҳиҷрат накардааст ва дар соли 936 ҳиҷрӣ (1529) аз тарафи Убайдуллохон, дар вақти ишғоли ӯ шаҳри Ҳиротро кушта шудааст.

Ин байт низ дар тавсифи қад ба хотири фақир расид:

Қади ту умри дарозасту вах ки пеши рақиб
Нишастаниву маро ними умр кам шудааст.

Мавлоно Шуҳудии Самарқандӣ дар борaи яхбандии кӯчаҳои Самарқанд ин матлаъро аз шеъри худ хонд:

Зи ях шуд он чунон рӯи замин оинаи чинӣ
Ки ҳар чо пой монӣ хештанро сарнагун бинӣ!

Фақир дар тавсифи даҳони маъшуқ ин байти худро хондам:

Эй Хизир аз даҳани ӯ чи нишон металабӣ?
Ҳеч ман металабам чашмаи ҳайвон аз ту?...

Дар ҳамин вақт ногоҳ аз як тарафи бозор овозаи ғулғула ва шӯру машғала пайдо шуд. Ман дар ҳайрат афтодам, ки «Ин, чӣ ғавғост?» Муллозода гуфтанд, ки: «Гумони ғолиб он аст, ки Мақсуди ҳаммор[1] дар бозор баромадааст».

Мо дар ин гуфтугӯ будем, ки ҷавоне омада ба сари дӯкони Мавлоно Тоҳири қаннод — ҳалвогар, ки дар рӯ ба рӯи дӯкони Муллозода буд, нишаст.

Муллозода гуфт: — Тахмини ман дуруст баромад. Ин ҷавон ҳамон Мақсуди ҳаммор аст, ки аз Шаҳрисабз омада дар Пули Сафеди Самарқанд шаробхона кушодааст ва онҳое, ки шӯру ғавғо баровардаанд, мастони майхонаи ӯянд.

Яке аз ёрон гуфт:— Агар шаробхонаи ин ҷавон ҳамчунон давом кунад, зуд бошад, ки дар Самарқанд аз зӯҳду салоҳ ва порсой асаре боқӣ намонад, зоҳидону обидон, хирқаву саҷҷода аз барои бода ба гарав хоҳанд ниҳод ва уламо кутуби улуми шариатро ба боди нисьён хоҳанд дод... ва ҳар қадоми онҳо мувофиқи ҳоли худ ин байтро хоҳанд хонд:

Дар ҳама дайри муғон нест чу ман расвое:
Хирқа ҷое, гарави бодаву дафтар ҷое!...

Мақсуди ҳаммор баъд аз гирифтани чизҳои даркории худ, дӯкони Мавлоно Тоҳир бархоста ба тарафи шаробхонааш рафт. Маро савдои тамошои он харобот

---

[1] *Ҳаммор* — Шаробпаз, шаробфурӯш.

бар сар афтод ва бо Мавлоно Абдулғании Балхӣ ба тарафи Пули Сафед равон шудем.

Чун ба он ҷо расидем дидем халқе масту лояъқил афтода ва молу ҷону дину дил дар пеши хуми бода ба пеш ниҳодаанд. Чун ба дарун даромадем, ҷамъе аз талабаи улумро дидем монанди баргҳои наргис паҳлуи ҳам нишаста ҷоме ва сурохие дар миён доранд ва бо як овоз ин байтро месароянд:

Ҳамчу булбул хою ҳуе кун, ки бар хоҳад парид —
Мурғи умр аз шохсори умр, то ҳай мекунӣ!

Мақсуди хаммор пешгири сиёҳе бар миён баста ва тоқияи гулгунро бар сари худ нимшикаста, дар пеши хум бода соф мекард. Чун чашми ӯ ба мо афтод, номи ин каминаро пурсид.

Дар ҷавоб, дар бадеҳа гуфтам:

Банда чун ҳаст восифи хубон,
З-ин сабаб шуд ба Восифӣ машҳур.

Ӯ чу ин ҷавобро шунид, аз ҷое ки буд пеш давид ва ин каминаро гарму ҷӯшон боз пурсид ва чун аҳволи фақирро фаҳмид, ғуломеро талабида фармуд:

— Ин азизонро роҳбарӣ карда ба хона бубар! Ман ҳам аз қафо хоҳам расид.

Мо рафтем, дар лаби ҳавзе, ки дар хуррамии дарахтон ва софии об аз кавсар хабар медод, бар болои бисотхои тоза, ки бар рӯяш лиҳофхои покиза густурда буданд, нишастем ва бо насими форамаш, ки монанди намреза бар рӯи кас пош хӯрда мевазид, рӯи дили андӯҳманзили худро аз гарди ғаму алам бишустем.

Мақсуди хаммор аз паи мо зуд расида омад ва дубора бо мо мулоқот намуда:— Хуш омадед!— гуфт.

Фақирро дар роҳи хонаи он ягонаи замона матлае ба хотир расида буд, дар мақоми шукрони меҳмондориаш нисори он мизбони меҳрубон кардам ва он байт ин аст:

Умре паи мақсуд ба ҳар кӯча давидем,
Дар кӯи харобот ба Мақсуд расидем.

Чун ин матлаъ шунид бағоят масрур ва пурсурур гардид ва гуфт:

— Ҷамъе аз аҳли фазл ва арбоби камол дар шаробхона нишастаанд, агар маслиҳат бошад, онҳоро даъват

намуда, дар мулозамати шумо фазилатшиорӣ бо онҳо сӯҳбат дорем.

Гуфтам:— Бағоят муносиб бошад.

Дарҳол онҳоро талабида ҳозир сохт ва тарҳи ҷашни дилнишине дар он нишемани ирамоин андохт.

Чун аз тарафи ҳар кас ҳикояҳо гуфта ва бадеҳаҳову латифаҳо шунида шуд, он мизбони сухандон ба аҳли маҷлис гуфт:

— Мавлоно Восифӣ аз барои камина матлае фармуданд, ки бағоят хуб воқеъ шудаст ва матлаи мазкурро хонда ва ба тарафи фақир нигоҳ карда, сухани худро давом дод:

— Мавлоно Абӯюсуфи Саккокии хуросонӣ дар зимистони гузашта дар Шаҳрисабз ба ин камина ҳамсӯҳбат буд ва ҳамеша нуқли маҷлиси мо нақли фазоил ва камолоти шумо мешуд. Дӯстии шуморо бо Шайхзода ва воқаеро, ки дар дарси Мавлоно Исомуддин байни шумо ва устоду шогирдон воқеъ шуда будааст, ҳикоя мекард ва барои ман ҳеҷ ҳикояте монанди он хуш намеомад. Ҳоло мувофиқи мазмуни ин мисраъ, ки «Ҳикмат шунидан аз лаби Луқмон савобтар» гуфтаанд, бевосита аз забони ҳикматбаёнашон шунида шавад, муносиб менамояд.

Бо шуниданн илтимоси он суханшинос, аҳли маҷлис ҳам хоҳишманди он ҳикоя гардиданд ва фақир барои хушии ёрон баёни он воқеаро бо дилу ҷон қабул намудам.

## ҲИКОЯ КАРДАНИ ВОСИФӢ ВОҚЕАИ ДАРСХОНИИ ХУДРО ДАР НАЗДИ МАВЛОНО ИСОМУДДИН, ДАР СӮҲБАТИ МАҚСУДИ ХАММОР

Восифӣ дар ёддошти худ дар ин бора мегӯяд: вақте ки Шайбонихонро фатҳи Хуросон муяссар гардид, оличаноб ва фазоилмаоб — Мавлоно Исомуддин Иброҳимро, ки дар ҷамеи улум, хусусан дар мантиқу маониву баён — илми фасоҳату балоғат, ягонаи даврон буданд, дар мадрасаи Мирзошоҳрух бинни амир Темури Курагон, ки дар Пои Ҳисори шаҳри Ҳирот воқеъ аст, мударрис таъин намуд.

Толибилмоне, ки анвори (нурҳои) истеъдод аз ҷабини аҳволашон партавафган ва осори қобилият аз авроқи (варақҳои) ҳолашон равшан буд, ба дарси мавлонои мазкур гирд омаданд. Аз ин ҷумла фақир ва Шайхзода,

ки дар ниҳояти фазлу камол буда, дӯсти дилниздики ин камина буд, бо ҷамъе аз ҷавонон дар пеши он донишманди ягонаи даврон мутолиаи «Ҳошияи Матолеъ»* мекардем.

Ҷавонони ҳамдарсамон бо ифтиро ва бӯҳтон дар миёни фақир ва Шайхзода дурӣ андохтанд. Ман аз ин ходиса аз ҳамаи онҳо ранҷида қасидаи ҳазломезе гуфтам ва дар он қасида ҳар кадоми он ҷавононро бо сифатҳое, ки дарбар доштанд, номбар кардам **...

Чун ин қасида шӯҳрат ёфт, ғавғо ва фитнаи аҷибе дар байни он ҷавонон афтода ва кор ба ҷое расид, ки онҳо бо ҳам ҷангу ҷидол карда ба якдигар корд кашиданд ва аз ҳалқаи дарси ҳазрати устод пароканда гардиданд.

Ҳазрати махдумӣ (Мавлоно Исомуддин) маро ба хилвате талабида гуфтанд:

— Ман туро фарзанди худ хонда будам ва ба гардани ту ҳаққи устодӣ собит карда. Посдошти ҳуқуқи ман ҳамин буд, санги ҷудоӣ дар миёни талабаҳо андохтӣ, ёрон ва шогирдони маро пароканда сохтӣ. Баъд аз ин дар байни ману ту ҷудоӣ хоҳад буд.

Ман гуфтам:— Эй махдум! Шумо ба ин фақир бо рӯҳи шариат муомала фармоед. Ман коре накардаам, ки сабаби гирифтугири ман шавад. Ман ҳар чӣ гуфтаам рост гуфтаам. Агар ба сабаби гуфтани сухани рост, мардум дар миёни худ фитна ва ҷидол сар карда, аз якдигар ҷудо шаванд, оё ростгӯй гунаҳгор мешавад?

Мавлоно бо шунидани ин ҷавоби ман сахттар шӯриданд ва дидам, ки оташи ғазаби он шахсро бо сухан паст кардан мумкин нест, аз ҷо бархостам ва гуфтам:

— Аз барои ин камина карам намуда, фотиҳае иноят фармоянд!

Гуфтанд:— Ин чӣ гуна фотиҳа аст, ки аз ман металабӣ?

Гуфтам:— Мехоҳам, ки барои ҳазрати мавлоно хидмате ба тақдим расонам!

---

* «Ҳошияи Матолеъ. Матолеъ» китобест дар илми мантиқ ва ҳикмат. Ин китобро Қозӣ Сироҷуддин Маҳмуд бинни Абубакр, ки дар соли 686 (1290) вафот ёфтааст, таълиф намуда. «Ҳошияи Матолеъ» бисёр аст. Аммо он «Ҳошияи Матолеъ», ки дар мадрасаҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр мехонанд, асари Мирсаиди Шарифи Ҷурҷонист, ки дар соли 816 ҳиҷрӣ (1414) вафот кардааст.

** Восифӣ он қасидаи ҳазломези худро дар он ҷо нақл кардааст. Аммо зикри он шеър муносиб дида нашуд.

Чун шеъри мазкур ба мутолааи Мир расидааст, ӯ ба ғоят мамнун ва масрур шуда гуфтааст: дер боз дар дили мо халоҷоне буд, ки нисбат ба ҳазрати мавлавӣ аз тарафи ин фақир хизмате (тӯҳфа ва ҳадьяе) воқеъ нашуд. Бо мутолааи ин шеър дили мо аз он андеша фароғат ёфт (яъне ҳазрати мавлавӣ ба ҳеҷ тӯҳфа намеарзидаанд).

Аз ин шеър услуби шеърии ҳазрати мавлавӣ ба ман муайян шуд. Ман он даъвоҳоеро, ки дар вақти мунозарашон бо уламо ва вақти дарсгӯӣ аз он ҷаноб зоҳир мешуд, аз забони худашон бо ин услуб адо намуда, ин шеърро навиштам:

Манам ки лайса ҳарифӣ касе ба баҳсу ҷадал,
Чӣ Бӯалӣ, чӣ Арастуву бал аз ӯ афзал.
Зи лонусаллими ман баҳр мунҷамид гардад,
Чаро нашояд агар ҳам равад зи ҷой ҷабал?!
Ту муддаои маро аз чи рӯ намой манъ?
Магар зи забт димоғи ту ёфтааст халал...
Ҳадиси ишқ Исомӣ агар шудӣ ноқил,
Чӣ ҷон манъ ки сиҳҳат шудӣ масун зи илал.[1]

Восифӣ нақли ёддошти худро давом дода мегӯяд: баъд аз ду рӯзи тартиб додани ин «шеър» Муллоаҳмади

---

[1] Хулосаи маънии ин шеър ки бо истилоҳҳои мунозарачиёни мадрасаи кӯҳна навишта шудааст, ин аст: «Ман он касам, ки дар баҳсу мунозира ҳариф надорам. Хоҳ Бӯалӣ бошад, хоҳ Арасту ва хоҳ аз онҳо афзалтар бо ман мунозира карда наметавонад. Ҳар вақт ман «лонусаллим» гӯям баҳр ях мебандад, дар ин ҳол чаро мумкин нест, ки кӯҳ ҳам аз ҷо равад. Ту муддаои маро чаро рад ва инкор мекунӣ? Магар димоғи ту аз девонагӣ халал ёфтааст? Агар ту ишқи Исомиро (яъне маро) нақл кунӣ, чӣ ҷон рад, ки дурустии вай аз иллатҳо маҳфуз аст (Восифӣ бо ин шеър, умуман аҳволи рӯҳияи мунозарачиёни мадрасаи кӯҳнаро, хусусан хислатҳои махсуси Мавлоно Исомуддинро, ки аз номи вай навишта шудааст, пурра нишон додааст). Мавлоно Исомуддинро «Ҳошияест» дар «Шарҳи Мулло»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, ки нависандаи ин сатрҳо он ҳошияро дар мадрасаи кӯҳна аз назар гузаронидааст. Мавлоно Исомуддин дар он «ҳошия» ба фикрҳои Ҷомӣ ноҳақона муқобил мебарояд ва дар зимни баёни фикрҳоаш худситоиҳое, ки дар ин шеър аз забони ӯ гуфта шудааст, айнан мекунад. Ҳатто дар як ҷо худро ба ҷои худо монда «ба хонандагон хитоб карда оятеро аз Қуръон иқтибос мекунад, ки мазмунаш ин аст» «Агар шумо ба неъматҳои ман — фикрҳои ман шукр кунед, боз ҳам зиёда хоҳам кард». Тақдири Мавлоно Исомуддин ҳам аз тақдири Восифӣ дигар нашудааст: ӯ ҳам аз таъқиби сафавиён гурехта, ба Бухоро омадааст, ки Восифӣ дар он шаҳр бо ӯ мулоқот кардани худро дар ёддоштҳои ояндаи худ нақл менамояд. Мавлоно Исомуддин дар соли 943 ҳиҷрӣ (1537) дар Бухоро вафот ёфта, дар он ҷо мадфун шудааст.

Бадахшӣ дар рохе аз пешам баромад ва аз кайфияти «девони ҳазрати устод» пурсид. Ман дар ҷавоб байтҳои мазкурро хондам, бисёр бихандид ва гуфт:

— Зинхор ин шеърро ба касе нахонӣ, ки ман ба хидмати маҳдумӣ расида, ин корроислоҳе намоям.

Ӯ аз ман ҷудо шуда рост пеши мавлоно рафтааст ва аҳволи мазкурро ба арзашон расондааст. Он ҷаноб дар изтироб афтода гуфтаанд: «Эй Ахмад, зуд бош ва маро ба пеши ӯ бубар, ки узре гуфта он шеърро нест кунонам. Вагарна бо шӯҳрат ёфтани он абьёт ман ҳалок мешавам, ё аз ин шаҳр меравам».

Муллоаҳмад ба пеши фақир омада, маро ба холи худ нагузошта, бо зӯрӣ ба хидмати он ҷаноб кашида бурд. Чун чашми ҳазрати Мавлоно ба ин камина афтод, пеш давиданд ва фақирро ба канор кашида гирьён шуда гуфтанд:

— Биллоҳ-ил-азим (қасам ба худои бузург) мақсади ман аз он дурушти камоли шафқат буд.

Баъд аз он ба ҳазорон лутфу иноят ба дарсхона бурданд ва зиёфате тартиб дода, он ҷавононро ҷамъ намуда ҳамаро бо якдигар оштӣ доданд ва «оштихӯра аз мост» гуфтанд. Бо ҳамин, кудуратхое, ки дар байни талабагон пайдо шуда буд, бартараф гардид.

* * *

Баъд аз ин ҳикоят боз чандин ҳикоят ба миён омад (Восифӣ он ҳикоятҳоро ҳам батафсил навиштааст. Аммо мо нақли онҳоро лозим надонистем). Дар охири суҳбат Мақсуди ҳаммор аз ҷо бархост ва ду дасти адаб пеш гирифта гуфт:

— Азизон шоҳид бошанд, ки банда дар ҳузури шумоён аз шаробхонадорӣ ва шаробфурӯшӣ ва аз дигар корҳои нопоистан худ тавбаи насӯҳ намудам ва дар ҳаққи ман дуо кунанд, ки баъд аз ин умрам дар талаби илм сарф шавад.

Аҳли маҷлис дар ҳаққи ӯ дуои хайр карда, пароканда шуданд. Ӯ мувофиқи ваъдаи худ шаробфурӯширо тарк карда, ба мадраса омад ва дар пеши ин фақир бо ҷавонони дигар ба дарсхонӣ даромад.

Талабаҳои бадтинат, ки фитнагарӣ дар табиаташон нишаста буд, ба иғво ва фасод даромаданд, дар кӯчаву бозорҳо дар ҳаққи ӯ ва фақир бӯҳтонҳо карданд. Фирқае

Мо бо рафиқони сафарӣ аз боғоти навсабзидаи Самарқанд, аз зери дарахтони мевадори навшукуфта гузашта ба дашту саҳроҳо даромадем. Он даштҳо, ки дар айёми зимистон, майдони тохту този бодҳои сар-сари хонабарандоз буда, дар тобистон як биёбони бе обу алафе мегардиданд, ки дар он ҷо тафбоди самуми ҷонгудоз ҳукмронӣ мекард, дар ин фасл бо қолинҳои сабзи навхез ва райҳонҳои мушкомез пӯшида шуда, бо вазидани шамоли анбарбез ба равандагон ҷони тоза ва шодмонии беандоза мебахшиданд.

Хулоса, мо бо хурсандӣ раҳсипор гардида, ба шаҳри Бухоро наздик расидем. Чун ба он шаҳри хуррамибаҳр як фарсах роҳ монд, манораи он ки бо камоли азамат аз ҳама биноҳо ба қадри чандин найза баланд шуда рост истода буд, моро бо виқору тамкини одамиёна пешвоз гирифт.

Чун ба иморати шаҳр расидем, дидем, ки (айнан) «баландӣ ва рифъати бороаш (девор ва ҳисор) ба мартабаест, ки агар чархи хамидапушт қад рост карда назар ба кунгураи ӯ афганда (дасторе ки аз афтоб ба сар бастааст) аз торакаш бар замин афтад, (нури) босира агар ба боли хаёл ва пари андеша ҳазор сол парвоз кунад, ба як дараҷаи аз ҳазор дараҷаи ӯ натавонад расид. Байт:

> Баъд аз ҳазор сол ба боми Зуҳал расад,
> Хиште агар зи кунгураи ӯ ҷудо шавад»...

Зебу оростагӣ ва зинату пиростагии он шаҳр ба дараҷае буд, ки биҳишти анбарсиришт аз шарми ӯ дар пардаи ҳаё ҷамоли худро пинҳон карда, рӯй ба касе наменамуд. Дарвозаи баландовозааш ба забони ҳол ба гӯши сайёҳон нидо медоданд ки:

— Ин аст ҷаннати адн, биёед ба вай ҷовидона дароед!

Чун бар остонаи фалакошьёнааш аз сари сидқ, қадами сафо ниҳодем (айнан) «он миқдор аҷоиб ва ғароиб дидем, ки шарҳи шаммае аз онҳоро ақли фаъол муҳол мешумурд».

Даруни шаҳрро наззоракунон ба мадрасаи султони шаҳид — Улуғбеки саид, ки дар сари Чорсуи шаҳр бино ёфта буд, расидем ва зиёрати ҳазрати маҳдумӣ—Саид Шамсуддинмуҳаммад, ки дар он макони шариф истиқомат доштанд, шарафьёб гаштем...

Баъд аз чанде истироҳат кардан дар он оромгоҳ ва раҳои ёфтан аз кӯфти роҳ ба воситаи он оличоҳ ба остон-

бусии зъёну ашроф ва аҳолии он шаҳри шариф мушарраф гардидам. Аз он ҷумла аз мулоқоти қозӣ Иброҳим, ки ба авҷи аълои камолот расида буд, шараф ёфтам ва баъд аз он ба дари хоҷа Хошимӣ иноии эхтиром тофтам.

Дар вақте, ки фақир дар мулозимати шайхулислом будам, яке аз ходимони он хабар дод, ки: «Мавлоно Махмуди Муншӣ, ки яке аз муншиёни дарбори Убайдуллохон аст, аз айлоқи Қаршӣ омадааст ва аз хон ба эшон мактуб овардааст. Агар иҷозат бошад ба ҳузур дарояд».

Хоҷа ӯро талабида, икром ва эхтиром намуданд ва мактуби хонро аз вай гирифта хонданд. Мазмуни мактуби Убайдуллохон ин буд: «Дер боз табъи мо ба мутолааи ашъори фасеҳтарини шоирон — Мавлоно Котибӣ майл дошт ва дар талаби куллиёти он ҷаноб ба ҳар кас мурочиат мекардем. Аммо ба даст намедаромад. Дар ин рӯзҳо Мавлоно Наими Нишопурӣ ба дарбори мо расид ва куллиёти Мавлоно Котибиро, ки ба хатти Мавлоно Султонмуҳаммади Хандон навишта шуда, қариб ба сӣ — (30) ҳазор байт (60 ҳазор мисраъ) аст, ба мо тӯҳфа кард. Мавлономуҳаммади Хандон аз саромадони шогирдони Мавлоно Султоналии Машҳадӣ буда, ин куллиётро ба ғоят некӯ навиштааст. Ин тӯҳфа ба назари эътибори мо баробари фатҳи Нишопур намуд. Чун қасоиди пурфавоиди ин куллиёт аз назар гузаронида шуд, қасидаҳое, ки дар радифи гулҳо гуфта шудаанд, бағоят хуб ва марғуб афтодаанд... Вақте ки ин қасидаҳо мутолаа карда шуд, ба хотир расид, ки ба ин қасоид дар радифи гулҳо назира ва ҷавоб гуфта шавад, бағоят муносиб аст, то дар ин вақт, ки дидаи зоҳир аз дидани гулҳо ва сабзаҳо нур меёбанд, дидаи ботин ҳам аз он гулҳо нурьёб шаванд. Илтимос он ки ҷанобашон ба ин қасидаҳо пайравӣ намоянд...

Аммо бояд, ки баъд аз навишта гирифтани он қасоид, он китобро дарҳол бо доранда ин мактуб бозфиристонанд».

Ҳазрати Хоҷа матлаъҳои он қасидаҳоро навишта гигирифта, фақирро низ ба навишта гирифтани онҳо амр фармуданд ва аз рӯи лутф ба ин камина гуфтанд:

— Омадани шумо дар ин вақт аз иттифоқоти ҳасана (аз тасодуфҳои хуб) воқеъ шуд. Ба хотир мерасад, ки чун лолаҳо пиёлаҳои лаългунро пур аз бодаи оташранг карда ба пеши ишратпарварони дашту саҳро ниҳодаанд, ба ҷавоби қасидаи радифи лола машғулӣ намуда шавад, муносиб менамояд. Чунин шӯҳрат ёфтааст, ки Убайдул-

лохон барои таъзияи Хоҷапорсо, баъд аз 5 рӯз ба шаҳри Бухоро ташриф хоҳанд овард. Агар қасидаи ҷавобӣ то он вақт ба охир мерасид, ба ғоят хуб мешуд.

Фақир матлаъҳои панҷ қасидаро навишта гирифта, аз маҷлиси Хоҷа берун омадам...

Ба хотир расид, ки агар ба мадраса равам, толибилмон ва фозилон дар пеши ман гирд меоянд, дар он сурат тамом кардани ин қасидаҳо аз имкон берун аст. Фикр мекардам, ки ҷои хилвате аз куҷо меёфта бошам. Дар ин вақт дидам, ки ҷамъе ба як тараф мераванд ва дар байни худ мегӯянд, ки: «Имрӯз дар Чашмаи Айюб аҷаб издиҳоме хоҳад шуд».

Аз гуфтугӯи онҳо илҳоме гирифта, аз дунболашон равон шудам, ки шояд дар он макон ҷои муносибе ёфта, ба кори худ машғул шавам.

Чун ба он мақоми пурилҳом расидам, дар гӯшаи иморат, хилватхонае дидам, ки чун дили гӯшанишинон пурфайзу сафо ва монанди дидаи арбоби назар дар камоли нур ва ҷило буд. Дар он хонаи файзошьёна панҷ шабона рӯз монда, ин панҷ қасидаро, ки дар радифи гулҳоанд, тамом намудам.

Восифӣ ин ҷо ҳамаи он панҷ қасидаро тамоман нақл кардааст, аммо мо дар ин ҷо аз ҳар кадоми он қасидаҳо якчандбайтӣ ба тарзи намуна интихоб карда менависем.

Восифӣ мегӯяд:

### Қасидаест радифаш тамом лолаи ҳумро

Дар ин чаман чу надид аз вафо асар лола,
Пиёларо нaниҳад бар замини дигар лола.
Ба як пиёла барафрӯхт оразаш, бингар —
Чӣ гуна шуд, мутағайир ба ин қадар лола?
Мудом ҷоми маи лолагун ба каф дорад,
Ба сархушиву тараб мебарад ба сар лола...
Ҳамеша ҳаст дар ӯ мушку анбари суда,
Шудааст ховани[1] боди сабо магар лола?
Пиёларо ба сари чӯб кас нигоҳ надошт,
Мусалламасту саромад, дар ин ҳунар лола...
Сари шунидани ашъор дошт лола ба боғ,
Насим ин ғазал оварду хонд бар лола:
Магар ки ёфт зи ҳоли лабат хабар лола,
Ки дорад аз ту чу ман доғ дар ҷигар лола?..
Зи жола пур набувад аз саҳоб, фасли баҳор —
Паи нисори ту дурчест пургуҳар лола...

---

[1] *Хован* — ӯғурча.

## Қасидаи дигар аст ин, ки радифи ӯ наргис

Дар чаман дорад агар дидаи бино наргис,
Бар асо такья чаро карда чу аъмо наргис?..
Чашм то бар қади болои ту андохтааст,
Файзҳо мебарад аз олами боло наргис.
Чашми худроназада бархаму ҳайрон шудааст
Карда то дидаи худро ба рухат во наргис.
Бар замин дӯхта чашму сараш афганда ба пеш
Гашта шарманда аз он наргиси шаҳло наргис.
Нест ҳамранги гули рӯи ту қатъо лола,
Нест монанд ба чашми хушат асло наргис...

## Қасидаест бунафша радифи ӯ гашта

То тез кунад оташи гулзор бунафша
Гӯгирдсифат гашта падидор бунафша...
Чун ошиқи хубони суманбӯи ситамгар
Бо рӯи кабудасту тани зор бунафша...
Худро ба сари зулфи ту то дид мушобеҳ
Дорад зи раёҳини чаман ор бунафша...
Қач карда паи роиҳае гардани худро
Пеши сари зулфи ту гадовор бунафша...
Лофад зи ғуломии сари зулфи ту, з-он руст
Хушбӯйтар аз нофаи тотор бунафша...

## Аз радифи ин қасида ғунча яксар гул кунад

Ефт тахти чаман аз бахти ҳумоюн ғунча,
Тоҷвар низ шуд аз толеи маймун [1] ғунча.
Боғро чашм расидаст магар аз наргис,
Ки бароварда лабу медамад афсун ғунча?..
Хурдаи зар ба бағал, карда гиреҳ пешонӣ,
Ҳаст чун аҳли замон тангдилу дун ғунча...
Хурдаҳои зари худ сарф насозад ҳаргиз,
З-он ба бӯстон зи бахилӣ шуда матъун ғунча...
Субҳдам булбули нолон ба чаман ҳасбулҳол [2]
Ғазале хонд, ки шуд волову мафтун ғунча:
Баски аз шавқи даҳони ту хӯрад хун ғунча,
Хуми сабзест пур аз бодаи гулгун ғунча.
Аз ту садпорачигар ғунчадаҳонон чун гул,
Гулрухон аз ту фурӯ рафта ба хун чун ғунча.
Дилам аз новаки ағъёр ҷудо нест, бале —
Ҳаст бо хор дар ин боғча макун ғунча...
Абр бигзашт чу бар тарфи чаман жолафишон,
Гашт ҳамчун даҳанат пурдури макнун [3] ғунча...

---

[1] *Маймун* — муборак.
[2] *Ҳасбулҳол* — арзи ҳол.
[3] *Макнун* — пӯшида, ниҳон.

### Радифи ин касида омада яксар гули сероб

То намонд рох, булбулро сӯи гулзор гул.
Порахои чоман худ баст бар хар хор гул...
Баргхояш дар талош афтода бар болои хам.
Резан дар кард аз бас дар чаман исор[1] гул.
Дар чаман хар сӯ набошад лолахо, к-оташ задаст —
Ошьёни булбулонро аз сари озор гул...
Дар чаман мехонд булбул ин газал вакти сахар,
Дар гиребон чок зад аз шавк ошиквор гул:
То задй, эй сарви раъно, бар сари дастор гул,
Аз тафохур суд сар бар гунбази даввор гул.
Барги гул набвад, ки хунолудпохунхо басе —
Дорад аз рашки рухат дар синаи афгор гул.
Нест бар рухсори гул шабнам, ки аз шармандагй
Дар арак шуд пеши ту, эй сарви хушрафтор гул!..
Васфи рӯят мекунад булбул, аз он рӯ гаштааст —
Пой то сар гӯшу, дорад гӯш бар гуфтор гул.
Ғунча кард аз мушт хунолуд рухсораш, магар —
Кард пеши оразат даъвии хусн изхор гул...

Чун ин касидаро покнависӣ карда, бар коғазхо бардоштам, дар дил гуфтам: «Бояд ба хузури хоча Хошимӣ рафта, инхоро аз назари олӣ гузаронам» ва ба тарафи сарои волои он рахсипор гардидам. Дар рох яке аз ходимони Хоча ба ман рост омад ва гуфт:

— Панч рӯз аст, ки Хоча мунтазири хузури шумоанд ва чашм дар рох доранд, агар дар рафтан шитоб кунед, муносиб аст.

Бо суръати тамом бар он маком расидам ва баъд аз мулокот касидахоро аз назари кимиёасарашон гузаронидам.

Он чанобро фарахмандие даст дода, аз рохи лутф ва мехрубонӣ ба факир гуфтанд:

— Дар ин чанд рӯз, ки мо аспи кӯшишро дар ин майдон тохтем, охир як касида аз он касидахо чизи дигаре насохтем. Ин коре, ки шумо кардед, аз хеч шоире то хол ба вучуд наомадааст.

Дар ин вакт хабар расид, ки Убайдуллохон аз Каршӣ омада ба Бухоро даромада, бар тахти салтанат нишастааст. Хоча бо шунидани ин хабар рӯ ба дарбор овардаанд ва факирро хамрохи худ бурданд.[24]

---

[1] *Исор* — дар ин чо ба маънои бахшиш.

* * *

Пас аз ҳикояти ҳамсуҳбат шудани Восифӣ бо Убайдуллохон Восифӣ нақл менамояд, ки ӯ бо талаби хон вақте чанд дар манзили хоҷа Ҳошимӣ истиқомат карда будааст. Дар ин хусус Восифӣ мегӯяд:

Убайдуллохон ба зудӣ боз озими айлоқи Қаршӣ шуд. Чун хоҷа Ҳошимӣ хонро гусел карда омад, ба фақир гуфт:

— Фармони хон содир шуд, ки то бозгашта омаданашон аз Қаршӣ, бошишгоҳи шумо фақирхонаи ин камина бошад.

Ночор дар он остон буданро қарор додам.[25]

## МУШОАРА ВА НАЗИРАГӮИИ ВОСИФӢ ДАР ХОНАИ ХОҶА ҲОШИМӢ

Хонаи хоҷа Ҳошимӣ ҷамъомадгоҳи арбоби фазлу камол буд. Ҳар рӯз ҷамъе аз шоирони Бухоро он ҷо ҷамъ мешуданд. Одати Хоҷа он буд, ки ҳар рӯз ба ҳузури шуаро байте мехонданд, ё ғазалеро дар миён меандохтанд ва шоиронро ба ҷавобгӯӣ ва пайравикунӣ ба он байт, ё ғазал даъват мекарданд. Рӯзе гуфтанд:

— Табъро бекор набояд гузошт ва ӯро кор бояд фармуд. Коҳилии табъ ба кунд шудани зеҳн сабаб мешавад —баъд аз он фармуданд фақир аз ғазалиёти Хисрави Деҳлавӣ, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Котибӣ ва дигарон нӯҳсад — 900 ғазал интихоб карда гирифтам. Ба хотир мерасад, ки ёрон илтимоси моро қабул фармуда, ба он ғазалҳо ҷавоб гӯянд ва пайравӣ намоянд.

Аҳли маҷлис дасти қабул бар сина ва ангушти итоат бар дида ниҳода, он ғазалҳоро навишта гирифтанд, то ки ҳар кадом ба якчанд ғазал ҷавоб гӯянд ва қарор доданд, ки ҳар рӯзе ҳар яке аз онҳо ғазале аз назари Хоҷа гузаронанд.

Яке аз наздикони Хоҷа ба камина гуфт, ки «Ғарази Хоҷа дар назирагӯӣ имтиҳони шумост». Ночор фақир ҳам якчанд ғазалро пайравӣ кардам ва он ғазалҳо иниҳоанд:

1

Баҳам каш эй мусаввир сурати Лайливу Маҷнунро
Ба ин сурат зи ҳиҷрони вораҳон Лайлии маҳзунро.
Намехоҳам парешонии ман бар рӯи рӯз афтад,[1]
Худоро бар узори худ маяфкан зулфи мушкинро...
Тамошо гар кунӣ тӯфони сели ашки мо, гӯй:
Ки «пиндорам зи олам об бурда рӯди Ҷайҳунро»
Гирифтам ин ки оҳу нолаоро дар дил ниҳон дорам,
Зи мардум чун тавонам дошт пинҳон чашми пурхунро?
Чу васфи лаъли сероби ту гӯяд Восифӣ,
хар сӯ —
Зи гӯши худ буруи оранд хубон дурри макнунро.

2

Сурат кашад рақибам аз он симтан ҷудо,
Ҳар дам ба сурате кунад ӯро зи ман ҷудо...
Дар бар марост пираҳани сабр чок-чок,
То гаштаам аз он бути гулпираҳан ҷудо.
Гуфтам, ки «рӯзу шаб пайи қатлам бувад рақиб»
Гуфто, ки «зинҳор набошӣ зи ман ҷудо!»
Бар мо тараҳҳуме ки ғарибему нотавон,
Бахри ту гаштаем чунин аз ватан ҷудо!*
Онҳо ки соҳибони камоланд Восифӣ,
Шеъри ту кай кунанд зи шеъри Ҳасан[2] ҷудо?

3

Маҳ даъвои хубӣ чу ба он моҳлиқо кард,
Ӯро фалак охир аҷаб ангуштнамо кард,
Бо дарду ғаму меҳнату андӯҳ қаринам,
То гардиши айём маро аз ту ҷудо кард...

4

Моҳи тобон бахри даъво шаб ба кӯи ёр рафт,
З-ин фиол охир чунон гардид к-аз девор рафт...
Гуфтам: «Аз ҷаври ту хоҳам рафт аз кӯи ту»,
гуфт:
«Ҳамчу ту бисьёр ин ҷо омаду бисьёр рафт»...
Гуфтам: «Эй ҷон, рафт дар ишқи ту аклу ҳушу ҷон»
Гуфт: «Ин дам, Восифӣ, сӯи ман о! Ағьёр рафт».

---

[1] «Бар рӯз афтодани чизе» — киноя аст аз «овоза ёфтан ва фош гардидани он чиз». Шоир дар ин байт, ғайр аз маънии зоҳириаш, ин маъниро ҳам ифода кардааст.

* Восифӣ ин байтро дар тасвири ҳоли ғарибонаи худ гуфтааст.

[2] *Ҳасан* — хоҷа Ҳасани Деҳлавӣ аст, ки дар шеър шогирди Хисрави Деҳлавӣ буд ва ин шеър дар ҷавоб ва назираи Ҳасан воқеъ шудааст.

5

Рӯи зардам диду з-он лаб бӯсае кард илтифот.
Оре-оре — «Ҳар ки зар дорад, хӯрад оби набот»*...
Гардани худро ба тори зулфи он дилдор банд!
Гар ҳамехоҳӣ ки ёбӣ аз парешонӣ наҷот...

6

Шамъ бар ёди қадат чун рӯ ба дидор оварад,
Сурати сарве зи дуди дил падидор оварад.
Сар ба ҳам оранд дар бӯстон дарахтон сар ба сар,
Бод аз сарви қадат ҳар гаҳ ки ахбор оварад...

7

Меравам аз кӯи ту, бо ҷони пурғам, хайр бод!
Бо дили пуроташу бо чашми пурнам, хайр бод!
Аҳли оламро зи ман гар буд дар хотир ғубор,
Ман зи олам меравам, бар аҳли олам хайр бод!
Он парӣ дар вақти рафтан аз сари меҳру вафо —
Восифии хастаро мегуфт ҳар дам: «Хайр бод!»

8

Орӣ чу ба гӯшам пайи роз он лаби чун нӯш!
Аз ханда даҳонам расад он дам ба баногӯш...
Сад захми хадангат ба тану дил наҳаросад.
З-он новаки дилдӯз чу гардид зиреҳпӯш...

9

То зулфи ту, эй шӯхи ситамгор гиреҳ шуд.
Сарриштаи кори мани бемор гиреҳ шуд...
Азбаски задам дар ғами ишқи ту дами сард.
Чун жола маро ашк ба рухсор гиреҳ шуд.**
Набвад аҷаб ар Восифӣ аз ишқи ту нолад,
Чун орзуяш дар дили афгор гиреҳ шуд.

10

Захми дил аз новаки он дилнавоз аст ин ҳама,
Ё ба сӯи ӯ диламро дида боз аст ин ҳама?
Кам нагардад нози ту аз нолаву афғони ман,
Чун туро, эй нозанин, асбоби ноз аст ин ҳама!

---

* *«Ҳар ки зар дорад, хӯрад оби набот»* — зарбулмасале буд дар Бухорои пештара, ки дар мавриди комьёбӣ тавонгарон мегуфтанд (оби набот, ҳалвое буд бағоят гуворо дар Бухоро).

** Ин байт нишон медиҳад, ки Восифӣ аз табииёт ва сабаби табаддулоти ҳавоӣ ба якдигар табдил ёфтани бухор, борон, жола, барф ва монанди инҳо хабардор будааст.

Лаб низӣ ҳар лаҳза баҳри роз бар гӯши рақиб,
Бар лаб омад ҷони ман,
охир чӣ роз аст ин ҳама?..
Восифиро сояи сарви қадат бар сар фитод,
З-он миёни ишқбозон
сарфароз аст ин ҳама...

Баъд аз навиштани 34 ғазали худ Восифӣ мегӯяд:

— Рӯзе дар маҷлиси хоҷа Ҳошимӣ ҷамъе аз шоирони бузурги Бухоро ҳозир буданд. Дар он маҷлис Мавлоно Наими нишопӯрӣ, ки дар рикоби Убайдуллохон меҳмон буд, аз айлоқи Қаршӣ ташриф овард. Хоҷа ӯро таъзим ва такрими бисьёре карданд ва дар асnои сӯҳбат аз он кас пурсиданд:

— Алҳол дар Хуросон аз арбоби фазлу камол, пешво ва сaромади шуаро кист?

Мавлоно Наим гуфт: — Мирҳоҷии қасидагӯй аст, ки «Унсӣ» тахаллус мекунанд ва шоирони қасидагӯй пешравии он касро дасти таслим бар сина доранд ва худро камина аз шогирдони он шахс мешуморад.

Хоҷа пурсиданд: — Аз ашъори он кас дар хотир дошта бошед?

Мавлоно Наим гуфт:

— Он кас даҳ ғазал аз ғазалҳои Хисрави Деҳлавиро ҷавоб гуфтаанд, ки ҳамаи онҳо бо он ғазалҳои Хисрав дар пеши фақир ҳозир аст.

Хоҷа илтимоси хондани он ғазалҳо намуданд. Мавлоно Наим ҳар як ғазали Хисравро бо ҷавоби Унсӣ якҷоя мехонд. Ёрон бо шунидани ҳар ғазал наъраи «таҳсин ва офарин»-ро аз самими қалб ба чархи барин мерасониданд.

Баъд аз хонда шудани он ғазалҳо Хоҷа ба Мавлоно Наим хитобан гуфтанд:

— Чил рӯз аст, ки ёрони мо дар ҷавоби ғазалҳои шоирони гузашта шеър машқ мекунанд ва варзиш менамоянд, акнун хеле маҳорат пайдо кардаанд. Муносиб он аст, ки ин ғазалҳоро ҷавоб гӯянд, ба Хисрав ва Унсӣ пайравӣ намоянд!

Аҳли маҷлис ин фармоиши Хоҷаро қабул намуданд ва он ғазалҳоро навишта гирифта, ба ҷавобгӯӣ даромаданд. Қамина ҳам он ғазалҳоро ҷавоб гуфтам...

Восифӣ ҳамаи он ғазалҳои Хисрав ва Унсиро бо ҷавобҳои худ дар ёддошташ қайд кардааст. Мо ба тарзи намуна якчанд байт аз онҳо меорем:

**Хисрави Деҳлавӣ**

Чаман чун бӯи ту дорад, ба бӯят дар чаман мирам,
Ба ёди қадди ту дар сояи сарву саман мирам.

**Унсӣ**

Агар дар гӯшаи ғам дур аз он симинбадан мирам,
Халал дар кори ишқ афтад, ҳамон рӯзе ки ман мирам.

**Восифӣ**

Чу ман бар бевафоиҳои он паймоншикан мирам,
Бар афтад аз ҷаҳон расми вафо, рӯзе ки ман мирам.

**Хисрави Деҳлавӣ**

Даро, эй шохи гул, хандону маҷлисро гулистон кун!
Ба «гуфти талх» чун май, ошиқонро масту ғалтон кун!

**Унсӣ**

Биё, эй сарви хушрафтор, гашти боғу бӯстон кун!
Чу гул аз парда рух бинмову оламро гулистон кун!

Восифӣ дар охири ғазали ҷавобии худ ба ин ғазал мегӯяд:

Вафову мардумӣ дар Мовароуннаҳр кам бошад,
Агар хоҳӣ, бихез эй Восифӣ, рӯ дар Хуросон кун!*

## ДУБОРА ҲАМСӮҲБАТ ШУДАНИ ВОСИФӢ БО УБАЙДУЛЛОХОН ДАР БУХОРО ВА ЁДДОШТҲОИ Ӯ

Восифӣ мегӯяд: Убайдуллохон аз айлоқи Қаршӣ бозгашта, 18-уми моҳи зилҳиҷҷаи соли 919 ҳиҷрӣ (1513) ба Бухоро омаданд. Аъён ва ашрофи шаҳри Бухоро дар наздикии шаҳр хонро пешвоз гирифтанд. *Фақир низ дар мулозамати хоҷа Ҳошимӣ, ба мазори Баҳоуддини Нақшбанд рафтем.

Дар сари он мазор бо хон сӯҳбате воқеъ шуд...[26]

---

* Восифӣ бо таъсири ёди ватан, ҳам ба сабаби зудранҷии худ аз ҳамсӯҳбатонаш ин байтро гуфтааст ва дар ин миён умуми аҳолии Мовароуннаҳрро, ки дар меҳмондӯстӣ машҳуранд, санг задааст.

* * *

Восифӣ мегӯяд: баъд аз чанд рӯзи ин сӯҳбат, шабе дар мадрасаи Улуғбекмирзо дар ҳуҷрае бо ҷамъе аз ёрони мувофиқ нишаста будем ва дарро бар рӯи бегонагон баста. Дар вақти гармии сӯҳбат касе ҳалқа бар дар зад. Дарро кушоданд. Он кас даромад ва гуфт:

— Ҳазрати хон Мавлоно Восифиро талаб доранд, бояд зуд ташриф фармоянд.

Аз вай пурсида шуд: —Дар маҷлиси хон кадом касон ҳастанд?

Ӯ ҷавоб дод: —Мавлоно Маҳмуди Балхӣ, ки «Азизон» лақаб доранд; бародари он кас — Мавлоно Юсуф; мавлонозодаҳои самарқандӣ; шайхзодаҳои пуронӣ; Мавлоно Афсарӣ; Мавлоно Ҳофиз Миросӣ ва маҳрамҳои хон.

Фақир бо писари Мавлоно Маҳмуди Муншӣ, ки Муҳаммадшариф ном дошт, рафтагор шудем. Ин Муҳаммадшариф як ҷавони пуркобилият буд. Дар бораи як ҳаммомӣ ин матлаъ аз ӯ машҳур аст:

Бар сари об чу эй сарви равон, биншастӣ,
Сари оби ҳама хубони ҷаҳонро бастӣ!

Хулоса, ба ҳузури хон расидем. Фақир дар аввали мулоқот чистонеро, ки дар мадҳи хон тартиб ёфта буд, арз кардам.*

Ҳазрати хон бо шунидани он чистон таҳсину офаринро дар бораи фақир ба дараҷаи муболаға расониданд. Аз ин ҳол раги рашку ҳасади аҳли маҷлис ба ҷунбиш омада, дар аҳволашон дигаргунии аҷибе рӯй дод.

Баъд аз он ҳазрати хон гуфтанд: —Устодони фанни муаммо дар таҳлили он панҷ чиз қарор додаанд. Мо қоидаи амали таҳлилро ба шаш чиз расондаем.

Пас аз он хон як муамморо аз муаммоҳои худ беном хонд. Фақир дарҳол онро кушодам...**[27]

* * *

Хон дар пеши Мавлоно Маҳмуди Азизони Балхӣ аз «Кофия» дарс мехондааст, ки вақти он дарс шабона будааст. Дар ҳузури аҳли маҷлис он дарсро сар кардааст.

---

* Восифӣ дар ин ёддошти худ як қасидаи бо радифи офтоб ба тарзи чистон тартиб додаашро меоварад.

** Восифӣ дар ин боби ёддоштҳои худ ҳамаи он муаммоҳоеро, ки дар он маҷлис зикр ёфтаанд, ягон-ягон навиштааст. Аммо нақли онҳо лозим дида нашуд.

Мавлоно Махмуди Муншӣ ба болои як масъалаи нахвӣ ба устоди хон эътироз карданд. Устод ҷавоб доданд, аммо ҷавоби устод нодуруст буд. Фақир низ ба масъала ҳамроҳ шуда, фикри худро арз кардам. Аҳли маҷлис фикри моро мувофиқ ёфтанд.* Ба ин сабаб ба Мавлоно Махмуди Азизон дигаргунӣ рӯй дод. Хонро ҳам ба сабаби нодонии устоди худ хиҷолате даст дод. Бинобар ин китобро дар токча гузошта гуфтанд:

— Имшаб дарс лозим нест. Мавлоно Восифӣ меҳмонанд. Аз он кас ҳикоя ва латифаҳо шунавем. Баъд аз он ба фақир фармуданд: — Шунида шуд, ки дар Ҳирот Мавлоно Дурвеши шамърез ном девонае будааст. Аз вай латифаҳои намакин нақл мекунанд. Агар якчанд чиз аз аҳволи он девона нақл намоед, муносиб менамояд.[28]

Восифӣ аз Дурвеши девона се латифаро нақл менамояд, ки ба таҳсини маҷлис сазовор гардидааст.[1]

Баъд Восифӣ мегӯяд:

Ҳофиз Миросӣ, ки имоми хон буд, аз камоли ҳасад бетоқат шуд ва ба хон арз кард:

— Маро ҳам ҳикояи ширин бисёранд. Агар рухсат шавад, яке аз онҳоро ба арзи олӣ расонам?

Хон аз ин сабукӣ ва изҳори ҳасад аз ӯ ранҷиданд ва рӯй турш карда фармуданд:

— Бигӯй, он чӣ мегӯӣ!

Ҳофиз ба сухан даромада, ҳикояи бемаъние кард, ки дар охири он, мурдорпӯшии девона буд ба касе. Ӯ рӯ ба рӯи хон нишаста буд. Вақте ки вай охири ҳикояи худро мегуфт, бо ду дасти худ, гӯё ки он мурдорро мепӯшида бошад, ба тарафи хон ишора мекард.

Хон бо дидани ин ҳол чунон дигаргун ва оташин шуд, ки гӯё як лаган оташро бар сараш рехта бошанд. Баъд аз қадаре паст кардани хашми худ фармуд:

— Имшаб ба ғайр аз Мавлоно Восифӣ дигаре ҳикоя нагӯяд, пас аз он ба фақир хитоб намуда фармуданд.— Ҳикояте кунед, ки кудурати аз ҳикояи Ҳофиз рӯйдодаро бартараф кунад!

Фақир арз кардам: дар замони қадим марди қашшоқи бечизе буда, ки аз бечизӣ бисёр ба танг омадааст. Охир ба подшоҳи замони худ ариза навиштааст, ки

* Ин баҳсу ҷавобҳо дар ёддошти Восифӣ батафсил ҳаст. Аммо нақли онҳо лозим дида нашуд.

[1] Овардани он латифаҳо лозим дида нашуд.

«...Ман нону ҷуғротхӯриро бисьёр хуб медонам. Агар рухсати олӣ шавад, ба ҳузури пурнур даромада, нону ҷуғротхӯрии худро нишон диҳам?»

Подшоҳ аз мазмуни ин ариза дар тааҷҷуб афтода, рухсат додааст, ки он шахс ба ҳузур дарояд ва баъд аз омадани ӯ фармудааст, ки дар пеши вай як коса ҷуғрот бо нон оварда мондаанд.

Он шахс нонро дар ҷуғрот пора карда, рӯи косаро бо рӯмоли худ пӯшонда мондааст. Баъд аз он ҳикояте ширин ба подшоҳ нақл кардааст. Пас аз тамом шудани ҳикоя рӯи ҷуғротро кушодааст ва ҷуғроти дар нон ҳальёфтаро чунон хӯрдааст, ки қатрае ба ҷое начакидааст.

Подшоҳ аз корҳои ин мискин хушвақт шуда, ба ӯ ҳазор танга инъом кардааст, ки ӯ аз бечизӣ халос шуда ашьёи рӯзгори худро ба хубӣ омода намудааст.

Дар ҳамсоягии он шахс фақири дигаре будааст, ки ӯ ногоҳ давлатманд шудани ҳамсояи худро дида, аз вай аз куҷо ёфт шудани он ҳама molу асбобро пурсидааст.

Ӯ гуфтааст: —Ба пеши подшоҳ рафта нону ҷуғрот хӯрдам. Подшоҳ ба ман маблағи калоне инъом кард ва бо он маблағ асбоби худро рост кардам.

Ҳамсояи фақир бо шунидани ин ҷавоби ҳамсояи худ, дар паи дар пеши подшоҳ нону ҷуғротхӯрӣ афтода, ба ҳамон мазмун ариза додааст.

Подшоҳ ин одамро ҳам монанди ҷуғротхӯри пештара латифагӯй гумон карда, ба ҳузураш рухсат дода, ба пешаш нону ҷуғрот ниҳодааст.

Ин шахс ба нону ҷуғротхӯрӣ сар кардааст, порае нонро ба ҷуғрот ғӯтонда бардошта, қисмеро ба палос, қисмеро ба либоси худ чаконида ба даҳонаш андохтааст, ки ришу мӯйлабаш ҳам ҷуғротолуд шудааст.

Подшоҳ пурсидааст, ки нону ҷуғротхӯрии ту ҳамин тавр аст?

Ӯ ҷавоб додааст, ки бале чунин аст.

Подшоҳ фармудааст, ки ӯро даҳ бунигарданӣ зада, аз қаср бароварда дур кунанд.

Албатта ин фармони подшоҳ ба амал оварда шудааст.

Чун ин ҳикоят гуфта шуд, ғулғулаи ханда аз маҷлис бархост, касоне, ки аз Ҳофиз кина дар дил доштанд, гуфтанд:

Бӯрьёбоф гарчи бофандаст,
Набарандаш ба коргоҳи ҳарир.

Чун рӯзона кайфияти маҷлиси шабона ба арзи махдумӣ—Мавлоно Саидшамсуддин Муҳаммади Курт расид, бисьёр хандиданд ва гуфтанд:

— Мо аҳмакии Мавлоно Маҳмуди Азизон ва аблаҳии ҳофиз Миросиро хуб медонистем. Чун онҳо аз ҷумла наздикони хон буданд, ин маъниро изҳор кардан наметавонистем. Хуб шудааст, ки шумо дар ҳузури хон парда аз рӯи ҷаҳолати онҳо бардоштаед...

## ЁДДОШТИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ ЗИЁФАТИ ХОҶА ҲОШИМӢ

Восифӣ мегӯяд: хоҷа Ҳошимиро одат ин буда, ки ҳар сол дар рӯзи таваллуди худ, худро бо нону ҳалво баркашида, зиёфати ботантанае тартиб дода, он нону ҳалворо дар байни меҳмонон тақсим мекардаанд. Ин одатро падари Хоҷаи мазкур аз рӯзи таваллудашон ҷорӣ карда будаанд, ки Хоҷа он одатро давом додаанд.

Дар соли 920 хиҷрӣ* (1514) моҳи рабеулаввал ин зиёфатро дар деҳаи Сафедмун** тартиб дода, сад сар гӯсфанд, даҳ сар гов ва даҳ сар асп кушта, таомҳои гуногун тайёр намуданд ва мувофиқи ҳамин таом аз шоирон, фозилон, олимон гирифта то оммаи мардум аз ҳар табақа меҳмон даъват карданд.***

Дар вақти ин зиёфат сипоҳие ба Хоҷа арз кард, ки: «Фалон найман ба хизматашон аспе ҳадья фиристод. Ӯ

---

* Ин таърих дар нусхаи «Бадое-ул-вақоеъ»-е, ки дар дасти ман аст 916 ҳиҷрӣ қайд шудааст. Албатта ин рақам хатост: чунки Восифӣ аз Хуросон дар соли 918 ба Самарқанд омадааст, ки воқеаи Наҷми Сониро дар ёддоштҳои Самарқанд қайд кардани муаллиф ҳам дурустии 918-ро тасдиқ мекунад (бо шаҳодати «Равзат-ус-сафо»-и Носирӣ ҳуҷуми Наҷми Сонӣ ба Мовароуннаҳр дар соли 918 ҳиҷрӣ аст). Восифӣ баъд аз як соли дар Самарқанд монданаш аз он ҷо ба Бухоро омадааст. Ин зиёфат дар вақтҳои ӯ дар Бухоро будан воқеъ шудааст, ки ба ин ҳисоб вақти ин зиёфатро моҳи саввуми (рабеулаввал) соли 920 тахмин кардан дуруст менамояд.

** Деҳаи Сафедмун дар ҷануби шарқии шаҳри Бухоро, дар масофаи тахминан 5 километр воқеъ аст, ки нависандаи ин сатрҳо борҳо он ҷо рафтааст.

*** Маълум мешавад, ки маросими солонаи рӯзи таваллуд пештар дар Бухоро расм будааст. Аммо дар замонҳое, ки нависандаи ин сатрҳо дидааст, фақат рӯзи хафтуми соли аввалини таваллуди навзод ҳар кас мувофиқи ҳоли худ зиёфате мекард; аммо баъд аз он аз соли таваллуд ҳеч ёд намекардаанд.

се табли бози шикорӣ созондааст, ки яке аз онҳо барои Убайдуллохон, дигаре барои Келдимуҳаммадсултон — писари Севунҷхоҷахон ва саввумӣ барои садри ӯст, ки Шайх Олим ном дорад ва илтимос намуд, ки ҳазрати Хоҷа, ё яке аз шоирон, ки дар хизматашон мебошанд, барои ҳар кадоми ин таблҳо муносиби он касе, ки он табл ба вай пешкаш карда мешавад, ғазале гӯянд. Баъд аз ба атрофи он таблҳо нақш кардани он ғазалҳо онҳо ба номбурдашудагони боло тақдим карда мешаванд».

Восифӣ мегӯяд: Хоҷа ин корро ба фақир фармуда гуфтанд, ки: «...Ин ҷома ба қомати шумо муносиб омадааст».

Қамина ба ҳукми он ки гуфтаанд: «Маъмур—маъзур аст» ба навиштани он ғазалҳо шурӯъ намудам ва пеш аз он ки зиёфат сар шавад, ба охир расонда, онҳоро аз назари Хоҷа гузаронидам.

Хоҷа он ғазалҳоро шунида таҳсинкунон он асперо, ки ҳадья омада буд, бо чакмани моҳутие, ки дар тан доштанд, ба ин фақир эҳсон карданд...

Восифӣ дар ин ҷо ғазалҳои барои таблҳо гуфтаашро ва инчунин имтиҳон карда шудани худашро дар он маҷлис, батафсил қайд кардааст, ки нақли онҳо лозим дида нашуд.

III

## САФАРИ ВОСИФӢ АЗ БУХОРО БА ТУРКИСТОН

Восифӣ мегӯяд: азбаски эҳтиром ва шӯҳрати фақир соат ба соат ва ҳатто лаҳза ба лаҳза меафзуд, ин ҳол дар синаи арбоби кина нисбат ба камина оташи ҳасаду адоватро барафрӯхт ва хирмани сабру тоқати онҳоро тамом бисӯхт:

Тавонам он ки наёзорам андаруни касе
Ҳасудро чӣ кунам, гар зи худ ранҷ дараст,
Бимир то бираҳӣ, эй ҳасуд! Қ-ин ранҷест —
Ки аз машаққати он ҷуз ба марг натвон раст.

Ҳарчанд дар паи тадбир ва чора дар роҳи халосии аз ин ҳолат шитофтам, ба ғайр аз дурӣ ва муфорақат махласе наёфтам:

Ба захми санг аз кӯяш фалак овора месозад,
Фалохун аз маҳи нав, санг аз сайёра месозад.

Ҳазрати махдумӣ — Саидшамсуддин Муҳаммад дер боз хоҳиш доштанд, ки ба остонбӯсии Саидабдуллоҳи машҳур ба Мири Араб[1], ки дар вилояти Туркистон, дар шаҳри Саброн[2] истиқомат дошт, бирасанд. Аммо ин каминаро ирода буд, ки рӯй ба Ҳиҷози файзтироз оварам...

Мо бо Саидшамсуддин дар ин гуфтугузор будем, ки толибилме ба пеши мо даромад ва дар дасти ӯ девони

---

[1] Мири Араб он касест, ки бо вуҷуди дар тарс ва гурез будани хонҳои шайбонӣ, мудофиаи Мовароуннаҳрро аз ҳуҷуми Наҷми Соний ташкил карда буд ва он ҷанг дар натиҷа ба зафари пурра расида буд.

[2] *Саброн* — шаҳре буд дар 40—50 километри Туркистон, ки ҳоло биёбони холист ва дар забони ҳозира «Саврон» меноманд.

Мавлоно Абдурахмони Ҷомӣ буд. Мо он девонро кушодем ва дар аввали сахифа ин байт баромад:

Ҷомӣ аз мулки Хуросон чӣ куни азми Ҳиҷоз,
Чун туро каъбаи максуд ба Туркистон аст!

Бо башорати ин байт сафари Туркистон мукаррар намуда шуд [29].

* * *

Ин сафар дар вакте буд, ки хисрави ховар — офтоб дар бурҷи саратон манзил гузида буд ва шиддати хароратн ҳаво ба дараҷае буд, ки аз шоххон «савр» ва «ҳамал» [1] соя талаб менамуд...

Шиддати гармо ба мартабае буд, ки зирех — пулакчаҳои пушти моҳӣ дар қаъри баҳри Муҳит гудоз мейфт ва ҳарорат хокро чун кӯраи оҳангарон дар оташ метофт (айнан): «Аз ифроти харорат бими он буд, ки дурри ятим [2] дар синаи садаф, чун ашки дидаи ятим қатраи об гардад ва лаълу ёқут дар дурҷи кон монанди дили ошиқон лахтаи хун шавад:

Ҳаво чун ишки ҷонон гармбозор,
Зи оташ об сӯзонтар ба сад бор.
Зи тоби меҳр оташ об гашта
Гудози он, сами [3] симоб гашта
Садафро дар миёни баҳри заххор,
Гуҳар дар сина ҳамчун донаи нор.

Дар он вакт аз ғояти ҳарорат, ин сухан ба табиат мувофиқ гашта:

Гарм чунон гашта, ки гар дар ҷаҳон —
Нор [4] бигӯянд бисӯзад даҳон.
Халқ кашон дар панаҳи [5] соя рахт,
Соя гурезон ба паноҳи дарахт.
Шуд шаб, чун рӯзи вай андар гудоз,
Рӯз чу шабҳои зимистон дароз».

---

[1] Ҳамал ва савр ба замми ин ки номи ду моҳи аввали соли шамсии тоҷикӣ аст, ҳамал номи гӯсфанди шохдори нар — тағал буда, савр номи наргов аст. Муаллиф дар ин ҷо калимаҳоро ба ду маънӣ гирифта ва дар маънии дуввум аз шохи онҳо соя талабондааст.

[2] *Дурри ятим* — марвориди бузурги обдори «якдона».

[3] *Сам* — захр.

[4] *Нор* — дар ин ҷо ба маънои «анор» аст.

[5] *Панаҳ* — ин калимаест, аз «паноҳ» кӯтоҳ кардашуда буда, дар забони кӯчагии тоҷикӣ кор фармуда мешавад. Аммо дар адабиёти пештара то ҳол ба назар нанамуда буд, ки якум бор дар асари Восифӣ дида шуд.

«Чун... аз доруламони вилояти Бухоро ба биёбони Туркистон даромадем, баъд аз чанд рӯз ба бодияе расидем, ки об дар вай ба ҷуз сароб набуд ва аз он луҷҷаи[1] хунхор ба ғайр аз косаҳои сари куштагон наменамуд».

Раххое, ки аз вазидани бод бар рӯи реги равон намоён мешуд, устухонҳои гумгаштагони он биёбон буд, ки дар зери пардаи ғубор менамуд...

Магӯ ки катъи биёбони ишқ осон аст,
Ки кӯҳҳои бало реги ин биёбон аст.

Айнан: «Гоҳе аз суубати ҳарорат соя дар зери хори мағилон маскан намуда ва гоҳе аз ғояти изтироб худро дар чоҳ афганда:

Оҳу, ки дар офтоб мегашт,
Дар равғани худ кабоб мегашт».

Хулоса, аз он биёбони бепоён гузашта, ба саломатӣ ба вилояти Туркистон расидем*.[30]

Алқисса, ба шаҳри Саброн даромадем. (Айнан): «Он, чунон шаҳрест аз рӯи истеҳком бо биной фалаки нилфом паҳлуи мубоҳот (ифтихор) мезанад ва дар хушии обу ҳаво бо риёзи ҷинон даъвои мусовот мекунад».

Хандақи он қалъа дар умқи замин ва баландии деворaш баробари чарҳи барин буд. Чунончи дар тавсифи вай гуфта шудааст:

Ҳаббазо[2] қалъаи Саброн, ки зи кайвон то вай —
Он қадар хаст, ки аз рӯи замин то ба фалак.
Рифъаташро зи фалак гар ту бидонӣ гӯй:
К-ин бувад фавқи симоку[3] бувад он зери самак.[4]

Баъд аз даромадан ба он шаҳр мулоқот бо Мири Араб муяссар гардид.[31]

---

[1] *Луҷҷа* — миёна ва чуқурии дарьё.
[2] *Ҳаббазо* — чӣ хуш аст ин.
* Ин сафари Восифӣ аз тумони Шофиркоми Бухоро сар шуда, аз миёнаи чӯли «Қизил» ба ободии Тошканд нарафта, рост ба Туркистон воқеъ шудааст, ки сар то сари биёбон регзор аст. Бинобар ин муболиғаҳои ӯ дар тасвири гармои ин биёбон дар айёми тобистон, хусусан дар моҳи саратон беасос нест.
[3] *Симок* — ситораест, ки дурии он аз замин баробари дурии замин аст аз офтоб.
[4] *Самак* — дар ин ҷо ба маънои моҳиест, ки назар ба афсона дар зери замин аст.

## Тавсифи мадраса ва корезҳои[1] Саброн

Убайдуллохон дар даруни қалъаи Саброн мадрасае бино фармудааст.[32]

Осмон ҳалқаи заррини ҳилол,
Аз барои дари ӯ кард хаёл;
Меҳхои зари анҷум, нигараш —
Ки фалак сохта аз баҳри дараш,
Зулфи дилдор ба занҷираш бин!
Гиреҳ андар гиреҳу чин дар чин;
Буд ҳар ҳуҷраи ӯ қасри биҳишт,
. . . . . . . . . . . . . . . . . . .
В-андарон фирқаи толибилмон
Ҳамчу дар равзаи ризвон ғилмон.

Дар ду китфи айвони он мадраса ду манораи кайвонрифъат сохта шудааст, ки хуштабъон ба муносибати он манораҳо он айвонро ба Заҳҳоки Морон ташбеҳ кардаанд. Дар наздики гулдастаҳои он ду манор занҷире баста, ва дар зери қуббаи ҳар як аз он манораҳо чӯбе таъбия кардаанд, ки ҳаргоҳ касе аз он чӯбҳоро ба қувват ҳаракат диҳад, он занҷир ба ҷунбиш меояд ва ба назари бинанда чунон менамояд, ки он манора дар ларзидан аст ва хоҳад фӯру рехт ва ин аз аҷоиботи олам аст.

Назораткунандаи он иморат осафҷоҳ — Қавомуддинхоҷа Султониброҳим буд, ки дар маснади вазорат монанди ӯ дастуре кам ба зуҳур мерасад. Ӯ ин бинoро чунон сохта ва пардохтааст, ки монанди онро дар рӯи замин касе насохтааст.[33]

* * *

Аз аҷоиботи вилояти Туркистон яке он буд, ки Мири Араб дар мавзее, ки аз Саброн як фарсах (8 километр) дурӣ дошт, ду корез бино карда буд. Сайёҳони баҳру бари олам мегуфтанд, ки «дар обу ободонӣ мисли ин ду корезро дар дунъё надидаем», ҳамеша дусад нафар ғуломи ҳиндӣ дар он корезҳо кор мекарданд.

Мири Араб дар сари он корезҳо қалъаи мустаҳкаме бино намуда буд, ки кушодани он ба лашкари душман имкон надошт* ва дар даруни он қалъа чоҳе мекофтанд.

---

[1] *Корез* — чоҳҳои қаторест, ба воситаи сӯрохҳои байни чоҳҳо оби онҳо ба ҳам пайваста, ба рӯи замин равон мегардад (корез дар замони мо дар Нур-Ато ва Панҷакент ҳаст).

* Ин қалъаи мустаҳкам бояд барои нигоҳдории ободонии он корезҳо аз ҳуҷуми кӯчманчиён бошад.

ки чуқурии он ба дусад газ расида буд ва Мири Араб хоҳиш дошт, ки умқи он чоҳро бо баҳри Муҳит ҳамрӯй кунанд,* то ки оби вай ҳамеша равон гардад.

Ин камина густохӣ карда гуфтам, ки ин хаёлро халқ муҳол медонанд ва аз доираи имкон берун мешуморанд!

Мири Араб ханднда гуфт, ки: дар Қираони Мағриб шаҳре дидам, ки шоҳе дар вай чоҳе канда, ки умқи он ба сатҳи баҳр баробар буд ва аз вай об фаввора зада баромада, як қадди манора баланд шуда, бар замин мерехт ва чаҳор шаҳр аз он маъмур ва ободон шуда буд. Чаро ин чоҳ монанди он нашавад?! — ва баъд аз он ин байтҳоро хонданд:

> Агар гӯй ки битвонам, қадам дарнеҳ, ки битвонӣ!
> Ва гар гӯй ки натвонам, бирав биншин, ки натвонӣ!
>
> Ба ҳар коре ки ҳиммат баста гардад,
> Агар хоре бувад, гулдаста гардад.

Дар вақте ки мо дидем, аз рӯи замин то рӯи оби он чоҳ панҷоҳ газ буда, умқи обаш яксаду панҷоҳ газ буд ва барои кор кардан дар зери он чоҳ, он миқдор обро кашида гирифтан лозим буд. Аз барои ин кор далве— ковғае (зарфи обкашӣ) бузург сохта буданд ва он далвро бо занҷир баста ба чоҳ меандохтанд. Бар сари чоҳ чархе буда он занҷир аз болои вай мегузашт. Дар паҳлуи чоҳ майдонеро сардобамонанд кофта буданд. Дар вақти обкашӣ сари занҷирро ба ду гови кории бузург мебастанд ва он говонро дар он сардоба меронданд. То ба охири он сардоба расидани говон, далв ҳам ба лаби чоҳ мебаромад ва обашро ба замин мерехтанд. Ба ҳамин тариқа чоҳро аз об холӣ карда, дар зери он кор мекарданд.

Дар ин миён он чоҳ дам пайдо кард ва дар даруни вай кор кардан мумкин нашуд, чунончи гуфтаанд:

> Натавон рафт дар он чоҳ, ки дам пайдо кард.

Аммо Мири Араб бо ин аз он кор ноумед нашуд ва бознаистод, фармуд, ки дар паҳлуи он чоҳ ҷӯе саркушода, ки аз фароз ба нишеб мерафт, канда, то ба зери чоҳ расонданд, баъд аз он аз нуқтаи зерини он ҷӯй ба девори чоҳ сӯрохе карданд ва ба қадри дарозии ҷӯй аз чарм лӯ-

---

* Бояд ин чоҳи хаёл «Чоҳи артезиан» бошад, ки ҳоло монандашро дар пеши Ӯрдаи шаҳри Қӯқанд мебинем.

Қосиди хабаррасон гуфт:

— Дар Бухоро чунин шӯҳрат ёфта, ки гӯё Мир (Мири Араб)-ро оризае (нохушие) рӯй додааст ва чизҳое мегуфтанд, ки забонро ёрои гуфтани онҳо нест.

Хоҷа Низом дар ҷавоби ин хабар ин ду байтро хонд:

Харонро намоянд хар шаб ба хоб,
Ки полонгаронро бибурдаст об.
Чу полон ба пушти харон бернихаид,
Бидонанд полонгарон зиндаанд!

Аммо Мири Араб бо шунидани ин хабар ба ғоят дилтанг ва дигаргун шуд ва дарҳол асбоби сафарро дуруст карда, бо хоҷа Низом озими Бухоро гардид.

Чун Мири Араб ба Ғиҷдувон расиданд, Убайдуллохон бо тамоми аҳли дарбори худ ва ашрофу аъёни шаҳри Бухоро ба пешвоз баромад. Вақте ки хон дар масофати як мил (се километр зиёдтар) Мирро аз дур дид, бо ҳама тобеони худ аз аспҳо фуруд омада, пиёда шуданд. Хон касеро пештар фиристода аз Мири Араб илтимос намуд, ки зинҳор аз асп нафароянд, то банда дар вақти савора буданашон ба рикоббӯсӣ ноил гардам.

Убайдуллохон пиёда гардида пеш рафт ва дар ҳолате, ки Мири Араб савора меомад мулоқот намуда рикоббӯсӣ кард. Баъд аз он бо таклифи Мир хон савор шуд ва аз ҷои мулоқот то шаҳр ду фарсах (16 километр) роҳ буд, ҳар ду паҳлуи ҳам мерафтанд ва Мир хонро пайваста насиҳат мекард ва ба ғарра нашудан ба салтанат ва молу ашьёи дунё даъват менамуд. Ояту ҳадис хонда, ӯро аз дил бастан ба дунё метарсониданд ва аз байтҳои арабӣ ва форсӣ мисолҳо меоварданд.*

Хон бо шунидани он насиҳатҳо дилнарм шуда мегирист.

Мири Араб хон ва аҳли дарбори ӯро ба дӯстии байни ҳам ва иттиҳод даъват намуда, мисолҳо оварданд ва гуфтанд:

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад!
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад!

Убайдуллохон ва аҳли дарбори у гирьён шуда шармсорӣ кашиданд ва Мири Араб онҳоеро, ки зеру забар шудани азамат ва ҳашамати хоҷа Низомро хоҳон ва

* Восифӣ дар ин ҷо шеърҳои арабӣ ва форсии бисьёре навиштааст, аммо нақли онҳо лозим шумурда нашуд.

нигарон буда, рохи душманӣ ва адовати ӯро мепаймуданд, насиҳати бисёр фармуд.

Миёни он ҷамоа ва хоҷа Низом, ки монанди обу оташ аз ҳам дурӣ ва зиддият буд, бо таъсири панду насиҳати Мир чун нур ва офтоб бо ҳам як шуданд.

Мири Араб ба шаҳри Бухоро даромада як моҳ дар он ҷо истиқомат кард. Хоҷа Низомро ба маснади вазорат ва мансаби наёбати хон бозовард, девониён ва арбоби қалам (ходимони дафтардорӣ ва муншиён) сари итоат ва фармонбардорӣ бар хатти фармони Хоҷа ниҳоданд.

Баъд аз он Мири Араб ба Убайдуллохон гуфт:

— Эй фарзанд! Ба тарбияти ҷамоае кӯшиш кун, ки ҳам аз ҷиҳати аслу насаб ва ҳам дар фазлу камол бар дигарон бартарӣ дошта, лоиқи мартабаи баланд ва сазовори тарбия бошанд.

— Хусусан ба содот (сайидҳо) ва уламою фузало назари илтифот ва марҳаматро бештар андозӣ. Аммо ин матлаб бе таъин кардани садре, ки санҷанда ва донишманд бошад, мумкин нест. Садр бояд тоифаи дар боло зикрьёфтаро дар пеши назар дошта, ҳар кадомашонро мувофиқи ҳол ва дараҷаи камолашон мартаба ва мансаб бахшад ва адои ҳуқуқи онҳоро бар зиммаи худ лозим шуморад.

Убайдуллохон даст бар сина ва ангушт бар дида ниҳода гуфт:

— Махдумо, ҳар чӣ шумо фармудед айни савоб ва маҳзи ҳақ аст. Дер боз ин маънӣ ба хотир мегузашт Аммо ба ҳукми он, ки корҳо «ба вақти худ мавқуфанд» дар роҳи ба амал овардани ин мақсад таваққуф афтод ва муносиб чунон аст, ки ин кор дар ҳузури пурнури махдумӣ ба анҷом расад.

Баъд аз он саркотиби дарбор номзади ҷамъеро, ки ба мансаби садорат муносиб дида буд, рӯйхат карда аз назари Мири Араб гузаронид. Баъд аз таҳқиқу тафтиши ҳол ва камоли онҳо ҷаноби Қамолуддинхоҷаи Табрезӣ* ба мансаби садрӣ муносиб дида шуд. Баъзе аз аҳли дарбор Мавлоно Шамсуддинмуҳаммади хуросониро ба ин мансаб муносиб диданд ва гуфтанд:

---

* Ин ҳамон Мавлонохоҷаи Табрезист, ки дар Самарқанд ба тӯҳмати шиагӣ ҳабс шудан ва баъд аз он бо саъйи Восифӣ раҳой ёфтани ӯро мо дар боло — дар боби Самарқанд дида гузаштем.

— Дар Хуросон султон Ҳусайнмирзо ӯро ба ин мансаб таклиф намуда буд, аммо ӯ рад карда буд. Ҳамин рад кардани ӯ далели равшан аст, ки ӯ ба ин мансаб сазовор аст.

Мири Араб гуфт: — Ин ду таклиф зидди якдигар нестанд, ҳар дуи онҳоро ҳам ба ин мансаб расонидан мумкин аст.

Ин таклифи Мир қабул ёфт. Дар ҳамин маҷлис ба номи ҳар дуи онҳо нишон — фармон навишта ба Самарқанд фиристоданд, ки онҳо дар он ҷо буданд.

Баъд аз он Мири Араб озими вилояти Туркистон гардид.

* * *

Мавлоно Шумсуддинмуҳаммади хуросонӣ ва Қамолуддинхоҷии Табрезӣ аз Самарқанд омада, ба мансаби садорати Бухоро нишастанд. Умаро ва аркони давлати Убайдуллохон ду фирқа шуда, ҳар кадэм домани яке аз ин садрҳоро гирифта тарафдори ӯ шуданд. Ба ин сабаб дар дарбори Убайдуллохон вайронӣ ва ихтилоф рӯй дод.

Аз ин гурӯҳхо яке хомии хоҷа Абулвафо ва Мирдӯсти Марвазӣ гардида, онҳоро ба лаёқат ва ростӣ, дар пеши Убайдуллохон тавсиф ва таъриф мекарданд ва дар паи аз кор афтодани хоҷа Низэм афтида, ӯро дар назди хон ба белаёқатӣ ва хиёнат нисбат медоданд. Гурӯҳи дигар ба акси ин фикрҳо кӯшиш менамуданд.

Чун ин ҳодиса ба гӯши Мири Араб расид, мактубе дар бораи супориши хоҷа Низом ба Убайдуллохон навишт ва дар он мактуб гуфт, ки «Дар тариқи иродат ва муҳаббат бояд, ки он чизе, ки мақбули мост, мақбули шумо бошад ва мардуди мо мардуди шумо!..»

Бо ин мактуб боз корҳэи хоҷа Низом равнақ пазируфт ва ҳашамату шавкати ӯ боло гирифт.

Чун хоҷа Абулвафои Самарқандӣ ва хоҷа Мирдӯсти Марвазӣ дар ин мубориза мағлуб гардиданд, рӯ ба тарафи Туркистон — ба дарбори Мири Араб оварда, ба роҳ баромаданд.

Ин сафари онҳо дар фасли зимистон буд, ки дар сармои биёбони байни Бухоро ва Туркистон оташ тоб оварда наметавонист, чӣ ҷои одам, онҳо ин биёбони беамонро дар айёми сармои зимистон тай карда, ба мулоқоти Мири Араб расиданд.

Хоҷа Абулвафо ва Мирдӯст дар ҳузури Мири Араб ба бадгӯии хоҷа Низом даромаданд ва ӯро ба назди Мир ба чандин айбу нуқсон нисбат доданд: «Он носипос, ки ба сурати нос (одам) буда, дар маънӣ наснос[1] ҳақношинос аст, маҳз ба сабаби мактуби муҳаббатуслуби ҳазрати Мир, аз гирифтугири Убайдуллохон амон ёфт. Аммо ӯ сазовори тарбия ва таваҷҷӯҳи зоти олӣ нест...»

Онҳо пай бурданд, ки дар дили Мир нисбат ба хоҷа Низом қадаре шубҳа пайдо шуд, барои дурусттар ранҷондани ин шахс аз ӯ вайро душмани Мир карда нишон додан хостанд ва гуфтанд: — Яқин донанд, ки он хушомадгӯи муфсид ва рӯбоҳтинати шӯъбадабоз бо ҳар гуна ҳилаву найранг худро нисбат ба ҷанобашон дар либоси хизматгорӣ ва пайравӣ нишон дода, дар хотири муборак ҷойгир кунондааст, ки ӯ дӯст ва ихлосманди ҳазрат аст. Аммо дар ҳақиқат ӯ дӯстлибоси душманасос аст, муҳаббати ӯ маҳзи адоват ва хизмати ӯ айни тӯҳмат аст. Равшантар карда гӯем он фитнакори бадкирдор мехоҳад бо ғайбат ва ғаммозӣ ҳамаро бозӣ диҳад, бо ҳила ва маккорӣ дар сурати муҳаббат ва ёрӣ мехоҳад дар миёни падару писар безорӣ андозад, яқин аст, ки бо иғвоҳои аҷибу ғариб анқариб аст дар миёни ҳазраташон ва ҳазрати хон ливои душманиро чунон барафрозад, ки расми амну амон аз арсаи Бухоро барандозад.

Мири Араб гуфт, ки мо дар ҳар кор шаръу ақлро пешвои худ сохтаем, то ҳар корро ба тарозуи ақлу шаръ насанҷем, муносиб намедонем, ки касеро биранҷонем, ё аз касе биранҷем. Вақте ки ба Бухоро расидем, ҳар кас ба ҷазои аъмоли худ — агар бад бошад, ба ҷазои бад ва агар нек бошад, ба ҷазои нек — хоҳад расид.

Мири Араб хоҷа Абулвафо ва хоҷа Мирдӯстро барои рафтан ба Бухоро рухсат дод ва худ низ дар айёми баҳор ба он тараф ҳаракат кард.

Дар рӯзе ки Мири Араб ба Бухоро даромад, ҳамон тоифае, ки аз душманони хоҷа Низом буданд, ба дари ӯ ҳуҷум оварда, ӯро ба рофизигӣ (дашномдиҳандагӣ) тӯҳмат карда, бо сарпанҷаи итоб ва азоби Убайдуллохон ҳалокаш карданд.

---

[1] *Наснос* — як ҳайвони афсонавист, ки гӯё аз сар то пои нимаи ӯ ба одам ва нимааш ба ҳайвон монанд буда, ба одам душманӣ доштааст.

## ҒОРАТ ЕФТАН ВА ХАРОБ КАРДА ШУДАНИ ХОНАИ МИРИ АРАБ ДАР САБРОН ВА ГУРЕХТАНИ ВОСИФӢ АЗ ОН ҶО

Хоҷа Султониброҳим, ки дар Туркистон буд, ҳамеша худро хайрхоҳ ва ихлосманди Мири Араб менамуд. Мири Араб низ ба ӯ чунон эътимод дошт, ки мӯҳри худро ба дасти ӯ супурда монда буд. Аммо ӯ, ки дар дили худ кинаи сахте нисбат ба Мир доштааст, аз номи он кас ба Убайдуллохон мактубе сохта, бо мӯҳрашон мӯҳр кардааст.

Мазмуни мактуб он ки «...Мо ҳамагӣ ҳиммати худро барои тараққии давлат ва баланд шудани ҳашамати ту сарф кардаем ва тамоми таваҷҷӯҳи худро бар истиқлоли салтанати ту нигаронидаем. Ту бар сипеҳри салтанат ба мартабаи офтобӣ ва дигарон дар пеши ту монанди зарра. Агар онҳо аз ту пешӣ гузида, якчанд рӯз номи салтанатро ба худ бастанд, боке нест. Ҳарчанд шукуфа аз мева пештар ба вуҷуд ояд, қадру қимати ҳар кадом маълум аст. Зинҳор хотири худро малул надор ва яқин дон, ки ба наздикӣ ҳамаи инҳо талаф шуда, салтанат ба тариқи истиқлол ба ту хоҳад расид!...»*

Султониброҳим дар вақти дар Бухоро будани Мири Араб мактуби мазкурро ба Абдуллосултон — писари Кӯчкунчихон, ки дар мавзеи Ясӣ[1] ҳоким буд, расонида, ба ӯ гуфтааст, ки «чандин вақт пеш аз ин Мири Араб ин мактубро ба ман супурда фармуда буд, ки ба Убайдуллохон расонам. Азбаски ин мактуб сабаби фитнаву фасод ва

---

* Аз рӯи қоидаи хонаводагии шайбониён, калонсолтарини он хонадон ба унвони хонӣ бар тахти салтанат нишаста, дигарон дар ҳар ҷое, ки ҳоким бошанд, ба он «хони бузург» итоат ва фармонбардорӣ карданашон лозим буд. Дар асоси ҳамин қоида Кӯчкунчихон, бузургтарини хонадон буд, дар Самарқанд бар тахти хонӣ нишаста Убайдуллохон ба ӯ тобеъ ба шумор мерафт ва баъд аз сари Кӯчкунчихон, тахти хонӣ ба бародари ӯ — Севунчхоҷахон, ки ҳокими Тошканд буд, мерасид. Ин «мактуби Мири Араб», ки барои супурдани тахти хонӣ ба Убайдуллохон, башорат медод, сабаби душмании хонони дигар ва авлоди онҳо ба Мири Араб мешуд ва султон Иброҳими иғвогар аз ҳамин нукта фоида бурда, ба воситаи писари Кӯчкунчихон, ки «хони бузург» буд, бо дасти Севунчхоҷахон, ки «хони бузурги» оянда ба шумор мерафт, асоси ҳашамати Мири Арабро барбод диҳад ва дар ҳақиқат ҳам ба матлаби худ расидааст.

[1] *Ясӣ* — ҷоест, ки ҷои таваллуд ва мазори хоҷа Аҳмади Ясавӣ он ҷост.

боиси вайронӣ ва адоват дар байни хонони чингизинажод мешуд, ман ба Убайдуллохон нафиристода нигоҳ дошта будам. Акнун мулоҳаза кардам, ки пинҳон доштани ин сир ҳам муҷиби чандин фитнаи азим хоҳад шуд. Ночор изҳорашро муносиб дида, ба шумо расонидам».

Абдуллосултон он мактубро бо яке аз сардорони худ ба амакаш — Севунчхоҷахон, ки ҳокими Тошканд буда, дар оянда аз рӯи қоидаи шайбониён тахти хонӣ ба ӯ мерасид, фиристод.

Чун Севунчхоҷахон он мактубро дид, аз ғазаб монанди печҳои нома ба худ печид ва теғи интиқом аз наём кашида, Султониброҳимро бо чанде аз дарбориёни худ барои тороҷ кардани хонаи Мири Араб ба Саброн маъмур кард.

Онҳо ба хонаи Мири Араб омада ҳар чизе ки ёфтанд, тороҷ ва ғорат карда хароб намуданд. Мегӯянд, ки Мири Арабро хонаи зеризаминие буд, ки аз сақф равзане дошт ва аз он равзан тилло рехта, он хонаро пур карда буд. Агар ин ҳикоят рост бошад он хазина ҳам ба тороҷ рафт.

Саидшамсуддин, ки дар Саброн буда, дар мадрасаи Убайдуллохон мударрис буд, ба фақир гуфт, ки дигар дар ин ҷо будан маслаҳат нест. Мо ҳар ду хостем, ки аз роҳи Ҳиндустон ба Макка равем. Талабаҳои мадраса ҳам ба ҳар тараф пароканда шуда, ҳар кадом худро ба гӯшае кашиданд. Мо ҳам аз он ҷо рахти сафар бастем.[35]

## IV

## САФАРИ ВОСИФӢ АЗ САБРОН БА ФАРКАТ ВА АЗ ОН ҶО БА ТОШКАНД ВА ТАВСИФИ ТОШКАНД

Восифӣ мегӯяд: камина ба нияти сафари ҳаҷ бо Мавлоно Саидшамсуддин аз Саброн баромада, ба деҳоти Тошканд расидем. Аммо ба шаҳри Тошканд даромаданро салоҳ надида, равонаи қасабаи Фаркат гардидем.

Фаркат (айнан) «мавзеест дар ғояти хушӣ ва ниҳояти дилкашӣ, ки боғи Ирам аз хиҷолати ӯ рӯй дар пардаи ифтихо (ниҳонӣ) кашида ва равзаи ризвон (биҳишт) аз рашки чашмасораш аз кавсар об дар даҳон оварда; обҳои мусаффоояш чашмаи ҳайвонро ба хок нишонда ва мустаншиқи (бӯкунандаи) ҳавои рӯҳафзояш нафаси масеҳоро бэди ҳаво ангошта (гумон карда)...».[38]

Хулоса 28-ми моҳи шаъбони соли 928 ҳиҷрӣ (1522) ба Фаркат расида, ба зиёрати хоҷа Абдураззоқ мушарраф шудем. Дар он вақт хоҷаи мазкур аз дарди хала ба танг омада, изҳори дардмандӣ мекард, ки фақир ин байтро дар бадеҳа гуфта:

Ба хидмати ту паи ҷонсупурдан омадаам,
Ту зинда бош, ки ман баҳри мурдан омадаам!

бо рубоии санъатдоре, ки дар роҳ навишта будам, аз назари хоҷа гузаронидам. Он олиҷаноб ба ин камина як асп бо зину лаҷом инъом фармуда, эъзоз ва эҳтиром намуд.

Хоҷа ин камина ва Саидшамсуддинро илтимос кард, ки як ҳафта дар он ҷо ба тарзи меҳмонӣ монда, дам гирем. Мо ин хоҳиши он ҷанобро қабул карда, рахти иқомат дар манзили он навозандаи дил густурдем.

(Айнан): «Маҷлиси фирдавсоини сипеҳртазини он

ҳазрат аз ҳузури аҳли фазлу камол ва арбоби ҳусну ҷамол ва асҳоби созу навоз, ҳаргиз холӣ набуд».

Аз аҳли фазл Мавлоно Фаркатӣ, ки дар шаъни ӯ ин байт рост меояд:

Булбули боғи маонӣ, он ки дар лутфу камол,
Тӯтиёни шаккаристони суханро карда лол —

ҳамеша дар маҷлиси олӣ аз назми обдори худ лаолӣ (лаълҳо) нисор мекард; аз арбоби соз ва илҳони Мавлоно Шоҳҳусайн буд, ки мақомҳои Нишопур, Исфаҳон, Наҳованд ва дигарҳоро дар қонун ва уд дар ғояти дилнавозӣ менавохт ва месуруд ва ӯ чандин таркибот ва илҳонотро худ тасниф карда, худ ба қавлу амал меоварл. Ӯ дар маҳфили тарабманзили хоҷа ба қонуни муҳаббат ва арғунуни мавадлат[1] нақши ғам аз миёнхонаи дил мезудуд.

Баъд аз як ҳафта аз хидмати хоҷа рухсат гирифта, озими вилояти Ахсӣ шудем. Чун ба деҳаи Нимдонак, ки дар якфарсахии (8 километрии) Фаркат аст, расидем, фақирро оризаи таб рӯй дод ва ба дараҷае шиддат ёфт, ки умед аз ҳаёт бурида шуд.

Чун айёми бемории камина дароз кашид, аз Мавлоно Саидшамсуддин илтимос карда шуд, ки фақирро дар он ҷо гузошта, ба тарафи Ахсӣ равона гардад.

Баъд аз як ҳафтаи ба Ахсӣ рафтани Махдумӣ, ки фақир як дараҷа сиҳҳат ёфтам, рӯи азм ба сӯи Тошканд тофтам ва ба он тараф шитофтам.

* * *

Чун ба Тошканд расидам, дидам: он шаҳре буд (айнан), «ки фалаки забарҷадӣ ҳар шом аз барои дафъи газандаш сипанддонаҳои нуҷумро дар оташи шафақ месӯхт ва аз барои роҳу равиши сокинонаш машъали ҷаҳонафрӯзи моҳро меафрӯхт; Баҳроми[2] хуношом аз барои забт ва ҳифзи он қалъа аз кавокиб (ситораҳо) мӯҳрҳои (тирҳои) милтиқ[3] тайёр менамуд...».

Дар беруни он шаҳр боғе буд аз биноҳои Қайковус, ки Ирамро аз вай дар дил доғест, (айнан) «сафояш аз

[1] *Мавадлат* — низ ба маънои «муҳаббат» аст.
[2] *Баҳром* — дар ин ҷо номи ситораи Миррих (Марс).
[3] Аз ин ҷумлаи Восифӣ мебарояд, ки дар аввалҳои асри 16 дар Хуросон ва Мовароуннаҳр милтиқ буда аст.

вафои хубрӯён зеботар ва зебандатар ва ҳавояш аз карашмаи маҳбубон раънотар ва фиребандатар; ҳавзи обдэраш аз айни сафо акспазир ва оби оинакирдораш аз сувари туюр ва ашҷор[1] назири саҳифаи тасвир...».

Булбули гӯё бар шохсораш ба таърифи баҳораш нафир кашида ва наргиси бино дар канори анҳораш чашми ҳайрат кушода; гулҳои он бӯстони ҷаннатнишон, ливои хандаро ба ҳаво меафрӯштанд ва ғунчаҳои он гулистон монанди наварӯсон аз ҳаё худро аз табассум ба зӯр нигоҳ медоштанд; наргиси шаҳло аз бори заъфарон хам шудэ қариб ба замин расида ва гули сурӣ аз ғалаёни хун сурх гардида; бунафша дар атрофи чаман нақшафшони лоҷувардӣ мерехт ва насим аз бӯи хуши он бӯстон мушку анбар мебехт; савсани даҳзабон дар пеши гулҳои он гулистон магар васфи боғи Ирам дар миён андохта, ки ҳаракати ҳаво бо мушти насим, барои ин беодобиаш лабу даҳони ӯро кабуд сохта; сабзаву себарга бар канори ҷӯйбораш барои меҳмонии дилбарони чаман бахмали сабз густурда буд ва сарву ар-ар дар атрофи ҳавзи рӯҳпарвараш дар назар чун қомати дилбарон ишвагар менамуд; ҳар касеро қадам ба дарвозаи он биҳиштовоза мерасид, бӯи ҷон аз ҳавои ҳаётбахшояш мешамид ва аз ҳаяҷони шодмонӣ аз худ рафта, хешро дар як олами аз ин пеш надидааш медид.

Дарахтони мевадораш аз касрати бор чун пирони рӯзгордида пуштхамида ва аз меваҳои навраси шакарбораш дар канори хӯранда шарбати шаҳд чакида; себи беосебаш аз себи ғабғаби дилбарон хабар дода ва рангу бӯи он қувватдиҳандаи дили беморони аз по афтода:

> Себро бо закани ёр баробар карданд,
> Ранги ӯ сурх шуду рӯй барафрӯхт ба боғ,
> Себ монанди чароғест дурахшон ба дарахт,
> Рӯзи равшан ба сари шох кӣ дидаст чароғ?!

Дарахти анораш аз баргу бор шӯълаи оташро дар миёни сабзазор нишон дода ва меваи он дарахт, дар канори дӯшизагони чаман ёқути руммонӣ[2] ниҳода.

Ибни Ямин аз барои анор ин чистонро некӯ гуфта (мо чистонро ба тарзи интихоб нақл мекунем):

---

[1] *Сувари туюр ва ашҷор* — суратҳои паррандагон ва дарахтон.
[2] *Ёқути руммонӣ* — ёқути анорранг.

Чист он гӯйпайкари[1] гардон?
Гоҳ мино[2] ба рангу гаҳ марчон.
Гӯи ёқутро ҳамемонад —
Баста андар зумурради ичавгон,
Ранги ӯ ҳамчу гунаи маъшуқ,
Ки рухаш гашта аз ҳаё рахшон!..
Хориҷи ӯ ҳама ақиқи Яман,
Дохили ӯст ҷумла аз иқьён[3],..
Ҳамчу атфол як ба як доранд
Аз зари ноб[4] дар даҳон пистон...
Фирқа-фирқа нишаста ҳамзону,
Дар бари якдигар хазида чунон —
Ки сари мӯй дарнамегунҷад —
Дар миён, аз тавофуқи[5] эшон.
Ҳар гурӯҳе ба гӯшаи дигаранд,
Дар паси пардаи афоф[6] ниҳон.
Дар миёншон зи зарварақ баста
Пардаҳо дасти қудрати яздон;
Нозуконанд, лек сахтдиланд,
Худ чунинанд нозукони ҷаҳон.
Ҳар як аз нозукиву лутф чунон —
Қ-об гарданд бар лабу дандон!
Бинаш ҳамчу чашми Ибни Ямин —
Аз газанди замона хунафшон!

Шафтолуи обдораш дилрабое буд, ки синаи софаш аз чоки гиребонаш менамуд... Муаллиф (Восифӣ) аз барои шафтолу, чистоне гуфта буд, ки зикраш дар ин ҷо муносиб намуд (ин чистон ба тарзи интихоб нақл карда мешавад):

Шудам ба боғ барои назораи чаманаш,
Ки буд рашки риёзи наим[7] анҷуманаш.
Зи гӯшае санаме бар дарахт ҷилва намуд,
Ки об дар даҳан омад зи хубии заҳанаш...
Нуҳуфта дар шиками он санам бувад тифле,
Ки хаст хаставу[8] бошад ҳамеша сурх танаш,
Чӣ гуна хаста набошад, чунин ки ҳар тарафе
Нишонаҳои сари сӯзан аст дар баданаш.
Висоли он санам ар орзуст, лоларухе —
Бубар ба тарфи гулистон, ба худ ба макру фанаш,
Гузор даст ба нармӣ ба себи ғабғаби ӯ!
Бинӯш он чӣ сутудам, зи шарбати даҳанаш!

---

[1] *Гӯйпайкар* — ҳаппакпайкар.
[2] *Мино* — шишаи шароб.
[3] *Иқьён* — кулӯлачаҳои тилло.
[4] *Зари ноб* — тиллои холис.
[5] *Тавофуқ* — ҳамрангӣ, ҳамоҳангӣ.
[6] *Афоф* — порсоӣ, парҳезгорӣ — худро аз гуноҳ нигаҳдорӣ.
[7] *Риёзи наим* — биҳишт.
[8] *Хаста* — бемор, донаки мева, хастакардашуда, яъне дар баданаш захмҳои рӯипӯстӣ задашуда.

Чу меваҳост суханҳои Восифӣ, дарьёб!
Зи боғи умр хӯрӣ бар, чу бишнавӣ суханаш?

(Айнан): «Амрудҳои чинии обдораш, гӯё ҷуллоби[1] набот буд, ки қаннодӣ[2] давронаш дар шишаҳои ҳалабӣ[3] кардаӣ митҳараи[4] оби ҳаёт буд, ки Хизри баҳораш аз зулумот оварда;...»

Норинҷаш дар латофат гарав аз меваҳои биҳишт мебурд ва турунҷаш монанди бемориони сафровӣ зарданг буд, аммо аз шарбати худ бемориони сафровиро муолаҷа менамуд; анҷири беназираш кӯкнордонаҳоро ба ширан қанд парвариш дода ва меҳмонони боғро дар табақи барги худ пеш ниҳода...

## Маснавии Восифӣ дар тавсифи Тошканд ва боғҳояш

Нуктае чанд арҷманд шунав!
Сифати мулки Тошканд шунав!
Он диёре, ки хубияш ҳама ҷо,
Гашт собит ба мардуми доно.
Ваҳ чӣ мулке, ки равзаи ризвон,[5]
Шудааст аз хиҷолаташ пинҳон.
Ҳар ки бошад дар он диёр муқим,
Ёд н-орад дигар зи хулди наим.[6]
Мурдаи он ҷо бувад басе беҳтар,
Ки бувад зинда кас ба ҷои дигар,...
Бод хокаш ҳамебарад ба фалак,
То кунад тӯтиёи чашми малак;...
Оби ӯ ҳамчунон ки оби ҳаёт —
Шуд зи шармаш нуҳуфта дар зулмот.
Хизр аз он об агар хабар медошт,
Сӯи зулмат алам намеафрошт;
Рӯди оби Бурак, ки ҳаст равон,
Салсабилест[7] дар риёзи ҷинон[8].

---

[1] *Ҷуллоб* — шарбат.
[2] *Қаннод* — ҳалвогар.
[3] *Ҳалабӣ* — аз баски дар замонҳои пеш шишаҳои хуб дар Ҳалаб рехта мешуданд, шишаи хубро «шишаи ҳалабӣ» мегӯянд.
[4] *Митҳара* — обдон.
[5] *Равзаи ризвон* — боғи биҳишт.
[6] *Хулди наим* — биҳишт.
[7] *Салсабил* — чашмаи биҳишт.
[8] *Риёзи ҷинон* — биҳишт.

Дар тагаш сангреза дурри самин[1],
Дархури гўшворӣ ҳури ин[2]...
Насамоти[3] шамоли ӯ марғуб,
Чун дами рўҳпарвари маҳбуб.
Аз ҳубоби[4] сабош чони саким[5],
Ефт дардам шифою гашт салим;
Оташи ӯ чун маҳвашон дилкаш,
Лек чун лаъли дилкаши маҳваш.
Баски хоҳад, ки фитна ангезад,
Шўълаи ӯ нишинаду хезад.
Шўълаҳояш, ки бар фарози сар,
Ҳар яке ҳаст ҳамчу шўшаи[6] зар,
Хешро дуд, з-оташон чу кашид,
Гашт дар лолазор сарв падид;*
Ҳар тараф дар навоҳиаш боғест,
Ки аз ӯ дар дили адан доғест.
Васфи боғоти ӯ кунам буньёд,
Меравад ҷаннату Ирам аз ёд;
Ҳар тараф қад кашида асфедор,
Ҳамчу болои нозпарвари ёр.
Он қаду қомат ар бутон бинанд,
Пеши эшон зи шарм биншинанд.
Чун санавбаркадони симинбар,
Сар кашидаст ҳар тараф ар-ар.
Сояи баргҳои бед дар об,
Моҳиёнанд банд дар қуллоб...
Сурхгулҳош бар фарози чаман,
Ҳаст чун нори водии Айман[7].
Ғунча к-аз гулбун омада берун,
Хуми сабзест пур май гулгун.
Е дили андалеби маҳзун аст,
Ранг баста дарун пур аз хун аст.
Ваҳ ғалат кардаам, гули ин боғ,
Бар дили андалеб биниҳад доғ.
Булбули ӯ зи шавқ нолон аст,
На зи бедоди гул дар афғон аст.
Хел-хели бунафша дар лаби ҷӯй,
Рамаи барраест зангўламўй...
Е зи мулки адам қатор-қатор,
Нил оварда, корвони баҳор.
Савсан ангуштҳо зи ғунча намуд,
Карда ангуштҳо зи нил кабуд,

---

[1] *Дурри самин* — марвориди пурқимат.
[2] *Ҳури ин* — зани фарохчашми тансафед, чашму мўяш ғоят сиёҳ.
[3] *Насамот* — хушбўиҳо.
[4] *Ҳубоб* — вазиши бод.
[5] Саким — бемор, зидди салим.
[6] *Шўша* — овезаи ях.
* Восифӣ дар байтҳои болой дар тавсиф, чаҳор аносир — боду хоку обу оташро бо санъати таносуб овардааст.
[7] *Нори водии Айман* — оташест, ки гўё ба чашми Мусо пайғамбар бар сари дарахте намуда буд.

Ки манам рангрез дар ҳама боғ,
Нил бошад муносиби саббоғ [1].
Наргис омад ба боғу чашм расид—
Сарвро, дар мараз дароз кашид;...
Раста ҳар сӯ гули ҳамешабаҳор,
Ҳаст аз ӯ боғро ҳамеша баҳор,
Ё барои нисори мақдами вард [2],
Ашрафиҳо [3] чаман парешон кард.
Ганҷи Қорун ба хок мадфун буд,
Сари он ганҷро баҳор кушуд.
Гули хайрӣ ба ҳар тараф сипарест,
Қуббаи ӯ забарҷадӣ гуҳарест.
Баҳри он аст то шавад з-он ганҷ,
Бар сари мо баҳор гавҳарсанҷ.
Лола аст ошьёнаи булбул
К-оташ афганда дар вай аз ғами гул.
Ё бувад ховане зи боди сабо,
Дар чаман гаштааст ғолиясо.
Арғувон ҳиндуест [4] карда гуноҳ,
Танаш аз зарби чӯб гашта сиёҳ,
Ҳаст аз захми аз шумор афзун
Бар танаш садҳазор қатраи хун.
Дар чаман пеши ғунчаи занбақ [5],
Шамъи кофур гашта бе равнақ.
Шӯшаи нуқра аст гашта аён,
Ки зи ангушти ёр дода нишон.
Наварӯсони боғро меъҷар [6]—
Настарани аз хаё фиганда ба сар...
Фохта дар чаман даромад маст,
Бар сари шохсори сарв нишаст,
Муждаи гул шунид аз ҳар сӯ,
Ки баровард наъраи «ку-ку» [7]...
Сифати меваҳои ӯ кун гӯш
Ки даҳанҳо аз ӯст чашмаи нӯш.
Васфи ангураш оварам ба баён,
Ки гарав бурда аз дури ғалтон:
Соҳибиҳои нозукаш ба назар,
Ҳаст чун лаъли нозуки дилбар;
Донаҳои хусайниаш бешак,
Ҳаст чун дурри қимате ҳар як;
Бобакӣ ҳамчу хӯшаи парвин,
Бар сипеҳри разон [8] намуда бубин!

---

[1] *Саббоғ* — рангрез.
[2] *Вард* — гули сурхи хушбӯ.
[3] *Ашрафӣ* — тиллои маскук (сикказадашуда).
[4] *Ҳинду* — дар ин ҷо ба маънои ғуломи ҳиндӣ.
[5] *Занбақ* — гули ёсуман.
[6] *Меъҷар* — рӯпӯш.
[7] *Ку-ку* — дар ин ҷо ҳам маънои овози фохта, ҳам савол аз ҷой — куҷост.
[8] *Разон* — токҳо, раз — ток.

Бурда кӯрокиаш[1] гарав аз қанд,
Мекунад бар набот шаккарханд;
Шакар ангури ӯ зи шаккар беҳ,
Ба баҳояш наботу шаккар деҳ!
Ҳар ки дар ҷӯи об харбуза кишт,
Гашт фироғ зи меваҳои биҳишт.
Чун набот омада ба харбузааш —
Дар муқобил ба лаззати мазааш.
Мисриён аз сари сиёсату қаҳр,
Мекунандаш бурун ба чӯб аз шаҳр[2].
Қанд омад чу дар баробари ӯ.
З-он шикастанд мардумон сари ӯ.
Сабзкарчаш[3] баробари ҷон аст,
Ҷон ба пешаш матои арзон аст...
Сабзу нозук чу ҷони ширин аст,
Шеваи нозукони сабз, ин аст:
Он ки халқ аз ҳаловати ӯ сӯхт,
Аз «Алишер»[4] нозукӣ омӯхт;
Сифати меваҳои бӯстонаш,
Боз гӯям ба шарҳу достонаш.
Ҳар анораш ки нортистонист,
Кони лаъл асту лаъли руммонист.
Ҳуққае пур зи лаълу ёқут аст,
Дилу ҷонро зи қувваташ қут аст.
Сифати ноппотиаш патвон,
Ки зи фикраш шавад пуроб даҳон.
Ҳаст монанди шӯшаҳои набот,
Ё бувад зарфҳои оби ҳаёт,
Чӣ нависам зи хубии себаш?
Ки мабодо зи даҳр осебаш.
Ба занахдони дилбарон монад,
Ҳар касаш дид, дил бар он монад.
Лавҳашоллоҳ[5] обуранги биҳӣ,
Ки аз ӯ боғрост рӯ ба беҳӣ.[6]
Ҳаст беҳ з-обии[7] биҳишти бари,
Ҳаст ризвони хулд низ бар ин.[8]

---

[1] *Кӯрак* — як навъ ангур аст.

[2] Дар замони пеш мисриён наботро ба ҷон ришта, ки ҳалвогарони мо мерезанд, ба чӯб мерехтанд. Наботи Миср азбаски хубтарини наботҳо буд, савдогарон вайро ба ҳар тараф мебурданд. Маънии ин байт ба асоси ҳамин ҳодиса аст.

[3] *Сабзкарч* — харбузаи кӯкча.

[4] *Харбузаи Алишер* — харбузаест, ки ҳоло «Амирӣ» меноманд, шоир ин ҷо калимаи «Алишер»-ро ҳам ба маънои харбузаи маълум, ҳам ба сифати номи шоири бузурги ӯзбек кор фармудааст. Машҳур аст, ки табъи Алишер бисёр нозук буд.

[5] *Лавҳашоллоҳ* — дар ин ҷо ба маънои «худо аз бадӣ нигоҳ дорад».

[6] «Биҳӣ» дар мисраи аввал номи меваи маълум аст; дар мисраи дуюм ба маънои хубӣ, дурустӣ, саломатӣ аст.

[7] *Обӣ* — номи дигари биҳӣ.

[8] *Бар ин* — дар мисраи якум ба маънои баланд, бартар; дар дуюм ба маънои «бар ин», «бар ҳамин».

Дигар аз меваҳош ҳаст анчир,
Ки ба хубеш кас надида назир.
Ҳар як аз вай ҳаловати ҷонест,
Сари пистони норпистонест,[1]
Хаст аз кони айш арконе
Ин биноро мабод вайронӣ...

## ҲАМСӮҲБАТИИ ВОСИФӢ БО СЕВУНҶХОҶАХОН ВА МУАЛЛИМӢ КАРДАНАШ БА ПИСАРИ Ӯ НАВРӮЗ АҲМАДХОН ВА ДИЛГИР ШУДАНАШ АЗ ТОШКАНД ВА АЗ СӮҲБАТИ ХОН

Восифӣ мегӯяд:[37]

— Подшоҳи вилояти Тошканд Севунҷхоҷахон бинни Абулхайрхон буд...

Ин подшоҳро ду писар буд, ки ҳар ду дар дарьёи салтанат дурри пурбаҳои ҳашаматаш буданд...

Рӯзе дар хонаи муқаррабн хоқонӣ — хоҷа Ҷалолуддини Кошғарӣ (Қачқарӣ) будем, ки Хоҷа аз мулозамати Севунҷхоҷахон омад ва ин каминаро табрик ва таҳният карда гуфт: имрӯз дар маҷлиси хон олимон, фозилон ва ашрофу аъён буданд. Дар сӯҳбат сухан дар бораи фазилати илм ва уламо мерафт. Ҳамагӣ хоҳиш карданд, ки хон дар тарбияти фарзандон кӯшиш намоянд, ки ҳар яке аз онҳо фазлу камолот ҳосил карда, соҳиби ахлоқи ҳасана ва молики сифатҳои некӯ шаванд.

Хон гуфтанд: — Мо тарбияти Наврӯз Аҳмадро ба ихтиёри Восифӣ, ки фазоили илмӣ ва адабиро дарбар кардааст, мегузорем.

Восифӣ мегӯяд: ҳамон рӯз дар соати нек маросими ифтитоҳи дарс ихтиёр карда шуд. Хоҷаазам зиёфатро дар девонхонаи аъло тартиб дод ва Наврӯз Аҳмадхон дар ҳузури уламо «Сарфи манзум»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро дар назди ин фақир сар кард.

Наврӯз Аҳмад илова бар ин, ки соҳиби қобилияти баланд буд, дар таҳсили камол аз ҳад зиёд кӯшиш менамуд ба дараҷае, ки аз аввали субҳ то сари шом аз мутолаа ва такрор фориғ намешуд. Ҳаргоҳе, ки соате аз такрори сабақ фароғат менамуд, ба таҳсили ҳусни хат маш-

---

[1] *Норпистон* — духтар, ё зани ҷавон аст, ки ҳанӯз сина наандохтааст.

ғулӣ мекард ва дар андак муддат дард хусни хатту каламзанӣ ва дар таҳрири ҳар гуна иншо саромади рӯзгор шуд.

Шабона, ки хотир аз дарс ва хат фориғ месохт, ба навохтани созҳои созанда ва навозиши мутрибони навозанда мепардохт ва бо созандагон ва хонандагон, ки бо нағмаҳои ҷонфазо ва бо садоҳои рӯҳафзо зӯҳраи чангиро аз фалак ба замин фуруд меоварданд, тарҳи мусоҳабат меандохт. Дар вақти созу навоз дар ҳар ҳавое, ки созандагон менавохтанд ва хонандагон мехонданд ва месуруданд дар нақароти муносиб ва нағмаҳои мавзун бо онҳо ҳамовоз ва ҳамнавоз мешуд.

Дар якчанд рӯз дар илми мусиқӣ ва фанни адвор (нота) ба мақоме расид, ки замзамаи нишотафзояш ба дилҳо нур ва ба ҷонҳо сурур мебахшид.

Гоҳо киштии фикрро дар баҳри шеър меронд ва аз садафи табъи салим гавҳарҳо мефишонд. Чанде ба ин кор машғулӣ карда, нозукиҳои санъати шеър, қоидаҳои арӯз ва қофияро ба даст даровард.

Дар камонандозӣ ба дараҷае расид, ки камони ӯро ҳеҷ як аз зӯроzмоён натавонист кашид ва пайкони тираш то маркази дидаи душман ба ҷое намеоромид:

> Чунон ба тир рабудӣ сиёҳӣ аз дида,
> Ки заррае нарасидӣ ба дида озораш.

(Айнан): «Он шоҳзодаро аспе буд сабуктак, ки аз ғояти суръат дар ҳангоми ҳаракат бар замони гузашта пешӣ мегирифт ва аз рӯи шитоб ба як-ду гом вақтиояндаро дармеёфт. Сабукии сайраш ба ҳадде буд, ки агар бар чашми хуфта ҷавлон намудӣ, лаззати хоби хушро зоил накардӣ ва дар вақти такопӯӣ заминро аз рафташ асло хабар набудӣ»:

> Таковаре ки заминро хабар набуд зи суммаш,
> Ки об рафта бад-ӯ, ё гузашта боди баҳоре?
> Ба сони қатраи ашке, ки аз мижа бадар ояд,
> Гузар кунад зи сари тори мӯй дар шаби торе.

Шоҳзода ин аспро бо зину лаҷоми нуқракӯб, дар рӯзи ифтитоҳи дарс ба фақир инъом фармуда буд, ки дар вақтҳои саворӣ, дар варзишҳои тирандозӣ ва камондорӣ низ ин камина ба ӯ чун иқбол ҳамроҳ будам.

Хулоса шоҳзода дар русуми муҳориба ва қавоиди мубориза ба ҳадде расид, ки нақлҳои Рустами Дастон ва

Исфандиёри Рӯинтанро тоза кард ва ҳикояти Бежани Шершикорро ба ёди рӯзгор овард...

Дар фасли баҳор, ки машшотаи қудрат наварӯси дилрабои баҳорро бо ғозаи лола, бо сафедаи шукуфа ва бо ӯсмаи бунафша орэста ва аз марғулаи сунбул бар узори вай зулфи анбарини пироста ва аз ғунчаҳои гули ҳиноӣ панҷаи ӯро нигор баста буд, хаёти нодиракори насими баҳорӣ либоси гулбунро бо тукмаҳои ёқутӣ зебу зинат дода, қоматашро ороcт. Ту гӯӣ ки саҳни бӯстон нишемангоҳи шабнишинии дӯстон буд, ки дар вай шамъҳои сарвро бар шамъдонҳои сабзи сабза ниҳодаанд ва пиёлаҳои лола ва қадаҳҳои гул аз маи ғулгун пурбодаанд.

Инак дар чунин мавсим Севунҷхоҷаҳон бо аркони давлат ва наздикон барои сайри айлоқ бар лаби оби Қалас, ки аз чашмаи салсабил хабар медод, хаймаи давлатро ба нияти иқомат дӯхт ва маҳфили худро бо латифаҳои надимони сӯҳбатафрӯз ва нағмаҳои мутрибони кулфатсӯз барафрӯхт.

Рузе дар маҷлиси султонӣ будем ва аз ҳар дар сухан мегуфтем ва мешунидем, ки писари Қароқозӣ — Муҳаммадбоқӣ аз вилояти Туркистон омад ва ҳамроҳи ӯ (айнан) «аъҷубае аз аҷоиби рӯзгор буд... ки шайтон аз ору нанг ба хоби ӯ дарнаёмадӣ...».

Восифӣ дар ин ҷо ин одамро бо ҳаҷвияҳои насрӣ ва назмӣ, ки нақли онҳо муносиб дида нашуд, тасвир менамояд ва баъд аз он мегӯяд: ӯ чунон суханэни аҳмақона мегуфт, ки аҳли маҷлис аз ханда худдорӣ кардан натавонистанд. Ӯ шӯрид, гӯё саги девонагазидае буд, ки об дид ва гуфт:

— Ман толибилмам, аз авлоди Абӯбакри Сиддиқам, шумо маро таҳқир менамоед! — баъд аз он дастони худро ба дуо бардошта ва ба бобои худ хитоб карда гуфт: — Эй ҷадди бузургвор! Бубин ин қавмро, ки маро ҷафо мекунанд ва иҳонат мерасонанд, инҳоро дар асфаласофилини бало андоз!

Ба ӯ гуфтам: — Насаб დониста шуд, аз ҳасаб (аз фазлу камол) шаммае баён намоед!

Ӯ як ояти Қуръонро хонда, аблаҳона маънидод кардан гирифт. Яке аз аҳли маҷлис «Алқориату малқориа»[1] чӣ гуна таркиб аст гуфта пурсид?

---

[1] «Алқориату Малқориа» — яке аз сураҳои Қуръон аст, ки дар он азоби ҷаҳаннам баён карда мешавад.

Ӯ якбора аз форсӣ ба туркӣ гузашта гуфт: «Сиз қабеҳ-мабеҳ, қалқон-малқон, ӯқ-... қ дегандай, тангри таоло ҳам ушандоқ айтиб дур».

Чун ин суханро шунидам, оташе дар синаам афтод ва ӯро огоҳонидам, ки дар масъалаҳои илмӣ чунин аҳмақона ҳарф назанад. Аммо ӯ дар ғазаб омад ва гуфт:

— Ҳай, ҳай мулло! Ба «Таббат ядо» чӣ мегӯӣ?

Мавлоно Хоҷаалӣ, ки яке аз аҳли фазли Тошканд буд, ба ин камина ишора кард, ки «Бархез!» ва гуфт:

> Аз сӯҳбати нодон ба дусад марҳала бигрез!
> То дар даҳани шер наяфтӣ зи хисолаш[1]!

ва илова намуд: маро худ тоқати шунидани чунин суханони бемаънӣ нест!

Хулоса, ба иттифоқи Хоҷаи мазкур ба Тошканд рафтем. Баъд аз 40 рӯз хон ҳам ба Тошканд ташриф овард ва дар он вақт Мавлоно Саидшамсуддин ҳам аз вилояти Ахсӣ ба Тошканд омад.

* * *

Рӯзе баъд аз салоти ҷумъа дар суфаи мадрасаи хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор, ки дар Тошканд аст, ҷамъе аз уламову фузало ва ашрофу аъёни Тошканд ҳозир буданд. Дар он маҷлис Мавлоно Абдулғаффор аз илми калом масъалаеро ба миён овард. Саидшамсуддин ӯро ҷавоб гуфт, ӯ ҷавоби Саидро рад кард. Хулоса ин мунозара ба ҷое расид, ки сухан бар сарзаниш, дашном ва таънаи якдигар анҷомид. Ин низоъ дар миёни инҳо муддате дароз кашид. Аммо масъала ҳал нашуд.

Севунҷхоҷахон рӯзе, ки дар сӯҳбати ӯ уламо ҳозир буданд, пурсид:

— Дар таҳорат бо панҷа — хилол кардани риш суннат аст, ё мустаҳаб?

Саидшамсуддин гуфт: — Суннат аст!

Мавлоно Боқӣ гуфт: — Ман таслим намекунам, ки суннат бошад!

Мавлоно Абдулғаффор ҳам ба тарафи Мавлоно Боқӣ гузашт. Мунокаша шуд ва маҷлис бархам хӯрд...

Дар як масҷиде аз масҷидҳои Тошканд бо илтимоси ҷамъе аз азизон намози бомдодро имомат кардам ва баъд аз намоз дар бораи таҳорат ва намоз ба мардум

---

[1] *Хисол* — ҷамъи хислат.

ваъз гуфтам. Дар ин вакт аз як гӯшаи масҷид овозе баромад ки:

— Ҳай мулло! То кай масъалаҳои диниро ба мусулмонон ғалат-ғалат хотирнишон мекунӣ ва халоикро гумроҳ месозӣ?

Гуфтам: — Ту кистӣ, чиҳо мегӯӣ? Пештар нишин то суханонатро шунавам.

Пеш омада нишаст ва ҳарзагӯӣ оғоз кард.

Дар он маҷлис ҳокими Тошканд ҳозир буд, фармуд, ки ӯро гирифта бубаранд ва гуфт:

— Ман ӯро медонам: — Борҳо ба имоми ҳамин масҷид иҳонатҳо расонид ва беодобиҳо кард, вай сазовори изо ва ҷазост!

Баъд аз чанд рӯз Севунҷхоҷахон дар сӯҳбат Мавлоно Чиниро ба «Шаҳнома» хонӣ фармудааст. Ӯ байтҳои Фирдавсиро ғалат хонда, хато маънидод кардан гирифтааст.

Мавлоно Қосим ба хон гуфтааст, ки: «Шаҳнома»-ро касе монанди Восифӣ хондан ва шарҳ додан наметавонад.

Хон ба талаби фақир кас фиристод. Чун дар он ҷо ҳозир шудам он мардаки шаҳномахонро ҳолате аҷиб рӯй дод.

Хон гуфтанд, ки аз «Шаҳнома» дилгир шудем. Аз девони Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ чизе хонда шавад!

Ва девонро ба дасти ман дода, маро ба саводхонӣ амр фармуд.

Девонро кушодам, ғазале баромад, ки аввалаш ин байт аст:

> Рафтиву ман мулозими ин манзилам ҳанӯз,
> З-оби мижа ба кӯи ту по дар гилам ҳанӯз.

Хондан сар кардам. Чун ба ин байт расидам:

> Эй гашта дил ба теғи ҷафои туам дуним,
> Бо ман ду дил мабош, ки ман якдилам ҳанӯз!

Чинӣ аз ҷой бархост ва гуфт:

— Ҳазор бор «лонуссаллим!», ҳазор бор нодуруст ва мо қабул нахоҳем кард.

Аҳли маҷлис ҳама дар ҳайрат афтоданд.

Ӯ ба рӯи зонуҳои худ бо панҷаҳои дастонаш задан гирифт ва гуфт:

— Ҳай дареғ, сад дареғ, ки Ҷомӣ зинда нест! Агар ӯ барҳаёт мебуд, ба сари ман зар мепошид!

Фақир бархостам ва аз он маҷлис берун омадам. Мулло Қосим ҳам ҳамроҳи ман баромад. Ба ӯ гуфтам: «Заҳҳокро ба сӯҳбати морон гузоштам».

...Чун ин воқеаро ба гӯши Саидшамсуддин расондам, гуфт:

— Муддатест, ки маро хоҳиши зиёрати мавлоно Содиқ, ки дар вилояти Кеш (Шаҳрисабз) мебошанд, дар дил пайдо шудааст. Акнун аз хон рухсат гирифтам ва озими он тараф мебошам.

Фақир ҳамон замон ба хизмати Сулаймонтархон рафта, ба воситаи ӯ аз хон иҷозат гирифтам ва бо Саидшамсуддин, Амирҳусайн ва писари қозии Тошканд ба ҷониби Шаҳрисабз роҳӣ шудем.

## САФАРИ ВОСИФӢ АЗ ТОШКАНД БА ШАҲРИСАБЗ, АЗ ОН ҶО БОЗ БА ТОШКАНД ВА ТУРКИСТОН ВА АЗ ОН ҶО ДУВВУМБОРА БА САМАРҚАНД ВА АЗ ОН ҶО БА ШОҲРУХИЯ

Восифӣ мегӯяд: мо ба Шаҳрисабз даромада, ба зиёрати шайх Муҳаммадсодиқ мушарраф шудем ва муддати сӣ рӯз дар он ҷо мондем. Баъд аз он фақир бо Мавлоно Ҳусайн ва писари қозии Тошканд аз ҷаноби шайх ва Саидшамсуддин рухсат гирифта, боз озими Тошканд шудем ва аз он ҷо ба Туркистон рафтем.

Дар он миён Севунчхоҷахон, Кӯчкунчихон ва дигар султони (хонзодагони) Самарқанд ба қасди тохти қазоқ ба Туркистон омаданд. Ҳоҷаофоқ, ки вазири султон Абӯсаид буд, бемор шуда дар Саброн монд. Дигарон ба тохти қазоқ рафтанд.

Фақирро бо Хоҷаофоқ омезиш пайдо шуда, ба дараҷае иттиҳод ва дӯстӣ даст дод, ки аз вай болотар ягонагӣ дар байни ду кас мумкин нест:

Рӯҳи ваю рӯҳи маро дар азал,
Собиқае буд, ки гашт ошно.

Хоҷаофоқ каминаро ба рафтани Самарқанд тарғиб карда, хотири оҷизро ба он тараф моил намуданд. Вақте ки хонон аз сафари қазоқ бозгашта омаданд, фақир бо ҳамроҳии Хоҷа ба Самарқанд рафтам.

Бузургон ва ашрофи Самарқанд дар ҳаққи камина аз расми бандаинавозӣ чизеро фурӯгузошт накарда, фақирро ба масҷиди Аттории Самарқанд имом таъин намуданд.

Ҳар ҳафта рӯзи панҷшанбе дар он масҷид маҷлиси ваъз муқаррар шуд. Дар маҷлиси ваъзи фақир мардумон чунон бисьёр ҷамъ омаданд, ки масҷид тангӣ кард. Бинобар ин маҷлиси ваъзро дар Ҷомеи Самарқанд баъд аз адои намози ҷумъа қарор додем.

Дар масҷиди Ҷомеъ, дар маҷлиси ваъз ҳамаи мударрисон ва бузургони Самарқанд ҳозир мешуданд. Дар Самарқанд ба ҳамин тариқа як сол зиндагонӣ намудам. Дар он вақт Келдимуҳаммадсултон бинни Севунчхоҷахон, ки дар Шоҳрухия[1] ҳоким буд, ба талаби фақир нома фиристод. Аммо бузургони Самарқанд ба он ҷо рафтани каминаро салоҳ надиданд. Бинобар ин дар ҷавоби номаи хон ба ин мазмун арзадоште навиштам, ки: «Банда аз навозишномаи олӣ сарафроз гардида, мехостам қадам азсар сохта фавран ба хоки пои ҳумоюн расам, аммо ба кори муҳимме машғул будам, ки итмоми он чанд рӯзе мӯҳлат талаб мекард. Орзу дорам, ки баъд аз тамом кардани он кор ба хидмат расам. Умед аст, ки чанд рӯз дер мондани фақирро ба кӯтоҳӣ дар хидмат нисбат надиҳанд».

Инчунин ба садри дарбори султон — ба шайх Олимшайх ва мактуби дигаре ба амир Муҳаммадамин Мирак, ки аз ҷумлаи наздикони султон буд ва мактубе ба Мавлоно Қатилӣ, ки аз надимони хон буд, навишта аз онҳо илтимос намудам, ки узри маро дар вақти муносиб ба султон арз намоянд ва ваъда додам, ки баъд аз тамом кардани коре, ки дар ғайри Самарқанд кардани он мумкин нест, ба хидмат хоҳам расид (Восифӣ дар ин ҷо номаи хон, ариза ва мактуботи худро ба тафсил қайд кардааст. Аммо нақли онҳо лозим дида нашуд).

Чун ин ариза ва мактубот ба дарбори хон расид, дар талаби фақир боз ҳам ҷиддитар кӯшиш карда, ба султон Абӯсаид, ки ҳокими Самарқанд буд, нома навишта, дар ҳар ҳол ба ҳузураш фиристодани каминаро аз вай хоҳиш намуд ва ба ҳамин мазмун фармоне ба бузургони Самарқанд ҳам фиристод.

Абӯсаидсултон ба вазири худ — Хоҷаофоқ фармуд, ки асбоби сафарро муҳайё намуда, маро ба ҳузури Келдимуҳаммадсултон фиристонад. Камина ба ҳамин тариқа озими Шоҳрухия гардидам.

---

[1] *Шоҳрухия* — шаҳре буд дар лаби Сирдарьё, ки ҳоло асаре аз вай нест.

## V

## НАДИМ ВА СОҲИБМАШВАРАТ ШУДАНИ ВОСИФӢ БА КЕЛДИМУҲАММАДСУЛТОН ПИСАРИ СЕВУНҶХОҶАХОН

Восифӣ мегӯяд: ба шаҳри Шоҳрухия расида ба мулоқоти Қелдимуҳаммадсултон расидам...[38]

Дар маҷлиси аввалин Мавлоно Қатилӣ, ки дар илми нуҷум маҳорат дошт, дар ҳузур буда, дар маҷлиси хон аз ҳама болонишин буд. Фақир бар худ лозим доштам, ки аз вай поинтар нишинам, аммо ӯ бо тавозӯъ ва шикастанафсӣ хост, ки маро аз худ болотар нишонад. Охир ӯ маро аз худ боло нишонд.

Қелдимуҳаммадсултон гумон кард, ки Қатилӣ ба болонишинии фақир розӣ нест, бинобар он ба ӯ ишорат карда гуфт, ки «худо такаббуркунандагонро дӯст намедорад».

Қамина арз кардам, ки: шоҳо! Мо ҳар ду дар пеш гузаронидани якдигар кӯшиш кардем. Аммо Мавлоно Қатилӣ бо камоли тавозӯъ фақирро боло гузарониданд.

Султон хурсанд шуда гуфт, ки аз монанди шумо фозилон ин хислат писандида ва марғуб аст.

Султон аз ин кори мо чунон розӣ шуда буд, ки дар чандин маҷлис дар бораи тавозӯъ кардан ба якдигар ин кори моро ба тарзи мисол фахркунон ҳикоя кард.

Дар ҳамин маҷлис, дар остонаи боргоҳ, ду кас паҳлу ба паҳлуи якдигар рост истода буданд. Хон ҳар замон-ҳар замон табассумкунон ба онҳо менигарист. Охир ба ин фақир хитоб карда гуфт, ки ин ду касро мешиносед?

— Фақир онҳоро надидаам ва намешиносам,— гуфтам дар ҷавоб.

— Аз ҳар кадоми онҳо нақле мувофиқи ҳолашон кар-

Чоҳ дорӣ чоҳил-осо бар сар, эй комил мудом!
Чоҳилат хонам, на комил, чун туро чоҳаст ком! [1]

3) чанд байти аввали қасидае, ки дар мадҳи Яъқуббек воқеъ шудааст; 4) қасидае, ки дар ҷавоби номаи Маликуттуҷҷор воқеъ шудааст; 5) ғазали дуқофиягӣ, ки Мир Алишер аз шоирони Ҳирот ба он ғазал ҷавоб гуфтанро хоҳиш кард. Ғайри Ҳилолӣ ва Осафӣ, ки ҳанӯз ҷавон буданд, ҳамаи шоирон ба он ғазал назира гуфтанд. Он ду ҷавон узр оварданд, ки ин ғазал чунон баланд аст, ки дар ҷавоби вай иқтидори мо намерасад. Аммо Навоӣ ба он ду шоире, ки ҷавоб нагуфта буданд, инъом кард ва гуфт:

— Ҳеҷ як аз шоироне ки ҷавоб навиштаанд, муваффақият наёфтаанд. Ин ду ҷавон ҳарчанд ҷавоб нагуфтаанд, дар шеършиносӣ маҳорати бузурге нишон додаанд ва дараҷаи баландии ин ғазалро тақдир карда тавонистаанд.

Он ғазал ин аст:

Эй бо лаби ту тӯтии ширинзабон забун!
Кардӣ ниои, зи панҷаи симинбарон бурун!
Лабташна меравам зи ғамат, гарчи меравад —
Бар рӯям аз ду дидаи пурхун аён, уюн.[2]
Гар бишканӣ ба санги ситам ҳуққаи дилам,
Ҷуз гавҳари ниёз наёбӣ дар он дарун.
Хоҳӣ дило бапой кунӣ хаймаи мурод!
З-он мӯ талаб танобу ва з-он қад ситон сутун.
Бо ҳусни илтифоти ту мӯътод гаштаем [3],
Бар мо макун убур тағофулкунон, кунун!
Дар мулки ишқ, мансаби оливу дун басест,
Некон намуда майл ба олӣ, бадон — ба дун.
Ҷомӣ алам ба олами девонагӣ фарохт,
Чун сохт ишқ раъяти [4] фарзонагон нагун.*

---

[1] Маънии зоҳирии ин байт маълум аст, аммо маънои муаммоияш, ки дар мисраи дуввум буда, мазмуни мисраи якумро бо лафзбозӣ исбот менамояд, ин аст: ҳар гоҳ коми комил — мақсади комил ҷоҳ шавад, яъне «ком»-и калимаи «комил» «ҷоҳ шавад», яъне «комил» ба калимаи «ҷоҳ» бадал гардад, «комил» «ҷоҳил» мешавад.

[2] Аён — зоҳир, уюн — ҷамъи «айн» аст, ки он ба маънои «чашма» аст.

[3] Мӯътодгашта — одат пайдокарда.

[4] *Раъят* — алам, байрақ.

* Санъати ин ғазал танҳо дуқофиягӣ будани он набуда, балки нуктаи муҳим дар ин аст, ки дар ҳамаи ин байтҳо қофия аввал бо табдил ёфтани ҳарфи «о»-и он ба замма — ба «у» қофияи дуввум шудааст. Ба ин сабаб ду қофия, иборат аз такрори якдигар бо дигар шудани маънӣ набуда (чунон ки дигар ғазалҳои ду-

6) қитъае, ки дар борае Мавлоно Аҳмади кал гуфта шудааст; 7) ғазале ки бо қоидаи мақтӯъ ва мавсул (ҷудогона ва пайваста) воқеъ шудааст, ки байти аввали он тамоман аз ҳарфҳои ҷудогона, байти дуввумаш аз ҳарфҳои ду-ду якҷоя навишта шуда, саввумаш аз ҳарфҳои сесе дар як ҷо навишта шуда, чорумаш аз ҳарфи чор-чор дар як ҷо навишта ва панҷумаш аз ҳарфҳои панҷ-панҷ пайваста навишта шуда (албатта ба шарте, ки бо алифбои араб навишта шавад) тартиб ёфтааст. Он ғазал ин аст:

1. Рухи зард дорам зи дурии он дар,
   Зада доғу дардам даруни дил, озар.
2. Чу ман кост гӯи шаби фуркати ту,
   Маҳи нав ки бошад бад-ин гуна лоғар.
3. Хатат Хизру чаъди качат мушти тиббат,
   Танат симу лаъли лабат тунги шаккар.
4. Ба ҷаннат наими шаҳди муҳаббат —
   Биҳишти муҳаллад — насиби муҳаққар.
5. Ба лабҳо малеҳӣ, ба гуфтан фасеҳӣ,
   Ба талъат сабеҳӣ, ба гесу муанбар.

8) як наъте ки бо таҳлили калимаи «Алҳамд» гуфта шудааст; 9) ду байте, ки дар қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» дар бораи ҳамхобагии Юсуф бо Залайхо гуфта шудааст.*

Восифӣ мегӯяд: баъд аз се рӯз чизҳои интихобкардаамро ба маҷлиси султон бурдам ва хостам, ки онҳоро баровварда нишон диҳам. Аммо хон гуфт:

— Ҳозир чизҳои интихобкардаатонро ошкор накунед, зеро Мавлоно Қатилӣ ҳам хоҳиш доранд, ки куллиёти ҳазрати Ҷомиро сайр карда чизҳои душворҷавобро интихоб намоянд.

Мавлонои мазкур куллиёти Мавлавиро гирифта ба хонааш бурд ва баъд аз се рӯз ӯ ҳам даҳ порча интихоб карда овард. Чун кушода дидем, онҳо ҳамон чизҳо бу-

---

қофиягӣ ҳамин тавр аст), балки ду қофия ба забони хонанда часпон ва ширин ва ба гӯши шунаванда оҳангдор ва рангин гардидааст. Чунончи: забон-забун, аён-уюн, дарон-дарун, кунон-кунун, ситон-сутун бадон-бадун, фарзонагон-нигун чӣ оҳангдор ва шинаманд!

* Восифӣ дар ёддошти худ порчаҳои аз Ҷомӣ интихобкардаашро даҳ гуфта бошад ҳам, дар нусхае, ки дар дасти ман аст, танҳо ҳамин 9 порча дида шуд. Дар ин ҷо ҳаминро ҳам қайд кардан лозим аст, ки Восифӣ ҳамаи он порчаҳоеро, ки дар ин ҷо ном бурда шуданд, дар ёддошти худ тамоман зикр кардааст. Аммо нақли ҳамаи онҳоро лозим надонистем.

данд, ки фақир интихоб кардаам*. Ин ҳол аз иттифоқоти бисьёр аҷиби дуньёст.

Келдимуҳаммадсултон ба ҳар қадоми мо (Восифӣ ва Қатилӣ) асп бо зину лаҷом ва сарупои олӣ инъом фармуд.

Баъд аз он хон ба фақир гуфт, ки — он чизе ки ҳазрати Ҷомӣ дар «Баҳористон» ва дигар муаллифон дар китобҳои худ дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ навиштаанд, бисьёр кӯтоҳ аст. Аммо ин хусусро батафсил ҳикоя кунед, бисьёр матлуб ва марғуб аст.

Фақир мувофиқи хоҳиш он чизҳоеро, ки дар бораи Фирдавсӣ дар китобҳо дида будам, нақл намудам...

Восифӣ дар ин ҷо дар бораи Фирдавсӣ ва сабаби таълифи «Шоҳнома» 13 саҳифа навиштааст. Аммо аз он ҷо, ки ин чизҳо афсонаҳои машҳуре буданд, ки назар ба тадқиқоти охирини илмӣ хато будани онҳо исбот шуда буд, нақли онҳо муносиб дида нашуд.

## НАҚЛҲОИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ УЛУҒБЕКМИРЗО

Восифӣ мегӯяд: рӯзе Муҳаммадамини Мирак, ки садри дарбори султон Муҳаммад буд ба бандихона омада гуфт, ки ҳазрати султон ба мусоҳабати шумо ифтихор менамоянд ва мегӯянд, ки: «Аз хулқи некӯи он кас умед карда мешавад, ки ҳар пагоҳ баъд аз таом дар ҳузури мо якчанд оят Қуръон хонанд, баъд аз он ҳикояҳо ва нуктаҳое гӯянд, ки панду насиҳатро дарбар гирифта, аз онҳо хурсандии хотир низ ба амал ояд» ва низ гуфтанд, ки чун тамоми ҳиммати мо дар пурсиши аҳволи додхоҳон ва мазлумон нигаронида шудааст, бояд дар вақти пурсиш ҳозир шаванд, то ки бо ёрмандии он шахс ҳукмҳо мувофиқи шариат бароянд».

---

* Шак нест, ки Абдураҳмони Ҷомӣ яке аз намоёнтарин намояндагони адабиёти тоҷик буда, ӯро шеърҳои хубе, ки дар салосат, балоғат ва фасоҳат назир надоранд, бисьёр аст. Ҷомиро шеърҳои «саҳли мумтанеъ» — шеърҳое, ки дар дидан содда, осонфаҳм ва равон, аммо монанди онҳо эҷод кардан душвор, ҳатто номумкин аст, кам нест. Бо ҳамаи ин, интихоб кардани Восифӣ даҳ порчаеро, ки бинои онҳо дар асоси лафзбозист ва мувофиқ афтодани интихоботи Қатилӣ ба чизҳои интихобкардаи Восифӣ ҳаминро нишон медиҳад, ки дар асри XVI хубии шеър иборат аз лафзбозӣ шуда будааст.

Восифӣ мегӯяд: чун вазифаи ман адои фармоишҳо буд, бо рағбати том он илтимосҳоро қабул намудам.

Фардои он рӯзе ки ин супориш ба фақир расида буд, ба ҳузур расидам. Аркони давлат ҳар як дар ҷои худ қарор гирифтанд. Хон ба фақир гуфт:

— Машҳур аст, ки дар боби фаросату адолат ва дар илму фазилат монанди Улуғбекмирзо подшоҳе бар сари тахт нанишастааст, агар аз хислат ва фазилати ӯ чизе зикр карда шавад, сабаби хурсандии аҳли маҷлис хоҳад шуд.

Аз рӯи итоат кардан ба амри олӣ маъруз дошта шуд ки рӯзе касе ба сӯҳбати Улуғбекмирзо ҳозир шуд, баъди ба ҷой овардани расми эҳтиром, гуфт ки: «Шоҳо! Бандаро мушкил ҳоле пеш омадааст, ки дар ҳалли он ақли ман, балки ақли ҳамаи хирадмандон ҳайрон мондааст. Он аҳвол ин аст, ки камина аз Ироқ меомадам ва бо ҳамроҳии корвони Хуросон ба тарафи Самарқанд раҳсипор шудам. Вақте, ки корвон бар лаби Ҷайҳун фуруд омад, ман ба гӯшае рафта либосҳои худро аз тан кашидам. Бо худ лаълпорае доштам, ки вайро ба чарме дӯхта ба бозуи худ овехта будам. Он чармро низ аз бозу кушода ба болои пироҳан ниҳодам ва барои шустушӯ дар об даромадам. Чун аз об баромадам, он лаълпораро дар ҷои ниҳодаам наёфтам. Ман яқин медонистам, ки ҳеҷ касе дар он ҷо набуд. Бинобар ин шарм доштам, ки он чизи гумшударо аз рафиқон бозхост намоям. Инак ҳол ҳамин аст!»

Мирзо ба он кас гуфт: — Туро дар ин кор як сол сабр лозим аст. Агар дар ин муддат он чиз ба дасти ту дарояд, чи хубу чи нағз. Вагарна қимати вайро ба ту хоҳам дод.

Он мард шукрона карду рафт. Баъд аз он подшоҳ девонро талаб карда фармуд, ки дар он сол чӣ қадар молиёт ва андоз додани ҳар як аҳолии қаламравро ном ба ном навишта диҳад. Девон мувофиқи фармон хизматро ба ҷо овард.

Мирзо он рӯйхатро аз назар гузаронида, бо худ нигоҳ дошт. Чун соли нав расид, боз девонро фармуд, ки ҳисоботи даромади султониро мисли порсола тайёр карда супорад.

Чун Улуғбек рӯйхатҳои дусоларо ба ҳам андоза карда аз назар гузаронид, дид ки марде дар Қарокӯл, соли гузашта панҷоҳ танга молиёт дода будааст ва ҳамон одам дар соли ҳозира барои молиёт панҷсад танга ба подшоҳӣ

супурдааст. Пас фармуд, ки ҳамон мардро ёфта оварда, дар хилват ба ҳузураш дароранд.

Мувофиқи фармоиш он касро оварданд. Подшоҳ ба он кас гуфт: «Дар молиётдиҳии ту дар байни ду сол тафовути калон аст. Аз ин маълум мешавад, ки ту дар ин сол аз мерос ва ё аз ягон роҳи дигар маблағи калоне ба даст даровардаӣ. Ростӣ пеш ор ва гӯй, ки он моли бузургро аз куҷо ёфтӣ?».

Он мард гуфт: «Банда бофандаам, ки дар Қарокӯл зиндагонӣ менамоям. Рӯзе дар пешаи худ машғул будам, ки аккае омада бар шохи дарахте дар рӯ ба рӯи ман нишаст ва дар минқори ӯ гӯштмонанд чизе буд. Он чиз аз минқори ӯ ҷудо шуда бар замин афтид. Гирифта дидам, ки чармпорае будааст, ба шакли тӯмор дӯхта шудааст. Вайро кушодам ва дидам, ки лаълпораест монанди офтоб дурахшон. Онро аз бахшишҳои илоҳӣ дониста, фавран ба Самарқанд овардам ва ба ҷавҳаршиносе нишон додам. Бо дидани он санг ранги рухсори ҷавҳаршинос аз хурсандӣ монанди он лаъл дурахшид ва пурсид: «Инро аз куҷо ёфта овардӣ?». Ман аз аҳволи ӯ фаҳмидам, ки он чизи пурқимат будааст ва гуфтам: «Аз куҷо овардани маро пурсуков кардан ба ту чӣ даркорӣ дорад? Агар харидорӣ, нархашро муайян кун ва бигир! Вагарна колои маро пас деҳ!». Ӯ гуфт: «Ба чанд мефурӯшӣ?» Гуфтам: «Ду ҳазор тангаи хонӣ! Баъд аз талоши бисьёр кардан дар савдо, охир ба якҳазору панҷсад тангаи хонӣ фурӯхтам ва пулашро гирифта бозор рафтам, як ғулом, як канизак ва дигар чизҳои нафис харидам ва асперо бо зину лаҷомаш гирифта он чизҳоро ба Қарокӯл бурдам ва асбоби зиндагонии худро монанди тавонгарон дуруст кардам. Ҳамсоягон чун аз бечизӣ халос шуда, соҳиби молу ашьё гардидани маро диданд, аз ман пурсиданд: «Ин ҳама сарватро аз куҷо ёфтӣ?». Гуфтам: «Маро дар Самарқанд хеше давлатманд буд, ӯ фавтида ва ин молу ашьё ба тариқаи мерос ба ман расид».

Восифӣ мегӯяд: Улуғбекмирзо фармуд, ки он ҷавҳаршиносро ҳозир карданд. Ӯ иқрор шуд ва он лаълпораро аз ҷои пинҳонкардааш бароварда, оварда нишон дод. Подшоҳ онро гирифта ба соҳиби аслиаш супурд ва ҷавҳаршиносро бинобар ин ки он лаълро аз нархи арзишаш бисьёр кам баҳо карда буд, ба ноинсофиаш ҳукм намуда, сарзаниш кард.

* * *

Восифӣ мегӯяд: дар ҳузури султон Муҳаммад, баъд аз нақли ҳикояи лаълпора, боз воқеаи зеринро дар бораи Улуғбекмирзо маъруз доштам: рӯзе шахсе ба назди Улуғбекмирзо омада гуфт, ки: «Шоҳо, бандаро маблағи ҳазор тилло буд, ки дар ҳамьёне андохта даҳонашро муммӯҳр карда, ба шахсе амонат супурда будам. Баъд аз чанд рӯз омада он ҳамьёнро талаб намуда, гирифтам ва кушода дидам, ки сад тилло барҳам хӯрда, нӯҳсад тилло мондааст ва камомадро аз он шахси амонатнигоҳдор талаб кардам. Ӯ гуфт: — Дидӣ ки мӯҳрмуми ҳамьён дар ҷояш буд ва дар вай ягон чок ҳам нест. Пас ман сад тиллоро чӣ гуна аз ҳамьён мегирифтам? Ту худ фаромӯш кардӣ, дар сурате ки нӯҳсад ашрафӣ (тилло) дар ҳамьён андохта бошӣ, ҳазор пиндоштӣ!.

Соҳиби ҳамьён ба Улуғбекмирзо гуфт: «Ҷаҳонпаноҳо! Ман бешакку шубҳа яқин медонам, ки дар ҳамьён ҳазор ашрафӣ буд. Аммо аз он ҷо, ки дар ҳамьён дигаргуние воқеъ нашудааст ва шоҳид ҳам надорам, ба чӣ роҳ ба гардани ӯ собит кардани сад тиллоро намедонам. Аз шумо илтимос дорам, ки мушкили маро осон кунед!».

Улуғбек ба ӯ гуфт: «Баъд аз се рӯз ин ҷо ҳозир шав, ҳоҷатат хоҳад баромад!».

Он мард дуо карда рафт. Улуғбекро гирдболише буд аз атласи хитоии ҳафтранг, ки шабҳо ба он болиш такья карда, мутолиа менамуд. Саҳарии он шаб, ки соҳиби ҳамьён арз карда буд, аз хоб бархоста гирдболишро қадаре чок кард ва худ берун рафт.

Баъд аз баромадани Улуғбек канизаки хизматгор даромад, ки ҷогоҳро ғундорад ва дид, ки гӯшаи болиши хосса чок шудааст, бисьёр тарсид ва гумон кард, ки барои ин ӯро ҷазо хоҳад дод. Қанизак ин ҳолро ба шавҳари худ хабар дода аз вай чораҷӯӣ кард.

Шавҳари канизак ба ӯ гуфт: «Ғам махӯр, ки ман инро дарҳол илоҷ мекунам». Он мардро дӯсте буд руфӯгар*, ки ғайр аз даридагии пардаи зиндагӣ, ҳар чокеро чунон руфӯ мекард, ки ҳаргиз дарзаш маълум намешуд. Шавҳари канизак он болишро пеши дӯсти руфӯгари худ бурда руфӯ кунонид, ки ҳаргиз ҷои чок маълум намешуд.

---

* *Руфӯ* — ислоҳ ва дуруст кардани чоки ягон бофта, бе он ки аз он чок асаре монад. Ин кор ҳунари махсус аст, ки маҳорати зиёдтар талаб мекунад. Руфӯгар соҳиби ҳамин пеша аст.

Канизак хурсанд шуда он болишро монанди харшаба ба такьягохи Улуғбекмирзо гузошт. Мирзо чун дид дар болиш асари чок хеч намондааст, ба канизак гуфт:

— Сахари гузашта баногох нохунам ба гирдболиш расида кадаре чок шуда буд. Чӣ тадбир кардӣ, ки ин ба холати аслиаш омадааст?

Канизак чӣ гуна дуруст карда шудани он гирдболишро хикоя кард. Улуғбек фармуд, ки он руфӯгарро ба наздаш хозир карданд. Мирзо ба руфӯгар гуфт:

— «Ростӣ — растӣ!» гуфтаанд. Агар рост гӯй аз хар гуна чазо ва бозхост эмин хохӣ шуд. Рост гӯй, ки дар хамин рӯзхо ягон кас хамьёни пурашрафиро ба пеши ту оварда руфӯ кунонда буд?

Руфӯгар гуфт: — Чанд рӯз шуд, ки касе хамьёни пурашрафиеро оварда, дар пеши ман як тарафашро чок зад ва аз вай сад тилло бароварда гирифт, дах ашрафӣ аз он маблағ ба ман дод ва аз ман руфӯ кардани он чокро хохиш кард. Ман монанди аввалааш руфӯ карда додам ва ӯ хамьёнро гирифта бурд. Дар ин бора дигар чизеро намедонам.

Улуғбек он шахсро талаб намуда оварл, бо гувохӣ додани руфӯгар он шахс ба хиёнати худ икрор кард. Улуғбек он маблағро аз вай ситонда, ба сохибаш дод. Хак ба чояш карор гирифт.

* * *

Восифӣ мегӯяд: рӯзе шахсе пеши Улуғбекмирзо омада гуфт:

— Банда ба сафари Рум тайёрӣ медидам. Маро панч хазор тилло аз хочат берун буд. Хостам он маблағро ба сохибдиёнате супорам ва дар бозгашти сафар аз вай талаб намуда гирам. Харчанд фикр кардам, ғайр аз козии замонамон, дигар каси сохибдиёнате ба хотирам наёмад ва он маблағро дар офтобае андохта, пеши козӣ бурда, ба ӯ амонат супурдам. Чун аз сафар бозгашт омада, аз козӣ он амонатро талаб кардам, гуфт: «Ту магар девона шудай, ки ба ман тӯхмат мекунӣ? Ман туро харгиз надидаам ва намешиносам. Баъд аз ин ба пеши ман омада ин гуна харфхо занӣ, мефармоям, ки зада дандонхои туро мешикананд ва забони тӯхматгаратро аз кафои сарат мебароранд».

Баъд аз гуфтани ин вокеа, он кас аз Улуғбек пур-

сид: — Намедонам, ки акнун ман чӣ чора кунам? Шумо ба ман роҳ нишон диҳед!

Мирзо ба ӯ гуфт: — Фардо ман ба хонаи қозӣ меравам. Дар вақти аз он ҷо баромада ба асп савор шуда истоданам, ту ин воқеаро ба ман арз кун!

Он шахс рафт. Улуғбек қозиро талаб карда, пеши худ оварда ба ӯ гуфт:

— Маро нақдина ва ҷавоҳир чунон бисьёр ҷамъ шуда, ки дар хазина намеғунҷад. Ба хотирам расид, ки ин хазинаро дар ҷое гузорам, ки касе надонад, то ки баъд аз сари ман фарзандонам он молро гирифта ба ҳоҷати худ сарф намоянд. Агар дар хазина бошад, дар рӯзи вафотам албатта тороҷ ва талаф хоҳад шуд. Аммо дар ин бора ба касе эътимод надорам ва ҳар кас бошад баъд аз сари ман мункир хоҳад шуд. Маро ба хотир расид, ки ғайр аз шумо каси росткоре дар ин шаҳр нест. Шумо, ки ҷонишини пайғамбаред, дар диёнат ва амонат ҳеҷ кас ба шумо баробар намеоянд. Муқаррар намудам, ки он молу ашьёро дар хонаи шумо амонат гузорам, то ки баъд аз сари ман ба эҳтиёҷи авлодам ба кор равад. Ин розро танҳо шумо донеду ман. Дигар касе хабардор нашавад.

Қозӣ бо шунидани ин суханон қариб буд, ки аз худ равад ва шодимарг шавад. Аммо бо зӯрӣ худдорӣ кард ва ангушт ба чашм гузошта, ин илтимосро қабул намуд.

Улуғбек ба ӯ гуфт: — Ман фардо ба хонаи шумо хоҳам рафт. Ҳар ду бо маслиҳат барои хазина ҷоеро муқаррар намоем ва баъд аз он молҳоро ба тарзи пинҳонӣ бурда дар он ҷо гузорем.

Фардои он рӯз Улуғбек ба хонаи қозӣ рафт ва ҳар тарафи ҳавлии қозиро бо диққат аз назар гузаронид, барои хазинагузорӣ ҷоеро муайян намуд.

Вақте ки Улуғбек аз хонаи қозӣ баромада ба асп савор шуд, он одам пеш омада бар хок бо ду зону нишаст ва ба Улуғбек арз кард:

— Ҷаҳонпаноҳо! Ман дар хонаи қозӣ амонате гузошта будам...

Қозиро бо дидани он мард ва шунидани ин сухан саросемагӣ рӯй дод ва дар дили худ гуфт: «Агар инкор кунам, Улуғбек дар ҳаққи ман ба шубҳа меафтад ва мумкин аст, ки дилаш аз ман рамида, он хазинаро дар хонаи ман нагузорад. Беҳтар он аст, ки иқрор шавам».

Қозӣ ба ҳамин мулоҳиза ба он шахс гуфт: — Ту магар девона шудаӣ? Ин матлабро ба подшоҳ арз кардан чӣ

лозим аст? Ту кай омада амонати худро талаб кардӣ, ки ман надодам?

Баъд аз он қозӣ ба ғуломи худ гуфт: — Рав, дар фалон ҷо офтобаи сарбастае ҳаст, биёр!

Ғулом офтобаи пурашрафиро овард ва қозӣ вайро дар ҳамон ҷо дар пеши подшоҳ ба соҳибаш супурда «росткории худро исбот кард».

* * *

Восифӣ мегӯяд: чун ин ҳикоят ба арз расид, султон ва дарбориёни ӯ ба Улуғбекмирзо ба ҷиҳати адолат ва фаросаташ офарин хонданд. Султон Муҳаммад гуфт, ки: боз аз он ҷаноб ҳикояте нақл кунед!

Арз карда шуд: рӯзе шахсе ба назди Улуғбекмирзо омад ва гуфт:

— Подшоҳо! Банда аз Самарқанд ба Бухоро мерафтам, дар пеши худ ҳамьёне доштам, ки дар вай як ҳазор танга буд. Чун аз шаҳр ду фарсах (16 километр) дур шудам, барои дамгирӣ ва таомхӯрӣ бар лаби обе дар сояи дарахте нишастам. Дар вақте, ки таом мехӯрдам, маро ёре буд, ки аз тарафи саҳро расида омад, ки ба шаҳр мерафт. Ман ӯро таклиф намудам, ки лаҳзае нишаста бо ман таом хӯрад. Ӯ қабул карда нишаст. Таомро бо ҳам хӯрдем. Ман фикр кардам, ки бо худ бурдани он ҳамьён маслиҳат нест. Бинобар ин, он ҳамьёнро ба дӯсти худ супурдам, ки ба шаҳр бурда ба хонаи ман диҳад. Чун аз сафар баргашта омадам, донистам, ки ӯ он маблағро ба хонаи ман насупурдааст. Чун пеши вай рафта маблағи худро талаб кардам, ӯ гуфт: «На туро дидаам ва на он дарахтро. Ту магар девона шудай».

Улуғбек он мардро талаб карда овард ва ҳар ду дар пеши подшоҳ мурофаа карданд. Он мард дар ҷавоб боз гуфт, ки: «Ман на он дарахтро дидаам ва на ин одамро».

Улуғбек ба муддаӣ фармуд, ки рафта аз ҳамон дарахт ду-се барг канда орад, то ки ба воситаи он баргҳо воқеаро таҳқиқ кунад ва баъд аз рафтани ӯ ба дӯсти вай ҳикояте сар кард ва дар вақти гармии ҳикоят аз ӯ пурсид:

— Оё муддаӣ ба пеши он дарахт расида бошад?

Он шахс дар ғафлат монда гуфт: — Он дарахт аз шаҳр хеле дур аст, бояд ҳанӯз нарасида бошад.

Улуғбек хандид ва ба ӯ гуфт: — Ту нагуфта будӣ ки «Ман на он касро дидаам ва на он дарахтро»? — Пас чӣ

гуна донистӣ, ки он шахс ҳанӯз ба он ҷо нарасидааст? Ту харзагӯӣ макун, ростӣ пеш ор ва амонатро ба соҳибаш супор!

Он мард ба иқрор кардан маҷбур шуд ва ҳақро ба соҳиби ҳақ супурд.

* * *

Восифӣ ёддошти худро дар бораи Мир Алишер, Биноӣ ва онхое, ки ба Мир Алишер дахл доштанд ва инчунин дар бораи паҳлавон Абӯсаид ва дигар ёддоштҳои худро, ки дар Хуросон дида ва шунидааст, аз вараки 163 сар карда то вараки 238 дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ба тарзе, ки дар сӯҳбати Келдимуҳаммадсултон ҳикоя кардааст, менависад. Аммо аз он ҷо, ки мо порчаҳои муҳимми ин ёддоштҳои муаллифро дар қисми аввал нақл кардаем, албатта дар ин ҷо такрор нахоҳем кард ва дар ин қисм он чизҳоро нақл мекунем, ки дар қисми аввал дохил нашуда ва аҳамияти таърихӣ ё адабӣ дошта бошанд.

Восифӣ дар ин ҷо ба тартибе ки ба Келдимуҳаммадсултон ҳикоя кардааст, дар бораи Абӯалӣ ибни Сино 96 саҳифа навиштааст. Азбаски бештарини он чизҳо афсона ва дар як қисми онҳо хатои таърихӣ буд, нақли онҳо лозим дида нашуд (ҳикояти зани оҳангаронӣ ҳам партофта шуд)[39].

## ҲИКОЯТИ МАЙМУНИ ОШПАЗ

Восифӣ мегӯяд: Мирзоабӯюсуф ном ҷавони зебоеро, ки дӯсти ман буд, бемории диққи нафас ориз шуд. Табибон ҳарчанд ӯро муолиҷа карданд, фоидае набахшид. Охир ӯ чунон лоғар, наҳиф, заиф ва заҳир шуда хушкид, ки одам аз симояш меҳаросид.

Маро тоқате намонд, ки ӯро бад-он ҳол бинам. Ночор аз Ҳирот сафар ихтиёр карда, як сол ба ҳар тараф гардидам.

Баъд аз ба Ҳирот баргашта омаданам, рӯзе ба бозор баромадам ва ҷавонеро дидам, ки ба чашмам гарм ва шиносо менамояд, аммо дар куҷо диданам ӯро ба хотирам нарасид.

— Чун чашми ӯ ба ман афтод, маро шинохта салом дод ва пурсид:

— Эй фалонӣ! Куҷо будӣ, кай омадӣ ва чаро маро суроғ намекунӣ?

Аз овозаш шинохтам, ки Мирзоюсуф аст. Худоро шукрҳо гуфтам, ки ӯ саломатӣ ёфтааст ва ҳамроҳи ӯ шуда ба хонааш рафтем.

Ман аз вай кайфияти аҳволаш ва чӣ гуна саломатӣ ёфтанашро пурсидам.

Ӯ гуфт: — Чун ҳаман табибон аз саломатӣ ёфтани ман умедашонро канданд, аз табибони ҳозиқ Мавлоно Иззуддин ва Мавлоно Алоуддини табиб маро фармуданд, ки ҳамеша дар сайронгоҳҳо бошам, дар канори обҳои равон, дар боғҳо ва бӯстонҳо умр гузаронам ва дар сояи дарахтони бед ба шӯхиву бозӣ ва ба айшу тараб машғул бошам ва аз коре ва ҷое, ки сабаби андӯҳгинӣ мешуда бошад, худро боздорам.

Аммо ман қуввати ҳаракат надоштам, ночор барои амал намудан ба тавсияи онҳо тахти равоне омода кардам. Ман бар рӯи вай мехобидам ва ду ғулом он тахти равонро бардошта, маро ба сайри боғот мебурданд.

Рӯзе ба одати муқаррарӣ маро ба боғи Ахии заргар, ки беҳтарини боғоти Ҳирот буд, burданд. Чун обуҳавои он боғ маро хуш омад, он ҷо монданро хоҳиш намудам. Яке аз ғуломон барои кори хона рафту дигаре барои парасторӣ дар пеши ман монд.

Чун соате истироҳат кардам маро майли таом шуд. Ғуломро фармудам, ки мурғеро кушта тоза карда бирьён кунад. Ғулом мувофиқи фармуда ба ошпазӣ машғул шуд.

Дар ин миён маро шавқи китобхонӣ дар дил пайдо шуд. Ман ҳамеша дар вақти хоҳиши табъ «Шабистони хаёл»-ро, ки таълифи Мавлоно Яҳъё буд, мутолаа мекардам. Имрӯз он китоб дар хона монда буд. Ғуломро фармудам, ки хона рафта он китобро биёрад.

Ғулом мурғро дар равған бирьён карда, дегро бо сарпӯш пӯшонид ва дар оташдон хезумеро ниҳода худ ба хона рафт.

Баъд аз лаҳзае боғбони он боғ омад, ки бо вай маймуне ҳамроҳ буд. Он маймун фармоишҳои боғбонро тамоман мефаҳмид ва ба амал меовард. Маро аз ҳаракатҳои он маймун дар дил нишот ва суруре пайдо шуд.

Боғбон ҳаваси маро ба кори он маймун дида дар бораи вай гуфт: «Шабҳо дар дасти ин маймун шамъ медиҳам, ӯ медорад ва ман ба равшании вай корҳои худро ан-

ҷом медиҳам ва агар фармоям, дар оташдон оташ дармегиронад ва ҳар чӣ талаб намоям ҳозир мекунад».

Гуфтам: — Чӣ мешавад, ки фармоӣ то омадани ғулом дар оташдони мо ҳезум ниҳода истад.

Боғбон ба маймун ин корро фармуда, худ паи кори худ рафт ва маймун ба оташмонӣ машғул шуд. Дар ин миён ман дидам, ки маймун замон-замон ба тарафи ман менигарад. Ман пай бурдам, ки ӯ мехоҳад коре пинҳонӣ кунад ва мунтазир аст, ки ман ғофил шавам. Бинобар ин ман худро ба хоб андохтам ва чунон нишон додам, ки маро хоби сахте бурдааст.

Маймун ҷазм кард, ки ман дар хоб шудаам, сари дегчаро кушод ва боз барои эҳтиёт ба тарафи ман чашм андохт ва дид, ки ман «ҳақиқатан хобидаам», даст дар дегча зада мурғро бароварда бар рӯи табақ ниҳод ва мунтазири сард шудани ӯ гардид, то ки бихӯрад.

Дар ин миён ғалевоже[1] аз ҳаво расида мурғи бирьёнро аз табақ бардошт ва ба сӯи ҳаво парвоз карда бар болои он гирду пеш гардиш намуд. Маймун, ба ҳар тарафе, ки ғалевож мерафт чашмашро аз вай наканда ба он тараф медавид. Охир ғалевож аз назар ғоиб шуд ва маймун монанди мотамзадагон дар гӯшае нишаст ва дасташро дар миёни абрувони худ ниҳода фикр мекард, гоҳо аз ҷо ҷаста ба ҳаво нигоҳ мекард ва гоҳо дар атрофи оташдон навмедона гардиш менамуд.

Баъд аз замоне боз ҳамон ғалевож бо ғалевожи дигар дар ҳаво падидор гашт. Бо дидани онҳо дар ваҷоҳати маймун аломати шодмонӣ пайдо шуд. Вай ба ҳар тараф ҳаракат карда, буттаи гули ҳамешабаҳорро ёфт ва дар зери он бутта худро гирифта пинҳон шуд ва қисми сурхи бадани худро берун гузошт.

Ғалевож аз рӯи ҳаво ҷои маймуни пинҳоншударо дид, ки чизе сурх менамояд ва он чизро гӯшт гумон карда худро ба болои он чиз партофт, то даррабояд. Чун ғалевож ба замин наздик шуда, ба он «чизи сурх» чанг зад, маймуни чобук бо як ҷастан аз гардани ғалевож гирифт ва сари вайро канда ҳаво дода пар канда тоза карда оварда ба дег андохт ва дар оташдон ҳезум монда гирифт.

---

[1] *Ғалевож* — заған аст, ки вайро дар забони зиндаи Хуросон «гӯштрабо» меномилд. Он парранда ҳамеша ба ҷустуҷӯи гӯшт мегардад. Агар дар ҷое ягон латтаи сурхро бинад ҳам, гӯшт гумон карда мебардорад (ин ғайри зоғ).

Мирзоабӯюсуф мегӯяд: — Маро аз дидани он ҳол чунон нишот ва шодмонӣ даст дод, ки тарсидам мабодо шодимарг шавам ва худро аз ханда ба зӯр нигоҳ медоштам. Ғуломи ошпаз омад ва маро дар ҳолати шодмонӣ дида тааҷҷуб кард ва аҳвол пурсид.

Чун ба ӯ кори маймунро ҳикоя кардам, ӯ низ аз ман камтар шодмон нашуд.

Хулоса, баъд аз он воқеа ҳолати худро бисёр сабук ёфтам ва асари бемориро дар худ ҳис намекардам. Чун боғбон омад, он маймунро аз вай харидам ва ба хонаи худ овардам... Дар он сол ин маймун ягона дастёр ва ҳамсӯҳбати ман буд. Ман ҳам ӯро хуб тарбия ва парасторӣ мекардам [40]. Хулоса, он маймун сабаби шодмонӣ ва нишоти ман шуда, дар натиҷа боиси саломатӣ ёфтани ман гардид.

## МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИН ЮСУФИ НАҚҚОШ ВА ЛАВҲАИ ҶАВОНИ БАБРШИКОР

Восифӣ мегӯяд: рӯзи шанбеи ҳафдаҳуми моҳи шаввол (рақами сол хато буд, нақл нашуд) султон Муҳаммадбаҳодур (Келдимуҳаммадсултон) дар даруни хиргоҳ бар сарири шаҳриёрӣ такья зада нишаста буд ва аркони давлат ҳар яке дар ҷои худ қарор гирифта буданд. Дар ҳамин вақт Мавлоно Ҷалолуддин Юсуфи наққош, ки дар санъати тасвир маҳорати тамом дошт, омад. Дар дасти ӯ саҳифаи расме буд, ки дар вай сурати шаҳриёри найзадори бабршикоре кашида шуда буд. Ҷавони найзадор сари найзаи худро бар пешонии бабр ниҳода буд, аспаш аз ҳайбати ҳамон бабр рамида меистод. Он ҷавони шершикор дар саҳифаи расм бар болои асп чунон меистод, ки на танҳо дар ваҷоҳати ӯ аломати хавфу бим дида намешуд, балки кас дар симои вай чунон осори шуҷоат ва далерӣ медид, ки ба ғолиб омаданаш ба бабр боварӣ ҳосил мекард.

Хулоса, он расм чунон табиӣ баромада буд, ки бинанда дар он лавҳа як ҷавони паҳлавони нотарси ба бабр ғалабакардаистодаро, бабри зиндаи дар ғазабомадаи бо он ҷавон бар болои ҳаёту мамот мубориза кунандаро ва аспи хушсимоқ ҷобуки давандаро, ки бо хоҳиши табиат аз бабр дар рамидан бошад, тамоман дар ҳаракат ва ҷавлон медид.

Мавлоно Юсуф ҳамин лавҳаро ба хидмати султон ҳадья намуд. Султон бо дидани ин расм чунон хурсанд шуд, ки мавлонoро бо бахшиши таҳсин ва нисори офарин сарафроз кард.

### СУРАТИ ХАНДАОВАРИ ҚОЗИИ ҶОДАК ВА РИШКАЛОНИ ЗАНҶАБИЛФУРӮШ

Восифӣ мегӯяд: дар моҳи муҳаррами соли 929 ҳиҷрӣ (1528) Мавлоно Юсуфи наққош ба ҳузури хон як сурати хандаоваре фиристод. Ин сурати қозии Ҷодак буд, ки дар ришкалонӣ монанд надошт.

Наққоши санъаткор он расмро чунон кашида буд, ки қомати баланди солхӯрдаи нахиф ва лоғари қозӣ монанди ходаи дарози хушкида рост меистод ва сару риши ӯ бар болои он қомат чунон менамуд, ки гӯё сари дарахти пуршохубаргро аз гарданааш бурида, бар сари он хода ниходa бошанд ва сару рӯи ӯ дар байни он риш монанди канае менамуд, ки дар зери хирмани пашм афтода бошад[41]...

Ба ин муносибат фақирро воқеае ба хотир расид, ки ба хизмати хон арз намудам: дар Ҳирот дар замони султон Ҳусайнмирзо марди ришкалоне буд, ки бар рӯи саҳни мадрасаи Гавҳаршодбегим нишаста, занҷабил мефурӯхт. Агар ба риши ӯ бод мевазид, аз вай якчанд риш, ки дар калонӣ монанди риши қозии Ҷодак бошад, ҷудо мешуд.

Шоирони Ҳирот дар тасвири риши ӯ бо обуранги гуногун шеърҳо гуфта буданд ва рассомон он ришро монанди пари товус бо рангҳои гуногунтоб бар саҳифаи коғаз кашида, ба пеши назари тамошодӯстон ҷилва медоданд.

Занҷабилфурӯш аз занҷабил зиёдтар, ба мардум тамошои риши худро мефурӯхт ва харидорони худро бо тору ҳалқаҳои дарози он дом шикор мекард. Дар пеши ӯ анбӯҳи тамошобинон ҳеҷ кам намешуд ва албатта ҳар як аз онҳо то чизе намехариданд, аз сояи он риш дур намешуданд.

---

* Аз ин ҳуҷҷат чунин маълум мешавад, ки дар асри XV—XVI санъати рассомӣ чи қадар, ки дар Хуросон тараққӣ ёфта бошад, дар Мовароуннаҳр низ ба ҳамон дараҷа пеш рафтааст. Он рассомон чунон ки расмҳои ҷиддӣ ва манзараҳои назаррабо мекашидаанд, инчунин расмҳои ҳаҷвӣ ва лавҳаҳои хандаовар ҳам эҷод мекардаанд. Бо вуҷуди шиддати таассуби динӣ ва ҳокимияти уламои мутаассиб ривоҷ ёфтани санъати рассомӣ, санъатдӯстии мардуми он замонро нишон медиҳад.

Ӯро писараке буд бағоят хушовоз ва нағмапардоз, вай он шеърҳоеро, ки шоирон дар таърифи риши падараш гуфта буданд, омӯхта буд ва дар рӯ ба рӯи падар нишаста он шеърҳоро бо овози хуш ва дилкаш хонда, бозори «ришфурӯши»-ро гармтар ва часпонтар мекард. Як байте ки аз он абьёт дар хотирам мондааст, ин аст:

Аз он ба кандани ришат бувад далерии мо!
Ки ҳаст риши ту доми кулоғгирии[1] мо!

## ҲИКОЯТИ РИШДАРОЗИ АҲМАҚ

Восифӣ мегӯяд: аз Хоҷансмоили ҳисорӣ нақл мекунанд, ки ӯ дар баландии қомат ва дарозии риш дар олам алам буд ва риши дарози ӯ бар сари қомати баландаш монанди думи қутосе менамуд, ки бар сари дастаи байрақ баста бошанд.

Ӯ шабе китоберо мутолаа мекард, дар як ҷои он китоб баромад, ки «риши дароз ва қомати баланд аломати аҳмақӣ аст». Ӯ худ ба худ аз аломати аҳмақии худ дар хиҷолат афтод ва дар дили худ гуфт: «Риши дарозам бо қомати баландам, дар назари мардум ба аҳмақии ман гувоҳӣ медиҳанд. Ҳарчанд қоматро кӯтоҳ карда наметавонам, метавонам, ки қисме аз ришамро нест кунам, то ки як шоҳиди содиқи аҳмақиам барҳам хӯрад. Дар он сурат бо як шариат чизе собит намешавад».

Хоҷансмоил бо ин мулоҳиза хост, ки нимаи риши худро бурида нест кунад. Аммо ҳар чанд ҷустуҷӯ кард дар хона теғе ё қайчие наёфт. Лекин ӯ мехост, ки ҳар чӣ зудтар худро аз ин гувоҳи аҳмақии худ халос кунад. Ночор аз бехи риши худ як қабзаро, ки барои зеби ҷамол нигоҳ доштан мехост, бо мушти худ маҳкам дошт ва зиёдатии як қабзаро, ки нест кардани вайро лозим медонист, ба болои шуълаи шамъ овард, то ки вайро сӯхта аз дунё нест кунад.

Рише ки ҳамеша бо равған ва хушбӯйҳо тарбият ёфта буд, бо расидани оташ монанди ҳезуми саланг[2] якбора

[1] *Кулоғ* — зоғи даштӣ.

[2] Ҳезуми саланг як навъ гиёҳи биёбонист, ки дар регзорҳо бисёр мерӯяд ва дар вақти оташ додан зуд шуълавар шуда, фавран хокистар мешавад. Ширмолпазони Бухоро баъд аз пухтани ширмол як панҷа аз ҳамин ҳезумро дар даруни танӯр дармегиронданд, ки бар рӯи ширмол хол меафтод. Дар Бухоро одами зуд оташиншавандаро ҳам «ҳезуми саланг» мегӯянд.

даргирифт. Чун шуълаи оташ ба мушти дасти Хоча расид, ба сӯзиши вай тоб наёварда беихтиёр ришро сардода дастро аз оташ дур кашид. Оташ монанди он ки ба наистони хушкида расида бошад, дар як лаҳза дар бехи риш, ки равғанхӯрда шуда буд, давид ва дар як чашм пӯшида кушодан тамоми ришро бо мӯйлабу мижгону абрӯ сӯхта монанди мӯрчаи дар оташ партшуда гардонид.

Чун Хоча рӯи худро ба муқобили оина оварда дид, ӯ худ ба худ хандид ва дар дили худ гуфт: «Ин коре, ки ман кардам, аҳмақиамро ҳатто дар пеши худам ҳам исбот кард» ва дарҳол қаламро гирифта ва давотро пеш кашида, дар хошияи он китоб, дар баробари ҷумлаи «риши дароз ва қомати баланд аломати аҳмақӣ аст» ин суханҳоро қайд кард: «Мо озмудем ва таҷриба карда дидем, ки ин сухан ҳақ аст ва рост аст ва бояд ҳеҷ офаридае дар ин бора ба шакку шубҳа наафтад, вагарна монанди фақир ришу мӯйлабу абрӯю мижгонаш тамоман хоҳад сӯхт: Хоҷаисмоили ҳисорӣ».

## ГУФТОР ДАР ЗИКРИ ВАФОТИ СЕВУНҶХОҶАХОН ВА КӮЧИДАНИ ВОСИФӢ АЗ ШОҲРУХИЯ БА ТОШКАНД

Восифӣ дар зери ин сарлавҳа дар соли 931 ҳиҷрӣ (1525) дар моҳи шаввол вафот кардани Севунҷхоҷахонро ва дар ҷои ӯ бар тахти Тошканд нишастани писари бузургаш — Келдимуҳаммадсултонро ва инчунин дар ҷои бародари бузурги худ дар вилояти Шоҳрухия ҳоким шудани Наврӯз Аҳмадхонро ҳикоя мекунад. Дар ин зимн марсияҳояшро, ки дар вафоти хони мазкур гуфтааст ва инчунин табрикҳояш Келдимуҳаммадсултонро ба муносибати ҷонишини падар шуданаш батафсил қайд мекунад ва низ низоъҳои худашро бо Хоҷаалӣ бар болои навиштани китебаи санги мазори Севунҷхоҷахон ва қабул шудани иншои худашро менависад.

Аммо аз он ҷо, ки нақл кардани тафсили ин воқеаҳо он қадар аҳамият надошт, дар ин ҷо оварда нашуданд. Аз ҳамаи ин тафсилот ба мо ҳамин нукта маълум мегардад, ки Восифӣ дар соли 931 (1525) бо Келдимуҳаммадсултон аз Шоҳрухия ба Тошканд кӯчидааст ва вазифаи худро дар пеши тахти Тошканд давом додааст.

## VI

## ДАР БОРАИ СУБҲӢ, ҚОТИБӢ ВА БОБОСАВДОӢ

Восифӣ мегӯяд: дар таърихи 933 ҳиҷрӣ (1527) султон Муҳаммад аз айлоқи Шаҳри турк ба доруссалтанаи Тошканд рӯ оварда, ба мавзеи Шаробхона расид. Дар рикоби султон ҷамъе аз фозилон ва шоирон ҳамроҳ буданд.

Чунон, ки одат шуда буд, дар роҳ ҳам барои султон байтҳои рангин ва ҳикояҳои ширин зикр меёфт. Дар он миён фозиле ин байтро бархонд:

Буд дар даъвии абрӯят маҳи нав тезу тунд,
Дид чун хуршед рӯят, кард худро гирду ғунд.

Ҷамъе аз саворон, ки дар ҳар тарафи роҳ пароканда мерафтанд, ба назди он фозил гирд омада, он байтро боз хононданд.

Султон гуфт: — Ин байт аз они кӣ бошад, ки ҳамаи моро гирду ғун кард?

Фақир арз кардам, ки ин байт аз они Мавлоно Ӯбаҳӣ аст ва ин матлаъ ҳам аз ӯст:

Нисбати чашмат ба наргис кардаам, шармандаам,
Аз хиҷолат ҳамчу наргис сар ба пеш афгандаам.

Ва Мавлоно Ӯбаҳӣ ба ин ғазал савте дар мақоми чоргоҳ баста, ки бастакорони Хуросон таслим кардаанд.

Султон гуфт: — Шайх Ҷастар Мавлоно Субҳиро бисьёр таъриф карда мегуфт, ки монанди ӯ маҷлисоро ва надимшевае дар Хуросон нест. Инчунин, назар ба қавли ӯ, шуморо бо Мавлоно Субҳӣ алоқаи дӯстӣ ва хусусияти

тамом будааст. Агар аз ҳикоятҳои ӯ чизе гуфта оянд, муносиб менамояд.

Гуфтам: — Мавлоно Субҳӣ мефармуданд, ки маро дар сар савдои зиёрати Маккаи мукаррама афтод, то ки адои ҳаҷ намоям. Дар он рӯзҳо иттифоқо бо Мавлоно Ҳайётӣ ва Мавлоно Райҳонӣ мулоқот даст дод. Чун мақсади худро ба онҳо изҳор кардам, онҳоро низ ба ин сафар роғиб ёфтам.

Хулоса, мо ҳар се нафар бо камоли диндорӣ по аз сар сохта, ба роҳ даромадем. Баъд аз тайи масофати бисьёре ба шаҳри Шервон расидем ва шунидем, ки шоҳи Шервон бисьёр шеър ва латифадӯст буда, ғайр аз аҳли фазлу камол бо дигар кас сӯҳбат намедоштааст.

Мо ҳар се ба даргоҳи ӯ рафтем. Дарбоне пеш омада пурсид: — «Шумо чӣ касонед ва аз куҷо меоед?

Ман гуфтам: — Мо аз вилояти Хуросон меоем ва нияти сафари байтуллоҳ дорем ва авсофи ҳар як рафиқонро маълум кардам.

Дарбон дарун рафт ва баъд аз замоне боз омад ва ба ҳар як нигоҳе карда, аз байни мо Мавлоно Ҳайётиро, ки аз ҳамаи мо қавиҳайкалтар ва баландқоматтар буд, гирифта ба даруни қаср бурд. Чун муддате дароз нигарон шудем, ӯ баргашта наёмад. Ман китъае навишта бо яке аз пешхизматони дарбор ба шоҳ фиристодам ва он қитъа ин буд:

Мо се тан омадем бар дари шоҳ,
Ҳар якеро зи фазл пироя.
Чӣ сабаб буд, мо намедонем,
Он яке... гашту мо...

Шоҳ ин қитъаро хонда бисьёр хандидааст ва касеро фиристода, моро ба ҳузур талаб намуд. Чун ба маҷлиси ӯ даромадем, моро аз ҳад зиёд таъзим ва такрим кард. Дар он ҷо сӯҳбате кардем. Дар охири сӯҳбат ба ҳар кадоми мо садтангагӣ инъом фармуда гуфт: — Фирефтаи сӯҳбати пурмасаррати шумо шудам ба ҳадде, ки аз шумо дил канда наметавонам, чун шумо аз камоли диндорӣ озими хонаи худо мебошед ва сӯҳбати мо бештарин аз чизҳои ғайримашрӯъ холӣ нест, наметавонам шуморо якчанд рӯз дар пеши худ нигоҳ дорам?

Ман дар ҷавоби шоҳ ин рубоиро хондам:

Роҳест зи каъба то ба мақсад пайваст,
Аз ҷониби майхона раҳе дигар ҳаст.
Лекин раҳи майхона зи ободонист,
Роҳест, ки коса метавон дод ба даст.

Бо шунидани ин рубой шохро кайфияти аҷибе даст дод ва фармуд, ки асбоби айшу тараброро оростанд. Он шаб бо шоҳ сӯҳбати хубе гузаронидем. Пагоҳонӣ шоҳ ба ҳар кадомамон ҳазортангагӣ инъом карда, моро рухсат дод.

Чун аз қасри шоҳӣ баромадем, гузорамон ба дари шаробхонае афтод, ки мастон ғулғулаи мастонаро ба осмон мерасонанд. Мо гуфтем: — Чун моро тӯшаи кифоякунанда ҳаст, бояд аз ин роҳи ободонӣ ба мақсад расем ва ба он майхона даромада, саргарми маю маҳбуб шуда мондем.

Баъд аз чанд рӯз дидем, ки ҳар чӣ доштем, ҳамаро оби оташгун сӯхта бурдааст ва ҷомаву дасторамон ҳам ба бадали шароб дар гарави пири майфурӯш афтода. Мо наметавонистем, ки дигар дар он ҷо монем, чунки агар мехостем монем, албатта моро косадорони шаробхона бароварда пеш мекарданд ва инчунин наметавонистем, ки бо сару тани бараҳна ба кӯча бароем.

Мо дар чунин ҳолати ҳайронӣ ва саросемагӣ будем, ки дӯсте аз дари майхона гузашт ва моро ба он ҳоли хароб дида ба майхона даромад ва аҳвол пурсид. Воқеаро ба ӯ во намудем. Ӯ ҷавонмардӣ карда дастору ҷомаҳои моро аз гарав бароварда дод ва гуфт:

> Зи роҳи майкада ёрон инон бигардонед!
> Чаро ки Ҳофиз аз ин роҳ рафту муфлис шуд.

Чун аз он ҷо баромадем, ҳайрон будем, ки чӣ кунем, бе тӯша ва бо шиками гурусна куҷо рафта метавонистем. Фақир ба рафиқон гуфтам, ки маро чораи аҷибе ба хотир расид, агар ёрон қабул фармоянд, ба амал меорем. Гуфтанд: — Гӯй! Агар нофеъ бошад, албатта ба амал меорем.

Гуфтам: — Мавлоно Райҳонӣ бо ин лоғарӣ ва рангпаридагӣ ба мурдан наздик расидааст, агар дар ҷое ноҷунбида бихобад, бинанда ӯро мурда гумон мекунад. Маслиҳат ин аст, ки мо ӯро мурда месозем ва ба шоҳ хабар мефиристонем, ки ӯ мурдааст. Албатта ӯ барои такфин — гӯру кафани вай чизе медиҳад ва он маблағро кути лоямут карда, аз ин диёри пуршӯру шар сари худро берун мебарем.

Ба ёрон ин тадбири ман хуш омад ва харобаеро ёфта даромада, Райҳониро мурда сохта, дар он ҷо хобондем. Он баттол чунон худро мурда сохт, ки на танҳо рагу пояш, ҳатто нафасаш ҳам ҳаракат намекард. Чун ин тад-

бир мувофиқи тақдир баромад, ман дар остини худ пиёз гирифта фишурда, ба димоғам доштам, чашмонам монанди қадаҳи пурхун шуд, ба ҳамин ҳол гирьёну нолон ба дарбори подшоҳ рафтам ва арз кардам, ки баъди аз ҳузури олӣ баромадан рафиқи шафиқамон — Мавлоно Райҳонӣ бемор шуд. Дар ҷое манзил гузидем ва дар охир он марҳум умри худро ба шоҳаншоҳ бахшида, сафари охиратро пеш гирифт. Азбаски намакхӯрдаи дастурхони эҳсони олӣ будем, хабар додани ин ҳодисаи ногуворро ба зоти ҳумоюн аз ҷумлаи шукргузорӣ донистем.

Шоҳ «Ҳайф, сад ҳайф аз Мавлоно Райҳонӣ, ки чӣ ёри надими маҷлисорое буд» — гуфт ва садри худро фармуд, ки рафта ғарибнавозӣ карда, ба маросими дафни мавлонои марҳум иштирок намояд ва ба ман барои хароҷоти гӯру кафан ҳазор танга дод.

Чун садр ба мотамхонаи мо омад, ман ба ӯ гуфтам: — Мо вақте ки аз ватан ба нияти сафари муборак мебаромадем, дар байни худ аҳду паймон баста будем, ки агар ҳар як аз моро аҷал расад, дигарон ӯро шустушӯ карда кафан пӯшонанд. Шумо бар дари ин ғарибхона қадаре мунтазир шавед. Мо мурдаро шуста, ҷанозаро муҳайё мекунем.

Чун ба сари мурда даромадем, ман ба Райҳонӣ гуфтам: — О бадбахт, ту намурда, балки сакта шуда будӣ. Чун аз биниат қадаре хун ояд ту саломат ёфта, бармехезӣ. Ин гуфтаму кашидаву кушода муште ба бинияш задам, ки Райҳонӣ: — Вой мурдам, оҳистатар нобакор — гӯён аз ҷояш ҷаста бархост ва хун ҳам аз бинияш фаввора зада атрофро рангин кард.

Мо ғулғулаи шодиёнаро баланд карда гуфтем: — Мавлоно Райҳонӣ намурда, балки сакта шуда будаанд. Бо омадани хун аз биниашон сакта кушода шуда, аз чанголи аҷали бемаҳал раҳоӣ ёфтанд. Садр асптозон ба дарбор рафт, ки ин хабари хушро ба шоҳ расонад.

Шоҳ зинда гаштани баъд аз мурдани мавлоноро шунида тахти равони худро фиристода, ки Мавлоноро биёранд, то аз он ҷаноб аҳволи охиратро пурсам.

Мо Мавлоноро бар тахти равон хобонида, ба дарбор бурдем. Чун назари шоҳ ба Мавлоно Райҳонӣ афтод, аз вай пурсид: — О Райҳонӣ! Ту аз он дунъё меоӣ, аз падари фақир ҳеҷ хабар дорӣ?

Райҳонӣ гуфт: — Ҷаҳонпаноҳо, бубахшед, ки камина ба дӯзах нарасида аз роҳ баргаштам, бинобар ин аз аҳ-

воли падари марҳумашон хабар гирифта натавонистам.

Шоҳ хандон шуд ва ба мо лутфу эҳсони бисьёре кард ва илтимос намуд, ки то қувват ёфтани Мавлоно Райҳонии ниммурда дар суҳбати пурмасаррат монем. Мо қабул кардем ва баъд аз якчанд рӯзе, ки монанди гӯсфанди охурӣ фарбеҳ шуда, сазовори куштан гардида будем, аз шоҳ рухсат гирифта, ба роҳ баромадем ва то ба Шамохӣ расидан инъоми шоҳ ва маблағи гӯру кафани Мавлоно Райҳониро барбод дода, монанди мурдагони ба гӯррафта аз ҳама алоқаи дуньёӣ тамоман пок гардидем. Маро дигар тоқати сафари Ҳиҷоз намонд ва лозим ҳам надонистам. Чунки тӯшаи роҳ надоштем. Ҳаҷ дар он вақт фарз мешавад, ки одам харҷи роҳ дошта бошад. Аммо ин маъниро ба рафиқон изҳор кардан наметавонистам, ночор дам даркашида баҳона меҷустам.

«Ҷӯянда — ёбанда» гуфтаанд. Охир маро баҳонаи ҳақиқии тарки сафар ёфт шуд: шояд ба сабаби шиддати гуруснагӣ ва ғалабаи гармо бошад, маро таби сӯзандае пайдо шуд, ба дараҷае, ки қадам задан он сӯ истад, қуввати ба по истодан ҳам намонд.

Райҳонӣ дар беҳолӣ аз ман кам набуд. Ночор Хайётӣ маро ба пушти худ бардошта, аз он биёбони беобу алафи ҳавлнок ба манзил расонид. Чун дар он ҷо ба бистари ноумедиам хобонида, қадаре об ва оромам доданд, қуввати гуфтор пайдо карда ба рафиқон гуфтам: «Рафиқони азиз! Ман дар ин беморӣ ба шумо бори гарон шудам. Акнун шумо маро ба ҳоли худ гузоред ва зудтар равед, ки мавсими ҳаҷ нагузарад. Ман бошам дар ин ҷо мемонам, агар саломатӣ ёбам аз қафои шумо мерасам ва ба зиёрати каъба мушарраф мешавам ва агар не, ҷон ба ҷонофарин супурда, савдои сад ҳаҷро меёбам. Зеро ки «Агар касе ба тавофи қаъба ноил шавад, як савоби ҳаҷ ва агар дар роҳи Макка бимирад, сад савоби ҳаҷ меёбад» гуфтаанд.

Ин узри ман ба рафиқон маъқул афтод, ё не? Ман инро намедонистам, дар ҳар ҳол инро донистам, ки онҳо барои худро аз бори гарони ман халос намудан, баҳонаи маро ҳам ақлӣ ва ҳам шаръӣ шумурда ва дар дили худ дар ҳаққи ман барои ёфтани сад савоби ҳаҷ дуо карда, маро хайрбод намуда, ба роҳ баромаданд. Ман дар он ҷо се рӯз монда, бо садақаи роҳгузарон шиками худро сер карда, қадаре ба ҳол омада... рӯ ба роҳи Машҳад овар-

дам. Чунки бародарони шиаамон «Қасе ки ба Макка расад, савоби як ҳаҷ ва агар ба зиёрати Машҳади муқаддас мушарраф шавад, савоби сад ҳаҷ хоҳад ёфт» мегуфтанд ва ман ҳам он қадар аҳмақ набудам, ки савоби як ҳаҷро ба бадали сад ҳаҷ қабул кунам.

* * *

Мавлоно Субҳӣ мегӯяд: дар бадан ҳар чӣ қуввате, ки доштам сарф карда, бегоҳонӣ ба деҳае расидам, ки масҷиди олие дошт, дар вай даромадам ва бо ноороми дар гӯшаи нокомӣ хобидам. Вақти намози шом расид, мардум барои адои намоз ба масҷид гирд омаданд. Аммо маро қуввати он набуд, ки лоақал барои хотири мусулмонон таҳорат гирифта, дар ҷамоати муслимин иштирок намоям. Ночор ҷомаро бар сар кашидам, то ки ягон кас дар вақти намоз бо бенамозӣ дар масҷид хобиданамро дида, аз рӯи нафрат бар рӯям туф накунад.

Мардум намозро бо ҷамоат адо карда, яке аз паси дигаре аз масҷид баромада рафтанд. Қасе ки аз ҳама пастар аз масҷид мебаромад, ба тарафи ман нигоҳи андешамандонае кард, аммо мақсади худро изҳор нанамуда ӯ ҳам рафт.

Баъд аз замоне ғуломе ба масҷид даромада, пеши ман омад ва гуфт:

— Хоҷаи ман шуморо металабад ва «меҳмони ғариб ба хонаи мо ташриф фармоянд» мегӯяд.

Ман дар дили худ гуфтам: — Охир тамоми умр бо хорӣ наметавон зист, бояд тадбире кунам, ки ҳурмате ёбам. Чунки «иззати худро нигоҳ доштан шеваи мардумист» гуфтаанд ва бо ин андеша ба ғулом гуфтам: — Эй азиз! Ман меҳмони хонаи худоам, аҳмақ нестам, ки хонаи худоро гузошта, ба хонаи бандаи ӯ равам.

Ғулом бо гирифтани ин ҷавоби босавоб аз масҷид баромада рафт. Баъд аз соате ҳамон ғулом чароғе дар даст ба масҷид даромад ва чароғро ба пеши ман гузошт ва аз паси ӯ хоҷае, ки дар бар либосҳои фохир дошт, омад ва бо забони хушу лаҳҷаи дилкаш маро навозиш кард ва «Хуш омадед!» — гуфт. Ӯ маро чунон эҳтиром намуд, ки дар умри худ аз касе надида будам.

Баъд аз замоне ходиме дастурхонеро бо таомҳои алвон оварда ба пеши мо ниҳода рафт.

Хоҷа дастурхонро дар назди фақир густурд ва таомро пештари фақир гузошта, «Бисмиллоҳ, бифармоед, нӯши

ҷон намоед! Банда ин таомро аз ҳалолтарин моли худ барои шумо омода кардам. То ки бо таоми шубҳанок гулӯи поки ҳазратро нопок нанамоям».

Ман дар дил гуфтам: — «Эй Субҳӣ, тадбир сайдгир баромад. Дигар нозу истиғноро ба як сӯ гузошта, аз ин неъмати худо, ки ба воситаи он бандаи софдили худ ба ту фиристодааст, баҳра бигир!» ва панҷаи худро кул-лобвор дар дарьёи табақе ки дар вай моҳича буд фурӯ фиристодан гирифтам ва дасти гироям дар ҳар бор чандин моҳичаро дошта ба ҳавзи меъда аз обраҳаи ҳулкум мефиристод.

Дар аснои таомхӯрӣ ҷавони наврасе омада ба гӯши хоҷа чизе гуфт. Хоҷаро бо шунидани сухани он ҷавон осори шукуфтагӣ ва шодмонӣ дар ҷабҳа пайдо шуда «алҳамду лиллоҳ!» гӯён дастонамро бӯсид ва ба чашмони худ молида ба ман гуфт:

— Ин ҷавон писари ман аст ва маро писари дигаре ҳаст, ки аз ин хурдтар аст. Ӯ муддати дароз боз бемори бистарӣ буд. Имшаб чунон беҳол шуда буд, ки аз ҳаёташ умедро канда, чору ночор дил ба марги ӯ ниҳода будем. Ҳоло ин писар мужда овард, ки араки обӣ бар рӯи ӯ пайдо шуда, чашм кушодааст. Банда ин давлатро маҳз аз қудуми майманат (муборак) лузуми ҳазрати шумо медонам. Акнун бо фурӯтанӣ аз шумо илтимос менамоям, ки ба бандахона ташриф фармоед, то ки камтарини бандагон дар хизматашон шукри худовандиро ба ҷой орам.

Гуфтам:—Чун хулуси ният ва покии тинати шумо дар синаи бекинаи ин камина партав андохт, аз рафтан ба остонаи шарафошьёнаи шумо бо ҳеҷ баҳона худдорӣ нахоҳам кард.

Хулоса, бо он падару писар, ба хонаи он хоҷаи некӯсияр раҳсипор гардидам. Чун ба он ҷо расидам, меҳмонхонае дидам ороста ва аз ғубори ғаму андӯҳ пироста, бар рӯи тахтхоб бистари махмалу кимхоб густурда ва ҳар чӣ гарду ғубор аст аз он дару девор сутурда ва дар дили худ гуфтам: Эй Субҳӣ! Ин, неъмати беминнат аст, ки худованди карим бе ҳеҷ ибодат ва тоат ба ту марҳамат фармудааст. Акнун худо як марҳамате дигар кунад, ки бо баҳра бурдан аз ин давлат шукронаи ӯро ба ҷо орӣ. Чунки азизон фоида бурда тавонистан аз неъматро шукри неъмат гуфтаанд.

Хоҷа ҳаммоми хоссаи худро ба ман нишон дод, ки дар он ҷо тани худро шустушӯ кунам. Чун дар ҳаммом

гарду ғубори роҳро аз худ тамом дур кардам, хоҷа ба ин фақир як рахт либоси тоза инъом карда, сару бари маро монанди хоҷагон ороста ва баъд аз нӯшидани шарбати гуворо маро дар он тахти хоб ба истироҳат фармуд.

Пагоҳонӣ баъд аз намози бомдод, ки вайро холис барои нигоҳ доштани обрӯи порсоии худ адо карда будам, хоҷа бо таомҳои балаззати гуногун маро зиёфат намуд ва баъд аз таом писари худро ба пеши ман оварда ба ман гуфт:

— Маро дар ҷое кори ногузире буд, ки барои бемории писараки худ дар паи он кор рафта натавониста будам. Акнун, ки ба шарофати қадами шумо аз он андеша худо маро махлас дод, мехоҳам, ки рӯзе чанд аз паи он кор равам. Аз ҷаноби шумо илтимос он, ки то омадани фақир ин бандахонаро хонаи худ дониста, бо хотири ҷамъ истироҳат фармоед ва ин ғуломзодаатон (ба писари худ ишорат карда) хизматгори фармонбардори шумо хоҳад буд.

Баъд аз он хоҷа ба писари худ хитоб карда гуфт:

— Эй фарзанди дилбанд бояд хизмати дарвешонро ғанимат донӣ ва ризои хотири шарифашонро бо ҳеҷ роҳ фурӯгузор накунӣ! Чунки гуфтаанд:

Равзаи хулди барин сӯҳбати дарвешон аст,
Мояи мӯҳташамӣ хидмати дарвешон аст.

Чун он писари олигуҳар падари худро гусел кард, ба пеши фақир даромад ва пурсид:—Эй махдум! Иноят фармоед, ки шумо аз кадом табақаи дарвешон ва нисбати шумо аз кадом силсилаи эшон аст?

Дар вақте ки он ҷавон аз ман инҳоро мепурсид, ман дар чашмони ӯ рози даруниашро мехондам ва пай мебурдам, ки дар дили ӯ, бо тақозои ҷавонӣ, орзуи айшу комронӣ ҷӯш мезанад, ва ӯ дер боз дар дили худ мегузаронид, ки «агар сабабе пайдо шуда, падарам чанде аз хона дур шавад, аз назорат ва нигаҳбонии ӯ муваққатан ҳам бошад, раҳоӣ ёфта, кам ва дар муддати кӯтоҳ ҳам бошад, ин орзуи худро ба амал хоҳам овард» акнун бо марҳамати худо он фурсат расид. Лекин аз куҷо буд, ки ин зоҳиди хушк, монанди балои ногаҳонӣ ба сари ӯ омад ва падари ҳилагар ҳам ӯро ба сари писари худ посбон гузошт.

Ман ҳис мекардам, ки ҷавон дар ин андеша бошад ҳам, аз рӯи ночорӣ барои хотири падар, бо суханҳое, ки

ба дарвешон хуш меояд, хоҳам-нахоҳам ба ман хитоб мекард. Аммо дар дили худ бар ман лаънат мефиристод ва осори ғамгинӣ дар ҷабҳааш ҳувайдо буд.

Ман андеша кардам, ки дили мусулмононро, хусусан ҷавононро хурсанд кардан аз хислати одамони нек аст. Чӣ зарар дорад, ки ин ҷавонро шодмон кунам ва ба ин восита барои худ ҳам, ки чандин рӯз боз бо хумори ман хушгувор дар сарам озор пайдо шудааст, дари айши шодмонӣ кушоям ва ба ӯ рӯи ҳақиқии худро намоям. Ин кори ман ба сабаби тарки порсоии риёкорона карданам ба худо ҳам хуш хоҳад омад, ки гуфтаанд «Фисқ аз зуҳди риёӣ беҳтар»!

Ба ин мулоҳаза дар мақоми ҷавоб ба он ҷавон гуфтам:

— Эй ҷони азиз! Чӣ дарвеш, кадом силсила ва чӣ гуна машоих аст, ки ту аз ман мепурсӣ? Ман дар ҳақиқат як шоири беномози порсонгудози куштанбоб мебошам! Агар ту мувофиқи тавсияи падарат маро розӣ ва хушнуд кардан хоҳӣ, биёр ҳар чӣ ёбӣ аз асбоби айшу комьёбӣ!

Бо шунидани ин ҷавоб рӯи он ҷавон монанди гули садбарг дар айёми баҳорон гул-гул шукуфт ва «барои ризои падар ҳар чӣ хоҳед омода хоҳам кард гуфт ва дар ҳол ма нобро бо нуқлу кабоб муҳайё намуда, дари айшу шодмониро бар рӯи ман кушуд.

Чун соғари фараҳовар ду-се бор радду бадал шуда сӯҳбат ҷӯшид, ҷавон ҳам ба ҷӯшу хурӯш омада, ғазалҳои хуши тарабангезро бо овози дилкаши диловез суруда, шодмонӣ бар шодмонӣ афзуд. Ман, ки гурги борондидаи солхӯрда будам, тамоми қувваи маҷлисороии худро ба кор даровarda, бо шеърҳои ширин ва латифаҳои намакин дар роҳи хурсанд ва хушнуд кардани он мизбони меҳрубон, монанди меҳмонони қадршиноси қондадон ҳеҷ кӯтоҳӣ намекардам.

Алқисса, ин сӯҳбати мо субҳу шом, балки аладдавом ба як ҳафта кашид ва он хоҷаи баланддараҷа ҳам аз он сафар баргашта, ба хонааш расид.

Ҳарчанд ман аз он ишрати беминнат дил канда наметавонистам, баъд аз омадани хонахудо дар он ҷо мондaнро маслиҳат надидам, ки мабодо таштам аз бом афтода расвои оламиён шавам ва ноҷор аз он хоҷаи бузургвори некукирдор рухсат пурсидам.

Хоҷа ки бо хоҳиши дили пуриштиёқ ба фироқи ин

зарроқ[1] розӣ набуд, ба зӯр рухсат дод ва асбоби сафари маро муҳайё карда, ба ман харҷи роҳ ва як асп бо зину лаҷом инъом намуда, то аввалин манзили худ бурда маро гусел кард...

## НАДИМ ШУДАНИ МАВЛОНО СУБҲӢ БА АМИР ЗУННУНИ АРҒУН

Аз рӯи нақли Восифӣ Субҳӣ мегӯяд: ман вақте аз «сафари ҳаҷ» боз гашта ба Ҳирот омадам, ки амир Зуннуни Арғун аз ҷои ҳукумати худ — Систон ба дарбори подшоҳи худ — султон Ҳусайнмирзо ба Ҳирот омада буд. Ӯ яке аз амирони мӯътабари Ҳусайн Бойқаро буд. Ӯ худро валии соҳибкаромот мепиндошт, улуси чағатой ва мардуми Заминдовар ва Қандаҳор (Систон), ки ӯ дар он ҷо ҳоким буд, ба ӯ ихлосманд буданд ва ба валигиаш боварӣ доштанд.

Кароматн ӯ ин буд, ки ҳар гоҳ ду кас ба ҳам низоъ карда ба маҳкамаи вай оянд, ӯ табареро дар оташ сурх карда ба замин мегузошт ва ба айбдоршаванда, ё ба даъвогар мегуфт:—Ин табарро бардор! Агар суханат рост аст, дастат намесӯзад ва агар дурӯғ гуфта бошӣ месӯзад.

Албатта он кас ба табари дар оташ сурхшуда даст намерасонид ва бо ҳамин «гуноҳаш ба пеши ҳокими соҳибкаромот собит гардида» ҷазо медид ва ҷурмона медод. Баъзе касон табарро мебардоштанд, дар он вақт, ҳам аз тарафи табар ва ҳам аз тарафи амири мӯътабар ҷазо меёфт. Нақри мӯҳри ӯ «Зуннуни комил»[2] буд.

Ман дар дили худ гуфтам: —Ин одам холӣ аз аҳмақие нест. Муносиб он аст, ки ба ӯ наздик шавам, валӣ будани ӯро иқрор кунам ва аз давлат ва сарвати бепоёни вай фоида барам. Ҳам ба ин баҳона, риёкорона бошад ҳам, худро аз гуноҳ нигоҳ дорам. Охир ҳамеша дар гуноҳ ва гумроҳӣ будани одам хуб нест.

Ба ин мақсад дар мадҳи ӯ қасидае гуфтам ва дар он қасида каромот ва мақомоти вайро ба арши аъло

---

[1] *Зарроқ* — шайхи риёкор ва фиребгар.

[2] *Зуннун* — Зуннин лақаби Юнус пайғамбар, ҳам номи як валин машҳур аст, ки ӯро «Зуннуни Мисрӣ» мегӯянд. Аз баски Зуннуни Арғун худро аз ҳар дуи онҳо ҳам болотар медонист, ба номи худ калимаи «комил»-ро илова карда буд.

баровардам ва ӯро аз ҳамаи пайғамбарон болонишин кардам.

Чун ин қасидаро аз назараш гузаронидам, ба ман ду ҳазор танга инъом кард ва гуфт: — Ту аз мулозамати ман ҷудой макун! Саодати дуҷаҳониат аз хизмати ман хоҳанд ҳосил шуд.

Албатта ман қабул кардам ва яке аз муридони намоёни ӯ гардидам.

Ӯ дар ҳамон рӯзҳо ба сафари Заминдовар ва Қандаҳор тайёрӣ медид, ки ҷои ҳукмдориаш буд ва барои ҳамроҳӣ карданам дар он сафар ба ман як қатор шутур, нӯҳ асп бо зину лаҷом, хаймаву хиргоҳ ва панҷ нафар ғулом инъом кард. Дар роҳ сӯҳбати ман бо ӯ даргирифт, дар байни ин ки кароматн ӯро дар пеши мардум тасдиқ менамудам, ба ӯ ҳазлу мутоябаҳои дур аз валигӣ ва каромот ҳам мекардам. Дар ҳар бори ин гуна ҳазлу шӯхиҳо албатта ба ман чизе инъом менамуд.

* * *

Мо ба хоки Заминдовар даромадем. Амир Зуннун, чунон ки одати ӯ буд, хиргоҳи худро аз лашкаргоҳ дуртар барпо кард, то ки дар хилват, бо дили ҷамъ ибодат кардан ба ӯ муяссар шавад. Хаймаи ман ҳам аз вай дуртар, аммо дар беруни лашкаргоҳ буд.

Вақте дидам, ки як зан дар зери чодар ба тарафи хиргоҳи ӯ меояд. Дар дили ман васваса пайдо шуд, ки шояд ин бадкирдори нобакор дар зери пардаи порсоӣ корҳои дигар ҳам мекарда бошад ва дар дили худ гуфтам: —Агар ӯро бар болои ягон кори ношоиста даст гирам, чунон ки дар каромот ва валоят шарики ӯ мебошам, дар маъсият ҳам рафиқи ӯ хоҳам шуд.

Ба ин мақсад оҳиста ба пушти хиргоҳи ӯ рафта нишаста, чашмамро аз чоки хиргоҳ ҷосусона ба ӯ дӯхтам. Занак омада ба хиргоҳ даромад. Дар дасти вай як латтаи кабуд менамуд, ки дар вай чизе бастагӣ буд. Он зан он чизро бо одоби тамом ба пеши мир гузошт ва гуфт: «Фалон бикаро дарди зоиш гирифтааст. Бисьёр душворӣ мекашад ва ин сад тангаро ба ҳазрати шумо ҳадья фиристод, ки дар ҳаққи ӯ дуое кунед, шояд аз нафаси файзбахши шумо, худованд ба ӯ шифое ва кушоише карам фармояд».

Мир даст бардошта дар ҳаққи он бика дуо кард ва он латтаи тангабастаро гирифта, дар кисаи худ ниҳод.

Ман дар дили худ гуфтам, ки «ман ин тангаро аз дасти ин аблаҳ хоҳам ситонд». Ба ин мақсад тахминан дусад қадам аз хиргоҳи ӯ дур шудам ва ба болои баландие баромада рӯ ба қибла оварда, сари худро ба тарафи синаам хам карда нишастам.

Баъд аз замоне Зуннун аз хиргоҳ берун шуда, чашмаш ба ман афтод ва аз навкаре, ки ба тарафи хиргоҳи ӯ барои коре меомад, пурсид: — Он кист, ки бар болои тал дар муроқаба рафтааст?

Навкар гуфт:—Мавлоно Субҳӣ аст!

Амир гуфт:—Ӯро ба назди ман биёр!

Чун ба пеши амир омадам ӯ ба ман гуфт:

— Эй бачаи шайтон дар он ҷо чӣ кор мекардӣ ва боз аз падари худ чӣ макру ҳила меомӯхтӣ, ки мардумро фиреб диҳӣ?

Гуфтам:—Эй амири равшанзамир! Ҳама вақт дар гуноҳ ва гумроҳӣ наметавон буд ва гоҳо таваҷҷӯҳ ба ҷаноби худовандӣ ҳам мебояд кард, шояд аз нури илоҳӣ дар дили ин рӯсиёҳи пургуноҳ партаве афтад.

Амир гуфт:—Боре имрӯз дар вақти муроқаба аз олами ғайб чӣ ҳолат дар ту рӯй дод?

Гуфтам: — Имрӯз дар оинаи замири ман чунин тасвир ёфт, ки ба шумо аз олами ғайб тӯҳфае расидааст.

Амир бо шунидани ин сухан чунон ҳайрон шуд, ки даҳонаш боз монд ва аломати боварӣ дар ҷабҳааш намоён буд ва гуфт:

— Гӯй ки он тӯҳфаи ғайбӣ чӣ чиз аст? Агар ёбӣ ки вай чӣ чиз аст, он чизро ба ту инъом хоҳам кард!

Сари худро дар канори худ афгандам, дуое хондам ва сар бардошта гуфтам:

— Он чиз нақдина аст!

Мир аз аввалӣ ҳам зиёдатар дар тааҷҷуб афтод ва гуфт:

— Агар ёбӣ ки он нақдина чанд аст? Боз ҳамон миқдор ба вай илова карда ба ту хоҳам бахшид!

Боз баъд аз муроқаба гуфтам:

— Зоҳиран сад танга аст!

Мир гуфт:

— Агар ёбӣ ки дар чӣ чиз аст, боз ду чандон карда ба ту хоҳам дод.

Баъд аз муроқаба гуфтам:—Чунон ки тангаҳои ситораҳо дар пардаи кабуди осмон ҷой гирифтанд, он нақдина низ дар як латтаи кабуд аст?

Мир дар кисаи худ даст дароварда он латтаи тангадорро бо он миқдоре, ки ваъда карда буд, ба пеши ман гузошт. Маро аз ин найранги худ беихтиёр ханда омад. Амир аз ин ҳолати ман ба ҳақиқати ҳол огоҳ шуд ва гуфт:

— Ҳай бачаи шайтон! Маълум мешавад, ки ту аз ин маънӣ хабар доштӣ, хуб зарар надорад. Ман аз ту боз чизе мепурсам, агар ёфтӣ, боз ҳамин миқдори дигар бар болои он чизе, ки аз ман ситондӣ зам мекунам, вагарна ҳамаи инҳоро аз ту боз меситонам!

Гуфтам:—Фармоед!

Гуфт:—Ин вақт дар дили ман чӣ мегузарад?

Гуфтам:—Дар дили шумо мегузарад, ки «Субҳӣ аҷаб ҳаромзодаи фиребгар аст, бинед ки ҳамин қадар зарҳоро ба чӣ макр аз ман гирифт?»

Амир хандон шуд ва гуфт:—Қасам ба худо, ки рост гуфтӣ, дар ҳақиқат дар дили ман ҳамин фикр мегузашт.

Ӯ фармуд, ки ҳазор танга ва аспу сарупой оварда ба ман доданд.

* * *

Мавлоно Субҳӣ ба Восифӣ гуфтааст: мо ба Қандаҳор дохил шудем, ки маркази вилояти Заминдовар буд. Дар он ҷо обрӯи ман дар пеши мир боз ҳам зиёд шуд, ман ҳам ҳарчанд дар хилват ҳазлҳои беодобона мекардам, ба пеши раия ба кароматн вай шаҳодат медодам.

Амир Зуннунро Мирфозил ном кӯкалтош буд, ӯ вайро бисьёр дӯст медошт. Мавзеъи Газбуро, ки аз ҷумлаи музофотҳои ободи Заминдовар буд, ба ӯ бахшида буд. Аммо Мирфозил дар андак замон он деҳаи ободонро хароб ва вайрон кард.

Аҳолии он ҷо аз зулму тааддии Мирфозил аз ҷон безор шуда, барои додхоҳӣ ба Қандаҳор омаданд. Аммо ҳеҷ кас аз аҳли дарихона аз тарси мир ва Мирфозил аризаи онҳоро ба амир намерасонид. Худи онҳо аз бими гирифтор шудан ба ҷазои «табар» ба мир рӯ ба рӯ намешуданд.

Охир онҳо пеши ман омада арз карданд, ки ба кадом роҳе ки бошад Газбуро аз шарри Мирфозил ҳалос кунам. Ман қабул кардам ва дар дили худ мегуфтам: «Эй Субҳӣ, ту барои ба хушӣ зиндагонӣ кардан домани ин аблаҳи нодонро гирифта, ӯро боз аблаҳтар кардӣ, чӣ ме-

шавад, ки ҳеҷ набошад ягон бор ба мардуми мазлум некӯӣ ҳам кунӣ?»

Ба ин мақсад пеши мир даромадам ва аз ҳар тараф ҳикоятҳо кардам. Дар аснои сӯҳбат қасдан сухане гуфтам, ки дурӯғии вай аз офтоб ҳам равшантар буд.

Мир гуфт: — Дурӯғ гуфтӣ!

Гуфтам: «Қасам ба худои ҳабдаҳ ҳазору нӯҳсаду наваду нӯҳ олам, ки рост мегӯям!»

Мир гуфт: — О бединни маккор! То ҳол «худои ҳаждаҳ ҳазор олам» мегуфтанд. Магар як оламро аз парвардигори олам дуздидӣ?

Гуфтам: — Дар ҳақиқат ҳаждаҳ ҳазор олам буд. Аммо як олам, ки Газбу аст, аз дасти Мирфозил хароб шуда, аз қатори оламҳо баромад.

Мир хандон шуд ва Газбуро ба музди ин латифа ба ман бахшид. Ман то вақте ки амир Зуннун зинда буд, аз мадохили он мавзеъ ба хушӣ рӯз гузаронидам».

* * *

**Баъзе маълумоти иловагӣ.** Амир Зуннун аз далертарин одамони султон Ҳусайн буд. Ӯ дар вақтҳои ҳашамати султони мазкур дар муҳорабаҳо ҳамеша пешҷанг мешуд. Азбаски дар он вақтҳо душманони султон ба муқобили лашкари ӯ истодагӣ карда наметавонистанд, амир Зуннунро осебе намерасид. Ӯ ин ҳолро аз кароматн худ пиндошта, фахркунон мегуфт: «Дар ман як қуввап рӯҳонӣ ҳаст, ки тиру шамшер дар баданам таъсир намекунад».

Аммо дар охирҳои даврап ҳукмронии Ҳусайн Бойқаро, хусусан баъд аз вафоти ӯ, ки писаронаш подшоҳ шуданд, интизоми лашкар барбод рафт. Лекин амир Зуннун ҳанӯз ҳам дар ақидаи пештараи худ — дар захмнопазир будани бадани худ барқарор буд. Чунончи дар ҷанге, ки дар байни писарони Ҳусайн Бойқаро ва Шайбонихон воқеъ шуд, ӯ бо бовариии ин ки тиру шамшер ба баданаш таъсир нахоҳад кард, бо 12 ҳазор навкар пешҷанг шуда, ба лашкари хон рӯ ба рӯ гардид. Аммо дар ин ҷанг кароматн ӯ ба кор наёмад: бо як ҳуҷуми шайбониён тамоми навкаронаш кушта ва пароканда гаштанд ва аз ҳама пештар худи амир Зуннун кушта шуда, баданаш пора-пора гардид.

*С. Айнӣ*

## ДАР БОРАИ МАВЛОНО КОТИБӢ ВА МУНОСИБАТИ Ӯ БО БОБОСАВДОӢ

Восифӣ мегӯяд: (айнан) «Намози шом, ки фаррошони шабистони фалаки нилуфар шодирвони афросиёби офтобро дар шаҳристони мағриб барафрохтанд ва гилемҳои маҳфури (кандакори) Шомро дар пештоқи равоқи айвони сипеҳр барандохтанд» Султон Муҳаммад фармуд, ки дар девонхонаи тахти Қайковус (дар Тошканд) ҷашне сохтанд ва тарҳи сӯҳбате андохтанд.

Дар он маҷлис яке аз ҳозирон ин байтро хонд:

Даруни ўрдуи одам надид чун ту савор
Қазо ки маъракаорон лашкари қадар аст.

Султон аз ин камина пурсид, ин шоҳбайт аз кист, ки аз шунидани он бағоят мутаассир шудем?

Ба арз расонида шуд, ки ин байт аз Мавлоно Котибӣ аст!

Султон боз пурсид, ки Котибӣ дар кадом замон буда ва аз кадом подшоҳ тарбият ёфтааст?

Гуфтам:—Шоҳо! Бойсунғурмирзо ибни Шоҳрухмирзо тарбиятгари ӯ будааст ва аввали шиносоии ӯро бо шоҳзода чунин ҳикоя мекунанд: Котибӣ дар вақте ки аз Нишопур ба Ҳирот омад, боргоҳи шоҳзода Бойсунғурмирзо дар боғи Сафед буда, ӯ дар он ҷо зиндагонӣ мекард.

Рӯзе Котибӣ дар он боғ даромад ва дид, ки дар он ҳуҷраест ва дар дарунаш одамон менамоянд, ба он тараф рӯ оварда рафтан гирифт. Бойсунғурмирзо бо ҳамдамон ва ҳамсӯҳбатони худ дар он ҳуҷра менишаст, чун ӯ дид як шахси қавиҳайкал ва баландқомат, ки дар сар дастори пора-пора ва дар бар ҷомаи кӯҳна дорад, ба тарафи ӯ меояд, аз вай пурсид:

— Ту кистӣ, аз куҷо меоӣ ва барои чӣ кор меоӣ?

Котибӣ ҷавоб дод:—Ман марде шоирпешаам ва аз як ҷои дур, ки вилояти Нишопур аст, меоям.

Подшоҳ гуфт:—Ту шоир бошӣ, муносиби дастор ва қомати худ байте гӯй!

Котибӣ дар бадеҳа ин байтро гуфт:

Қадди баланд дорам, дастори пора-пора,
Чун ошьёни лаклак бар куллаи манора.

Бойсунғур хандон шуд, ӯро ба ҳузур даровард ва дар қатори шоирони дарбораш ҷо дод.

Бобосавдой, ки яке аз махсусон ва надимони шоҳзода буда, шоири паҳлавон ва маликушшуарои он замон буд, бо шуниданн ин байти Қотибӣ ба ғоят дигаргунҳол ва парешонаҳвол гардид, ба ҳадде ки Бойсунғурмирзо дигар шудани ӯро пай бурд.

Дар он вақт яке аз аҳли маҷлис девони Шайх Сӯзаниро кушода, ин матлаъро хонд:

> **То кай зи гардиши фалаки обгинаранг,**
> **Бар обгинахонаи тоат занем санг.**

Мирзо фармуд:—Ерон мебояд ин қасидаро ҷавоб гӯянд!—ва фармон дод, ки дар ҳамсоягии девонхона ҳуҷраеро барои Қотибӣ тахсис намоянд, то ки ӯ дар он хилватхона он қасидаро хотирҷамъона ҷавоб гӯяд.

Бобосавдой дар сиёҳчоҳи ғам, гирифтори андӯҳу алам гардид ва дар дили худ гуфт: «Қотибӣ аз ҷумлаи машҳурони олам аст ва маро қуввати сарпанҷаи ӯ нест, акнун кори ман ба куҷо анҷом меёфта бошад?».

Бобосавдой дар ин андеша буд, ки ҷамъе аз ҷавонони дарбор, ки ба Бобо муҳаббат доштанд, пеши ӯ даромаданд ва ӯро дар ғояти парешонӣ ва ошуфтагӣ дида аз вай сабаби он ҳолро пурсиданд.

Бобосавдой ба онҳо гуфт:—Эй дӯстони ман! Банда то ҳол, бағоят бообрӯ ва номус зистаам, дар умри худ малул нашудаам ва мағлуби ҳеҷ кас нагардидаам ва то ин вақт касе бар ман зафар наёфта ва сарпанҷаи маро натофтааст. Ҳоло ғаними ғолибе пайдо шуд ва ӯро подшоҳ дар муқобили ман гузошт. Инак ман аз оқибати ҳамин кор метарсам.

Ҷавонон гуфтанд: — Бобо, шумо ғамгин нашавед! Моимшаб Қотибиро чунон машғул кунем, ки ӯ асло ба шеър гуфтан пардохтан натавонад. Шумо имшаб он қасидаро бо хотирҷамъӣ тамом кунед ва фардо ӯро, ки дасти тиҳӣ ва бе силоҳ ба маҷлиси шоҳзода хоҳад омад, мағлуб ва шарманда хоҳед кард. Ҳар мубориза, ҳар қадар ки пурзӯр бошад, агар беяроқ ба муқобили душман барояд, дар аввалин задухӯрд албатта мағлуб мегардад ва ҳар касе, ки мағлуб шавад, дар маъюсӣ ва ноумедӣ меафтад ва дар натиҷа сарпасти хасми ғолиб шуда мемонад...

Ҷавонон барои ба амал овардани ин ваъдаи худ ба ҳуҷраи Қотибӣ даромаданд, ӯ то он вақт чор байти зеринро гуфта буд:

Эй рострав казо ба камони ту чун ҳаданг![1]
Бар таркаши ту чатри мурассаъ думи паланг!
Ҳам маҳчаи ливои туро осмон ғилоф,
Ҳам лашкари улуввн туро ломакон куранг![2]
Анҷум барои пешкашат атласи сипеҳр
Болои ҳам ниҳода чу туҷҷор танг-танг.
Мурғобиёни ҷавҳари дарьёи теғи ту
Ҳар як ба рӯзи маъракa сайёди сад наҳанг.

Чун ҷавонон ба пеши Котибӣ даромаданд, ӯро ҳайрате даст дод (айнан) ки «душизагони маонӣ, ки аз дару девори хилватхонаи дил ба масобаи сувари суратхонаи Чин ба ҷилвагарӣ баромада омада буданд, аз хиҷолат дар паси пардаи таворӣ мухтафӣ шуданд»[3].

Хулоса, он ҷавонон ӯро то вақти субҳдам машғул доштанд ва барои ба шеър машғул шуданаш нагузоштанд.

Пагоҳонӣ подшоҳ шоиронро талаб фармуд. Қотибӣ ва Бобосавдоиро ба маҷлис ҳозир намуданд. Ҳукм шуд, ки аввал Қотибӣ қасидаи худро хонад.

Қотибӣ аз ҷузъдони худ коғазеро, ки дар вай он чор байтро навишта буд, баровард ва он коғазро пеши чашми худ дошта хондан гирифт.

Ҷамъе ки дар паҳлуи ӯ буданд ва дар он коғаз беш аз чор байт набуданро медиданд, тааҷҷубкунон байни худ ҳарф заданд. Чун подшоҳ чизе гуфтани онҳоро пай бурд, пурсид ки:

— Чӣ мегӯед?

Онҳо гуфтанд:

— Дар ин коғаз беш аз чаҳор байт нест ва ҳол он ки ин шахс беш аз сӣ байт хонд?

Подшоҳ аз Қотибӣ пурсид, ки ин чӣ сирр аст?

Қотибӣ ҷавоб дод: — Бегоҳӣ чаҳор байт гуфта шуда буд, ки ҷамъе аз ёрон ба тариқи меҳмон ба бандахона омаданд, ба сӯҳбат машғул шудем, дигар маҷоли шеър гуфтан намонд. Чун подшоҳ бандаро талаб намуданд, маҷоли узр гуфтан набуд, ночор дар ҳузури олӣ ба ин қасида дар бадеҳа машғул шудам.

Бобосавдоӣ чун инро шунид, даст ба ҷабҳаи инсоф бурда гуфт:

---

[1] *Ҳаданг* — тир.

[2] *Куранг* — аспи сурхчаранг.

[3] Дар паси пардаи таворӣ мухтафӣ шуданд — дар паси пардаи нуҳуфта пинҳон шуданд.

— Инсоф болои тоат аст гуфтаанд:

Гар зи ту инсофе ояд дар вуҷуд,
Беҳ, ки умре дар рукӯъу дар суҷуд —

ҳар чизе, ки дар ҳаққи Котибӣ мегуфтаанд, ҳазорчандон будааст.

Баъд аз он Бобосавдой ба Котибӣ хитоб карда гуфт:

Мешунидам, ки марди майдонӣ!
Чун бидидам ҳазорчандонӣ!

## VII

# ЁДДОШТИ ВОСИФӢ ДАР БОРАИ ХАМСАИ МУҲАЙИРА

### (ПАНҶГОНАИ ҲАЙРАТАНГЕЗ)

Восифӣ дар ин бора мегӯяд: дар даҳуми моҳи ҷимодиюлохири соли 931 (1525) султон Муҳаммад ба нияти шикор ба канори Оббурак, ки дар якфарсахии шаҳри Тошканд (8 километр) буд, раҳсипор гардид ва дар миёни роҳ ба ин камина гуфт:

— Хотир ба шунидани Хамсаи муҳайира (Панҷгонаи ҳайратангез), ки аз бузургтарин олимон ва саромадони фозилони Хуросон будаанд, моил аст. Агар дар ин хусус чизе нақл намоед муносиб менамояд.

Маъруз дошта шуд ки: — Шоҳо! Сари он силсила (панҷгона) Мавлоно Нуруддин Абдураҳмони Ҷомӣ будаанд; дуввум — Мавлоно Камолуддин Шайхҳусайн; саввум — Мавлоно Шамсуддин; чорум — Мавлоно Довуд; панҷум — Мавлоно Муини Тунӣ.

Ин панҷ кас чунон хушзеҳи, пуркобилият ва донишманд будаанд, ки дар он замон касе шашуми инҳоро нишон надодааст.

Ҳар панҷи инҳо бо ҳам шарикдарс буда, аз ҷумлаи шогирдони Мавлоно Муҳаммадҳоҷӣ будаанд. Мавлонои мазкур касе будаанд, ки дар синни 18-солагӣ дар ҳалқаи дарси донишманди машҳур — Мирсаидшариф, ки дар Боғизоғон (дар Ҳирот) дарс мегуфтаанд, ҳозир шуда, дар ҳафт масъала фикри устоди худро рад карда, фикри худро ба он кас қабулонидаанд.

Ин панҷгона дар пеши Мавлоно Муҳаммадҳоҷии маз-

кур «Шарҳи таҷриди Мавлоно Алии Қӯшчӣ»-ро* мехондаанд.

Машҳур аст, ки ин панҷгона ба мударриси мазкур чунон ғалаба кардаанд, ки ӯ масъалаеро, ки мувофиқи фикри худ бошад, ба онҳо маъқул кунонда натавониста, дар бештарин масъалаҳо ба қабул кардани фикри ин шогирдони худ маҷбур шудааст.

Устод — Мавлоно Муҳаммадҳоҷӣ дар ин андеша мондааст, ки: «ман то ҳол дар донишмандтарин уламои замон будан ном баровардаам. Агар шӯҳрат ёбад, ки ман аз ӯҳдаи шогирдони худ намебароям, шарманда ва расво хоҳам шуд. Дар ин бора фикре бояд кард».

Мавлоно Ҳоҷӣ охир ба ин фикр омадааст, ки худро бемор нишон дода, рӯзе чанд аз дарсгӯӣ бозистад ва дар ин миён бар болои он китобе, ки ба онҳо аз вай дарс медод, пухта кор кунад. Ба фикри Мавлоно шогирдон, ки аз дарсхонӣ бекор монданд, ба кӯчаи лавандӣ (беҳудагардӣ) хоҳанд афтод. Дар он сурат он қуввai ғалабае ки доранд, суст хоҳад шуд. Дар он вақт шояд устод ба шогирдон ғалаба карда, мавқеи худро нигоҳ дошта тавонад.

Мавлоно ба мақсади ба амал овардани ин тадбири худ, вақте ки он панҷгона ба дарс омаданд, худро ба онҳо бемор нишон дод ва гуфт:

— Эй азизон! Чандгоҳ аст, ки фақир дар худ гаронӣ ҳис мекунам ва аз ин ҳол дар ташвиш мебошам. Охир ба ин фикр омадам, ки чанде аз кор бозистода, танқия кунам (доруи мусҳил хӯрам). Вагарна метарсам, ки бемории сахте ба ман рӯй дода, аз дафъи он оҷиз монам. Шуморо ҳам, ки дар ин рӯзҳо шабу рӯз кор карда омадед, чанде истироҳат лозим аст. Аз ин фурсат фоида бурда китобҳоро дар токчаи ҳуҷра гузоред ва бояду шояд сайру тамошо кунед!

Шогирдон гуфтанд: — Худо паноҳ диҳад, ки мабодо дар мизоҷи шариф оризае рӯй диҳад, дар он сурат кори мо тамомаи бурида шуда, борамон ба манзил нарасида мемонад. Беҳтар он аст, ки ҳар чӣ зудтар унсури латиф-

---

* «Таҷридулкалом» китобе дар илми калом буда, таълифи Насриддин Тӯсист, ки дар соли 672 (1274) вафот ёфтааст. Ин китобро шарҳ бисьёр буда, машҳуртарини онҳо «Шарҳи таҷриди Алӣ Қӯшчӣ»-и Самаркандист, ки дар соли 879 (1475) вафот кардааст. Алӣ Қӯшчӣ донишмандест, ки баъд аз вафоти Мавлоно Ҷамшед ва Қозизодаи Румӣ расади Улуғбекро ӯ тамом карда, ба кор даровардааст.

ро муолиҷа фармоянд. Чанд рӯзе аз дарс мондан ба мо зарари куллӣ намерасонад.

Мавлоно гуфт:

— Ман гумон мекунам, ки агар бисьёр дароз кашад, бемори дар 40 рӯз тамом шуда, дар он вақт мо муколамаи худро боз давом хоҳем дод. Ҳозир ба паноҳи худо биравед, истироҳат ва саёҳат кунед.

Чун панҷгона аз ҳузури устод баромаданд, Мавлавӣ Ҷомӣ ба шарикдарсони худ гуфт:

— Ҳеҷ донистед, ки бемории ҳазрати устод чӣ гуна беморист?

Онҳо гуфтанд: — Не, мо дар ин бора чизе нафаҳмидем!

Ҷомӣ гуфт: — Бемории мавлоно — мо панҷгона мебошем, ки ба мо ҳеҷ илоҷ карда натавонистанд. Акнун мехоҳанд, ки моро рӯзе чанд дар кӯчаи бекорӣ ва беҳудагардӣ андозанд ва дар ин муддат бо хотирҷамъӣ ба худ пардозанд, то ки нисбати устодиву шогирдии пештараро ба даст даровардa, ба мо ғалаба кунанд. Муносиб он аст, ки мо низ машғули кори худ бошем ва дар кӯчаи бекорӣ афтода худро нобуд ва зоеъ насозем.

Мавлоно Довуд гуфт: — Ин фикр тамоман дуруст аст ва ғайри ин нахоҳад буд. Акнун моро лозим аст, ки ба дарси яке аз донишмандони шаҳр ҳозир шавем ва ба кор машғул бошем.

Ҷомӣ гуфт: — Дар ин шаҳр кадом мударрис аст, ки аз ӯҳдаи дарси мо бароянд. Донишмандтарини инҳо мавлонозодаи Баҳрободӣ аст. Аммо шумо дидед, ки дар рӯзи таъзияи падари Хоҷаисмоили ҳисорӣ* дар мунозара ба ӯ чӣ рӯй дод. Беҳтар он аст, ки мо байни худ кор кунем, ҳар рӯз бо таъини қуръа яке аз мо мударрис, дигарон шогирд шуда дарсро давом диҳем.

Ин фикр ба ҳамаашон мақбул афтод. Аз дари хонаи Мавлоно Ҳоҷӣ рост ба масҷиди ҷомеъи Маликон рафтанд. Он рӯз руъа ба номи Ҷомӣ баромад, он шахс чунон дарс гуфт, ки шариконаш то он вақт он қувваи ӯро ҳис накарда буданд.

Ба ҳамин тариқа ҳар рӯз яке аз онҳо мударрис шуда, чиҳил рӯз кор карданд. Дар ин муддат Мавлоно Ҳоҷӣ ҳам шабу рӯз кор мекард, масъалаҳоеро, ки ба фикри

---

* Ин ҳамон Хоҷаисмоили ҳисорӣ аст, ки ҳикояти ришсӯзии ӯ дар боло гузашт.

худаш барои мулзам кардани шогирдонаш ба кор меомаданд, тайёр менамуд. Баъд аз 40 рӯз Мавлоно хотирҷамъ шуд, ки дигар шогирдон ба ӯ ғалаба нахоҳанд кард.

Чун Мавлоно Ҳоҷӣ ба ғалабаи худ боварӣ пайдо кард, ғуломашро, ки Фаттоҳ ном дошт, гуфт:

— Рав, фалон ва фалонҳоро ёфта биёр!

Ғулом гуфт: — Ман онҳоро аз куҷо хоҳам ёфт?

Мавлоно гуфт:

— Онҳо дар шаробхонаи Мирзорустам ё Мирзобаҳодур хоҳанд буд.

Панҷгона он рӯз бинобар тамом шудани 40 рӯз ба ҳаммом рафта буданд, ки шустушӯ карда ба дарс ҳозир шаванд. Чун аз ҳаммом баромада ба сари Чорсуи Ҳирот расиданд, Фаттоҳ ба онҳо рӯ ба рӯ баромад ва пайғоми Мавлоноро ба онҳо расонид.

Онҳо китобҳои дарсиашонро бардошта, ба хизмати устод расиданд ва гуфтанд:

— Мо имрӯз ба дарс шурӯъ мекунем, ки дар айёми нохушии ҳазрати махдум бисьёр пас мондем.

Хулоса, дарс сар шуд, ҳар масъалаи мушкилеро, ки устод ба миён овард, шогирдон онро бар хилофи мақсади ӯ шарҳ дода, ба пеши устод саволҳои беҷавоб мегузоштанд.

Охир Мавлоно Муҳаммадхоҷагӣ дар панҷаи панҷгона монанди гунҷишке, ки ба дасти тифлон афтад, фишор хӯрда, роҳи халосии худро намеёфт. Оқибат мавлонои мазкур маҷбур шуд, ки ҳақиқатро иқрор кунад ва гуфт:

— Эй нури дидагони ман: —Табли пинҳон чӣ занам ташти ман аз бом афтод! Эй фарзандон! Ростӣ ин аст, ки ман аз ӯҳдаи ба шумо дарс гуфтан намебароям ва шумо дар илм ба дараҷае расидаед, ки ҳеҷ кас ҳам ба шумо дарс гуфтан наметавонад. Акнун вазифаи шумо дарсгӯӣ аст, на дарсхонӣ. Акнун ба паноҳи худо биравед ва дар ҳар куҷо, ҳар илмеро, ки мехоҳед, ба ҳар кас, ки бошад, дарс гуфтан гиред.

Чун ин панҷгонаи ҳайратангез аз пеши устод иҷозат гирифта баромаданд, аз онҳо Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар кӯи ишқ ва тасаввуф афтод; Мавлоно Шайхҳусайн ва Мавлоно Тунӣ ба тариқаи худомӯзӣ ба мутолаа машғул шуданд; Мавлоно Довуд ба мансаби садорати султон Муҳаммад бинни султон Абӯсаид таъин шуд; Мавлоно Шамсуддин садри султон Абӯсаидмирзо гардид.

* * *

Аз панҷгона Мавлоно Шайхҳусайн баъд аз тамом кардани худомӯзӣ ба мубоҳаса ва мунозара дода шуд, қувваи мантиқи ӯ ба дараҷае расид, ки ҳеҷ як аз уламои замон ҳарифи вай шуда натавонист. Ӯ ба болои дарсгӯии ҳар мударрис, ки ҳозир мешуд, бинои фазилат ва илми ӯро аз буньёд бармеканд.

Мударрисон ва уламои замон аз дасти ӯ ба ҷон омаданд ва миёни худ машварат карда қарор доданд, ки ӯро дар миёни омма ба девонагӣ шӯҳрат дода, обрӯяшро резанд ва ба ин восита обрӯ ва номуси илмии худро аз дастбурд ва торочи ӯ нигаҳдорӣ намоянд ва ин қарорро ба амал оварда, ӯро ба девонагӣ, вайронии димоғ, ба ҳарзагӯӣ ва ҳазаён — сафсаттабофӣ машҳур карданд.

Шайхҳусайнро кор душвор шуд ва муддати як сол дар зери номи девонагӣ, ки ба ӯ баста буданд, девонавор ва сарсариёна мегашт, дар ҳар ҳалқаи илмӣ, ки овоз мебаровард «боз девонагиаш авҷ гирифт» гӯён аз вай механдиданд.

Охир, рӯзе ҳамаи китобҳои худро дар ҷуволе андохт ва ҳаммоле гирифта он ҷуволро ба пушти ӯ бор кард ва дар вақте, ки султон Абӯсаид дар боғи шаҳр, ки девонхонааш он ҷо буд, мениишаст ва уламои бузурги шаҳр, ки соҳибони мансабҳои илмӣ буданд, дар пеши ӯ ҳозир буданд, Шайхҳусайн ба он боғ даромад ва ҷуволи худро дар рӯ ба рӯи султон—дар ҷое ки одатан додхоҳон он ҷо меистоданд, аз пушти ҳаммол фуруд овард ва монанди додхоҳон рост ва сар хам карда истод.

Чун уламои бузург ӯро дар рӯ ба рӯи худ диданд, монанди мурғи нимбисмил дил дар даруни синаашон тапидан гирифт. Онҳо ӯро ба якдигар ишорат карда «лоҳавла»[1] мехонданд ва киштиашон дар гирдоби ҳайрат фурӯ рафта буд.

Дар ин миён чашми султон ба ӯ афтод ва ясовулро фармуд, ки аз вай пурсад, ки ӯ кист ва дар он ҷувол чист?

Чун ясовул пурсиши султонро ба ӯ расонид, ӯ қадаме чанд ба наздиктари боргоҳ пеш ниҳоду зону зада ба арз даромад ва гуфт:

— Ту подшоҳе мебошӣ, ки дар шарқу ғарби олам ба

---

[1] *Лоҳавла* — яке аз оятҳои қуръонӣ, ки дар вақти тарс мехонанд.

адолат ва доной ном баровардай. Аммо дар пойтахти ту, дар пеши назари ту, бар ман чунон зулму ситам меравад, ки дар Фаранг, дар Хитой ва дар Суманоти Ҳинд[1] бар мусулмоне он гуна зулм нарафтааст. Ҳаман обрӯй ва эътибори ин уламое, ки дар боргоҳи ту бо камоли иззату эҳтиром ва азамату эҳтишом нишастаанд, ба сабаби донистани ин китобҳо аст, ки ба пеши ту овардаам. Аммо ман ҳақ дорам, ки китобҳоро ба инҳо дарс гӯям. Бо ҳаман ин, ин бузургворон маро ба девонагӣ нисбат дода, ба чунин ҳолате овардаанд, ки ман дар машаққат ва кулфат умр ба сар мебарам ва инҳо дар ин иззат ва ҳурмат зиндагонӣ мекунанд.

Султон ба шайхулислом нигоҳ карда гуфт:

— Ман ҳаман корҳои илмиро ба ихтиёри шумо гузоштаам. Агар ин шахс ин суханҳоро рост мегӯяд, вой бар ҷони шумо ва агар дурӯғ мегӯяд вой бар ҳоли вай. Шумо бояд дар ҳамин маҷлис рост ё дурӯғ будани суханҳои ӯро исбот кунед!

Шайхулислом ба уламо нигоҳ карда гуфт:

— Шумо дар ин бора чӣ мегӯед?

Ҳама гуфтанд: — Пешво ва роҳбари мо шумоед, ҳар чизе, ки шумо гӯед, фикри мо ҳам ҳамон аст.

Шайхулислом ба подшоҳ гуфт: — Шоҳо, ин шахс рост мегӯяд, гуноҳ ва кӯтоҳи ҳама дар мост. Бояд мо ин нуқсони худро дар ҳол тадорук кунем.

Шайхулислом баъд аз гуфтани ин суханҳо аз ҳузури султон баромад ва ба пеши Шайхҳусайн рафта, ӯро дар канор гирифт, ба вай узр гуфт, чакмани моҳутеро, ки дар бар дошт аз тан бароварда ба китфи ӯ андохт, дасттори худро ҳам аз сар гирифта ба сари вай ниҳод ва ӯро бар аспи худ савор карда ҳамроҳи уламои дигар бо худ гирифта, ҳамаро ба мадрасаи Шоҳрухмирзо, ки дар пои Ҳисор аст, бурд ва ӯро дар он ҷо мударрис таъин намуд.

Шайхҳусайн он рӯз дар он ҷо дар ҳузури уламо дарсе гуфт, ки бе ихтиёр ҳамаи уламои бузургвор маҷбур шуданд, ки ӯро таҳсин ва офарин гуфта, ба вай гардани таслим пеш оранд...

---

[1] *Суманот* — номи маъбади буддоиён дар шаҳри Куҷроти Ҳиндустон.

### VIII

## САФАРИ КЕЛДИМУҲАММАДХОН БА ХУРОСОН ВА БАЪЗЕ ЁДДОШТҲОИ ПАРОКАНДАИ ВОСИФӢ

Пеш аз он ки мо ёддоштҳои Восифиро дар бораи ба Хуросон сафари ҳарбӣ кардани Келдимуҳаммадсултон аз забони ӯ нақл намоем, дар ин хусус додани эзоҳоти зеринро лозим медонем:

Восифӣ дар ёддошти худ иштироккунандагони ин сафари ҳарбиро ном намебарад ва инчунин аз натиҷаи ин сафар низ чизе намегӯяд. Аммо дар ҳақиқат ташкилкунандаи ин сафари ҳарбӣ Убайдуллохон — хони Бухоро буда, расман дар ин сафар Кӯчкунҷихон, ки «хони бузургӣ» шайбониён буд, сардорӣ мекард.

Назар ба қавли Мирзоризоқулихони Ҳидоят дар ҷилди ҳаштуми (якуми) «Равзат-ус-сафо»-и Носирӣ» ном асари худ, дар ин сафари ҳарбӣ Бароқхон, Фӯлодсултон, Абдулазизсултон (писари Убайдуллохон), Ҷонибексултон, Келдимуҳаммадсултон (ҳомии Восифӣ), Абӯсаидсултон (писари Кӯчкунҷихон), Убайдуллохон ва дигарон бо иттифоқи Кӯчум (Кӯчкунҷӣ)-хон бо сад ҳазор савор аз оби Омӯя ба тарафи Хуросон гузаштанд.

Шоҳтаҳмоси сафавӣ бо 24 ҳазор савор, ки дар рикоб ҳозир дошт ба муқобили хонони мазкур баромад. Дар нӯҳуми моҳи муҳаррами соли 935 ҳиҷрӣ (1529) дар мавзеъи Зурободи Ҷом ҷанг сар шуда, то чоштгоҳ давом кард. Дар ин вақт лашкари Шоҳтаҳмос шикаст хӯрда, гурӯҳҳои дасти рост ва чапаш аз ҷо рафта пароканда гардида гурехтанд ва дар марказ Шоҳтаҳмос танҳо бо се ҳазор савор баркарор монд.

Лашкари Туркистон чун ин ғалабаро ба даст даровард, ҳамагӣ пароканда шуда, ҳар кадом ба тарафе паи ғанимат ва тороҷ рафтанд. Шоҳтаҳмос аз ин фурсат ис-

тифода бурда, бо саворони рикобии худ ба муқобили Кӯчкунчхон ва Убайдуллохон, ки дар зери байрақи сафед пеш меомаданд, бо тохт ҳуҷум овард.

Хонҳо аскарони ҳуҷумкунандаи Шоҳтаҳмосро, ба сабаби бисёрии гарду ғубор нашиноохта ва онҳо навкарони аз ғанимат ва тороҷ бозгаштаояндаи худ пиндошта, бе ҳеҷгуна тайёрии муқобалат пеш омадан гирифтанд. Вақте ки ҳуҷумкунандагон ба гурӯҳи рикобии хонон расида, ба онҳо рахна андохта парокандa карданд, хонон аскари душман будани онҳоро донистанд. Лекин дар он вақт кор аз даст рафта, дигар маҷоли мудофиа кардан намонда буд. Ночор хонони Туркистон ғайр аз фирор чорае наёфта, ба тарзи парокандагӣ аз оби Омӯя гузашта ба ватани худ рафтанд.

* * *

Восифӣ, шояд ба сабаби ногувор будани нақли мағлубияти хонҳояш бошад, аз тафсилоти ин сафари ҳарбӣ чизе нагуфта, танҳо ёддошти зеринашро, ки ба ҳамин сафар оид аст, қайд мекунад.

Восифӣ дар ин бора мегӯяд: дар соли 935 ҳиҷрӣ (1529) Султонмуҳаммад азми сафари Хуросон кард. Аскарони ҳумоюн дар вилояти Марв манзил гузиданд. Дар он ҷо рӯзе ки ҷамъе аз арбоби фазлу камол дар бандахона буданд, шахсе аз дур пайдо шуд ва ӯ бо шитоб давон меомад. Чун ба маҷлиси мо расид, пурсид, ки мавлоно Восифӣ кадом аст?

Аҳли маҷлис дар ҷавоб ба фақир ишорат карданд. Он шахс дарҳол бар замин афтода рӯи худро ба кафи пои ин камина молидан гирифт. Ҳарчанд манъаш кардам, бознаистод. Охир гуфтам: — Эй азиз! Ту чӣ касӣ, чӣ мехоҳӣ ва аз ин худро хор кардан мақсади ту чист?

Ӯ гуфт: — Ман марде шоирам аз Бухоро ба ин лашкар ҳамроҳ шудаам. Дар чӯли Саршутур аспам мурд. Ман ҳамаи ин роҳро пиёда тай карда то ин ҷо омадам. Қасидае гуфтам дар марсияи аспи худ ва дар вай баъзе матлабҳои худро дарҷ намудам. Азбаски ба ҷаноби шумо шиносоӣ надоштам, хостам он қасидаро бевосита ба арзи султон расонам. Чун имрӯз ба ҳузури султон даромада, аз он қасида ду байти аввалашро хондам, султон пурсиданд:

— Ин қасидаи худро ба фалонӣ (Восифӣ) хондаӣ?

Гуфтам: — Не!

Гуфтанд: — Бирав, пеши ӯ хон! Агар ӯ писандад ва ҳамин қадар гӯяд, ки ин шеъри бад нест муддаои туро хосил гардонам.

Он шоир баъд аз нақли муомалаи султон ба фақир (Восифӣ) гуфт:

— Махдумо! Акнун шумо ба ман лутфу карам намуда, ёрие расонед ва барои ризои худо маро маҳрум нагардонед!

Гуфтам: — Қасидаи худро хон, то аҳли маҷлис шунаванд.

Чун хондан оғоз кард, дидем мисраъи аввал номавзун аст, ду байти сонӣ бемаъниӣ ва аз қоидаи назм берун. Ёрон хандиданд ва ӯ шарманда шуд.

Фақир ба ёрон гуфтам: — Толеи ин мардак мадад кард, ки ин ҳол дар ҳузури шумо воқеъ шуд. Ҳоло маслиҳат ин аст, ки ба иттифоқ аз номи ӯ қасидае гӯем ва ба ҳазрати султон расонида, муддаояшро ҳосил гардонем. Муқаррар аст, ки султон писандидаи моро қабул хоҳанд кард.

Хулоса бо иштироки ёрон он қасида анҷом ёфт. Чун вайро ба ҳузури султон бурда хондем, гуфт:

— Ду байти аввали ин қасидаро шунида будам, номавзун буд.

Гуфтам: — Оре номавзун буд. Аммо ба ислоҳи ёрон ин қасида сар то по мавзун шуд.

Султон гуфт: — Он қасида қобили ислоҳ набуд, шумо аз номи ӯ қасидаи дигаре гуфтаед.

Восифӣ мегӯяд: ба ҳар ҳол матлаби он мардак ба ҳусул пайваст — аспи хуб бо зину лаҷом, сару пои муносиб ба ӯ инъом шуда, эҳтисоби шаҳри Марв ҳам ба ӯ дода шуд.

Рӯзи дигар султон аз камина пурсид: — Бисьёр шоирон дида мешаванд, ки монанди шеъри мардаки дирӯза чизҳои бемаънии бисьёре мегӯянд ва дурустии ӯро бо ҷиддият исбот кардан мехоҳанд. Онҳо ба онгуна шеърҳои худ ҳақиқатан эътиқод доранд, ё аз шӯхӣ ба мардум масхарабозӣ мекунанд?

Фақир арз кардам, ки: ҳақиқати ин гуна мардумро донистан бисьёр душвор аст...

Восифӣ дар ин ҷо ба тарзи мисол шеърҳои баъзе шоиртарошонро меорад, ки нақли онҳо лозим дониста нашуд. Аз ин боб фақат ду чиз муносиби нақл намуд, ки дар зер меорем.

* * *

Восифӣ мегӯяд: боре Мир Алишер шоиронро фармуд, ки қасидаи «Шутур-ҳуҷра»[1]-и Котибиро ҷавоб гӯянд. Мавлоно Аҳмад қасидаи ҷавобии худро ба мадҳи Мир Алишер тамом кард. Дар вақти пеши Мир Алишер хондан чун ба ин байт расид:

Ба пеши ҳуҷраи ту чун шутур занам зону,
Агар зи ҳуҷра чу уштур буруи кунӣ гардан.

Мир фармуд, ки дар «силаи» ин байт ӯро барбаста ба оби ҳавз андохтанд. Дар он вақт дар лаби ҳавз гурбае буд, ки ба қасди шикори гунҷишк хез зада вай низ ба об афтод. Мавлоно Аҳмад он гурбаро дида ба Мир гуфт:

— Магар ин гурба низ қасидаи «Шутур-ҳуҷра»-ро ҷавоб гуфтааст?

Мир Алишер хандон шуд ва фармуд, ки ӯро аз об кашида бароварданд. Чун ҳаво қадаре сард буд, Мир ба ӯ як пӯстин инъом кард.

Мавлоно Аҳмад ба муносибати ба худаш пӯстин инъом кардани Мир дар мадҳи ӯ қасидаи дигаре гуфт, ки матлааш ин аст:

Маро як пӯстин инъом аз он мири калон омад,
Ки аз бӯи бадаш шаҳре ба фарьёду фиғон омад.

Мир Алишер чун ин матлаъро шунид, дар бадеҳа ин байтро гуфт:

Туро з-он пӯстини мо агар бӯи гарон омад,
Ту будӣ дар миёни пӯстин он бӯ аз он омад.

* * *

Восифӣ мегӯяд: Мавлоно Ҳасаншоҳи шоҳи шоирон аз зарифони замон буд. Албатта мо ӯро дар қатори шоиртарошон намешуморем. Ӯ дар ҳақиқат ҳам шоҳи шоирон аст. Ӯро дар ҳаҷв қасидаҳо ва китъаҳо аз ҳад зиёд бисьёр аст. Ӯ дар мавриди кадхудоии худ як қасидаи шастбайтӣ гуфта, дар вай зан, модари зан ва бародари зани худро ҳаҷв кардааст (Восифӣ дар ёддошти худ 27 байт аз ин қасида оварда аст. Аммо наклаш муносиб дида нашуд).

Восифӣ мегӯяд: аз ҷумлаи зарофатҳои Мавлоно Ҳасаншоҳи шоҳи шоирон яке ин аст, ки соле дар Ҳирот зи-

[1] *Шутур-ҳуҷра* — шеъреро гӯянд, ки дар ҳар мисраи вай калимаҳои «шутур» ва «ҳуҷра» ба муносибате оварда шаванд.

мистон бисьёр сахт омад, сармо шиддат кард. Мавлоно, ки чизе надошт, ба ҷон омад ва аҳволи зиндагониаш бисьёр танг шуд ва писарашро гуфт:

— Монанди мотамзадагон кабуд пӯш, ба пеши Мир Алишер рав «вафоти маро» хабар деҳ! Албатта ӯ барои асбоби такфини ман чизе хоҳад дод ва ба бозор рафта, ба он чиз асбоби зиндагӣ харида биёр!

Писари мавлоно ба вазъияте, ки падараш фармуда буд, ба хонаи Мир Алишер рафт. Чун чашми Мир ба ӯ афтод, пеш талабид ва пурсид:

— Аҳвол ба хайр? Чӣ воқеа рӯй дод?

Ӯ гуфт:— Падарам умри худро ба шумо бахшида, вафот кард.

Бо шунидани ин хабар ба чашмони Мир об чарх зад ва гуфт:

Дареғ аз Мавлоно Ҳасаншоҳ, ки аз нодирони даврон буд!— ва маблағи сесад хонӣ барои гӯру кафани мавлоно инъом намуд.

Писари мавлоно ба бозор рафт ва ҳар чизе, ки падараш фармуда буд, харида ба хона бурд.

Рӯзи дигар мавлоно ба хонаи Мир Алишер омад. Чун чашми Мир бар вай афтод, чунон хандид, ки суст шуда пушт ба девор ниҳод ва гуфт:

— Эй мавлоно ин чӣ ҳол аст, магар дирӯз шумо намурда будед?

Мавлоно ҷавоб дод:— Дар ҳақиқат мурда будам, аммо он инъоми шумо маро дубора зинда кард.

Мир боз хандид ва ба ӯ сарупои муносиб ва ҳазор динори капакӣ инъом фармуд.

## Ҳикояти Мавлоно Огаҳӣ ва хоҷа Шаҳобуддини Исҳоқ

Восифӣ мегӯяд: дар соли 935 ҳиҷрӣ (1529) Келдимуҳаммадсултон дар яйлоқи Шаробхона (дар Тошканд) фуруд омада буд. Рӯзе ба фақир фармуд ки:

— Бисьёр дилгир шудем, агар ҳикояте мекардед, шояд дафъи малол мекард!

Арз карда шуд ки: Мирзошоҳғариб яке аз фарзандони султон Ҳусайнмирзои Бойқаро буд. Ӯ дар хурдсолӣ аз қуббаи боргоҳ афтода, устухони пушт ва синааш аз ҷой ҷаста букрӣ шуда буд.[42]

Ӯро садре буд Шаҳобуддини Исҳоқ ном ва низ Огаҳӣ ном ҷавоне аз авлоди Шайх Зайнуддини Хавофӣ дар мулозамати ӯ буд, ки дар он замон аз ҳамсолони ӯ касе дар қобилият ва фазилат ӯро баробарӣ намекард; дар толибилмӣ бемислу монанд, дар шеър ва дигар фазилатҳо беназир буд; ӯ ҳафт қалам хатро бағоят некӯ менавишт. Шоҳғариб ӯро бисьёр дӯст медошт ва ба худ наздик нигоҳ медошт.

Огаҳӣ хоҳиш дошт, ки дар даргоҳи Шоҳғариб садр шавад. Аммо Шаҳобуддини Исҳоқ ба ин мақсади ӯ монеъ буд. Зеро ӯ дар садорат маҳорати тамом дошт, ки ҳеҷгоҳ Мирзо мансаби ӯро ба Огаҳӣ намедод.

Султон Ҳусайнмирзоро одат он буд, ки ҳаргоҳ ба ҷое сафар кунад, дар ҷои худ Шоҳғарибро ҷонишини худ мекард ва мегуфт:

— Ҳиссаи Шоҳғариб аз подшоҳӣ ҳамин аст, ки дар айёми ҳаёти ман ба ӯ муяссар мегардад. Баъд аз сари ман маълум нест, ки ӯ аз подшоҳӣ чӣ баҳра мегирифта бошад.

Вақте султон Ҳусайнмирзо барои дафъи Хисравшоҳ азми сафари Ҳисор намуд, ба одати муқарраиаш Шоҳғарибро ба худ ноиб таъин кард ва шайх Абӯсаиди Пурониро фармуд, ки аз аҳволи шоҳзода хабардорӣ кунад ва ба Шайх гуфт:

— Дар вақти набудани ман аз ӯ ғофил нашавед ва агар аз ӯ аломати нофармонӣ ва исьён нисбат ба ман хис кунед, албатта ба ман маълум намоед (чунки дар он вақтҳо писарони ӯ яке аз паси дигаре ба падар исьён ва саркашӣ мекарданд).

Чун султон ба сафар рафт, Мавлоно Огаҳӣ дар пайи барандохтани буньёди шавкати Шаҳобуддин афтода, хатти ӯро машқ кардан гирифт ва дар андак вақт хатти худро ба хатти ӯ чунон монанд сохт, ки ҳеҷ як хатшиноси пурмаҳорат ин ҳар ду хатро аз ҳам фарқ карда наметавонист.

Баъд аз он Огаҳӣ аз забони Шаҳобуддини Исҳоқ ба Шайх мактубе навишт. Мазмуни он мактуб ин буд, ки «Махдумо! Ҳазрати хоқонӣ фарзанди худро ба шумо супурда фармуда буданд, ки агар аз вай ҳаракати ношоистае хис кунед, ба ман маълум намоед! Маълум аст ки шоҳзода бероҳиро аз ҳад гузаронидаанд. Акнун ё ӯро насиҳат фармоед, ё дар ин бора аризае ба рикоби ҳумоюн фиристед». Баъд аз он Огаҳӣ дар он мактуб мӯх-

ри Шаҳобуддини Исҳокро бо калами мӯй чунон таклид намуда нақш кард, ки худи Шаҳобуддин ҳам фарқ кардан наметавонист.

Чун мактуб бо мӯҳр муҳайё гардид, Огаҳӣ вайро дар девонхона ба ҷое андохт, ки ба дасти яке аз маҳрамони Шоҳғариб афтод ва он маҳрам он мактубро бурда ба шоҳзода дод.

Шоҳғариб бо дидани он мактуби аҷиб дар ҳолате ғариб афтода, Шаҳобуддини Исҳокро дар хилват пеши худ талабида он мактубро ба дасти ӯ дод ва гуфт:

— Ман дар ҳаққи ту чӣ бадӣ кардам, ки ту дар бораи ман ин тӯҳмати душманонаро сохтӣ?

Шаҳобуддин сар бараҳна карда гуфт:

— Ман наметавонам гуфт, ки ин хатту мӯҳр аз ман нест ва инчунин наметавонам гуфт, ки аз они ман аст. Ҳоло ҳамин қадар гуфтан метавонам, ки касе хатту мӯҳри маро чунон тақлид кардааст, ки худ ҳам фарқ кардан наметавонам.

Инчунин Шаҳобуддин гуфт:— Шоҳо! Ман намегӯям, ки маро накушед! Зеро агар ин кор аз ман сар барзада бошад, куштани ман воҷиб аст. Аммо умедворам, ки андак таъхир фармоед! Шояд, ки парда аз рӯи кори ҷинояткори ҳақиқӣ барафтад.

Шоҳзода баъзе аз маҳрамон ва пешхизматони худро талабида пурсид, ки «Оё шумо медонед, ки дар ин дарӣ хона ба Шаҳобуддини Ислоқ кӣ душманӣ дорад?»

Яке аз маҳрамон гуфт:— Шоҳо! Рӯзе ман дар паси (пушти) Мавлоно Огаҳӣ нишаста будам. Дар он вақт Шаҳобуддини Ислоқ аз он ҷо гузашт. Чун ӯ дуртар шуд, Огаҳӣ худ ба худ ба ӯ хитоб карда гуфт: «Ҳай калтабон! Агар ман туро ба хок баробар насозам, мард набошам».

Шоҳзода ба он маҳрам гуфт:— Хомӯш бош, ки ҳар чӣ лозим буд, дониста гирифтам. Бирав, Мавлоно Огаҳиро пеши ман ҳозир кун!

Чун Огаҳӣ ҳозир шуд, Шоҳзода ба ӯ гуфт:

— Эй Мавлоно Огаҳӣ! Раҳмат бар ту бод! Аҷаб кори писандидае кардӣ ва маро аз ҷафои он мардак халосӣ додӣ. Падарам ӯро ба зӯр садри ман сохта, кори кӯхеро ба гардани ман андохта буд.

Огаҳӣ гуфт:— Бале ман ин аҳволро дониста будам ва ин андӯҳро дар дили шумо написандидам ва роҳи халос шудан аз вайро кушода додам. Акнун шумо хоҳ ӯро кушед, хоҳ бахшед, ихтиёр ба раъи олӣ аст!

Шоҳғарибмирзоро ба хотир расид, ки мабодо ин корро вай накарда бошад ва маро аз Шаҳобуддин дар нафрат дида, барои аз ин фурсат фоида бурда ба ман хуш намудан, ин тӯҳматро бар худ бандад. Ба ин мулоҳиза ба ӯ гуфт:

— О, Мавлоно Огаҳӣ! То ин хатро дар пеши ман таклид карда нависӣ ва ин мӯҳрро нақш накунӣ, ман бовар намекунам, ки ин корро ту карда бошӣ, чунки ин гуна тақлид, аз иқтидори одамӣ берун аст.

Огаҳӣ каламу давот талабида дар ҳол дар ҳузури Мирзо он хатро навишт ва он мӯҳрро бо қалами мӯй нақш карда, ҳар ду коғазро бо ҳам омехта пеши Мирзо гузошт. Мирзо бо вуҷуди дар пеши худаш навишта шудани хатти ҳонӣ ба зӯр фарқ кард ва ба ӯ гуфт:

— Эй Огаҳӣ! Ту аз худо натарсидӣ ва аз халоиқ нашармидӣ, ки дар ҳаққи ӯ ва ман ин корро кардӣ? Худо паноҳ диҳад, агар ман эҳтиёт намекардам ва ӯро мекуштам, аз ҷавоби ин хуни ноҳақ кай ва ба чӣ роҳ мебаромадам. Ту мусулмон бошӣ ва шаҳзодаи шайх Зайнуддин бошӣ, магар ин кор аз ту муносиб буд?

Баъд аз он Шоҳғариб маҳрамон ва пешхизматонро фармуд, ки Огаҳиро бурда дар Чорсуи Ҳирот пора-пора карда сӯзанд ва хокистарашро бар бод диҳанд.

Чун ин хабар ба Шаҳобуддини Исҳоқ расид, ӯ гуфт: маро пеши Мирзо баред, ки дар бораи Огаҳӣ арз дорам.

Чун ӯро оварданд, ба Мирзо гуфт:— Шоҳо! Акнун ки бегуноҳии банда собит шуд, албатта дар бораи фақир иноят ва лутфе хоҳед кард. Ҳеҷ инояте маро аз ин беҳтар нест, ки гуноҳи мавлоно Огаҳиро ба фақир бахшед ва ӯро афв фармоед!

Шоҳғарибмирзо ин илтимоси Шаҳобуддинро қабул намуда, Огаҳиро афв кард.

## ҲИКОЯТИ БАР САРИ МАНОРАИ ГАВҲАРШОДБЕГИМ БАРОМАДАНИ ҲУСАЙНШАҲРИЕР

Восифӣ мегӯяд: дар соли 935 (1529) Келдимуҳаммадсултон дар вилояти Исфиҷоб дар боргоҳи худ нишаста буд ва дар ҳузураш фозилон ва бузургон ҳозир буданд. Шайх Олимшайх оинбандиҳо ва чортоқбарпокуниҳоро, ки дар замони султон Ҳусайнмирзо дар Ҳирот мешуд, аз Миркалони табиби самарқандӣ нақл карда бисьёр таъриф кард...

Султон Муҳаммад ба фақир фармуд: яке аз корҳои аҷибе, ки дар Ҳирот воқеъ шудааст, ба болои манораи Гавҳаршодбегим баромадани марде аст. Агар дар ин бора ҳикояте кунед, муносиб менамояд.

Фақир арз кардам: дар соли 901 (1496) Ҳусайншаҳриёр ном шахсе аз вилояти Шероз ба Ҳирот омад. Дар шаҳр овоза афтод, ки ин шахс бар болои манораи Гавҳаршодбегим бе нардбон ва зина мебаромадааст. Бо шунидани ин овоза халоиқ дар пои он манора ҷамъ шуданд. То як моҳ ҳар рӯз мардум барои дидани ин тамошо дар пои манор ғирд меомаданд.

Баъд аз ин муддат султон Ҳусайнмирзо бо ҳамаи писарон ва аркони давлат ба пои он манора омаданд, ки он рӯз Ҳусайншаҳриёр ҳунари худро нишон додан мехост.

Ҳусайншаҳриёр ба пои манора омад, ӯ чор адад мехи оҳанин ва як ҳалқаи оҳанини бузурги наълиаспмонанд бо худ дошт. Вай ду мехро ба баландии синаи худ бар баданаи манора зад ва худро бар болои он мех гирифт. Баъд аз он ду мехи дигарро ба баробари қади худаш бар манора кӯфт, ҳалқаи оҳанинро бар яке аз он мехҳо гузаронид ва худ ба болои он мехи дигар баромада пойҳояшро ба ҳалқа банд карда худро сарозер аз он ҳалқа овехт ва баъд аз кашида гирифтани мехҳои поёнӣ, боз рост шуда худро ба болои мехҳои болой гирифт ва мехҳои аз поён кашида гирифтаашро ба қадри қади худ баландтар аз мехҳои болой бар манора зад ва ба яке аз онҳо ҳалқаро овехта, худ ба болои он мехи дигар баромад ва ҳоказо...

Ҳусайншаҳриёр ба ҳамин тариқа боло рафтан гирифта, рӯзи дуввум ба зери гулдастаи манора расид, ки дар он ҷо мех задан мумкин набуд. Зеро гулдаста иборат аз панҷара буд.

Ҳусайншаҳриёр дар панҷараи гулдаста зеру боло чӯбҳои сегазиро гузаронида ва устувор намуда ба воситаи он чӯбҳо ба болои гулдаста баромад.

Қуббаи гулдастаи манора аз мис буд. Ҳусайншаҳриёр он қуббаро бардошта ба ҷои вай як чӯби даҳгазиро рост ниҳода мустаҳкам кард ва баъд аз он ба болои он чӯб баромада сари худро бар сари он чӯб ниҳода, пойҳояшро рост боло бардошта, ба даст камон гирифта, аз он ҷо ба ҳар тараф тир андохт, ки ғулғулаи таҳсин ва офарини мардум ба фалак расид.

Иттифоко он рӯз боде сахт мевазид, ки дарахтони азимро аз бех бармеканд. Султон Ҳусайнмирзо он ҳолатро дида дар изтироб афтода фармуд:— Ин марди ҷоҳилро гӯянд зуд фуруд ояд, ки маро тоқати дидани нигуна корҳо нест.

Ҳусайншаҳриёр аз манора фуруд омада буд, ки подшоҳ аспи хоссаи худро бо зину лаҷом, сарупои муносиб ва даҳ ҳазор танга ба ӯ инъом фармуд. Аҳли дарбор ва халоиқ ҳам ба ӯ аз ҳад зиёд инъом карданд, ки ҳисобашро касе намедонист.

## НАҚЛҲО ДАР БОРАИ ТОҚИ КИСРО, НӮШЕРВОН ВА ҲАҶҶОҶ

Нақлҳое, ки Восифӣ дар бораи Тоқи Кисро, Нӯшервон ва Ҳаҷҷоҷи Золим ба Келдимуҳаммадсултон кардааст, афсонаҳои машҳур буда, ба ёддоштҳои муаллиф ҳеҷ дахл надоранд. Танҳо нақл кардани ӯ ин афсонаҳоро дар пеши хони мазкур хислати ёддоштӣ дошта бошад ҳам, барои хонандагон аҳамияти таърихӣ надорад. Аммо аз он ҷо ки нақл кардани Восифӣ ин афсонаҳоро аз ҷиҳати таърих охирин ёддоштҳои ӯст, дар ин ҷо қайд кардани онҳо муносиб дида шуд.

Восифӣ дар ин бора чандин афсонаҳоро ба Келдимуҳаммадсултон нақл кардааст, аммо мо дар ин ҷо як қисми онҳоро кӯтоҳ карда меорем.

Восифӣ мегӯяд: дар соли 938 ҳиҷрӣ (1532), ки султон Муҳаммад дар боғи Шоҳрухия дар девонхона нишаста буд, аз ин камина пурсид:

— Тоқи Кисро, ки бонии он Нӯшервони одил аст, дар кадом вилоят аст ва он бино чӣ гуна буд?

Ба арз расонида шуд, ки он иморат дар шаҳри Мадоин аст. Баландии он тоқ аз обрез (аз раҳи болои курсӣ) то сари айвон саду бист газ буд ва монанди он биное дар рӯи замин набуд. Мегӯянд, ки фарши замини он айвон аз санги рухом, мар-мар ва сангҳои гуногунранги дигар баҳам расида буд...

* * *

Восифӣ мегӯяд: султон Муҳаммад аз фақир дар бораи Нӯшервон боз ҳикояте талаб кард. Маъруз дошта шуд, ки Нӯшервон рӯзе дар роҳ мерафт, деҳқони солхӯрдае-

ро дид, ки дарахти ҷавзбун (чормағз) менишонд. Подшоҳ ба он пир гуфт:

— Магар ту аз илми деҳқонӣ ва зироат хабар надорӣ, ки дар ин синну сол ниҳоли ҷавзбун менишонӣ? Оё ту нашунидаӣ, ки дарахти ҷавзбун дар 30 сол ҳосил медиҳад? Ту ки пир шудаӣ аз ин дарахт чӣ бар хоҳӣ хӯрд?

Деҳқони пирсол ҷавоб дод: Шоҳо! Дигарон дарахт нишонданд, мо бари вайро хӯрдем, мо низ дарахтон нишонем, то дигарон бари онҳоро хӯранд!

Ин сухан ба Нӯшервон хуш омад ва гуфт:— Зиҳӣ! Офарин!

Одат ин буд, ки харгоҳ Нӯшервон касеро бо калимаи «зиҳ-зиҳӣ» таҳсин кунад, хазинадораш ба он кас ҳазор ашрафӣ (тилло) инъом медод.

Пири донозамир баъд аз гирифтани он инъом хандон шуда, ба Нӯшервон гуфт:

— Шумо гуфтед, ки ин дарахт баъд аз сӣ сол бар хоҳад дод. Ва хол он ки ин дарахт ҳамин замон ҳосил дод!

Нӯшервон хурсанд шуд ва гуфт:— Зиҳ!

Хазинадор ба пир боз ҳазор тилло дод ва ба шоҳ гуфт:

— Зудтар аспро аз ин ҷо биронед, ки ин пирак хазинаи моро холӣ хоҳад кард...

* * *

Восифӣ мегӯяд: султон Муҳаммад баъд аз шунидани ин ҳикоят гуфт:

— Чизҳо бо зидди худхошон шинохта мешаванд гуфтаанд. Акнун дар бораи Ҳаҷҷоҷи Золим ҳикояте шунидан муносиб аст.

Қамина арз кардам: номи Ҳаҷҷоҷи Золим Муҳаммадюсуфи Сақафӣ[1] буд. Бинобар ин ки ӯ аз ҳар кас чизеро баҳона карда ҳуҷҷат талаб мекард ва касоне, ки мувофиқи талаби вай ҳуҷҷат оварда натавонанд, мекушт ба ӯ «Ҳаҷҷоҷ» (бисьёр ҳуҷҷатхоҳ ва ҳуҷҷатгӯй) лақаб дода буданд ва мардум аз дасти ӯ танҳо бо ҳозирҷавобӣ ва латифагӯӣ раҳоӣ меёфтанд.

Рӯзе Ҳаҷҷоҷ ба шикор рафта буд, дар бозгашт аз лашкари худ ҷудо монд. Дар он шаб дар роҳ дар обе афтод. Каси роҳгузаре ба ӯ расида вайро аз он об халос

[1] Мувофиқи ривояти таърихҳои мӯътабар номи ин золим Ҳаҷҷоҷ бинни Юсуфи Сақафӣ аст.

кард ва Ҳаҷҷоҷ ба ӯ изҳори миннатдорӣ карда ном ва ҷои вайро пурсид.

Он шахс ҷавоб дод:— Номам фалонӣ ва бошишгоҳам дар фалон маҳалла мебошад!

Рӯзи дигар Ҳаҷҷоҷ бар тахт нишаста фармуд, ки фалон касро аз фалон маҳалла биёранд. Чун он кас ҳозир шуд, Ҳаҷҷоҷ ба ӯ гуфт:

— Аз ту чизе мепурсам, ҷавоби хуб ва маъқуле гӯӣ наҷот меёбӣ, вагарна дар зери теғи бедареғ туро порапора хоҳам кард.

— Бифармоед!— гуфт он мард.

Ҳаҷҷоҷ ба ӯ гуфт:— Шахси золиме, ки ба мардум зулму тааддӣ бисьёр мекарда бошад ва халоиқ нест шудани ӯро аз худо талаб мекарда бошанд, он золим дар таҳлукаи ҳалокатоваре афтад, касе ӯро (хоҳ дониста ва хоҳ надониста) аз он таҳлука халос карда, вайро дубора бар сари мардуми мазлум орад, дар ҳаққи он кас чӣ бояд кард?

Он шахс дарҳол фаҳмид, ки касе, ки шаби дӯшина аз таҳлука халос карда буд, ҳамин Ҳаҷҷоҷ будааст ва гуфт:

— Шоҳо, донистам, ки чӣ мегӯед. Он золиме, ки ба халқ зулму ситам мекунад, шумоед! Ва шумо дар бало афтода будед, ки банда халос кардам. Ман ба ин сабаб халос кардам, ки падари шумо бар сари мо ҳоким буд, ба халқ бисьёр зулму тааддӣ мекард, мардум ӯро нафрин мекарданд, ба ин умед, ки писари ӯ ки шумоед, шояд аз вай беҳтар бароед! Вақте ки ӯ мурд ва ба шумо тоҷу тахтро супурд, мо дидем, ки дар ҳаромзодагӣ, бераҳмӣ, хунрезӣ * ва сангдилӣ аз падаратон садчандон баромадед. Мо метарсем, ки агар шумо бимиред, писари шумо дар зулму ситам аз шумо бадтар барояд. Бинобар ин мардум зиндагии шуморо мехоҳанд ва сабаб ҳамин буд, ки фақир шаби дӯшина, дар вақте, ки дар лойдони марг то сина фурӯ рафта будед ва аз зиндагии шумо танҳо рамақе монда буд, шуморо аз чанголи марг халос карда, боз ба сари мардум овардам.

Ҳаҷҷоҷ аз ҷавоби ӯ хурсанд шуд ва он мардро аз чанголи марги муқаррар наҷот дод.

---

* Солноманависон ва воқеъанигорон нақл мекунанд, ки Ҳаҷҷоҷи Золим дар вақти ҳукмронии худ 70 ҳазор ва ба қавле 120 ҳазор касро бегуноҳ куштааст. Ишғоли Бухоро ва Мовароуннаҳр аз тарафи Қутайба ҳам дар замони ӯ ва ба фармоиши ӯст, ки Қутайба бевосита ба ӯ тобеъ буд.

## ХОТИМА

То ин чо ёддоштхои асосии Восифӣ, ки аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ» нақлаш муносиб дида шуда буд, ба поён расид. Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» чунон ки дар боби даромади сухан гуфта шуд, баъд аз соли 938 (1532) ёддоште қайд накардааст. Муаллиф дар охири китоби худ баъзе латифаҳо, масъалаҳои бозии ҳисобӣ ва баъзе таҳрирот ва порчаҳои шеъриро, ки дар мавридҳои гуногун таҳрир кардаст ва гуфтааст, гӯё бо илтимоси султон Муҳаммад ва ё бо хоҳиши баъзе дӯстони худ қайд кардааст.

Мо дар қисми хотима ба тариқи намуна нақли ду латифа аз мутоябаҳо ва қайди мазмуни як ҳуҷҷати таърихиро муносиб дидем:

### *ЛАТИФА*

Чӯгии гурусные ба деҳе расид, ки раиси он деҳ бемор буд. Чӯгӣ гуфт:

— Ман ин беморро тандуруст мекунам. Барои даво нон ва равған ҳозир кунед!

Касони бемор гуфтаҳои чӯгиро ба амал оварданд. Чӯгӣ нонро порча-порча дар равған тар карда аз сари бемор гардонда хӯрдан гирифт ва баъд аз тамом шудани нону равған дуо карда, аз пеши бемор берун баромад.

Чӯгӣ ҳанӯз аз хонаи бемор дур нашуда буд, ки аз он ҷо овози гиряву нола баланд шуд. Чӯгӣ аз мардум пурсид:

— Чӣ воқеа рӯй додааст?

Гуфтанд:— Раис мурд.

Ҷӯгӣ гуфт:— Агар ман он тарика даво намекардам, худ ҳам мемурдам.[43]

*ЛАТИФА*

Боғбоне дар боғи худ хирс ва сӯфиеро, ки дар он боғ даромада буданд, дастгир кард. Боғбон сӯфиро дар зери зарбу лат гирифт. Аммо ба хирс кордор нашуд.

Сӯфӣ ба боғбон гуфт:— О мардак! Хирсро назада чаро маро мезанӣ?

Боғбон гуфт:— Хирс фақат мехӯрад, ту ҳам мехӯрӣ ва ҳам мебарӣ!

## МАНШУРИ (ЯРЛИҒИ) ИНЪОМИ КОНҲО ВА ЗАМИНҲОИ МАЙИТАИ ВИЛОЯТИ ТОШКАНД БА САИДШАМСУДДИНИ ХУРОСОНӢ

Восифӣ дар охири китоби «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар қатори иншоҳои худ менависад, ки Наврӯз Аҳмадхон (бародари Келдимуҳаммадхон) конҳои вилояти Шош (Тошканд)-ро ҳам заминҳои майита (нокорам)-ро ба ҷаноби Саидшамсуддини Хуросонӣ иноят (инъом) карда, навиштани маншури (ярлиғи) ин инъомро ба фақир фармуд.

Восифӣ баъд аз таҳрири мукаддимаи ярлиғи инъоми конҳо дар бораи инъоми заминҳои нокорам менависад (мазмунан): ва низ дар вилояти Тошканд ҳар ҷо замини майита (нокорам) бошад, ки Саиди мазкур он заминро зинда (корам) карда бошанд, аз они Саиди мазкур доништа шавад ва аз он гуна заминҳо ба ҳисоби подшоҳӣ ҳеҷ чизе ситонда нашуда, ҳеҷ офаридае ба он заминҳо дахл нанамояд. Бародарони комкор, фарзандони номдор, умарои бодониш, судурҳои боақлу биниш, вазирони адолаткеш, ноибони салоҳандеш, дарбориён ва дигар мардумонро он ки ин чизҳои инъомшударо ба ихтиёри Саиди мазкур гузошта, ба танҳой ва ба тариқаи истиқлол ҳақ ва милки ӯ шиносанд ва касеро ба Саиди мазкур шарик нагардонанд ва ҳарсола фармони нав талаб накунанд...

* * *

Аз ёддоштҳои пештара ба мо маълум аст, ки Саидшамсуддин касест, ки Восифӣ бо ӯ аз Хуросон ба Мовароуннаҳр омад, ӯ Восифиро аз Самарканд талаб карда, ба

Бухоро бурд ва инчунин ҳар дуи инҳо аз Бухоро бо ҳам ба Саброн сафар карданд ва аз он ҷо низ бо ҳам ба Фаркат рафтанд. Дар Тошканд — дар дарбори Севунҷхоҷахон ҳам ҳар ду бо ҳам буданд ва аз он ҷо бо ҳам ба Шаҳрисабз рафтанд.

Аз ёддоштҳо ин ҳам ба мо маълум аст, ки Наврӯз Аҳмадхонро Восифӣ тарбия ва таълим карда буд. Бинобар инҳо тахмин кардан мумкин аст, ки ин ҳама инъоми калон аз тарафи Наврӯз Аҳмадхон ба Саидшамсуддин аҷаб нест, ки ба саъю кӯшиши Восифӣ шуда бошад.

Аз ёддоштҳои гузаштан Восифӣ ба мо маълум аст, ки баъд аз вафоти Севунҷхоҷахон, дар ҷои вай дар Тошканд писари калонаш — Келдимуҳаммадхон бо номи подшоҳӣ нишаста, Наврӯз Аҳмадхон — бародари Келдимуҳаммад дар Шоҳрухия, ки аз музофоти Тошканд буда, он вақтҳо Хуҷанд, Оҳангарон ва Пискат (Пискент) ба он ҷо тобеъ буд, ҳоким таъин шуда буд.

Аз ин маълумот гумон кардан мумкин аст, ки конхое, ки мувофиқи ҳуҷҷати дар боло нақл кардашуда ба Саидшамсуддин бахшида шуданд, конҳои Қонсои Хуҷанд ва конҳои Оҳангарон буда, заминҳои майита ҳам бояд заминҳои Пискент ва Оҳангарон бошанд.

Фердинанд Дюшен

# Қамар”

(роман)

Аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ
С. АЙНӢ

## ЯК ДУ СУХАН

Асли ин ҳикоя ки ба номи Қамар ба хонандагони пешкаш карда мешавад, ба забони франсавӣ буда, аз тарафи Фердинанд Дюшен аз ҳаёти арабони Африка гирифта навишта шудааст. Пас аз тарҷима шудан аз франсавӣ ба русӣ, аз русӣ ба ӯзбакӣ—аз ӯзбакӣ ба забони тоҷикӣ гардонида шуд. Баъзе ҷоҳое, ки аз нусхаи ӯзбакӣ дуруст мафҳум намегардид, ба нусхаи русиаш татбиқ карда, дуруст карда шуд. Бо вуҷуди ин (азбаски ба ду восита ба мо расидааст) мумкин аст, ки мазмун, номҳо ва тасвирҳои аслиаш хеле дигаргун шуда бошад. Дар болои ин, завқи хонандагони тоҷикро, ки назмро зиёда дӯст медоранд, дар назар гирифта, баъзе тасвирҳо бо порчаҳои шеър ва фикраҳои шеърмонанд зинат дода шуд.

Номи аслии ин ҳикоя «Қумайр» (тасғири «Қамар» ба маънои моҳи хурдтарак) бошад ҳам, аз ҷиҳати ошно набудани оммаи тоҷикон бо ингуна номҳо қабул кардани «Қамар» муносиб дида шуд. Дар баъзе ҷойҳо тарҷимаи номи аслиаш (Моҳак) гузошта шуд.

Бо хоҳиши баъзе коркунони нашриёти тоҷикӣ, дар забони ин ҳикоя як қадар таъбирҳои кӯчагӣ дароварда шуд, ки ин як таҷрибааст; агар оммаи хонандагони ин корро хуш қабул кунанд, баъд аз ин дар баъзе ҳикояҳо ин равиш риоя карда хоҳад шуд, вагарна ин ҳикоя дар ин боб аввалин ва охирин шуда хоҳад монд. Ба ҳар ҳол дар ин бора диққат карда, изҳори фикр намудани хонандагон матлуб аст.

Агарчи ин ҳикоя зиндагонии арабони Африкаро тасвир мекунад ва, чунончи дар муқаддимаи нусхаи русиаш

Анатолий Виноградов гуфтааст, ба нияти ислоҳ кардани сиёсати ислоҳнопазири мустамликадории Франса навишта шуда аст, ҳиссаҳое ки хонандагони тоҷик аз ин қисса бардоранд, бисьёр аст:

1. Хонанда пас аз хондани ин ҳикоя мефаҳмад, ки ҳукуматҳои сармоядор ва тарзи иҷтимоие, ки онҳо ҳимоя мекунанд, дар масъалаи занон ба чӣ назар нигоҳ мекардаанд, ба муқобили ин дар ватани шӯроии худ мебинад, ки ҳуқуқ ва озодии занон ва духтарон аз тарафи қонун ва аз тарафи вазъияти иҷтимоии нав, ба чӣ дараҷа ҳимоя ёфта истодааст;

2. Хонанда инро низ мефаҳмад, ки дар масъалаи озодии занон ва духтарон, монанди Бакр дар нимроҳа мондан, дудила шудан, ё монанди Муҳаммад шубҳа, рашк ва ҳасадҳои беҷо кардан, ба бисьёр фоҷиаҳо сабаб мешудааст;

3. Хонанда ин таъсирро мегирад, ки бе мубориза кардан ба муқобили урфу одатҳои кӯҳна, бе додани ихтиёри куллӣ дар интихоб кардани шавҳар ба дасти занон ва духтарон ва бетаъмин ёфтани эҳтиёҷи иқтисодии занон ва духтарон аз тарафи худашон (на аз тарафи шавҳар ва дигарон) озодии ҳақиқии онҳо ба вуҷуд намеомадааст, агар ихтиёри шавҳар хостан ба дасти духтар набошад, мумкин аст, ки падараш монанди Бакр хато кунад ва ӯро ба дасти ноаҳле супорад, дар он сурат ба зиндони бало гирифтор хоҳад шуд, ё агар эҳтиёҷи худро худ таъмин карда натавонад дар сурати рондани шавҳар ва дигарон монанди Қамар дар биёбони нокомӣ маҳв хоҳад гардид;

4. Маълум аст, ки мо имрӯзҳо аз як ҳолати иҷтимоии кӯҳна баромада, ба як зиндагонии нав қадамгузор ҳастем;

Ҳоло дар миёни мо ин Толибҳо ва Муҳаммадҳо бисьёранд, ки барои замонасозӣ дар зоҳир худро маданӣ ва тарафдори озодии занон нишон дода, дар ботин ба ҳаққи занон бадтар аз ваҳшиёни Африка зулм мекунанд.

Хонанда аз ин ҳикоя ибрат гирифта, дар роҳи озодии занон ва духтарон, мубориза кардан бо ингуна касони риёкорро вазифаи виҷдонӣ ва иҷтимоии худ медонад.

*С. Айнӣ*

# Қисми якум

## ШАВҲАР КАРДАНИ «МОҲАҚ»

### I

### МЕҲМОНХОНАИ АРАБ

— Бибӣ! Меҳмон омад, меҳмон!

— Ин суханро «Зардуда» шунида аз хонаи худ дартоз баромад ва дари ҳуҷрае ки вай баромада буд, кушодагӣ монд. Дар ҳамин вақт дари дигари калонӣ, ки рӯ ба рӯи дари ҳуҷраи Зардуда буд, оҳистекак боз шуд ва аз онҷо пишаки зарди бароқӣ думи худро сих карда баромада омад. Дари калоне, ки гурба аз он ҷо баромада буд, шараққос зада пӯшида шуд.

— Эй...! Бомун-хонум ку... Шумо ҳам меомадед-дия.. Чаро пештар хабар надодед?

Гӯяндаи ин сухан Зардуда ба атроф нигоҳ карда:

— Қамар-ӯй!.. Қамар! Ту куҷой, зуд мураббо ва қаҳва тайёр карда биёр!

Бисьёр вақт нагузашта буд, ки Қамар ба дасташ лаълии мисиро гирифта, аз ошхона баромада омад. Дар пиёлачаҳои чинӣ мураббо андохтагӣ ва ба сари ҳар кас дар як пиёлачаи марҷонкорӣ қаҳваи ҷӯшон буд.

Қамар ба танаш либоси осмонгуни арабӣ, бо чашмони сиёҳе ки аз гуна-гуна ғамза ва ноз дили бинандаро дар сӯзу гудоз меандохт ва бо абрувони ишвапардозе, ки моҳи навро ба пеши чашм ҷилвагар месохт, дар ғояти латофат ва дилкашӣ намоён шуд, вай лаълии ба дасташ будагиро ба болои чорпоячаи шамшодин гузошта, бо Бо-

мун-хонум пурсупос кард, пас аз он ба модари худ нигоҳ карда:

— Ана бибичон, ҳамаашро тайёр карда овардам,— гуфт.— Бомун-хонум ба Қамар нигоҳ карда:

— Ту маро тамом фаромӯш карда, аз хотир баровардӣ-я... Се моҳ пур шуд, ки ба хонаи моҳо нарафтаӣ,— гуфт.

Падари Қамар китфи худро кашида ба Бомун-хонум ҷавоб гардонда гуфт:

— Қавми араб ва аз он ҷумла зани ман ҳам монанди хачир гарданшаханд... Духтарони мо вақте ки қадрас шуда, ҳангоми ба шавҳар рафтанашон наздик расад, ба кӯча баромада гашта наметавонанд, ба муқобили ин одати онҳо чизе карда намешавад. Духтари ман агарчи мактаби франсузиро тамом карда, шаҳодатнома гирифтааст, аз даҳ солагиаш сар карда ба фаранҷӣ гирифтан маҷбур шуд. Аз чаҳор моҳ ба ин тараф, ки ба шавҳар номзад шудааст, гӯё тамоман дар зиндон аст. Одат ҳамин аст, чӣ бояд кард? Агар ман дар қатори дигар арабон ба ин расм риоя намекардам, духтари худро ба араб дода наметавонистам!

— Магар дар ин ҷоҳо ҷавонони франсузӣ нестанд?... Қамар ҳам-ку монанди франсузон хондагӣ ва тарбиянок аст... Назар ба қавли худатон аз мактаби дараҷаи аввали франсузӣ шаҳодатнома ҳам доштааст,— гуфт Бомун-хонум.

Падари Қамар сари худро ҷунбонда гуфт:

— Не, пошохон! Вай ба франсуз расида наметавонад, инро худи шумо ҳам хуб медонед.

— Оре, медонам, аз рӯи шариати шумо мардони мусулмон аз насороҳо зан хоста тавонанд ҳам, зан ва духтаронашон ба насороҳо ба занӣ баромада наметавонанд, дар миёни шумоён мардон аз занон болотар меистанд, коре ки ба мардон равост, ба занон раво нест.

— Дуруст аст хонум! Мо ҳам ин масъаларо шумоҳо барин фикр мекунем! — Бомун-хонум хандаи дандоннамое кард.

— Ҳамин тавр карда ту барои духтараки худ як ҷавони маълумотноки мусулмонро, ки падараш табаагии франсаро қабул кардааст, хостаӣ?

— Оре, пошохон. Нимфрансуз будани духтари шаҳодатномадори худро дар назар гирифта, вайро ба Бокколовар Муҳаммад, ки писари Ибни Толиб аст, доданӣ шу-

дам. Худи Ибни Толиб ба гирифтани нишони фахрии легион сазовор аст, гуфта тақдим карда шудааст ва ҳозир дергуман[45] — маслиҳатгузори шаҳр мебошад, ҳатто бояд ӯ аъзои иттифоқи такомули иҷтимоӣ низ бошад.

— Ба ҳамин тариқа ту барои худ домоди хубе ёфта гирифтаӣ.

— Оре, ба қадри имкон хубашро ёфтам.

Пас аз он ба якбора:

— Ҳоло ман се рӯз аст бо зани худ даст багиребонам,— гуфта монд.

Бомун-хонум тааҷҷуб карда, бо овози баланд гуфт:

— Магар ин мумкин аст, магар шумо бо Зардуда-хонум ба тарзе ки дигарон аз шумо намуна гиранд, ба хубӣ зиндагӣ надоред, чаро бо ҳам ҷанҷол мекунед?

— Эй-валло!... Якум дафъа ҷанҷоли мо ҳам бо вай дар бораи ҳамин духтарамон шуда буд, дар он вақт низоъ дар болои ба мактаб додани духтарам бархоста буд. Пас аз вай дар миёнаи моён ҳеҷ чизе нашудааст. Худи шумо як фикр карда бинед-чӣ, вай чӣ андеша дорад?

— Магар аз шумо ҷудо шудан мехоҳад?

Араб дастҳои худро бардошта, сари худро ҷунбонд ва хандида гуфт:

— Не, хонум, ин тавр не! Барои Зардуда ҳамроҳ даркор будааст, бинобар ин хоҳиш дорад, ки ман ба болои вай як зани дигар бигирам.

Бомун-хонум қоҳ-қоҳ зада хандид ва гуфт:

— Худи Зардуда ҳаминро талаб мекунад?

— Оре, худи Зардуда ҳаминро талаб мекунад, лекин ман намехоҳам. Ман ба вай: «ин чӣ гуфтагет, барои ту зани дуввум гирифтани ман чӣ даркор?» гӯям вай ба ман: «дида истодай-ку, ба наздикӣ Қамар ба шавҳар меравад, ман дар хона танҳо мемонам, ман хеле солхӯрда шудаам, бо андак кор кардан ҳалок шуда мемонам, ман бисьёр кор карданро он қадар дӯст ҳам надорам, бинобар ин барои ман зани дуввум гирифтани ту даркор аст» мегӯяд. Дар болои ҳамин гап мо се рӯз ҷанҷол кардем. Вай: «бояд ту дубора хонадор шавӣ» мегӯяд. Ман: «хонадор шуданро намехоҳам» мегӯям. Вай: «ту бояд зани дуввум бигирӣ» мегӯяд. Ман: «не, намегирам» мегӯям. Вай: «нагирифта наметавонӣ» мегӯяд. Ниҳоят ман «ҳар дуи мо аз ду хачир ҳам гарданшахтар ҳастем» гуфта мондам.

Зардуда ҳам ба гап ҳамроҳ шуда:

— Ҳамин тавр пошохон, се рӯз аст, ки дар хонаи мо осоиш нест. Бакр ҳамеша бо ман ҷанг мекунад,— гуфт. Бомун-хонум ба гапи вай муқобил баромада гуфт:

— Зардуда-хонум, магар шумо бистсола зиндагонии бахтиёронаи хонадории худро худатон фикр карда намебинед, магар шумо гумон мекунед, ки дар ҳар хонавода монанди Бакр шавҳари ҳақиқиро ёфтан мумкин аст?— Зардуда андак ғамгин шуда ҷавоб дод:

— Ман аз дидани шумо бисьёр хурсанд ҳастам, лекин ман ба хубӣ медонам, ки шумо ба сабаби як зани француз буданатон дар низоъи ману Бакр маҷбур ҳастед, ки ба муқобили ман бароед.

— Чаро шумо ингуна фикр мекунед? Шумо дар назари ман, як зани бисьёр софдил ҳастед, ман ба шумо ба ростӣ мегӯям, ки аз ин гапҳои шумо ҳеҷ чиз нафаҳмидам, баъд аз хуб шунидани суханони ҳардуи шумоён эҳтимол чизе фаҳмам, агар шумоён хоҳиш дошта бошед, пас аз он фикри худамро хоҳам гуфт.

— Албатта, ҳамин аст, имрӯз зани судья дар миёнаи моён вазифаи судиро адо хоҳад кард,—гуфта Бакр дасти худро ба пешонаи худ ниҳода ба Бомун-хонум арзи эҳтиром кард. Зардуда шавҳари худро масхара дошта, хандида гуфт:

— Ана марду, мана мард! Як занро барои худ ҳоким хостагӣ як марди араб! Ту чӣ андеша дорӣ, Бакр! Агар дигар арабҳо туро ба ҳамин ҳол бинанд, чӣ мегӯянд?

Бакр қади худро рост карда:

— Аввал он ки дар ин масъала ғайр аз ман дигар арабон чи дахл доранд, дуввум, ин хонуме, ки ман ҳакам қарор додаам, як зани муқаррарӣ набуда, зани ҳоким аст.

Қамар бо чапакзаниҳо падари худро таҳсин кард, лекин дид, ки модараш ба вай нигоҳ карда истодааст, худро ба бағали ӯ андохт. Зардуда-хонум духтари худро дӯстдорӣ карда, ба шавҳари худ ҷавоб дод:

— Ман бахтнок шудани духтари худро мехоҳам, ман гумон мекунам, ки агар вай монанди ман тарбия мееёфт, монанди ман бахтнок ҳам мешуд. Лекин ту ба гапи ман гӯш наандохта, ӯро бо роҳи дигар тарбия карданӣ шудӣ. Албатта, ин кор ҳаққи ту буд, лекин худо медонад, ки охири ин кор чӣ мешавад. Алҳол вай нимараб аст, бештарин корҳое, ки ӯ мекунад, ба расми арабони мо баробар намеояд. Ӯ бисьёр корҳо дорад, ки дар миёни мо

хеҷ нест. Гоҳо ӯ тамоман як девона барин шуда мемонад. Ман ӯро дар тахти тарбияи бегона вайрон шудагӣ гумон мекунам.

Қамар бо ду дасти худ сари модарашро гирифта гуфт:

— Не, бибиҷон, ин тавр не! Ман вай гапро ба шумо фаҳмонда будам-ку? Сабаби он ин аст, ки маро «Қамар» мегӯянд.— Бомун-хонум тааҷҷуб карда, «Қамар» чӣ маънӣ дорад?» гуфта пурсид.

— Қамар сухани арабӣ аст, маънояш «Моҳ» аст. Лекин ба худи шумо маълум аст, ки ҳар кас ба моҳ муносибат дошта бошад, қадре девона мешавад.

Қамар пас аз гуфтани ин суханон лабони нозуки ғунчавор ва рухсораи дурахшони пуранвори худро дар ҳаракат оварда, хандид. Хандидани вай гӯё шукуфтани ғунчаи гули сурх буд, ки маҷлисро гулшан кард, ё монанди дамидани субҳ чашми ҳамаро равшан намуд. Не! Балки аз чашмаи зиндагонӣ чакрае таровида ба ҷонҳо тозагӣ бахшид:

Лаби лаълаш ба нимхандидан,
Анҷуманро тамом гулшан кард.
Ё, магар, субҳи содиқе бидамид,
Ки ҷаҳонро ба нур равшан кард.
Не, яқин чакрае зи оби ҳаёт,
Битаровиду рӯҳ бар тан кард.

Зардуда-хонум гуфт:

— Ман Моҳро хуб медонам, назар ба гуфтаҳои шоирони араб Моҳ барои арабон яке аз аломатҳои хуби осмон аст.

Қамар:

— Ал-Лайлӣ, Ал-Лайлӣ, (ҳо Лайлӣ, ҳо Лайлӣ) гуфта сурудгӯӣ сар кард. Лекин нохост ангуштони чун шохчаи марҷони худро ба лаби лаъли ғазалхони худ ниҳода, якбора хомӯш монд. Аз ин ҳол димоғи падараш Бакр сӯхт. Чин бар абрувонаш афтод, лекин чизе нагуфт. Боз кам-кам чеҳрааш кушода шуд.

Зардуда андак хашмгин шуда, ба шавҳари худ нигоҳ кард ва гуфт:

— Инак дидӣ, дар пеши ту ҳам ғазалхонӣ мекунад, ман медонам, ки ин ҳол ба худи ту ҳам нафорид. Худаш дарҳол қабоҳати инро пай бурд, вай боз як бори дигар духтари араб будани худро ва дар пеши падари худ муносиб набудани ғазалхонии духтари арабро аз ёди худ

баровард, лекин эхтимол ин кирдори ӯ ба шавхараш хуш ояд, зеро аз рӯи шунидам вай хам нимфрансуз будааст.

Пас аз ин ба Бомун-хонум нигох карда гуфт:

— Масъалаи ин тӯйро ҷаноби Ибни Толиб бо падари Қамар як шуда фикр карда баровардаанд. Албатта, ба муқобили ин кор ман чизе гуфта наметавонам: агар ман дар ин бора гап кушоям, Бакр хақ дорад, ки ба ман «ба ту чӣ» гуфта кохиш кунад. Вазифаи ман танхо саришта кардани тамоми корхои тӯй хаст, корхои даруни хона ва ошхона, монанди ошпазӣ, ҷомашӯӣ, дарздӯзӣ ҳамааш ба гардани ман аст. Ва хол он ки ман синни худро гирифтаам, бинобар ин ман ба танхоӣ хама корро саришта карда наметавонам, ё ки зуд халок ва монда шуда мемонам. Ба ин сабаб ман хақ дорам, ки аз ин ваҷҳ гап занам ва дарди худро бигӯям. Ман аз Бакр зани дуввум гирифтанашро талаб кардам. Зане, ки аз шавхари худ зани дуввум гирифтанро талаб кардааст, танхо ман нестам, агар лозим бошад ман онхоро ягон-ягон номбар карда, шумурда нишон медихам; хатто дар хонаводахои мӯътабаре ки дар «Ар-рӯх» ҳастанд, низ ин хол дида шудааст. Бакр бошад, ба ин кор хеҷ розӣ намешавад. Вай араб будани худро фаромӯш кардааст ва намедонад, ки гап дар болои духтараш нест, балки дар хаққи ман аст. Вай ин ҷиҳатхоро хеҷ андеша намекунад ва маро девона мепиндорад. «Ман вахшӣ нестам» гуфта ба ман дӯғ мезанад.

Бакр «астағфирулло» — гуфта фарьёд кашид ва — «ту сад чандони духтарат девона хастӣ» гуфт, пас аз он ба Бомун-хонум нигох карда:

— Пошохон! Шумо ба вай фахмонед-чӣ; ман зани дуввум гирифтанро харгиз намехохам. Ман мехохам умри худро бо худи ин ба сар барам. Ман монанди буз ё гӯсфанд як хайвони чорпо нестам; ғайр аз ин, ман хамин зани худро бисьёр дӯст медорам,— гуфт.

Пас аз он ангушти шаходати худро ба навбат ба хар ду дидаи худ нихода гуфт:

— Ман хамин зани худро бист сол пеш аз ин никох карда гирифта будам. Нахустин аз вай як писар ба рӯи қадам омад, он писар мурд. Баъд аз он то понздах сол фарзанд нашуд. Дар миёни арабон чунон одамон хастанд, ки агар занашон писар назояд, ӯро сар дода зани дигар мегиранд. Лекин ман ба хамон хол хам зани худро сар надодам. Пошохон! Хамин кори ман магар хуб

нест? Зани ман хеҷ гохе аз ман норозӣ шуда шикояте на-кардааст. Танҳо ҳангэми ба мактаб фиристодани Қамар андак ҷанҷол кард. Имрӯз бошад, вай мехоҳад, ки ман монанди бадавиён зани дигар бигирам. Чаро сето ё ча-ҳорто не? Дар он вақт барои ҳар кадэми онҳо яктагӣ ҳуҷра даркор мешавад. Агар хоҳад ҳар кадомаш ба ҳав-лии ҷудогона мешинад. Дар он вақт бояд ман ба ҳеҷ яки аз онҳо кам ё зиёд нигоҳубин накунам ва дар бораи кор-ҳои худам бо ҳеҷ яки аз онҳо маслиҳат нанамоям. Дар вақтҳое ки аз хидмати посбонӣ фориғ шавам, танҳо ба қаҳвахона рафта битавонам, ман дар он вақт монанди амалдори ҳарбие мешавам, ки дар хонаи худ бо чаҳор нафар аскар зиндагонӣ мекунад, Зардуда бошад, ҷои му-лэзими ҳарбиро мегирад.

Пас аз он Бакр хандакунон дасти худро бардошта ба Бомун-хонум:

— Ҳоким-хонум! Ба фикри ман зане ки аз шавҳари худ ингуна як чизи ношуданиро талаб мекунад, ин ни-шонаи он аст, ки вай шавҳари худро дӯст намедорад. Дар ин бора шумо чӣ мегӯед? — гуфт.

Пас аз ин гуфтугузор Зардуда ба ҷои худ дам шуда монд. Қамар бошад, дар ҳолате ки гурбаро бэзӣ медошт, ба падари худ нигоҳ карда, табассум мекард.

Пас аз андак хомӯшӣ Зардуда гап сар карда гуфт:

— Пошохон! Ман ба хубӣ медонам, ки шумо маро айб мекунед, лекин бок надорад. Ман охирин мартаба боз аз шавҳари худ зани дуввум гирифтанро хоҳиш ме-кунам. Вай дар вақти танҳоияш фикр кунад, агар вай ин талаби маро маъқул надонад, ман аз ҳамин вақт гуфта мемонам, ки ба хонаи хеши худам Райҳон кӯчида рафта, ба воситаи қозӣ хати талоқи худамро аз ин талаб хоҳам кард.

— Ба шумо чӣ шуд, бибиҷон?

— Зардуда, ту чиҳо гуфта истодаӣ?

Зардуда бо оромӣ ба сухани худ давом дода гуфт: — Бакр аз ман шикоят мекунад, ки гӯё ман ӯро нағз наме-дида бошам; ман дӯстдории худро исбот мекунам: ман як зани мусулмон ва аз як хонавэдаи олӣ ҳастам, бо ву-ҷуди ин, ман танҳо барои поси хотирдории ӯ бо франсу-зон дар як казарма (сарбозхона) зиндагонӣ карданро қабул намудам, фаранҷии худро партофтам. Вай духта-ри худро ба мактаби насороҳо фиристод, ман дар аввали кор норозигӣ карда бэшам ҳам, оқибат маҳз ба хотири

ӯ ба ин кор ҳам розӣ шудам. Пас аз ба хонаи шавҳар рафтани духтарам Қамар, ман ба танҳоӣ аз ӯҳдаи ҳама кор баромада наметавонам. Аз ин кор худи Бакр ҳам зарарҳои калон мебинад. Ман манфиати худи ӯро дар назар гирифта, «зани дуввум бигир» мегӯям.

Бакр овози худро баланд карда:

— Ман сад бор ба ту гуфтам, ки агар даркор бошад, барои ту хидматгор ёфта медиҳам,— гуфт.

Зардуда бо изҳори норозигӣ сари худро ҷунбонд.

Занони Фос[46] аз бозе ки ба фарангон хизмат мекардагӣ шуданд, ҳама фиребгариро ёд гирифтанд, ба дуздӣ одат карданд. Дар болои ин, онҳо гирифтори мардонанд, ҳамеша фикру хаёлашон ба болои мард аст. Ин гап хуб нест. Дуруст аст барои мусулмонон ин кор бэк надорад, лекин ҳар чи ҳам бошад, сабаби ғайбати мардум ва хории зани никоҳӣ мешавад.

Азбаски зани дуввум, зани никоҳӣ ба шумор меравад, ҳар кас ба вай бо ҳурмат нигоҳ мекунад. Арабони дузана бисьёранд, иззат ва обруи ҳеҷ яки онҳо аз Бакр кам нест. Занони онҳо ҳам дар миёни худ бохушӣ зиндагонӣ мекунанд. Падари ман ҳам се зан дошт. Бародарам Фида ҳам ду зан дорад. Онҳо бо ҳамдигар бахушӣ умр мегузаронанд. Барои Бакр зани дуввумро худи ман нишон медиҳам, ин занро худам хуб мешиносам, як зани буррандаи дӯзандаи баномус мебошад. Аз ман дида ҷавонтар ҳаст. Ман бо ӯ танҳо дар роҳи хурсандии шавҳари худамон кӯшиш хоҳем кард, ҳар корро бо маслиҳати якдигар карда, дӯстона хоҳем зист, аз якдигар рашку ҳасад ҳам нахоҳем кард...

Зардуда андаке хомӯш монда, боз ба эхистагӣ гап сар кард:

— Не, Бакр, не! Ман ҳеҷ гоҳ дарунсиёгӣ нахоҳам кард, зеро ман як зани мусулмон ҳастам, ман танҳо дар бораи ту ва дар бораи рӯзгори ту фикр мекунам. Агар Шарифа бахтнок баромада, ба ту писар зоида диҳад, боз ҳам ҳасад нахоҳам кард. Бакр! Ту ба хубӣ гӯш андоз, ман савганд хӯрда мегӯям, ки худованд ба Шарифа ва ба ту писари қобиле ато фармояд гуфта дуо мекунам, ҳеҷ ҳасад намебарам. Туву Шарифа бо писаратон ба пеши ман фахр хоҳед кард. Бакр, ман зани якуми ту. Инак мебинӣ ки дар ҳаққи ту чи гуна орзуҳои хуб дорам.— Бакр сари худро хам кард. Қамар ба падари худ нигоҳ кард. Бомун-хонум хомӯш буд.

Зардуда ба сухани худ давом карда гуфт:

— Ана ҳамин тавр пошохон! Шуморо барои дар миёнаи моён ҳукм кардан ҷеғ зада будаанд, акнун вазифаи шумо маро айбдор кардан аст. Агар Бакр дар мартабаи охирин боз «не, намешавад» мегуфта бошад, ман чизу чораҳои худро ғундошта, духтари худро бӯсида, монанди касе ки ӯро пеш карда бошанд, аз ин ҷо баромада ба хонаи хешованди худ меравам ва аз он ҷо барои талаби хати покии худ ба қозихона арз мекунам.

Бомун-хонум ҳанӯз хомӯш буд, пас аз ин ба сухан даромада гуфт:

— Зардуда-хонуми софдили поктинат! Албатта ман монанди ту фикр карда наметавонам. Лекин ту ба ман бисьёр чизҳоро ёд додӣ. Дар ин бора гумони ман ин аст, ки агар ман ба ҷои ту мебудам, эҳтимол ман ҳам мисли ту муомила мекардам.

Ҳама хомӯш монданд. Бакр ба Бомун-хонум нигоҳ кард, Зардуда ба Бакр. Қамар аз ҷои худ бархоста ба Бомун-хонум гуфт:

— Худи шумо фикр карда бинед, ки барои ёрӣ додан ба падарам ва муқобилият кардан ба модарам, дар ҷеғ зада омадани шумо чи қадар ҷасорати бемаънӣ карда будаам. Акнун ман бовар кардам, ки маро «Моҳакбачаи беақл» гуфтанашон бесабаб набудааст.

## II

## БОҒИ ЗЕБО

Ба сари «Моҳак» фикри тозае омад, вай бо вуҷуди ин, ки ба наздикӣ тӯй хоҳад шуд, бар хилофи расму одат аз хона берун баромада, ба сайру гашт кардан қарор дод. Оре, вай бо ин кори худ назар ба фикри худ узрҳо дошт: аввал он ки вай мехост Бомун-хонумро, ки дар соле як ва ё ду бор меоянд, ҳамроҳӣ карда, ба хонаи худаш бурда монад, дуввум он ки вай мехоҳад боғчаеро, ки дар пеши қозихона ҳаст, рафта тамошо кунад; зеро вай дар ин боғча хангоми хурдсолагии худ бисьёр гаштааст, бозиҳои бачагонаи худро дар ин ҷо карда, замони бачагии худро гузаронидааст. Вай медонист, ки баъд аз ба хонаи шавҳараш рафтан ин боғчаро нахоҳад дид.

Модараш Зардуда ба ин кори вай норозигӣ карда, таҷҷуб намуд ва гуфт:

— Боз ин чи кор? Туро дар роҳ дида мешиносанд, ин воқеа даҳан ба даҳан ба ҳама паҳн шуда, сабаби ғайбат ва забондарозии мардум хоҳад шуд.

Қамар:

— Не, бибиҷон, не! Ман чунон хурсанд мешавам, ки...

— Бисьёр хуб,— гуфт падари Қамар-Бакр. Вай ба худ муқаррар карда буд, ки ба духтари худ ихтиёр бидиҳад. Бакр гуфт:

— Акнун ман ҳар корро мувофиқи донистагии худам мекунам. Қамар! Ту ба Бомун-хонум ҳамроҳӣ кун, ба ту рухсат! — Барои хотири занаш Зардуда-хонум — Ҳозир дар кӯча ҳеҷ кас нест, баромадан зарар надорад,— гуфта монд.

Қамар фаранҷиро ба сар андохта, гурбаи худро ҳам ба даруни фаранҷӣ пинҳон карда, аз дунболи Бомун-хонум ба роҳ даромад. Дили Қамар бардошта шуда, ҷудо хурсанд буд. Роҳ бисьёр дур набуд, онҳо кӯчаи Ар-рӯхро бурида гузашта, ба боғча наздик расиданд.

Ин боғча хеле васеъ буд. Дарахтони лему, афлесун, анҷир, анор ва монанди инҳо дигар дарахтони мевадор сар то сари ин боғчаро фаро гирифта буданд. (Меваҳои рангоранги ин боғча бо баргҳои сабзгунаш омехта, турфа манзараи дилкушоеро ба назари бинанда ҷилва медоданд.) Қамар аз ин пештарак, вақте ки аз мактаб боз мегашт, дар ин ҷо гурбаи худро бозӣ дошта, димоғи худро чоқ мекард, мардаки пиреро ки қозихонаро посбонӣ карда, дар он ҷо ҳамеша пинак рафта менишаст, масхара медошт; бо муаллими ҳусни хат ҳам дар ин ҷо шӯхӣ ва бозӣ карда, чақ-чақҳо менамуд. Муаллим ба Қамар хуб навиштани ҳарфҳои калон ва суханҳои хандаоварро ёд медод, хусусан аз таърих воқеаҳои аҷоиброро бо иборатҳои ғалатӣ нақл карда, ӯро хурсанд мекард.

Ин муаллим дар замони пеш ба хидмати аскарӣ буда, ҳозир ба маҳкамаи суд саркотибӣ мекард, Қамар ин касро «Дӯстҷон» мегуфт.

— Ана-ана, Дӯстҷон, қариб вайро фаромӯш карда будаам, вай ҳанӯз дар ин ҷо хидмат мекардааст-а,— гуфта Қамар аз Бомун-хонум пурсид.

— Ҷон Бертов ҳанӯз ҳам дар ин мирзохона кор мекунад,— гуфт Бомун-хонум.

Ин шахс кордӯст, сухандони ҳамеша хурсанд ва кушодарӯ буда, ба ҳама кас мақбул буд.

Тирезаҳои хонаи кории вай ба боғчаи шаҳр кушодагӣ

буд. Қамар дар тахти фаранҷӣ будан ва ба наздикӣ тӯй шудани худро ба назар нагирифта, ба пеши тиреза рафта: «ку-ку» — гуфт.

— Ҷавоне ки мӯйҳояш модарзод сафед буд,— Ҷон, сари худро бардошта гуфт:

— Ана Қамарчаи ман! Ба таки тирезаи Дӯстҷон барои «ку-ку» гуфтан омадааст. (Ба Қамар хитоб карда). Гӯй, чӣ ту, киро мехоҳӣ? Дирӯз падарат маро ба тӯй хабар карда рафт. Ту бошӣ имрӯз бача бардошта гаштаӣ, ин чӣ гап?

Аз тахти фаранҷӣ овози хандаомезе баромад:

— Бача, ма бигир бачаатро!

Қамар фаранҷии худро кушода, як чизро аз тиреза ба даруни хона ҳаво дод. Гурба ба ҳолате ки чашмашро беҷо ва думашро сих карда буд, ба болои коғазҳои кории Ҷон омада афтод.

— Қамар, Қамар! — гуфта Бомун-хонум ӯро аз тахти тиреза кашола карда гирифт ва худ ба худ гуфт: — Ин чӣ кор, магар чинӣ шуда мондааст? Агар ӯро ба ҳамин ҳолат бинанд, чи мешавад?

Аз як гӯша падаршӯйи Қамар — Ибни Толиб баромада омад, дар вақте ки ин ду зан ба тарафи дигар мегаштанд, вай аз дур барои ба зани ҳокими худ салом додан фаси [47] пӯпаки дарози худро аз сараш бардошт ва ба душвории тамом хам шуда салом дод. Вай як араби шикамкалони сурхрӯй буд. Риши калонашро ним тарошида буд ва ба танаш либоси сиёҳи фарангӣ дошт. Чашмони тези вай аз тахти айнаки тиллоӣ осори шодмонӣ намоён мекард.

Баъд аз расидан ба хонаи Бомун-хонум Қамар гуфт:

— Агар вай маро мешинохт чӣ мешуд мегӯед? — ба сухани худ давом карда: — Падари шӯйшавандаам (Ибни Толиб) як франсузи ҳақиқӣ. Се сол шуд, ки вай фуқарои Франсия шудааст. Аз ин хусус дар Мирзохона гап шуда буд. Дар ҳамон вақт бо Ибни Толиб ҳазлу мазоҳ карданӣ Ҷон ҳанӯз аз ёдам набаромадааст. Дӯстҷони ман чигуна одами ширин аст-а? — Вай шиками Ибни Толибро хорумол карда: «Ҳа, Саидӣ! Фуқарои Франсия ҳам шудед, ба амал ва нишон бояд муштоқ бошед?» гуфта буд. Ибни Толиб ҳам ба сухани ӯ норизоӣ нишон надода, ханда карда монда буд.

Бомун-хонум ба гапи Қамар ҳамроҳ карда гуфт:

— Магар ҳанӯз ту нашунидаӣ, падаршӯят Ибни То-

либ барои гирифтани нишони фахрии «легион[48]» тақдим ҳам шудааст.

— Чаро надонам, пошохон! Як вақт Ибни Толиб барои ба генерал Башар ариза нависондан ба пеши падарам омада буд. Генерал Башар марэ бисьёр дӯст медошт. Ба падарам амали човуширо[49] ҳам вай дода буд. Падарам барои ба генерал фаҳмондани ин ки маро ба усули франсузӣ тарбия кардааст, аризаро аз ман нависонданӣ шуд. Магар ин воқеаи фаромӯш мешудагӣ аст? Дар болои ин, воқеаи дар вақти ба ман аз Муҳаммад хостгорӣ омадан рӯй дода буд.

— Росташро гӯй,— гуфт Бомун-хонум.— Оё ту Муҳаммадро хуш кардӣ? Вайрэ ҳеҷ дидӣ?

Қамар беибо ҷавоб дод:

— Ман вайро дар рӯзҳои таътил дар маҳкамаи суд як-ду бор дида будам. Вай як ҷавони хушсурат, аз ин ҷиҳат дуруст. Лекин ман бо вай ҳеҷгоҳ ҳамгап нашудаам. Ман ӯро охирин дафъа дар ҳуҷраи кории Ҷон дидам. Ҷон ба ман бо сиёҳӣ ва сурхӣ навиштани ҳарфҳои дар аввали калима меомадагиро ёд дода истода буд. Дар он вақт ман дувоздаҳунимсола будам. Муҳаммад бошитоб дарэмада хашмгинона ба Ҷон: «Магар бо духтарбачаҳо шӯхӣ дорӣ?». Ҷон хандида «ин гуна духтарони дувоздаҳсоларо дар миёни шумо арабон ба шавҳар медиҳанд, магар ту ҳам ҳамин одатро дар назар гирифтаӣ?» гуфт. Ман беихтиёр ба Муҳаммад нигоҳ карда табассум намудам, лекин барои ба вай нафаҳмонидани ин ҳаракатам кӯшиш кардам. Муҳаммад папирос кашида дам назада баромада рафт. Ба ин воқеа ҳозир се сол шуд. Пас аз ин воқеа ман ӯро надидаам. Вай ҳозир дар Алҷазоир ба пеши як адвокат (закунчӣ) кор мекунад. Баъд аз никоҳамон вай дар ҳамин идора ҳамроҳи падарам кор карданӣ аст. Ман ӯро рӯзи тӯй хоҳам дид.

Қамар баъд аз андак хомӯш мондан ба шавқи тамом боз гап сар карда гуфт:

— Эҳтимол дар хотир дошта бошад, ман ҳамроҳи падари худам ба тӯи дугонаам Коврило рафта будам. Ман пештар хаёл доштам, ки шавҳаршавандаи худро бо ӯ шиносо ва ҳамгап кунам. Ин гуна ҳаёлу орзӯҳо чигуна хуб аст-а? Лекин баъд аз тӯи ӯ, маро дар тахти фаранҷӣ андохтанд. Шавҳари Коврило хушсурат ва хушқомат буд. Наварӯс Коврило ҳам аз вай монданӣ надорад. Дар пӯшок ва қиёфат ҳам ҳарду баробаранд. Ков-

рило дар тахти либоси сафеди нозуки расои арӯсӣ, ба тарзе, ки офтоб аз тахти абри сафеди тунук дурахшад, ба атроф нур мепошид. Вақте ки вай ба маҷлиси никоҳ баромад, ба дасташ як даста гул буд, бо нозу карашма қад-қади ҷӯ қадам монда, гоҳ гулро мебӯид, гоҳ ба дӯстони худ нимнигоҳе карда, бе он ки дандони марворидnишонаш намоён шавад, нозукона табассум мекард. Вай бо ин ҳолати худ чунон мамнун, чунон бахтиёр менамуд, ки... (дар ин вақт ба чеҳраи Қамар асари андӯҳ намудор шуд) аммо ман то имрӯз бо Муҳаммад ҳамгап нашудаам:

— Умре гузашту гуфту шунав бо ту рӯ надод.

— Эй бенасиб гӯшаму во бенаво лабам *,— гуфта қадре ба боло нигоҳ карда монд. Пас аз он шармгинона ба замин нигоҳ карда ба сухани худ давом кард:

— Пошохон! Шумо медонед, ё не? Қоврило баъд аз тӯи худ ба ман ҳикоя карда буд, ки пештар ҳар ду бо ҳам дил дода, якдигарашонро бисёр дӯст дошта будаанд, муҳаббаташон ба дараҷаи ишқ расида будааст, баъд аз қувват гирифтани робитаи ошиқӣ ва маъшуқӣ бо хоҳиши ҳамдигар дасти ҳамхонагӣ ба ҳамдигар дода будаанд. Дар ин вақт боз аз чашмони Қамар осори андӯҳ намоён шуду охе кашида гуфт:

— Ҳаргиз ҳасад набурдам бар мансабеву моле,

— Илло бар он ки дорад, бо дилбаре висоле.**

Бомун-хонум табассуме кард.

Вақт дар гузаштан буд, торикии шаб ҳам оламро фаро гирифт. Аз берун касе дарро тақ-тақ зад. Ин Бакри човуш буд, ки духтари худро суроғ карда омада буд.

Бомун-хонум:

— Ҳа Бакр! Ба чӣ фикр омадед? Барои хотирхоҳии занатон, зани дуввум гирифтанӣ шудед ё не? — гуфт. Ба ҳазлу мазоҳ карда нишастан ҳавсалаи Бакр набуд:

— Хости худо мешавад, тақдир чизе ки бошад, аз вай халосӣ нест,— гуфт.

Бакр бо духтари худ Қамар баргаштанд. Бомун-хонум ҳам аз паси онҳо ба кӯча баромад, ҳавои софи сайрини шабонаро бо бӯи хуши форами дарахтони афлесун фурӯ кашида аз дунболи онҳо то хеле ҷой рафт. Вай дар бораи касоне ки ба гирди Қамар ғун шуда, аз ҷиҳати

---

* Гӯяндааш маълум нест.

** Саъдӣ.

фикру тарбия зидди якдигар буданд, меандешид. Ин касон ба гирди Қамар ғун шуда, тақдири вайро ҳал кардан меҳостанд. Қамарро дар оянда чи чизҳо пешвоз карданӣ буд.

Бо ҳамин гуна андешаҳо Бомун-хонум сурати падари шӯшавандаи Қамарро дар пеши чашми худ эварда, табассуме кард.

— Вай ба зӯъмӣ худаш якум одам.

Аммо шавҳаршавандааш чӣ?

Бомун-хонум ҳар рӯз як ранг либоси навбаромад пӯшида, мегаштагии Муҳаммади шӯхро ба хотир овард. У дар замонҳои охир дар Алҷазоир ба гурӯҳи асилзодагон омехта, ба айшу нӯши «ҷавонони симин» дода шудани Муҳаммадро низ ба ёд овард.

Қамар монанди касе ки истодан мехоҳад, рафтори худрэ суст карда, сари худро бардошта ба тирезаи мирзохона, ки аз он ҷо рӯшноии лампа намоён буд, нигоҳ кард. Дар он ҷо Ҷон лампа гиронда, ба протоколнависӣ машғул буд.

## III

### ТӮЙ

Хонаводаи Ибни Толиб дар канораи деҳа ба ҳавлии як француз, ки аз дигар ҳавлиҳо андаке ҷудо шуда истода буд, зиндагонӣ мекарданд. Зани Ибни Толиб зинату тартиби даруни хонаро тамэман ба тартиби арабон сохта буд. Дару тирезаҳои ба кӯча кушода мешудагии хонаҳо тамоман бастагӣ, дари даромад-баромади ҳама хонаҳо танҳо ба даруни ҳавлӣ кушодагӣ буд, хона ва ҳуҷраҳо ба тарафи кӯча ҳатто як сурохӣ ҳам надоштанд. Зани Ибни Толиб аз хонаводаи як деҳқони давлатманд буд, вай вазифаи занӣ ва модарӣ ва сэҳибхонагии худро тамоман «ҳар чиз аз худост» гуфта ба гардани худ гирифта буд, лекин як қисми корҳои зиндагонӣ ва хонаводагиро бевосита ба худаш вобаста мекард ва як қисми дигарашро ба худаш ҳеҷ дахл надорад гуфта медонист.

— Ба ин кор ту ҳеҷ дахл надорӣ — барин панҷ-шаш сухан ҳамагӣ сармояи дониши ӯ аз забони европоӣ буд.

Ба Лаълзӯҳра, зани Ибни Толиб чи чизҳо дахлдор буд? — гуфта албатта шумо мепурсед.

Аз ҳама пештар чизҳое ки мувофиқи шариат ҳамроҳи худаш ба Ибни Толиб ҷиҳозгӯёна супурда шуда буд, моли махсуси вай ба шумор мерафт. Вай мувофиқи шариат аз ин чизҳо харгуна фоида бурда метавонист.

Дуввум чизҳои махсуси худаш ҳам азони худи вай ҳисоб меёфт, ба он чизҳо Ибни Толиб ҳеҷ дахл надошт, онҳоро худи Лаълзӯҳра ҳарчи хоҳад мекард. Ғайр аз инҳо корҳои даруни хона ҳамагӣ ба вай вобаста буд. Ба ғайр аз ҳамин ду-се қисм чизу корҳо дигар корҳо ва чизҳои хонавода ба Лаълзӯҳра ҳеҷ муносибат надошт, бо он гуна корҳо вай ҳеҷ дахл намекард; худи вай ҳам «инҳо кори мардон аст, ман чӣ дахл дорам?» мегуфт. Чунончи ба одат ва ахлоқи шавҳараш дар беруни хона, ба дониш, фикр ва равиши зиндагии вай ва ба чи гуна тарбия кардани писараш Лаълзӯҳра ҳеҷ дахл намекард. Маслиҳатгузори шаҳр шудани шавҳараш ҳам ба вай ҳеҷ муносибат надошт. Вай аз якҷоя расидан ва такомул ёфтани ҷамъият ва ҷамоат, аз фикрҳои иҷтимоии онрӯза чизеро намефаҳмид.

Албатта, танҳо ҳамин қадарро медонист, ки баъд аз фуқарои Франса шудани шавҳараш, вай ҳам яке аз ҳамватанони Франса ба шумор мерафт.

Либоси европоӣ пӯшида гаштани шавҳараш ва писараш ҳам ба вай бад наменамуд, зеро дигар мусулмонони маъруф ва машҳур ҳам ғайр аз фас тамоми пӯшоки арабиро партофта буданд, эҳтимол Лаълзӯҳра аз баъзе ҳаракатҳои ношоистаи дигари писараш ҳам чашм мепӯшид. Чунончи вай баъзе шабҳо бо либоси аврупоӣ, ба сараш фас дар ҳолате ки чашмонаш роғ-роғ мерафт, саллона-саллона қадам партофта, ба забони румӣ ғазалхонӣ карда омадани ҷавонеро медид. Бо он ки вай медонист ин писари худаш Муҳаммад аст, танҳо як оҳи сард мекашиду чизи дигаре намегуфт.

Аммо дар бораи духтарон кор ранги дигар мегирифт, ин масъала тамоман ба занон нигоҳ мекард. Лаълзӯҳра ба тарбия карда шудани духтараш ба тартиби европоӣ тамоман муқобил буд. Ибни Толиб ба қатори якчанд масъалаҳое ки аз ваҷҳи онҳо маҷбур шуд ба занаш тобеъ шавад, ба ин масъала ҳам дар роҳ додан ба занаш маҷбур шуд. Зеро Лаълзӯҳра агар шавҳараш ба ҳуқуқи вай дахл кунад, ҳамеша ҳатто пешакӣ огоҳӣ надода, барои ҳимояи худ чораҳои бисёр сахт медид. Сахттарини ин чораҳо чорае буд, ки Зардуда-хонум дар вақти аз ҳад

зиёда поймол шудани ҳуқуқаш ба кор бурда буд. Чунончи, Зардуда тамоми чизҳои худашро ғундошта, ба хонаи хешовандаш рафта ва Бакр ҳам барои халосӣ аз ҷудоӣ шитобкорона ба чора дидан маҷбур шуда буд.

Лаълзӯҳра тарбияи келиншавандаи худро назар ба тарбияи духтари худаш хеле ноқис медид: аммо вай чи кор карда метавонист; азбаски хонадор кардани писар кори хусусии шавҳари вай буд, ба вай чизе гуфта наметавонист. Лекин хушбахтона Қамар бо вуҷуди тарбияи франсузӣ диданаш диндор буд, намозу рӯзаро тарк намекард. Бо ин ҳама Лаълзӯҳра наварӯсро беэҳтиётона пешвоз накард, албатта аз эҳтиёт зарар намедид.

Лаълзӯҳра барои келин ва домод ба даруни ҳавлии худ як иморати ҷудогона сохт, ҳар кас ба хонаи худ худро соҳиб донад ва ба сари худ зиндагонӣ карда тавонад гуфта, ин иморати навро аз ҳавлии худ бо деворе ҷудо кард. Ба ин тартиб хона сохтан барои дигар корҳои тӯй ҳам фоиданок буд. Меҳмондорӣ ва бурдуовардҳои тӯй ба хонаи шавҳари худаш мешуд, келин ва домод ба хонаи худ озодона менишастанд.

Рӯзи тӯй расида омад, зани Ибни Толиб ҳама чизҳои даркории тӯйро пешакӣ тайёр карда монда буд ва ҳар корро ба хубӣ саришта мекард. Аз ин ваҷҳ аз Лаълзӯҳра ҳама кас розӣ ва ҳама кас хушнуд буд. Аз тӯй аз ҳама пештару бештар розӣ шудани Бакр даркор буд — ин ҳам ба сабаби нимфрансузӣ сохта ва тартиб дода шудани хона аз тӯй бисьёр хурсанд шуд. Ҳавлии дарун махсус ба занон буда, миёни вай ва ҳавлии берун, ки мардон менишастанд, бо деворе ҷудо кардагӣ буд. Занон ва духтарон ба ҳавлии дарун ғун шуда, расму одатҳои кӯҳнаи худро адо карда истода буданд, аз он ҷо садои соз ва овози ғазалхонӣ мебаромад. Мардон ва фарангиён дар ҳавлии берун буданд, қудоёни мард дуртар аз чашми Лаълзӯҳра тӯи франсузиро мегузарондаид.

Қамарро пагоҳ барвақт дар торикии рӯз оварда ба ҳуҷраи хоси худаш монда буданд. Ин ҳуҷра бо асбоб ва палосҳои фарангӣ, бо чорпоя ва курсиҳое, ки ба тарзи навбаромад аз чӯби сурхи қиматбаҳое сохта буданд, зинат додагӣ буд. Ин чизҳоро Муҳаммад аз корхонаҳои Алҷазоир аз даруни бисьёр чизҳо хоста ва хуш карда махсус барои тӯй гирифта оварда буд. Ҳуҷра дар ғояти зебоӣ буд. Баъд аз пешин мувофиқи урфу одатҳои бобоӣ,

ки вайрон кардани онҳо ҳаргиз дуруст набуд, такаллуфот сар шуд. Ба хоҳиши ин одатҳо аз даромадани домод як чанд соат пештар духтари соҳибҷамоли шӯхе ки чун оҳубарра дақиқае ба ҷое ором нишастанро намедонист, мебоист чун санги беҷон ё сурати девор наҷунбида дар як ҷо дам менишаст.

Қамар ҳама либосҳои қиматбаҳои худро пӯшидагӣ, сару гардану гӯшаш ба зару зевар зинат додагӣ, чашму абрӯяш бо сурма ва усма, лабу рухсораш бо ғозаи сурх ва сафед ранг кардагӣ, дар болои кат ба тарзе ки ба замин нишинад, дузону нишаста буд. Модаршӯяш Лаълзӯҳра ва модари худаш Зардуда ҳар чиро ба вай меомӯхтанд. Вай бояд ҳеҷ гап назанад, ҳатто табассуме ҳам накунад, агар дар ҷои нишасти худ пояшро ҳаргиз наҷунбонад ва ба ҳеҷ тараф нигоҳ накунад, боз беҳтар буд.

Соатҳои чор буд, ки Қамар бисьёр бетоқат шуд, дар болои ин якдигарро масхара дошта, хандаҳои баланд кардани занон ва духтарони дар он ҷо ғун шуда, ҳамагӣ ба якборагӣ ба сухан даромада, гапи якдигарро нашунидани онҳо, Қамарро бисьёр дилтанг мекард.

Дар соатҳои шаш Қамар тамоман аз ҳолат рафт, вай теғ кашида ба чашми модараш нигоҳ мекард. Аз чашмони сиёҳи ғамзадори ӯ танҳо як хоҳишро фаҳмидан мумкин буд:

— Бибиҷон! Тоқатам намонд, аз ҳад фузун гурусна мондам.

Модараш Зардуда ҳам ин хоҳиши ӯро фаҳмид ва бо Лаълзӯҳра дар бораи чизе паст-паст гап зада шунид, пас аз он инҳо бо хоҳарони Муҳаммад ҳам пинҳонӣ як маслиҳатча карда гирифтанд. Баъд аз ин маслиҳат хоҳарони Муҳаммад хурдиаш (Мадина) оҳистекак ба келини бадбахт, як пиёла чой дод. Дар ҳамин вақт ин чой ба вай чунон бамаза намуд, ки...

Мадинача ҳам ин чойро ба вай чунон ба устой дод, ки гӯш аз бинӣ хабардор нашуд. Сад шукр ки, ин ду зани мусулмон аз ин маҳлака ба осонӣ халос шуда, нафас рост гирифтанд ва бар хилофи одат як коре карда ба пеши мардум расво нашуданд. Ба якдигар нигоҳи хушнудона карда, бо забони чашм якдигарро муборакбод гуфтанд. Оҳ, ин чигуна ҳолати сахт буд.

Аҳволи дилгиронае ки Қамарро азоб медод, боз дар давом кардан буд. Гӯё Қамар худ ба худ мегуфт:

Маро дардест андар дил агар гӯям забон сӯзад.
В-агар пинҳон кунам дар сина мағзи устухон сӯзад.*

Аммо дар он тарафи девор, падари Қамар, падаршуяш бо арабони дигар ва фарангиён дар бораи азобҳои ин духтари бадбахт чизе ба хотир наоварда, ба осудагӣ ва хурсандӣ тӯйро мегузаронданд.

Дар миёнаҷои ҳавлӣ гилему намадҳои хуб андохтагӣ, дар он ҷо дузону қатор нишастагӣ мусулмонон (арабон) бо якдигар гап мезаданд, механдиданд, ҳар гуна таомҳои болаззат хӯрда, чилим мекашиданд. Мӯйсафедон ҳамеша бо дастҳои худ риши худро бозӣ мекарданд, ё панҷаҳои дасти худро ба якдигараш гузаронида, бар болои шикамашон ниҳода пинак мерафтанд. Ду араббача зону зада, рӯ ба рӯи якдигар нишастагӣ буданд, ки оҳиста-оҳиста дутарафа меҷунбиданд, инҳо бо кафи дасти худ усул нигоҳ дошта, бо мақому нағмаҳои кӯҳнаи араб ғазалхонӣ мекарданд.

Садои ин ғазалхониҳо ба гӯши Қамар ба тарзи «бум-бум-ту-ту-ту» мерасид.

Дар як тарафи дигари ҳавлӣ дар зери дарахтон ба тарзи фарангиён чорпояҳои дароз тартиб дода, ба гирдогирди он курсиҳо гузоштагӣ буд. Ибни Толиб бо Бакр, Бибиҳоким худашон Бомун-хонумро бо иззату эҳтироми калон ба ҷои ҷудогонае шинонда буданд. Худи онҳо ҳам бар хилофи одоби арабон, ки «мебоист, худи соҳиби тӯи ба меҳмонон хизмат кунад», ба паҳлӯи Бомун-хонум ба даври чорпоя ба болои курсӣ нишаста буданд. Бо ин кор, танҳо бо таклиф ва зӯр карданҳои Бомун-хонум, бо узри «ал-амр муқаддам, минал адаб»-амр аз адаб пеш асти арабон, розӣ шуда буданд.

Бар хилофи урфу одати арабон боз як дигар кор шуд, ки домод дар вақти тӯй дар тӯйхона буд. Аз рӯи расму одати арабон дар вақти тӯй мебоист домод ба ҳавлии дигар бошад. Лекин ба ин кор ҳам як роҳ ёфтанд, агар домод ба чашми меҳмонон нанамояд, дар тӯйхона буданаш зарар надорад, гуфта қарор доданд.

Муҳаммад бо ҷӯраҳои худаш ба як ҳуҷрае, ки монанди ҳуҷраҳои дигар ба тарафи кӯча дар надошт, ҷой гирифта буд. Онҳоро ҳеҷ кас намедид ва овозашонро ҳам касе намешунид.

Наҳорӣ тайёр шуд, ба пеши арабони ба заминнишас-

---

* Гӯяндааш маълум нест.

та бо табақҳои лангарӣ «кӯс-кӯс[51]» ном оши арабӣ пайдо шуд, қошуқҳои аз чӯби хурмо тарошидагӣ якбэра ба вай ҳуҷум оварданд.

Ба болои чорпояе ки ба атрофи он коркунони маҳкамаи суд — фарангиён нишаста буданд, шӯрбо, кабоб, кӯфта ва монанди инҳо пасу дунбол омадан гирифт. Қасоне, ки куртаҳои крахмолӣ (оҳорӣ) ба сарашон фасҳэи сурх буд, ин таомҳоро мехӯрданд, зарфҳое, ки ин гурӯҳ хӯрда холӣ карданд, ҳадду ҳисоб надошт. Овози пробкаҳои аз даҳони шишаҳо мебаромадагӣ бо садои қадаҳҳое ки ба якдигар мезадандаш бо мусиқаи махсусе ба гӯшҳо расидан гирифт.

Баъд аз соате вақти бэзгаштани меҳмонон расида буд. Бомун-хонум аз ҷояш бархоста гуфт:

— Бакр, ман мехоҳам келини навникоҳшударо бинам ва ба вай бахту иқбол талабам!

Бакр ба хоҳиши Бомун-хонум ҳамроҳӣ карда хушнудии худро маълум намуд. Судья ба зани худ гуфт:

— Аз ҷониби ман ҳам бӯса кун! Ман ҳам ба вай бахту иқбол металабам.

Бакр ба қудои худ нигоҳ карда гуфт:

— Ибни Толиб Афандӣ! Шумо бошед тамоман франсуз, ман ҳам нимфрансуз, духтарам Қамар бошад, шаҳодатномаи мактаб ҳам дорад; ҷаноби судья, ичрочии суд ва Ҷон ҳамагӣ Қамарро нағз мешиносанд; Қамар вақтҳои холии худро ҳамеша бо инҳо ва дар пеши инҳо гузаронид. Инак ман намехоҳам, ки ҳамаи инҳо ба Бомун-хонум дар шаби тӯй мувофиқи одати франсузон келини навро муборакбод кунанд.

Ибни Толиб лабашро мегазид, ангуштонашро шарақшарақ кунонда мешикаст. Ин аломати ба як қарор омада наметавонистани[52] вай буд. Бомун-хонум рад кардани ӯро чашм дошта, нозукона ба вай нигоҳ карда табассум кард. Лекин Бакр ба хоҳиши худ сахт истод ва оташин шуда гуфт:

— Ин чи кор кардагет Ибни Толиб? Агар кори ту ҳамин бэшад, сюртук, галстук ва гарданбандҳои сафеди ту чӣ маънӣ дорад? Пас аз генерал нишон гирифтанӣ шуда гаштанат барои чист?

Ибни Толиб таклифи Бакрро қабул кард ва:

— Ман ба таклифи шумо муқобил набаромадаам ва манъ ҳам накардаам,— гуфт.— Ба сухани худ давом карда: — Ман танҳо ба занону духтароне ки ба хонаи

Қамар ҳастанд ва ба ҷаноби меҳмонон бегонаанд пештар хабар додан даркор, ки фаранҷӣ ва чашмбанди худро ба сар гиранд гуфта дар андеша будам,— гуфт.

Ба ин кор Бакр ҳам розӣ шуд. Ибни Толиб аз даромадани меҳмонон хабар доданӣ шуда, ба ҳавлии дарун даромада рафт. Баъд аз панҷ дақиқа меҳмонон аз дунболи Бакр ба тарафи ҳуҷраи келин нигоҳ карда равона шуданд.

Онҳоро аз тахти фаранҷӣ ва чашмбанд ҳаргуна чашмҳо пешвоз намуданд. Баъзе чашмҳо бо шубҳа ва озмоиш ва баъзеи онҳо бо қаҳру ғазаб нигоҳ карда, ба ин кор нафрат нишон медоданд. Чашмони калони Қамар яркос[53] зада кушода шуд ва дар онҳо ба якбора ва нохост нуру рӯшноӣ пайдо шуда буд. Қамар соатҳо буд, ки гирья накарда ва худро аз кат напартофта базӯр нишаста буд, аз хомӯшии дурудароз, аз гуруснагӣ ва беҳаракатӣ барои як сония халос шудан ҳам сабабу баҳона ёфта наметавонист.

Вақте ки вай даромада омадани меҳмонро дид, беихтиёр аз ҷои худ давида хест:

— Ҳай-ҳай чӣ ту нағз, ман чи қадар дилгир шуда будам! Саломат ҳастед-мӣ, Бомун-хонум? Хуб офият-мӣ ҷанобон судья? Шумо нағз-мӣ, Дӯстҷон? — гуфт ва якбора сухани худро бурида шитобкорона ба ҷои худ баргашт ва ба либосҳои худ печида, ба тарзи аввалин дам нишаст. Ин дафъа шӯхии «Моҳак» аз ҳаддаш гузашта буд. Ба ин равиш расму таомулро вайрон кардан, урфу одатҳоеро ки покдоманӣ ва иффатнокии духтарро нишон медод, дар рӯзи ҷашни шодмонии умри худ ба нестӣ баровардан як ҳаракати чунон ношоиста ва беҷо намуд, ки ҳатто Ибни Толиб ва Бакр ҳам аз ин кор ҳайрон шуда монданд. Фарангиёне ҳам ки ба урфу одатҳои арабон ошно буданд, беҷо будани ин кирдорро фаҳмиданд. Баъд аз он ки Бомун-хонум духтари шитобкорро бӯсид, меҳмонон ба зудӣ роҳи баргаштанро пеш гирифтанд.

## IV

## МУҲАММАД

Қамар дар ҳуҷраи худ шавҳарашро, ки омаданаш лозим буд, интизорӣ мекашид. Ниҳоят расми домоддарорӣ гузашт ва Қамар ҳам аз азобу машаққат халосӣ

ёфт. Вай монанди як мошинаи тезгард шитобкорона фаранҷиро ва тамоми либосҳои никоҳиро, ки ӯро сӯзонда буданд, аз сару танаш кашида ҳаво дод. Акнун вай ҳавои соф мехӯрд ва бо бодбезак худашро шамол медод. Оҳ! Ин чи ту осоиш ва роҳат!

— Эй худо, чаро ҳар ҳаракати ман сабаби ранҷиш ва боиси саросема шудани дигарон мешавад. Имрӯз ҳам ман ба пеши назари ҳама айбдор шуда мондам, чаро ки ман баъд аз даҳ соати хомӯшӣ ва беҳаракатӣ худдорӣ карда натавониста, бар табрики меҳмонон беихтиёр ҷавоб додам ва изҳори дӯстӣ кардам. Чаро Қоврило дар шаби никоҳи худ даҳ соат ба замин ях баста намонд, вайро ҳар кас табрик кард ва дасташро гирифта бӯсид, худи вай ҳам дигаронро бӯсид ва нозукона ба ҳама кас раҳмат ташаккур гуфт; вай ҳамроҳи шавҳараш як ҷо нишаста бо вай гуфтугӯ кард ва бо ӯ рақсу бозӣ намуд, пас аз он ҳар ду ба хонаи хос рафтанд вай бо рӯи дурахшон ва бо чашмони фаттони худ ба чӣ андоза бахтиёр буд.

Қамар бо ҳамин андеша ва мулоҳизаҳо шитобкорона ба пеши сандуқчаи оинадор давида омад ва якбора қоҳ-қоҳ зада хандида сар дод, ки чи гуна афту андом? Чаро ба рӯи ман ранг молида сурху сафед кардаанд, ин ба Қоврило ҳеҷ монандӣ надорад. Қамар рӯймолашро ба даст гирифта, ба рӯяш будагӣ рангҳоро покиза карда партофт. Мана, акнун афту андомам одам барин шуд, гуфта табассум мекард.

Дар як хонае ки монанди хонаи хоби Бомун-хонум ҳатто аз вай ҳам пурзинаттар буда, бо асбобҳои аз ҷӯби сурх сохтагӣ, бо катҳои фанердор ва сандуқҳои калони оинадор, ба тартиби навбаромади фарангӣ дуруст карда шуда бошад, рӯйҳоро ранг карда, калтачаи кимхоб пӯшида, ба қиёфати як зани араби ваҳшӣ даромада нишастан магар мумкин аст?...

Муҳаммад ҳам ки либосҳои фарангӣ пӯшида мегашта бошад, асбобҳоро ҳам худи вай харида оварда бошад, ба тарзи занони француз либос пӯшидани Қамар ҳам албатта, бояд ҷои ҳеҷ гуна таъна нашавад. Бо вуҷуди ин, либосҳои маҳаллиро як қадаре ислоҳ карда пӯшидан беҳтар аст.

Муҳаммад ҳам ин гуна тӯйиро бояд дӯст надорад. Муҳаммад дар ҳақиқат баднамо нест. Хусусан баъд аз пӯшидани либосҳои аврупоӣ хеле зебо менамояд. Ба болои

ин вай як одами китфҳояш васеъ ва чашмҳояш калон аст, ки таносуби аъзо ба хубии ӯ меафзояд.

Қамар ӯро ба хубӣ дар хотир дорад, Қамар вайро ба идорахонаи Ҷон дида, ба худи ӯ нафаҳмонда ба вай нигоҳ карда буд. Оре, дар он вақт Муҳаммад ба вай муомилаи хуб накард, аммо агар ҳақиқати ҳолро ба назар гирем, ҳар кас медонад, ки аз рӯи одати арабон аз ҳамгап шудан бо занон ва духтарон, гурехтани мардон аломати хубӣ ба шумор меравад. Агар шароити ҳамон вақтро дар назар гирем, фикри Ҷон нодуруст шуморида мешавад. Муҳаммад дар ҳақиқат одами бад нест. Вай ҳам монанди Ҷон як одами хубест.

Қамар бо ҳамин мулоҳиза барои ба назари шавҳараш хубтар намудан ва дар тахти пӯшоки зебо будан, дар ҳуҷраи ба тартиби навбаромад ороиш додашуда либосҳои кимхобро партофта, аз болои куртаи дока камарбанди нозуки аврупоиро баст, бо дастҳои симинаш, ки то бозу кушодагӣ буд, мӯйҳои сиёҳи амбарини худро парешон карда, ба атрофи рӯи худ партофт. Дар ҳақиқат ин вақт Қамар бисьёр далеру дилкаш шуда буд. Ба рӯи монанди гули сурхи садбаргаш чашмони сиёҳи хуморолудаш мисоли ду дона наргис, ки дар миёнаи ду дастаи гули сурх гузошта бошанд, ба назар ҷилвагар месохт. Худи Қамар ҳам ин вақт ба дараҷаи зебоии худ пай бурда, мағрурона табассум мекард.

Муҳаммад либоси аврупоӣ пӯшида, фаси сурхи худро ба ҷониби рости сараш андаке хам карда монда буд, нигоҳҳои вай ботамкинона ва пойпартоиҳояш калонгирона буд, вай ба хона даромада папироси нимсӯхтаи худро ба рӯи гилем партофта, бо пои худ молид ва баъд аз дарро ба шиддати тамом пӯшидан ба заншавандаи худ — ба духтари соҳибҷамоле, ки чашм дар роҳи ӯ буд, нигоҳ карда ваҳшиёна фарьёд кашид:

— Ана афту мана башара! Ҳамин аст зани ман ё ки?... гуфт ва дар миёни суханони худ калимаи «паст»-ро ки дар миёни арабон бадтарин ва қабеҳтарини дашномҳо ба шумор меравад, низ ҳамроҳ карда фиристод.

Қамар аз ин аҳволе ки ҳаргиз чашм надошт, дар ҳайрат афтода, ба пеши сандуқчаи оинадор монанди сурати девор беҳиссу ҳаракат шуда монда буд.

Муҳаммад ба сухани худ давом карда гуфт:

— Ӯҳӯй! Магар ту девона шудай, ба сарат зарра барин ақл намондааст, пеш аз он ки бо шавҳарат шиносо

шавӣ, либосҳои худро кашида куртачан[54] шуда нишастай, вазифаи шавҳаратро, ки либосҳои никоҳиро аз тани ту кашидан буд, чӣ гуна ба хубӣ худат саранҷом додай?

Вай боз овози худро баландтар карда гуфт:

— Ман имрӯз соҳиби ту хастам. Пеш аз даст дароз кардани ман барои кашидани либосҳои никоҳият, аз ҷоят ҷунбиданат бас нест, ки фаранҷиатро аз сарат партофтай?— ваҳшиёна хандае карда гуфт.— Маълум мешавад агар ман як ду дақиқаи дигар дертар мемондам, барои хобидан ба ҷойгоҳ ҳам мерафтӣ.

Қамар беихтиёр худро ақиб кашид ва ранги рӯяш тамом парида буд. Вай намедонист, ки ба Муҳаммад чи гуфта ҷавоб гардонад ва чӣ кор кунад? Вай чизеро намефаҳмид. Муҳаммад аз дасти ӯ нигоҳ дошта гуфт:

— Лекин дар ин кори ту тааҷҷуб кардан дуруст нест. Навакак ту монанди аҳмақон одати миллиро вайрон нacарда будӣ-мӣ? Ҳар кас аз ин ваҷҳ ҳар чӣ гуфт. Ман бошам аз шармам замин накафид, ки дароям. То имрӯз касе надидааст, ки ягон келин дар ҳуҷраи никоҳи худ ба гап задан бо меҳмонон ҷуръат карда бошад.

Хашму ғазаби Муҳаммад торафт дар зиёд шудан буд, монанди шағоле ки ба мурғ чангол занад, аз гардани Қамар маҳкам гирифта гуфт:

— Магар намедонӣ аҳмақ! Барои туро ҷазо додан ман ба ҳар кор кардан ҳақ дорам, агар ба ҷои ман каси дигаре мебуд, чӣ кор мекард?

Оташи ғазаби Муҳаммад боз болотар гирифт.

— Ба ту наздикӣ накарда, туро ба занӣ қабул нанамуда ҳақ дошт, ки дар худи ҳамин шаб туро ба хонаи падарат мефиристод, ё ки ба сабаби дар як шаб ду бор кори ношоиста кардагет туро аз ҳуҷра пеш мекард.

Тоза ба тоза суханҳои зишт аз даҳони Муҳаммад пасу дунбол дар баромадан буд.

Сар то пои Қамар гӯё ки чун оташ дар гирифт. Ҳисси номусаш дар ҷӯш омад, аз ғояти хашм дандонаш газгаз шуда ба ҳамдигар расида ғаҷар-ғаҷар кардан гирифт, худро аз чанголи Муҳаммад кашида ба тарафи дар гурехт. Лекин Муҳаммад ӯро дубора даст гирифта:

— Ба куҷо рафтанӣ хастӣ?—гуфта пурсид.

— Ба хонаи падарам меравам, суханҳои зишти туро ба вай мегӯям,—гуфт Қамар ва дасташро ба дастгири дар зада, хост вайро боз кунад, лекин чи кор карданашро надониста ҳайрон шуда монд, зеро ин вақт

Муҳаммад калиди дарро тофта гирифта, ба кисаи худ андохта буд.

— Ту, ба хонаи падарат, кае ки ман хоҳам рафта метавонӣ! — гуфт.— Дар ин ҷо ман соҳиби ту ҳастам, ман ба зани худ ҳар чи хоҳам ҳамонро кардан мегирам, ман аз зани худ, монанди дигар занони араб ба расму одатҳо риоя карданашро мехоҳам!...

Дар вақте ки Муҳаммад ҳамин гапҳоро мегуфт, аз даҳонаш бӯи шароб меомад, вай маст буд.

— Ҳоло ҳамту-мӣ?—гуфт Қамар.—Агар ту ба расму одат риоя мекардагӣ бошӣ, чаро шароб нӯшидӣ, чаро либоси французӣ пӯшида мегардӣ?

Муҳаммад ваҳшигиро аз ҳад гузаронида ба дарачаи девонагӣ расиду гуфт:

— Ба ту чӣ аблаҳ! Ҳамин қадар кораш бас нест, ки боз ба шавҳараш айб мегирад-а!

Қамар ҳам худро гум карда бепарвоёна:

— Чаро ту аз асбобҳои Бомун-хонум ҳам беҳтар асбобҳо харида гирифтӣ, чаро падари «французат» Ибни Толиб барои гирифтани нишони ҳуқуқи французон ин қадар кӯшиш мекунад? —гуфт.

Муҳаммад Қамарро тела дода фиристод:

— Ҷиннӣ,— гуфта фарьёд кашиду гуфт: — Дар ин диёр мусулмонони маҳаллӣ магар ҳақ надоранд, ки дар мавридаш аз аврупоиён одатҳои даркориро омӯзанд ва давлатманд шаванд, лекин дар вақти фурсат онҳоро пеш карда фиристонанд? Қасоне ки ба ҳамин ҷойҳои кор ақл раҳ равонда наметавонанд, ё тарсончаканд ва ё ки аҳмақ!

Қамар бехудона ва зиёдтар ба ҷони Муҳаммад расондан фарьёд кашида гуфт:

— Ҳар чи бошад, французон, аз касоне ки худхошонро ба қатори ҳайвонон фаровардаанд ва хоинона ҳаракатҳо мекунанд, беҳтаранд!...

Ба дили Қамар боз бисьёр гапҳо омада буд, лекин ҳамаашро гуфта тамом карда натавонист; Муҳаммад дасти худро бардошта ба рухсораи вай кашидаву кушода як торсакии сахт зад. Аз зарби ин торсакӣ Қамар монанди себе, ки ба зарби хода аз дарахт барканад, то болои кат чуррас парида рафта, туппӣ карда ба рӯи кампал афтод.

Намедонам ба таъсири эътиқоди араб бошад ё ба сабаби сустии занон дар пеши зӯр кардани мардон, ки

Қамар ба худ асари шикастхӯрдагӣ дарьёфт, бо дастони нозуки нарми чун парчаи атласи худ рӯи нозанини арғувонрангашро гирифта ҳунгур-ҳунгур гирья кардан гирифт.

Қамар дар ҳақиқат шикаст хӯрда буд, ӯ бо гирьяи кӯдакона дар ҳолати нимбараҳнагӣ аз пештара хубтар ва ба чашми Муҳаммад аз аввала марғубтар намуд. Мӯйҳои сиёҳи мушкини парешони ӯ, ки бар бадани сафеди симини ёсуманнишонаш печида буд, ҳисси ҳайвонии Муҳаммадро барангехт ва дастони нафиси ларзонаш гӯё ки ӯро ба тарафи худ имо мекард...

Соҳиби ӯ Муҳаммад ҳам монанди санги гароне ба болои ин духтари ҷавони талхком афтод...

# Қисми дуввум

## ХОНАИ МУҲАММАД

### I

### ДУ МОДАР

Аввали бегоҳӣ пас аз он ки Муҳаммад аз хона баромада рафт, модари Қамар Зардуда-хонум ба пеши вай омад. Ӯ аз падари Қамар барои вай рӯнамоги оварда буд. Аз рӯи одати арабони маҳаллӣ ин гуна ёдгориҳо барои бардоштани дараҷаи духтари нав ба шавҳаррасида дода мешуданд.

Ин ёдгорӣ монанди дастпонаи Коврило, як дастпонаи соатдор буд, ки Қамар вайро бисьёр орзӯ дошт. Зардуда ҳам бо ин ёдгорӣ бисьёр хурсанд шудани Қамарро гумон мекард.

Хоҳаршӯи калони Қамар барои даромадани Зардуда дари бастаро кушод. Агарчи чашмони Зардуда аз ташвише ки дар ин гуна вақтҳо ба модарон рӯй медиҳад, оҳиста-оҳиста парида истода бошанд ҳам, ба лабҳояш осори табассум намудор буд.

Ин табассум аз он ҷо омада буд, ки вай гумон дошт духтарашро хеле хурсанд хоҳад кард ва аз камоли хурсандии вай худаш ҳам хурсанд хоҳад шуд.

Дар вақте ки вай ба хона даромад, Қамар дар як гӯшаи ҷойгоҳ нишастагӣ, мӯйҳояш бо бетартибӣ дар атрофаш паҳну парешон, оринҷҳояш ба рӯи зонуҳояш гузоштагӣ ва худаш ба он такья кардагӣ ва дар миёни ду дасташ рӯяшро гирифта ба дарьёи хаёл фурӯ рафтагӣ буд.

Қамар аз хаёл боз омада, сари худашро бардошт, чашмони шӯхи фаттони вай, ки ҳамеша нури шодмонӣ аз онҳо намоён мешуд, имрӯз пур аз ашки ҳасрат ва андӯҳ буданд.

Вақте ки чашмаш ба чашми модараш афтод, худро ба тарафи ӯ партофта бо овози гирьяолуд:

— Бибиҷон! Бибиҷон! Маро аз ин ҷо халос карда, ҳамроҳи худат бубар,— гуфт.

Вай худро ба бағали модараш партофта, сафҳаи синаи ӯро бо оби чашми шашқатори худ тар кард.

Модараш аз ин ҳол дар ҳайрат ва ташвиш афтод, лекин одати ҳар корро калон карда нишон додани «хурдтараки камақл»-и худро ба хотир оварда, оҳистекак худро аз бағали вай кашида гирифта, ӯро ба ҷои худаш шинонд. Пас аз он чунон ки дар вақти шӯридани бачагон одати модарон аст, сари ӯро дар бағал гирифта дар пурсуков афтод.

Келини нав — Қамар, ба ҳой-ҳой гирья оғоз карда, дар ларза афтода, монанди касе ки дар асабияти сахт гирифтор шуда бошад, дастони худро маҳкам-маҳкам тоб дода, нақл кардани саргузашти шаби нахустини никоҳи худро сар кард.

Ба дараҷаи гумон карда намешудагӣ ваҳшӣ шуда бaромадани шавҳарашро, суханҳои зишт, дашномҳои қабеҳи вайро, торсакӣ задан ва зӯр карданашро, ин шаби мотамро ки дар ин ҷо бо ҳамхобагии он ҳайвон гузашт, хорӣ, зорӣ, барбод рафтани иззати нафс ва поймол шудани номуси занонаашро ҳамагӣ ягон-ягон ҳикоя карда.

— Бибиҷон, маро аз ин ҷо гирифта бубар!—гуфт.

Саргузаштгӯии Қамар хеле дароз кашид, як ҷумларо гуфта, тамом нокарда гирья гулӯяшро мегирифт, баъд аз андак холӣ шудани дилаш нафас рост карда, боз аз сари ҷумла гап мезад, боз гирья гулӯгир мешуд, боз нафас рост мекард, боз гап мезад...

Баъд аз тамом шудани саргузашт гирьяи босӯзу гудоз сар шуд. Ашки чашми ҳасратноки ин талхком гӯё намакобе буд, ки сӯзиши дилашро меафзуд, ё равғане буд, ки оташи даруниашро шӯълавар мекард.

Зардуда духтари худро дар бағал гирифта, дӯстдорӣ карда гуфт:

— Бечора духтарчекам, ман инту мешавад гуфта ҳеҷ гумон накарда будам, аз рӯи гапат маълум меша-

вад, ки шавҳарат як одами ба одатҳои кӯҳна бастагӣ будааст, вақте ки вай ба одатҳо ин қадар бастагӣ дошта бошад, натиҷа албатта чунин мешавад.

Қамар худро рост карда, сарашро аз бағали модараш ақиб кашид. Зардуда ба гапи худ давом дода гуфт:

— Агар ту монанди ман холис, як зани араб шуда тарбия меёфтӣ, мусулмоне ки ба ту шавҳар шуда хонадор мешуд, хоҳ нимфрансуз шуда бошад, хоҳ не, дар ту сифати як зани мусулмони муҳит ва занони худро медид, чизе ки вайро дар ҳайрат андозад, аз ту сар намезад ва ба ин гапҳо роҳ яла намешуд. Ба ҳар ҳол ту ҳам дар аввали дидан ба вай айбҷӯӣ намекардӣ.

Ба суханҳои худаш эрод гирифтанӣ шудани Қамарро дида, ӯро ба гап задан намонда гуфт:

— Духтари азизам! Ман ба Муҳаммад тарафгирӣ намекунам, танҳо тафтиш мекунам, ақл медавонам, сабаби ин ҳолро мековам. На ман ва на падарат рӯй додани ин аҳволро пешбинӣ карда натавонистем, вайро аз ту ҳам навфикртар гуфта гумон кардем. Акнун кор чаппа баромад. Аз писари як касе,, ки фуқарогии фрнсузро қабул кардааст, рӯй додани ин аҳволро кӣ гумон дошт? Ба ҳар ҳол падарат аз туро ба вай додан, некӣ умед дошт.

— Агар бечора падарам ҳамин ҳолро донад,—гуфт Қамар .

— Не, духтарам, падарат ин ҳолро намедонад ва донистанаш даркор ҳам нест,—гуфт модараш.

Зардуда барои ба даст даровардани дили Қамар вайро дӯстдорӣ мекард ва гуфт:

— Духтарам, ба ман гӯш андоз! Азизам! Ман имрӯз туро намебарам!

— Ман ҳаргиз истода наметавонам, маро бубаред!

— Ба ҳар ҳол имрӯз не, ҳоло ба пеши шавҳарат монданат беҳтар; умед аст ки монанди дигарон ту ҳам ҳаракати хуби шавҳаратро дарьёбӣ.

— Бибиҷон! Вай маро ҳақорат дод.

— Худат навакак вай маст буд гуфтӣ!

— Вай маро зад!

— Сахт не, духтарам... ба муқобили сахтгӯии ту, танҳо яктекак задааст-дия!

— Ҷон бибиҷон! Маро аз ҳамин ҷо гирифта баред!

Зардуда сари худро ҷунбонда гуфт:

— Фикр карда мебинам духтарам, падарат туро ба шавҳар дод, вай бояд то як сол туро набинад, акнун ва-

зифаи вай тамом шуд, вазифаи ман бошад, аз имрӯз сар мешавад. Ҳозир ман бояд гапҳои туро шунида ба ту маслиҳат диҳам ва воқеаҳои шудагиро санҷида бинам. Ман гумон мекунам, ки дар ин воқеаҳо худи ту, гапҳои ту ва дурусташ тарбияи ту якдарача айбдор. Ман на як бор, балки сад бор «ту ба назари ман ҷинӣ барин менамоӣ» нагуфта будам-мӣ? Дар ҳақиқат ҳам ту ба хоҳиши тарбияи дидагиат гоҳо андешаҳои ғалат мекунӣ ва бисьёр мешавад, ки аз ҳад баромада меравӣ. Дирӯз ҳам ду бор кори нодуруст кардӣ. Муҳаммад, ки дар корҳои хонаводагӣ ба урфу расми арабон бастагии худро нигоҳ доштанӣ будааст, аз ин корҳои ту ор кардааст ва қаҳраш омадааст; бинобар ин вай ҳам аз ҳад гузарондааст. Дуруст аст, ман вайро дар ин кор беайб намедонам, лекин маълум аст, ки ин кори вай тамом бесабаб нест. Дар ин воқеа ба ту андак нуқсон буданашро гуфтан ҳоҷат нест. Занони араб аз рӯи саргузашти худашон ва ё аз рӯи шунидани саргузашти дигар занон хуб медонанд, ки дар рӯзҳои аввали никоҳ дар баёни ду ҷавоне ки якдигарро намедонанд ва танҳо дар шаби никоҳ якдигарро дидаанд, бештарини ин гуна воқеаҳо рӯй медиҳад. Бинобар ин вазифаи якуми занони араб, дар монанди ин воқеаҳо ҷанҷолро пасанда кардан ва барои оштӣ додани ҷавонон ҳар гуна чораҳоро дидан мебошад. Вазифаи ту он аст, ки туро аз ҷонаш ҳам дӯсттар доштани модаратро ба назар гирифта, ба салоҳдиди вай амал карда, ба гапҳои шавҳарат гӯш андозӣ ва ба вай дидадорӣ ва фармонбардорӣ кунӣ.

Зардуда аз чашмони фаттони пуроби духтараш бӯсида ба сухани худ давом кард:

— Духтарам! Боз мегӯям, ки ман туро гирифта бурда наметавонам, зеро ин кор, ба ҷудоӣ ва талоқи бемӯҳлат сабаб мешавад, ки ба ин мардум бисьёр маъниҳои бад медиҳанд. Ҳоло дур нест, ки ин ҷанҷол ба зудӣ бартараф шуда, зиндагии осуда шавад, чунончи дар бисьёр хонаводаҳое ки имрӯз ба осудагӣ рӯз мегузаронанд, аввалҳои никоҳ ин гуна воқеаҳо рӯй додааст ва онҳо бардошт карда ҷанҷолро бартараф кардаанд, оқибат ба зиндагонии хубе расидаанд. Ман аз ин ваҷҳ ба падарат ҳам чизе намегӯям, зеро вай як одами бисьёр хуб бошад ҳам, гоҳо худдорӣ карда натавониста, оташин шуда меравад. Вай мумкин аст, ки зиёда шӯриш карда, корро тамоман вайрон кунад. Вай мумкин аст, ки туро

ба зӯрӣ ҷудо карда гирад ва ба ҳаққи Муҳаммад ҳам бадиҳои бисьёре кунад.

Қамар:—Бибиҷон!

Зардуда аз сухан бознаистода гуфт:

— Аҷаб нест, ки падарат ба ту ҳам коҳиш кунад, дирӯз вақте ки бо меҳмонон гап мезадӣ, беҷо шудани авзои ӯро магар надидӣ? Худат ҳам хуб медонӣ, падарат баъзе одатҳоро бад мебинад. Барои масъаларо покиза фаҳмондан бояд ба шавҳарат чӣ гуна ва ба чи ҳол вохӯрдани туро ба вай нақл кунам. Бе ин масъала яла намешавад. Падарат пеш аз ин бист сол, бо ман, ба ҳолати ту во нахӯрда буд. Аз куҷо медонӣ, ки вай ҳам ба тарафи шавҳарат гузашта, туро коҳиш намекунад.

Гап ба ин ҷо расида буд, ки чашмони калони оташфишон осори ғазаби худро кам карда, оҳистекак ба замин нигоҳ карданд. Қамар нозукона дасти худро ба гардани модараш андохт. Дар ҳамин вақт ёдгории қиматбаҳо — дастпонаи соатдор ба банди дасти Қамар, ки гӯё аз баргҳои нафиси гул дастае баста буданд, даромад.

Баъд аз як дақиқа модари меҳрубон, ҳамроҳи духтари азизи худ ҳуҷраеро ки бо асбобҳои аз чӯби сурхи қиматбаҳо сохташуда зинат ёфтагӣ буд, ба тартиб андохтанд. Пас аз он Зардуда ошхонаро тафтиш карда дида, дар он хусус ба духтари худ таълимот ва маслиҳатҳо дод, баъд ба хонаи дигар даромада, ба болои ҷорпояи гирдаи ошхӯрӣ ба тарзе ки дар хонаи худаш буд, рӯ ба рӯи якдигар ду зарфро гузошт; эҳтимол дар вақте ки ҷавонон таоми чоштиро ба хӯрдан сар кунанд, нури офтоб ҳам аз ин ҷо намоён шуда меистод.

Инро гуфта гузаштан лозим аст, ки Зардуда дар хонае ки соҳиби вай ба дорулфунуни раис тарбия ёфта, хондани худро тамом карда, то имрӯз дар номера (меҳмонхонаи умумӣ) истиқомат карда бошад, дар болои ин шароб ҳам менӯшида бошад ва дар тӯи худ аз хӯрдани таомҳои франсузӣ ибо накарда бошад, ин тартибҳо мумкин аст, балки кушоянда аст гуфта гумон мекард. Лекин ин фикри Зардуда дуруст набаромад.

Дар ҳамин вақт мувофиқи урфу расм ба пеши онҳо зани Ибни Толиб даромада омад. Ин зани боҷуръати далер, аввал Қамарро, пас аз он Зардударо бӯсид. Тартиби ҳуҷраро, модару духтарро таъриф кард.

— Алҳамдулиллоҳ ҳуҷраамо назар ба дирӯза хеле ди-

гар шудааст,— гуфт ва ба тарафи Қамар нигоҳ карда табассуме мекард. Қамар лаби худро газида истода буд.

Лаълзӯҳра башараи худро дигар карда, ба гирифту гир даромада гуфт:

— Бачем, ин чи кирдор аст, магар одамро масхара медорӣ? Ба ман ин гуна кирдори ту хуш намеояд-ку!

Зардуда аз тарси он ки «хурдтараки камақли» худаш мабодо ягон сухани дурушт дар миён оварда, корро боз вайрон накунад, худ ҷавоб доданӣ шуда гуфт:

— Зӯҳра-хонум, ҳолӣ шумо намедонед, дар миёни инҳо баъзе ғалатфаҳмиҳо баромадааст, яла карда гӯям, Муҳаммад инро бо торсакӣ задааст.

Лаълзӯҳра бо тавозӯъ сари худро ҷунбонида гуфт:

— Ҳаракате ки дирӯз Қамар дар вақти дидани румиҳо кард, ба як торсакӣ задан меарзад. «Занатонро маҳкам нигаҳдорӣ кунед, ба задани онҳо ҳақ доред» гуфтагӣ ояти «Қуръон»-ро магар нахондаед? Ибни Толиб агар маро ҳаргиз назада бошад на аз он сабаб аст, ки ба задани ман зӯри вай намерасад, балки аз он ҷост, ки худи ман корро ба он дараҷа нарасондаам. Ин аз беҳтарин қоидаҳои ахлоқӣ аст, ки инро ҳамеша дар хотир нигоҳ доштан даркор аст, духтарам! Танбеҳе ки шавҳарат дар ин мавридҳо менамояд, туро ба пайравӣ омӯхта мекунад.

Қамар мехост, ки чизе бигӯяд, Зардуда ба вай роҳ надода гуфт:

— Ҳамин тариқа шуда, вақте ки Қамар гирья карда хоб рафтааст, Муҳаммад бе рухсат ва ризои ӯ аз ҳуқуқи шавҳарии худ ҳам фоида бурдааст.

— Чӣ, чӣ?—гуфта Лаълзӯҳра фарьёд кашид ва гуфт: — Маълум мешавад, ки вай ба шавҳараш муқобил истода будааст-дия. Азизам, ин кор дар ниҳояти беодобӣ аст, ин девонагӣ аст. Ояти шарифа «занатон замини киштгоҳи шумоёнанд, аз онҳо ба тарзе ки мехоҳед фоида баред» мегӯяд. Бо вуҷуди ин ту, ба... зӯр кардани шавҳарат муқобил истоданӣ мешавӣ. Ҳай-ҳай!

Ин дафъа дар ҷавобгӯӣ Зардуда дер монд.

Қамар:

— Вай маст буд,—гуфт.

Лаълзӯҳра аз ин сухан дар ҳайрат шуду, нафасаш ба дарун афтода гуфт:

— Чӣ гуфтӣ? Ин —ҳақорат! Дар рӯзи дуввуми ни-

кох аз зан ба шавҳар ҳақорат! Ой Зардуда! Шумо духтаратонро чӣ гуна тарбия карда будед?

— Худоё тавба!—гуфт Зардуда.—Шумо чаро гапро ин қадар калон карда нишон медиҳед? Қамар нияти шавҳарашро ҳақорат додан надорад. Вай ҳеҷ чизи бадеро дар хотир наоварда, дар оёни гап «вай нӯшидагӣ буд» гуфтанӣ шуд, ягон гарави дигаре дар миён нест.

Дами Лаълзӯҳра андак гашта бошад ҳам, оташиниаш ҳанӯз боқӣ буд. Вай гуфт:

— Нӯшидагӣ будааст. Магар ин корро пурсуков кардан вазифаи Қамар аст? Дар болои ин, оё Қамар ин гапро яқин дониста гуфта метавонад? Нӯшидани Муҳаммадро Қамар магар ба чашми худ дидааст ва ҳамроҳ нишастааст? Бачем! Барои ту маслиҳати нағз ҳамин аст, ки ту танҳо кори худатро дон, ба корҳои шавҳарат дахл накун! Кори мардон ба роҳи худаш мераваду кори занон ба роҳи худаш! Ана ҳамин, барои ту қоидаи хуб.

Пас аз он чашми Лаълзӯҳра ба чорпояи ошхӯрӣ афтода: —Барои ду кас зарф тайёр карда мондед, Зардудахонум! Шумо таоми чошро ҳамин ҷо хӯрданӣ-мӣ?... Муҳаммад наомада... Бисьёр хуб!—гуфт.

Қамар аз ин гапҳо чизе нафаҳмида, аммо Зардуда хато кардани худро пай бурд. Хонаводаи Ибни Толиб дар зоҳир тозафикр намояд ҳам, аммо дар ҳақиқат аз кӯҳнагӣ зарра барин ҷудо нашуда будааст, инҳо аз хонаводаи Бакр дида ақибтар монда будаанд, гуфта ба дилаш гузаронд.

Ин пичингҳои Лаълзӯҳра-хонум ҳар чизро ба пеши Зардуда ошкоро кард, вай ба хубӣ донист, ки зани кӯҳнапарасти Ибни Толиб барои риояи урфу расмҳо бо шавҳараш дар як дастурхон нишаста ош намехӯрдааст, бинобар ин мебояд зани Муҳаммад ҳам бо шавҳараш дар як дастурхон чиз нахӯрад.

Бо вуҷуди ин Зардуда аз ин ҳоли сахт ба осонӣ баромад ва гуфт:

— Зӯҳра-хонум! Ман бо духтарам мехостем қаҳва нӯшем, аммо бо парешонҳолатӣ ду зарфи ошхӯрӣ оварда мондаем не, не, бояд аввал Муҳаммад таом хӯрад, Қамар бошад албатта, баъд аз вай хоҳад хӯрд.

Пас аз он Зардуда болиштчаеро, ки рӯи он аз тарафи Зӯҳра-хонум кашида дӯхта шуда буд, гирифта ба хубии кораш тааҷҷуб кардагӣ барин шуда монд.

## II

### ЗАНУ ШӮЙ

Муҳаммад гӯё ҳеҷ кор нашудагӣ барин, ҳамчунон ки ба ошхонаи умумии (ресторан) Алҷазоир бошад, таоми пагоҳиро ба танҳоӣ мехӯрд ва рӯзномаеро ки ба рӯи чорпоя гузоштагӣ буд, дар вақти таомхӯрӣ аз назар мегузаронид. Имрӯз ҳам қаҳваро мисли ҳаррӯза ба таври танҳоӣ нӯшид ва баъд аз даҳонашро шустан гӯгирд пурсида гирифта, сигор оташ дода кашид. Ана акнун навбат ба ҳузури қабул кардани зани худаш омада буд. Ба ҳаққи зани худаш марҳамати калон карда саломатии вайро пурсид.

Қамар акнун ба фикри худдорӣ кардан омада буд, баъд аз рафтани модар ва модаршӯяш барои манфиати ду хонавода ҳеҷ набошад рӯзе чанд тан ба тақдир доданро муқаррар карда буд. Хусусан вай аз аҳволе ки падарашро ба ташвиш меандозад ва ба вай эҳтимоли зарар расондан дорад, гурехтанӣ буд. Дар асл Қамар дар бисьёр масъалаҳо монанди аврупоӣ шуда бошад ҳам, лекин ҳозир як арабзан шуда монда буд ва инкор кардани болодастии мардонро ба хотираш ҳам намегузаронид.

Ҳамин тариқа шуда Муҳаммад ба хонаи худ ҳукмрон ба танҳоӣ ва соҳиби ягона гардид.

Бакалаври ҷавон, ҳокимияти худро ба тарзе ки дар хонаи падари Қамар асаре ҳам аз он набуд, ба камоли сахтӣ кор фармуд.

Эҳтимол вай рафта-рафта қадре нармтар хоҳад шуд ва дар ин бора Зардуда ба Қамар фаҳмонда буд. Дигарон ҳам мегуфтанд, ки зани араб ҳамеша хидматгор нахоҳад монд, бисьёр мешавад, ки дар як кор ба пеши шӯяш гардан фарорад, ба кори дигар шавҳарашро ба худаш ром мекунад. Бакр ҳам бо он ҳама гарданғафсиҳо ба гапи занаш даромада, ба зани дуввум гирифтан маҷбур нашуда буд-мӣ?

Қамар ба қадри имкон кӯшиш мекард, ки аҳволи худро дигар кунад, лекин «Моҳак» бо боварии тамом ҳаракат намекард. Ба ҳар ҳол вай духтари Зардуда буд.

Қамар ба пурсишҳои соҳибаш нӯки забонӣ ҷавобҳо дод, соҳибаш ҳам гӯё ки ба ҳамин қадар қаноат кард.

Баъд аз он ки аз пешонаи Қамар бӯсида, бо нимхандаи худ вайро бахтиёр намуд, баромада рафт.

Келини нав дар рӯзи дуввуми никоҳаш дуввумбора тоб хӯрдани калиди хонаро фаҳмид. Қамар ҳозир танҳо монда буд, бе рухсати шавҳараш, ки хонаро қулф карда калидашро ба кисааш андохта рафт, ба пеши вай ҳеҷ кас омада наметавонист. Эҳтимол ҳеҷ кас намеомад. Дар воқеъ ҳам чунин ҳам шуд. Ғайр аз хоҳаршӯи хурдтаракаш, ки аз номи Муҳаммад хӯрдание оварда дод, дигар касе наомад.

То шабонгоҳ ба корҳои хона машғул шуд, асбобҳои хонаро ягон-ягон аз чашм гузаронид. Сандуқ, сандуқча ва чаҳорпояҳоро тоза кард ва рӯзномаҳоеро ки шавҳараш хонда партофта буд, хонд.

Шаб ҳам ба ҳамин равиш гузашт.

Мусулмонзани ҷавон нафрате ки дар ҳаққи шавҳараш дошт, қадре кам карда тавонист ва хоҳ-нохоҳ ба вазифаи худ наздик шудан гирифт.

Рӯзи дигар боз кор беҳтар шуд, шавҳараш Муҳаммад як вақтҳо ба мирзохонаи судья дидани духтари дар оянда зани худаш мешудагиро ба ёд овард. Вай ҳамон вақт баъд аз баромадан аз мирзохона дар ҳолате ки ба даҳонаш папирос буд, ба пеши падараш рафта буд. Вақте ки падараш аз хусуси ҳамин духтарак гап зад, ба хонадор шудан ба вай муқобил набуданашро ба падараш гуфта буд. Инҳоро ҳам ба Қамар гуфта дод. Дар вақте ки Муҳаммад ин гапҳоро мезад, аломати нармӣ дар овозаш ҳувайдо буд. Нияташ ҳам бад набуд, нияташ ҳикояҳои гузаштаро нақл намуда, бо ҳам завқ намудан буд.

Қамар ҳам дар навбати худаш ҳамин ба якдигар рост омаданро ба ёд овард. Пеш аз ҳама саҳнае ки дар вақти ҳамин рост омадан буд, ба пеши чашми Қамар намоён шуд. Одами ҷавони ботарбия, дар зоҳир зебо, ду-се сухани нарм, пай дар ҳам папироскашӣ... Сухани Муҳаммад ва Дӯстҷонро шунида буд. Дар ҳақиқат ҳам Муҳаммад ҳамон рӯз бо қиёфаи ҳақиқии худ намудор шуда буд. Муомилаи вай ба Қамар ба андозае ки Қамар гумон дошт, хуб набуд, вай худписанд ва худаш аз худ розӣ буд, лекин қиёфаташ ҳар касро дар шубҳа меандохт. Либоси вай ҳар касро фирефта карда метавонист, аммо гуфтору кирдораш ҳеҷ касро фиреб дода наметавонист. Дар ҳақиқат чӣ гуна кас будани вайро «Ҷон» шинохта буд.

Не, албатта не... Муҳаммад монанди як француз... Монанди Ҷон, дар пеши зан худро нигаҳдорӣ карда наметавонист, монанди Ҷон... албатта ин умедро надошт, вай инро аз аҳвол, аз аҳволи хонавода, ҳатто аз аҳволи хонаводаи падари худ Бакр донист буд. Дар ин ҷо табааи Франса будани Ибни Толиб, кисакамарҳои сабз ва дастпӯшакҳои зарди Муҳаммад масъаларо равшан мекард.

Ҷон бошад кисакамарҳои сабз ҳам надошт, дастпӯшакҳои зард ҳам. Вай дар ҷанге ки дар он наздикиҳо шуда гузашта буд, як сарбози муқаррарӣ буд. Вай либосҳои содда мепӯшид, рӯяш ба сурхӣ моил, дасташ дағал, муомилааш қатъӣ буд. Лекин вай ба нарм-нарм, форонда гап задан усто ва ба дӯстдорӣ нигоҳ кардан ҳунарманд буд. Вай ба тофтани дастони шогирди худаш «Моҳак» ва ба нақл кардани воқеаҳои таърихӣ, ки гӯё махсус барои вай бароварда сохтааст, ҳунармандтарини ҳунармандон буд. Бо ин андеша ва мулоҳизаҳо фарқе ки дар миёни ин ду мард буд, бо тамоми ҳастии худ ба пеши Қамар намоён шуд.

Ба як ногоҳ ба атрофи Қамар се хоҳари Муҳаммад пайдо шуданд. ки онҳо рақс мекарданд ва аз Қамар «мадҳуши маи муҳаббат шудааст» гуфта механдиданд, зеро Қамар ба дарьёи хаёл ва андеша ғӯта хӯрдагӣ буд, чӣ гуна аз роҳрав гузаштани онҳоро ва ба чӣ тариқа дарро кушоданашонро ва то миёнаҷои ҳуҷра — то пеши курсии фанердоре ки Қамар ба болои он нишаста буд, ба чӣ равиш омаданашонро нафаҳмида монда буд.

Хоҳарони Муҳаммад шукуфтарӯ, дилшод, хушҳаракат ва забоновар буданд, онҳо аз тарафи модарашон монанди худи вай тарбия ёфтагӣ духтарони араб буданд. Онҳо аз забони француз панҷ калима ҳам намедонистанд, онҳо ғайр аз чизҳое ки донистани вай ба занони араб раво буд, дигар чизеро наомӯхта буданд. Онҳо ҳам монанди модарашон дар ҳар масъала барои занони араб чӣ раво ва чӣ нораво буданро дарҳол фарқ карда метавонистанд. Дар вақте ки лозим шавад, ба пӯшондани хатоҳо ва ба маҳв намудани нақши пойҳои вайрон, ҳунарманд буданд.

Маняча мураббои ба даҳонаш будагиро фурӯ бурда, ба Қамар гуфт:

— Ту намедонӣ, ки дирӯз чи гапҳо шуд. Дар моҳи гузашта зани ҳоким бо ҳамроҳии як духтари араб ба

боғ омада будааст. Қаровули пиракӣ ҳам дар он ҷо будааст. Ҳамон қаровул «вай духтар Қамар буд» гуфтааст. Ту бо саркотиб ҳамгап шуда будӣ. Дирӯз модарам ҳамин хабарро шунидан ҳамон ба пеши зани қаровул рафт. Вай «маро бисьёр саргардон кардед-дия,— кӣ будани он духтар аз хотирам фаромӯш шудааст» гуфтааст. Азбаски ин хабар ба бисьёр гап-гапҳо сабаб шудааст, модарам хафа гардид. Зеро ту он вақт ба шавҳар номзадшудагӣ будӣ, аз хона баромаданат хуб набуд. Хусусан ба духтаре ки рӯпӯш шудааст, бо мардон ҳамгап шудан дуруст нест.

Хоҳаркалони Муҳаммад ҳам ба гап ҳамроҳ шуда гуфт:

— Вақте ки падарам ба болои ин гап омада даромад, ба модарам «эҳтимол вай Қамар набошад, агар фарз кардем Қамар бошад ҳам, зарар надорад, зеро вай бо саркотиб шиносо аст» гуфт. Ҳамон вақт аз кӯҷа Муҳаммад пайдо шуда гапро шунида монд. Масъаларо ба вай фаҳмондан даркор шуд, лекин вай бисьёр шӯрид. Падарам бисьёр оташин шуда, ба вай ба забони французӣ «дам шин!» гуфта фарьёд кард, дар ин бора гап заданро падарам манъ кард. Зеро падари ту ба генерал наздик буда, падарам аз вай бисьёр даркориҳо доштааст. Бинобар ин гап ва гапчаро бисьёр карда, Бакрро ранҷондан хуб нест, гуфт. Модарам ҳам ба фикри падарам ҳамроҳ шуда, «майлаш» гуфт. Муҳаммад ҳам дам шуда, китфи худро кашида баромада рафт.

Қамар ин гапҳоро шунида донист, ки бархилофи расму одат дар таҳти тирезаи мирзохона шӯхиҳои кардагиаш хато ва беҷо будааст. Дар ҳамон вақт барои ба кӯча баромадан рухсат додани падараш нодуруст буданро ҳам акнун фаҳмид.

Хоҳари Муҳаммад ба Қамар гуфт:

— Дар ин бора фикр карда монданат беҳтар аст, аз баски ин воқеа як моҳ пештар рӯй додааст, Муҳаммад чизе намегуфтагист, лекин мабодо пурсида монад «ман набудам» гуфта мункир шуданат хуб аст, фаҳмидӣ-мӣ? Ҳар вақт дар ҳар кор ҳила ёфтан мумкин аст, ҳамту не-мӣ? Дар рӯзи никоҳ Маня аз пушти ту омада, ҷойро чи гуна бо устой дод. Маня дастҳояшро ба якдигар зада чашмакӣ кард. Сонӣ вай чи гуна бо устой ҷой додани худашро ва ҷойи ҷӯшонро чи тавр карда хӯрдани Қамарро

бо харакатҳои худ тақлид карда нишон дод. Ҳамаашон қоҳ-қоҳ зада хандиданд.

Бегоҳонӣ Муҳаммад омада ба хона даромадан замон, фасашро аз сар гирифта ба рӯи курсии фанердор партофт ва Қамарро нобӯсида гап сар кард:

— Ту дар ҳаққи духтари арабе ки ба сараш фаранчӣ гирифта бошад ва дар кӯча бо мардон ҳамгап шуда гардад, чӣ мегӯӣ?—гуфт.

Қамар ба хатои худаш аз тахти дил пушаймон мехӯрд.

— Албатта, вай бояд ба ин кор ҳақ надошта бошад,— гуфт.

Муҳаммад ин гуна ҷавобро чашм надошт ва гуфт:

— Ҳамту ки бошад, ту чаро ҳамин корро кардӣ?

Қамар ҳилаҳои хоҳарони Муҳаммад ёддодагиро барои манфиати ду хонавода кор фармоям-мӣ гуфта дудила шуд.

Лекин аз он ҷо ки вай ба ҳила ва дурӯғ одат накардагӣ буд, ҳанӯз ҳила кор нафармуда, аз шарм рангурӯяш суп-сурх шуд, бо вуҷуди ин, як озмоиш карданӣ шуда:

— Ту ҳамин тариқа як кор кардани маро бовар мекунӣ-мӣ?—гуфт.

Муҳаммад бошад дар навбати худаш хуб мусаллаҳ шудагӣ буд.

— Ту магар мункир шуданӣ ҳастӣ? Лекин далелҳои ман бисьёр зӯр! Туро дар мирзохонаи муаллими ҳусни хат Берта магар худам ба чашми худ надидам? Медонӣ-мӣ вай чиҳо мегӯяд.

Қамар боз ин гап дурӯғ набошад ё дар ҳақиқат Муҳаммад Ҷонро дидааст-мӣ? Ҷон чӣ гуфта бошад?—гуфта дар андеша афтод ва дурӯғ нагуфтанро муқаррар карда гуфт:

— Ман ҳамроҳи Бомун-хонум ба вай пишак бурда будам, аз тиреза Ҷонро диданам ва шӯхӣ карда пишакро ба тарафи вай ҳаво доданам рост. Дигар коре нашудааст. Агар Ҷон ба ту чизе гуфта бошад, бояд ғайр аз ин дигар чиз набошад. Бомун-хонум ҳам ин сухани маро тасдиқ мекунад.

— Ба ман шоҳид-моҳид даркор нест, — гуфта Муҳаммад курсиро ба як тараф тела дода, стакани дар болои чорпоя истодагиро аз ҷояш беҷо карда монд. Пас аз он боз ба Қамар нигоҳ карда гуфт:

— Ту чаро «Берта»-ро «Ҷон», хатто «Дӯстҷон» гуфта мегардӣ? Пишакро ҳаво дода будааст, бо ука ё ки бо акаи худ бозӣ кардагӣ барин, гӯё ки ҳеҷ чиз нашудааст.

Қамар дар гап суст шуд ва суханони худро нармтар карда гуфт:

— Пишакро ҳаво додан дуруст набуд, худам ҳам ба ҳамин фикр омадам, лекин вайро «Ҷон» гуфта гаштанам чӣ зарар дорад.

Касоне ки дар он мирзохона буданд, ҳамагӣ ба вай «Ҷон» ё ки «Дӯстҷон» гуфта гап мезаданд. Ман ҳам ба қатори дигарон ба вай ба ҳамин ном гап мезадам. Худи вай бошад, ба ман муаллими ҳусни хат шуд, дар болои ин муомилааш мулоим ва одами нағз буд.

Муҳаммад ба тарафи Қамар гардани худро дароз намуда, ба вай ба чашми озмоиш нигоҳ карду:

— Дӯстҷонро ин ҳама таъриф кардан бас! Кифоя! — гуфт. Қамар ба вай нигоҳ карда:

— Чӣ шуд, ман ягон гапи зиёдатӣ назадаам-ку — гуфт.

Қамар воқеаи шуда истодагиро санҷида наметавонист, вай дар пеши чашми худ мардеро ки ба оташи рашку ҳасад дар гирифта, ҳокимияти худро нигоҳ доштанӣ шуда истодааст, намедид. Вай оҳиста-оҳиста рози даруниии худашро фаҳмида гирифта, ба ҳар гуна бадахлоқӣ ва бадмуомилагӣ ҳозир шуда истодани Муҳаммадро нафаҳмида монд.

— Ҳолӣ ҳамту-мӣ, — гуфт Муҳаммад, — гӯё ту худатро ҳеҷ кори зиёдагӣ накардагӣ мепиндорӣ! Зани араб дар пеши шавҳари худ як марди бегонаро «Ҷон, Дӯст, Ҷон бисьёр одами нағз, Ҷон зиёда мулоим, Ҷон муаллими ман, Ҷон дӯсти ман» гуфта таъриф кунад... Худат фикр карда бин, як марди ҷавон ба як зани ҷавон магар дӯст шуда метавонад? Бисьёр хуб, акнун ки сар кардӣ, то охир гап зан, бинам боз чӣ шудааст.— Муҳаммад боз оташинтар шуда:

— Бисьёр хуб, гап зан, иқрор шав! Берта маҳбуби ту буд-мӣ? — гуфт.

Қамар. Ё алҳафиз![55] гуфта аз ҷояш ҷаста карда хест, бисьёр хӯриаш омад, номусаш тамом поймол шуда буд. Аз оташинӣ чун мӯи оташдида меларзид ва ба хам мепечид. Ду панҷаи худро бар синаи худ монда зӯр мекард ва нафасҳои сахт мекашид. Гӯё ки чизе гулӯяшро

маҳкам гирифта, роҳи нафасашро баста буд. Вай бо ин ҳаракати худ мехост синаи худро сӯрох карда, он чизи бандшударо барорад ва аз ин дилтангӣ халос шавад.

Қамар баъд аз он ки қадре ором гирифт, гуфт:

— Маҳбубам, маҳбуби ман!.. Ин чӣ гуфтагет?.. Лекин ту шавҳари ман ҳастӣ, ғайр аз ту маҳбуби дигар надоштани маро аз ҳама нағзтар бояд ту медонистӣ, дар ин хусус ба пеши ту гувоҳ ҳам буд: магар ман тоза ва саломат набудам?...

Қамар аз як тараф аз оташинӣ ва аз тарафи дигар аз шарму ҳаё суп-сурх шуда буд, вай бо суханони охирини худ ба шавҳараш ғолиб омада буд. Лекин Муҳаммад ба ҷои он ки ором гирад, боз девонагиро аз нав сар карда гуфт:

— Дам шин! Ту дониста мон, ки ман монанди дигарон беақл ва нодон нестам, ман ҳила ва найрангҳои занон ва духтаронро нағз медонам. Онҳо ингуна ҳилаҳоро бисьёр мекунанд.— Муҳаммад ба Қамар ҳамла карданӣ шуд, Қамар худро ба таҳти девор гирифт, лекин Муҳаммад имрӯз ба сабаби маст набуданаш, ё бо мулоҳизаи ин ки падараш намехост дар болои саркотиби судья ҷанҷол барорад, якбора худро нигоҳ дошт ва назад:

— Акнун шуд,— гуфт Муҳаммад.— Ту ҳаминро дар хотир нигоҳ дор, ки ман дар хонаводаи худ ба дурӯғ роҳ намедиҳам, ман аз ту дар оянда ҳаракатҳои девонагӣ накарда, ба тартибе ки мебояд ва мешояд рафтор карданатро талаб мекунам. Баъд аз ин ба муқобили ту ҳаргуна чораҳое ки лозим бошад, кор мефармоям. Агар он гуна чораҳо ба кор наравад, чизеро ки медонам, мекунам,— гуфт.

## III

## ҚАФАС

Баъд аз чанд рӯз Зардуда-хонум омад, вайро ба пеши духтараш худи зани Ибни Толиб Лаълзӯҳра гирифта даровард. Баъд аз Зардударо ба пеши духтараш даровардан, лозим буд, ки худи Лаълзӯҳра баромада мерафт, лекин вай инту накард, балки ба паҳлӯи келинаш рафта нишаст ва ҳол он ки агар модару духтарро

танҳо монда мерафт ҳам, Қамар дар бораи воқеаи Ҷон — Берта ва натиҷаи он, ба модараш чизе гуфта наметавонист, зеро хато будани кори онрӯзааш акнун ба назари худаш ҳам равшан намоён шуда буд. Бадрашкие ки аз ин ваҷҳ ба шавҳараш пайдо шуда буд, дуруст медонист ва дар ин бора бо шавҳари худ созиш карданро маъқул мепиндошт. Падари Қамар Бакр ҳеҷ гоҳ ба гирди ин гуна шубҳаҳо нагашта ва бадгумониро ба худаш роҳ надода буд, лекин Қамар акнун донист, ки дар дигар хонаводаҳо мардон аз занони худашон каму беш шубҳа мекардаанд.

Рӯзҳо дар гузаштан буд, Муҳаммад боз ба аҳволи муқарраріи худаш—ба хунсардии худаш баргашт. Лекин вай шабҳо Қамарро ба дараҷаи ҳайратбахшо дӯстдорӣ кунад ҳам, ҳамин ки субҳ аз хоб бармехост, аз пешонаи вай як бӯсаи сарди хушк карда баромада мерафт. Қамарро ин аҳвол зиёда дар тааҷҷуб меандохт. Муҳаммад, ки як бӯсаи сард карда мебаромад, калиди дарро ду тоб дода ба кисааш андохта мерафт. Баъд аз он дар танҳо, дар вақте ки яке аз хоҳарони Муҳаммад хӯрок меоваранд, кушода мешуд. Қамар фаҳмид, ки дигар ҷойҳои ин хона ҳам маҳкам қуфл задагӣ будааст. Рӯзе барои хондан китоб ҷуст, лекин калиди китобсандуқ набуд, як рӯз ба Қоврило хат навиштанӣ шуд, лекин чи қадар зӯр зада бошад ҳам, қаламдон кушода нагардид.

Оё ҳамаи ин корҳоро қасдан кардаанд?

Барои ба ин савол ҷавоб ёфтан, Қамар аз як фурсати муносиб фоидаманд шуд:

— Ман аз танҳоӣ бисьёр дилгир шудам. Агар ман ба Қоврило ва Бомун-хонум хат навиштанӣ шавам, соҳиби ман ба ман рухсат медода бошанд-мӣ? — гуфт.

Ба ин илтиҷо ва илтимоси Қамар Муҳаммад аз ҷояш як ҷунбид, ҳамон қадар пешонаи худро туруш накарда, бо як олиҷанобӣ ва марҳамат гуфт:

— Не, не! Ба даст қалам гирифтани зани араб аз рӯи шариат дуруст нест. Ҳатто бештарин вақтҳо хонда навишта тавонистани занони франсуз ҳам ба фиреб хӯрдани мардҳошон сабаб мешавад. Не, китоб хондан ҳеҷ даркорӣ надорад, зеро занону духтарон агар китоб хонданӣ шаванд, бештарин роман мехонанд ва ҳол он ки безарартарин романҳо ҳам хонандаро хаёлотӣ карда, ахлоқашро вайрон мекунад. Агар бар болои масъ-

алан мактубнависӣ биёем, он касе ки хат мегирад мумкин аст вайро гум кунад, дар ин сурат мардум бо касони дигар хатнависӣ кардани зани мусулмонро фаҳмида, ғайбат хоҳанд кард.

Бо вуҷуди ин, Муҳаммад баъд аз чошт ба Қамар коғазу конверт дода:

— Ба дӯстат Қоврило хат нависӣ мешавад, лекин конвертро худам мӯҳр карда ба қуттии почта ба дасти худ меандозам! — гуфт.

Қамар ин вақт ба бадрашкии ӯ он қадар тааҷҷуб намекард, лекин ин дафъа маънии ин кори ӯро дуруст нафаҳмида ораш омада, китфи худашро кашиду:

— Не, даркор не, ҳозир аз хаёли мактуб навиштан гаштам,— гуфт.

Ин вақт ба як ногоҳ моҷаро сар шуд:

— Мана, мақсади аслӣ маълум шуд! Чаро наменависӣ, зеро ту мехоҳӣ, ки дар вақти набудани ман нависӣ: эҳтимол аз дасти шавҳарат шикоят карданӣ бошӣ! — гуфт Муҳаммад. Вай торафт оташин мешуд.

Қоврило дар тарбияи французӣ дидан, ҳаммактаб ва ҳамсолат! Бомун-хонум бошад, зани раиси падаршӯят ва ба онҳо «маро дар қафас андохта нигоҳ доштаанд, маро ба партофтани одатҳои аврупоӣ маҷбур мекунанд, ибни толибҳо дар зоҳир аврупоиранг намоянд ҳам, дар ҳақиқат онҳо ҳайвонҳоанд, дурӯғгӯянд» гуфта навиштанӣ ҳастӣ, «гапҳои нағз»-еро ки ту рӯзи никоҳи худ ба ман гуфта будӣ, ҳанӯз аз ёдам набаровардаам!

Қамар ҳайрон монда ба вай нигоҳ мекард.

Муҳаммад девонавор ба сухани худ давом карда:

— Чаро, ба «Ҷон» хат наменависӣ, ба вай ҳам навиштан даркор аст, ба арабзане ки навиштанро медонад, қаламу коғаз додан мумкин-мӣ? Ҷон, Ҷон... росташро гӯй, ту ба Ҷон ҳам... ба он Ҷоне ки дар вақтҳои оддӣ ту ҷуръат карда вайро Дӯстҷон мегӯӣ низ хат навиштан хоҳиш надорӣ-мӣ?

Муҳаммад дарро сахт пӯшонда баромада рафт. Ин сабақи нав ба Қамар бисьёр гарон омад. Қамар ба хоҳиши рашку ҳасадҳои беҷо ва дурушт, дар бораи Ҷон чи гуна сафсатагӯиҳо кардани соҳиби худашро дид ва фаҳмид.

Ҷон!.. Соатҳои дарозе ки дар мирзохона бо ҳамроҳии ин дӯсти меҳрубон гузаронида буданд, ба чи да-

рача дилкаш ва он ба чи дарача хуш буд. Он соатҳо бо вуҷуди дарозӣ чунон ба зудӣ гузаштанд, ки чӣ гуна гузаштанаш ҳеҷ маълум нашуд. Вай чи гуна одами баодоб буд, агар ба таъбири худаш гӯем бо занону духтарон чӣ тавр нағз гап зада ба пеши онҳо ба чи тарз худдорӣ карда метавонист. Мана аз ҳамту одам бесабаб дар шубҳа меафтанд!... Дар бораи ин гуна дӯст, дар бораи ин гуна дӯсти нозукдил, дар шубҳа афтодани он ҳайвони мағрурро «эътимоди як духтарро ба бадӣ кор фармуду ба он духтар муомилаи хоинона кард» гуфта ба вай дашномҳо доданашро ҳар гоҳ Қамар дар хотир меовард, ғел зада гирья карданаш ва пойҳояшро ба замин зада дуньёро вайрон карданаш меомад.

Ин азобҳое ки барои Ҷон мекашад, кай тамом мешуда бошад?

Ин ҳайвон чаро ҳеҷ намефаҳмад, ки бо ин гуна муомилаҳои худ, Қамарро дар бораи Ҷон ба бисьёртар фикр кардан маҷбур хоҳад намуд? Дар воқеъ ҳам, чунин буд. Ин ҳақиқат дар ҳар давру замон, дар байни ҳар қавму мамлакат магар ҳамин тарз нест?! Шавҳари бадрашк барои зиндагии хонавода ба кор намеравад, инчунин рашку ҳасад ҳам аз сифатҳои бисьёр бадест, ки ҳамеша натиҷаҳои баръакс медиҳад. Чунончӣ Муҳаммад ба хоҳиши бадрашкии худ ҳар рӯз дар бораи Ҷон гап мезанад, ба сабаби ҳамин кирдори худ Қамарро, ки ба қадри имкон ба фаромӯш кардани Ҷон кӯшиш менамуд, ба ёд кардани он маҷбур мекунад. Як шаб Муҳаммад аз берун омада:

— Дӯсти ту Берта бисьёр одами хуб аст, навакак дар вақте ки бо ман гап мезад, номи туро ба забон гирифта гуфт.

Қамар ки ҳамеша ба шунидани ин гуна гапҳо одат кардагӣ буд, ба ҷавоби Муҳаммад чизе нагуфта, мунтазири поёни сухани ӯ шуда истод.

— Вай ҳозирӣ медид, ки ҳарфҳои аввали як чизи муҳимро бо сурхӣ ва сафедӣ бинависад. Ман, оё чӣ менавишта бошад гуфта нигоҳ карда истода будам, ки нохост ханда карда фиристод ва «ин кор, замонҳои ба Қамар ҳусни хат ёд доданамро ба хотир овард» — гуфт ва ту вайро «духтарак» номида будӣ ва ман ӯро ба зании ту муносиб аст гуфта будам, маълум мешавад, ки ман пайғамбарона гап зада будаам, чи тавр, бо дух-

тарак зиндагонии хонаводагиатон дуруст-мӣ? — гуфт. Мана ин аст суханони Ҷон!

Муҳаммад аз гап задан бозистода, ба Қамар нигоҳ кард, лекин Қамар чизе нагуфт.

— Чӣ тавр, ту ҳамин суханҳои ӯро назокат ва боодобӣ гуфта хаёл мекунӣ-мӣ? Дар вақти бо як араб гап задан, дар бораи хонавода ва зани ӯ ин тариқа гап задан магар ҳақорат нест? Эҳтимол ту гӯӣ ки вай қоидаҳои одоби арабро намедонад. Қасе ки ҳар рӯз дар ҳар воқеа ва тафтиш, ба сифати саркотибӣ бо судья ва маслиҳатгузори шаҳр ҳамроҳ мебошад, магар одоби арабро намедонад? Қасе ки ҳар рӯз аз ҳар ҷиҳат зиндагонии маҳаллиро тафтиш мекунад, расму қоидаи маҳаллиро намедонад? Биё, аз ҷониби вай узре ёфта гӯй, ки вай дар ин кор худ беайб барояд, ҷаро нафасат намебарояд, гап зан охир?

Қамар зиёда аз ин бардошт карда натавонист.

— Дар ин кор чӣ хел узр даркор? Ҷон маро аз вақти хурдтаракиам боз медонад, магар чунин нест?... Вай ба тӯи мо ҳам буд. Туро ҳам дар як маҳкама кор мекардагӣ, як рафиқи ҳамкори худ медонад...

— Боз чиҳоро бофта ва сохта баровардӣ? — гуфта Муҳаммад миёни гапи Қамарро бурид.

Ин аст ҳоли занону духтарон! Барои ҳимояти касоне ки дӯст медоранд ва нағз мебинанд, дар ҷое ки ҳеҷ узру сабаб набошад ҳам садҳо, балки ҳазорҳо сабаб ёфта метавонанд.

Қамар ҳам оташин шуда ҷавоб гардонд:

— Ин гапҳоят дурӯғ ва тӯҳмат аст, боз як бори дигар мегӯям ки Ҷон ҳеҷ гоҳ маҳбуби ман нашудааст. Акнун ту зиёда аз ҳад баромада рафтӣ, ин як ҳақоратест ки инсон ба вай тоб оварда наметавонад.

— Ҳо!... Ҳамту, дуруст, вай баъд аз ин маҳбуби ту шуда наметавонад. Ту акнун сиёҳ пӯшида азо гир! Ӯ ҳозир чигунае ки бошад баъд аз ин ҳам ҳамеша чунин хоҳад монд. Ӯ як одами бадкирдори шӯрапуште ҳаст, ки то ҳол одам барин муомила карданро ёд нагирифтааст, бо арабон ва бо касони катхудо чи туна гап заданро намедонад.

Қосаи сабри Муҳаммад пур шуда буд. Торафт девонагии худро зиёд кардан гирифт ва каҷбаҳсиҳои бемаънӣ карда дар роҳи кинаҷӯӣ ва интиқомгирӣ даромада рафт. Боз аз суханони Ҷон шикоят сар кард:

— Вақте ки ман туро «духтарак» гуфта ном бурдам, Ҷон ба ман «либосҳои ту чи қадар навбаромаду озода бошанд ҳам, ба пеши занону духтарон ба дараҷае ки мебояд, худдорӣ карда наметавонӣ» гуфта буд.

Қамар гуфт:

— Ҳамин гапҳоро Ҷон ба ту гуфт-мӣ? — Ҳар дуи онҳо бисьёр оташин шуда бехудона гап мезаданд.

— Оре, Ҷон ба ман гуфт.

— Ту ҳам ҳамин гапҳоро фаромӯш накарда гаштӣ-мӣ?

— Инҳоро ту дар хотири ман меандозӣ!

— Қувваи ҳофизаи ту бисьёр баланд будааст-дия! — Ба ҷои ҷавоби ин сухан, ба рӯи духтараке ки аз тарс ва масхара шудан чун барги бед меларзид, торсакии сахте расида, ҷанҷоли имрӯза бо ҳамин қадар тамом шуд.

## IV

## ЕРМАНДИХОҲӢ

Аз барои Ҷон боз имрӯз як торсакӣ!

Агар Дӯстҷон воқеаи имрӯзаро медонист...? Агар медонист ҳам, дар ин хусус вай чӣ кор карда метавонист? Ба кадом ҳақ ба ин воқеа ҳамроҳ мешудам? Қамар чӣ гуна сабаб нишон дода, ба Ҷон муроҷиат карда метавонад? Акнун ба кӣ рӯй оварад? Лекин акнун ба вай дам нишастан ҳам мумкин нест!

Қамар дар рӯзи дуввуми никоҳ бо маслиҳат ва танбеҳҳои ҳар ду модар ва бо қарори қатъии худаш роҳи муросоро пеш гирифта бошад ҳам, ҳозир корро тамоман дигаргун дид. Аз зарби торсакӣ фарьёд кашиданӣ ва дод гуфтанӣ шуд. Лекин чи гуна фарьёд кунад ва ба кӣ дод гӯяд? Барои ин фурсат ҳам набуд. Ба падараш Бакр дод гӯяд-мӣ? Ва ҳол он ки аз рӯи урфу расм, боз чандин моҳ вайро диданаш мумкин нест ва мактуб навишта ҳам аҳволро фаҳмонда наметавонад.

Модараш Зардуда бошад азбаски барои зани дуввум гирифта додан ба шавҳари худ ва ба гузарондани тӯй саргардон аст, ба пеши духтараш Қамар кам меояд, дар вақти омаданаш ҳам аз хоҳарони Муҳаммад якеаш ё дуяш, агар онҳо набошанд, худи Зӯхро-хонум

ба пеши Қамар ва модараш даромада менишинад ва ба Қамар ҳеҷ фурсат намедиҳанд, ки ба модари худ дарди дили худро гӯяд, агар дар пеши онҳо масъаларо кушода бо забони арабӣ гап занад, аз ҳамон дақиқа сар карда душвориҳои гуногун пайдо шуданаш ошкор аст. Агар дар пеши наздикони Муҳаммад, ки онҳо забони французиро намедонанд, ба французӣ гап занад, ба болои ин ки ин кор айб аст, боз ба ҳар гуна шубҳаҳо сабаб хоҳад шуд.

Муҳаммад ба сари сухани худ истод, худраъӣ ва худсарии худро нишон дод, ҳар як чорае ки вай ба муқобили Қамар меандешид, ба амал меомад. На танҳо худи Муҳаммад, балки ҳар кадом аз наздикони ӯ ҳам барои ба амал овардани хоҳишҳояш кӯшиш мекарданд. Бо вуҷуди ин як вақт ба Қамар андак фурсат доданашонро худҳошон нафаҳмида монданд. Қамар аз ин фурсат фоида бурда, ба гӯши Бомун-хонум якчанд даҳан гап зада тавонист. Ин фурсат бошад дар рӯзи тӯи падари Қамар ва Шарифа, дар рӯзе ки Шарифа ҳам начунбида монанди санг дар як ҷо сахт шуда монда буд, ба даст афтод.

Қамар дар ин рӯз, ба гӯшае нишаста буд, атрофи ӯро хоҳаршӯёнаш — хоҳарони Муҳаммад печонда гирифта буданд ва ба ҳама ҳаракатҳои вай дидбонӣ мекарданд. Қамар дар миёни онҳо ҳеҷ гап намезад ва гап ҳам зада наметавонист.

Дар ин вақт Бомун-хонум намудор шуд, ки ба тарафи инҳо меомад. Қамар гӯё ки барои эҳтироми зани ҳокими шавҳараш аз ҷояш барҷаста хеста як-ду қадам пеш рафт, дар вақте ки дасти худро ба гардани Бомун-хонум андохта, ӯро мебӯсид бе он ки лабу даҳони худро ҷунбонад, оҳистекак:

— Имо — ишорат кардану гап задан ҳеҷ ҳоҷат нест. Бо як устой ба шавҳаратон ҷаноби Бомун, ё ки ба падарам фаҳмонед, ки шавҳарам маро мезанад! — гуфт.

Баъд аз ҳамин воқеа Қамар бисьёр рӯзҳо интизорӣ кашид. Як рӯз, ду рӯз, як ҳафта, ду ҳафта гузашт, лекин аз кӯшиши Бомун-хонум ҳеҷ асаре нест. Магар Бомун-хонум суханони ӯро нашунид ё магар вай ҳам дар ин хусус аз ягон кор кардан оҷиз аст?

Ҷойҳое ки Қамар барои шикоят кардан муайян карда буд, бефоида шуда баромад. Хусусан аз хонаводае

ки худаш дар он ҷо зоида шудааст, хато будани чашми ёрӣ доштанро аҳвол ошкоро нишон дод. Аммо судья ва зани ӯ Бомун-хонум бошанд, онҳо: ба аҳволи хонаводагии мардуми маҳаллӣ дахл кардан як кори бисьёр хавфнок буданро бо бисьёр таҷрибаҳои худ медонистанд.

Бакр бо аҳли хонаводаи худ он рӯзҳо дар Ар-рӯҳ набуданд, онҳо дар рӯзи дуввуми тӯй барои чанд ҳафта истода омадан ба боғи Шарифа, ки дар Зердизе буд, рафта буданд. Зеро чанд рӯз кор карда боғро ба тартиб андохтан, пас аз он ба иҷора додан лозим буд. Аскари пештара — Бакр ва зани ӯ Зардуда азбаски ба кӯчида гаштан одат кардагӣ буданд, ва инро дӯст медоштанд, ин хоҳиши Шарифаро бо хурсандии тамом қабул карда буданд.

Ба ҳамин тарз рӯзҳо ва ҳафтаҳо гузашт. Як рӯз аввали пагоҳӣ Бомун-хонум аз ҳавлиаш берун баромада буд, вай ҷовуш (Бакр)-ро дид, ки ба ҷои худ, бар болои нимкат, бо тартиби арабон чорзону зада нишастааст. Ва ҳол он ки пеш аз ин хусусан дар ҷои посбонии ҳарбӣ ба ин тарз нишастани Бакр, дида нашуда буд. Бомун-хонум ин манзараи навро бо таааҷҷуб ва ҳайрат нигоҳ карда истод. Бакр монанди посбонони солхӯрда дар миёнаи хобу бедорӣ пинак карда менишаст.

Ин дигаргунӣ дар нишасту бархост аз куҷо омад, ё ин ки дар сояи зани дуввум гирифтан ин ҳол рӯй дод-мӣ?

Вақте ки Бомун-хонум наздик расид, Бакр аз ҷояш ҷаста бархост. Худро ба зӯр хандонрӯй нишон дода, табассум карда салом дод. Лекин вай дар ҳолати табиии худ набуд, зиёда кӯфташуда ва андӯҳгин ба назар менамуд.

— Ҳа бечора Бакр! Ба ту чӣ шуд? — гуфт Бомун-хонум. Ҷовуш Бакр андешаманд шуда ба Бомун-хонум нигоҳ карда истод, пас аз он ба замин нигоҳ карда:

— Шумо ба ман чӣ шуданро мепурсед. Ман як одами бад, ман дишаб зани худамро задам, — гуфт.

— Ту занатро задӣ-а? Зардударо-мӣ?

— Не, зани дуввумро задам. Шарифаро, ки шумо маро барои хонадор шуданам бо вай маҷбур карда будед. Пошохон! Агарчи ҳақ ба ҷониби ман буд, ман заданро намехостам, лекин кори ношуданӣ шуда гузашт,

акнун пушаймонӣ суд надорад ва дуруст кардани ин кор ҳам мумкин нест.

— Ин тавр не, аз ин дилсиёгӣ халос шудан осон, агар занат маъқул набошад, сар дода мефиристон вассалом!

— Мумкин нест пошохон! Вай бо Зардуда ҳар ду якфикранд. Зардуда ба ман «агар ту Шарифаро раҳо кунӣ, ман ҳам аз ту мебароям» мегӯяд. Ман бошам сар додани Зардударо ҳаргиз намехоҳам. Модом, ки аҳвол ин чунин аст, ин кор чӣ гуна дуруст мешавад!..

Бакр кашол гап зада рафт, суханони вай аҳволи бисьёр андӯховареро ки аз ин пеш дар хотири касе намегузашт, ошкоро карда дод. Шарифа аз рӯзи якуми никоҳ сар карда, худро ба зани Ибни Толиб дида ҳам мусулмони комилтар карда нишон додааст. Ҳатто вай вазифаҳоеро ки аз занону мардони мусулмон талаб карда мешавад, ҷудо карда намемонад. Ба назари вай ҳар чизе ки тамоман мувофиқи расми арабӣ ва мусулмонӣ нест, ҳамагӣ нодуруст ва ҳамагӣ ҳаром аст.

Дар Зердизе (дар боғи Шарифа) мувофиқи қонун танҳо худи Шарифа соҳибӣ мекунад... Бакр ҳам аз рӯи назокат, ба ин кор розӣ шудааст. Вай се ҳафта боз ба айбҷӯиҳои Шарифа тоқат карда ва ба гапҳои вай гардан фароварда омад. Ба сӯи одатҳои кӯҳна нигоҳ карда рафта истодани Бакрро дида дарун-дарун хандидани Зардуда нишон медиҳад, ки ба ин ҳол изҳори норозигӣ карданро вай ҳам лозим намешуморад.

Як рӯз Шарифа як шиша шароби Бакрро, ки аз саркотиб гирифта оварда буд, ҳаво дода фиристод. Бакр ба ин кор бисьёр оташин шуда ба ҳолате омад, ки худро намедонист, аз ҳамин рӯз ҷанҷол сар шуд, ҳатто чунон ҳолатҳо рӯй дод, ки гоҳо Зардуда ҳам ба ҷанҷол ҳамроҳ шуд, мана дар чунин ҳолат Бакр аз ҳад зиёд оташин шуда беихтиёр дасти худро бардошт.

— Аҳвол чунин аст пошохон! — гуфт Бакр,— дар вақте ки ба боғи Шарифа будем, ман барои нигоҳдории осудагӣ ва ҳам барои поси хотирдории Зардуда ба корҳои вай роҳ додам ва бардошт кардам. Лекин Шарифа ба он қадарҳо қаноат накарда мехоҳад, ки дар хонаи худи, ман ҳам ҳама чизҳоро дигар кунад.

Бакр бо аҳли хонаводаи худ аз боғи Шарифа дирӯз омада буданд, лекин аз миён як соат гузашта нагузашта, аҳволи дарунии хона тамоман дигаргун шуд.

— Ин гуна стол чӣ даркорӣ дорад? Мо аз аҳолии Молта нестем, ку! Қошуқ ва чангча барин чизҳо ҳам ба мо даркор нест, зеро мо фарангӣ ё ки яҳудӣ нестем!

Бакр баъд аз он ки аз ин гуна гапҳо ва муомилаҳои Шарифа шикоят кард, гуфт:

— Пошохон! Ман пас аз дидани ин гуна муомилаҳо худдорӣ карда натавонистам. Ба муқобили вай ин ҳаракати ман магар дуруст набуд? Зардуда ҳам ба миён даромаданӣ шуда, кӯшиш карда дид, лекин ман ба ин роҳ надодам. Бо овози баланд фарьёд кардам, Шарифа ҳам фарьёд мекард, аз вай суханони қабеҳ шунида мешуд, ман бехудона Шарифаро задам.

Қамар ҳам «маро шавҳарам зад» гуфта шикоят мекард, локин модом ки аҳвол ба ин сиёқ аст, шикояти ӯро ба падараш, ки вай ҳам зани худро задааст, гуфтан чӣ фоида дошта бошад.

— Бечора Бакр! — гуфт Бомун-хонум. Дар ин кор албатта ҳақ ба ҷониби ту нест. Инак ҳозир худи ту ҳам аз ин кор пушаймон ҳастӣ ва изҳори норозигӣ мекунӣ. Бакр дастони худро бардошт:

— Дуруст аст пошохон! Худам ҳам пушаймон хастам. Лекин дарди ман дар ин ҷост, ки метарсам боз такрор кардани ин кор лозим шавад ва аз ин андеша зиёдатар ба ғаму андӯҳ меафтам,— гуфт.

— Бакр! — гуфт Бомун-хонум.— Боз ин чӣ гап?

— Рост мегӯям пошохон, вайро боз задан лозим ояд. Агар вай ба ҳамин муомилаи худ давом кунад, ман бардошт карда наметавонистагем. Ба ин кор албатта ҳақ ба ҷониби ман аст. Баъзе аврупоиён ҳам зани худро мезананд.

— Пас, аз ин кор чигуна фоида мебинӣ? Ба сабаби задани ту Шарифа аз ту ҷудо шуда, туро танҳо партофта ҳамроҳи Зардуда баромада раванд, чӣ кор мекунӣ? Фоидаат ҳамин мешавад-дия.

— Не, пошохон! Занони араб ба сабаби задан ҷудо намешаванд, медонед-мӣ? Баъд аз задан Шарифа аз ман розигӣ кард, лекин худаш ба берун бароварда партофтани курсӣ ва чорпояҳои фарангӣ давом кардан гирифт, Зардударо ҳам ба ёрмандии худаш ҷеғ зад.

Бакр пас аз ин ки фаси худро бо як дасташ як ҷунбонда монд, боз гап сар кард:

— Пошохон! Савганд ёд мекунам, ки агар аҳвол ба ҳамин равиш рафтан гирад, на танҳо бо даст, балки асо

ҳам ба кор медарояд, калтак ҳам мехӯрад, на ин ки танҳо Шарифа, Зардуда ҳам аз ин рӯзӣ бенасиб нахоҳад монд,— гуфт.

Бакр боварӣ дошт, ки вай дубора ба одатҳои кӯҳна ва ба урфу расми бобоии худ нахоҳад баргашт. Лекин бо вуҷуди ин, имрӯз ба қоидаи арабон чорзону зада нишастани худашро, Зардудаеро ки бо вай бист сол умр ба сар бурдааст ва ӯро аз ҳама чизи худаш дӯсттар медорад ва Зардудаеро ки ба вай зани дуввум (Шарифа)-ро гирифта додааст, ба задан тайёрӣ диданашро низ пай намебурд. Қамари сиёҳбахте ки дар пушти деворҳои торик, ба даруни қафаси танг, парпанак мезад, ҳанӯз чашм дар роҳи ҷавоб буд. Оре:

> Буд аз ҳамнафасон дур ба кунҷи қафасе,
> Оҳ, агар мужда наоранд зи фарьёдрасе.
> Аз касе ин ҳама озор ба яқ бекаси зор!
> Бекасе чанд кашад ин ҳама озори касе?

Лекин ҳафтаҳо гузашту аз фарьёдрасе муждаи ҷавоб наомад.

## V

### ФАРЬЁД

Қамар зиёда дигаргун шуд. Вай акнун кам гап мезад ва бештарин хомӯш менишаст. Дар миёнаи модаршӯй ва хоҳаршӯён, ки монанди сурнайчӣ нафас нагузаронида, чақак мезаданд, албатта осоиш дар ҳамин хомӯшӣ ва камгапӣ буд. Лекин вақте ки ба пешаш шавҳараш Муҳаммад меомад, кор ба душворӣ меанҷомид, зеро Муҳаммад дар бораи «Ҷон» гап заданро ба худаш одати ҳамешагӣ карда гирифтааст ва аз ин кор ҳеҷ худдорӣ карда наметавонист. Ин дигаргунӣ, яъне хомӯшӣ ва камгапӣ, ки ба Қамар рӯй дода буд, шубҳаи Муҳаммадро барҳам намезад, балки бадгумонии ӯро аз аввалӣ ҳам зиёдатар мекард ва нобоварие ки ба Қамар дошт, бисьёртар мешуд. Чунки вай ба иллати рашку ҳасад гирифтор буд, марди ваҳшитинате ки пеши чашми ақлу бинишии ӯро пардаи торики ҳасад гирифта бошад, ҳеҷ чизро намефаҳмад ва фаҳмидан ҳам намехоҳад. Чашмашро мепӯшонад, даҳонашро мекушояд ва андешае нокарда ҳар чи ба даҳанаш ояд, мегӯяд.

Қамар, ки ба даруни чордеворе бандивор монда буд, ҳифзи аҳвол ва худдорӣ карда, ягон ҳаракати барзиёде намекард, ки сабаби шубҳа ва бадгумонии Муҳаммад шавад. Аммо Ҷон дар маҳкама ҳамеша аз дунболагирӣ ва дидбонии Муҳаммад халос шуда наметавонист. Ҷон ҳамеша бо овози баланд гап мезад ва механдид, гоҳо суханҳо ва гапҳои ба Муҳаммад хушоянда ҳам мезад. Лекин Ҷон ҳар муваффақияте ки дар гуфтор ва кирдори худ меёфт, ба Муҳаммад бад таъсир мекард ва қаҳри ӯро меовард.

Ҷон ҳамеша ба як кор ҳозир истодани Муҳаммадро пай мебурд.

Гоҳо Ҷон ба Муҳаммад бо роҳи ханда ва бозӣ ҳазлу шӯхиҳои дӯстона ва беғаразона мекард, ба рӯи Муҳаммад мегуфт:

— Аз бозе ки ту хонадор шудаӣ, рангат ранги мурда барин шудааст, агар ту монанди Бакр зани дуввум мегирифтӣ, чӣ мекардагӣ ва ҳолат чӣ мешуд?

Вақте ки Муҳаммад ба хона меомад, қусури шӯхиҳои Ҷонро аз Қамар мегирифт, барои оташин кардани Қамар дар пеши вай ҳамеша дар бораи Ҷон гап мезад, одатҳои ӯро масхара медошт ва механдид, ҳаргуна пичингҳо ҳаво медод ва гаппарониҳо мекард. Қамар ҳеҷ дам намезад ва гӯё ки «ҷавоби аҳмақ сукут» мегуфт. Бо вуҷуди ин Муҳаммад ин одати худро тарк намекард, аз гап зада монда шудан, папирос мекашид, як қадар рӯзномахонӣ мекард ва пас аз он аз хона баромада мерафт.

Муҳаммад бисёр рӯзнома мехонд, лекин ҳеҷ гоҳ рӯзномаи муҳиммеро ба хона партофта намерафт. Қамар танҳо дар вақти ошу дастурхон тайёр кардан медид, ки дар рӯи чорпоя рӯзномаҳои французӣ ва арабӣ истодаанд.

Қамар рӯзномаи арабиро хонда наметавонист ва французиро хонданаш мамнӯъ буд ва ба вай намедоданд.

Як рӯз бегоҳонӣ Муҳаммад як даста рӯзнома оварда, ба болои чорпоя монда гуфт:

— Ана ин рӯзномаҳоро барои ту овардам. Эҳтимол ту аз ин кори ман дар ҳайрат меафтӣ, лекин баъд аз хонда дидан сабабашро мефаҳмӣ.

Боз сухани худро ҳазломез карда давом кунонд: — Аз ҳамин рӯзномаҳо мефаҳмӣ, ки румиён (яъне авру-

поиён) чи гуна одам будаанд. Ту онҳоро дӯст медорӣ, ҳатто аз арабон беҳтар медонӣ, дар назари ту онҳо монанди арабон дурӯғгӯй ва ҳайвонсифат нестанд, лекин аз ҳамин рӯзномаҳо мефаҳмӣ ки онҳо чи гуна муомилаҳо доштаанд ва низ мефаҳмӣ ки дӯстони нағзи ту чи гуна беадолат, бадният ва худсар будаанд, на танҳо аз мусулмонон, ҳатто аз худи румиён ҳам чанд имзо меёбӣ, ки сифатҳои бади онҳоро нишон додаанд. Дар баъзе мақолаҳое ки бо суханҳои сахти бономусона навишта шудааст, имзои французҳоро ҳам мебинӣ. Дар байни онҳо ҳам ягон-ягон одамони бономус ёфт мешудааст. Онҳо ба муомилаҳои баде ки французон ба мардуми маҳаллӣ доранд, нафрат мекунанд. Ана ҳамин рӯзномаҳоро хон, ман ба ту рухсат медиҳам, ҳатто на ин ки танҳо рухсат медиҳам, балки туро ба хондани инҳо таклиф мекунам, то ки ҳеҷ набошад ягон бор шаҳодатномаи аз мактаб гирифтагет ба кор ояд.

Қамар рӯзномаҳоро хонда баромад, лекин гашта баргашта чанд боре хонда бошад ҳам, аз онҳо чизе нафаҳмид: бештарин сармақолаҳои он рӯзномаҳо бо сарномаи «Маданият», «Оянда», «Ба наздикӣ» ва ин гуна суханҳо сар мешуд. Ҳамаи он рӯзномаҳо аз Алҷазоир, Тунис ва Париж омадагӣ буданд. Бештарини имзоҳои мақолаҳо «Ҳамид ибни Маҳмуд», «Дайирон» ё ки «Дӯстдори мардуми маҳаллӣ» барин ном ва лақабҳо буданд. Дар мақолаҳое ки аз муомилаи французон ба тарзи шикоят навишта шуда буданд, аз ҳаргуна ҷойҳои Африкои шимолӣ хеле ҳуҷҷат ва санадҳо буд. Лекин бештарини ин шикоятҳо аз назари хонандаи ҷавон афтода мемонд. «— Касоне ки ба ҳамин руҳ (ба руҳи шикоят) менависанд, чаро аз некиҳои французон чизе наменависанд» гуфта Қамар тааҷҷуб мекард ва сабаби инро фаҳмида наметавонист. Муҳаммад аз дар даромада:

— Хӯш! Дидӣ-мӣ дӯстони ту чи гуна одамони нағз будаанд,— гуфт ва табассумкунон ба Қамар наздиктар омад. Лекин азбаски Қамар чӣ будани назари ӯро дар ин масъала намедонист ва намефаҳмид, хомӯш монд.

Муҳаммад ба дам нишастани ӯ тааҷҷуб карда гуфт:

— Хӯш, чаро ҷавоб намедиҳӣ? Магар далелу ҳақиқатҳои дар ин ҷо будагӣ кифоя намекунанд ва дилосо нестанд, ё нафаҳмидӣ-мӣ? Агар инту бошад, маълумоти аз мактаб гирифтагет ба чӣ кор меояд? Эҳтимол ту

зеҳн намонда ва ба маъноям диққат накарда хонда бошӣ.

— Не, ман хуб диққат карда хондам ва ҳамаашро аз сар то по хонда баромадам,— гуфт Қамар.

— Ҳамаашро хонда баромадӣ?

— Ҳа, ҳамаашро хонда баромадам, лекин баъзе ҷойҳояш нодуруст барин менамояд.

— Масалан, кучоҳояш?

— Ман ба ҳамсоягии маҳкама истиқомат доштам, бештарин ба маҷлисҳои мурофиа ҳам ҳозир мешудам, ба гӯши худ бисьёр шунидам, ки судья тарафи арабҳоро гирифта, аврупоиёнро айбдор карда гап мезад. Ман дар мирзохона бо коғази ҳисоб омада, ба «Ҷон» пул супориданашонро ҳам дидаам, дар чунин вақтҳо бо боварии тамом ба Ҷон изҳори дӯстӣ кардани мардуми маҳаллиро пай мебурдам...

«Ҷон»... Қамар ҳеҷ андеша нокарда нохост номи «Ҷон»-ро аз даҳон бароварда буд.

Номи «Ҷонро» шунида авзои Муҳаммад беҷо шуд ва рангашро канонда:

— Боз «Ҷон» — гуфт ва лабашро газида барои задан дасташро бардошт. Қамар сарашро дар миёни ду дасташ гирифта ба ҳифзи худ кӯшид ва худро андак ақибтар кашид. Дасти ба ҳаво бардоштаи Муҳаммад ба замин овезон шуда афтод ва гуфт:

— Ҷон! Дӯстҷон?... Бисьёр хуб! Ту хондану навиштанро медонӣ, ба Ҷон хатнавиштанӣ будӣ. Бисьёр нағз. Ман қарор додам, ки ту ба ӯ хат нависӣ.

Қамар фикр мекард, ки Муҳаммадро чӣ шудааст, магар девона шудааст, ки якбора фикраш дигар шуд? Не, вай девона нашуда буд ва аз фикри пештарааш ҳам нагашта буд. Ӯ мехост, ки дар миёнаи Қамар ва Ҷон як хунукӣ андозад ва бо ин ният ӯ як роҳи интиқомкашии разилонаро пеш гирифта буд. Ба Қамар гуфт:

— Ҳоло ки ту франсузӣ навиштанро медонӣ, гӯш кун: ман мехостам, ки хати худамро тағьир дода адрес навишта, ин рӯзномаҳоро ба ҳар хел одамҳо фиристонам. Лекин хатро тағьир дода ба дараҷаи ношинос овардан хеле душвор аст. Бинобар ин ман ба инҳо бандероль ҷаспонам, ту адрес навис: яке аз ин рӯзномаҳоро ба саркотиби судья, ба Ҷон мефиристонам. Дасти туро, дасти зебои туро, он дастҳои зебоеро, ки ба хушна-

виси Ҷон ёд додааст, танҳо худи вай шинохта метавонад. Агар вай донад, ки ҳамин хатро ту навиштаӣ ба чӣ андоза хурсанд мешуда бошад, ба воситаи ту рӯзнома гирифтан, ба Ҷон бисьёр хуш меояд гуфта мепиндорам.

Қамар ба Ҷон бояд рӯзнома фиристонад, он рӯзномае ки сар то по пур аз ҳақорати французон аст, бояд аз номи Қамар, ба Ҷон равад... Магар ин кор ба Ҷон сахт намерасад? Албатта, сахт мерасад.

Қамар сари худро бардошту изҳори норозигӣ кард. Муҳаммад мунтазири ҷавоб шуда ба вай нигоҳ карда истода буд, ба шунидани сухани «не, намешавад» мушти Муҳаммад боз бардошта шуд.

Қамар дарҳол фикри худро дигар карда:

— Бисьёр хуб, ман тайёр, қалам куҷост?—гуфт. Лекин масъала Муҳаммад фикр кардагӣ барин намерафт. Қамар дарҳол барои аз шавҳараш як қадар интиқом кашидан, ҳеҷ набошад бар зарари вай андак кор карда ҳасратҳои худро каме барҳам додан, роҳе андешида ёфта буд. Ин ҳила як ҳилаи бисьёр содда буд: дар вақте ки Муҳаммад дар хонаи дигар барои қайчиро гирифтан ва қоғазҳоро бурида бандероль сохтан рафта буд, Қамар як порча қоғази дар рӯи чорпоя будагиро гирифта оқибаташро ноандешида ҳамин гапҳоро навишт:

«Ҷони ман! «Маро маъшуқаи Ҷон ҳастӣ» гуфта мезананд. Ин албатта бӯҳтон аст, ту маъшуқи ман нестӣ, маро бемаврид ва бесабаб ҷазо ва азоб медиханд. Эй худо! Кошки ягон кори шоистаи ҷазобиниворн зиндаи азобкаше мешуд!...».

Қамар ба ин мактуб имзошро намемонд ҳам мешуд, зеро вай хаташро, ки ба муаллимаш маълум буд, тағьир надода навишта буд. Бо вуҷуди ин вай номи худро дар поёни хат «Қамар» нагуфта, «Моҳпарчаи хурдтараки ту»! гуфта навишт. Ин имзо бешуурона, бо номе ки Ҷон ниҳода буд, ба тариқи илҳом монда шуд.

## VI

### АМРИ МАҲОЛ

Мактубе ки Қамар дар вакти навиштани адреси Ҷон оҳистакак ба даруни рӯнзома гузошта буд, ҳамроҳи рӯзнома рафтан гирифт. Инро худи Муҳаммад ба

почта бурда бо дасти худ ба қуттии почта андохт. Мурғаки дар қафаси оҳанин монда аз чоки он қафас боз имкон ёфт, ки як бор овоз диҳад. Лекин ин дафъа умеди некӣ набуд. Худи Қамар ҳам инро ба хубӣ медонист ва ёрмандӣ расонда натавонистани Ҷонро мефаҳмид ва медонист, ки Ҷон ба вай наздик шуда наметавонад. Бо ин ҳол ин «овоз» фоида дошт? Не, ин ба ёрмандӣ хондан ва ба чеғ задан набуд, балки ҳақиқатан як фарьёд буд, ин фарьёд як садое буд, ки «Моҳак» барои сабук кардани бори гарони «хомӯшии ҳамешагӣ», ки худ ба гардани худ бор карда гирифта буд ва низ барои пароканда кардани гурӯҳи андӯхе ки гирдогирди ӯро фаро гирифта буданд, баровард. Вай ин садоро барои ин ки дар натиҷаи бисьёр азоб кашидан ошиқ шуда буд, баровард ва барои ошкоро кардани ин ишқу муҳаббати худ баровард. Вай Ҷонро дӯст дошта буд. Акнун вай дар ин кор ҳеҷ шубҳа надошт. Муҳаммад бо муомилаҳои қабеҳи худ чашми ӯро кушод, Қамар лозим донист, ки дар ин бора, Ҷонро ҳам хабардор кунад.

Қамар ба Ҷон хат навишт: бо ин кор ҳеҷ чизе дигар нашавад ҳам, вай ҳаминро хост. Бо ин Ҷон ҷавоб нахоҳад дод ва нахоҳад омад. Лекин Қамар чи гуна рафта ба вай расидани иқрории муҳаббати худро дар фикри худ тасвир мекард. Қамар чунин хаёл мекард, ки гӯё чашми вай ҳам бо хат ҳамроҳ рафта ба мирзохона даромад. Гӯё вай дар вақте ки Ҷон бандерольро мекушод ва хатеро ки ҳаргиз ба вай интизорӣ надошт, ба дасти худ мегирифт ва низ дар вақте ки чашмони азизи вай ба он хат меафтод, дар ҳамин мирзохона буд.

Қамар дар лабҳои худ бӯсаи ширини Ҷонро, бӯсаи нахустини муҳаббатро ҳис кард.

Агар дар ҳамин вақт Муҳаммад дар мирзохона бошад-чӣ? Агар вай дар вақти расидани почта ва дар вақти гирифтани Ҷон рӯзномаҳои ба номи худаш фиристода шударо, дар зоҳир худашро ба нодонӣ зада, лекин дарун-дарун хандида дар мирзохона истода бошад-чӣ? Агар вай дар ҳайрат афтодани Ҷонро дар вақти дидани хати шогирди пештараи худ тамошо кунад-чӣ?... Агар Муҳаммад дар вақти хонда истодани Ҷон ҳамин хатро дида ба даст дарорад, чӣ мешавад? Ҷон он қадар бо иқтидор ва ҳунарманд аст, ки ҷавоби қаноатбахш дода метавонад! Ҳоло биёем дар бораи мактуби Қамар!

Ҳар чӣ бодо-бод! Сарнавишт чи кор бошад, ҳамон мешавад. Аммо дар забони мардум «бисьёр бадиҳо ҳаст, ки некӣ мезояд» гуфтагӣ гапҳо ҳам ҳаст.

Танҳоӣ? Не, аз имрӯз сар карда Қамар танҳо нест. Акнун дар паҳлӯи вай ба даруни дили вай роздоне ҳаст, ки ҳама розҳои дарунӣ ва пурбаҳои вайро медонад ва ба ғуссаҳои вай ҳамдардӣ мекунад.

Хомӯшӣ? Акнун ба вай хомӯш мондан ва дам нишастан ҳам бисьёр хуш меояд, зеро ба даруни дили вай оҳанги замзамаҳои форами муҳаббат аст.

Беҳаракатӣ бошад-чӣ? Агар дар рӯзи ташвиш нишастагӣ барин аз сари нав дар як ҷо наҷунбида, монанди санг сахт шуда мондан лозим шавад ҳам, бок надорад. Зеро шавҳаре ки баъд Қамар чашм дар роҳи ӯ шуда менишинад, танҳо Ҷон шуда метавонад. Дар ин ҳол Қамар монанди пештара ҳамаро дар ҳайрат наандохта, ба мақбултар нишон додани худ кӯшиш хоҳад кард, яъне сабр карда то охирин нуқтаи азоб тоқат хоҳад овард.

Бадрашкии беҷо ва ҳасад кардани ваҳшиёнаи Муҳаммад магар азоб нест? Майлаш акнун муомилаҳои девонагӣ, кинояҳо ва пичингҳо давом кардан гирад. Акнун барои Қамар ҳамагӣ баробар аст! Гӯё онҳо аз канори роҳ гузашта мерафтанд, Қамар ба онҳо илтифот ҳам намекард ва онҳоро дар паси ғубори ҳавое медид, ба онҳо ҷавоб ҳам намедод. Ба шикваву шикояти хоҳарони Муҳаммад ҳам эътибор намедод. Ба шиквату шикояти хоҳарони Муҳаммад ҳам ҳамин муомиларо мекард.

Хоҳарони Муҳаммад, модари вай, ҳатто худи Муҳаммад ҳам осудагии зоҳирии Қамарро дида шодмон шуда буданд. «Акнун Қамар вазифаҳои худро шинохта, зиндагонии арабро ёд гирифта истодааст, акнун дуруст мешудагӣ барин» гуфта хаёл мекарданд.

Онҳо ин намуди зоҳириро, ки ба зӯрӣ ёд дода буданд, таъсири тарбияи араб ва натиҷаи тартиби ба намуна шудан, шоистаи хонаводаи худ гуфта боварӣ доштанд. Онҳо якдигар — худро бо ин «комьёбӣ» муборакбод мегуфтанд. Бомун-хонум барои муборакбодии дӯсти хурдтараки худ омада буд, вай дар пеши аҳли хонавода тарсида-ваҳмида бо назари пурсиш ба чашмони сиёҳи пурнури Қамар нигоҳ карда буд; лекин дар он чашмон аз он шикоятҳое ки дар рӯзи тӯи Шарифа оҳистекак карда шуда буд, асаре ҳам наменамуд. Ҳатто дар вақте ки Бо-

мун-хонум Қамарро хушбошӣ карда бӯсида барметашт, ба рӯи вай бо диққат нигоҳ кард ва ҳеҷ асари дилгириро надид, аз даҳонаш ҳам монанди пештара шикояте набаромад. Акнун дар бораи Ҷон личингпаронихои Муҳаммад ҳам ҳар рӯз такрор намешуд, дар кам шудан ва тамом шудан рӯй ниҳода буд. Агар гоҳ-гоҳе личинг ва киноя мешуд ҳам, монанди пештара сахт ва ҷонхарош набуд. Аҷабтар он, ки дар вақте ки мебоист рашку хасади Муҳаммад зиёд шавад, баръакс кам мешуд. Ҳатто худи Муҳаммад ҳам як рӯз ба Қамар дар бораи ҳолатҳои рӯҳии худ гап зад ва «ҳоло аз ҳасад тамом халос нашуда бошам ҳам, ба осуда муҳокима кардан ва ҳар корро бо тарозуи ақл санҷидан омӯхта шуда истодаам» — гуфт.

Бо ҳамроҳии судья ва саркотиб (Ҷон) барои корҳои мурофиа ба Ибни Ҳамид ном мавзеъе, ки хеле дурӣ дошт, як дурӯза рафтани Муҳаммад даркор шуда монда буд. Вақте ки вай аз маҳкама омад, бо хурсандии тамом хандида гуфт: афсӯс, ки ту имрӯз дар мирзохона набудӣ, ба тирезаи саркотиб — Берта гурба ҳаво додан ба ту кифоя кардагӣ барин менамояд. Берта ҳам пишакшуда бозӣ карданӣ шудааст, лекин дар натиҷа аҳмақ шуда мондааст.

Қамар мисли пештара дар ҷавоби аҳмақ сукут кард. Муҳаммад сухани худро шарҳ дода гуфт:

— Вай ба пеши падари ту зону зада монанди гурбагон ҷаста баромаданӣ шудааст, лекин ин таҷриба муваффақиятнок набаромадааст. Балки дар ҳамин вақт «пои худамро худам шикастам» гуфта фарьёд кашидааст, вайро ба рӯи даст бардошта бурда ба хонаи худаш мондаанд. Акнун вай маҷбур аст, ки якчанд рӯз дар бистари беморӣ барҷо монда шуда хобад.

Ин хабари нави Муҳаммад он қадар хавфнок набуд, Қамар ин хабарро бо сабру тахаммул шунид. Муҳаммад ду дасташро ба якдигар молида ба сухан давом карда гуфт:

— Ҳамту шуда бо ҳамроҳии мо ба «Ибни Ҳамид» ба сифати ҷонишинии судья саркотиби калон меравад. Ин якум дафъа аст, ки Бертаро (Ҷонро) дар Ар-руҳ монда меравам. Дар вақте ки шавҳарат дар хона нест, ин чӣ гуна фурсати хуб аст? Лекин ин аҳвол маро ҳеҷ дар ташвиш намеандозад: аввал он ки дӯсти ту Ҷон дар як канори дури деҳа бо ҳолате ки ҳеҷ ҷунбида наметаво-

над, ба бистари бемори̅ хобидааст, аз тарафи дигар ту дар ин ҷо ба даруни чор деворе ки ҳамаи дарҳояш қуфл зада шудааст, мемони̅. Ҳатто яке аз хоҳарони худамро ҳам барои ба пеши ту омадан таъин намекунам. Ту чи қадар нафису нозук боши̅ ҳам, аз сурохи қулф берун баромада метавони̅ гуфта гумон намекунам.

Рӯзи дуввум Муҳаммад аз пешонаи зани худ бӯсида, барои ба вай зиёдатар назокат нишон додан «бисьёр дилгир ва хафа нашав» гуфта маслиҳат дода, ба сафар баромада рафт.

Пагоҳони̅ ба тарзи харрӯза гузашт. Дар вақти ноҳто хоҳари хурдтараки Муҳаммад омада Қамарро ба наҳори̅ чеғ зад, пас аз он модаршӯяш Зӯҳро-хонум маълум кард, ки вайро то таоми шоми̅ ба пеши худашон хоханд нигоҳ дошт. Акнун Қамар торафт ба онҳо наздиктар шуда истода буд.

Эҳтиёткории Қамар ба дараҷае расида буд, ки ба ҳар пурсиш фаври̅ ва фикр нокарда ҷавоб намедод, ё ки танҳо як табассум карда мемонд. Дар болои ин, ба урфу одатҳои мусулмони̅, ки падару модараш ёд надода буданд, аз сидқи дил гардан фаровардани худашро барои нишон додан кӯшиш мекард. Зӯҳра-хонум ба дидани ин аҳвол аз таҳти дил хурсанди̅ мекард. Вақте ки Қамар барои ба ҳуҷраи худ баргаштан аз ҷояш хест, модаршӯяш се духтари худро аз дунбол гирифта, Қамарро то ба дари ҳуҷраи худаш ҳамроҳи̅ карда ва ба ҳӯҷраи Қамар даромад ва мабодо ягон камбуди̅ набошад гуфта, ҳар тарафро аз назар гузаронида дид. Дар вақте ки бармегашт, бо муҳаббати модарона Қамарро бӯсид. Пас аз он духтаронашро аз дунболи худ гирифта аз ҳуҷра баромад. Дар вақти аз ҳуҷра баромадан ҳамаашон бо Қамар хушбоши̅ карданд.

Қамар вақте ки танҳо монд, машғулияти ҳаррӯзаи худро (яъне розу ниёз кардан ба ёди «Ҷон» ва хаёли ҷонро) давом кунонд. Қамар ки дар миёнаи шӯру ғавғои аҳли хонавода ҳам хомӯширо пешаи худ карда гирифта буд, акнун ки дар гӯшаи танҳои̅ осуда монд, бо камоли хотирҷамъи̅ ба хаёли «Ҷон» дода шуд.

Вай оҳиста-оҳиста либосҳои худро кашид, мӯи сиёҳи дарозашро, ки умри ҷовидони̅ киноя аз он аст, ба атрофи баёзи гардани булӯрранг ва баногӯши сафоҷӯши худ парешон карда партофт, чунон ки кокули мушки-

наш аз сари бозу ва сафҳаи сина гузашта, тамоми бару дӯшашро печонда гирифт. Ту гӯй:

Ҳусну ҷамолаш натвон шумурдан,
Ҳаргиз наёяд бар чоку тахмин.
Он зулфу кокул, як даста сунбул,
В-он тӯши симин як тӯда насрин.

Пас аз он ба оинаи қаднамое ки ба дари сандуқ шинондагӣ буд, нигоҳ карда худро тамошо намуд ва аз ҳусну зебоии худ, худ дар ҳайрат афтода, як табассуми андӯҳгинона кард.

Оре, хандаи ӯ ҳасратолуд буд, зеро вай худро дар камоли зебоӣ ёфт, дар ҳақиқат ҳам вай бисьёр зебо буд ва модараш ҳам ба ин «Моҳак»-и моҳпайкари худ фахр мекард. Хоҳарони Муҳаммад ва модараш Зӯҳра-хонум ҳам ба ҳусну ҷамоли ин қоил буданд, дӯстонаш ҳам ба ҳамин фикр буданд, шавҳараш Муҳаммад ҳам гоҳо аз соҳибҷамолии вай гап мезад, лекин таърифхони шавҳараш ба Қамар гарон меомад, вай ба Муҳаммад ва таърифхони Муҳаммад чи кор дорад, вай танҳо ба як одам, танҳо ба худи ҳамон одам мақбул намуданӣ буд. Афсӯс ки ба пеши чашми он кас, Қамар худро ҷилва кунонда наметавонад, агар худи он одам ҳам кӯшиш мекард, Қамарро дида наметавонист.

Қамар ягон дақиқаи худро холӣ нагузаронида, ҳамеша дар хаёли ӯ буд, орзуҳои худро бо хаёли ӯ мешикаст ва гӯё ки мегуфт:

Даст агар кӯтоҳ бошад, орзӯе мекунем,
Зулфи мушкини туро аз дур бӯе мекунем.[1]

Талхкомиҳои худро бо хаёли лаби ширини ӯ гуворо мекард ва гӯё ки мегуфт:

Аз ҳаловат шаҳд мебандад забону коми мо,
Бо лабат гар орзуи гуфтугӯе мекунем.

Зиндагии Қамар танҳо бо хаёли ҳамин одам як воҳиди пурра мешуд. Бӯсаҳои ӯро, бӯсаҳои гарми муҳаббатомези ӯро Қамар ба лаби ларзишдори худ ҳеҷ гоҳ дида наметавонад...

Ҳеҷ гоҳ... ҳеҷ гоҳ...

---

[1] Соиб.

Пас аз хаёлҳои ширин ба Қамар маъюсӣ ва ноумедӣ рӯй дода, ба кати нарми калони васее, ки аз чӯби сурхи қиматбаҳо сохта шуда буд, баромада, ёзида хобид, дар зери партави шамъи шабона, ки бо рӯшнони нозуки худ нарм-нармак вайро дӯстдорӣ мекард, ба хоб рафт.

Гӯё ки шамъ ҳам монанди Қамар ба хаёл фурӯ рафта буд, гӯё ки вай ҳам дар роҳи марди оянда, худро қурбон мешиндошт. Мижгонҳои дарози ғулӣ ба рӯи чашми пурхаёл оҳиста-оҳиста фуромаданд ва чашмони хуморолуда пӯшида шуданд.

Ба пеши чашмони ӯ дӯстдораш намоён шуд, гӯё ки Ҷон бо ӯ дар як ҷо буд. Гӯё ки вай сари азизи худро ба тарафи лабҳое ки ӯро бо табассум маҳбубона чеғ мезад, дароз кард. Гӯё ки вай бо дастҳои нафиси пурзӯри худ иро танг дар бағал кашид. Гӯё ки ду тан, ду ҳастӣ ва умуман дуият аз миён бархоста ин ду дилдода бо ҳам омехта як шуданд.

Қамар ногоҳ як қат парида аз хоб бедор шуд... Чӣ гап? Дар роҳрав овози пои касе, ки оҳиста-оҳиста қадам мегузорад, эй худо! Ин чӣ ҳол? Магар он ваҳшӣ Муҳаммад аз роҳ баргашта омад? Агар ин ту бошад аз хоби бахтиёрона бедор кардан золимона аст!

— Бубахш, афв кун!

Вай ҳозир шуд:

— Қамар! Мурғаки ман, духтараки ман...

Ин чӣ гуна мӯъҷиза, магар Қамар аз ақл бегона шудааст?

— Ҷон, Ҷон! Ин Ҷон, Ҷон!

Қамар якбора даст ба гардани ӯ андохт. Қамар меларзид, оби чашми ӯ равон шуда, то ба лаби дӯстдораш бирасид. Бечора «Моҳак» чунон бахтьёр буд, ки...

— Чӣ тавр карда ба ин ҷо омада тавонистӣ? — Қамар дар ҳолате, ки сари худро дар оғӯши дасти ғолибаш андохта, бо дастони нозуки зебои худ вайро дар бағал кашида буд, дар бораи мӯъҷизаи имрӯз ва чи гуна воқеъ шудани «амри маҳол» ҳикоя мешунид. Бо овози мардонае ки оҳиста-оҳиста ҳам истода-истода мебаромад, гӯш андохтан чи гуна лаззатнок буд:

> Равад ҳарф аз лабаш гоҳи сухан истода-истода,
> Бале, з-он лаб ҷудой кори душворест, натвон гуфт.

Вай ҳам дар ҳолате ки худаш намедонист. Қамарро бо дараҷаи болои муҳаббат дӯст медошт, вақте ки Қа-

мар муҳаббати худро ба вай ошкоро кард, дили вай монанди тире ки аз хандақи майдони ҷанг бароянд, аз хонаи худ ҷаста баромадан мехост ва бо як изтироби пурпечу тоб беқарорӣ мекард. Албатта вай ҳозир ба ҳар кор тайёр буд. Қамар табассум кард, зеро ба вай боварӣ дошт.

Вақте ки вай донист Қамарро барои вай задаанд, дандонҳояшро ба якдигар молиш дода, садоҳои пурғазаби шерона баровард. Лекин на ин ки бо оташинӣ худро бой дода асабӣ шудан, балки ба корҳои амалӣ кӯшиш кардан даркор буд. Баъд аз панҷ дақиқа ҳама корҳо саранҷом ёфт, акнун вай чӣ кор карданашро медонист.

Як шаби сиёҳи торике ки лои равандагон ва ояндагон аз кӯча канда, ҳама ҷо ба сурати маънои хомӯшон менамуд, вай ба кисаи худ як сурғучро андохта, роҳи хонаи Муҳаммадро пеш гирифт. Вақте ки ба сари манзили мақсуд расид, ба сӯрохии қуфлҳое ки «аз ин ҷо ҳеҷ кас даробаро карда наметавонад» гуфта Муҳаммад мепиндошт, сурғуч зада қолибашро гирифт. Мувофиқи он қолибҳо калидҳо сохта, баъд аз ду рӯз боз аз торикии шаб фоида бурда, ба пеши қуфлҳои мустаҳкам омад. Калиди сохта бе ҳеҷ монеӣ ба қуфл даромад, кушода шуд, тайёр! Ҷон аз ҳар ҷиҳат як дузди шабрав... Лекин ҳамаи ин корҳо ба фармоиши муҳаббат! Акнун бояд танҳо чашм дар роҳи фурсат буд. Ин ҳам ба бисьёр осонӣ ёфт шуд. Сафар зиёда аз як рӯз дароз мекашидааст, ба чи ғарзе ки шавад, роҳи ҳамроҳи Муҳаммад нарафтанро ёфтан даркор. Касалӣ бошад навбати худро тамом кард. Аз тасодуф фоида бурдан кори бисьёр нағз, барои ин як тасодуфи хурдакакро фикр карда ёфтан даркор буд. Вай ҳам як ҳилаи ҳарбӣ буд, ёфт шуд ва хеле муваффақиятнок ҳам баромад.

Ин ҳайвон, яъне Муҳаммад духтари азизи вайро, «Моҳаки сангин»-и вайро: «ту бо Ҷон ишқбозӣ мекунӣ» гуфта мезанад. Дар ҳақиқат ҳам барои ин Ҷон айбдор буд.

Қамар боз ӯро тангтар дар бағал кашид, дар вақте ки лаб бар лаб часпида буд. Қамар табассум карду сари худро сабук ҷунбонд:

— Не, не! — гуфт. Қамар намехост, ки ин кор аз тарафи Ҷон шавад. Акнун ҷабру бедодҳо дар тамом шудан

ва дар вактҳои охирини зиндагонӣ ба тарафи осудагӣ рӯй оварда буд.

Акнун васли дӯстдори азиз, худи ин, як бахтиёрии калон нест-мӣ? Соатҳо гузашт. Ҷон рафт.

— Оё Ҷон боз меояд? Оё айёми бахтиёрӣ, ҳанӯз ба поён нарасидааст? Ҷон табассум карду сари худро ҷунбонда:

— Не, не, магар вай «амри маҳол»-ро мумкин накарда буд? — гуфт.

## VII

### МУҲАББАТ ВА...

Ба ҳамин тариқа «амри маҳол» ба «амри воқеъ» шудан давом кардан гирифт. Гоҳо «амри маҳол» бо ёрмандии роҳҳои нав ба нав, ки ҳеҷ дар хотир намегузашт, воқеъ мешуд. Гоҳо бо роҳҳои бисёр содда воқеъ мегардид.

Муҳаммад бештарин шабҳо дар хонааш набуд, дар клуб бо ҳаргуна бозиҳо умргузаронӣ мекард, бо ин сабаб то нимишаб дер мемонд, гоҳо бо ёру ошноҳои худ ба маҷлисҳои динӣ мерафт, маҷлисҳои динӣ бошад, аз бозиҳои клуб ҳам дертар мекашид.

Ҷон ҳанӯз ҳам монанди пештара пайваста механдид. Бо бисёр зебоӣ табассум мекард, барои шӯхӣ ва бозӣ ҳозир будани худро нишон медод. Муҳаммад ӯро дар зоҳир ҳамеша осуда ёбад ҳам, «дунёи дарунии ӯ бо ягон кас машғулӣ дорад» гуфта гумон мекард. Ин макри номаълум буд, балки ин касе ки Ҷон ба вай машғулӣ дошт, худи Муҳаммад буд. Зеро Ҷон аз дунболи Муҳаммад мегашт. Дар куҷо рафтан, чи кор кардан, ба куҷоҳо вақтгузаронӣ намудани ӯро тафтиш карда меистод. Агар шавҳари Қамар Муҳаммад як ду соат аз ҳуҷраи худ дур шуда, ба ҷое мерафт, аз гӯшаи дигари деҳа дар миёни торикиҳои оромии шаб як сурате, ки гиребони палтои худро боло бардошта башарашро пинҳон карда аст, намоён мегардид. Вай бо қадамҳои муқаррарии оромии худ ба тарафи хонаи Ибни Толиб равона мешуд ва дар он ҷо аз чашмҳо ғоиб мегардид. Баъд аз гузаштани якчанд соат Муҳаммад зани худаш Қамарро, ки дар ҳуҷра танҳо ба вай интизориҳо кашида хобида мон-

да буд, бедор мекард. Қамар ҳам вайро монанди занони араб, ки тарбияи мусулмонӣ дидаанд, ба камоли осудагӣ ва фармонбардорӣ пешвоз мекард. Муҳаммад рӯзи аввали пагоҳӣ дар мирзохона Ҷонро — ошиқи Қамарро медид, ки ба рӯи коғазҳои протокол сар ҳам кардааст ва монанди касе ки дили ӯро ҳеҷ орзӯ ва машаққатҳо дар ташвиш намеандозад, ба камоли осудагӣ ва бе ҳеҷ маҷбурият ба саломи ӯ ҷавоб мегардонид.

Чунин вақтҳо рӯй дод, ки ҷамъкунандаи хироҷ ва молиёт бо ҳамроҳии саркотиби калон ба даруни диёр рафтанашон даркор шуд. Дар вақти адои ин вазифаҳо барои ёрмандӣ расондан ба онҳо ҷонишини дергумон маслиҳатгузори шаҳр, яъне Муҳаммад, чеғ зада мешуд.

Магар акнун рашку ҳасади Муҳаммад хеле кам шуда буд, ки Ҷони пояш дуруст шударо моҳе ду бор дар Ар-рӯх гузошта, худ ба деҳаҳои канора рафта, давр зада меомад. Вай дар ҳар бори сафари худ ду-се рӯз мемонд. Дар ин гуна вақтҳо Қамар ба даруни чор деворе ки ба сӯрохи қуфли он як мактубчаи хурдакак ҳам намеғунҷид, танҳо мемонд. Акнун Қамар ҳақиқатан бахтиёр буд, пай дар пай рӯй додани ин гуна аҳвол ба вай шодмониҳои калон меовард. Албатта Қамар ба хубӣ медонист, ки Ҷонро ҳамешагӣ азони худ карда наметавонад ва хонадор шудани Ҷон ба худаш кори нашуданӣ аст. Ҷон ба Қамар танҳо шавҳари ғайрирасмӣ (кота) шуда метавонист. Қамар аз тарафи расмӣ зани Муҳаммад бошад ҳам, дар ҳамин ҳол маъшуқаи як марди дигар буд. Қамар ин ҷоҳои корро нағз медонист, лекин ин тавр бошад ҳам ин гуна зиндагонӣ барои Қамар хеле соз буд. Зеро агар вай аз Муҳаммад ҷудо шуда ба хонаи падараш мерафт, ҳеҷ гоҳ ин гуна ҳуҷраи боброро намеёфт. Дар ин вақт Ҷон ҳам аз кор фармудани калиди сохта гардан метофт. Дар ин ҳол магар Қамар ба шикоят кардан аз зиндагонии худ ҳақ дошт?

Албатта не! Зеро он вақтҳое ки сабаби шикоят ва нохушнудӣ мешуд, гузашта рафт.

Акнун модари Қамар Зардуда ҳам бо ҳамроҳии зани Ибни Толиб Зӯҳра-хонум зиндагонии осудаи имрӯзаи Қамарро дида, шодмонӣ мекарданд.

— Ана, акнун дидем, ки бача торафт дуруст шуда истодааст, дар вақти тӯй баъзе воқеаҳои ногувор ношуда намемонад, — мегуфт Зардуда. Модаршӯй дар навбати худ мегуфт:

— Акнун ман бовар кардам, ки писарам дар нишон додани як қатор ҳокимияти худ ба занаш ҳақнок будааст. Дуруст Зардуда-хонум, ман ба риоя кардани бачагон тайёр ҳастам, инро ҳам фаромӯш намекунам, ки омӯхта шудани писарон ба урфу одатҳои бегонагон он қадар чон тарс ва бим нест, зеро онҳо оқибат аз он одатҳо халос мешаванд. Имрӯз набошад, фардо ба худ меоянд, аммо дар бораи духтарон кор ранги дигар мегирад. Онҳоро аз аввал ба тарзе ки шоиста аст, тарбия кардан ва ба ҳамон ҳол нигоҳ доштан зарур аст, онҳо зотхое шуда монданд, ки саодати хона ва хонаводаро нигоҳдорӣ карда тавонанд, барои онҳо ҳеҷ чизи барзиёд даркор нест. Ана Қамар ҳам монанди мо шуда монд, ба худо ҳазор бор шукр, ки ман ҳаминро чашм доштам.

Зардуда ҳам ба дурустии ҳамин гапҳо боварӣ дошт, вай як вақт ба шавҳари худ Бакр, дар бораи Қамар чунин гапҳо назада буд-мӣ?

Акнун Зардуда ба ин гапҳои зани Ибни Толиб чон норозигӣ надошт, вай танҳо ба Қамар, ки табассумкунон истода буд, як нигоҳ карда, акнун онҳо ҳамагӣ хушбахт буданд.

Зану духтарони Ибни Толиб бо ҳамроҳии Қамар, ки якум бор барои кӯча баромадан аз шавҳараш рухсат гирифта буд, занони Бакрро дида омаданӣ шуда буданд. Зардуда андак шитоб буд, бинобар ин меҳмононро бо иззату икроми тамом Шарифа пешвоз кард. Қамар, ки қариб ним сол боз хонаи падарашро надида буд, дар ин ҷо ҳам баъзе дигаргуниҳои ба назар намоёнро дид. Акнун дар ин хона аз асбобҳои французии пештара, зарфҳои чинӣ ва нуқрагӣ, оинаи қадимо ва аз монанди инҳо ному нишон намонда буд. Дар хонаи модараш Зардуда танҳо як кати оҳанини худи Қамар монда бошад ҳам дар хонаи Шарифа аз чизҳои хилофи расми араб чизе намонда буд. Дили Қамар танг шуд, падаршро ҳам ба сабаби пир шуданаш ба тарафи одатҳои кӯҳна баргаштааст ва дигар шудааст гуфта ба дилаш гузаронид.

Дар вақти боз гашта ба тарафи хонаи худхошон рафта истодан, ба сари Қамар харгуна хаёлот омад. Ногост дилаш ларзида хурсанд шуда рафт. Аз пеши як гала занону духтарони араб, ки рӯяшон пӯшида буд, як марди аврупоӣ гузашта рафт. Ин Ҷон буд.

Ҷон гузашта рафт, лекин вай ба тарафи чашмоне ки

ба вай назар дўхта буданд, баргашта нигоҳ карданро ба хотираш ҳам нагузаронид. Азбаски вай монанди мусулмонон ба эҳтиёт кардан одат карда буд, эҳтимол барои худро бо адаб нишон додан ба тарафи онҳо нигоҳ накарда рафта бошад.

Ҳатто вай ду чашмони калонеро ҳам, ки аз дигар чашмон ҷудогонагӣ доштанд, надид. Оё вай ин чашмони равшани оташнокро, ки худи вайро дўст медоштанд, дар пеши тирезаи мирзохона ба осонӣ намешинохт? Лекин вай имрўз ҳамин чашмҳоро надид ва аз паҳлўи худ гузашта рафтани Қамарро ҳам нафаҳмид. Қамар баногоҳ дар зери бори андўҳ монд; дар хаёли вай андешаҳои бад гузашт: эҳтимол рўзе расад, ки вай гирьякунон Ҷонро ба ёрмандии худ ҷеғ занаду аз вай марҳамат пурсад, аммо Ҷон бепарвоёна ҳеҷ ёрмандие накарда, ба роҳи худ рафтан гирад. (Қамар омадани ин гуна рўзҳоро пештар ҳам ҳис мекард). Ин андешаҳои нохуш ва ҳасратнок то як ҳафта — то омадани шаби мўъҷизадори нав, кашол ёфт. Дар он шаби мўъҷизадори нав Қамар аз камоли хурсандӣ бехуд шуда, худро дар оғўши дўстдори худ андохт. Дар вақти шунидани ҳикояти он дучоршавии андўҳноки дўсташ аввал аз чашмони калон пас аз он аз даҳани танг бўсида хандид. Баъд аз чанд рўз Қамар аз модаршўяш дар хусуси хубии ахлоқи худ таърифнома гирифта, ҳамроҳи модараш ва Шарифа ба дуньёи нав — сайри кўча баромад.

Аҳволи аҷиб ва хурсандии ногаҳонӣ: вайро ба гўшаи мирзохона, дар боғе ки дар хурдсолӣ дар он ҷо бозӣ мекард ва дилу ҷигараш дар он ҷо бастагӣ буд, оварданд. Қамар дар вақти гузаштан аз тирезае як вақтҳо аз он ҷо гурбаро ҳаво дода буд, Ҷонро дид, андак онсўтар, шавҳараш Муҳаммадро ҳам дид ва овози вайро шунид бе он ки овозе барорад, лабҳои худро ҷунбонда хандид: Муҳаммад бо ҳоким баланд-баланд гап зада истода буд. Вай дасти худро бардошта сарашро ҷунбонда мегуфт, ки аз рўи китоби илоҳӣ гувоҳии зану духтарон баробари гувоҳии мардон нест.

— Ана назар ба ҳамин, мардон аз занону духтарон баландтаранд... Модом ки ҳақиқат инчунин аст, — гуфта боз сухани худро давом медод...

Қамар аз ин тасодуфи ногаҳонӣ аз ҳадду андоза берун хурсанд шуда буд. Ба чашмони дурахшони ин духтари тезфаҳми зирак асари ин шодмонӣ намоён буд, бо

ин ҳол худро дар пеши дӯстдори бузургвори худ Бомун-хонум ба сифати як зани мусулмони софе, ки тамоман ба соҳиби худ гардан дода, аз ҳама ҳуқуқи худ даст кашида, ба хомӯшӣ фурӯ рафтааст, нишон дода метавонист ва нишон дод. Лекин Қамар ҳеҷ гоҳ номи ин ҷаноб Муҳаммадро ба забон нагирифта буд ва «шавҳари ман аст» нагуфта буд.

Нохост як араб даромада омад, дар пеши ин араб ҳар ду зани Бакр ҳам бепарда нишаста метавонистанд. Қамар «падарҷон, падар» гӯён худро ба оғӯши он араб андохт. Ин Бакр буд.

Бакр ҳам духтари худро бӯсид, ана ин боз як хурсандини тоза буд!

Барои ҳар дуи онҳо ҳам ин дақиқа дақиқаи хушбахтӣ буд. Эҳтимол барои Зардуда ҳам ин дақиқа хушбахтӣ бошад. Аммо барои Шарифа ин тариқа набуд, вай дар ҳолате ки сахт қаҳраш омада буд, аз ҷояш бархост ва гуфт:

— Эй мардака! Рост гӯй, ту дар ин ҷо саҳван омадӣ, ё қасдан? Магар дар ин ҷо будани Қамарро намедонистӣ? Лекин бояд фаромӯш намекардӣ, ки то панҷ моҳи дигар духтаратро диданат дуруст набуд.

Бакр аз он ки ба Бомун-хонум салом дод, рӯи худро ба тарафи зани дуввумаш гардонда:

— Шарифа! — гуфт,— ман ҳозир дар хонаи ҷаноби судья мебошам, дар хонаи худ нестам, ман дар хонаи худ ба ҳуҷрае ки ба шумо нигоҳ мекунад, чизе ки шумо хоҳед ҳамонро мекунам, лекин дар хонаи судья ҳар чизе ки ба вай хуш меояд, ба кардани он худро ҳақнок медонам. Боз ба сухани худ давом карда: — Агар хоста бошед, донед Шарифа-хонум, ки ман дар ин ҷо қасдан барои дидани духтари худам омадам! — гуфт.

Бобун-хонум дар миёна даромад:

— Дам шин Бакр! Дастатро фароварданат беҳтар аст, — гуфт ва оҳистакак хандида монд.

— Не, пошохон! Ҳеҷ гоҳ ҷои тарс нест. Акнун кор тамом шуд. Занон назар ба мардон пурзӯртаранд. Як зан ба ду мард баробарӣ мекунад. Аммо ман аз инҳо ду нафар дорам! — гуфт Бакр.

Қамар сухани навакак гуфтагии Муҳаммадро дар хотир оварду аз сухани Бакр завқ кард.

Оре, ҳамин тариқа гуфта, ба суханаш давом кард.

Шахсе, ки як дафъа Шарифаро зада ва Зардударо бо асо тарсонда буд, акнун ба занони худ мағлуб шуданашро иқрор мекард.

— Пошохон! Оё шумо медонед, ки Шарифа чӣ гуна дасти маро басту ба муқобили даст бардоштани ман чӣ чора дид?

— Не, намедонам Бакр!

— Шарифа дучон шуд!

Ин воқеаи навро ҳанӯз занон бо якдигар гап назада буданд, ба чеҳраи ҳама касоне ки ин ҷо буданд, аломати хурсандӣ намоён шуд. Муборакбодигӯиҳо ва суханони шодмонӣ ба якдигар омехт.

Бакр боз ба сухан даромада гуфт:

— Акнун ман зани худро зада қусур гирифта наметавонам, бинобар ин ман имрӯз барои дидани духтарам омада, ба ҳамин роҳ аз вай қусур гирифтам, бо ҳамин кор як бор бошад ҳам ба орзӯи худ расидам. Ин кори ман ҳамаро ва ҳам духтарамро шод кард.

Чашмони калони духтаре ки дар паҳлуи падари худ нишаста буд, ба сӯи вай дӯхта шуд. Падар духтари худро боз як карат бӯсид. Зардуда завқ карда нишаста буд, Шарифа бошад бо як ҳолати мағрурона пушти худро гардонд.

Қамар бар хилофи гумонҳои пештарааш толеъро ба худаш мададгор ёфт. Вай пештар дар хотир мегузаронид, ки дар рӯзҳои андӯҳноки худ ба падараш рӯй хоҳад овард. Лекин дар ин рӯзҳо падараш ба хонаи худ, худ соҳиб набуд. Агар падараш ба фарьёдҳои вай гӯш дорад, ӯро ба хонаи худ меовард. Қамар ба дасти Шарифа, ки аз модаршӯяш ҳам номеҳрубонтар аст, меафтод. Дар ин сурат вай ҳеҷ гоҳ дӯсти худ «Ҷон»-ро дида наметавонист.

Қамар аз ҳамин рӯз сар карда назар ба пештара аз бахти худ розитар шуд. Ин бахт ба вай гӯё ба амри худовандӣ, ки аз кӯҳҳо маҳкамтар ва аз баҳрҳо бепоёнтар аст, лавҳулмаҳфуз[17] навиштагӣ барин намуд.

Лекин ба як ногоҳ ва дар вақте ки ҳеҷ дар хотир намегузашт, як рӯзе расид, ки...

Муҳаммад ба дасташ як рӯзнома гирифта даромада омад ва ба Қамар:

— Ана барои ту хабари тоза, дӯстат Ҷон (Берта) моро партофта мерафтааст! Вайро дар Ҷомпоб таъин кар-

даанд. Аз рӯи телеграммаи омада бояд вай то ду рӯз барон савгаэнд ёд кардан ба он ҷо биравад, — гуфт ва хабареро ки дар ин бора дар рӯзнома навиштагӣ буд бо ангушти худ нишон дода рӯзномаро ба тарафи Қамар дароз кард.

Қамар, ки ба по рост истода буд, монанди мехе ки дар замин кӯфта бошанд, ноҷунбида беҳаракат монд. Муҳаммад дар вақте ки ба тарафи зани худ нигоҳ кард, ба пеши худ гӯё як ҳайкали аз гаҷ сохтаро дид. Ягон аъзои Қамар намеҷунбид, ба ҳеҷ ҷои вай асари зиндагӣ наменамуд ва рӯяш ба ранги оҳаки сӯхта шуда буд. Сиёҳии чашмонаш васеъ гардида, ба пеши чашмаш ғайр аз як торикии бепоён чизи дигаре наменамуд. Қамар ҳама зӯру қуввеи худро ба як ҷо ғун карда, ба гиръя накардан кӯшиш мекард. Аммо ашки чашмони ӯ ба хоҳиши ӯ фармонбардорӣ накарданд, чакраҳои сиришк яке аз паси дигаре пайваста ба замин чакидан гирифтанд.

Муҳаммад аз ҳайронӣ як дақиқа хомӯш монд, чизе нагуфт. Баъд аз як дақиқа дандонҳои вай сахт-сахт ба ҳам хӯрдан гирифт, чашмҳояш монанди чашмҳои саги девона аз ҷояш беҷо шуд ва худро ба болои Қамар андохта:

— Ин дафъа ҳам дар роҳи дурӯғ ва фиреб даромада мебинӣ-мӣ? Ман ба ҳамин дараҷа аҳмақ шуда будам, ки! — гуфт.

Аз ду дасти Қамар маҳкам гирифта, вайро пуштнокӣ ҳам кард ва ҷасадеро ки монанди санг сахт шуда монда буд, дам ба он тараф, дам ба ин тараф ҳам карда тоф-та молиш медод.

— Фоҳиша!.. фоҳиша... — гуфта Муҳаммад фарьёд кашиду:

— Иқрор мешавӣ ё ки буғ карда кушам-мӣ?... Инкор мекунӣ, ё иқрор? — гуфт.

Қамар оҳистакак:

— Иқрор! Маро бикуш! — гуфт.

Нафаси Муҳаммад ба даруи афтода, андаке хомӯш монд, пас аз он ба Қамар ҳамла оварда:

— Маълум мешавад, ки иқрор мешавӣ, ҳамагӣ рост аст! — гуфт.

Муҳаммад, ки монанди ҳайвони дарранда ақли худро бой дода буд, давида рафта аз болои чорпоя корди тезро гирифт ва:

— Рост, ҳамааш рост: фоҳиша... фоҳиша...— гуфта фарьёд кашид.

Корди тезро ба гулӯгоҳи Қамар халонда буд, гардан беихтиёр хам шуд. Сари зебо дар зери бандҳои дастҳои нафис пинҳон гардид, корд бошад ҳанӯз ғӯтида рафта истода буд. Хуни сурх ба рӯи остинҳои сафеди куртаи хунуки дока равон гашта, намоён шуд. Қамар афтод. Корд дар ҳолате ки ба бадан халондагӣ буд, ногирифта монд...

# Қисми саввум

## РОҲИ ҒАРИБОНА

### I

### БЕДОРӢ

Қамари маҷрӯх дар хонаи дигаре ки ба худаш шиносе буд, чашмашро кушод. Кати (кравати) оҳанин, сандукчаи рафчадор, дар девор расми генерал ва дар гирдогирдаш асбобҳои чанг. Вай ҳайрон монда монанди бачагони хурдакак худ аз худаш пурсид:

Чаро дар бистари модарам хобидаам? Дар болои сараш модари худро дида, дасташро ба вай дароз кард ва мулоимона табассум намуд. Модараш ҳам дар навбати худ духтарашро бӯсид. Оби чашмони ӯ беихтиёр равон шуд. Чакраҳои ях барин хунук бар рухсораи аз таб тафсидаи духтарак чакид, Қамар баногоҳ фаҳмид.

— Бибичон! Бибичон!

— Оҳистатар, бисьёр овозатро баланд накун!

Модар дӯстдорӣ карда дастони гармро — дастони хурдтаракеро, ки аз ҳад зиёд гарм буд, молид. Ба дили модар умед пайдо шуд. Лекин дар парвариши касале ки ҳозир гап заданашро духтур манъ карда буд, зиёда бо эҳтиёт ҳаракат кардан даркор буд.

Бемордорӣ танҳо ба худи Зардуда ҳавола шуда буд. Ду нафари дигар Бакр ва Шарифа гоҳ-гоҳе омада, ба сари болини бемор нишаста зуд мерафтанд, лекин ба бемор наздик намешуданд. Ҳамаи корҳои хонаро Шарифа ба гардани худ гирифта буд, Бакр бошад чизе ки за-

нонаш фармоянд, хамонро мекарду бас. Латтахои ҷароҳати беморро мебаст. Ҳар дуи онҳо хам барои бемордорӣ навбат талаб нанамуданд, Зардуда ҳам ба онҳо ин таклифро накард.

Инро хам бояд бигӯем, ки Қамар якчанд рӯз сафсатагӯӣ карда, бисьёр чизҳоро гап зад. Сафсатагӯиҳои вай танҳо дар болои як масъала буд. Бештарини суханони вай дар пеши духтур, судья, саркотиби калон ва дигар бегонатон аз даҳонаш баромад, лекин бештарини суханонаш бар зарари худ буд. Зеро вай бештарин номи Ҷонро ба забон гирифт ва ӯро ёд кард.

Падару модараш дар ин хайрон монданд, ин суханон барои болодаст шудани Муҳаммад, яъне барои дар ҳуҷум худашро ҳақнок карда нишон додани ӯ роҳ кушод. Бинобар ин аз нуқтаи нахустини тафтиш сар карда, Муҳаммад ба дасти худаш роли бобро, яъне роли шавҳариро ки ба муқобили поймол шудани номусаш ба қусургирӣ маҷбур мешавад, гирифт. Назар ба қавли Муҳаммад бинобар алоқа пайдо кардани Қамар бо саркотиби мирзохона, корд задааст. Қамар хамеша Муҳаммадро ҳақорат додааст, Қамар хамеша дар корҳои баду вайрон гаштааст, инак дар сояи инҳо ин фоҷиа рӯй додааст.

Чизҳое ки Қамар беҳушона дар пеши каси бисьёре гуфта буд, ба вай роҳ намедод, ки ҳамаи ин корҳоро мункир шавад. Иқрориш бешармона!... Шарифа бо шунидани ин калимаҳои «фоҳиша-фоҳиша»-ро, ки Муҳаммад дар вақти бо корд ҳуҷум карданаш гашта баргашта гуфта буд, аз гӯшаи даҳонаш бароварда фиристод.

Бакр ҳам сари худро ба зер андохт.

Дар рӯзҳои аввали воқеаҳои хунин дами Бакр баланд буд.

Дар он рӯзҳо падари Қамар монанди тӯфони пурзӯре дар ҳаракат омада, тамоми коркунони судро барпо хезонда буд. Бо як интиқомгирии пурдаҳшат метарсонид. Вай мехост қасоси духтарашро, ки дар он вақт мурда ба шумор мерафт, арабвор бигирад. Дар он вақт барои боз доштани ин аскари пир, аз ин гуна қасосгирӣ аз саркардаи лашкар гирифта то ҳокимони маҳаллӣ ба сарф кардани ҳамаи қувваи худ маҷбур шуда буданд.

Акнун Човуш (Бакр) фаҳмид, ки бо духтараш фахр карда наметавонистааст. Вай хоста буд, ки духтари худро як зани бономус карда расонад. Лекин Қамар баъд

аз ба шавҳар расидан дар муддати чанд рӯз ин вазифаро вайрон кард, умедҳои онро пуч баровард ва шавҳари худро фиреб дод.

Қамар аз хоби дурудароз бедор шуд. Вай аҳволи Муҳаммадро пас аз он ки ба худаш ҳуҷум кард, намедонист. Аммо ҳама аҳволи пеш аз ҳуҷуми ӯро медонист, вай худ ба худаш:

— Муҳаммад ин ҷиноятеро, ки ба як сабаб кард, албатта бо дурӯғҳои бисьёре омехтагӣ аст, — гуфта монд. Акнун вай фаҳмид ки ба гирдо-гирди ӯ ҳасрат, андӯҳ ва айбҳои калон ғун шудаанд. Чакраҳои хуни оби чашм, ки ба рӯяш мечакиданд, гӯё дар вақти сухан карданӣ шудани вай «хомӯш бош» мегуфтанд... рафта-рафта безабонии ҳамешагӣ сар шуд...

Соатҳо мегузарад, лекин падари азиз нест, намеояд, Шарифа ҳам наменамояд. Қамар нафаси сахте кашида дастеро ки дасташро гирифта буд, молид, ҳам дар навбати худ ба муқобили бӯсидани модараш бо чашмони пуроби худ ҷавоб дод.

Баъд аз ду рӯз судья — Бомун ҳамроҳи саркотиби калон омад. Духтур гап пурсидан аз беморро рухсат додааст, аммо бисьёр дароз накардани гапро фармудааст. Ба Қамар ҷавоби Муҳаммад гуфтагиро хонда доданд. Қамар инкор кардани айби худро хоҳиш накард. Лекин бо вуҷуди ин, дар худ қуввате ҳам ёфт, ки ба муқобили «ба ин кор маҷбур шудам» гуфта чанд сабабҳои дурӯғ нишон додани гунаҳкор эътироз карда тавонад. Ранги рӯи Қамар сап-сафед канда буд, тамоми баданаш чун барги бед меларзид, дар ҳамин дақиқа ба суханонаш дуруст гӯш дода, хуб диққат карда, муҳокима кардани ҷавобҳояшро аз ҳокимон талаб намуд, вай бо чӣ аҳволи бад сар шудани таърихи шавҳар карданашро, ба чӣ дараҷа ба муомилаҳои қабеҳ ва бад нишона шудани худашро ва ба сабаби аз ҳадду андоза берун дағал ва бадгумон будани шавҳараш ва бе ҳеҷ боисе рашку ҳасадҳои беҷо карда, азоб додани он, ба шавҳари ғайрирасмӣ кардан маҷбур шуданашро ягон-ягон гуфта дод. Вай аз хусуси муомилаҳои хунуки Муҳаммад ва ба худи Муҳаммад дарду ҳасрат карданашро низ гуфт. Дар вақти гап задани Қамар падараш Бакр ҳам ба пеш даромада, гарданашро хам карда истода буд. Дар вақти гувоҳӣ дода, тасдиқ кардани Зардуда суханони Қамарро, ки дар бораи худаш гуфта буд, Бакр чунон ки дар вақти оташин

шудани худ мекард, дастҳояшро ба якдигараш зад, пас аз он ба сари синааш ниҳод.

Пас аз чанд гоҳе Қамар падарашро дубора дид, акнун Қамар тамоман тандуруст шуда буд. Баъд ба пахлуи Қамар омада чизе нагуфта аз пешонааш бӯсид. Қамар ҳам дар вақти дидани ин шахс ба зери бори андӯҳу ҳасрат фурӯ монда, барои гап задан ҳеҷ сухан наёфт ва ғаму ҳасратҳоро фурӯ бурда, хомӯш монд. Пас аз он аз тарқиши дар дид, ки падараш ба занони худаш дар бораи сафари худ гап мезад ва ба онҳо баъзе корҳоро мефармуд.

Раиси шӯъбаи суд Филиппивило ба ин фикр омад, ки дар як маҳкама кор кардани падари даъвогар (Қамар) бо падари айбдор (Муҳаммад) мумкин нест, бинобар ин яке аз онҳо ариза дода, ба ҷои дигар фиристодани худашро талаб кунад вагарна ҳар дуи инҳо ҳам аз хизмат озод карда мешаванд. Бештарини коркунони маҳкама барои осоиши духтараш ва хонаводааш аз Ар-рӯҳ кӯчидани Бакрро лозим донистанд ва маълум карданд, ки дар идораи политсияи Константин як шахсе ҳаст. Бояд Бакр ба он ҷо рафта, бо худи он шахс гуфтугузор карда, барои бадал кардани ҷойҳои хидматашон, ба як қарор оянд. Бакр фурсат нагузаронида ба он ҷо рафта омад. Кор тамом шуд. Бакр дар Ибни Маҳмуд ба хидмати посбонӣ таъин шуд.

Тайёрии кӯч-кӯчро дидан даркор буд. Афсурдагӣ ва хомӯшӣ ҳукумфармо буд. Бакр нафаси сахте кашида бо овози ҳазин:

— Агарчи Ибни Толиб дар Ар-рӯҳ бошад ҳам, барои гирифтани нишони (медал)-и фахрӣ бояд бисьёр вақтҳо интизорӣ барад. Ҳамаи мардуми диёр медонанд, ки маро аз куштани Муҳаммад танҳо ҷондармаҳо боз доштанд, набошад аз сад ҷонаш як ҷонаш халос намешуд. Хуб, майлаш, ҳар дуи падару писарро суд ҳукм кунад, барои як чашм, ду чашм! — гуфт.

Тайёриҳои кӯч-кӯч шитобкорона ба анҷом расид. Урфу расми видоъ бо дӯстон ва наздикон, хушбошӣ карданҳо ҳам бетакаллуфона гузашт.

Ба касе ки беихтиёр сабаби ин мусофират шуда буд, барои боздид ҷое иҷозат доданд, аммо ин боздид ба пеши чашми вай хотираҳои айёми кӯдакиашро овард ва ҳамон ҳаракати шӯхиёнаеро, ки сабаби рашку ҳасади шавҳараш шуда буд, ба ёдаш андохт.

Қамар дар ҳолате ки дилаш сахт-сахт мезад, аз дунболи падару модари худ ба даруни қатораи боғ даромад. Дар он ҷо аз миёнаи дарахтони афлесуи, ба сӯи иморати суд нигоҳ карда рафт. Тирезаҳои мирзохона имрӯз ҳам монанди он рӯзи охирин, ки Қамар ин ҷо омада буд, ба тарафи боғи калон кушодагӣ буд. Ин дафъа Қамар аз пеши тиреза бо хунсардӣ гузашта рафт. Ба муқобили ҳасрату андӯҳҳои Қамар дар пеши тиреза дар офтобрӯя пишаки зард худро гарм карда нишаста, ҳар тарафашро мелесид. Дар он сӯи тиреза як чорпояи сиёҳ буд, ки беихтиёр дили Қамарро ба тарафи худ мекашид, дар паҳлуи ин чорпояи қиматбаҳо ба ҷои дӯсташ Ҷон, ки дили иро дар ларзиш андохта буд, як шахсе менишаст. Мӯи ин одами хурдтараки лоғар тамом рехта, сараш монанди пушти тос менамуд. Ин одам ҳам монанди Ҷон ба даруни коғазҳои протоколҳо фурӯ рафта, хат менавишт, эҳтимол ин ҳам бо ҳамон қаламе, ки Ҷон кор мекард, хат менавишт.

## II

## ДАР ДУВОР

Қамар дар паҳлуи модараш даромада, ӯро аз зери бозӯ дар бағал гирифт ва оҳиста-оҳиста бар беруни деҳа баровард. Дар он ҷо дар болои як сабзазори офтобрӯя кӯрпача андохт ва бар болои кӯрпача ду-се дона болиштро болои ҳам гузошта, модарашро дар ин ҷо шинонд ва ба вай нигоҳ карда, як табассум намуда, худаш ҳам дар паҳлӯи ӯ нишаст. Баъд аз чанд дақиқа нишастан Зардударо хоб бурд, Қамар дар дарьёи хаёл фурӯ рафт.

Дар пеши чашми ӯ Дувор истода буд. Ҳавлие ки Бакр аз Ҷовуши пештараи Ибни Маҳмуд харида буд, ба наздикии деҳа, дар болои як тали дарахтзоре бино ёфтагӣ буда, васеъ ва боғчанок буд, дар тарафи ғарби онҳо кӯҳҳои баланд ва дар доманаи ин кӯҳсор саҳрои васеи ҳамворе пайваста буд. Ғайр аз инҳо чанд деҳаи зарду сурх ва якчанд чодирҳои сиёҳ ба назар менамуданд. Дарьёи Убайда ба канорҳои худ дар миёнаҳои регҳои зард ба андозаи дами корди пӯлодин обҳои кӯлмак партофта, ба тарафи Шимол нигоҳ карда мерафт. Дар тарафи офтоббаро дар поёни тал бешазоре дароз шуда рафта буд.

Қамар ҳамаи воқеаҳои нохуше ки дар омаданашон ба Дувор сабаб шуда буд, ягон-ягон аз хотир гузаронид. Ин воқеаҳо на танҳо Қамарро, балки модарашро ҳам ки дар асл заиф буд, аз кор баровард. Вай то он шаби асрорангез аҳволе ки дар хонаи Муҳаммад гузашта ва сабру доштҳоеро ки ба он азобҳо карда буд, ягон-ягон ба ёд овард. Натиҷаҳои хунини хушбахтии шаби асрорангез ҳам аз хотири вай гузашт. Вай он ҳама азоб ва уқубатҳоро, ки дар паи он ҳама хушбахтӣ аз сари худ гузаронида буд, аз пеши чашми худ гузаронид. Вай ба болои сари худ монанди борони пайваста ғаму ғусса борида, пай дар ҳам зарба дар болои зарба хӯрда истоданашро дар хотир оварда, ба умрӣ ва абадӣ будани ин ҷазоҳо ҳукм кард.

Аввал он, ки вай аз ҳар чиз пештар дӯсти гиромӣ ва қиматбаҳои худро гум кард. Пас аз ин вай ҳамин дӯсти худро ҳаргиз дида наметавонад, ҳаргиз ва ҳаргиз!...

Пас аз он вай ба партофта рафтани ҷои зондашудаи худ Ар-рӯҳ ва ба партофта рафтани он ҷойҳое ки аз хурдсолиаш боз дӯст медошт ва нағз медид, маҷбур гардид. Аз даруни аробае, ки ӯро ба истгоҳи Дайбири Тавил мебурд, кам-кам хурдтарак шуда, оқибат аз назар ғоиб гардида рафтани деҳаи зеборо дида буд. Ин деҳа дар болои як тал буда, монанди он ки дар ҳикоятҳои мӯъҷизанамо нақл мекунад, сафед ва нурафшон буд, росту чапи ин тал бо дараҷае ки аз тумани аз замин бархоста пур буданд, иҳота ёфта буд.

Дар пушти теғаи афсонагии кӯҳи Сабъаи Навоим (хобидагони ҳафтгона) дар ҳавои соф чунон менамуд, ки дар болои он, дар ҷое ки офтоб фурӯ меравад, як шохаи хурд ҷунбида истодааст, бозӣ кардани уқобҳои хокистаррангро, ки ба болои сангпарчаҳо нишаста буданд дидан ва онҳоро тамошо кардан мумкин буд.

Дар ҷои наве ки хонаводаи Қамар истиқомат гузида буд, ҳамеша раъй ва фикри Шарифа ҳукмронӣ мекард. Дар ин ҷо ҳар чиз ва ҳар кори хонавода тамоман мувофиқи урфу расми араб ба роҳ монда шуд. Ҳатто кати оҳаниие, ки дар ҳуҷраи модари Қамар-Зардуда буд, низ фурӯхта шуд. Кампалҳои аврупоӣ, гилемҳо, болиштҳо, кошуқҳои пул ва лаълҳо ҳамагӣ нест шуданд. Дар муқобили ин корҳо падараш Бакр ҳам дам назад. Бемор маҷбур буд, ки дар рӯи як гилеми қоқ кӯрпача ба рӯи худ гирифта бихобад.

Шарифа ба Дувор омадан замон як писар зоид. Ин писарро барои хурсандии тамоми хонавода аз ҳама бештар Зардуда мехост. Бакр ҳақиқатан шод шуд, бо ин писар фахр мекард.

Робеъча (номи писар) чашмашро кушода-накушода дастони сурхи хурдтаракашро дароз карда бо риши падараш, ки бозӣ доштани ӯро ба рӯи дастони пурзӯри худ дӯст медошт, чанг зада ба ҳаракат кардан сар кард. Акнун Зардуда, ки ба Бакр танҳо як духтар зоида дода буд ва Қамар, ки ба ин қадар фоҷиа ва бадбахтиҳо сабаб шуда буд, фаҳмиданд, ки дар ин ҷо он қадру қимати дар Ар-рӯҳ доштаашонро нигаҳдорӣ карда наметавонанд. Хусусан баъд аз ҳукм баровардани суди Филиппивило дар ҳаққи Муҳаммад боз қадру қимати онҳо камтар шуда монд. Бакр аз маҷлиси ин суд тамоман як одами дигар шуда баргашт, пас аз ин воқеа Зардуда ҳам аз бистари беморӣ бархоста натавонист.

Дар маҷлиси суд Қамар ҳарчанд шарм дорад ҳам, барои ҷавоб додан ба дурӯғҳои Муҳаммад тайёр шуданаш даркор буд. Бакр бошад, дар маҷлиси суд барои гирифтани интиқоми духтараш, ки ба сабаби бадмуомилагии шавҳараш вазифаи занонаи худро фаромӯш намуда, ахлоқашро вайрон кардааст, ҳозир шуда рафта буд. Бакр ҳатто ибни толибҳоро вайронкор ва бадтарин душманони французон гуфта нишон дода буд.

Прокурор Қамарро аз ҳама бӯҳтонҳои бардурӯғ пок кард. Лекин гунаҳгоркунанда Муҳаммадро ба ҷуз ҳуҷумаш ба Қамар дар дигар чизҳо айбдор карда натавонист. Шубҳаҳои дигареро, ки дар ҳаққи вай буд, бовар накард. Вай ошкоро гуфт: ҳамаи маълумоте ки дар ҳаққи ибни толибҳо ғун шудааст, дар ҳаққи як француз ё дар ҳаққи касе ки табаагии Франсаро қабул кардааст, сабаби шубҳае намешавад.

Вакили гунаҳгор муҳокимаи бисьёр такдор раҳ равонд. Баъд аз ним соат муваффақ шуд, ки чор нафар вакилро, ки ду нафари онҳо мусулмон буданд, ба дурӯғ будани он ҳама шубҳа, ки дар ҳаққи Муҳаммад нисбат медоданд, қоил кунад:

— Ҳамаи ин айбҳое ки ба гардани Муҳаммад бор кардаанд, бӯҳтонҳоест, ки аз тарафи падари Қамар ва ошиқонаш ба душманин Муҳаммад, ноинсофона бофта ва сохта шудаанд,— гуфт ва инро исбот ҳам кард.— Ду-

руст, ин воқеа воқеаи хуб нест, ваҳшигист. Лекин аз даруни ин гуна аҳвол дигар шавҳарон ҳам ҳунсардона ва осуда баромада наметавонанд,—гуфт.

Муҳаммад пок шуд, ҳатто аз пок шудани ӯ хурсанд шуда, баъзеҳо қарсак ҳам заданд. Қамар аз камоли шармандагӣ дар зери обу арақ монда меларзид ва падараш Бакр аз ғояти оташинӣ ба дараҷаи девонагӣ расида буд, мардум аз инҳо ба тарзе ки аз ҳайвони ваҳшии дарранда гурезанд, худро дар канор кашиданд.

Аз ҳамин рӯз сар карда Човуш ибни Маҳмуд, касеро рухсат надод, ки вайро аскар номад ва нишони (медали) аскариро, ки дар гарданаш овезон буд, канда партофт. Вай аз бист сол зиёдтар ба Фаронса ба сифати як аскар ва човуши бономус хидмат кард. Лекин рӯзе як душмани Фаронса ба куштани духтари вай қасд кард. Вай ба сифати як падар ба айбдор ҷазо талаб намуд. Аммо ин айбдорро пок ва бегуноҳ баровrouteданд. Ҳатто наздик буд, ки худи ин падар — Бакрро гунаҳгор намоянд.

Чунончӣ поккунанда: сабаби ҷиноят, бадмуомилагиҳои Муҳаммад набуда, ба Қамар тарбияи вайрон додани падараш аст, гуфта исбот карданӣ шуд. Ҳамин тарбияи нимфрансузӣ ва нимарабӣ духтарро аз роҳи рост баровардааст, бинобар ин худро бе ҳеҷ андеша ва мулоҳиза дар бағали як румӣ, ки аввал ба вай во хӯрда буд, андохтааст.

Шарифа ҳам саросема шуда буд. Лекин сабаби саросемагии вай дигар буд. Вай вақте ки аз даҳони мардуми Дувор воқеаи судро шунид, ба шавҳараш рӯирост гуфт, ки:

— Ман бо поккунандаи суд ҳамфикр ҳастам, агар аз ман фарзанди духтар ба рӯи кадам ояд, танҳо худам ба равише ки худ мехоҳам, тарбия мекунам.

Зардуда дар замонаш духтарамро худам дар ихтиёри худ тарбия мекунам, гуфта бисьёр кӯшиш карда буд ва дар ин роҳ бисьёр хафагиҳо рӯй дода, оқибат ба муддаоҳои худ нарасида буд, лекин имрӯз ин гапҳоро дар миён наоварда, кӯшиш мекард, ки падари бадбахти азкорбаромадаро тасаллӣ диҳад. Баъд аз чанд рӯз Зардуда боз сусттар ва заифтар шуд. Торафт аз ҳол мерафт ва беқувваттар мегардид, ҳатто вай ба дараҷае расид, ки дар сояи ёрмандии Қамар ҳам бо душвории бисьёре аз ду-се қадам зиёда роҳ рафта наметавонист. Аммо ба

пои худ роҳ рафтанаш ба қатори корҳои ношуданӣ даромада рафт.

Қамар дар беруни деҳа дар пеши ҳамаи мардуми деҳа (ҳамаи ин мардум аз Қамар ва аҳли хонаводаи ӯ шиква ва ғайбат мекарданд ва онҳоро дашном медоданд) дар болои кӯрпача ба паҳлӯи модари худ нишаста ба болои беморе ки рӯзҳои зиндагиаш ба шумор монда буд, оҳистекак хам шуд. Вай аз рӯи касе ки ягона дӯстдораш буд, бо дасти худ магасонро меронд ва гоҳе гӯшашро ба синааш хобонда «мабодо нафас бурида нашуда бошад» гуфта гӯш медод.

## III

## ОТАШИН ШУДАНИ БАКР

Як пуштачаи андӯҳафзо сар то сарашро сангпорчаҳои нотарошида фурӯ гирифта, ҳақиқатан маъноп хомӯшон! Ин мазористоне буд, ки дар як гӯшаи он хоктӯдачае ки дар зераш часади Зардуда гӯрондагӣ буд, меистод. Қамар бештарин дар паҳлӯи ин хоктӯдача мениишаст. Вай дар ин ҷо ҳар рӯз барои гирьяву зорӣ кардан меомад, дар ин ҷо ба муроди дил фарьёду фиғон карда, дили пурҳасрату андӯҳи худро қадре холӣ мекард. Падараш Бакр ҳам азбаски бештарин бо писараш машғул буд, ба Қамар он қадар илтифот намекард ва аз ҳоли вай намепурсид. Шарифа ҳам ба ин кори савоби Қамар (зиёрат кардани қабри модар) монеъ намешуд ва рухсат медод, ин кори Қамар он қадар хатарнок ҳам набуд, зеро вай Қамарро аз хонаи худ ҳамеша дар болои пушта дида меистод ва аз ҳамон ҷо ба вай дидабонӣ карда метавонист.

Қамар гирья мекард, чунки дилаш бо ҳасрату андӯҳ пур шуда, лабрез шуда буд. Бинобар ин барои мурдаи модараш гирья карда, ҳасратҳои худашро кам карданӣ мешуд, ба ғайр аз ин чораи дигаре ҳам надошт, зеро вай розҳои ниҳонӣ ва дардҳои дарунии худро танҳо ба модараш гуфта метавонист. Акнун ки вай мурдааст, бояд дарду ҳасратҳои худро ба мурдаи вай гӯяд, ба мазори вай гӯяд ва ба хоки вай гӯяд.

Ҳасрату андӯҳҳои вай, маъюсӣ ва навмедии вай рӯз то рӯз дар зиёд шудан буд. Хусусан зиндагии Дувор ба

вай душворӣ мекард, зеро суд, ҷинояте ки сабаби аз шавҳар ҷудо шудани вайро муҳокима карда, бо як ҷавони Рум котабозӣ карданашро яла карда дод, дар миёни мардуми ин ҷо ба бисьёр гапу гапча сабаб шуда буд. Дар байни ҳамаи мусулмонони давру пеш номи «Моҳак» ба вайронӣ ва фоҳишагӣ баромада буд. Ғайр аз ин вайро як духтарест, ки дар сарбозхона ва дар мактаби насоро тарбия ёфтааст, бо духтарони франсуз дугона шуда гаштааст, баъд аз қадрас шудан бештарини вақташро дар мирзохона бо Ҷон гузаронидааст ва низ дар арабӣ ва франсузӣ хату саводи хуб доштааст, гуфта медонистанд. Модарони хонавода, хусусан он модароне ки духтари қадрас доштанд, воқеаҳои Қамарро масхара ва дашномомез карда, бо овози баланд ба духтарҳояшон шунавонида гап мезаданд. «Азбаски ин духтар суханони заношӯиро ҳам ба забони модарӣ гап назадааст, ҳатто дар хоб кардан ҳам ба урфу расми франсузӣ хобидааст, шавҳари пештарааш вайро чанд бор зада будааст»-гуфта нақл менамуданд ва дар ин хусусҳо бӯҳтонҳои ранг ба ранг, сохта дар миёнаи мардум паҳн мекарданд.

Ин бӯҳтонҳо ба дараҷае айбдор кардан бо маркаде ки гуноҳи калони худо намебахшидагӣ ба шумор мерафт, рафта расид. Лекин ин хабар тамоман дурӯғ буд. Зеро вай ҳар рӯз дар вақтҳои муқаррарӣ ибодат мекард ва ба қабристон рафта ба рӯҳи модараш қуръон мехонд. Бо вуҷуди ин, дар Дувор аз ахлоқвайронтарини занон ба шумор мерафт. Мардум танҳо ба хотири падари посбонаш ва ба риояи модараш, ки бо хушахлоқӣ ном бароварда буд, забони худро андак нигаҳдорӣ мекарданд. Агар поси хотирдории онҳо намебуд, «осудагии ҷиноят барҳам мехӯрд ва ахлоқҳо вайрон мешуд» гуфта оқибат вайро аз Дувор пеш мекарданд. Бинобар ин Қамар: «маро бо ҳамроҳии худ ба ягон меҳмонӣ намебарад» гуфта ба гила кардан аз Шарифа ҳақ надошт.

Қамарро танҳо се-чаҳор хонавода ба худ роҳ медоданд, онҳо ҳам маҳз барои одамгарӣ роҳ дода, ба вай рӯи кушодае нишон намедоданд. Шарифа ҳам, ки Қамарро ба он хонаводаҳо мебурд, барои ин буд, ки коре карда вайро ба шавҳар дода, худро халос кунад. Шарифа дар ин роҳ ба бисьёр нокомиҳо (ҷавобҳои рад) дучор шуда бошад ҳам, тамоман ноумед нашуда буд ва кӯшиш мекард, ки ҷое ёбад ва Қамарро ба шавҳар диҳад.

Вай баъд аз саранҷом додани ин кор ба падари Қамар — шавҳараш Бакр фахр карда гуфтанӣ буд, ки:

— Агар ту розӣ бошӣ, ман бо бисьёр машаққатҳо ҳам бошад, барои гирифтани духтари ту ризои як ҷавонро гирифтам. Лекин ин кор осон набуд. Ман ин корро на барои худам, балки барои обрӯи ту ва барои номуси хонаводаи ту кардам. Албатта ихтиёр ба дасти ту аст, хоҳиши ту хурсандии ман аст, соҳиби хонавода ту ҳастӣ!

Хурсандӣ ва фаҳридан танҳо махсус ба худам шавад гуфта, аз хусуси корҳои дар ин роҳ кардагӣ ва карданиаш ба Бакр чизе намефаҳмонд.

Бакр ҳам мехост, ки зудтар Қамарро ба шавҳар диҳад, лекин вай бо одати нимфрансузии пештарааш кай ягон кас омада Қамарро мепурсида бошад гуфта, интизорӣ мебурд. Агар ин гуна касе ёфт шуда монад, ба розигӣ додан тайёр буд.

Аммо ҳамаи заҳматҳои Шарифа ба ҳадар рафт, пешниҳоди вай ба ягон хонавода қабулӣ наёфт, Бакр ҳам намедонист, ки мардуми Дувор дар бораи духтараш чиҳо мегӯянд ва рӯи ҳеҷ кас намешуд, ки бо хунсардӣ ва оҳистагӣ ин гапҳоро ба худи Бакр бигӯяд ва инчунин аз паи як кори ношуданӣ гашта, дарҳои бисьёр хонаводаро ба рӯи худ бандондани Шарифаро ҳам касе ба Бакр нагуфт.

Рӯзе як воқеаи ногаҳонӣ рӯй дода, осоиши Бакрро барҳам зад.

Манзараи як саҳнаи баднамое, ки Бакр ба дидани он ҳеҷ мунтазир набуд, намоён гардид. Қабир, ки дар миёни мардуми Дувор обрӯи калон дошт, дар пеши мардуми бисьёре човуши Дувор Бакрро ҳақорат дод. Эҳтимол ин кор ба баъзе касони дигар ҳам зимни матлуб будагист.

Ҳозир Бакр бештарин одатҳои пештараи худро партофта буд, лекин вай аскари бономуси пештара шуда монд, танҳо ҳаминро партофта натавонист. Бинобар ин бесаброна адо кардани вазифа ва ба ҳеҷ кор бар хилофи вазифааш бардошт карда натавонистан, ба бисьёр шудани душманонаш сабаб шуд.

Рӯзе вай дар фасле ки шикор мамнӯъ буд, дар замини касе бе иҷозати соҳибаш шикор кардани писари Қабири бообрӯйро дида, дастгир кард. Лекин ҷинояти вай ба андозаи бахшиданамешудагӣ калон набуд. Аз ома-

дани Бакр пештар ҳам дар Дувор баъзе касон бо ин-гуна ҷиноят дастгир мешуданд, лекин бе ҳеҷ ҷазо ва ҷурмона халос шуда мерафтанд.

Қабир барои пешгирии ин кор ба пеши Бакр давида омада буд. Лекин Бакр илтимоси ӯро қабул накард ва «не, намешавад», гӯён сарашро ҷунбонида ба хонааш даромада рафт. Пас аз он барои протокол нависондан ба пеши соҳиби Дувор дар майдоне ки каси бисьёре ғун шуда буданд, нишаста буд. Вақте ки Бакр ба нависондани қоғази расмӣ сар кард, қоид барои пасанда кардани ин кор ба миёна даромад. Лекин Бакр розӣ нашуд, розӣ нашуданаш бас набуд, ки оташин шуда гуфт:

— Шумоҳо чиҳо мегӯетон? Ба фикри шумоён, яъне ба фикри ту ва Қабир агар касе дар як фасле ки шикор кардан мамнӯъ аст, дар замини дигарон шикор кунад, хеҷ гап намешудаст-дия. Лекин ба фаҳми ман ин ҷо ду ҷиноят ҳаст. Ҷинояти дуввум ки дар замини дигарон шикор кардан бошад, айни дуздӣ аст!

Бакр бо сухани охирини худаш зиёда аз ҳад баромада рафта буд. Ҳама «магар ин девона шудааст» гуфта ба якдигарашон нигоҳ карданд.

— Ақли ман ба ҷояш, эҳтимол шумоён аз ақл ҷудо шуда бошетон. Шумоён савганд нахӯрдаед, ҷаро посбонро ба адо кардани вазифааш намемонед. Магар шумо ҷиноят будани ин ҳаракати худҳотонро намефаҳмед. Ин гапи ман ба шумоён нафорад ҳам, боз мегӯям, ки дар замини дигарон шикор кардан дуздӣ аст! Ба ин гап кӣ эрод гирифта метавонад?

Қабир ба вай наздик омада:

— Ман!—гуфт,—чунки касе ин корро кардааст, писари ман аст, агарчи вай аҳмақӣ кардааст, лекин як бачаи бономус будани ӯро ҳар кас медонад. Ҳеҷ кас ба вай шубҳаи дуздӣ карда наметавонад ва ҳол он ки ту вайро «дузд» номидӣ!

Қабир ду дасти худро ба якдигар молиш дода, ба суханаш давом кард:

— Ба таҳқир кардани фарзандони дигарон ту кай боз соҳиби ҳақ шудӣ?—гуфт.

Тамошобинон ба ин гапи Қабир ханда карда, Бакрро масхара доштанд. Ранги Бакр парид ва чашмонаш беҷо шуд:

— Ту чиҳо мегӯй, чӣ гуфтанӣ ҳастӣ?—гуфт.

— Ман ҳаминро гуфтанӣ ҳастам, ки—гуфт Қабир.

Зани ту Шарифа духтарат Қамарро ба писари ман ба занй пешкаш кард, лекин бинобар фармоиши ман зани ман аз ин кор сар печид.

Дар Бакр барои додани саволи «чаро?» мартаба намонда буд. Ин ҳақорат дурбинона тайёр карда шуда буд ва бехато рафта ба нишона расид. Қоид ва дигарон дар миёна даромада, ду душманро аз ҳамдигар ҷудо карданд. Лекин ҳар дуи онҳо дар миёни мардум бо суханҳои зишт ба дашном додани якдигар давом карданд. Бакр бо тарсонданиҳо ва танбеҳ карданҳо фарьёд мекард, Кабир ҳам овози худро аз вай баландтар карда, бо ҷумлаҳои тахл ӯро ҳақорат медод. Гапҳоеро ки дар миёнаи мардум паҳн шуда буд ва суханҳоро ки ба масхарагии мардум далолат мекард, ҳеҷ намонда ҳамаашро гуфт.— Духтаре ки ба насороҳои аз корбаромадагй фурӯхта шудааст ва бо румиҳо якзабон шуда, мусулмононро фиреб додааст, магар духтари ту нест? Ба ҳамин тарз шудани он кй айбнок? Чизҳое ки дар маҷлиси суд гуфта шуд, магар айбдор будани худатро исбот накард? Дар ҳолате ки худи ту ин гуна як духтар расондай, аз «дузд» гуфта ҳақорат додани фарзандони дигарон магар шарм намекунй?

Акнун Бакрро тоқати фарьёд кашидан намонда буд, вай дасти худро ба ин сӯ-он сӯи худ фиристода мехост яроқашро кофта ёбад, дар ин вақт ӯро гирифта бурданд. Дар роҳ беҳуш гардида афтода, Қоид баъд аз як муддат базӯр ӯро ба ҳуш оварда, ба хонааш расонд.

Бакр ба хонаи худ расид, лекин ҳанӯз оташинии ӯ паст нашуда буд, ба хона даромадан замон якбора ба зани худ Шарифа ҳуҷум кард ва ба хона соҳиб будани худро танҳо дар ҳамин дақиқа нишон дод. Дашномҳо ва ҳақоратҳо ба болои Шарифа борон барин боридан гирифт.

Шарифа чй хақ дошт, ки ба вазифаи дигарон даст мезанад? Кори ба шавҳар додани Қамарро ба вай кй супурда буд? Шарифа бо ин ҳаракати беҷои худ ба хонавода хориҳо ва беномусиҳои калон расонид. Қамарро ба шавҳар пешкаш кардан ва аз вай ҷавоби рад гирифтан?... Оё баробари ин ҳақорати дигаре дар дуньё ҳаст?...

Оташинии Бакр торафт дар зиёд шудан буд, вай тамоман ақлу ҳуши худро гум кард. Калтаке ки ба замин буд, хам шуда ба даст гирифт:

— Ба сабаби ту ба хонавода ин ҳама ҳақорат!— гуфта фарьёд кашид ва бо қуввате ки дошт Шарифаро зад. Шарифа фарьёдкунон гурехта баромада, дар саисхона ҷого шуд. Пас аз он калтакеро ки дар задани Шарифа шикаста буд, ба як сӯ ҳаво дода, ба дашном додани Қамар сар кард:

— Духтари расво! Ҳақиқатан духтари фоҳиша!... Ман барои ин чӣ корҳо ки накарда будам! Ин рӯи падари худро сиёҳ кард, обрӯяшро резонд. То ҳамин духтар аз хонаи падараш гум нашавад, ба хонавода бахт нахоҳад омад!...

— Худи вай фоҳиша! Он хук ҳоло дар куҷост? Бакр тамоман аз ақл бегона шуда буд, шикастаҳои калтакро аз замин ғундошта гирифта, девонавор Қамарро кофтан гирифт. Баъд аз чанд дақиқа Қамар, ки рангаш ба ранги мурда гашта, аъзои баданаш меларзид, намоён шуд. Дар вақте ки дар хона ин аҳволи даҳшатнок мерафт, Қамар аз қабристон омада, ба таги дарвоза истода буд. Аз ҳайрату даҳшат дар ҷои истодагиаш шах шуда монда буд. Қамар ҳама гапҳоро шуниду, ҳамаашро фаҳмид.

Вай чашми худро ба замин дӯхта, ба Шарифа:

— Эҳтимол дар ин хона намондани ман ва рафтанам беҳтар бошад, равам-чӣ?—гуфт.

Шарифа ба қадри як дақиқа ба рӯи вай нигоҳ карда истод, ба рӯи Шарифа асари дудилагии сабукаке ки барҳам хӯрданаш осон буд, намоён шуд, пас аз он вай сандуқи худро кушода, як маблағ пул гирифта, ба Қамар дод ва:

— Дуруст аст, эҳтимол дар ин кор ту ҳақнок бошӣ ва дур нест, ки ин фикрро ба дили ту худо андохта бошад. Дар оянда ҳам худо ёрад бод. Ин кор ҳам барои падарат ҳам барои ману ҳам барои ту беҳтар аст,— гуфт.

## IV

## ДАР РОҲИ ҶОН

Қамар баъд аз кӯча баромадан, ба куҷо рафтанашро надониста истод... Ҳозир шаб шуда буд. Ба тарафи чап беша, дар рӯ ба рӯ деҳа, дар тарафи рост қабрис-

тон буд. Вай падарам менамуда бошад-мй, гуфта нигоҳ кард, лекин нанамуд. Оҳиста-оҳиста қадам партофта ба поён нигоҳ карда рафт.

Фаранҷй ва чашмбандашро, ки сар то қадамашро тамом пўшонда мегирифт ва аз зери он ҳар чизро дидан мумкин буд, бар сар карда ба дари яке аз заноне ки ўро мешинохт ва гоҳо ба хонааш роҳ медод, рафта дарро кушода даромад ва чашмбандашро аз рўй бардошт, чор нафар зане ки аз ин пеш ўро ба хубй пешвоз мекарданд, дар ин ҷо нишаста буданд. Имрўз онҳо бо дидани вай пешонаҳошонро туруш карданд. Пас аз он бо имо ва ишорат гўё ки бо якдигар маслиҳат намуданд. Пас аз он яке аз онҳо — оне ки модари хонавода буд:

— Он зани падарат, ки аз ин пеш туро ҳамроҳи худ меовард, дар куҷост? — гуфта пурсид. Қамар дудила шуда ба замин нигоҳ кард ва:

— Имрўз вай ҳамроҳи ман омада натавонист.

— Ба фикри ман,— гуфт занак,— ба пеши ў будани ту беҳтар аст. Аз рўи шуниди ман бояд падарат ба ту ва ба вай мегуфтагй гапҳои зарури бисьёре дошта бошад,— гуфт.

Пардаи сиёҳ ба оҳистагй боз рўйро пўшонид. Сояи сиёҳ боз роҳро пеш гирифт.

Духтарак чун сояе ки дар шаби торик барҳам хўрад, хомўшона баромада рафт. Дар ҳолате ки дилашро бори андўҳу алам ва рўяшро пардаи шармандагй фурў гирифта буд, ба роҳ даромад.

Баъд аз пеш кардани падараш ва модари ўгаяш ин духтараки бадбахтро Дувор ҳам дар худ ҷой надод. Ҳамаи аҳолии Дувор ўро мешинохтанд, дар дигар деҳаҳои Дувор ҳам монанди ҳамин деҳа ба рўи вай дарҳо бастагй буд.

Дар ин шаби тор, ки кўҳҳои баланд офтобро нест у нобуд кардаанд, дар замоне ки аз қаъри дараҳо тумани тираи аз мағриб сўхта бархоста баланд шудаанд ва дар сояҳое ки тамоми шаб онҳо ҳукмронй карда, фарьёд мекашанд, чеғ мезананд ва қаҳ-қаҳа мекунанд—куҷост он хобгоҳе, ки ин бечора дар он ҷо манзил гузинад.

Духтараки аз дарҳо ронда ва аз назарҳо монда, ки аз тарафи тақдир лаънат карда шуда буд, ба чодири сиёҳ печида ба роҳ даромад. Дар ҳолате ки ба куҷо рафтан ва чи кор карданашро намедонист ва ба фикраш чизе ҳам намерасид, мерафт. Ба сари хоктўдачае ки дар

зери он модараш хобида буд, рафта монданашро худаш ҳам нафаҳмид.

Торикӣ ҳама ҷоро фурӯ гирифта, тамоман шаб шуда буд. Дар торикии шаб сиёҳиҳои сангҳои нотарошидаи ба якдигар пайваста ба дидани ҷое роҳ намедод. Бо вуҷуди ин, духтари Зардуда ҷои ба худаш даркориро ёфта гирифт ва ҳеҷ хато нокарда ду сангро «санги мазори модараш»-ро шинохт. Рӯи некӯи модари азизи Қамар— Зардуда дар зери ҳамин сангҳо нуҳуфта буд.

Қамар ба рӯи хок дузону нишаст ва пас аз он ба ҳамин ҳол сари худро ба хоктӯдача ниҳод.

Пагоҳонӣ дар зери партави офтоб, ки аз куллаҳои кӯҳҳо фаромада буд, бедор шуд. Баъд аз бедор шудан ҳам аз ҷояш наҷунбида бо нигоҳҳои ҳасратнок ба ҳамин хоктӯдача нигоҳ карда хеле муддат хобид. Вай мебояд ин ҷоро ҳам партофта равад, дар ин ҷо ҳам вай истода наметавонист.

Вай аз ҷое ки хобида буд, оҳистекак бархоста ба роҳ даромад. Аз дур ба назараш хонаи падару модараш менамуд. Бомеро, ки бо пахол пӯшонида шуда буд ва деворero ки дар гирдо-гирди ҳавлӣ кашида шуда буд, равшан дид ва шинохт.

— Эй худо! Агар ҳамин вақт падарам ба назар намуда мемонд? Агар вай аз фикри дирӯзааш гаштагӣ мебуд? Агар вай «оё ба куҷо рафта бошад», гуфта духтарашро кофта гаштагӣ мебуд?... Дадаҷон!...

Чӣ хуш будӣ, ки падараш ба вай дастонашро дароз мекард, ҳеҷ набошад барои боз доштан аз ин роҳи нобалад, аз ин роҳи фалокат ва ҳалокат як дасташро дароз мекард... Чашмони дурахшони оташфишон лоба мекарданд, зорӣ менамуданд, ёрмандӣ мепурсиданд ва аз дур истода марҳамат ва меҳрубонӣ металабиданд. Офтоб бо партавҳои худ сар то сари саҳроро пур карда, ба пеш ҳаракат мекард. Бакр ҳар рӯз дар ҳамин вақт аз хонааш мебаромад. Чӣ хуш будӣ ки бо ягон сабабе падараш ба вай беҷо ҳуҷум карданашро мефаҳмид ва аз карда пушаймон шуда, ба ҳоли вай дилаш месӯхт. Қамар ҳам аз марҳаматҳои падари меҳрубон далерӣ ёфта, худро дар бағали ӯ меандохт...

Инҳо умедҳо ва орзуҳои охирини Қамар буд. Оҳ, агар ин умедҳо пуч ва ин орзуҳо хушк барояд!

Дарвозаи ҳавлии Бакр кушода шуд. Бакр ҳам оҳиста-оҳиста қадам партофта баромад. Писараш ба дасташ

буд, ӯро «ҳадӯрсӣ» гӯён ҳаво дода гирифта бозӣ медошт, мебӯсид ва дӯстдорӣ мекард. Дар ҳамин дақиқа падари шодмон ва хушбахт будани ӯро дидан мумкин буд. (Эҳтимол саҳнаи даҳшатноки дирӯза акнун аз ёдаш фаромӯш шуда бошад!)

Бакр падари хушбахт буд, зеро ки писар дорад, писари худ дорад. Духтараш ҳам акнун ба пеши вай нест. Пас аз дидани ин падари хуштолеъ чашмони фаттони дурахшон сиёҳ рафтанд, мижгонҳои дарози қатор ба рӯи ҳамдигар хам гардиданд, пӯшида шуданд. Ашкҳои ҳасрат ҳам ба рухсораи ғамолуд нақши пои худро гузошта ба хоки хорӣ чакидан гирифтанд. Қамар ба якбора рӯи худро ба тарафи қабри модар гардонид ва ба зону нишаста рӯяшро ба замин молид ва хокро бӯсид. Пас аз он чашмбанди сиёҳ чеҳраи ғамолудро, ки бо ин ҳама ғамолудагӣ зебо буд, ба даруни худ гирифт.

Қамар ба сӯи беша қадамгузор шуд. Зеро роҳи Филиппивило бо роҳе ки ба Ҷомпоб мерафт, дар пеши ин беша ба ҳам мепайвастанд. Ҷомпоб бошишгоҳи Ҷон буд.

Чун умеди охирини духтари Зардуда, ки баъд аз ин «ба ростӣ ва ростагорона» зиндагонӣ карданӣ буд, канда шуд, ба Ҷомпоб рафтанро муқаррар кард. Зеро барои вай акнун роҳи дигаре намонда буд. Дар Ар-рӯҳ худро тамоман ба Ҷон партофта дили худро ором дода буд. Лекин толеъи носозгор, ба сабаби он воқеаи ногувор ин бадбахтро аз он бахтиёре ҷудо кард. Аз Ибни Маҳмуд ҳам ронда шуд. Акнун дилу тақдир ӯро ба сӯи Ҷон мекашанд. Вай ҳам «Бахти бад то ба куҷо мебарад обишхӯри мо[58]» гӯён ба роҳ даромад. Вай ба пеши Ҷон мерафт, муҳаббати худро ва расвоии худро ба пеши Ҷон гирифта мебурд.

Мабодо ягон кас дида нашиносад, гуфта чашмбандашро ба рӯи худ маҳкам пӯшонд, нигоҳ медошт, тез-тез қадам мегузошт, пошнаи нозуки кафше, ки дар вақтҳои дар Ар-рӯҳ буданаш вайро пӯшида буд, ба сангҳо бархӯрда тиқир-тиқир садо мебаровард. Шилшилаҳои дастпонаҳои нуқрагинаш дар ҷунбиш омада, ҷингир-ҷингир овоз медод. Вай торафт қадамҳои худро тез мекард, торикӣ ва танҳоии бешаи паҳновар ӯро ба тарафи роҳи калон меронд.

Як хачир ба болояш чанд ҷувол, аз дунболи хачир як мард, аз пушти мард се нафар зан гапзанон мераф-

танд. Қамар инҳоро дида, аз дунболашон давид. Аз рӯи одати он ҷо агар равандаи танҳо бо равандагони бисьёр дар роҳ дучор шавад, бо онҳо ҳамроҳ шуда мерафт. Қамар ба занҳо расида, ба онҳо салом дод. Занон истоданд. Яке аз онҳо, ки назар ба киёфаташ кӯҳансолтари онҳо буд, ба Қамар ба назари шубҳанок нигоҳ кард. Дар ин вақт марде ки пеш-пеш мерафт, ба пушт нигоҳ карда хачирро аз роҳ боз дошт ва ба занон:

— Пеш гузаретон,—гуфт.

Баъд ба Қамар нигоҳ карда:

— Кафши ту хеле хуб будааст, магар ту инҷой нестӣ?—гуфт.

Қамар: «Не» гуфт.

— Ба ман гӯш андоз! Ман кӣ будани туро намепурсам, лекин ту як зани ҷавон ҳастӣ (зеро ҷавонинат аз дастонат маълум аст) бо ин либоси шаҳрӣ, дар ҳолате ки банди дастҳоят бо дастпона зинат ёфтагӣ аст, дар ҳамин вақт, дар роҳи калони Дувор танҳо чӣ кор карда мегардӣ?—гуфт он марди раванда. Зан чодари сиёҳи сари худро ҳам кард ва дастҳо ба даруни фаранҷӣ кашида шуданд. Мард гирьяи занеро, ки ба даруни ин фаранҷии асрорангез буд, шунида охистекак:

— Магар ту духтари Бакри Човуш нестӣ?—гуфт.

— Эй худо! Ин ҳам мешинохтааст, ҳама мешиносанд, ҳама!..

— Ба хубӣ донистани ту даркор аст, ки касони осоишхоҳ ба баъзе корҳо дучор оянд ҳам, ба қадри имкон худро канора мегиранд. Аммо мумкин аст, ки баъзе касони роҳгузар ҳам туро шиносанд ва дар ҳаққи ту баъзе гапҳои номуносиб зананд ва дар натиҷа баъзе аҳволҳои ногувор рӯй диҳад ва дигар ин ки агар ту ҳамроҳи занони ман бошӣ, онҳо ҳар чизро аз ту мепурсанд ва кофтуков мекунанд. Ту ҳам ҳама гапҳоро ба онҳо гуфта медиҳӣ, онҳо бошанд даҳонашонро ғундошта наметавонанд ва дилсиёҳӣ рӯй медиҳад. Ман забони занон ва духтаронро бисьёр озмудаам, басо мешавад, ки ба сабаби зиёда ва беҷогӯии онҳо ханҷари марг аз ғилофаш берун меояд!

Дар ин вақт занон бо хачир хеле пеш рафта буданд. Мардак ба сухани худ давом карда гуфт:

— Бинобар ин ту ба мо ҳамроҳ шуда наметавонӣ, лекин ман аз дур ҳам бошад ба ҳимоя кардани ту ҳозир ҳастам. Ту аз дунболи ман ба дурие ки маро дида ме-

тавонӣ рафтан мегирӣ, дурии миёни мо ба дараҷае бошад, ки дар вақти даркорӣ ба ёрмандӣ чеғ задан мумкин шавад!

Пас аз он мардак:

— Мо ба Филиппвило меравем. Ту куҷо меравӣ?— гуфта пурсид.

— Ба Ҷомпоб — гуфт Қамар.

— Бисьёр хуб! Ба роҳи калон баромадан баъд менстӣ. Аз он ҷо аробаҳои кирони бисьёр мегузаранд. Ту ба яке аз онҳо савор шуда меравӣ,—хайру хӯш гуфта мардак аз дунболи занони худ давида рафт. Соатҳо гузашт, роҳ дур буд, пойҳои нозук монда шуда, аз кор баромаданд. Акнун монанди пойҳои занони деҳқон ба оҳистагӣ меҷунбиданд. Акнун дастпонаҳо ҳам набуданд. Ботинкаи пошнабаланд ҳам назари бинандагонро ба тарафи худ намекашид, зеро пошнаҳояш хӯрда шуда, даруну берунаш ба хок чӯлида, ба замин ҳамранг шуда буд.

Қамар дар гӯшаи роҳи калон нишаста,ояндаву равандагонро аз назар мегузаронид ва ба омадани роҳгузароне, ки ба онҳо ҳамроҳ шуда тавонад, интизорӣ мебурд. Аз ин роҳ фойтунҳои болопӯшидаи калон, колясказо, автобусҳо, автомобильҳо ва диличонҳо[59] гузашта мерафтанд. Қамар ҳам ба як диличон савор шуд, ба даруни он се-чор нафар мусулмонони маҳаллӣ ва ду нафар рум (аврупоӣ) буданд. Онҳо бо якдигар гап мезаданд. Аз онҳо суханони франсузӣ, молтагӣ, арабӣ ва дигар лаҳҷаҳо шунида мешуд. Бештарин суханони хандаовари мазоҳӣ дар миён мерафт. Қамар ҳам ҳанӯз тамомаш намурда буд. Дар болои ин вай ҳозир ба пеши Дӯсти меҳрубони худ рафта истодааст, бинобар ин ба он ҳама ҳасрату андӯҳи худ нигоҳ накарда, ба сабаби як сухани хандаовари франсузӣ, ки дар миён рафта буд, аз хандидан худдорӣ карда натавонист.

— Эй, ин мефаҳмидааст?

— Ҳо! Магар хандан вайро нашунидай?

Ба Қамар нигоҳ карда:

— Ҳамту не-мӣ?

— Ҳамту, таксир!

Қамар на танҳо франсузӣ донистанашро, балки франсузӣ навишта тавонистанашро ва аз мактаби ибтидоӣ шаҳодатнома доштанашро ҳам гуфта дод.

— Лаънат ба шайтон! Ту дар ин ҷоҳо танҳо чӣ кор мекунӣ ва ба куҷо рафтанӣ ҳастӣ?

Дигар ҷои дам нишастан набуд:

— Ба Ҷомпоб меравам,— гуфт Қамар. Аврупоиҳо таааҷҷуб мекарданд ва гап мепурсиданд. Аммо арабон гап намезананд ва хомӯш монда буданд. Онҳо танҳо барои озмоиш бо гӯшаи чашм нигоҳ мекарданд, ё ки аз зери пардаи тирезаи диличон ба беруи нигоҳ карда, чӯбҳои телеграф ва дарахтони атрофро шумурда мерафтанд.

— Бояд дар Ҷомпоб одами шиносо дошта бошӣ?

— Ҳаст, саркотиб Бертаро мешиносам!

— Бертаро? Бисьёр нағз! Франсуз хандида:

— Саркотиб ба дасти ту қалам медодагист ва менависондагист,—гуфт.

— Чаро нанависам. Дар пеши вай дар Ар-рӯх ҳам менавиштам,— гуфт.

Андак хомӯш монданд. Қамар мабодо саргузашти худашро медониста бошанд гуфта, аз ном бурданаш Аррӯхро пушаймон шуд ва дар бим афтод. Лекин ҳеҷ кас ба ин диққат накарда буд.

— Берта, ҳамон одами дарозқомати нишон (медаль)-нок не-мӣ? —гуфта яке аз онҳо ба дигараш.

— Берта домоди Донҷон аст, вай ду моҳ пеш аз ин ба духтари Донҷон хонадор шуд!—гуфт он дигараш. Як чархи диличон ба санг бархӯрд, аробакаш аспҳоро дашном дод. Боз хомӯшӣ сар шуд. Баъд аз қадре роҳ рафтан, дар миёни арабон ва франсузон гап сар шуд. Қамар дигар гап назад ва беҳаракат монд, танҳо бо ҷунбиши диличон меҷунбид. Дар Дувор бештарини мурдаҳоро ба хачир бор карда ба гӯристон мебурданд, мурдаҳои ба хачир боркардашуда ҳам ҳамин тарз меҷунбиданд. Қамар дар ҳолате буд, ки сухан шунида наметавонист, вай пеш аз баромаданаш аз диличон Бертаро дида буд, аз ҳама пештар зани Ҷонро дида буд. Ҷон бо қомати баланди зебо ва занаш ҳам хушрӯ буд. Онҳо дар паҳлӯи ҳамдигар мерафтанд ва дастҳошонро дар зери бозуи якдигар гузошта, дар роҳрафтан яке ба дигаре ёрмандӣ мекард. Гоҳо ба якдигар нигоҳ карда механдиданд.

Қамар ҳам дар пеши чорпояи калони мирзохона ҳамаи диләшро ва дар шабҳои асрорангез бошад, тамоми танашро ба Ҷон бахшида буд. Ҳозир вай Ҷонро як-ду қадам аз худ дуртарак дар ҳолати бахтиёрӣ, лекин бо як каси дигар гузашта рафтанашро дид.

Қамар як воқеаи дигарро ҳам дар хотир овард, ки

рӯзе дар кӯчаи Ар-рӯҳ ҳамин одамеро, ки вайро Қамар дӯст медорад, як-ду қадам аз худаш дуртар чашмонеро ки ба худаш нигоҳ мекарданд, нашинохта ва беқарории ин дили нозукро нафаҳмида, гузашта рафта буд. Дар вақте ки он ду сафедбахт ба кӯчаи якум даромада мерафтанд, зани никобснёҳи сиёҳбахт ба ҳамон кӯча нигоҳ карда монанди сурате ки аз санг сохта бошанд, ба ҷои худ шах шуда, беҷон ва беҳаракат монд.

## V

## ПИШАКИ ЗАРД

Рӯзи дуввум, дар вақти рӯз сафед шудан, ин зани рондашуда аз ҳамин ҷо ба аробаи болопӯшидае ки ба Ар-рӯҳ мерафт, савор шуд. Худ ба худ «зани аз Дувор ронда шуда, дар Ҷомпоб ҳам монда наметавонистааст»-гуфт. Тақдир дар ин ҷо ҳам ба вай номеҳрубонӣ нишон дод. Зарбаи охирин аз ҳама зарбаҳои пештара сахттар ва гаронтар буд.

Ҷон хонадор шудааст. Ин як кори табиӣ. Ҳамту бошад ҳам, Қамар инро чашм намедошт.

Акнун дар рӯи ҳамин замини паҳнавори бепоён барои рафта ҷойгир шудан танҳо ду нуқта ба назари вай ялт-ялт мекард: Бомуи-хонум, ё ки оғӯши дӯсташ Ҷоврило. Эҳтимол, ки яке аз онҳо ба Қамар бағали худро кӯшояд. Агар онҳо ҳам дарҳояшонро ба рӯяш банданд, боз «дод» нахоҳад гуфт. Зеро рӯҳи вай чунон афтода ва борҳои навмедӣ вайро чунон пахш карда буд, ки ба ҳамин ду дӯсташ бо боварии дуруст нигоҳ карда наметавонист. Агар онҳо ҳам пеш кунанд, ба ғайр аз «тақдир ҳамин будааст» гуфтан чора чист? Дар он вақт барои Қамар як роҳи торикро пеш гирифтан ва ҳеҷ тарафро андеша нокарда, аз торикиҳо раҳсипор гардидан мемонад.

Ароба Қамарро дар майдончаи мусофирхонае ки дар рӯбарӯи бутхона буд, партофта рафт. Чоштгоҳӣ буд. Мардумони маҳаллӣ гурӯҳ-гурӯҳ шуда ба идораи суд мерафтанд, имрӯз рӯзи маҷлиси муҳокима буданро Қамар дар хотир овард.

Қамар ҳам аз дунболи ҳамин мардум, ки бо либоси маҳаллӣ буданд, рафтан гирифт.

Ана панҷара, дар паҳлӯи панҷара дарахтони афлесун, ки ба таки онҳо рег рехтаанд. Дили маҷрӯҳи Қамар

бо насими умед меларзид. Дўсти бузургвори вай (Бомун-хонум) чунон некў ва меҳрубон аст, ки ҳеҷ мумкин нест вайро қабул накунад. Мардум дар пеши бинои суд омада, даромадан гирифтанд, лекин на човуше ки ба ҷои падари Қамар таъин шуда буд ва на дарбон, хеҷ кадом набуданд. Ба иморати судья (дар биное ки Бомун-хонумҳо дар он ҷо буданд) Қамар далерӣ накард, ки бе-рухсат дарояд. Шояд аз хонае ки онҳо менишинанд, ягон кас баромада ояд, беҳтар аст, ки аз он кас пурсидан баъд дароям гуфта фикр мекард. Хеле занон ва духтарон дар сояи дарахтони афлесун менишастанд. Қамар ҳам дар сояи дарахте ки ба иморати судья наздиктар буд, рафта нишаст. Лекин тирезаҳои хонаи Бомун-хонум, ки ба тарафи боғ нигоҳ мекарданд, бастагӣ буданд. Шипанги вай, ки ҳамеша нишимангоҳи ҳамсўҳбатон буд, имрўз холӣ ба назар менамуд. Хулоса ин гўшае ки мудом бо асари ҳаёт ва зиндагонӣ ҷўшида меистод, имрўз ҳама чизаш беҷон буд.

Баъд аз хеле вакт аз бинои судья Човуш баромад, вай бисьёр касонро ном гирифта ҷеғ зад. Мардумони ғуншударо ба гурўҳҳо ҷудо кард, касонеро ки бо овози баланд гап зада, ғалоғула мекарданд, ба ором нишастан фармуд. Пас аз он ба болои нимкат нишаста, ба тартиб додани коғазҳо сар кард.

Қамар аз ҷояш хест. Ба даруни фаранҷӣ вайро шинохтан мумкин набуд. Ба пеши Човуш рафта, ба забони арабӣ ба пеши зани ҳоким даровардани вайро пурсид.

— Дар он ҷо чӣ кор дорӣ?

— Ба худи вай гап дорам!

— Агар ту ба вай хидмадгор шуданӣ бошӣ, ҳозир вай хидматгор гирифт. Қамар эҳтиёт кард, дар ин ҷое ки номаш бо бисьёр ҷанҷолҳо баста шудааст, шиносоиидани худаш хуб набуд. Лекин ҳамту бошад ҳам, вай тамоми қуввати худро якҷо ғун карда:

— Не, барои хидмадгор шудан не, балки аз баъзе ошноҳои вай суханони зарури амонат овардаам,—гуфт.

Човуш ба чашми нобоварӣ нигоҳ карда:

— Куҷоӣ ҳастӣ?—гуфт. Қамар баъд аз як миқдор дудилагӣ:

— Аз Ҷомпоб!—гуфт.

— Аз пеши кӣ омадӣ?

Қамар ба ҷавоби ин пурсиш тайёр набуд. Бинобар ин бо саросемагӣ ҷавоб дод:

— Аз пеши ҷаноби саркотиб Берта!

Човуш гулӯяшро афшонда ба занак нигоҳ кард ва пӯшоки сару танашро аз назари диққат гузаронид. Пас аз он:

— Инту бошад, ягон вақти дигар меой. Ҳоло Бомунхонум бо шавҳараш дар Франсия, барои истироҳат рафтааст. Пеш аз як моҳ нахоҳад омад,— гуфт.

Човуш барои нишон додани ин ки аз ин ҷо рафтани Қамар лозим аст, боз ба тартиб додани коғазҳояш машғул шуд. Дили Қамар танг шуд. Бо вуҷуди ин, зарбаи имрӯзаро он қадар сахт намепиндошт, зеро дӯсти бузургвораш ӯро пеш накарда буд, ин дафъа тақдир ба вай зиёда номеҳрубонӣ нишон надод. Танҳо ҳамин қадар ки бо расвоӣ гусел кард.

Лекин пойҳояш дар ларзидан буд, зеро ду рӯз аст, ки пай дар ҳам ба болои вай борҳои гарон бор шуда истодааст. Қамар пеш аз он ки роҳи пурпечу тоби душвори худро давом кунонад, якчанд дақиқа дам гирифтанаш даркор буд. Вай оҳистекак ба сояи дарахтони афлесун рафта нишаст. Ҳамин вақт соат занги 11 зад. Ба хотири Қамар гузашт, ки аробаҳои почта аз вокзал дар соати дувоздаҳ ба роҳ мебароянд.

Ситиф Қоврило. Зудтар ба Ситиф рафтан даркор аст.

Ҳатто ба фардо мондан ҳам хуб нест. Барои Бомунхонум дар Ар-рӯҳ як моҳ интизорӣ бурдан даркор мешавад ва ҳол он ки мардуми Ар-рӯҳ аз Қамар нафрат кардаанд, ибни толибҳо бошанд, вайро ҳеҷ дида наметавонанд.

Лекин пеш аз рафтан ҳеҷ набошад ягон дақиқа дар ин ҷо истодан ва чизҳое ки худаш дӯст медошт, як бори дигар дидан мехост, боғи дилкушои рӯзҳои фирӯзи бачагӣ! Қамар ҳар як дарахтеро, ки дар ин боғ ҳаст, мешинохт. Ин аст дарахти лимӯе, ки Қамар дар замони бачагӣ дар миёни шохаҳояш ҷогоҳ мешуд. Ҳар гоҳ, ки аз ин ҷо ба Ҷон «ку-ку» мегуфт, гӯё вай ҳам ҳамроҳ шуда механдид.

Дар миёнаҷои боғ дарахти калони датура аст, ки ба вай ғализӣ пошида меистанд. Лекин вай дарахти заҳрдор аст, ба вай наздик рафта намешавад. Ин аст дарахти олхурӣ, ки дар пушти нимкат шохаҳои худро ба ҳар тараф паҳн кардааст. Дар миёни шоҳаҳои ин мурғон ошьёна мемонанд. Мурғон ба болои сари дарбони пира-

кӣ олхурӣ мерезонданд. Пишаке, ки Қамар дӯст медошт, бештарин ба зери буттаҳо ва ниҳолҳои беҳчасти боғ пинҳон шуда, бо эҳтиёти тамом ҳеҷ начунбида муш мегирифт.

Ҳоло пишаки зард дар куҷо бошад? Дар вақтҳое ки Бомун-хонум ҳамроҳи шавҳараш ба истироҳат мерафт, ин гурбаро ё ба падари Қамар — Човуш ё ки ба саркотиби калон ва ё ба ноиби ӯ Ҷон супурда мерафт. Онҳо ҳамеша ин пишакро бозӣ дошта, дӯстдорӣ мекарданд. Чашмони сиёҳи калон аз зери чашмбанд пишакро ҷустуҷӯ мекарданд. Бисьёр вақт нагузашта, пишак намудор шуд, вай монанди пештара дар ҷон худ буд. Қамар:

— Пиш-пиш,—гуфта ҷеғ зад.

Ин ҷеғ заданро бояд пишак фаҳмида бошад, ки пушташро ҳубобвор бардошта, гарданашро дароз кард. Қамар пештар ҳамин пушти гарданро мемолид ва дӯстдорӣ мекард. Ҳозир ҳам дасташро ба тарафи вай дароз кард. Дасти аз зери фаранҷӣ баромада ба гарданаш расидан замон пишак сари худро бардошта, андак ҳайрон шуда истод, пас аз он девонавор тохта рафта ба болои нимкат ҷаста баромад, пас аз он осуда шуда пойҳояшро ба пеши гӯшаш бурда, лесидан гирифт. Акнун ба ғайр аз рафтан ҷораи дигар набуд. Баъд аз Дувор ва Ҷомпоб дар Ар-рӯҳ Қамарро пишак ҳам рӯихуш надод ва пеш карданӣ шуд. «Моҳак» дар пеши ҳамин тиреза бо ҳамин пишак бисьёр бозиҳоро аз сар гузаронида буд. Аҷабо! Магар ҳамон пишак имрӯз ин ҳама ғаму ҳасратҳои беҳадду бепоёнро то нуқтаи охирин расидан ва зиёд кардан мехост?

Қамар аз ҷояш бархост, маҷлиси суд ҳам ба поён расида буд. Ноиби саркотиб ҳам ҳамроҳи драгоман аз маҷлиси суд баромаданд. Ибни Толиб, ки ҳанӯз ҳам монанди пештара фарбеҳ ва сурхрӯ буд, ба гардани худ як чизи сурхро овехтааст ва ба зани бегонае ки аз паҳлӯяш гузашта рафт, чашм андохт. Пойҳои ларзандаи занак бо қадамҳои тангӣ асабиёна пеш мерафт.

## VI

## ҚОВРИЛО

Оташароба аз миёни манзараҳои табиӣ бо ҳайбати дилгиркунанда гузашта мерафт, ҳамеша медавид. Дар ҳар чор як соат ба роҳҳои зерикӯҳӣ (туннель) ё ба пули

дарьёҳо бархӯрда, рафтори худро сусттар мекард ва ба ҳамин равиш ба тарафи Константин нигоҳ карда роҳ мебурид.

Қамар дар хоначаи сахти вагони муқаррарӣ ҷойгир шуда буд. Гоҳо ба ҷариҳои ҷаҳаннаммонанд, гоҳо ба теғаҳои кӯҳҳои зарду кабуд, ки монанди дами дос ҳаму борик буданд, мебаромад. Агарчи ҳеҷ чизро дуруст дидан мумкин набуд, Қамар ба ҳар тараф нигоҳ карда мерафт.

Алқантор... Асмиду... Байзо!

Қамар ҳозир ба худ аз ҳеҷ чиз ҳисоб намедод, ба торик шудани рӯи дунъё илтифот намекард ва ба ҳар чиз назар меандохт. Дар ин манзарае ки тораҳт ба хароба-ҳои бетартиб даромада мерафт ва дар зери партави залфи моҳ «Моҳак» метавонист тақдири бади худро бинад, яъне тақдири ӯ ҳам монанди ҳамин манзараҳо буд, лекин ин дар хаёли Қамар нагузашт. Вай ҳеҷ чизро намефаҳмид ва ҳис намекард. Ӯ ба даруни дарьёи бепоёни андӯҳ ғарқ шуда буд. Ин буд сафари охирини ӯ. Агар монанди дигарон вайро Коврило ҳам роҳ надиҳад, дар он вақт тақдир... дар ҳолате кӣ бо ҳамин фикрҳо мерафт, ӯро торикии шаб фурӯ гирифта буд.

— Константин! Аз вагон фуроетон!

Қамар фардо субҳгоҳӣ аз ин ҷо ба Ситиф хоҳад рафт. Вай дар зали истгоҳ ба қатори дигар равандагон, ки мунтазири омадани киштӣ буданд, хобид ва барои хоб бурондани худаш кӯшиш ҳам карда дид. Лекин хобаш набурд. Қамар ба кӯча баромад. Соати даҳ буд. Вай ба чанде аз роҳгузарон рост омад. Ногоҳ садои пояш баландтар ва оҳангдортар шуд. Ба сари пуле ки ба болои ҷарии ҷаҳаннаммонанди Алқантор сохта шуда буд, омада монд. Қамар фаранҷии худро бардошта бо сари синаи худ ба панҷараи оҳанини пул такья карда худ ба худ гуфт:

— Тақдирро як озмуда бинам-чӣ? Худро ба ҷарӣ андозам? Магар дар ҳамин сурат ҳасратҳои дили пурандӯхи ман ба поён бирасад.

Як аврупоии роҳгузар ба вай нигоҳ карда хандид ва ба забони арабӣ гап андохт. Ин одам як ҷавони некӯманзар буд ва ҳаракатҳояш зебо ба назар менамуд.

— Ман ба забони франсузӣ гап зада метавонам! — гуфт Қамар.

— Бисьёр нағз!

— Ба забони арабӣ гапзадагем барин хуб гап зада метавонам! — Аврупой боз хандид.

— Ту дар ин ҷоҳо чӣ кор карда гаштӣ? Ман туро як каси ғамгин гумон карда будам!

— Кӣ медонад? — гуфт Қамар ва ба ҷорӣ нигоҳ кард. Аврупой ба вай наздик омада оҳистакак сари ӯро бардошт.

— Духтарак! — гуфт аврупой.— Чунин чашму даҳон доштӣ, чаро гиръя мекунӣ? Бо ин чашм дигаронро гирьёнда метавонистӣ.

Суханонаш мулоим ва форам буд. Вай ба Қамар наздик омада, гарданашро дароз кард. Чашмони вай дар ниҳояти хубӣ буд. Дар ҷавоби ӯ ба хотири Қамар ҳеҷ гап нарасид.

— Номат чист духтарак? Имшаб ба хонаи ман меоймӣ? — Мӯйлабҳои вай ки хушбӯиҳо пахн мекард, ба лабони Қамар наздик омад. Қамар барои тела дода фиристодан дасташро ҷунбонид, лекин мардака ба ин роҳ надода танг дар бағал кашид.

— Эй худо! Магар тақдир маро аз роҳе, ки худам мехостам, баровардани мехоҳад? Чӣ қадар касон монанди ман дар чунин шабҳо нобуд шуда рафтаанд... Дар гӯшаҳои тангу торики кӯчаҳо, дар сари пулҳо... бо танҳоӣ... бо бадбахтӣ... Ситиф ҳанӯз дур аст. Коврило ҳоло дар он ҷо бошад-мӣ?

Мард ҳам бекасу бекӯии ӯро фаҳмида, худро ба ӯ соҳиб мепиндошт. Бо лабони ҳарис қанди ғаниматро дар макидан буд. Қамар фарьёдҳои ҷонхарош мекашид. Бо тамоми қуввати худ худро як ҷунбонд ва аз дасти ӯ халос шуда гурехт. Марди бегона аз дунболи ӯ бо тааҷҷубу ҳайрат нигоҳ карда монд.

Қамар ларзону тарсон дар зери оби араки шарму хаё ғӯтида, баъд аз ним соат омада ба ҷои пештарааш ба болои нимкати вакзол нишаст. Офтоб баромад, отапароба дур рафт, кӯҳҳои баландро бурида ба тарафи Ғарб нигоҳ карда мерафт.

Вақт ба як хел мегузашт. «Ситиф» монанди як қалъаи сиёҳи мустаҳкам кам-кам ба назар намоён шуд.

Дар саҳни вакзол отапароба, як ҷондарма ин сӯ он сӯ мегашт. Духтари аскари кӯҳна — Қамар ба пеши ӯ рафт.

— Духтар:

— Фармондеҳи бригада Ҷуберт — Петер-хонум ба куҷо менишинад, медонед-мӣ?

— Зани муаллим-мӣ? Аз дунболам омадан гиред.— Ҳар ду рафтан гирифтанд. Баъд аз чанд дақиқа дар кушода шуд.

— Қоврило!...

Каврило нашинохт. Ин кист дар зери чашмбанд ва фаранҷӣ?

Қамар чодари худро аз сар гирифта ба як сӯ партофт.

— Қамар... азизам Қамар!.. Қамар худро дар бағали ӯ андохт. Вай дар оғӯши дугонаи худ гӯё об шуда рафта истода буд. Аҷабо, канори саломат магар инҷост?

— Чӣ корҳо шуд? Ба ман гап зан! Қамар дар ҳуҷраи равшану мусаффо воқеаҳои сар то по андӯҳи худро тамоман ҳикоя кард. Воқеаҳо яке ба дигаре баста шуда, рӯзҳои сахти таърихӣ ба тафсил гуфта шуд. Муҳаббати Ҷон, ибни толибҳо, бо хоҳиши Ибни Толиб фиристодани рӯзномаҳо, воқеаи ҳукми суд, гурезагиҳо, сафарҳо, ҳамагӣ ягон-ягон гуфта омад.

— Азизам! — гуфт Қоврило,— ман туро ба пеши худ нигоҳ медорам, дар вақти даркорӣ ба қадре ки аз дастам меояд, ёрмандии худро аз ту дареғ намедорам.— Қоврило ба ҳоли Қамар афсӯс хӯрда гирист.

Ин чи гуна азоб? Бечора духтарак! Ӯро оянда чӣ қадар тарсондааст, дар ҳаққи ӯ чиҳое ки накардаанд? Худи Петер ҳам даромада омад. Вай ҳам воқеаро шунида афсӯс хӯрд.

— Қарор ёфт, шумо ин ҷо мемонед, барои шумо чигунае ки бошад ягон кор меёбем,— гуфт Петер. Баъд рӯи худро ба тарафи занаш карда:

— Боз касе ҳаст, ки дар ин бора ба мо ёрӣ хоҳад дод. Балки ӯ ягон кори нағзтар нишон дода метавонистагист. Ин кас ҷӯраи ман! Симофуд,— гуфт. Муовини муаллим — Симофуд Қамарро бо ҳамроҳии Қоврило ба хонаи хурдтараки худаш, ки ба усули Генрихи II сохта шудааст, қабул карда, дар вақте ки Симофуд-хонум чой медод, аз Қоврило:

— Чаро ҷаноби Петер ҳамроҳи шумо наомаданд,— гуфта пурсид. Номи ӯ Зина ва номи падараш Кочӣ буда, ӯро «Зина бинти Кочӣ» гуфта меномиданд. Вай либоси қобилии худро напартофта буд ва ба забони франсузӣ нағз гап мезад. Атика ном духтарашро ки баъд аз тамом кардани мактаби ибтидоӣ барои монанди падараш муаллима шудан дар таҷриба дидан буд, ба меҳмонон

тақдим кард, Симофуд фоҷиаи Қамарро, ки кӯтоҳ карда гуфта истода буданд, шунида менишаст.

— Хонум Афандӣ! Ман дар масъалаи дуруст кардани аҳволи занон ва духтарони араб, бо франсузу мусулмонон ҳамроҳ кор мекунам. Саргузашти шумо ба мо бисьёр чизҳо медиҳад. Мо дар ин вокеа дар чанд ҷо хатоҳои асосӣ мебинем. Ман гуфтан мехоҳам, ки падаратон бо он ки шуморо дар мактаби франсузӣ тарбия карда, дар фикри шумо хеле муаммоҳои нав пайдо кунондааст, бо ҳеҷ як аз хоҳиш ва назарҳои шумо ҳисоб накарда ба шавҳар додааст. Гуфта мешавад, ки падаратон қондаи асосии исломро надонистааст, ё ки донад ҳам, ба вай эътибор накардааст, аз рӯи қондаи ислом барои занушӯй шудан хуш кардани писару духтар якдигарашонро шарт аст. Падари шумо бошад ба муқобили ин қонун бо одат ва расмҳои кӯҳна кор кардааст. Дар болои ин барои ба шумо шавҳар ёфтан ҳам вай корро гаштаю баргашта хуб мулоҳиза накардааст. Ба намуди зоҳирии Муҳаммад фирефта шудааст. Агар вай дар ин масъала танҳо ба зоҳирбинӣ қаноат намекард, як ҷавони мусулмонеро ки аз ҷиҳати фикр ба шумо наздик бошад ва ба ҳар масъала бо шумо баробарӣ карда тавонад ва шуморо дӯст дорад меёфт. Шумо ҳам бе ӯ зиндагонии хуш гузаронида метавонистед. Ман духтари худро бо ҳамин роҳ ба шавҳар доданӣ ҳастам.

Қамар аз қабилаи Қобил ҳам чунин одами соҳибфикри дуруст мерасидаст-дия гуфта аз вай чашмашро канда наметавонист. Худ ба худ:

«Ин як фикри бисьёр дуруст ва рост аст, ман ҳам дар вақте ки намедонистам Ҷон маро дӯст медорад, хоста будам ки Муҳаммадро дӯст дорам»,— гуфт Қамар.

— Азизам! — гуфт Зина.— Ҳар кадоми мо ба дӯст Қоврило аз барои барпо кардани зиндагонии нав ёрмандӣ хоҳем кард. Ҳозир вай як духтари соҳибихтиёр аст. Барои ӯ аз гирду пеши худамон ягон шавҳари мувофиқ баромада мемонад!

Симофуд сари худро ҷунбонда ба фикри занаш Зина муқобил баромад:

— Зани мусулмон, ки дар вақти ба шавҳар расидан дар маҷлиси ин коҳи худ ҳозир шуда наметавонад, албатта бояд аз тарафи вакили худ никоҳ шавад. Аз рӯи одати ҳозира бояд падараш вакил шавад, дар вақти зиндагии падар дигар кас вакил шуда наметавонад, то

вакте ки аз хонаводаи худ тамом чудо шуданашро нисбат накунад, ба каси дигар ваколат дода ҳам наметавонад. Ба ин гуна никоҳ ҳеҷ мард розӣ нахоҳад шуд.

Қамар ба Зина-хонум изҳори ташаккур кард:

— Саломат бошед хонум Афандӣ! Сухани ҷаноби Симофуд дуруст. Ман ҳам: «маро боз ба шавҳар додан аз зиндагонии ҳақиқӣ ҷудо кардан аст» гуфтанӣ будам.

— Мон ҳамин тариқа гапҳоро. Хуб, гуфтем ки ба шавҳар нарасидӣ: барои озодии занон ба ғайр аз ба шавҳар расидан чораи дигар нест-мӣ? Ягон кори дигар меёбем, охир! — гуфт Коврило.

— Албатта,— гуфт Симофуд.— Лекин кор ёфта мешуда бошад-мӣ? Дӯсти шуморо барои хидмати бюро мондан, ё ки ба завод-фабрик фиристодан он қадар дуруст намебаромадагист, эҳтимол вай шароити хизмати онҷоҳоро надонад. Эҳтимол ман ҳато фикр карда бошам, лекин назар ба аҳволи имрӯза дар Алҷазоир як зани маҳаллӣ, ки тарбияи франсузӣ дида ва хонда бошад, аз хонаводаи худаш дар канор истодани ӯ, на ба чашми франсузон ва на ба чашми арабон хуш наменамояд. Ин аст як навии Алҷазоири франсузон; агар ин гуна зан аз дараҷаи ба худаш лоиқ пасттар фарояд, дар он сурат... дар он сурат...

Дар вақти гап задани Симофуд дар пеши чашмоне ки торафт мутаассир мешуданд, пардаи сиёҳ меафтод ва аз ҳар нигоҳи онҳо аломати афсӯсу надомат намоён мегардид. Атиқа оҳистакак дар паҳлӯи Қамар омад:

— Хонум Афандӣ,— гуфт,— барои шуморо бӯсиданам рухсат медодед?

— Ин сухане ки бо дили софи бачагона гуфта шуда буд, ба чӣ андоза самимият дошт, дар ҳамин ишораи хурдтарак чӣ қадар ҳисси наздикӣ ва ҳамзодӣ буд! Инҳо аз ҷиҳати фикр гӯё хоҳарони якдигар буданд! Қамар ӯро дар бағал кашид. Симофуд ҳам дигар гап зада натавонист. Ба чашмони Коврило ва Зина ҳам об чарх зад.

Барои ба Қамар хидмат ёфтан се-чор рӯз ҷой кофтанд. Як рӯз Коврило як ҷой ёфтагӣ барин шуд. Як ҷамъияти насороҳо занони ҷавони мусулмонро қабул мекардааст. Лекин азбаски мақсади ҷамъият занони ба худаш қабул кардаро ба дини насоро даровардан будааст, Қамар сар печид.

Магар мусулмон шуда истода франсузонро дӯст доштан мумкин нест? Аз ҳар чиз даст бардор... Динатро фу-

рӯш, ба як сурати разилона муртад шав... Аз ҳама бехтараш боз ба як тарафи номаълум гурехтан аст. Ба роҳи сиёҳ... Дар торикӣ...

Боз ҷойкобӣ сар шуд. Як рӯз — ду рӯз, як ҳафта гузашт. Як рӯз падари Қоврило — фармондеҳи бригада Ҷуберт ба хонаи духтари худаш Қоврило барои таоми чоштӣ ба меҳмонӣ омад. Ӯ Қамарро дар вақти хурдсолиаш медонист ва мешинохт. Пурсупос кард. Ҷуберт дар Ар-рӯҳ ба тамоми бригада фармондеҳ буд. Дар он вақт духтараки хурдсоли зирак — Қамари шӯхро ҳамаи аъзои ҳайати фармондеҳии бригада дӯст медоштанд. Даст ба даст гирифта, бозӣ медоштанд ва аз шӯхиҳои вай лаззат мегирифтанд. Ҷуберт ҳам ӯро дӯст медошт. Ҷуберт дид, ки ҳанӯз дар боран Қамар ҷорае надидаанд ва духтараки бечора аз ғояти ғаму андӯҳ заб-зард шудааст, дашном доданро сар кард: лаънат ба шайтон... ин кори хуб нест. Аскари дерина Бакр барои чӣ духтари худро пеш кардааст? Ҳозир духтари худро ҷеғ зада бигирад, ба ягон одами мӯътамади нағз ба шавҳар диҳад!

Бакр ба зери дасти Ҷуберт хидмат мекардагӣ як одам, Ҷуберт ҳозир ба Бакр, ба судья, ҳатто ба ҳоким ҳам дар ин бора хат менависад. Агар лозим шавад, онҳоро ба суд ҳам медиҳад. На ин ки фардо, пасфардо, балки дар худи ҳамин рӯз ҳам. Қамарро ба хонаи худаш фиристэда метавонад...

— Не, не! Хат нанависед,— гуфта Қамар зорӣ кардан гирифт. Зеро вай медонист, ки Ҷуберт ба болои як чиз андеша карда меистодагӣ одам нест. Як чиз, ки ба худаш маъқул шуд, дарров иҷро мекунад. На аз воқеаи Ҷон ва на аз ҳақоратҳое ки дар Дувор шуда буд, чизеро нашунидааст.

— Нанависед падар, нанависед!..

— Менависам гуфтам, менависам! Ту бояд ба хонаи худ биравӣ. Хати ман фардо пагоҳӣ дар почта хоҳад буд. Ин гапро бовар кардан гир!

Аз лобаву зорӣ кардан ҳеҷ мурэд ҳосил намешуд, агар гапашро бисьёр гардондан гиранд, фармондеҳи худрой оташин шуда ҳам мерафт. Ҳатто як вақт оташин шуда занашро зада партофта буд. Қамар ва Қоврило ин воқеаро ҳанӯз фаромӯш накарда буданд.

Ҷуберт мувофиқи одати муқаррариаш шаб соати даҳ рафт. Қамар баъд аз ғундоштани сари дастурхон, ба хоначаи гӯшае ки ба вай дода буданд, рафт. Лекин

вай ба ҷойхоб даст назад ва ба болои кат рафта нишаста, шамъро кушт. Дилаш сахт-сахт мезад.

Дақиқаҳо гузашт. Ӯ беҳаракат монда буд. Имшаб намоз ҳам нахонд, зеро акнун аз худо металабидагӣ чизаш намонда буд, акнун тақдири вай равшан маълум шуда буд!

Қамар ба ҳеҷ сурат ба Дувор рафта наметавонист, зеро падараш аз духтараш нафрат карда буд, ҳамаи аҳли Дувор ба вай ба назари ҳақорат нигоҳ мекарданд, модари ӯгаяш бошад, дар асл душманӣ дошт, хусусан баъд аз писар зондан душманиаш зиёд шуда буд, инҳо ҳама деворҳое буданд, ки Қамарро ба Дувор роҳ намедоданд. Аз ғайри ин вақти дар Ар-рӯҳ буданаш дида буд, ки як духтари гурезаро ду жандарма дар миёна гирифта монанди дузди ҷинояткоре мебурданд. Агар ба маъмурият хабар диҳад, ба Қамар ҳам ҳамин тариқа муомила карданашон дур набуд. Хаёлоте ки ҳеҷ гоҳ аз Қамар дур нарафта, ҳамеша ба қарорҳои таҳлуканок сабаб мешуд, боз ҷон гирифт.

Қамар интизорӣ мебурд. Гӯшҳои шунавои вай расидани вақти муносибро хабар доданд. Қамар оҳистекак ба сафар тайёр шуд, кафшашро ба дасташ гирифт, пас аз он монанди муше ки аз гурба гурезад ба таки дарвоза рафт. Калид ҳамеша дар сӯрохи қуфл меистод, пеш аз он ки калидро тоб диҳад, аз дили ранҷида ва озурдаи худ ба дӯстонаш ташаккур гуфт ва хуш бошед кард. Ба духтари латифи хушбахти Симофуд ҳам бӯсаи видоъ фиристод.

Пас аз он...

Пас аз он — роҳи торик, ин роҳи тақдир... роҳи духтари ҷавони зебое ки касу кӯй надорад, монанди он шабе ки дар сари пули Алкантор воқеъ шуда буд, халоскунандае ҳам надорад. Роҳи духтари бадбахтест, ки акнун чизе ва касе ба назараш наменамояд, ки вайро аз ҳалокат халос кунад.

Эй бечора Қамар!..

# Эзоҳот

Ҷилди 13 Куллиёти Садриддин Айнӣ аз 2 қисм иборат аст. Бахши якум «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ», дуввуми—китоби «Қамар»-ро дар бар мегирад.

«Восифӣ ва хулосаи «Бадоъ-ул-вақоеъ» ба шакли китоби ҷудогона пас аз фавти муаллиф, дар соли 1956 интишор ёфта буд. Азбаски чигунагии он нашр дар дебочаи нависандаи ин сатрҳо барои он чоп баён ёфтааст, иқтибоси он сарсуханро дар ин ҷо муносиб донистем.

«Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» — китобе ки ба хонандагони мӯҳтарам пешкаш карда мешавад, ҳанӯз дар моҳи апрели соли 1946 бо қалами Садриддин Айнӣ ба итмом расонида шуда буд. Вале, ба ҷиҳати он ки муаллиф мехост бори дигар ин асарро дида барояд, то охири умри ӯ нашр нагардид.

Омӯхтан ва ба хонандагон дастрас намудани «Бадоеъ-ул-вақоеъ» фаъолияти хеле калони илмӣ ва адабиро талаб менамуд. Ин кор дар натиҷаи он ҷустуҷӯҳои илмӣ ва он омӯзиши маъхазҳои таърихӣ, ки дар муддати солҳои дароз аз тарафи С. Айнӣ бурда шуда буд, бо муваффақият анҷом ёфт.

«Бадоеъ-ул-вақоеъ» ҳанӯз дар соли 1925 вақте ки С. Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро тартиб медод, диққати ӯро ҷалб намуда буд. Баъдҳо натиҷаи корҳое, ки ин муаллиф роҷеъ ба ёддоштҳои Восифӣ бурда буд, аз тарафи ӯ ҷамъбаст карда шуда, дар журналҳои тоҷикӣ нашр ёфт. Чунончи, дар солҳои 1940—1941 мақолаи С. Айнӣ ба унвони «Як симои номашҳури адабиёти тоҷик» (журнали «Бо роҳи ленинӣ», 1940, № 12, 1941, №№ 1, 3, 4, 5) ва дар соли 1946 мақолаи дигари ҳамин муаллиф ба унвони «Восифӣ ва асари ӯ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» («Шарқи сурх», 1946, № 4, 5) чоп шуда буданд. Ғайр аз ин «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар дигар асарҳои таҳқиқии С. Ай-

кӣ низ хеле васеъ истифода бурда шудааст. Дар соли 1948 монографияи ин муаллиф — «Алишер Навоӣ» (Сталинобод, 1948) ва мақолаи ӯ бо унвони «Алишер Навоӣ ва адабиёти тоҷик» (ба забони ӯзбекӣ дар маҷмӯаи «Улуғ ӯзбек шоири», нашри АФ РСС Ӯзбекистон, 1948) ба хонандагон дастрас шуда буданд, ки яке аз сарчашмаҳои эътимодноки ин асарҳои таҳқиқӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ мебошад.

Адабиётшиносии тоҷик дар соҳаи таҳқиқи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ дар солҳои охир ба муваффақиятҳои нав ноил гардидааст, ки онҳо кори дар ин соха кардаи С. Айниро такмил менамоянд. Ба муносибати 1000-солагии рӯзи таваллуди Абуалӣ ибни Сино, ки дар соли 1952 қайд карда шуд, китоби А. Мирзоев «Ҳикояҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ» (Сталинобод, 1953) нашр гардид. Дар ин асар муаллиф ҳикояҳоеро, ки Восифӣ оид ба Ибни Сино накл менамоянд, аз назар мегузаронад, таҳлил менамояд, ки маҳз ҳамин ҳикояҳоро С. Айнӣ дар китоби худ танҳо номбар намудааст. Дигар, баробари китоби С. Айнӣ монографияи проф. А. Н. Болдыревро дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Восифӣ Академияи фанҳо ва Нашриёти Давлатии Тоҷикистон чоп карданд, ки онро як таълифи таҳқиқи батафсили муҳим оид ба «Бадоеъ-ул-вақоеъ» бояд шумурд. Асари А. Н. Болдырев низ натиҷаи фаъолияти дуру дарозе буда, дар маҷмӯаҳои илмии Эрмитажи Давлатӣ дар шаҳри Ленинград қисм-қисм нашр ёфтааст. (Труды отдела Востока Эрмитажа» ч. II, 1940, ч. IV 1947).

Нашри хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ, ғайр аз аҳамияти ӯ дар ҳалли масъалаҳои таърихӣ аз ду ҷиҳат қимати фавқулодда дорад. Якум он ки хонандагони имрӯзаи мо бо мундариҷаи асосии яке аз шоҳкорҳои адабиёти асримиёнагии тоҷик ва эҷодиёти муаллифи он — Зайниддин Маҳмуди Восифӣ шиносо хоҳанд шуд. Дуюм он ки дастрас гардидани «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ба хонандагон, муаллимон ва адабиётшиносон ба ҳалли баъзе масъалаҳои назарияи адабиётамон кӯмак хоҳад расонд. Аз ҷумла асари Восифӣ барои омӯхтани баъзе масъалаҳои анъанаҳои классикони тоҷик мавқеи махсусеро хоҳад гирифт. Зеро «Бадоеъ-ул-вақоеъ» бузургтарин намунаи жанри хотирот дар таърихи адабиёти мо буда, услуб ва сабки ба худаш хосро доро мебошад.

Дар адабиёти советии тоҷик, ки жанри хотирот бо «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ шурӯъ мешавад, анъанаҳои нависандаи забардасти воқеанигори асрҳои XV—XVI Зайниддин Восифӣ хеле равшан мушоҳида карда мешавад. Аз ин ҷиҳат он ҳам хеле қобили диққат аст, ки С. Айнӣ ёддоштҳои худро пас аз ҷустуҷӯҳои илмӣ ва адабии дуру дарози дар соҳаи омӯхтани «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ва таҳқиқи осори дигар классикон бурдааш шурӯъ карда буд ва навишт.

Дар зарфи ба чоп тайёр кардани «Восифӣ ва хулосаи Бадоеъ-ул-

ваҚоеъ» ба матни асар баъзе тағйирот дохил кардан лозим шуд, ки он асосан аз ихтисороти якчанд ҳикояҳои мазмунан аз одоб берун ва ғайра иборат буда, баъзе ҷумлаю тарзи ифодаҳоро низ дарбар гирифт. Чунончи, ҳикояи зани оҳангаронӣ, нақл дар бораи нозуктабиатии маймун — аз ҷумлаи ҳикояҳое мебошанд, ки ихтисор карда шуданд. Аммо баробари ин кӯшида шуд, ки ислоҳоти мо услуб ва забони С. Айниро тағйир надиҳанд, беҳтарин ҳикояҳои Восифӣ устухонбандии худашонро гум накунанд. Ин равия ҳатто ба ин ривоятҳои Восифӣ дахлдор мебошад, ки баъзан ниҳоят аз ақл берун буда, ба хонанда фоидае бахшида наметавонанд. Масалан, ҳикояи муолиҷа кардани ҷарроҳ ва шикастабанд аз боби «Дар бораи ҷанги Мирхалил бо Муфриди Қаландар» аз ҳамин қабил ҳикояҳоянд. Мувофиқи он нақл тариқи аз тарафи Устод Шайхи ҷарроҳ муолиҷа кардани захми рӯдаи Муфрид ном паҳлавоне, ки бо ханҷари Мирхалилпаҳлавон ва ятимони (паҳлавонони) ӯ ба амал омада буд, гӯё чунин будааст:

«Устод Шайх захми рӯдаи Муфридро дида фармуд, ки якчанд мӯрчаҳои саворак-аспак ёфта оварданд. Устод чоки рӯдаро бо ҳам баробар карда як мӯрчаро ба вай рост нигоҳ дошт. Мӯрча аз ду тарафи чок лабҳои нешдорашро халонид. Устод дарҳол гардани мӯрчаро бо қайчича бурида танаи ӯро берун партофт ва ба ҳамин тариқа сар то сари захми рӯдаро бо неши мӯрча дӯхт. Муфрид дар муддати чил рӯз офият ёфта, ба сари қадам бархост».

Натиҷаи ҷанги дигари Муфрид бо Мирхалил гӯё ки чунин будааст.

«Муфрид он чӯбро каҷ карда ба соқи пои Мирхалил чунон зад, ки устухонҳояш рез-рез шуд.

Мирхалил бо зону барнишаст ва баъд аз он рост хеста пои шикастаи худро, ки овезон буд, сахт ҷунбонид. Устухонрезаҳо дар даруни пӯст чунон ки дар даруни саноч (тӯрбаи чармин) бошанд, ба якдигар бар мехӯрданд».

Инак ҳатто ҳамин гуна ривояти муболиғанокро низ ихтисор нанамудем ва ба хонандагон ҳавола намудем, ки онҳо бо назари танқид мутолиа кунанд.

Ба ҳамин тариқ, дар ин китоб хулосаи ёддошти Зайниддин Восифӣ дар таҳрири забонӣ ва тарзи ифодаи С. Айнӣ, ки тафсили тариқи кори худро дар сарсухани китоб баён намудааст, пешкаш карда мешавад. Азбаски нашри ҳозир дар силсилаи ҷилдҳои «Куллиёт» интишор меёбад, бояд нашри комили илмӣ бошад. Барои ҳамин тамоми китоб бо дастхатти муаллиф муқоиса карда шуд. Ихтисороти нашри аввал ва қитъаҳои соқитгардида ҷо ба ҷо карда шуданд, ҳамчунин ғалатҳои чопии нашри якум, ки ба гуноҳи муҳаррири нашриёт роҳ ёфта буданд, ислоҳ шуд. Аммо афтодагӣ ва ихтисороти калони нашри аввалро асосан дар эзоҳот оварда, як қисме аз онҳо, ки оҳанги

матиро тағйир намедода бошанд, бо ишораи махсус ба худи матн дохил намудем. Дастхатти муаллиф ба андозаи 30×21 буда, бо хатти хонои муаллиф навишта шудааст ва дар музей-архиви нависанда дар ҳузури Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад. Дар саҳифаи якуми дастхат номи китоб чунин омадааст: «Дар бораи Зайниддин Маҳмуд Восифӣ ва хулосаи ёддоштҳои ӯ «Бадоеъ-ул-вақоеъ». Натиҷаи заҳмати худро муаллиф дар рубоии зер ҷамъбаст намудааст, ки он дар дастхат пас аз унвони китоб оварда шудааст:

Ин боғ зи нахли кӯҳан орostaам,
В-он нахл ба теғи хома пиростаам.
Сайронгаҳе зиёда кардам ба шумо,
Ҳарчанд зи умри худ басе костаам.

Мехоҳем инҷо ишора кунем, ки «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ низ бо рубоие оғоз меёбад, ба тарзи зерин:

Ин хона зи хишти кӯҳна андохтаам,
Дар вай ҷашне зи рафтагон сохтаам,
То аҳли замони мо бидонанд, ки ман —
Як умри ҷавонӣ ба чӣ раҳ бохтаам.

Маълум аст, ки ин рубоии С. Айнӣ ба пайравии рубоии болоӣ сохта шудааст. Ба гумони мо ҳамоҳангии ин ду рубоӣ, ки яке барои таҳқиқоти С. Айнӣ дар мавзӯи осори Восифӣ гуфта шудааст, дигаре барои «Ёддоштҳо»-и муаллиф, ба ҳамон риштаҳои суннатӣ ва анъанавие, ки байни ин ду асар мавҷуд аст ишора ва шаҳодат дода метавонад. Рубоии дуввум, ки дар дастхатти муаллиф ва тамоми нашрҳо мавҷуд аст, аз ҷилди 6 Куллиёт («Ёддоштҳо», қисмҳои 1 ва 2) ба гуноҳи комбинати полиграфӣ (ин рубоӣ мебоист ба тарзи клишеи хатти муаллиф чоп шавад) ва шахсони назораткунандаи техникаи чоп, мутаассифона афтодааст. Умедвор ҳастем, ки хонанда ин ҷиҳати масъаларо ба эътибор хоҳад гирифт.

Дар бораи фарқҳои намоёни китоби «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» бо дастхатти муаллиф бояд гуфт, ки онҳоро мо дар қисми эзоҳот овардем, зеро як қисми тағйироти зарурии он нашрро муаллиф дар ҳолати хастагӣ ва бистарӣ бошад ҳам, аз назар гузаронида буд ва ризояти худро ба ин ҷониб, ки он гоҳ ин асарро барои чоп ҳозир мекардам, дода буд.

Дар эзоҳот ҳарфи «Д» аломати ихтисории «дастхати муаллиф» гуфтан аст. «Восифӣ»-ба китоби С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сталинобод, 1956) ишора мекунад. Дар соли 1961 дар нашриёти Академияи Фанҳои СССР матни комили илмӣ-интиқодии «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар ду ҷилд нахустин бор дар таърих интишор ёфт. Ин асари пурарзиш дар ҳаққи-

кат матни ҷомеъ буда, аз тарафи А. Н. Болдырев дар асоси 25 нусхаи мавҷуд таҳия шудааст. Баробари ин, ки бо ҳамин роҳ самараи заҳмати бисьёрсолаи А. Н. Болдырев ҷомаи амал пӯшид ва ба дасти аҳли илм расид, яке аз орзуҳои деринаи С. Айнӣ—интишор додани матни комили «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ба ҳамин тариқ иҷро шуд. Ба дастгирии рисолаи дифоии А. Н. Болдырев дар телеграммаи расмии худ 3 июни соли 1954 ӯ чунин навишта буд:

Ленинград Университетская набережная 18 Восточный факультет Лениуниверситета Ученому совету. Диссертация Александра Николаевича Болдырева посвящена актуальной теме истории культуры таджиков. Автором составлен своднокритический текст Васифи по двадцати пяти доступным рукописям тчк Тем самым научный мир получил достоверный текст ценнейшего источника таджикской истории XV—XVI веков тчк. Более автор дал большое исследование творчества Васифи, ряда вопросов культуры тчк Ценный заслуживающий хорошего поощрения труд Болдырева даёт основание приветствовать учёный совет присвоение автору искомой степени доктора филологических наук тчк Скорейшее издание исследования и текста мемуаров Васифи считаю приоритетом советского востоковедения тчк Сожалею что состояние здоровья не позволяет прислать развернутый отзыв. Президент Академии наук, доктор филологических наук профессор Айни» (Ниг. К. Айни. «А. Н. Болдырев как исследователь и педагог», журнал «Памир», 1976, № 6, саҳ. 81). Ниҳоят пас аз даҳ соли дигар нашри дуввуми матни ҷомеъи илмиинтиқодии китоби хотироти Восифӣ дар Эрон бо ҳамкории Академияи фанҳои СССР, факультети Шарқшиносии Университети давлатии Ленинград, Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон ва Буньёди фарҳанги Эрон ба вуҷуд оварда шуд, ки назорати ҷигунагии тасҳеҳи нашри он бо ислоҳи лозим ба зиммаи нависандаи ин сатрҳо вогузор шуда буд.: «Бадоеъ-ул-вақоеъ», таълифи Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ба тасҳеҳи А. Н. Болдырев, ва мақолаи муҳаррири чопи дуввум К. Айнӣ, ҷилди 1, Теҳрон, 1971; ҷилди 2, бо дебочаи форсӣ ва пасгуфтори англисии муҳаррири нашри дуввум К. Айнӣ, Теҳрон, 1972.

[1] Д, *саҳ. 2,* «Аҳволи замони Восифӣ».— ниг. «Восифӣ», саҳ. 9.

[2] Д. *саҳ. 2,* фарқ ва илова дорад: Ин харобӣ, гуфтан мумкин то замони ҳукмронии Амир Темур-Темурланг (1370—1405) давом кард. Темур дар замони ҳукмронии худ ба ҳисоби мамлакатҳои истилокардааш Осиёи Миёнаро-асосан Самарқанд ва Шаҳрисабзро чи қадар обод карда бошад, писари ӯ — Шоҳрух дар муддати панҷоҳсола ҳукумати худ Хуросонро—асосан Ҳирот ва Машҳадро ҳамон қадар обод карда буд. — Ниг, «Восифӣ», саҳ. 9—10.

[3] Д. *саҳ. 3,* фарқ ва илова дорад: Баъд аз замони Улуғбек ҳаракати маданӣ дар Самарқанд рӯ ба пастӣ оварда бошад ҳам, ин ҳаракат дар Ҳирот дар замони Ҳусайн Бойқаро (1471—1506) бо суръати баланд ба амал омад. Тараққиёти маданӣ, ки дар Хуросон дар замони Ҳусайн Бойқаро рӯй додааст, бо номи вазири ӯ— шоири бузурги ӯзбек Мир Алишери Навоӣ сахт вобастааст.— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 10.

[4] Д. *саҳ. 3,* ва аз худи Хуросон ҳазорҳо талаба... «— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 10.

[5] Д. *саҳ. 3—4,* «Бинобарин ин тараққиёти маданӣ, ки бо вафоти Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ аз ҳаракат боз монда буд, бо мурдани Ҳусайн Бойқаро тамоман зеру забар шуд.— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 10.

[5] Д. *саҳ. 4,* илова дорад: Албатта сабаби асосии боз истодани ҳаракати адабӣ ва маданӣ ва тамоман зеру забар шудани вай вафоти ин шахсҳо набуда, балки сабаби ин харобӣ аз пеш тайёр шуда омада буд. Мо барои равшан кардани ин нукта бояд замони ҳукмронии Ҳусайн Бойқароро дурусттар таҳлил намоем:
Ҳусайн Бойқаро шахсан шуҷоъ, шоир ва маорифпарвар буд. Ӯ дар аввалҳои замони ҳукмдории худ... «— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 10.

[6] Д. *саҳ. 4,* фарқ ва илова дорад: «Мир Алишери Навоӣ бошад на танҳо олими бузург, на танҳо шоири забардаст ва на танҳо маорифпарвари гузаро буд, балки ӯ ба болои ин сифатҳо ватандӯсти ҳақиқӣ, инсониятпарвари самимӣ ва арбоби давлат, донишманд ҳам буд».— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 11.

[7] Д. *саҳ. 4,* фарқ ва илова дорад: «Вақте ки давлат марказият пайдо карда, подшоҳбозиҳое, ки баъд аз вафоти Шоҳрух дар Хуросон рӯй дода буд, барҳам хӯрда, дар роҳҳои тиҷорат ва рафту омад амният барпо гардид ва ба сабаби андоз ва хироҷҳои нисбатан боадолат деҳқон ва оммаи меҳнаткашон як дараҷа осудаҳол гардида, қувваи харандагиашон зиёд шуд ва дар натиҷаи ин аҳвол савдо-тиҷорат ва ҳам касбу косибӣ-ҳунармандӣ ривоҷ ёфта, аҳволи иқтисодии мамлакат боло гирифт, дар тараққиёти илмӣ, адабӣ ва маданӣ шароит ва замина ҳозир шуд».—Ниг. «Восифӣ», саҳ. 11.

[8] Д. *саҳ. 5,* илова дорад: «Ҳусайн Бойқароро, ки дар охири умраш ба сабаби озори по асп савор шуда наметавонист, маҷбур шуда

буд, ки ба тахти равон нишаста ба муқобили фарзандони худ сафари ҳарбӣ кунад».— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 12.

[9] Д. *саҳ. 6,* илова дорад: «(баъд аз замони Сафавиён ин ном ба тамоми ахолии Эрон баста шуд)» — Ниг. «Восифӣ», саҳ. 13.

[10] Д. *саҳ. 6,* фарқ дорад: «ба умеди наҷот» ин даъват ва ташвиқотро якдарача бо осонӣ ва зудӣ қабул мекарданд.» — Ниг. «Восифӣ», саҳ. 13.

[11] Д. *саҳ. 8,* илова дорад: «Хусайн Бойқаро, ки дар ин вақтҳо сахт бемор буд, бо вуҷуди ин ба тарафҳои Марв барои мудофиаи Хуросон аз ҳуҷуми Шайбонихон сафар карда буд, дар соли 911 ҳиҷрӣ (1506) милодӣ вафот намуд».— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 14.

[12] Д. *саҳ. 9,* илова дорад: «ҳавлиҳои чандиошьёнаи пуршукӯҳ бино ёфта буд. Дар пеши панҷара ва манзараи он хонаҳо занон ва духтарони паричехраи гуландом менишастанд ва толибони роҳгузар ҳар кадоми онҳоро, ки писанданд, меҳмон мешуданд». — Ниг. саҳ. 15.

[13] Д. *саҳ. 11,* илова дорад: «Чунки, агар ягон мансаби намоёне медошт, худи Восифӣ, ё ин ки ҳамзамононаш номи ӯро дар қатори номи мансабдорони он замон қайд мекарданд».— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 16.

[14] Д. *саҳ. 15,* «Восифӣ баъд аз чандин сол сарсариёна гаштан, охир ба хидмати Келдимуҳаммадсултон, писари Севунчхоҷахон дил баста, дар дарбори ӯ доимӣ монд» — Ниг. «Восифӣ», саҳ. 20.

[15] Д. *саҳ. 16,* фарқ ва илова дорад: «Аммо баъд аз он таърихи ин нависандаи сарсахти аз ватан дурафтода чӣ шуд, охири кораш ба куҷо анҷомид, дар куҷо ва ба кадом тариқа вафот кард ва қабри ӯ дар куҷо аст? Мо то ҳол ба ин суолҳо ягон ҷавоби равшан ёфта натавонистаем.

Фақат аз тамомияти ёддоштҳои Восифӣ то соли 938 (1532) тахмин кардан мумкин аст, ки бояд муаллиф дар ҳамон солҳо вафот карда бошад. Чунки агар ӯ баъд аз ин таърих зинда мемонд, сафарҳои ҳарбии дар Хуросон кардаи Убайдуллохонро қайд накарда намемонд.

Ва ҳол он, ки Убайдуллохон баъд аз сафаре, ки дар соли 935 ба Хуросон кард ва дар он сафар Восифӣ ҳам бо хони худ — Келдимуҳаммадсултон ҳамроҳ буд, боз чандин сафарҳои муваффақиятнок намуд. Чунончи дар солҳои 937—938 ба Хуросон сафар кар-

да Нишопур, Машҳад ва чандин шаҳрҳои дигарро ишғол намуд ва Ҳиротро дурудароз муҳосара кард ва инчунин дар соли 943 (1537) ба Хуросон сафар карда, Ҳиротро гирифт ва дар онҷо 14 моҳ ҳукмронӣ кард. Агар Восифӣ дар он вақтҳо зинда мебуд, ин воқеаҳои муҳимро, ки дар ватани худаш ва ба муқобили душманонаш — Сафавиён рӯй дода буд, дар ёддоштҳои худ албатта қайд мекард».— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 20.

[16] Д. *саҳ. 57,* ин порча дар поварақ омадааст.— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 58.

[17] Д. *саҳ. 63,* илова дорад: «Подшоҳ ба паҳлавон барои ин байт ҳазор тилло мукофот додааст». «Ниг. «Восифӣ», саҳ. 63.

[18] Д. *саҳ. 173,* илова дорад: «Инчунин Муҳибалии Балабонӣ ҷавоне буд, ки собиқан Шайбонихон дар боран ӯ ин матлаъро гуфта буд: Ба лабони шакарин то ба лабон овардӣ, Ба лабони ту, ки ҷонам ба лабон овардӣ!» — Ниг. «Восифӣ», саҳ. 161.

[19] Д, *саҳ. 181,* илова дорад: «дар асоси ёддоштҳои ӯ» — Ниг. «Восифӣ», саҳ. 169.

[20] Д, *саҳ. 182,* фарқ дорад: «Маълум аст, ки Мовароуннаҳр ва аз ин ҷумла Самарқанд баъд аз вафоти Темур ба бисьёр харобиҳо дучор гардид. Ҳарчанд ин сарзамин, хусусан, Самарқанд дар вақти олими машҳур авлоди Темур.— Улуғбек ба дараҷаи болои илму маданият расида бошад ҳам, баъд аз кушта шудани ӯ, боз ба харобиҳо гирифтор гардид. Баъд аз чандин вақт кушокушӣ, ки пас аз кушта шудани Улуғбек рӯй дод, бар тахти Самарқанд султон Абӯсаид нишаста бошад ҳам, ӯ пеш аз дуруст кардани вайрониҳои ин пойтахти Темур, ки бештаринаш аз дасти худаш ба вуқӯъ омада буд, барои вайрон кардани Хуросон ба он ҷониб сафари ҳарбӣ сар кард.»— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 171.

[21] Д, *саҳ. 184,* илова дорад: «Азбаски дараҷаи илмӣ, маданӣ ва иқтисодии олимону шоирони маҳаллӣ бисьёр паст буд, дараҷаи ахлоқиашон ҳам мувофиқи он ба пастӣ афтода буд».— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 173.

[22] Д, *саҳ. 187,* илова дорад: «Кучкунчиҳон дар Самарқанд ливои хонӣ барафрошта, такрим ва таъзими уламо ва фузалоро бар зиммаи худ аз ҷумлаи воҷибот шумурд. Дар замони салтанати худ мадрасаҳо, хонақоҳҳо, савмааҳо, масҷидҳо ва дигар букъаҳои

хайрияҳоро, ки дар замони собиқ фатарот ва вайрон шуда буданд, мараммат ва таъмир намуд».— «Восифӣ», саҳ. 175.

[23] Д, *саҳ. 209—211*, илова ва фарқ дорад: «Мавлоноҳоҷии Табрезӣ қарор доданд, ки бо ҷамъе аз талаба ва ёрони худ ба саводи Аъзами Ҳиндустон сафар кунанд ва оби ҳаёти зиндагониро аз он зулумот талаб намоянд. Ҳамон шабе, ки Мавлоноҳоҷӣ сафари Ҳиндустонро қарор дода буданд, фақир хобе дидам, ки гӯё ситораҳои осмон монанди пистонҳои гӯсфандон ширборон буда, кӯчаҳо ва бозорҳо монанди ҷӯйборҳои шир равон гардиданд. Пагоҳонӣ ба хидмати Мавлоноҳоҷӣ рафта хоби худро нақл намудам. Мавлонои мазкур гуфтанд: «Шир» иборат аз нури мазҳаби мост. Ин хоб ҳаминро башорат медиҳад, ки дарахти хабиси давлати Сафавиён монанди гиёҳҳои бадбӯи саҳрой бо вазидани ғалабаи лашкари мо бехканда хоҳад шуд ва ниҳоли мазҳаби мо, ки решааш дар замин ва шохҳояш дар осмон аст, сарсабз ва хуррам хоҳад гардид. Мо хобҳои фалониро (Восифиро) борҳо имтиҳон кардаем, ки мувофиқи таъбирҳояшон воқеъ шудаанд ва рост баромадаанд. Мавлоноҳоҷӣ бо шунидани ин хоби фақир бо ҳама талабагони худ азми сафари Ҳиндустонро шикастанд ва пои иқоматро дар замини шаҳри Самарқанд устувор намуда, миёни истиқоматро маҳкам барбастанд. Рӯзи сиюми зилқаъда пагоҳонӣ ин хабари шодмониасар расид, ки қизилбошон, ки доираи васеъи дуньёро бар арабу аҷам танг карда буданд, аз тирборони аскарони убайдуллохонӣ бо лашкаркаши худ Наҷми Сонӣ мағлуб гардиданд ва мардум бо шодиёна ин байтҳоро суруданд:

> Бо чарх гуфт кайвон[1] «Охир убайдхонро
> Маъмуран мамолиқ гардад тамом ҳосил!»
> Филҳол чарх гуфташ: «Эй пири солхӯрда!
> Ҳарчанд ҳозирӣ[2] ту, мо ҳам наем ғофил;
> Мо дидаему хонда аз рӯи толеъи ӯ —
> Ин шакл дар мабодӣ[3] в-ин нақш дар авоил[4]
> Ройти комкорӣ аз раъйи ӯст улъё,[5]
> Оёти шаҳриёрӣ дар шаъни ӯст нозил».

Восифӣ мегӯяд: кайфияти он фатҳ ва тафсили он воқеа чунин аст, ки чун ҷамоаи қизилбоши авбош шаҳри Насафро, ки иборат аз Қаршӣ аст, муҳосара карданд, дар он вақт Убайдуллохон ва Ҷонибексултон дар атрофи Кармина ва Кучкунчихон бо Темурсултон ва дигар султонони узбак дар Миёнкол (Катта-Қӯрғон ва Хатирчӣ) буданд, ҳамаи онҳо ба ҳукми он ки дар Қуръон гуфт шудааст: «Худро бо дасти худ ба таҳлука на-

---

[1] *Кайвон* — ба ақидаи ҳайъатшиносони замони қадим: 1—ситораи Зуҳал, 2 — фалаки ҳафтум; 2) ҳозир — дар ин ҷо ба маънои хабардор; 3) мабодӣ — ибтидоҳо, саравал; 4) *авоил* — аввалҳо; 5) *Улъё* — баланд, аъло.

андозед» — ба гурехтан қарор доданд» — ниг. «Восифӣ», саҳ. 193—194.

[24] Д. *саҳ. 237-238-239*, ҳикояи зеринро илова дорад:

*«Ҳамсӯҳбат шудани Восифӣ бо Убайдуллохон дар Бухоро*

Восифӣ мегӯяд: вақте ки мо бо Хоҷа ба арки Бухоро ворид шуда, бо Убайдуллохон мулоқот кардем, хон аз Хоҷа пурсиданд: — Ба ҷавоби қасидаҳои Котибӣ ҳеҷ шуғле намудед?
Хоҷа гуфтанд (айнан): — «Мавлоно Восифӣ гулҳои гулзори маъониро бар ваҷҳе чидаанд, ки ба ҷуз хори ҳасрат чизе дар дасти мо наёмад. Агар Котибӣ дар ин аср мебуд, ҳалқаи бандагии ӯро ба гӯш ва ғошияи «зинпӯши ҳаводориашро бар дӯш мекашид». Ҳазрати хон шунидани он қасидаҳоро хоҳиш карданд. Хондам, ба рағбати тамом гӯш карданд ва баъд аз тамом шудани хониш гуфтанд:
— Бо шунидани ин қасидаҳо моро ҳолате рӯй дод, ки метарсам он ҳасад ба маҳорати Мавлоно Восифӣ набошад.
Хоҷа гуфтанд:
— Бандаро ҳам ҳамин ҳолат рӯй дода буд, аммо ин нишонаи ҳасад нест; зеро ҳасад кардан бар чизе орзӯи заволи он чиз аст аз соҳибаш. Аммо ин ҳолате, ки ба мо аз дидани ин қасидаҳо рӯй дод, «ғибта» номида мешавад. Ғибта он аст, ки ягон сифат ва ё ягон чизеро орзу кунанд, бе он ки заволи вайро аз соҳибаш хоста бошанд.
Баъд аз он ҳазрати хон гуфтанд:
— Мо шунида будем, ки Мавлоно Восифӣ ҳофизи хушовозанд ва Қуръонро хуб мехонанд, чи мешавад, ки якчанд оят хонанд. Фақир қуръае аз қуръон хондам. Чун тамом кардам, хон гуфтанд:

Ё раб аз ҳифзи ту, ё аз ҳусни каломат гӯям?
Эй ту, маҷмуаи хубӣ, зи каломат гӯям?

Баъд аз он пурсиданд: — Аз илми қироат чизе хондаед? Гуфтам: — Дар хурдсолӣ чанд байте аз Шотибӣ[1] хонда будам. Хон гуфтанд: — Мо дар пеши Ермуҳаммади Туркистонӣ Шотибӣ мехонем. Муносиб он аст, ки Шумо дар ин сабақ ба мо шарик шавед!
Камина миннатдор шуда қабул кардам. Ҳазрати хон як китоби Шотибиро, ки бо хатти худ навишта будаанд, ба фақир ёдгорӣ доданд ва низ маблағи понсад тангаи убайдӣ, сару пои

[1] *Шотибӣ* — китобест манзум дар забони арабӣ дар бораи қоидаҳои қироати Қуръон ва таъйини талаффузи ҳарфҳои арабӣ.

муносиб ва як асп бо зин ва лаҷом инъом намуданд». — Ниг. «Восифӣ», саҳ. 215.

[25] Д. *саҳ. 239,* фарқ дорад: Убайдуллохон баъд аз суҳбати мазкур боз азими айлоқи Қаршӣ шуд. Чун хоҷа Ҳошимӣ хонро гусел карда омаданд, ба фақир гуфтанд:
— Фармони хон содир шуд, ки то бозгашта омадани эшон аз Қаршӣ бошишгоҳи шумо фақирхонаи ин камина бошад.
Ночор, иқболвор дар он остони фазилатнишон буданро қарор додам.— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 215.

[26] Д. *саҳ. 245,* фарқ илова дорад: «Фақир низ дар мулозамати шайхулислом — хоҷа Ҳошимӣ, дар мазори Баҳоуддини Нақшбанд ба рикоббӯсии хон расидем.
Дар суҳбате, ки дар он сари мазор бо хон воқеъ шуд, хон аз хоҷа Ҳошимӣ пурсиданд:
— Оё аз чистонҳои Мавлоно Қотибӣ чизе назаратон расидааст?
— Аз чистонҳои Қотибӣ як чистон аст дар бораи «чашм», ки бисьёр шӯҳрат ёфтааст,— гӯён Хоҷа ҷавоб доданд ва бо ишорати хон чистонро хонданд...
Хон, баъд аз шунидани ин чистон, гуфтанд:
— Мавлоно Қотибиро чистон бисьёр аст, ҳама хуб ва марғуб— ва баъд аз он чистонҳои худ як чистонро ба мо хонданд... Бо ҳамин қадар маҷлиси пешвозӣ ба охир расид. Хон ба Бухоро рафтанд ва мо ҳам ба хонаи шайхулислом баргаштем. Чун аз ин маҷлис пай бурда шуд, ки табъи хон ба чистон роғиб аст, фақир дар мадҳи хон бо радифи офтоб як қасида ба тарзи чистон тартиб додам [1]»...
— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 220.

[27] Д. *саҳ. 246 а,* илова дорад: «Ҳазрати хон аз рӯи лутф ва меҳрубонӣ гуфтанд:
— Мо таърифи Мавлоно Восифиро бисьёр шунида будем. Чун дидем, беҳтар аз шунида баромаданд,— ва ин байтро ба фақир хитоб карда хонданд:

Мешунидам, ки марди майдонӣ!
Чун бидидам хавор ҷандонӣ!

Баъд аз он ба фақир фармуданд:
— Шумо ҳам аз муаммоҳои худ бе ном хонед. Мо ҳам ба шумо тақлид карда фикрозмоӣ намоем, шояд кушода тавонем.

---

[1] Восифӣ дар ин ёддошти худ ҳамаи он чистонҳоро яконк нақл кардааст. Аммо навиштани онҳоро лозим надидем.

Фақир ду муаммои худро, ки ба номи «хон» буд, бе ном арз кардам. Хон дарҳол дарьёфтанд ва ба ин сабаб хурсандӣ карданд ва гуфтанд:

— Услуби муаммоҳои шумо якдарача маълум шуд. Гумони ғолиб он аст, ки муаммоҳои шуморо бештарин бе ном тавонем ёфт. Якчанд муаммоҳоятонро, ки осонфаҳм бошанд, бе ном навишта диҳед. Ба болои онҳо фикр давонем.

Фақир хаштод муаммои худро, ки дар коғазе навишта доштам, дарҳол номҳои онҳоро бурида гирифта ба хон тақдим кардам. Хон, ғайр аз чордаҳ муаммо, дигари он муаммоҳоро бе ном ёфтанд...»— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 221.

28 Д. *саҳ. 247*, фарқ ва илова дорад: «Фақир арз кардам:

—...Рӯзе Мавлоно Дурвеш як чашми худро барбаста ва асои сарнайзадоре дар даст гирифта заминро мешикофт ва аз ҷои шикофтан худ чизеро мекофт.

Мардумоне, ки ба гирди ӯ ҷамъ омада буданд, аз вай пурсиданд:

— Мавлоно чӣ меҷӯед?

— Доруи дарди чашм меҷӯям,— гуфт ӯ дар ҷавоб.

— Доруи дарди чашм чӣ чиз аст? — гӯён мардумон боз пурсиданд. Ӯ гуфт: — Саргини аспи ӯзбакон аст! Аммо харчанд ҷустуҷӯ мекунам, намеёбам [1]».

Восифӣ мегӯяд: бо шунидани ин ҳикоя хон бисьёр хурсанд шуда, хандиданд ва гуфтанд:

— Ин шахсро «девона» гуфтан мувофиқи ақл нест. Ӯ аз донотарин мардуми Хуросон будааст.» — Ниг. «Восифӣ», саҳ. 222. Дар ин ҷо эзоҳи Д (саҳ. 247) оварда нашуд.

29 Д. *саҳ. 253*, ҷумла фарқ дорад: «Бо башорати ин байт ҳақиқати ишорати сафари Туркистонро муқаррар намуда, аз Убайдуллоҳон рухсат гирифта шуд».— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 227.

30 Д. *саҳ. 225*, илова дорад: «Дар роҳ дар мадҳи Мири Араб ин ғазал тартиб ёфт (ба тарзи интихоб дарҷ мешавад):

...Раъят сарои дониш шаръро мадор!
Саъйи ту фатҳи лашкари исломро сабаб!»
...Бар хоки даргаҳи ту салотини рӯзгор —
Ҳар сӯ ниҳода рӯи ниёз ва раҳи адаб...
Хонанд халқ мадҳу санои ту субҳу шом,
Гӯянд хосу ом дуои ту рӯзу шаб...»

«— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 228.

Эзоҳи С. Айнӣ: «Шоир дар ин мисраъ ба кӯшиш карда-

ни Мири Араб дар рохи мудофиа намудани Мовароуннахр аз ҳуҷуми Наҷми Сонӣ ишорат кардааст».

[31] Д, *саҳ. 255—256,* фарқ ва илова дорад: «Баъд аз даромадан ба он шахри саодат ва шараф остонбӯсии он олигуҳар муяссар гардид. Он фазоилмаоб он миқдор лутф ва ғарибпарварӣ карданд, ки даҳьяки он ҳаргиз ба хотир намегузашт:
Аз он тараф напазируфт қадри ӯ нуқсон. Ва з-ин тараф шарафи рӯзгори мо гардид. Вақте ки ба шарафи мулоқот расидем, фақир ғазали мадҳияи дар боло зикрьёфтаро аз назари воло гузаронидам. Ба сила (мукофот) сарупои хосаи худро ба ин каминаи бесарупо марҳамат намуданд». Ниг. «Восифӣ», саҳ. 229.

[32] Д, *саҳ. 256,* фарқ ва илова дорад: «Бонии биноп адлу эҳсон-Убайдуллохон дар даруни қалъаи Саброн мадрасае бино фармудааст, ки монандаш дар дунё кам дида шудааст». Ниг. «Восифӣ», саҳ. 229.

[33] Д, *саҳ. 257,* илова дорад: «Баъд аз тамом шудани иморат, Убайдуллохон ҷамъеро аз Бухоро бо тӯҳфаҳо ва ҳадьяҳо ба Саброн фиристод. Онҳо аҳолӣ, уламо ва фузалои Туркистонро дар ин бино ҷамъ карда, маҷлисе сохтанд ва дар он маҷлис Мири Араб гуфтанд: — Азизоне, ки дар ин маҷлис ҳозиранд, монанди ин мадрасаи биное бозебу зинатро дар рӯи замин дида бошанд? Қасони ҷаҳонгаштае, ки дар он маҳфил ҳозир буданд, гуфтанд, ки мо монанди инро дар дунё на дидаем ва на шунидаем». Ниг. «Восифӣ», саҳ. 229.

[34] Д, *саҳ. 260,* илова дорад: «Хоҷа Низом дар бобати корҳои девонӣ росткор буда, шахсан соҳиби фазлу камол буд. Ӯ аз шеърҳои шоирони гузашта — аз қасоид, ғазалиёт, рубоиёт, маснавиёт ва аз китъаҳои мадҳия ва ҳаҷвия сад ҳазор байтро аз ёд медонист ва дар сӯҳбатҳо аз он абьёт муносиби мақом парчаҳо мехонд» — «Восифӣ», саҳ. 231.

[35] Д, *саҳ. 267, 268, 269,* пас аз боби «Ғорат ёфтан ва хароб карда шудани хонаи Мири Араб...» як боб илова дорад:
«Баъзе маълумотҳои эзоҳотӣ дар бораи Мири Араб». Восифӣ дар ёддоштҳои худ баъд аз ин воқеа чи шудани аҳволи Мири Арабро наменависад. Аммо асарҳои моддӣ, ки дар Бухоро ҳастанд ва ҳуҷҷатҳои навиштаи таърихӣ тамоми фаъолияти ободидӯстонаи Мири Арабро, ки дар Бухоро кардааст, равшан ва батафсил нишон медиҳанд: Мири Араб вақте ки ба Бухоро омад

ва хонаи ӯ дар Саброн тороҷ ёфт, ӯ Бухороро ватани доимии худ қарор дода, дар ин ҷо монд. Он ташаббускорие, ки дар Туркистон дар бораи ободонӣ дошт, дар Бухоро бо ёрмандии Убайдуллохон боз ҳам зиёдатар ва пурсамаратар ба кор даровард. Дар миёни рӯди Шофирком ва Хирқонрӯд дар замони қадим рӯде буд, ки дар замонҳои охир тамоман ботил гардида, заминҳои обхӯри он рӯд ҳамагӣ майса шуда буданд ва инчунин рӯди Шофирком ҳам қисман хароб ва камоб монда, як қисми заминҳои обхӯри вай ҳам нокорам гардида буд. Мири Араб бо фармони Убайдуллохон мардуми вилоятро ба ҳашар сафарбарӣ карда, аввал рӯде нав, дар гузаргоҳи рӯди кӯҳнаи ботилшудае, ки дар байни Хирқонрӯд ва Шофирком буд, канда ӯро ба номи Убайдуллохон «Султонобод» ном ниҳод (Убайдуллохонро пеш аз расман хон шуданаш «Убайдулло-Султон» мегуфтанд, ки дар вақти кандани он рӯд ҳанӯз «султон» буд). Ин рӯд аз болотари деҳаи Ғайшӣ аз Зарафшон об гирифта, то охирҳои қисми ҷануби тумани (районии) Шофирком об медод, ки тахминан 40 километр роҳ буд. Замини обхӯраи рӯди «Султонобод» аз ҷиҳати ҳаҷм танг ва кам бошад ҳам, бисьёр ҳосилхез буд. Ба болои ин дар ҷараёни ин рӯд дар ҷоҳои гуногун осиёи бисьёре барпо шуда буд, ки ҳосилдиҳии ин рӯдро боз ҳам зиёда мекарданд.

Мири Араб дар байни рӯди Пирмаст ва Султонобод дар шимоли калъаи Ғиҷдувон тахминан ду километр дуртар аз он, дар деҳаи Муғонак бар болои як тал (теппа) барои худ касре сохта, заминҳои он деҳаро тамоман мулки худ кард ва боқии заминҳои обхӯри Султонободро ба деҳқононе, ки дар ҳашари рӯдковӣ иштирок карда буданд, тақсим карда дода, ба ҳосилоти он заминҳо ба манфиати худ даҳьяки хироҷ вазъ намуд. Инчунин як қисми заминҳои обхӯри рӯди Шофиркомро (мавзеъи Қо-кон Қорақолпоқ, Истамзӣ ва қисми ғарбии деҳаи Қарохонӣ) ҳам, ки ба сабаби дубора кор кардан Шофирком обод буд, ба деҳқонони онҷой тақсим карда дод. Аммо он заминҳо амлоки султонӣ буда, аз ҳосилоти ҳукумат даҳчор (40 протсент) мегирифт. Убайдуллохон аз даҳчор ҳосилоти он заминҳо як ҳиссаашро ба манфиати Мири Араб гузашт кард, ки аз ин ҳисоб аз он заминҳо, ҳам Мири Араб даҳьяк ҳосилотро мегирифт (дар хусуси ҳамин қисм заминҳо дар «Ғуломон» ном румон, ки асари нависандаи ин сатрҳо аст, бобҳои алоҳида хаст). Мири Араб баъд аз ободу ҳосилхез кардани ин заминҳо, ки тахминан дар байни солҳои 928 ҳиҷрӣ (1522) — 936 ҳиҷрӣ (1530) ба амал омад, дар пои манори шаҳри Бухоро бинои мадрасаро сар кард. Ин мадраса то ҳол

ба номи «Мири Араб» машҳур буда, дар зебоии бино ва мустаҳкамии он беҳтарин мадрасаҳои Бухорост. Ин мадраса асосан дуошъёна буда гулдастаҳои беруннаш чорошъёна ва баъзе гӯшаҳои равокҳояш чорошъёна аст. Ин бино дар аввали сохти худ кошинкорӣ буда, ҳоло танҳо кошинҳои гунбадҳояш мондааст.

Бинои мадраса аз соли 936 (1530) сар шуда дар соли 942 (1536) ба анҷом расид. Миралия хушнависи машҳури Фатҳободӣ (Бухоро) таърихи тамомияти ин биноро ба ин тарика гуфта:

Мири Араб, фахри аҷам, он ки сохт
Мадрасаи олие бас булаҷаб,
Булаҷаб онест, ки таърихи ӯст:
«Мадрасаи олии Мири Араб» —

— дар дарвозаи он мадраса бо хатти худ канда ёдгор гузошт. Мири Араб хироҷи даҳьякро, ки аз обхӯрҳои Султонобод ва аз як қисми Шофирком мегирифт, ниме ба мадраса ва нимаи дигарашро ба авлоди худ вақф кард.

Мири Араб дар соли 942 (1536) аммо пеш аз тамом шудани бинои мадраса вафот кард ва дар гунбади шимолии он мадраса дафн кардандаш.

Дар он вақт қисми болои пештоқи мадраса ва қуббаҳои гулдастаҳои берунӣ ҳанӯз тамом нашуда буд. Баъд аз вафоти Мири Араб домоди ӯ — Шайх Закариё дар ҳамон сол бинокориро давом дода, тамом карда, ӯ ҳам дар ҳамон гунбад мадфун шуд. Нависандаи ин сатрҳо дар вақти аввалин бор аз қишлоқ ба Бухоро барои хондан рафтанам дар «Девхона» ном як ҳуҷраи ин мадраса истиқомат кардаам. С. Айнӣ.— Ниг. «Васифӣ», саҳ. 238.

[36] Д, *саҳ. 270,* илова дорад: «Беҳтарин сифати Фаркат инаст, ки дар вай Шайхулислом-Муфириддин хоҷа Абдурразоқ ватаи баргузидааст. Фақир дар роҳи Фаркат дар мадҳи Хоҷаи мазкур рубоии санъатворе гуфтам (наклаш лозим дида нашуд).»— Восифӣ, саҳ. 239.

[37] Д, *саҳ. 283,* фарқ ва илова дорад: «Подшоҳи вилояти Тошканд Севуҷхоҷахон бинни Абулхайрхон буд, ки хони боадлу дод буда, рӯзи худро ба фукаропарварӣ мегузаронид:

На касе дид дар айёми ҳаёташ, на шунид —
Ашк, ҷуз аз ашки маю, нола ба ҷуз нолаи чанг.
Оби теғаш агар аз боди ғазаб мавҷ задӣ,
Моҳии қаъри замин ғӯта задӣ чун харчанг

Ин подшоҳи динпаноҳро ду писар буд, ки ҳар ду дар дарьёи салтанат дурри пурбаҳои ҳашаматаш буданд:

Он яке бар авчи бурчи подшоҳӣ офтоб,
В-он дигар бар тахту бахти салтанат олнчаноб.
Он яке — султон Муҳаммад подшоҳи номдор.
В-он дигар — Наврӯз Аҳмад подшоҳи комгор.
Дар рикоби он равон Ҷамшеду Кайковусу Ҷам,
Дар ҷинобн ин ситода хисравони мӯҳташам.
Он яке бигрифта аз хоқон хироҷ аз зарби тег,
В-он дигар бахшида шоҳонро мамолик бе дареғ...»

— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 248.

[38] Д, *саҳ. 293,* фарқ ва илова дорад: «Восифӣ мегӯяд: ба шаҳри Шоҳрухия расида, ба мулоқоти Келдимуҳаммадсултон мушарраф шудам. Он подшоҳи олиҷоҳ ба ин хоки роҳ аз рӯи лутфу меҳрубонӣ монанди шир ба шакар ва нур ба қамар даромехт:

Ҳар шодие, ки чарх за мо фут кардӣ буд,
Онро ба як латифа қазо кард рӯзгор».

— Ниг. «Восифӣ» саҳ. 225.

[39] Д, *саҳ. 308, 309, 310* ба ҷои абзаци охир, пеш аз «Ҳикояти маймуни ошпаз», як боби зайл илова дорад:

*Фармон овардани зани оҳангаронӣ аз Севунҷхоҷахон ба писари ӯ — Келдимуҳаммадсултон*

Восифӣ мегӯяд: Дар соли 930 хиҷрӣ (1524) Келдимуҳаммад султон дар айлоқи Лаклакон, ки дар атрофи Пишкат (Паскент), аст, саропарда зада нишаста буд. Дар маҷлиси хон Шайхулисломи Севунҷхонхоҷа Абдурразоқ, Мавлоно Тайиби Кандбодомӣ (Конибодомӣ), Мавлоно Саиди Туркистонӣ, Мавлоно Абдулмӯъмин ва Мавлоно Аҳмади Самарқандӣ ташриф оварда буданд ва инчунин дар он маҷлис гурӯҳе аз талабаи улум ва фузало ва аз ғайри инҳо аркони давлат ва хидматгорони дарбор ҳозир буданд.

Дар ҳамин вақт як зан дар ҳолате, ки дар дасташ фармони Севунҷхоҷахон буд, омад.

Дарбон мехост он фармонро аз дасти ӯ гирифта ба хон расонад, он зан надод ва гуфт:

— Банда мехоҳам, ки ин фармонро бе воситаи шумо ба ҳазрати хон диҳам.

Султон ин сухани он занро шунида гуфт:

— Эй занак, пештар ой ва он фармонро ба дасти ман деҳ!

Занак он фармонро бо дасти худ ба дасти султон дод. Чун султон он нишонро мутолаа кард, табассуме намуда ба ҳозирон гуфт:

— Ин занак ин фармонро аз пеши ҳазрати хон ба номи ин фақир овардааст. Вокеа ин тавр будааст: ин занро шавҳараш се талоқ дода аз вай ҷудо шудааст. Зан як моҳ боз дар дарбори хон будааст ва талаб мекардааст, ки ӯро бо шавҳараш оштӣ диҳанд. Аммо шавҳараш қабул намекардааст ва мегуфтааст: «Агар маро ҳазор пора кунед, ягон пораам ҳам бо вай оштӣ нахоҳад шуд. Ва ҳазрати хон ҳарчанд ин занро насиҳат дода гуфтаанд, ки аз баҳри шавҳари аввалинт гузар, туро ба шавҳаре никоҳ мекунем, ки ба молу ҷамол аз ин шавҳарат беҳтар бошад» ӯ қабул накардааст ва гуфтааст, ки «агар подшоҳони олам ҳам ба ман майл кунанд, ман рад карда, шавҳари худро ихтиёр хоҳам кард. Хулоса ҳазрати хон ба фақир фармудаанд, ки «ин зану мард аз вилояти Оҳангарон будаанд, ки он ҷо ба ту таалluқ дорад. Бинобарин дар кори инҳо маслиҳате дида ин машғаларо аз сари ман дафъ кун!»

Султон Муҳаммад шавҳари ин занро талаб карда овард ва ба ӯ бо занаш оштӣ шуданро таклиф намуд. Аммо ин мард бо қатъият ин таклифро рад кард. Хон ба ӯ мулоимат ва хушомадгӯӣ карда, ӯро тархон (аз ҳаман андозҳо озод) намуда ва ба ӯ ҳарсола панҷ ҳазор танга инъом карда, ӯро ба оштӣ шудан розӣ кард.

Хон ба уламо гуфт:

— Акнун шумо рафта чорае бинед, ки ин зан ба шавҳари аввалаш ҳалол шавад. Уламо ба ҳайман шайх Олимшайх, ки назди султон буд, ҳозир шуданд. Хоҷа Абдурразоқ ба он зан гуфт, ки:

— Барои ҳалола кардан, аз ин ҷамоат, ки ин ҷо ҳозиранд, кадомашонро меҳоҳӣ? — Хоҷа дар вақти гуфтани ин суханҳо сару гардани худро баланд мебардошт ва худро ба он зан ба тарзи шӯхӣ тақдим мекард.

Занак аз Хоҷа чашми худро канда ба дигарон як-як нигоҳ мекард ва барои шавҳари муваққатӣ одам интихоб кардан мехост. Хоҷа Абдурразоқ ба дигарон гуфт: — Ёрон, ин зан ба иллати пирӣ маро қабул нанамуд. Акнун ҳар кадом, ки рағбат доред, бо вай созиш кунед.

Аммо ба ҳар кас, ки он зан чашм меандохт, ӯ хиҷолат кашида сар хам мекард. Дар охирин сафи маҷлис ҷавони соҳибҳусне буд. Он зан, чун он ҷавонро дид, гуфт:

— Барои ман ҳамин ҷавон кифоя аст.— Он ҷавон аз хиҷолат гирьён шуда, аз он маҷлис гурехт. Хулоса Мавлоно Мат-

лаъй, ки шоир ва аз илми хисоб хабардор буда, аз ҳамсӯҳбатони наздики султон буда, ба ин кор розй шуда, бо он зан созиш кард. Мавлоно Тайиби Қонибодомй он занакро ба Матлаъй никоҳ кард.

Матлаъии бешарм дар пеши чашми чамоат он занро ба як хаймаи дарида гирифта даровард.
Аз ҳозирони мачлис ва аҳли дарбор қариб дувист нафар кас ба атрофи он хайма ғун шуданд, ин бешармон аз чоки хайма ҳаракатҳои он бешармро тамошо мекарданд ва ган мепаррониданд...

Баъд аз талоқ додани Матлаъй, он зан ба шавҳари аввалиаш никоҳ карда шуда, бо ҳамин расвой ба муроди худ расид.
Чун ин воқеаро султон шунид, ба бешармии Матлаъй нафрат карда, ӯро аз назар андохт ва дигар вайро ба сӯҳбати худ роҳ надода аз дарбор ронд». «Восифй», саҳ. 267.

[40] *Д, саҳ. 313—314,* илова дорад: «Зимистон омад, сармо аз одат берун сахт шуд. Ба яке аз ходимони худ фармудам, ки шабҳо маймунро гарм нигоҳ дорад.
Як пагоҳонй ходим хандон омад ва аз ханда худро нигоҳ дошта наметавонист. Ман аз ӯ сабаби хандаашро пурсидам.
Вай хандаи худро базӯр паст карда, гуфт: «Имшаб сармо зиёда сахт шуд. Тарсидам, ки мабодо маймунро сармо занад, бинобар ин вайро бар рӯи бистари худ, дар пояни поям чой дода, ба тарзе, ки кафи поям бар синаи ӯ расида меистод. Субҳ дар шиками ман дам пайдо шуд ва бод шикастам. Дидам, ки маймун ба чунбиш даромад ва сари худро аз болопӯш берун карда истод, то вақте ки бӯи бад аз чои хоб бартараф шуд. Баъд аз он ӯ боз сари худро ба зери болопӯш даровард. Чун ман ин нозуктабиатии маймунро дидам, барои шӯхй дубора бод шикастам, ӯ ҳам монанди дафъаи аввал сари худро берун кард ва баъд аз тоза шудани ҳавои зери болопӯш, боз ба дарун кашид. Ман бисьёр хандидам ва дар дили худ гуфтам: «Маро бо маймун хуб ҳазлбозие шуд». Ва саввумбора боз ҳамон амали ношоистаро кардам, ин дафъа ҳам маймун сари худро берун бурд ва баъд аз замоне, ки даруни чойхоб тоза шуд, сар дарун кард. Аз болопӯш қадре пунба кашида гирифт ва хост, ки бо он пунба «чои «бодбаро»-ро бандад, то ки аз ончо дигар боди нохуш баромада, ӯро дар ташвиши димоғй наандозад. Ман бо дидани ин ҳол чунон хандидам, ки беҳуш гардида афтодам ва чун қадре ором гирифтам, барои маълум кардани ин ҳол ба хидмат шитоб намудам».

Мирзо Абуюсуф гуфт: «Хулоса он маймун сабаби шодмонӣ ва нишоти ман шуда, дар натиҷа боиси саломатӣ ёфтанам гардид».— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 270.

[41] Д, *саҳ. 315*, илова дорад: «Чун ин расм ба ҳузури султон расид, ӯро чунон шодмонӣ ва нишот рӯй дод, ки аз шиддати ханда суст шуда, ба қафо афтод».— Ниг. «Восифӣ», сах. 271.

[42] Д, *саҳ. 349*, илова дорад: «Ӯ бисьёр хуштабъ буд ва шеърро бисьёр неку мегуфт ва хуб мешинохт ва ин матлаъ азони ӯст:

Дӯстон, харгаҳ гузар сӯи мазори ман кунед! Ҷон табрикам дуои ҷони ёри ман кунед!»— Ниг. «Восифӣ», саҳ. 302.

[43] Д, *саҳ. 358*, як латифа илова дорад:

*«Латифа»*

Дузде ба боғи касе даромад. Соҳиби боғ ба тарафи ӯ давид ва ба ходими худ «Қалтакро биёр!» — гӯён овоз дод. Дузд гурехта рафта, аз боғ баромадан хоста, бар девор дасти худро банд кард. Соҳиби боғ ба вай расида, аз поҳояш маҳкам дошт. Дузд ба сари ӯ рих зад.

Соҳиби боғ ба ходими худ: — Қалтакро гузор, офтобаро биёр!» — гӯён овоз дод. — Ниг. «Восифӣ», саҳ. 310.

[44] Романи «Қамар» — асари Фердинанд Дюшен аз забони франсузӣ ба забони русӣ аз тарафи А. Қ. Виноградов тарҷума шуда, соли 1926 ба нашр расидааст: Фердинанд Дюшен, Молодой месяц, роман, перев. с предисловием и примечаниями А. Қ. Виноградова, изд. «Современные проблемы», М., 1926. Нашри дуввуми ин тарҷума: Фердинанд Дюшен, Молодой месяц, роман арабской женщины, 2-е дополн. изд. «Современные проблемы», М., 1927. Дар соли 1926 боз як тарҷумаи ин асар ба табъ расида аст, ки вай аз тарафи Н. А. Макшеева ба вуҷуд оварда шудааст: Фердинанд Дюшен, Қамир, перев. Н. А. Макшеевой, изд. «Мысль», Л., 1926. С. Айнӣ тарҷумаи худро аз рӯи тарҷумаи ӯзбекии Зариф Баширӣ (Фердинанд Дюшен, Қамар, румон, Зариф Башир тарҷумон, Ӯзбекистон Давлат, Нашр., Самарқанд-Тошкент, 1928) анҷом дода интишор намудааст: Фердинанд Дюшен, Қамар, румон, аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ С. Айнӣ, Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, Самарқанд, 1928, 207 саҳифа.

Нашри ҳозир дар асоси ҳамон табъи ягонаи тарҷумаи С. Айнӣ ба вуҷуд оварда шуд. Азбаски дар нашри соли 1928 хатоҳои чопӣ дида шуд ва ҳамчунин ҷоҳои шубҳаноке дар на-

виштҳи арабии он номҳо истилоҳот ва иборaҳо ба назар афтод, матни ҳозир дар бисьёр мавридҳо бо дастхатти муаллиф татбиқ гардид ва то андозае ғалатҳо ислоҳ шуд. Вале, мутассифона, дастхатти муаллиф низ мукаммал нест: қисми асосик дастхат бо қалами қариндош дар коғази андозаи 70×17 оддӣ бо хатти настаълиқи хонои муаллиф навишта шудааст ва дар саҳ. 97 ишора шудааст, ки нусха (саҳифаи охирин) нотамом аст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки нусхаи охирини таҳририй китоб ба матбаа фиристода шуда будааст. Ба ғайр аз ин дар дастхатти муаллиф чор саҳифаи дигар замима шудааст: бо ранги кирмиз 3 саҳифа ва бо ранги кабуд 1 саҳифа мусаввадаҳо ва тарҷумаи порчаҳои асар вуҷуд доранд. Азбаски тарҷимаи романи «Қамар» ба забони тоҷикӣ ва сабку услуби таҳрири он дар мақолаи муфассали С. Табаров таҳқиқ шудааст, барои ҳосил кардани маълумоти бештар руҷӯъ шавад: С. Табаров. С. Айнӣ ва тарҷумаи «Қамар»-и Фердинанд Дюшен, «Ҷашнномаи Айнӣ», ҷузъи 11, Нашриёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, Душанбе, 1963, саҳ. 46—116.

Дар матни ҳозири «Қамар» калимаҳое, ки дар қавсайни мураббаъ омадаанд [ ], аз дастхатти муаллиф оварда шуданд, яъне дар нашри соли 1928 (бо хатти арабии тоҷикӣ) вуҷуд надоранд.

[45] *Дерҷуман* — драгоман-калимае, ки ба забони франсавӣ аз форсӣ гузоштааст: тарҷумон-тарзубон. Драгоман-тарҷумони расмии сафоратхонаҳо ва элчихонаҳоро мегуфтанд, ки вай аксар вазифаи маслиҳатгузориро низ анҷом медод.

[46] *Фос* — номи шаҳрест дар Марокиш.

[47] *Фаси пӯпак, Фас* — кулоҳи дарози теғдор, ки дар баъзе мамлакатҳои Шарқ маъмул буд, махсусан дар шаҳри Фоси Марокиш. Дар ин ҷо ба маънои «фаши пӯпак» омадааст.

[48] Нишони фахрии легион — яке аз орденҳои Франция, ки барои ашхоси ҳарбӣ ва ғайри ҳарбӣ тақдир карда мешуданд.

[49] *Амали ҷовушӣ* — амали корвонбошӣ.

[50] *Ҳиҷоз* — аз калимаи ҳаҷз, ки ба маънои миёни ду тараф ва ду кас даромадан аст.

[51] *Кӯс-кӯс-як* навъ оши арабон, ки аз каду пухта шавад.

[52] *Натавонистани* — дар нашри якуми тоҷикии «Қамар» ба ҷои ин

калима иштибоҳан калимаи «ба вобастани» омадааст. Дар дастхатти муаллиф «тавонистани» дида шуд.

53 *Ярқос* — яраккос, калимаи ўзбекӣ, ки ба маънои «дурахшидан» аст.

54 *Куртачан* — яъне: танҳо дар либоси таг, фақат дар як курта.

55 *Е ал-ҳафиз* — яъне: ё паноҳанда.

56 *Натақ* — садо, овоз.

57 *Лавҳулмаҳфуз* — лавҳае, ки гўё дар он тақдир ва сарнавишти инсон сабт гардидааст.

58 *Обишхори мо* — мисраъ аз байти Хофизи Шерозӣ гирифта шудааст:

*Мо бирафтему ту дониву дили ғамхўри мо,*
*Бахти бад то ба куҷо мебарад обишхўри мо.*

59 *Дилиҷон-дилижонс* — аробаи чорчархаи болопўшидае (карета), ки чанд асп банданд ва бо вай почта ва одам кашонанд.

## МУНДАРИЧОТ

**С. АЙНӢ. ВОСИФӢ ВА ХУЛОСАИ «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ»**

**Даромади сухан** . . . . . . . . . . . . . . . . . 7

1. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ . . . . . . . . —

2. Тартиби кори ман дар бораи ёддоштҳои Восифӣ . . 21

### ҚИСМИ ЯКУМ

Ёддоштҳои Восифӣ дар бораи Хуросон ва хурдсолии худ 24

**I. Ёддоштҳои айёми бачагии Восифӣ** . . . . . . . . . . —

Дар бораи кушта шудани Мӯъминмирзо ва Низомулмулки вазир бо фарзандон ва наздикони худ . . . . . —

Ёддошти Восифӣ дар бораи хеши Низомулмулк — хоҷа Маҳмуди Фароҳӣ . . . . . . . . . . . . 30

Ёддошти Восифӣ дар бораи муаммоӣ шудани худ ва расиданаш ба ҳузури Мир Алишер . . . . . . . 33

**II. Ёддоштҳои Восифӣ дар бораи Навоӣ ва Ҷомӣ, ки аз касони дигар шунидааст** . . . . . . . . . . . . 39

Ёддошти Восифӣ дар бораи ҳамсӯҳбат шудани Қозизодаи Систонӣ бо Навоӣ ва Ҷомӣ . . . . . . . —

Ёддошти Восифӣ дар бораи хоҷа Муҳаммади Чанор, ки шарри ӯ бо кӯшиши Навоӣ бартараф шуда буд . . . . 43

Ёддошти Восифӣ дар бораи ҳашамати баковули Ҳусайн Бойқаро ва аз кор дур шудани ӯ бо саъйи Навоӣ . . . 45

Ёддошти Восифӣ дар бораи зиёфати хоҷа Маҷдуддини вазир, ки ба шарафи Навоӣ дода буд . . . . . . . 49

Дар бораи ошноии Ҳофиз Ғиёсуддини Даҳдор бо Навоӣ . 55

**III. Ёддоштҳои Восифӣ дар бораи Ҳусайн Бойқаро ва аҳволи шаҳри Ҳирот . . . . . . . . . . . . . . . . . 58**
Дар бораи паҳлавон Муҳаммади Абӯсаид, ки паҳлавони расмии дарбори Ҳусайн Бойқаро буд . . . . . . . —
Дар бораи гӯштӣ гирифтани паҳлавон Муҳаммади Абӯсаид бо паҳлавон Муҳаммади Молонӣ . . . . . . . . . . 63
Дар бораи мубориза кардани паҳлавон Муҳаммади Молонӣ бо фил . . . . . . . . . . . . . . . . . . 65
Ёддошти Восифӣ дар бораи хоҳарзодаи паҳлавон Абӯсаид-Дарвешмуҳаммад . . . . . . . . . . . . . . . 68
Дар бораи Муфриди қаландари бағдодӣ ва ҷанги ӯ бо Ҳайдарпаҳлавони ҳиротӣ . . . . . . . . . . . . . . 71
Дар бораи ҷанги Мирхалил бо Муфриди қаландар . . . 73
Ёддошти Восифӣ дар бораи бетартибиҳои ятимони Ҳирот ва ҷазоҳои ваҳшиёнае, ки ба онҳо дода шуд . . . . 76
Ҳикояти кимиёгари фиребгар ва муомилаи Ҳусайн Бойқаро бо ӯ . . . . . . . . . . . . . . . . . 78
Ҳикояти Тоҷуннасаб ва писари нақиби Нишопур . . . . 81

**IV. Дар бораи Ғиёсуддинмуҳаммад ва сафари аввалини Восифӣ бо ӯ ба Машҳад . . . . . . . . . . . . . 86**

**V. Ёддоштҳои Восифӣ дар бораи ишғол шудани Ҳирот аз тарафи Шайбонихон ва воқеаҳое ки аз сари худи Восифӣ гузаштааст . . . . . . . . . . . . . . . . . 101**

Аҳволи аҳли дарбор ва авлоди султон Ҳусайн дар вақти ҳуҷуми Шайбонихон ва пинҳон кардани Восифӣ як хонаводаи онҳоро . . . . . . . . . . . . . . . —
Дар бораи гурезониданн Восифӣ хазинаи Хадичабегим ва Хонзода Султонбегимро аз ӯрдуи Шайбонихон . . . . . 109
Дар бораи гурезонидани Восифӣ духтараки асира — Моҳчуҷукро . . . . . . . . . . . . . . . . . 113
Ёддошти Восифӣ дар бораи оқибати кори амир Ёдгор ва фарзандони ӯ ва гуреза шудани худ . . . . . 116

**VI. Ёддоштҳои Восифӣ дар бораи аз тарафи Сафавиён ишғол шудани Ҳирот, ҳикояти Мирзобайрам ва Руқиябегим . . . . 119**

Ёддошти Восифӣ дар бораи дучори худаш ба таъқиби сӯиқасдчиёни сафавӣ . . . . . . . . . . . . . . 125

**VII. Ёддошти Восифӣ дар бораи сафари худ ба Машҳад ва Нишопур . . . . . . . . . . . . . . . . . . 131**

**VIII. Ёддошти Восифӣ дар бораи сафари худ ба Мовароуннаҳр ва Туркистон . . . . . . . . . . . . . . 153**

## ҚИСМИ ДУВВУМ

Зиндагонии Восифӣ дар Мовароуннаҳр ва Туркистон
Баъзе маълумот, ки ба зиндагонии Восифӣ дар Мовароуннаҳр ва Туркистон дахл дорад . . . . . . . . . 166

**I. Ёддоштҳои Васифӣ дар бораи зиндагониаш дар Самарқанд . 166**

Ҳикоят дар бораи Мавлоно Хавофӣ . . . . . . . —
Зиёфати Мавлоно Хоҷагӣ ба шарафи Восифӣ . . . . 168
Мунозираи Восифӣ бо Ҳоҷаюсуфи Маломатӣ, ки вазири Кӯчкунчихон буд . . . . . . . . . . . 170
Воқеаи маҳбус шудани Мавлоно Хоҷаи табрезӣ . . . . 176
Ёддошти Восифӣ дар бораи сармои сахти Самарқанд ва қаҳту гаронӣ ва аҳволи талабагони фақири хуросонӣ дар он зимистон . . . . . . . . . . . . . . 178
Ёддошти Восифӣ дар бораи имтиҳон кардани аҳли камол ӯро дар иншонависӣ ва ёфтани муаммо . . . . . 182
Воқеаи ба Мовароуннаҳр ҳуҷум овардани Наҷми Сонӣ, мағлубият ва кушта шудани ӯ дар Ғиҷдувон . . . . . 185
Чистони шатранҷ (шоҳмот) . . . . . . . . . . 190
Чистони офтоб . . . . . . . . . . . . . —
Воқеаи Мақсуди Ҳаммори шаҳрисабзӣ ва ҳамсӯҳбатии Восифӣ бо ӯ дар Шаробхонаи Пули Сафеди Самарқанд . . 191
Ҳикоят кардани Восифӣ воқеаи дарсхонии худро дар назди Мавлоно Исомуддин, дар сӯҳбати Мақсуди Ҳаммор . . . 194

**II. Сафари Восифӣ аз Самарқанд ба Бухоро ва зиндагонии ӯ дар он ҷо . . . . . . . . . . . . . . . . 201**

Қасидаҳое, ки Восифӣ дар Бухоро ба радифи гулҳо гуфтааст . . . . . . . . . . . . . . . . 204
Мушоара ва назирагӯии Восифӣ дар хонаи хоҷа Ҳошимӣ 207
Дубора ҳамсӯҳбат шудани Восифӣ бо Убайдуллохон . . . 211
Ёддошти Восифӣ дар бораи зиёфати хоҷа Ҳошимӣ . . . 215

**III. Сафари Восифӣ аз Бухоро ба Туркистон . . . . . . 217**

Тавсифи мадраса ва корезҳои Саброн . . . . . . . —
Воқеаи вазири Убайдуллохон — хоҷа Низом ва бозиҳои сиёсии аҳли дарбори хон . . . . . . . . . . . 220
Ғорат ёфтан ва хароб карда шудани хонаи Мири Араб дар Сарбон ва гурехтани Восифӣ аз он ҷо . . . . . . . 228

**IV. Сафари Восифӣ аз Саброн ба Фаркат ва аз он ҷо ба Тошканд ва тавсифи Тошканд . . . . . . . . . . . 230**

Маснавии Восифӣ дар тавсифи Тошканд ва боғҳояш . . . 234
Ҳамсӯҳбатии Восифӣ бо Севунҷхоҷахон ва муаллимӣ кар-

данаш ба писари ӯ — Наврӯзаҳмадхон ва дилгир шуданаш аз Тошканд ва аз сӯҳбати хон . . . . . . . . . . 238
Сафари Восифӣ аз Тошканд ба Шаҳрисабз, аз он ҷо боз ба Тошканд ва Туркистон ва аз он ҷо дуввумбора ба Самарқанд ва аз он ҷо ба Шоҳрухия . . . . . . . 243

**V. Надим ва соҳибмашварат шудани Восифӣ ба Келдимуҳаммадсултон писари Севунчхоҷахон** . . . . . . . . . 245
Нақлҳои Восифӣ дар бораи Улуғбекмирзо . . . . . . 250
Ҳикояти маймуни ошпаз . . . . . . . . . . . 257
Мавлоно Ҷалолуддин Юсуфи наққош ва лавҳаи ҷавони бабршикор . . . . . . . . . . . . . . . . 260
Сурати хандаовари қозии Чодак ва ришкалони занҷабилфурӯш . . . . . . . . . . . . . . . . 261
Ҳикояти ришдарози аҳмақ . . . . . . . . . . 262
Гуфтор дар зикри вафоти Севунчхоҷахон ва кӯчидани Восифӣ аз Шоҳрухия ба Тошканд . . . . . . . . . . 263

**VI. Дар бораи Субҳӣ, Котибӣ ва Бобосавдой** . . . . . . . 264
Надим шудани Мавлоно Субҳӣ ба Амирзуннуни Арғун . . 273
Дар бораи Мавлоно Котибӣ ва муносибати ӯ бо Бобосавдой . . . . . . . . . . . . . . . . . 278

**VII. Ёддошти Восифӣ дар бораи Хамсаи муҳайира (Панҷгонаи ҳайратангез)** . . . . . . . . . . . . . . 282

**VIII. Сафари Келдимуҳаммадхон ба Хуросон ва баъзе ёддоштҳои парокандаи Восифӣ** . . . . . . . . . . . . . 288
Ҳикояти Мавлоно Огаҳӣ ва хоҷа Шаҳобуддини Исҳоқ . . 292
Ҳикояти бар сари манораи Гавҳаршодбегим баромадани Ҳусайншаҳриёр . . . . . . . . . . . . . . . 295
Нақлҳо дар бораи тоқи Кисро, Нӯшервон ва Ҳаҷҷоҷ . . . 297
Хотима . . . . . . . . . . . . . . . . 300

**ФЕРДИНАНД ДЮШЕН. ҚАМАР. АЗ ӮЗБЕКӢ БА ТОҶИКӢ С. АЙНӢ** . . . . . . . . . . . . . . . . 303
Як ду сухан . . . . . . . . . . . . . 305
Қисми якум. Шавҳар кардани Моҳак . . . . . . . 307
Боғи зебо . . . . . . . . . . . . . . . . 315
Тӯй . . . . . . . . . . . . . . . . . . 320
Муҳаммад . . . . . . . . . . . . . . . . 326
Қисми дуввум. Хонаи Муҳаммад . . . . . . . . . 332
Зану шӯй . . . . . . . . . . . . . . . . 339
Қафас . . . . . . . . . . . . . . . . . 345

Ёрмандихоҳӣ . . . 350
Фарьёд . . . 355
Амри маҳол . . . 359
Муҳаббат ва . . . 367
Қисми саввум. Роҳи ғарибона . . . 375
Дар Дувор . . . 379
Оташии мудани Бакр . . . 383
Дар роҳи Ҷон . . . 388
Пишаки зард . . . 395
Коврило . . . 398
Эзоҳот . . . 406